Тоҷикистон-САҲА: муколама ва ҳамкорӣ

Зери таҳрири умумии
Ҳамрохон Зарифӣ,
Вазири корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Душанбе
«Ирфон»
2009

ББК 66.1 (2 тадж) + 66.4(0) + 66.49 + 66.5
Т-12

Ба 15-солагии ҳузури Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад

Т-12 Тоҷикистон-САҲА: муколама ва ҳамкорӣ (Зери таҳрири умумии Ҳамрохон Зарифӣ; Тартибдиҳандагон - Д.Назриев, М. Ҳусейнов) - Душанбе «Ирфон», 2009, 352 с.

Дар ин китоби бахшида ба 15-солагии ҳузури Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳое ҷамъ оварда шудаанд, ки ҳамкориҳои самараноки миёни Тоҷикистон ва САҲА-ро дар самтҳои гуногун инъикос мекунанд.
Китоб кӯшиши нахустини нашр кардани маҷмӯаи мавод оид ба ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА ва фаъолияти намояндагии ин Созмон дар Тоҷикистон мебошад.

Т $\frac{4306010000\text{-}014}{\text{М } 501(12) - 2009}$ - 2009

ISBN 978-99947-63-42-9

ББК 66.1 (2 тадж)

© Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
© Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор.....6

Рӯйхати роҳбарони намояндагии САҲА дар Тоҷикистон.....11

Мақолаҳо

Ҳамрохон Зарифӣ - Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....14
Александр Стубб - Вазири корҳои хориҷии Финляндия.....34
Ливио Бота - Раиси Шӯрои Доимии САҲА (соли 2001).....37
Ҳерберт Залбер - Директори Маркази пешгирии муноқишаҳои САҲА.....41
Олсу Хастингс - Узви конгресс, Раиси комиссияи Хелсинки.....43
Марк Перрин де Бришанбо - Муншии умумии САҲА.....46
Ян Кубиш - Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Словакия.....48
Владимир Пряхин - Роҳбари Дафтари САҲА дар Тоҷикистон.....50
Талбак Назаров – Академик, Директори Бунёди ҷамъиятии хайрияи Тоҷикистон.....64
Эркин Қосимов - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Британияи Кабир.....70
Нуриддин Шамсов - Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар САҲА.....74

Суханронии Президенти ҶТ Раҳмон Набиев дар маросими тантанавии имзо гардидани Санади ниҳоии Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Авупо.....91
Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои узви САҲА, Будапешт, 5-6 декабри соли 1994.....
.....93
Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои узви САҲА, Лис-

сабон, 3 декабри соли 1996.....96
Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти сарони давлатҳои узви САҲА, Истамбул, 19 ноябри соли 1999.....99
Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани Иқтисодии САҲА, Прага, 12 апрели соли 2000.....101
Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Т. Назаров дар ҷаласаи Шӯрои Доимии САҲА, Вена, 11 сентябри соли 1997.....107
Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Т. Назаров дар вохӯрии вазирони корҳои хориҷии САҲА, Копенгаген, декабри соли 1997.....113
Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Т. Назаров дар вохӯрии вазирони корҳои хориҷии САҲА, Осло, декабри соли 1998.....116
Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Т. Назаров дар ҷаласаи Шӯрои Доимии САҲА, Вена, 14 октябри соли 1999.....118
Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Т. Назаров дар ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии САҲА, Вена, 27-28 ноябри соли 2000.....124
Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Т. Назаров дар ҷаласаи вежаи Шӯрои Доимии САҲА, Вена, 19 октябри соли 2001.....127
Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Т. Назаров дар вохӯрии Шӯрои вазирони корҳои хориҷии САҲА, Бухарест, 3-4 декабри соли 2001.....133
Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Т. Назаров дар вохӯрии Шӯрои вазирони корҳои хориҷии САҲА, Порто, 6-7 декабри соли 2002.....137
Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Ҳамрохон Зарифӣ дар ҷаласаи XV Шӯрои вазирони корҳои хориҷии САҲА, Мадрид, 29-30 ноябри соли 2007.....143

Суханрониҳои Намояндаи Доимии ҶТ дар назди САҲА Ҳамрохон Зарифӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои Доимии САҲА (1997-2001):.....148
- 27 июни соли 1997.....148
- 28 августи соли 1997.....150
- 5 ноябри соли 1997.....152
- 20 ноябри соли 1997.....153
- 22 январи соли 1998.....155
- 29 январи соли 1998.....157
- 2 апрели соли 1998.....157
- 7 маи соли 1998.....158
- 17 июни соли 1998.....160
- 23 июли соли 1998.....161
- 27 августи соли 1998.....162
- 24 сентябри соли 1998.....163
- 19 ноябри соли 1998.....165
- 17 декабри соли 1998.....166
- 28 январи соли 1999.....167
- 4 марти соли 1999.....168
- 10 марти соли 1999.....170
- 20 маи соли 1999.....171
- 1 июли соли 1999.....172
- 1 июли соли 1999.....173
- 15 июли соли 1999.....173
- 9 сентябри соли 1999.....174
- 9 декабри соли 1999.....176
- 13 январи соли 2000.....177
- 24 феврали соли 2000.....179
- 23 марти соли 2000.....179
- 15 июни соли 2000.....180
- 18 январи соли 2001.....181
- 1 феврали соли 2001.....184
- 21 июни соли 2001.....185

Суханрониҳои Намояндаи Доимии ҶТ дар назди САҲА Ҳамрохон Зарифӣ дар Форумҳои иқтисодии САҲА.....186
- 5 октябр соли 2000, Вена.....186
- 15-18 майи соли 2001, Прага.....189

Ҳуҷҷатҳои асосии САҲА.....193

Санади ниҳоии Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо.....193
Баёнияи Париж дар бораи Аврупои нав.....262
Санади ҷаласаи Копенгагени Конференсияи меъёрҳои инсонии Иҷлосияи амният ва ҳамкории Аврупо.....269
Санади Истамбулӣ (Мулоқот дар сатҳи олӣ).....287
Сохтори ташкилии САҲА.....299

Аз ҳисоботи ҳарсолаи САҲА.....305

- Соли 2000.....305
- Соли 2001.....310
- Соли 2003.....314
- Соли 2004.....323
- Соли 2005.....329
- Соли 2007.....333

ПЕШГУФТОР

Тақрибан дар ибтидои ташаккули давлати Тоҷикистон дар 19 феврали соли 1994 Намояндагии Иҷлоси амният ва ҳамкории Аврупо (ИАҲА)/Созмони амният ва ҳамкории Аврупо (САҲА) бо ҳайати чорнафарӣ дар шаҳри Душанбе ба фаъолият шурӯъ намуд. Ин таърих мазҳари оғози ҳузури доимии САҲА дар Тоҷикистон мебошад, ки имсол ба он 15 пур мешавад.

Бо ташкили Намояндагии САҲА дар Душанбе марҳилаи ҳамкориҳои фаъоли Тоҷикистони ҷавон бо ин созмони мӯътабар оғоз гардид, ҳарчанд иртибот ба ин ё он шакл ҳанӯз аз соли 1992 шурӯъ шуда буд. Ҳанӯз қабл аз вуруд ба ИАҲА Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ ӯҳдадор шуда буд, ки ба усулҳои он пайравӣ намояд. Дар Муроҷиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таърихи 4 январи соли 1992 гуфта мешуд, ки ҷумҳурӣ «пойбандии худ ба усулҳои Оинномаи СММ, Санади ниҳоии Хелсинки, Хартияи Аврупои нав ва дигар асноди САҲА-ро тасдиқ менамояд».

Дар феҳристи замонии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ САҲА ҷои аввалро ишғол менамояд. 30-31 январи соли 1992 иҷлоси Шӯрои ИАҲА дар Прага дар мавриди пазируфтани 10 кишвари ИДМ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти ИАҲА, тасмим гирифт.

26 феврали соли 1992 дар шаҳри Хелсинки дар маросими бошукӯҳе, ки дар қасри «Финландия» баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев ба Санади ниҳоии ИАҲА имзо гузошт.

Ҳамин тавр, ҷумҳурӣ пойбандии худро ба усулҳои Хелсинки ва Хартияи Аврупои нав ба таъйид расонид. Ҷумҳурӣ дар саҳнаи байналмилалӣ ба касб намудани симои худ оғоз намуд.

Қадаме, ки гузошта шуд, на танҳо барои Тоҷикистон, балки ИАҲА низ муҳим буд. Густариши ҳайати созмон аз 33 то 52 давлат, қабл аз ҳама аз ҳисоби кишварҳои Шӯравии собиқ, боиси тағйири вазъи (имиҷи) геополитикии он шуд ва ба раванди умумиаврупоӣ дар амри таҳкими амният ва тавсеаи ҳамкорӣ дар минтақаи Авросиё сифати нав бахшид.

Аз узвияти Тоҷикистон дар ИАҲА ҳама аъзои он ва қабл аз ҳама кишварҳои ғарбӣ истиқбол намуданд. Масалан, Котиби давлатии ИМА Ҷеймс Бейкер, ки дар 13-14 феврали соли 1992 аз шаҳри Душанбе боздиди корӣ ба амал оварда буд, баъд аз мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев дар нишасти матбуотӣ аз он изҳори ризоият кард, ки Тоҷикистон ба усулҳои

ИАҲА пойбанд буда, ҳуқуқи башар ва ҳуқуқи ақалиятҳои миллиро риоя намуда, ба марзҳои мавҷуд эҳтиром мегузорад. Котиби давлатии Фаронса оид ба корҳои хориҷӣ Ален Вивен дар моҳи марти соли 1992 дар ҷараёни сафари расмии худ ба Душанбе дар дидор бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев таъкид намуд, ки Тоҷикистон бо узвияти худ дар ИАҲА ба ҳалқаи васли Шарқ бо Ғарб табдил шуд.

Баъд аз пайвастан ба ИАҲА ҳайатҳои мухталифи ин созмон аз Тоҷикистон боздид ба амал оварда, дар нишастҳои Шӯрои он ҳайатҳои Тоҷикистон ширкат варзиданд ва дар миёни масоили мавриди баррасӣ мавзӯъҳои марбут ба Тоҷикистон низ пайдо шуданд.

15-18 марти соли 1992 ҳайати гузоришкунандаи ИАҲА таҳти раҳбарии раиси кумитаи мансабдорони дараҷаи болои ИАҲА Ян Кубиш аз Тоҷикистон боздид ба амал овард. Бо таваҷҷӯҳ ба натиҷаи мулоқотҳое, ки бо раҳбарияти ҷумҳурӣ, намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ баргузор гардиданд, ҳайати ИАҲА хулосаи худро дар бораи омодагии давлат ба иҷрои ӯҳдадориҳои ҳангоми узвият ба ИАҲА ба дӯш гирифта, инчунин барои такмили механизмҳои ҳамкориҳои аъзои собиқадор ва нави ин созмон, тавсияҳо таҳия намуд.

Дар моҳи апрели соли 1992 ба шаҳри Душанбе боз як ҳайати дигар – намояндагони комиссияи ҳуқуқи башари ИАҲА ворид гардид. Дар он замон дар майдони марказии пойтахти ҷумҳурӣ тазоҳуроте, ки бо рӯёрӯии мусаллаҳона анҷомид, идома дошт. Вазъи ҷумҳурӣ хеле зуд тағйир намуд, он ғайри қобили пешбинӣ ва идоранашаванда гардид.

Дар шароити барои кишвар мушкил дар ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд дар иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ интихоб гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ, вайронии иқтисодӣ, даҳҳо ҳазор фирорӣ ва кӯчиёни иҷборӣ – ин ҳама воқеиятҳои он замон чун бори сангин ба дӯши раҳбарияти сиёсии ҷумҳурӣ гузошта шуда буд. Ба танҳоӣ раҳоӣ ёфтан аз вазъи пешомада хеле мушкил буд.

Дар миёнаҳои моҳи декабри соли 1992 дар иҷлосияи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ИАҲА дар Стокголм ширкаткунандагон мавзӯи Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар натиҷаи нишаст санаде пахш гардид, ки дар он вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос меёфт. Дар он аз ҷумла гуфта мешуд:

«Вазирон дар робита бо вазъи бӯҳронии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори нигаронии амиқ менамоянд. Аз ҳама тарафҳои даргир даъват мекунанд, ки муборизаро қатъ намуда, гуфтугӯи созандаро шурӯъ намоянд, ки ягона асоси ҳаллу фасли сиёсии мушкили Тоҷикистон ба шумор меравад.

Вазирон ибрози умед намуданд, ки давлатҳои ширкаткунандаи ИАҲА барои иқдомоти башардӯстона дар Тоҷикистон, бахо-

сус бӯхрони фирориён, ки дар ин кишвар ҷой дорад, саҳми худро гузоранд.

Вазирон талошҳои сулҳхоҳонаи Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистонро, ки барои қатъи хунрезӣ ва мусоидат ба раванди музокирот анҷом мешавад, мавриди таъкид қарор доданд.

Вазирон лозим медонанд, ки бо таваҷҷӯҳ ба зарурати ҳамкориҳои наздик бо СММ, ин санад ба сурати авлавият аз тарафи кумитаи мансабдорони дараҷаи боло баррасӣ гардад».

Роҳбарияти нави Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масоили ҷумҳурӣ ҷалб намуд. Бо даъвати роҳбарияти кишвар дар моҳи апрели соли 1993 Намояндаи вижаи Раиси ИАҲА, Намояндаи доимии Туркия дар САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ Ҳикмат Алп аз Душанбе боздид намуд ва баъд аз чанд рӯз бо ҳадафи ошноӣ бо вазъ Раиси ИАҲА, вазири корҳои хориҷии Шветсия Маргарет аф Углас ба Тоҷикистон сафар кард.

Дар моҳи июни соли 1993 дар Вена ҷаласаи гурӯҳи Венагии ИАҲА баргузор шуд, ки дар кори он раҳбарияти ҳайатҳои 52 кишвари узв ширкат намуданд. Дар ҷараёни баррасии гузориши вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Р. Олимов, ки ҳудуди ду соат давом намуд, бар зарурати дастгирии талошҳои роҳбарияти Тоҷикистон барои ҳамгироии кишвар бо сохторҳои ИАҲА аз тариқи созмонҳои ғайридавлатӣ, инчунин дар асоси дуҷониба ва чандҷониба таъкид гардид. Дар натиҷаи баррасӣ гурӯҳи Венагии ИАҲА дар мавриди ба Тоҷикистон фиристодани ҳайати вижа барои баррасии вазъият ва таҳияи гузориши махсус барои раиси амалкунандаи ИАҲА тасмим гирифт.

Аз он замон ба баъд вазъи Тоҷикистон дар маркази таваҷҷӯҳи ИАҲА қарор дошт. Тобистон ва тирамоҳи соли 1993 Намояндаи хоси ИАҲА, дипломат ва ходими сиёсии фаронсавӣ Оливе Руа ду бор аз ҷумҳурӣ боздид кард.

1 декабри ҳамон сол дар ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ИАҲА, ки дар Рим баргузор гардида буд, дар мавриди ифтитоҳи Намояндагии ИАҲА дар Тоҷикистон тасмим гирифта шуд. Ҳамин тариқ, тавре қаблан таъкид шуд, дар натиҷаи талошҳои пайгиронаи тарафҳо дар моҳи феврали соли 1994 Намояндагии САҲА дар Душанбе ба фаъолият оғоз намуд. Оливе Руа ба сифати аввалин раҳбари намояндагӣ таъйин шуд.

Аз замони ифтитоҳи Намояндагии ИАҲА дере нагузашта Котиби Кулли ИАҲА Вилгелм Хоинк вориди Тоҷикистон гардида, бо раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва дигар мақомоти расмии ҷумҳурӣ вохӯрд. 10 марти соли 1994 дар ҷаласаи кумитаи доимии ИАҲА Котиби Кулли ИАҲА натиҷаи ин сафарро олӣ арзёбӣ намуд.

Лозим ба ёдоварист, ки Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ИДМ дар масъалаи ҳамкорӣ бо ИАҲА ба тадриҷ шакли ширкати худро

густариш медоданд. Масалан, 16 марти соли 1994 дар мулоқоти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви ИДМ дар бораи ҳамкориҳои ИДМ бо ИАҲА тасмим гирифта шуд. Аз ҷумла, қарор шуд, ки намояндагони давлати раёсаткунанда дар ниҳодҳои оинномавии ИДМ дар ниҳодҳои ИАҲА аз ИДМ намояндагӣ кунанд ва Котиби иҷроияи ИДМ аз Котиботи иҷроияи ИДМ дар ИАҲА намояндагӣ намояд.

Бо оғози фаъолият худ дар Тоҷикистон Намояндагии ИАҲА вориди равандҳои дар ҳоли иҷрои Тоҷикистон гардид ва ба анҷоми вазифаҳое шурӯъ намуд, ки бар дӯши вай гузошта шуда буд.

Аз моҳи апрели соли 1994 то поёни музокироти миёни тоҷикон намояндагони ИАҲА/САҲА дар ин раванд ба сифати нозир ба таври фаъол ширкат намуданд. Дар соли 1994 ҳангоми таҳияи лоиҳаи Сарқонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон назари коршиносони созмон ба инобат гирифта шуда буд. Дар ноябри худи ҳамон сол райъпурсии саросарӣ барои қабули Сарқонун ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати Бюрои ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари ИАҲА баргузор гардид.

Қадами ҷавобии роҳбарияти Тоҷикистон ва оғози марҳилаи нави таъмиқ ва густариши ҳамкорӣ бо ИАҲА ифтитоҳи Намояндагии доимии кишвар дар назди САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар Вена гардид. Дар моҳи октябри соли 1996 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарипов (Зарифӣ), ки қабл аз он вазифаи муовини вазири корҳои хориҷии ҷумҳуриро бар ӯҳда дошт, Намояндаи доимии ҶТ дар назди САҲА таъйин гардид. Ин намояндагӣ ба зудӣ ба механизми мутмаини ҳифзи иртиботи доимӣ миёни Душанбеву Вена, пешбурди афкору идеяҳои ҷумҳурӣ, ҳифзи мавзеъгириҳо дар масоили рӯзномаи мулоқоту иҷлосҳои САҲА табдил шуд.

Дар ин китоб, ки ба 15 солагии ҳузури Созмони амният ва ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон бахшида мешавад, маводе ҷамъоварӣ шудааст, ки аз ҳамкориҳои наздики кишвари мо бо САҲА нақл мекунад.

Дар боби аввал маводҳои муаллифон дар бораи марҳилаҳои барқарорӣ ва фаъолияти ИАҲА/САҲА, таърих ва самтҳои ҳамкории Тоҷикистон бо ин созмони мӯътабар муаррифӣ гардидааст. Нодир будани ин маводҳо пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки муаллифони онҳо ширкаткунандагони мустақими равандҳои ёдшуда буда, дар таҳкими ин муносибот саҳми шоиставу созанда гузоштаанд.

Дар боби дуввум суханрониҳои роҳбарияти Тоҷикистон ва вазирони корҳои хориҷӣ дар иҷлосҳои ИАҲА/САҲА, нишастҳои Шӯро ва дигар чорабиниҳои Созмон ҷой дода шудаанд.

Боби севвум суханрониҳои Намояндаи доимии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар назди САҲА Ҳамрохон Зариповро дар нишастҳои Шӯрои доимӣ ва иҷлосҳои иқтисодии САҲА (солҳои 1997-2001) дар бар мегирад.

Зимни сӯҳбат аз рӯёрӯии мусаллаҳона дар кишвар, равандди музокироти миёни тоҷикон ва марҳилаи баъд аз муноқиша, муҳим аст ин нуктаро дар назар дошт, ки пушти сар гузоштани роҳи ноҳамвор ба сӯи гуфтугӯ ва ҳусни тафоҳум кори осон набуд. Ҳатто баъд аз имзои Созишномаи умумӣ дар бораи барқарории сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон, дар қаламрави ҷумҳурӣ то соли 2001 гурӯҳҳои мусаллаҳ, ки сари ҳар чанд вақт даст ба аъмоли ҷиноӣ мезаданд, фаъолият менамуданд. Бинобар ин, хонанда зимни ошноӣ бо суханрониҳо ва шарҳу тафсири масоили мавриди баррасии Намояндаи доимии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои Шӯрои доимии САҲА ҳассосият ва рӯҳи он замонро, ки баъзан пуштибонӣ аз мавзеъи давлат ба сурати шадидро тақозо менамуд, эҳсос хоҳад кард.

Боби чаҳоруми китоб асноди бунёдии САҲА-ро дар бар гирифтааст.

Боби панҷум бар асоси ҳисоботҳои солонаи Созмон, ки дар онҳо маводҳои марбут ба Тоҷикистон низ истифода шуда, асосан аз тарафи намояндагии САҲА омода гардидааст, таҳия шудааст.

Дар ин китоб ҳамчунин аз аксҳои мавҷуд дар бойгонии Раёсати иттилооти Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ истифодаи васеъ ба амал омадааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба он ки ин китоб нахустин талош ҷиҳати чопи маҷмӯаи маводҳо дар бораи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва САҲА ва фаъолияти намояндагии он дар Тоҷикистон мебошад, умедворем, ки ба хеле аз саволҳои хонандагон ҷавоб гӯяд.

Д.Назриев,
Сардори Раёсати иттилооти
Вазорати корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

РОҲБАРОНИ НАМОЯНДАГИИ САҲА ДАР ТОҶИКИСТОН

Сарони Намояндагии ИАҲА/САҲА дар Тоҷикистон
(Намояндагӣ 19 феврали соли 1994 ба фаъолият оғоз карда, 31 октябри соли 2002 он ба Марказ табдил дода шуд)

Ҷаноби Оливйе Руа (Фаронса)	02.1994 - 10.1994
Ҷаноби Ганчо Ганчев (Булғория)	10.1994 - 09.1996
Ҷаноби Георгий Николайшвили (Гурҷистон)	10.1996 - 04.1997
Ҷаноби Дмитрий Манҷавидзе (Гурҷистон)	04.1997 - 09.1998
Ҷаноби Марин Бухоара (Руминия)	10.1998 - 10.2000
Ҷаноби Марк Жилбер (Фаронса)	10.2000 - 10.2002

РОҲБАРОНИ МАРКАЗИ САҲА ДАР ТОҶИКИСТОН
(31 октябр соли 2002 Марказ ба фаъолият оғоз карда, 9 июни соли 2008 он ба Дафтар табдил дода шуд)

Ҷаноби Марк Жилбер (Фаронса)	10.2002 - 05.2003
Ҷаноби Ив Барген (Фаронса)	07.2003 - 11.2004
Ҷаноби Ален Куанон (Фаронса)	03.2005 - 09.2006
Ҷаноби Владимир Пряхин (Россия)	06.2007 - 06.2008

РОҲБАРИ ДАФТАРИ САҲА ДАР ТОҶИКИСТОН
(Оғози фаъолияти Дафтар – 9 июни соли 2008)

Ҷаноби Владимир Пряхин (Россия) аз июни с. 2008



«. . . Мо дар арафаи ҳазорсолаи нав бояд дар роҳи ба даст овардани ҳадафҳои умумиамон, чи тавре ки дар эъломияи Лиссабон «Дар бораи модели умумӣ ва ҳамаҷонибаи амният барои Аврупо дар асри XXI» ифода ёфтааст, яъне ба вуҷуд овардани фазои воҳиди амният ва бидуни сарҳад, ки дар он ҳамаи давлатҳо шариконе баробарҳуқуқ буда, дар рӯҳияи якдилӣ ва дар асоси эҳтироми принсипҳои демократия, эҳтироми ҳуқуқи инсон, озодиҳои асосӣ, волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ амал мекунанд, қадамҳои устувор гузорем. . .»

(Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти саронии давлатҳои узви САҲА Истамбул, 19 ноябри соли 1999)

«. . . Мо дар Тоҷикистон дилпурем, ки дар ҳазорсолаи нав фаъолияти пурсамари ташкилот, ки ба ҷидду ҷаҳди мувофиқашудаи мамлакатҳои аъзояш такя мекунад, барои густариши демократия ва ҳуқуқи инсон заминай устувору доманадор фароҳам меорад ва бо ҳамин роҳ вазъи устувору пешрафти минбаъдаи иқтисодиро дар тамоми мамлакатҳои аъзои САҲА, аз ҷумла минтақаи Осиёи Марказии мо таъмин менамояд».

(Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани Иқтисодии САҲА Прага, 12 апрели соли 2000)

САМТҲОИ ҲАМКОРИРО ВОҚЕИЯТИ ЗИНДАГӢ МУАЙЯН МЕСОЗАД

Ҳамрохон Зарифӣ -
Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Оғози муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба замони барои кишвари мо сангин ва пур аз тазодҳо рост омад. Ба роҳбарияти ҷумҳурӣ ба қимати қурбонӣ ва кӯшишҳои бузург муяссар шуд, ки ба ҷанги бародаркуш хотима гузорад, тадриҷан вазъро ба эътидол биёрад ва кори сохторҳои давлатиро барқарор созад. Дар ин кор ба ҷумҳурӣ аҳли ҷомеаи ҷаҳон, СММ, САҲА ва дигар сохторҳои байналмилалӣ кӯмаки бузург расонданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар ҷаласаи ИАҲА, ки дар Будапешт 6 декабри соли 1994 баргузор гашт, ҳамкории ҷумҳуриро бо ИАҲА «ҳаётан муҳим» арзёбӣ кард. Ӯ чунин таъкид кард: «Ғунчаҳои нозуки демократия ва иқтисоди бозорӣ натанҳо ба нигоҳубини ҳаррӯзаи мо, балки ба ҳимояи ғайритаҳмилӣ ва ғамхоронаи ИАҲА барин созмон эҳтиёҷ доранд. Раванди демократикунонӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи оғозии худ қарор дорад. Бо натиҷагирӣ аз ин ва инчунин назардошти суннату хусусиятҳои қабулшуда ба назари мо ба масъалаҳои демократия муносибати мулоимтар доштани ИАҲА мувофиқи матлаб мебуд. ИАҲА, ба андешаи мо, бояд асосан аз танқид ва мушоҳида ба расонидани кӯмак ва таҳкими институтҳои демократӣ гузарад».

Роҳбарияти ҷумҳурӣ ба ҳузури САҲА дар Тоҷикистон бо фаҳмиш муносибат мекард. Аммо пайдоиши намояндагиҳои мухталифи байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ аз тарафи доираҳои гуногуни аҳолӣ чӣ гуна қабул шуд, ин ҳарфи дигар аст. Ихтисораи ИАҲА дар забони шаҳрвандони Тоҷикистон, чӣ тавре қайд шуд, бори нахуст дар оғози солҳои навадуми садсолаи гузашта пайдо шуд. Чун ҳар як чизи нав он дар ҷумҳурӣ ҳар хел қабул шуд ва маъмул гашт: аз қабул надоштан то баъзе кӯшишҳои ибтикори ҳамкорӣ ва умед ба рӯшноии заиф дар ҳалли мушкилиҳои мавҷуда.

Дар сари ин мавзӯъ, махсусан дар пойтахт, овозаҳои гуногуни

манфию мусбат паҳн гаштанд. Масалан, ба саволи «САҲА чист?» баъзе сиёсатмадорон чунин ҷавоб медоданд. «СММ ва шохаҳои сершумори он ба Тоҷикистон кӯмаки миёнаравӣ, башардӯстона ва байнналмилалӣ-ҳуқуқӣ, Иттиҳоди Аврупо ва дигар созмонҳои байнналмилалӣ кӯмаки молӣ ва моддӣ мерасонанд, ЮНЕСКО дар соҳаи фарҳанг ва ғ. мусоидат менамояд. Аммо САҲА созмонест, ки аз дасти ӯ метавон ҳама чизро ба бод дод».

Баҳои аз ҳама ҳайратангезро ба фаъолияти САҲА муаллиф дар яке аз семинарҳо дар Прага, аз намояндаи СҒҲ-и маҳаллӣ, ки ба масъалаҳои гендерӣ машғул буд, шунид. Иқтибос мекунам: «Дар замони Ҳукумати шӯравӣ занҳои тоҷик дар пайи ҳимояи шаъну шарафи хеш остонаи ҲКИШ ва сохторҳои онро дар маҳалҳо хӯрда мекарданд, акнун онҳо бо мушкилиҳои худашон ба САҲА меоянд, ки имрӯз ягона даргоҳи умед барои занҳои мо мебошад».

Мо кӯшиш ба кор мебарем то аз тасаввуротҳои мавҷуда дар бораи САҲА, ки як ҳудуди бузург – қисмати калони Амрикои Шимолӣ ва қитъаи Авросиёро аз Ғарб то Шарқ, аз Ванкувер то Владивосток ва аз Шимол то Ҷануб аз Осло то Душанбе ва Ашқобод дар бар мегирад, натиҷагирӣ кунем. Ва агар ба эътибор бигирем, ки САҲА муносибатҳояшро бо кишварҳои назди Баҳри Миёназамин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Таиланд ва Афғонисон ба ҳайси шарик устувор кардааст, пас таъсири он ба таври чашмрас тавсиа ёфта истодааст.

Пас сабаби чунин доманаи васеъ пайдо кардани баҳогузориҳо ба фаъолияти САҲА дар чист? Чунин мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтани САҲА дар кишвари мо ва ба сурати маҷмӯъ дар Осиёи Марказӣ аз куҷо об мехӯрад? Барои чӣ кишварҳои пешрафтаи Аврупо – бунёдгузорони созмоне, ки узвият дар он ӯҳдадориҳои баланд ва дараҷаи олии демократияро тақозо дорад, дар оғози солҳои навадум панҷ кишвари ОМ-ро, ки ҳатто ба қитъаи Аврупо дохил намешаванд, ба сафҳои худ хонданд? Барои чӣ сарони кишварҳои мо, ки аз талаботҳои сахти узвият дар САҲА огоҳанд, розӣ шуданд, ки узви он шаванд?

Суолҳо зиёданд ва ҷавоб додан ба ҳамаи онҳо дар ин мақола ғайриимкон аст, аммо кӯшиши нахустини равшан намудани марҳалаҳои асосии ташаккули Созмон, рафти рушди муносибатҳои миёни Тоҷикистон ва САҲА ва натиҷагирӣ кардан аз роҳи понздаҳсолаи ҳамкориҳо дар як маҷмӯа, ба андешаи мо, барои дарки васеи ин созмон чун замина хидмат хоҳад кард. Ин ба хонанда имкон хоҳад дод, ки ба масъалаҳое, ки бо кӯмаки Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ҳалли худро меёбанд, сарфаҳм равад.

Нуқтаи сароғоз дар таърихи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо аз 1 августи соли 1975, аз замоне, ки дар Хелсинки роҳбарони 33 кишвари аврупоӣ, Штатҳои Муттаҳидаи Амрико

ва Канада Санади ниҳоии ИАҲА-ро ба имзо расонданд, шурӯъ мешавад, ки қадами муҳиме дар роҳи ташаккули низоми амнияти умумиаврупоӣ гашт. Заминаҳои воқеии бунёди чунин низом дар солҳои 60-70-и садаи гузашта пайдо шуданд ва пеш аз ҳама бо паст кардани шиддати муносибатҳои миёни Шарқу Ғарб, зиёдшавии вобастагии мутақобилаи давлатҳо алоқамандӣ доштанд.

Худи пиндори таъмини низоми ҳаматарафа фарогири амнияти Аврупо чанд аср аст, ки вуҷуд дорад. Дар тамоми тӯли таърихи инсоният тачрибаи таъмини амнияти як зумра давлатҳо ва халққо ба зарари манфиату амнияти дигарон силсилаи бефосилаи ҷангҳои харобиоварро ба бор овард. Аммо дар партави ҷангу хунрезиҳо раванди дарёфти роҳҳои рушди сулҳомези тамаддун низ тавсиа ёфт. Ба баррасии масъалаҳои ҷангу сулҳ, имкониятҳои ҳокимияти давлатӣ барои маҳдуд намудани истифодаи зӯроварии мусаллаҳона дар чунин ёдгориҳои фалсафаи антиқӣ ва андешаи сиёсиву ҳуқуқӣ ба монанди «Давлат»-и Афлотун ва «Сиёсати Афиния»-и Аристотел мақоми чашмрас ҷудо шудааст.

Соли 1713 роҳиби франсуз Сен-Пиер «Лоиҳаи бунёди сулҳи абадӣ дар Аврупо»-ро тарҳрезӣ намуд, ки дар он ба давлатҳои аврупоӣ бастани «иттиҳоди бузург», даст кашидан аз даъвоҳои марзии мутақобила, интиқол додани масъалаҳои ихтилофангезро ба баррасии ҳакамияти третеии байналмилалӣ пешниҳод кард. Ж.Ж. Руссо ба фикри Сен-Пиер дар бораи интишори андешаи аҳдномаи ҷамъиятӣ оид ба муносибатҳои миёни халққо баҳои баланд дода, навишта буд: «Ҷумҳурии Аврупоро барои як рӯз бунёд диҳед – ҳамин кофист, ки он абадан вуҷуд дошта бошад: он вақт ҳар як нафар метавонист дар тачриба манфиати худро дар рифоҳи умумӣ бубинад».

Дар ҳалли масъалаҳои ҷангу сулҳ конфронси аввалини сулҳи Гаага, ки соли 1899 баргузор гашт, аҳамияти махсус дошт. Ин конфронс як хусусият дошт. Дар оғоз ташаббускори гузаронидани он – Ҳукумати Россия андеша дошт, ки онро конфронси байналмилалӣ оид ба маҳдуд намудани мусаллаҳшавии бошитоб унвон диҳад.

Чуноне маълум аст, Конфронси Гаагаи соли 1899 ба мақсади аввалаи худ нарасид. Ҳамзамон, он моҳиятан кӯшиши аввалини ҳалли масъалаи халъи силоҳ дар заминаи дипломатияи бисёрҷониба буд. Бори нахуст масъалаи халъи силоҳ бо масъалаи таъмини сулҳ пайванд ёфт.

Бунёди Ҷомеаи Милал соли 1919 кӯшиши нави ташаккули низоми амният дар Аврупо ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, принсипҳое, ки дар бунёди фаъолияти ин созмон гузошта шуданд (аз ҷумла, имконияти ҳалли масъалаҳои низоангезро бо роҳи ҷанг), набудани роҳҳои ҳалли ихтилофҳои байнидавлатӣ ва олати муассири мубориза бо таҷовуз дар оғоз таҳкурсии ноустувореро ташаккул

доданд, ки аз санҷиши вақт нагузаштанд.

Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ сабаб шуд, ки зарурати бунёди механизми дастгирии сулҳ ва пешгирии таҷовуз дарк карда шавад. Ин андеша дар Созмони Милали Муттаҳид татбиқ ёфт, ки Низомномаи он соли 1945 қабул гашт. Дар бунёди СММ бисёр дарсҳои аламовари Лигаи Миллатҳо ба эътибор гирифта шуданд. Дар натиҷа созмони универсалии байналмилалие тавлид ёфт, ки қудрат дошт барои низоми амнияти дастаҷамъӣ чун таҳкурсӣ хидмат кунад. Тибқи фасли VIII Низомномаи СММ бунёди созмонҳои минтақавие дар назар дошта шуда буд, ки бояд барои СММ дар нигоҳдории сулҳ ва амнияти байналмилалӣ ва ҳалли самарабахши масъалаҳои амнияти минтақавӣ чун такягоҳ хидмат мекарданд.

Аз ИАҲА ба САҲА

Дар нимаи дуввуми солҳои шаст Иттиҳоди Шӯравӣ бо истифода аз пастшавии шиддат ва зиёд шудани робитаҳои миёни Шарқу Ғарб аз номи бисёрҷонибаи Созмони Аҳдномаи Варшава (САВ) пешниҳод ба амал овард, ки аз рӯи масъалаҳои амнияти Аврупо ҷаласа гузаронида шавад ва дар он ҳуҷҷате қабул гардад, ки марзҳои мавҷудаи Аврупоро тасдиқ кунад ва барои ҳамкории васеи сиёсӣ ва иқтисодии миёни Шарқу Ғарб асос гузорад.

Дар заминаи ин тағйиротҳои мусбат оғози раванди машваратҳои бисёрҷониба дар Хелсинки имконпазир гашт, ки ҳадаф аз онҳо «мусоидат ба беҳшавии муносибатҳои миёни давлатҳои иштирокчӣ ва таъмини чунон шароите буд, ки ба василаи он халққо тавонанд дар сулҳ зиндагӣ ба сар баранд ва аз ҳар гуна таҳдиди қасд ба амнияти онҳо эмин бошанд».

Дар марҳилаи якуми гуфтушунидҳои ИАҲА, ки аз 3 то 9 июли соли 1973 дар Хелсинки гузашт, вазирони корҳои хориҷии 35 давлат, ки ба ҳайати он тамоми кишварҳои Аврупо (ғайр аз Албания), Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ва Канада медаромаданд, “Китоби кабуд”-ро тасдиқ ва мавқеи ҳукуматҳояшонро дар масъалаҳои амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо баён карданд.

Марҳилаи дуввум, ки дар Женева аз 18 сентябри соли 1973 то 21 июли соли 1975 гузашт, ба таълифи Санади ниҳоии Иҷлосия бахшида шуд.

Марҳилаи сеюми гуфтушунидҳои ИАҲА 1 августи соли 1975 бо тарҳрезӣ ва имзои Санади ниҳоӣ анҷом ёфт, ки “саҳми муҳиме дар кори рушди ҳамкории миёни давлатҳо ва суботи пастшавии шиддати байналмилалӣ” гашт. Дар худи ҳамон соли 1975 мувофиқа дар хусуси идомаи гуфтушунидҳои дипломатӣ дар чаҳорчӯбаи созишномае, ки дар Хелсинки баста шуд, ба даст омад. Ҳамин тавр, ба “раванди Хелсинки” оғоз гузошта шуд.

Санади ниҳоӣ

Санади ниҳоии Хелсинки даҳ принсип (ба ном «сухани даҳгонаи Хелсинки»)-ро тасдиқ намуд, ки аҳамияти аввалиндараҷа доштанд ва давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадор шуданд, ки ба онҳо «дар муносибати ҳар яки онҳо бо дигар давлатҳои иштирокчӣ, сарфи назар аз миқёс, вазъи ҷуғрофӣ ва сатҳи рушди иқтисодӣ» эҳтиром гузоранд ва аз онҳо истифода баранд". «Сухани даҳгонаи Хелсинки» принсипҳои зеринро дар бар мегирад:

- Баробарӣ дар асоси истиқлол, эҳтиром ба ҳуқуқҳое, ки ба истиқлол хос мебошанд
- Истифода набурдани зӯрӣ ва таҳдид бо зӯрӣ
- Халалнопазирии марзҳо
- Тамомияти марзии давлатҳо
- Ҳалли сулҳомези муноқишаҳо
- Дахолат накардан ба корҳои дохилӣ
- Эҳтиром ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, ки озодии андеша, виҷдон, дин ва ақидаҳоро дар бар мегирад
- Баробарҳуқуқӣ ва ҳуқуқи халқҳо дар ихтиёрдорӣ кардан ба сарнавишти хеш
- Ҳамкории миёни давлатҳо
- Иҷрои содиқонаи ӯҳдадориҳо оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ.

Дар Санади ниҳоӣ заминаҳои кории ИАҲА сабти худро ёфтаанд, ки тамоми соҳаҳои муносибатҳои байнидавлатиро фаро мегиранд. Дар оғоз онҳо ба худ номи "сабадҳо"-и Хелсинкиро гирифтанд ва акнун "андозагирӣ" номида мешаванд. Ба сабади якум – андозагирии ҳарбӣ-сиёсӣ – масъалаҳои амнияти сиёсӣ ва назорат аз аслиҳа, пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо ворид мешавад. Ба сабади дуввум – андозагирии иқтисодӣ-экологӣ – масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодиёт, техника ва муҳити зист медарояд. Ба сабади сеюм – андозагирии инсонӣ – ҳамкорӣ дар соҳаҳои башарӣ ва дигар соҳаҳо (иттилоот, фарҳанг, маориф) ва инчунин ҳуқуқи инсон шомил мешавад.

Нодир будан ва хусусияти навгароии ИАҲА дар чанд кор зоҳир шуд. Якумаш, дар даврони ба ном муқовимати байни паймонҳо ИАҲА ҳайати васеъ дошт, ки зимнан тамоми давлатҳои шомили он дар Иҷлосия чун «давлатҳои дорои ҳокимият ва мустақил дар шароити баробарии комил» иштирок мекарданд. Дуввумаш, дар замоне ки барои бисёр гуфтушунидҳо ва созмонҳо оид ба масъалаҳои таъмини амният муносибати ҷудосозиву интихобӣ хос буд, муносибати ИАҲА ҳамаҷониба буд. Чуноне баъд маълум гашт, ба ҳам пайвастани унсурҳои мухталифи амният яке аз дастовардҳои бузурги ИАҲА буд. Сеюмаш, дар Иҷлосия қарорҳо ба тариқи машваратӣ қабул мешуданд, ки ба шарофати он худи раванди қабули онҳо аксаран аз қарор дида аҳамияти бештар касб мекард. Чорумаш, қарорҳои ИАҲА аз нигоҳи сиёсӣ ҳатмӣ буданд, на аз нигоҳи ҳуқуқӣ, ки ба Иҷлосия мулоимӣ мебахшид.

Ниҳоят, ИАҲА сохтори доимии ташкилӣ-маъмурӣ надошт, ки бо ин сабаб кӯшишҳои ба ин раванд додани ангезаи барои идомаи кори он зарур арзиши мустақилона касб мекард.

Ба шарофати раванди Хелсинки давлатҳои иштирокчӣ барои муошират бо якдигар роҳи доимӣ, оини меъёрҳои рафтор (дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва дохилидавлатӣ) ва инчунин барномаи ҳамкорӣ пайдо карданд. Дар натиҷа дар солҳои ҷанги сард, вақте ки дар муоширати байналмилалӣ марҳалаҳои тезутунд доим бо марҳалаҳои ноумедонаи «пастравии шиддат» якдигарро иваз мекарданд, ИАҲА имкон фароҳам овард, ки дар муносибатҳои миёни Шарқу Ғарб тағйиротҳои воқеии сифатӣ рух диҳад. Он ба вазъи дуқутба унсурҳои гуногунҷониба ворид сохт, ё дақиқтар гӯем, бо роҳи пайвастани кишварҳои бетараф ва ҳамроҳнашаванда ба низоми амнияти аврупоӣ дар баробари аъзои паймонҳои ҳарбӣ онро «аврупоӣ» намуд. Он бо роҳи ба фазои муносибатҳои байнидавлатӣ шомил намудани соҳаҳои нави ҳамкорӣ, ки муҳимтарини онҳо ҳуқуқи инсон ва ҳифзи муҳити зист буд, созмонро тавсиа дод.

Ҳуқуқҳои инсон, ки замони дароз дар муносибатҳои Шарқу Ғарб аз мавзӯъҳои мамнӯъ буд, бо қабули Санади ниҳоӣ ба мавзӯи қонунии гуфтугӯ табдил ёфт. Бо назардошти он, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ «андозагириҳои инсонӣ», ки ба инсоният хайру рифоҳи бевосита меорад, бояд вуҷуд дошта бошад, ӯҳдадориҳо дар ин соҳа ба ҳайси манфиатҳои қонунӣ барои тамоми давлатҳои иштирокчӣ шинохта шуданд, на чун сирф кори дохилии ин ё он давлат.

Ба шарофати ИАҲА расидан ба ҳалли мусбати бисёре аз масъалаҳои башарӣ, ки ба робитаҳои миёни хешовандон, ба ҳам пайвастани хонаводаҳо, ақди никоҳ бо хориҷиён ва ғ. марбут буд, муяссар шуд. Бо ин васила раванди Хелсинки ба зиндагии халқҳои Аврупо таъсири мустақим расонд.

То соли 1990 ИАҲА асосан, дар шакли силсилаи вохӯриву конфронсҳо амал мекард, ки дар онҳо ӯҳдадориҳои давлатҳои иштирокчӣ рушду тавсиа меёфтанд ва инчунин ҳар замон иҷрои онҳо баррасӣ мегашт. Аммо бо қатъ ёфтани ҷанги сард дар рафти вохӯрии Париж дар сатҳи олӣ дар моҳи ноябри соли 1990 барои ИАҲА роҳи нав муайян гашт. Дар баёнияи Париж бахшида ба Аврупои нав дар назди ИАҲА вазифа гузошта шуд, ки саҳми худро дар идораи равандҳои таърихӣ дар Аврупо гузорад ва ба муборизаталабиҳои нав, ки пас аз итмоми ҷанги сард падид омаданд, бо роҳи бунёди институтҳои доимӣ ва нерӯи амалкунанда ҷавоб гӯяд.

Имзои Баёния барои Аврупои нав 21 ноябри соли 1990 дар Париж дар китоби ҷанги сард нуқтаи таммат гузошт ва ба табдили ИАҲА аз ҷаласаи гуфтугӯву муколама ба сохтори амалкунанда оғоз гузошт. Дар ҳуҷҷат се ҳадаф гузошта шуда буд, ки САҲА ба-

рои расидан ба он бояд кор мекард: 1) тарафдории сахт аз демократия, ки ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ бунёд ёфта бошад, 2) рушду нумӯ аз тариқи озодии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ, 3) амнияти баробар барои ҳама кишварҳо дар фазои Созмон. Дар Баёнияи Париж махсус таъкид шуда буд, ки «даврони муқовимат ва порашавии Аврупо ба охир расид», ва аз ин рӯ, муносибатҳои миёни давлатҳо «ба эҳтиром ва ҳамкории мутақобила» асос хоҳад ёфт.

Сарони давлат ва ҳукуматҳо ҳамчунин тарафдории худро ба принсипҳои амнияти аврупоӣ, ки дар Санади ниҳоии Хелсинкии соли 1975 сабт ёфта буданд, таъкид карданд ва нуқтаҳои самти навро дар сохтмони низоми амният дар Аврупо аломатгузорӣ карданд. Бо эътирофи зарурати «сифати нави муколама ва ҳамкорӣ» дар миёни давлатҳои иштирокчӣ дар кори таъмини «эҳтиром ба ҳуқуқи инсон, демократия ва волоияти қонун, таҳкими сулҳ ва мусоидат дар ваҳдати Аврупо» иштрокчиёни ҷаласа дар хусуси сохторкунонии ИАҲА қарор қабул карданд. Ин дар Баёния акси худро ёфтааст.

Механизми сезинагии машваратҳои сиёсӣ бунёд ёфт.

1. Вохӯрии сарони давлат ва ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчӣ, ки ба таври доимӣ дар ду сол як бор гузаронида мешаванд. Дар ҷаласаҳо бояд масъалаҳои асосии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ муҳокима шуда, самтҳои усулии фаъолияти ИАҲА таъйин ва ҳуҷҷатҳои асосии Иҷлосия қабул гарданд.

2. Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ (ШВКХ) – ҷаласаи марказӣ барои машваратҳои сиёсӣ дар чаҳорчӯбаи раванди ИАҲА. «Шӯро масъалаҳои марбут ба Иҷлосияи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупоро мавриди баррасӣ қарор дода, қарорҳои дахлдор қабул мекунад».

3. Кумитаи ашхоси соҳибрутбаи калон (КАСК), ки ба вазифаҳои он омодасозии ҷаласаҳои Шӯро, иҷрои қарорҳои он ва инчунин аз назар гузаронидани масъалаҳои ҷорӣ дохил мешавад.

Ғайр аз ин, Котибот (дар Прага), Маркази пешгирии низоъҳо (дар Вена) барои мусоидат намудан ба Шӯро дар кори кам кардани хатари пайдоиши низоъҳо ва Дафтар оид ба интихоботҳои озод барои мусоидат ба робитаҳо ва табодули иттилоъ дар бораи интихобот дар давлатҳои иштирокчӣ бунёд ёфтанд.

Расми сохтории Иҷлосия, ки дар Баёния рӯи хат оварда шуд, имкон фароҳам овард, ки ба муборизаталабиҳо дар муқобили амнияти аврупоӣ фаъолтар ҷавоб дода шавад ва органҳои доимамалкунанда ба ташкили низоми амният дар Аврупо таҳкурсӣ гузоштанд.

Дар ҳуҷҷат фаъолияти ИАҲА дар се андозагирӣ акс ёфтааст.

Дар заминаи вохӯрии Париж дар сатҳи олӣ созишномаи муҳим оид ба назорат аз мусаллаҳшавиҳо – Созишнома дар бораи қувваҳои мусаллаҳи оддӣ дар Аврупо (СҚМОА) ба имзо расид, ки

соли 1999 дар шакли Созишномаи мувофиқгашта оид ба ҚМОА тағдид карда шуд. То ба ҳоло ба хазинаи андозагириҳои ҳарбӣ-сиёсии ИАҲА /САҲА боз якчанд созишномаҳои муҳим дохил гардиданд, ки ба амнияти ҳарбӣ алоқаманд мебошанд, аз ҷумла Созишнома оид ба осмони кушодаи соли 1992 ва санадҳои Вена аз солҳои 1990, 1992, 1994 ва 1999 ва инчунин Ҳуҷҷати аҳамияти калидӣ дошта оид ба силоҳи сабук ва тирандоз (соли 2000).

Дар вохӯрӣ дар сатҳи олии Будапешт соли 1994 иштирокчиёни он иброз доштанд, ки ИАҲА дигар танҳо Иҷлосия нест ва қарор қабул карданд, ки номи онро ба Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо табдил диҳанд. Ин қарор дар бораи табдили ном танҳо бозтоби зуди сохторикунонӣ, ки аз лаҳзаи итмом ҷанги сард аз тарафи Созмон ба анҷом расонида шуд, набуд, балки он ҳамчунин ба кори Созмон такони нави сиёсӣ дод. Дар иҷлосияи сарон «Оини рафтори марбут ба ҷанбаҳои сиёсии амният» тасдиқ ёфт, ки дар он принсипҳои муайянкунандаи нақши қуввахои мусаллаҳ дар ҷомеаи демократӣ баён шуданд.

Баланд намудани нақши калидии САҲА дар кори таҳкими амният ва субот дар тамоми се андозагирӣ натиҷаи кори вохӯрии Лиссабон гашт. Ин вохӯрӣ инчунин ба тарҳрезии Баёнияи амнияти аврупоӣ, ки баъдтар дар мулоқоти Истамбул дар сатҳи олӣ дар ноябри соли 1999 қабул гашт, ангеза дод. Ҳамин тавр, имзои Баёнияи амнияти аврупоӣ воқеаи марҳилавӣ дар ҳаёти Аврупо гашт. Унсурҳои нави асосӣ дар он иқдомҳои нав, васила ва механизмҳое мебошанд, ки нақши САҲА-ро чун олати калидии пешгирии пешакӣ ва қатъи низоъҳо, ҳалли бӯҳронҳо ва барқарорсозии баъди низоъ меафзояд; зимни ин дар Баёния кӯшиши аз нав таъйин кардани принсипҳои нав ё аз нав шарҳ додани принсипҳои қаблӣ мушоҳида намешавад.

Сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии САҲА дар хусуси “тарафдории қотеи худ ба кори ташаккули минтақаи озод, демократӣ ва бештар муттаҳиди САҲА, ки давлатҳои иштирокчӣ бо якдигар дар сулҳу салоҳ мезиянд ва инсонҳову ҷамъиятҳо дар шароити озодӣ, рушду нумӯ ва амният зиндагӣ ба сар мебаранд” изҳорот доданд.

Иштирокчиёни ҷаласа инчунин таъкид карданд, ки “САҲА созишномаи минтақавиест мувофиқ ба маънии боби VIII-и Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид ва яке аз созмонҳои асосӣ оид ба ҳалли муноқишаҳо дар минтақаи худаш ва яке аз олатҳои асосӣ дар масъалаи пешгирии пешакӣ, қатъи низоъҳо ва барқарорсозии баъди низоъ. САҲА – ин созмони васеи обрӯманд ва бисёрҷонибаест барои машваратҳо, қабули қарорҳо ва ҳамкорӣ дар минтақаи худаш”.

Ба ин васила дар таҳкими нерӯи кории Созмон ва рушди ҳамкорӣ бо шарикони он саҳми муфид гузошта шуд. Аз соли 2000-ум сар карда, САҲА ба муборизаталабиҳои асри XXI

бо роҳи бунёди зерсохторҳо ва густариши фаъолият аз рӯи масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва мубориза бо терроризм, фурӯши ғайриқонунӣ (-и одамон, маводи мухаддир ва силоҳ), ксенофобия ва таҳаммулнопазирӣ мутобиқ гашт.

Вазъи нави сиёсие, ки бар асари қатъ ёфтани мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал омад, ба САҲА имкониятҳои нодиреро дар роҳи табдил ёфтан ба созмони нави байналмилалии шакли нав – на созмони мутаваҷҷеҳ танҳо ба эҳтиёҷоти давлат, балки одамон низ фароҳам овард. Андозагирии башарӣ дар ҳақиқат мебоист, ки аз силоҳи ҳилагаронаи замонҳои «ҷанги сард» ба нуқтаи самти амалии фаъолияти Созмон дар фазои аз Ванкувер то Владивосток табдил меёфт.

Тартиби нави ҷаҳонӣ наметавонад ба пешвоии як давлати миллӣ ва мисли ҳамин пешвоии давлатҳо асос ёбад. Назарияи хаёлии кӯҳнаи «давлати ҷаҳонӣ» низ чун ниқоб барои пӯшонидани тасаллути ягон давлат, як «маркази қувва», як паймони ҳарбӣ-сиёсӣ ё иттиҳоди ҷамъиятҳои фаромиллӣ барои он қобили қабул нест. Сухан бояд дар бораи як иттиҳоде равад бо назардошти манфиатҳои мушаххаси ҳама аъзо бе истисно, на ҷомеаи байналмилалӣ, балки инсоният дар навъи худаш дар асоси сухани машҳури Протагор – «меъёри тамоми чизҳо – инсон». Дар бораи ин падида президенти Австрия Т. Клистел дар вохӯрӣ бо Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Т. Назаров бо овардани далели нақши чунин кишварҳои хурд ба монанди Австрия ва Тоҷикистон дар тартиби ҷаҳонии муосир андешаашро возеҳ баён кардааст.

Муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА

Чи хеле ки дар боло баён шуд, ҷаласаи дар Прага баргузоршудаи Шӯрои ИАҲА марҳилаи муҳиме дар таърихи САҲА гашт. Шӯрои ИАҲА вохӯрии дуввуми худро дар Прага 30-31 январи соли 1992 гузаронд. Дар ин Шӯро дар қатори дигар кишварҳо Тоҷикистон ба ҳайси узви комилҳуқуқи ИАҲА пазируфта шуд.

Вазирон аз ҳамаи давлатҳое, ки номашон дар поён омадааст, нома гирифтанд, ки дар он ризояти ин давлатҳо дар хусуси иҷро намудани ӯҳдадориҳо ва масъулияти ИАҲА баён шуда буд ва онҳо Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Тоҷикистон, Туркманистон, Украина ва Ӯзбекистонро ба ҳайси аъзои нави САҲА табрик карданд.

Матни нома:

Мӯҳтарам ҷаноби Вазир,

Дар ин нома ҳукумати (номи давлат) изҳор медорад, ки Санади ниҳоии Хелсинки, Баёнияи Париж барои Аврупои нав ва инчунин тамоми ҳуҷҷатҳои боқимондаи Иҷлосия амният ва ҳамкорӣ дар Аврупоро мепазирад.

Ҳукумати (номи давлат) тамоми ӯҳдадориҳо ва масъулияти дар ин ҳуҷҷатҳо баёншударо дар ҳаҷми пурра ба душ мегирад ва изҳор медорад, ки тибқи муқаррароти дар онҳо дарҷшуда амал мекунад.

Дар робита бо ҳуҷҷати Вена оид ба чорабиниҳои таҳкими боварӣ ва амният ҳукумати (номи давлат) розист, ки тамоми муқаррароти Вена оид ба чорабиниҳои таҳкими боварӣ ва амниятро мавриди истифода қарор бидиҳад ва тарафдори он аст, ки чаҳорчӯбаҳои ҷуғрофии корбурди ҳуҷҷати Венаро ҳарчи зудтар мебояд аз сари нав дид, то кафолати дар ҳудуди он татбиқ намудани қоидаҳои шаффофият, имкони пешбинӣ карда тавонистан ва пешгирии низоъҳо ба даст биёяд. Муқаррароти мушаххаси марбут ба масъалаи мазкур дар гуфтушунидҳо оид ба чорабиниҳои таҳкими боварӣ ва амният муҳокима ва ба Ҳуҷҷати Венаи соли 1992 дохил карда хоҳанд шуд.

Ҳукумати (номи давлат) зарурати ҳарчи зудтар қувва пайдо кардани Созишнома оид ба қуввабиниҳои мусаллаҳи оддӣ дар Аврупоро мефаҳмад. Ба ин мақсад ҳукумати (номи давлат) зарурати онро таъкид мекунад, ки давлатҳои ҳудудашон ба минтақаи корбурди ҚМОА шомилбуда бояд ӯҳдадор шаванд, ки ба тасдиқи ҳарчи зудтари Созишномаи ҚМОА мусоидат кунанд ва дар ҳамкорӣ бо дигар давлатҳои дахлдор, ки ба қарибӣ истиқлолият пайдо кардаанд, тамоми ӯҳдадориҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравиро оид ба Созишномаи ҚМОА ба душ бигиранд.

Ҳукумати (номи давлат) маъмурияти Гузоришкунандаро барои ташриф овардан, ки аз тарафи Раиси Шӯрои вазирони ИАҲА ташкил карда мешавад, ба ҷониби худ даъват мекунад ва ҳаматарафа барои фаъолияти он мусоидат мекунад. Чунин маъмурият ба давлатҳои иштирокчӣ дар бораи муваффақиятҳои ба даст овардаи (номи давлат) дар кори иҷрои пурраи ӯҳдадориҳои ИАҲА гузориш омода месозад ва барои расидан ба ин ҳадаф мусоидат ба амал меорад.

Ҳукумати (номи давлат) розист, то тамоми дигар давлатҳое, ки дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ташкил шудаанд, ба ҳайси иштирокчиёни комилҳуқуқи ИАҲА қабул карда шаванд.

Ҳукумати (номи давлат) омодааст, то саронидавлат ва ҳукумати (номи давлат) дар вақти наздиктарини барояшон мусоид Санади ниҳоии Хелсинки ва Баёнияи Парижро ба имзо расонанд.

Аз Шумо, ҷаноби Вазир, хоҳиш дорам нусхаи ин номаро дар Шӯрои вазирони ИАҲА, дар миёни тамоми намояндагони давлатҳои иштирокчӣ паҳн созед.

Ҷаноби Вазир, эҳтироти самимонаи маро қабул фармоед.

Бо арзи садоқат, Давлатҳои иштирокчии ИАҲА.

Матни номаро дар хусуси пайвастан, бо гирифтани ӯҳдадориҳо ва масъулияти ИАҲА пешниҳод карданд:

-Г.М. Садихов, Вазири корҳои хориҷии Озарбойҷон

-Раффи К. Ованнисян, Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Арманистон

-Петр К. Кравчено, Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Беларус

-Тулеутай Сулейменов, Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон

-М. Иманалиев, Вазири корҳои хориҷии Қирғизистон

-Николае Тиу, Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Молдова

-Лақим Каюмов, Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

-Авди Кулиев, Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркманистон

-Фатиҳ Г. Тешабаев, ҷонишини якуми Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Узбекистон

-Анатолий Зленко, Вазири корҳои хориҷии Украина

Ин дар таърихи Тоҷикистон давраи мураккабе буд. Дар қатъномаи дар вохӯрии Прага қабулшуда вобаста ба вазъи Тоҷикистон гуфта мешуд:

Вазирон аз нав аз вазъи Тоҷикистон изҳори нигаронӣ карданд. Онҳо аз омодагии хеш баҳри мусоидат ба хотири субот ва эҷоди шароити мусоид барои пешравии демократия дар Тоҷикистон дар ҳамкории зич бо СММ ҳарф заданд. Онҳо кӯшишҳои дастаҷамъии гурӯҳи кишварҳои аъзои ИДМ-ро қайд карданд.

Вазирон тасмим гирифтанд, ки маъмурияти ИАҲА-ро ба Тоҷикистон фиристанд. Маъмурият робитаҳоро ба роҳ монда ба муколама ва таҳкими боварӣ миёни нерӯҳои минтақагаро ва сиёсӣ дар кишвар мусоидат хоҳанд кард; ба манфиати эҳтироми ҳуқуқҳои инсон кӯшишҳои фаъол ба кор хоҳанд бурд; барои риояи меъёр ва принсипҳои ИАҲА мусоидат ва назорати дахлдорро амалӣ хоҳанд кард; роҳҳо ва василаҳои мусоидатро аз ҷониби ИАҲА барои густариши институтҳои ҳуқуқӣ, демократию сиёсӣ ва равандҳо пайдо хоҳанд намуд; муттасил ба ИАҲА аз рушди минбаъдаи воқеаҳо иттилоъ хоҳанд дод.

Дар марҳилаи аввал маъмурияти ИАҲА аз чаҳор нафар иборат хоҳад буд. Дар вақти иҷрои вазифаҳои худ маъмурият бо намояндагии Созмони Милали Муттаҳид дар Душанбе ҳамкорӣ намуда, корҳои худро бо он ҳамоҳанг хоҳад кард. Раиси амалкунанда бо Созмони Милали Муттаҳид аз рӯи ин масъалаҳо дар робита хоҳад буд. Роҳбари маъмурият роҳҳои амалӣ ва василаҳои ҳамоҳанг сохтани кӯшишҳо ва ҳамчунин имкони истифодаи якҷояи қароргоҳҳои хидматӣ ва таҷҳизоти онро дар маҳал хоҳад омӯхт. Ӯ дар хусуси шароити коргузорӣ ва молӣ барои фаъолияти маъмурият ба Кумитаи доимии ИАҲА барои қабули қарор на дертар аз 15 январи соли 1994 маълумот пешниҳод хоҳад кард.

Муносибатҳои САҲА бо Ҳукумати Тоҷикистон дар марҳилаи

аввал чандон осон набуданд. Тоҷикистон аз рӯи тамоми самтҳо дар ҳамаи ҷаласаҳо ва вохӯриҳо сахт танқид карда мешуд. Дар Иҷлосияҳо бо иштироки сарони давлатҳо ва ШВКХ-и САҲА ба роҳбарияти кишвар лозим меомад, ки барои фаҳмонидани вазъияти бамаломада кӯшишҳои зиёд ба кор барад. Барои барқарор намудани муносибатҳои воқеан корӣ ва шарикӣ бо САҲА қабули қарори қатъӣ зарур буд. Дар котиботи САҲА бо намояндагиҳои кишварҳои аъзо, дафтари Раиси амалкунанда кори заҳматталаб анҷом додан лозим буд. Вазифаи асосӣ бо тамоми институтҳои САҲА гуфтугӯи ҳақиқӣ ба роҳ монда тавонистан буд.

Намояндагони Созмон, Котиботи он, Дафтар оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон ва Комиссариати олӣ оид ба корҳои ақаллиятҳои миллӣ чандин бор ба кишвар ташриф оварданд. Раисҳои амалкунандаи САҲА - вазирони корҳои хориҷии Швейтсария, Норвегия, Полша, Дания, Австрия, Руминия, Португалия, Булғористон, Белгия, Испания ва Финляндия муттасил бо ташрифоти расмӣ ба Тоҷикистон меомаданд. Ҳадаф аз ин сафарҳо шинос шудан бо вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар кишвар, махсусан баъд аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ва инчунин раванди амалисозии дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ буд.

Роҳбарияти Тоҷикистон ва намояндагони порлумондарчандин ҷамъомади мухталифи САҲА дар сатҳи олӣ ширкат варзиданд. Онҳо масъалаҳои марбут бо ҳолати давлатҳои наздисарҳадӣ дар фазои САҲА, терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро муҳокима намуда, инчунин аз кӯшишҳое, ки ҳукумати Тоҷикистон дар кори расидан ба оштии миллӣ ва сохтмони асосҳои ҷамъияти демократӣ ба роҳ мемонд, иттилоъ пешниҳод мекарданд. Сардори давлат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва вазирони корҳои хориҷӣ дар ҷаласаҳои сарони давлат ва вохӯриҳои Шӯрои вазирони САҲА муттасил ширкат меварзиданд.

Ширкати мунтазами Тоҷикистон дар кори ҷамъомадҳои Созмон ва махсусан фаъолияти Намояндагии доимии кишвари мо дар САҲА ба густариши ҳамкории гуногунҷабҳаи Ҷумҳурӣ чӣ бо давлатҳои иштирокчии САҲА ва институту муассисаҳои мухталиф мусоидат мекард. Яке аз вазифаҳои Намояндагии мо кор кардан ба хотири иҷрои ташаббусҳои Президенти ҶТ Э. Раҳмон барои даъвати Афғонистон ба ҳайси шарики САҲА оид ба ҳамкорӣ буд. Зимни пешниҳоди ин ташаббус Тоҷикистон омилҳои зеринро ба роҳбарӣ гирифта буд:

Имконияти дар назди САҲА вазъи қонунӣ доштан ва ҳуқуқи мавқеи расмии Ҳукумати Афғонистонро намояндагӣ кардани Афғонистон зимни муҳокимаи вазъи Афғонистон;

Иштирок дар ҷаласаҳои корӣ, семинар ва конфронсҳои САҲА, шиносшавӣ бо фаъолияти Созмон аз рӯи ҳар се самт;

Масъулияти умумӣ барои амнияти минтақа ва дарк карда тавонистани нигаронии кишварҳои минтақа дар масалаҳои амният;

Имконияти мустақиман робита доштани кишварҳои иштирокчии САҲА дар чаҳорчӯбаи Созмон бо ҷониби афғонӣ ва дар навбати аввал аз масъалаҳои мутааллиқ ба амният ва субот иттилоъ додан аз ташаббусҳое, ки оид ба Афғонистон қабул карда мешаванд;

Ҷалби Афғонистон ба ҳаёти осоишта ва созанда ба хотири сулҳу оромӣ дар минтақаи ОМ ва САҲА дар маҷмӯъ.

Ин ташаббус дар миёни кишварҳои иштирокчии САҲА дастгирии васеъ ёфт.

Имрӯз баъд аз гузаштани 15 сол бо боварӣ метавон гуфт, ки вазифаи дар назди Намояндагии доимӣ гузошташуда бомуваффақият ба анҷом расид. САҲА аз созмони «нозир» ба шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Корҳо бо САҲА рӯ ба беҳбудӣ ниҳоданд ва зиёда аз ин, САҲА таблиғгари эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Аврупо ва созмонҳои байналмилалии аврупоӣ гашт.

САҲА дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ дар ОМ ширкати фаъолона меварзад ва дар ҳолатҳое, ки кӯшишҳои ба истиқлолияти миллии кишвар фишор овардан ва ба Тоҷикистон тамғаи сиёҳ задан ба кор бурда мешаванд, манфиатҳои Тоҷикистонро воқеан дастгирӣ мекунад. Имрӯз бисёре аз сиёсатмадорони тачрибадори сатҳи олии аврупоӣ, аз ҷумла намояндаи Раиси амалкунандаи САҲА дар соли 2001 сафир Ливиу Бота, сардори Маркази САҲА дар Тошканд Ганчо Ганчев ва сардори Дафтари САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Владимир Пряхин бо ифтихор худро тарафдорони тоҷикон ва тоҷик меноманд.

Нақши Намояндагии САҲА-ро дар Тоҷикистон қайд кардан муҳим аст, ки баъд аз гузаштани 15 соли фаъолият муносибати худро нисбати ҷумҳурӣ бо корҳои амалӣ тасдиқ кард. Дар навбати аввал, дар заминаи дастгирии кӯшишҳо оид ба иҷрои муқаррароти Созишномаи умумӣ истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, барқарор ва ҷобаҷокунии гурезаҳо ва ашхоси ҷойҳояшонро дар дохил дигар карда, мусоидат ба гузаронидани ислоҳоти демократӣ, сафарбаркунии дастгирии байналмилалии Тоҷикистон ва инчунин тақвияти ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ.

Фаъолияти Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон, аз як тараф, имконияти нодирест барои интишори рӯҳи пиндор ва принсипҳои Хелсинки дар кишвар ва аз тарафи дигар, ба ҷомеаи байналмилалӣ имкон фароҳам меорад, ки муттасил дар бораи вазъияти Тоҷикистон иттилоъ дошта бошад. Ваколати Намояндагӣ мониторинги вазъият ва расонидани кӯмакро дар барқарорсозии гуфтугӯ миёни ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифони тоҷик дар назар дошт. Ин саҳми САҲА ва маъмурияти он маълум буд ва чандин бор аз тарафи роҳбарияти ҷумҳурӣ аз минбари ҷамъомадҳои САҲА ва дигар ҷаласаву конфронсҳои байналмилалӣ ёдрас шуд.

Фаъолияти Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон эътирофи васеи байналмилалӣ ёфт. Маҳз ба ҳамин хотир як қисми ваколати Идораи Комиссариати Олии СММ оид ба гурезагон дар робита ба масъалаҳои мониторинг ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахрвандии онҳо ба ӯ дода шуд. Дар навбати худ ин чун намунаи олии ҳамкории амалии бомуваффақияти миёни ду созмони бонуфузи байналмилалӣ - СММ ва САҲА гашт.

Чи тавре ки дар боло гуфта шуд, соли 2009 ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА 15 сол пур мешавад. Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бори аввал ҳузури худро дар Тоҷикистон дар оғози соли 1994 бо кушодани Намояндагиаш дар Тоҷикистон ба роҳ монд. Дар октябри соли 2002 он ба Маркази САҲА дар Душанбе бо ваколати васеътар ва панҷ намояндагӣ дар Ғарм, Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Шаҳритус табдил ёфт.

Аз замони қабули ваколати нахустини Намояндагӣ ва табдили минбаъдаи он ба Маркази САҲА дар Душанбе дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иҷтимой-иқтисодии Тоҷикистон тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Хатти нави стратегии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар расидан ба ҳадафҳои асосӣ барои рушди минбаъдаи пешравандаи иқтисодии кишвар ва баландсозии сатҳи зиндагии халқ равона шудааст, шаклҳои нави ҳамкориро талаб мекард.

Дар ин шароит қисми калони вазифаҳое, ки дар назди Маркази САҲА дар Душанбе истода буд, то ҳадди муайян афзалияти худро гум кард ва аз ин ҷо, ваколати Марказ ба воқеияти рушди муосири Тоҷикистон ҷавобгӯ набуд.

Дар робита бо ин ва бо назардошти шароити мусоиди сиёсӣ ва иҷтимой-иқтисодӣ дар оғози соли 2007 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод шуд, ки ваколати Маркази САҲА дар Душанбе ба ҳайси шакли нави ҳамкории миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА аз нав дида шавад. Аз ҳамин лаҳза дар Душанбе, дар Вена ва пойтахтҳои дигар давлатҳои иштирокчии Созмон кор васеи фаҳмондадиҳӣ оид ба моҳияти ин пешниҳод оғоз гашт.

Тағйир ёфтани ваколати Марказ ба ҳадафҳои ниҳоии ислоҳоте, ки САҲА мегузаронад, қарорҳои бунёдии хуҷҷатҳои Созмон – Санади ниҳоии Хелсинки, хуҷҷати Истамбул аз соли 1999 (Баёнияи амнияти Аврупо), ШВКХ дар Брюссел ва Мадрид, ки ба муборизаи муассир ба муқобили таҳдид ва муборизаталабиҳои нави муосир равона шуда буданд, мутобиқ буд. Ин тағйирот ба хотири он зарур буд, ки обрӯи Созмон дар миёни давлатҳои иштирокчӣ ва саҳми воқеии он дар рушди кишвар баланд бардошта шавад.

Зиёда аз ин, ин таклиф ба минбаъд амиқтар намудани дигаргуниҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон равона шуда буд. Имрӯз мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон бар он вомедорад, ки таваҷҷӯҳи асосӣ ба рушди коммуникатсия, зерсохтори нақлиётӣ, энергетика, таҳкими марзҳо, масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои обиву энергетикӣ ва ҳифзи муҳити зист мутамарказ гардад.

Раванди гуфтушунид

Дарт охири соли 2007 ба Котибот ва Раиси амалкунадаи САҲА лоиҳаи қарори Шӯрои Доимии САҲА оид ба тағйироти ваколати Маркази САҲА дар Душанбе барои тарҳрезии минбаъда ва оғози машваратҳо дода шуд.

Тағйири дараҷа ва ваколати Марказ дар миёни давлатҳои иштирокчии САҲА вокунише барангехт, ки яксон набуд. Дар чаҳорчӯбаи ин раванд Котиби Генералии САҲА Марк Перин де Бришамбо, Раиси Амалкунандаи САҲА, Вазири корҳои хориҷии Испания Мигел Моратинос, Намояндаи доимии ИМА дар САҲА, Сафир Джулия Финли, Президенти Маҷмаи Порлумонии САҲА Й. Леннмаркер, Директори Маркази пешгирии низоъҳои САҲА, Сафир Ҳерберт Залбер барои равшан кардани нуқтаи назари расмии Тоҷикистон, яъне ҳамин ташаббус ба Тоҷикистон ташриф оварданд.

Масъалаҳои тағйири ваколати Маркази САҲА дар Душанбе, дар ин ё он шакл, зимни ташрифи ҳайати Бундестаги Олмон бо сардории намоянда Ҳеди Вегнер ва Сардори Намояндагии Комиссияи Аврупоӣ дар Тоҷикистон Пиер Морел мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Бо ҷонишинони сафирони Британияи Кабир, Олмон, ИМА, ки муқими Душанбе мебошанд, вохӯриҳо гузаронида ва дар рафти онҳо сабабҳои воқеии ба миён омадани ин ташаббус шарҳ дода шуд.

Ба намояндагони дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа барои гузаронидани машваратҳо бо вазоратҳои корҳои хориҷии кишварҳои иқомат ва инчунин намояндагиҳои дипломатии давлатҳои иштирокчии САҲА, ки дар ин кишварҳо муқим мебошанд, оид ба шарҳи мавқеи расмии ҷониби Тоҷикистон дастурҳои дахлдор дода шуд.

Аз феврал то июни соли 2008 байни ҷониби Тоҷикистон, кишвари раисикунанда - Финландия, Котибот ва Маркази пешгирии низоъҳо чор даври машваратҳо оид ба муҳокимаи лоиҳаи қарори Шӯрои Доимӣ дар бораи тағйири ваколати Марказ гузаронида шуд.

Аз рӯи натиҷаи гуфтушунидҳо аз рӯи бисёр масъалаҳо нуқтаи назари ягона ба даст омада, лоиҳаи қарори Шӯрои Доимии САҲА оид ба табдили Маркази САҲА дар Душанбе ба Дафтари САҲА дар Тоҷикистон омода гардид. Ғайр аз ин, аз ҷониби Тоҷикистон зарурати корбурди моддаи 41-и Баёнияи амнияти

Аврупо, Ҳуҷҷати Истамбул аз соли 1999 оид ба таҳкими теъдоди кормандон дар ҷой ва инъикоси моҳияти он дар банди махсуси матни ваколати нав таъкид гардид.

Имрӯз Дафтари САҲА дар Тоҷикистон расонидани кӯмаки машваратии лозимиро дар такмили қонунгузории миллӣ, дар тарҳрезии қонунҳои нав оид ба ҳизбҳои сиёсӣ, интихобот ва воситаҳои ахбори умум ва ғ. идома медиҳад. Ба рушди раванди умумисиёсӣ дар кишвар чорабиниҳо оид ба муттаҳидсозии халқи тоҷик, фаъолсозии нақши ҷавонон дар рӯзҳои ояндаи Тоҷикистон, ҳалли масъалаҳои гендерӣ хидмат мекунанд. Бо кӯмаки фаъоли Дафтар Шӯрои Ҷамъиятӣ амал мекунад, ки намояндагони мухталифи ҷамъиятро ба мақсади табодули афкор аз рӯи масъалаҳои ҳаётан муҳими ҷумҳурӣ ҷамъ меорад. Самти муҳимми фаъолияти Дафтар татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳо дар соҳаи идораи марзҳо, поксозӣ аз минаҳо, нест кардани бозмондаҳояш ва инчунин нигоҳдории бехатари яроқи оташфишони сабук ва аслиҳаи оддӣ мебошад.

Таҷрибаи фаъолияти Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон, ки дар чинси худ нодир аст, метавонист дар оянда барои қабули қарорҳо дар ҳолатҳои мушобеҳ дар дигар минтақаҳои дунё чун намунаи бунёдӣ хидмат кунад.

Тоҷикистон умед бар он мебандад, ки фаъолияти САҲА дар рушди ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва ҳифзи муҳити зист ба таври чашмрас фаъол хоҳад гашт. Зиёда аз ин, барои Тоҷикистон масъалаҳои коммуникатсияи минтақавии нақлиётӣ ва соддагардонии убури марзҳо, молҳо, хидматрасонӣ ва коммуникатсияҳо муҳим аст. Иштироки САҲА дар ҳалли онҳо ва инчунин рушди ҳамкории илмӣ-техникӣ, робитаҳои тиҷоратии байниминтақавӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обиву энергетикӣ баҳри бунёди демократияи босубот ва гулгулшукуфон хидмат хоҳад кард.

Ва баръакс, сустшавии таваҷҷӯҳ ба ин масъалаҳо метавонад ба зиддияту муқовиматҳо дар ҷомеа расонад. Кӯмаки фаъоли САҲА, махсусан дар самти андозагириҳои иқтисодии он, ки ба воридшавии инвеститсияҳо ба ҷумҳурӣ таъсир хоҳад расонд, барои бунёди заминаҳои фаъолгардонии рушди иқтисодиёт мусоидат хоҳад кард. Зеро бе ҳалли муассири масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист ба таҳкими воқеии амният дар минтақаи САҲА умед бастан душвор аст. Зимни ин мо як далелро равшан дарк мекунем, ки САҲА созмони молиявӣ-иқтисодӣ ва зиёда аз ин башарӣ нест. Барои мо муҳим он аст, ки САҲА нақши худро чун муҳаррики дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, рушди иқтисодиёт ва инвеститсияҳои хориҷӣ иҷро кунад.

Ҷамъомади САҲА оид ба амният, ки дар кори он ҳайати Тоҷикистон ширкати фаъол меварзад, ниҳоят мубрам аст. Ҷумҳурӣ ҳар сол бо тамоми давлатҳои иштирокчии САҲА аз тариқи Маркази пешгирии низоъҳо табодули иттилоъ мекунад.

Муттасил намояндагони давлатҳои иштирокчии САҲА барои бозрасии ҳарбӣ ба Тоҷикистон ташриф меоранд. Тоҷикистон, ки фоҷиаву тӯфонҳои вазнини ҳарбиву сиёсиро аз сар гузаронида, таҳти таъсири низои мусаллаҳи Афғонистон қарор дорад, ба кӯмаки муассири Созмон дар таъмини амният ва субот умед мебандад ва чораҳои мушаххасеро интизор аст, ки ба бунёди садди мустаҳкам дар роҳи ифротгароии динӣ ва терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ равона шуда бошад.

Роҳҳои ислоҳоти САҲА

Тоҷикистон бар он манфиатдор аст, ки САҲА воқеан нерӯманду муассир бошад ва ба манфиати тамоми аъзои худ кор кунад, созмоне бошад, ки метавонад ва бояд дар рушди иқтисодӣ ва ҳамкорӣ барои ҳифзи муҳити зист дар фазои САҲА саҳм гузорад ва принсипи амнияти барои ҳама баробарро амалӣ созад. Ба САҲА додани мабдаи ҳуқуқии байналмилалӣ ва қудрати ҳуқуқӣ бо роҳи танзими дақиқи ҳуқуқӣ раванди табдили САҲА-ро аз як созмони ҷаласавӣ ба созмони комили муосири байналмилалӣ суръат мебахшид.

САҲА ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад ва дар ояндаи наздиктарин бояд самтҳои асосии худро муайян созад. Вай бояд ҳам ба мавзӯи рӯз даст занад, то чархиши САҲА-ро ба сӯи масъалаҳои воқеан мубрам ва таъйинсози ҳастии аврупоӣ таъмин созад ва ҳам аз тамоми паҳлӯҳои кори органу сохторҳои он огоҳ бошад, то яктарафагӣ, ҳар гуна дурравиҳо аз табиати машваратии САҲА, ки ба фарсудани органҳои дастаҷамъӣ ва ҷудошавии сохторҳои алоҳидаи он мерасонад, барҳам дода шавад.

Роҳбарияти Тоҷикистон ҳамеша ба беҳшавии принсипҳои кори САҲА бо назардошти воқеиятҳои ҳаётии аъзо ва дурнамои рушди он таваҷҷӯҳ зоҳир мекард. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар декабри соли 1996 зимни суханронияш дар Ҷаласаи Лиссабон қайд кард, ки «бе бунёди заминаҳои зарурӣ баҳри суботи рушди иқтисодӣ, бе ҳаллу фасли муассири масъалаҳои мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар кишварҳои иқтисодиёташон гузаранда пайдо шудаанд, умед бастан ба таҳкими воқеии амният ва субот дар фазои САҲА душвор аст, зеро чуноне таҷрибаи ҷаҳонӣ ва аврупоӣ нишон медиҳад, иқтисоди бозории гулгулшукуфон кафолати рушди босуботи бисёр давлатҳои дунё мебошад».

Мо ҳамеша ва одилона дар бораи робитаи мутақобилаи ҳамаи се андозагирии САҲА ҳарф мезанем. Аммо, вақте масъала ба риштаҳои мушаххаси соҳаи иқтисодиёт марбут аст, ҳамоно ба далели забонзадаи «САҲА сохтори молиявӣ-иқтисодӣ нест» рӯ меорем. Хайр, чӣ гуна метавон муборизаталабиҳои бештар хатарзо ва воқеиро нисбат ба амният, ки аз қаъри мушкилиҳои иҷтимоии ҷамъият падид меоянд, бартараф созем?

Баъд аз гузаштани замони муайян дар бисёр кишварҳои марҳилаи гузариш, ки дар он ҷо пешравии воқеӣ дар соҳаи иқтисодиёт вуҷуд надорад, раванди ноумедии оммаи асосии аҳолӣ оғоз меёбад. Дар айни замон шӯҳрати гурӯҳу ҳизбҳои ифротгаро меафзояд. Дар ҳамин муҳити серҳосил меваҳои ифротгароӣ ва терроризм ба бор меоянд. Ин дар ҳадди аксар аз он аст, ки мо якравона намехоҳем ба решаи мушкилӣ чашм андозем. Бо ҳар роҳ нақш ва аҳамияти як бахши арзишҳоро зиёд нишон дода, нақши сабадҳои дигари САҲА-ро нодида мегирем.

Ба андешаи мо яке аз самтҳои ислоҳоти САҲА дар ҳамин аст. Бояд фаҳмид, ки танҳо рушди баробари захираҳои иқтисодӣ дар кишварҳои САҲА ё ақаллан роҳ ба сӯи он метавонад хатарҳои мавҷуда ва муборизаталабиҳоро дар муқобили амният бартараф созад.

Мехостам нақш ва саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмонро дар раванди ташаккули муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва САҲА дар замони барои кишвари мо мураккаб ва сарнавиштсоз ба таври махсус ёдрас кунам.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо САҲА дар марҳилаи оғозӣ дар давраи бисёр мураккаби барқароршавии асосҳои давлатдорӣ ва авҷгирии муқовимати шахрвандӣ бунёд ёфтанд. Роҳбарияти дар сессияи таърихии XVI-и Шӯрои Олӣ дар охири соли 1992 дар Хуҷанд бо сардории Эмомалӣ Раҳмон интихобшуда бемаънӣ будани даргирии низоъ ва зарурати қабули чораҳои таъхирнопазирро барои баромадан аз вазъи баамаломада равшан дарк мекарданд.

Дар ин сессия таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон стратегия ва роҳҳои баромадан аз низои дохилимиллӣ тарҳрезӣ гашта, санадҳои зарурии меъёриву ҳуқуқӣ қабул шуданд, ки консепсияи амалисозии воқеии истиқрори сулҳ ва суботро дар ҷумҳурӣ таъмин мекард.

Маҳз дастурҳои барномавӣ оид ба ҳаллу фасли низоъҳо ва сиёсати дурусти дохиливу хориҷии сардори давлат ҷомеа ва давлатро аз нобасомонии чоранопазир ва роҳгумӣ баровардand.

Баромадан аз бӯҳрон ба давлат имкон фароҳам овард, ки гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба ҷойҳои иқомати доимияшон баргардонад, хоҷагии халқро барқарор созад, ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дигаргуниҳои демократӣ ва таҳкими асосҳои давлатдорӣ шурӯъ кунад.

Ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» дар Москва 27 июни соли 1997 ҳодисаи сиёсии воқеан муҳимтарин дар таърихи муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол гашт. Расидан ба Созишномаи умумӣ оид ба қатъи ҷанги бародаркуш пеш аз ҳама ба шарофати кори босаброна ва пайгиронаи роҳбарияти давлат бо сарварии

Эмомалӣ Раҳмон имконпазир гашт.

Тамоми таърихи раванди сулҳ дар Тоҷикистон равшан нишон медиҳад, ки рушди пешрав танҳо тавассути ҷустуҷӯи гузаштҳо, қарорҳои барои тарафҳо қобили қабул ва орӣ аз ҳар гуна ултиматум ва ҳалли зӯроварона имконпазир гашт.

Тоҷикистони ҷавон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ намунаи нодири чӣ гуна ҳал намудани низои дохилиро бо такя ба хиради ҷонибҳо ва шарикони мухталифи сиёсӣ нишон дод. Ин таҷриба боз аз он ҷиҳат муфид аст, ки нақшаи муассири ҳамкории нерӯҳои мухталифи байналмилалӣ намоиш дода шуд. Кӯшишҳои Намояндагии САҲА, Маъмурияти нозирони СММ дар Тоҷикистон, Гурӯҳи тамоси кишварҳои кафил ва кишварҳои кӯмакрасон дар даврaҳои мухталифи ҳаллу фасли низои тоҷикон нақши беҳамто бозидааст.

Таҳлили фаъолияти роҳбарияти Тоҷикистон бо сардории Эмомалӣ Раҳмон муносибати ҳамаҷонибаро дар ҳалли вазъи ихтилофомез, ки ба принсипҳои якдигарфаҳмӣ ва ёфтани нуқтаҳои часпиш асос ёфтааст, собит мекунад.

Дар таҷриба қонунҳои асосии САҲА, ки пешгирӣ, ҳалли низоъҳо ва таҳамулпазириро дар бар мегиранд, мавриди истифодаи бомуваффақият қарор гирифтанд.

Чуноне таҷрибаи сулҳофаринии Тоҷикистон нишон медиҳад, барои он ки сулҳ босубот ва тӯлонӣ бошад, бояд кӯшишҳое ба кор бурда шаванд, ки ба густариши муколама, гуногунандешии сиёсӣ ва асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат кунанд.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки яке аз муаллифони тарҳи сулҳофаринист, зимни суханрониҳояш дар ҷамъомади ҷаласаҳои ИАҲА/САҲА он нақши муҳимеро, ки бояд Созмон дар таҳкими сулҳ ва субот дар тамоми фазои он бозад, қайд кардааст. Масалан, зимни суханронияш дар Ҷаласаи ИАҲА дар Будапешт 6 декабри соли 1994 чунин гуфт:

«Таҷрибаи фоҷиабори давлати мо, ки дар минтақаи масъулияти ИАҲА ҷойгир аст, ҳам дастовардҳои амалҳои мутақобила ва ҳам дурнамои ҳамкориҳои моро нишон медиҳад. Аз ин нигоҳ ИАҲА дар оянда дар чашми мо созмони нодири авруосиёии минтақавиеро намоён месозад, ки метавонад номгӯи васеи масъалаҳои амният ва ҳамкориро ҳал кунад ва барои фаъолияти муассир имкониятҳои хуб дорад.

Бо назардошти ин, рушди минбаъдаи ИАҲА бояд ба таҳким ва тақвияти механизмҳои пешгирии низоъҳо нигаронида шуда бошад. Ин вазифа аз нигоҳи мо асосан бо роҳҳои дипломатияи пешгирона, ки ба омӯзиши сабабҳои амиқи бӯҳронҳо бо назардошти тамоми омилҳое, ки ба рушди онҳо таъсир мерасонад, бояд такя кунад.

Афзалияти дигар, ба андешаи мо, тарҳрезии механизми таъмини назорат дар соҳаи ҳарбӣ ва назарияҳои нав барои таҳкими

минбаъдаи чораҳои боварӣ мебошад. Дар ин самт ба роҳ мондани воситаҳои муассири амалисозии ҳуҷҷатҳои аллакай аз ҷониби ИАҲА қабулшуда дар соҳаи амният ва қабули қарорҳое, ки ба ҷустуҷӯи роҳҳои таҳкими сулҳ ва субот равона гардидаанд, зарур мебошанд.

Мо тарафдори онем, ки ИАҲА мавқеи худро дар соҳаи таъмини сулҳ ва субот ҳамчунин дар як кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ чун Тоҷикистон мустаҳкам созад. Дар баробари ин стандартҳои амният бояд бетағйир монанд».

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, қайд кардан муҳим аст, ки пешрафти ҷомеаи башарӣ, фарҳанг ва тамаддуни он дар ҳамаи давру замонҳо аз сулҳ ва оромӣ вобаста буд. Ҷомеае, ки дар он сулҳу оромӣ нест, дер ё зуд ғуруб хоҳад кард. Дар таърихи бисёрасраи халқи тоҷик дар баробари даврaҳои нооромӣ ва пурошӯб замонҳои меҳнати сулҳбору созанда низ меомаданд, ки намунаи барҷастаи он даврони Сомониҳо мебошад.

Амирони нахустини сулолаи Сомониён, пеш аз ҳама Амир Исмоил, ба шарофати хирад ва фаъолияти сулҳофариниашон тавонистанд дар ҳудуди давлати бузурги хеш вазъияти сулҳу оромиро барқарор созанд, ки ба онҳо имкон дод ба рисолати созанда шурӯъ кунанд.

Истиқлолияти Тоҷикистон баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, истиқрори сулҳ пас аз низои дохилӣ, ки бо кӯшиши тоҷикон, миёнаравии кишварҳои дӯст ва созмонҳои байналмилалӣ ба даст омад, махсусан ба шарофати истодагарӣ ва саъйу талошҳои Эмомалӣ Раҳмон – роҳбари хирадманд ва боирода, ки ба ободиву созандагӣ майли бузург дорад, даврони Сомониҳоро ба ёд меорад.

Давлате, ки ба сулҳ ва таҳаммулпазирӣ майл зоҳир мекунад, шукуфон ва обод хоҳад буд

РАЁСАТИ ФИНЛЯНДИЯ ДАР СОЗМОНИ АМНИЯТУ ҲАМКОРИИ АВРУПО ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОНРО БО ИН СОЗМОН ГУСТАРИШ БАХШИД

Александр Стубб -
Вазири корҳои хориҷии Финляндия,
Раиси САҲА дар соли 2008

Шарафмандам, ки аз фурсати мусоид истифода бурда, ба муносибати ҷашни солгарди ҳамкории Созмони амният ва ҳамкории Аврупо ва Тоҷикистон ба Шумо муроҷиат менамоям.

Ман ҳамчун раиси созмон кӯшиш кардам, дар амал исбот кунам, ки САҲА дар ҳамкорӣ бо мамлакатҳои дигар натиҷаҳои мушаххас ба даст оварда, дигаргуниҳои мусбатро дар амал татбиқ карда метавонад. Ба ақидаи ман САҲА дар Тоҷикистон ҳадафҳои пешбиникардаашро ба даст оварда тавонист.

Ман моҳҳои охири корамро дар Тоҷикистон ҳанӯз фаромӯш накардаам. Ҳамон вақт аз рӯҳияи баланд ва қатъияти халқҳои мамлакатҳои аъзои созмон дар бобати беҳтар сохтани шароити зиндагӣ ва пеш гирифтани роҳи ислоҳоти демократӣ рӯҳу илҳоми тоза мегирифтам. Дар баробари ин, намехоҳам, ки воқеаҳои Гурҷистон бори дигар такрор шаванд. Зеро ман шоҳид будам, ки бар асари амалиёти ҳарбӣ одамони зиёд қурбон шуда, маҳалҳои истиқоматии онҳо харобу валангор гардиданд.

Моҳи декабр теъдоди хеле зиёди вазирони корҳои хориҷии мамлакатҳои аъзои САҲА дар Хелсинки ҷамъ омаданд. Ин шаҳодат медиҳад, ки онҳо зуҳуроти нави таъмини амниятро ҳамаҷониба баррасӣ кардан мехоҳанд. Ин масъала ба самти асосии фаъолияти созмони мо дахл дорад. Мо ҳамон вақт имкон доштем, ки доир ба масъалаҳои таҳдид ба амният ва амалиёти имконпазири ояндаамон табодули назар намоем.

Раёсати Финляндия дар САҲА имконияти хуб фароҳам овард, ки муносибатҳои мо бо мамлакатҳои аъзои созмон, аз ҷумла, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бештар густариш ёбанд. Ман дар ин бора сухан ронда, махсус таъкид карданиам, ки муносибатҳои САҲА ва Тоҷикистон дар ин давра боз ҳам бештар ривоҷ ёфтанд.

САҲА бо Тоҷикистон аз соли 1993 инҷониб бо муваффақият

ҳамкорӣ мекунад. Ҳамон сол дар Рим дар бораи кушодани намояндагии созмон дар мамлакати Шумо қарор қабул карда шуд. Вазифаҳои ҳамон вақт дар назди мо гузошташуда ниҳоят душвор буданд, зеро дар Тоҷикистон ҷанги фоҷиабори дохилӣ давом дошт.

САҲА ҳамроҳи СММ дар гуфтушунидҳо бахшида ба бартараф сохтани муноқиша дар Тоҷикистон фаъолона ширкат варзид, дар натиҷа соли 1997 дар Маскав роҷеъ ба истиқрори сулҳ ва созгории миллӣ дар Тоҷикистон созишнома имзо шуд. САҲА дар муддати кӯтоҳ ба иҷрои вазифаҳояш баъди ба охир расидани ҷанг шурӯъ намуда, вақти пурқиматро ғанимат дониста, ҳамроҳи Тоҷикистон роҳи нави ҳамкориро пеш гирифт, ки ҳадафи асосии он барқарор сохтани ҷомеаи муттаҳиди мамлакат буд.

Моҳи июни соли 2008 ба ман муяссар шуд, ки ба Тоҷикистон - ба пойтахти мамлакати Шумо шаҳри Душанбе ташриф орам. Ман ҳамон вақт бо Президенти Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ ва роҳбарони ҳизбҳои сиёсию созмонҳои ҷамъиятӣ силсилаи мулоқотҳо анҷом додам.

Ман мулоқотҳоямро бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ равшан дар хотир дорам. Дар ҷараёни ин мулоқотҳо азми кавию қатъии мо дар бобати пеш гирифтани роҳҳои нави ҳамкории Тоҷикистону САҲА таъкид карда шуд. Мо ҳамчунин дар бораи таъини ваколатҳои нави САҲА дар Тоҷикистон мувофиқа ба даст овардем. Зеро созмон дар Тоҷикистон фаъолияти худро ба манфиати ҳамаи тоҷикистониён самарабахш идома дода метавонист. Идомаи ваколатҳои намояндагии САҲА дар Тоҷикистон марҳалаи нави ҳамкории дуҷонибаи моро ифода менамояд.

Тоҷикистон мамлакатест, ки аз бисёр ҷиҳат хусусиятҳои хоси худро дорад. Ин миллати қадима дорои фарҳанги бой буда, дар баробари ин миллати навбунёд ба шумор меравад ва ба муқобили бисёр зуҳуроти барои худ номатлуб мубориза мебарад. Мо тавассути идомаи ҳамкорӣ ҳамаи масъалаҳои зикршударо аз рӯи самтҳои асосии фаъолияти САҲА дар соҳаҳои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ ҳаллу фасл хоҳем кард.

Ман бо камоли хурсандӣ зикр менамоям, ки ҳам Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва ҳам вазири корҳои хориҷӣ Ҳ. Зарифӣ ҳамкории моро барои ба даст овардани ҳадафҳои умумиамон ҳамаҷониба дастгирӣ намуданд. Ин дар бораи сифатҳои ҳақиқии роҳбарии онҳо шаҳодат медиҳад.

Тоҷикистон айни ҳол дар сафи пеши мубориза ба муқобили маводи нашъадор қарор дошта, амнияти умумии моро муҳофизат мекунад. САҲА бояд ин мамлакатро пеш аз ҳама бо роҳи муқаррар намудани роҳу усулҳои стратегии идораи сарҳадҳои миллӣ, инчунин бо роҳи таъсиси Коллеҷи САҲА барои тайёр кардани кормандони ин соҳа дар шаҳри Душанбе дастгирӣ на-

мояд. Финляндия барои иҷрои барномаи тақвияти назорат ва идораи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон қариб 600 ҳазор евро ҷудо намуд. Мо инчунин се коршиноси ин соҳаро барои амалӣ сохтани ин барномаҳо ба Тоҷикистон фиристодем. Аминам, ки чунин барномаҳо амнияти ҳамаи мамлакатҳои аъзои созмонро тақвият хоҳанд бахшид. Финляндия дар оянда ҳам дар ҳалли чунин проблемаҳои аввалиндараҷа саҳми худро мегузорад.

Натиҷаҳои фаъолияти САҲА дар Осиёи Марказӣ, дар ҷануби Қафқоз ва ғарби нимҷазираи Балкан хеле назаррасанд. Ҳеҷ кас нақши САҲА – ро дар бобати мусоидат ба истиқрори амният ва эҳтироми ҳуқуқҳои аз тарафи умум қабулгардидаи инсон, принсипҳои демократия ва волоияти қонун дар доираи сарҳадоти мамлакатҳои аъзо зери шубҳа гузошта наметавонад. Ӯҳдадориҳои сиёсии ба зимма гирифтаи давлатҳои аъзои созмон инчунин заминаи арзишҳои зикршударо ташкил медиҳанд. Ин ӯҳдадориҳо бояд софдилона амалӣ карда шаванд.

Мо зимни мулоқотҳоямон дар Душанбе масъалаҳои ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, принсипҳои демократия ва масъалаҳои муҳимтаринеро муҳокима кардем, ки ҳалли онҳо ба зиммаи САҲА гузошта шудааст. Дар доираи ин масъалаҳо ташрифи намояндагони Созмони байналхалқии Салиби Сурх ба Тоҷикистон, боздиди онҳо аз ҳабсхонаҳо, масъалаҳои марбут ба меҳнати бачагон ва озодии матбуотро баррасӣ намудем. Ҳамкории мо дар ин масъалаҳо давом дода мешавад, мо ҳамчунин барои ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодиёт, ҳифзи муҳити зист ва масъалаҳои дигар ҳамкорӣ хоҳем кард, ки ҳадафи асосии онҳо таъмини амнияти ҳамагонӣ мебошад.

Ман хушбахтам, ки САҲА ҳамроҳи Тоҷикистон саҳифаи нави таърихи ҳамкории дарозмуддати тӯлониро кушода, барои муносибатҳо ва ҳамкории ояндаи мо дар ҳалли масъалаҳои амният заминаи мустаҳкам гузошта шуд.

НОМАИ ШОДБОШ БА МУНОСИБАТИ 15 – СОЛАГИИ ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САҲА

Ливио Бота - Нахустин Роҳбари Дафтари мушоҳидони СММ дар Тоҷикистон (1993-1995), Раиси Шӯрои Доимии САҲА (2001)

Ман шарафмандам, ки хотираҳои шахсии худро ба муносибати 15 -умин солгарди ҳамкории Тоҷикистон ва САҲА ёдовар мешавам. Ман имкон доштам равандҳои гузаришро дар Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият, аввал дар вазифаи нахустин сардори ҳайати мушоҳидони СММ ва баъдтар, соли 2001 дар вазифаи Раиси Шӯрои Доимии САҲА шахсан мушоҳида намоям ва то андозае дар онҳо иштирок низ бикунам.

Анҷоми ҷанги дохилӣ

Охири моҳи декабри соли 1992, баъди ду рӯзи аз Сомали, ки дар он ҷо дар Unisom кор мекардам, ба Женева, ба хона баргаштанам, аз қароргоҳи марказии СММ дар Ню–Йорк ба ман телефон карда, хабар доданд, ки баъди 30 дақиқа мулоқоти Муншии умумӣ бо Шӯрои амният баргузор мегардад. Муншии умумии СММ дар он пешниҳод хоҳад кард, ки гурӯҳи на он қадар калони нозирон ба Тоҷикистон фиристода мешавад. Бояд гуфт, ки ҳамон вақт дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ давом дошт. Муншии умумӣ дар ҳамин мулоқот номи шахсеро эълон карданӣ буд, ки бояд ба гурӯҳи намояндагон роҳбарӣ мекард. Ҳамин тариқ, ман роҳбари гурӯҳи нозирон таъин гардидам ва моро 1 январи соли 1993 ба Душанбе фиристоданд.

Ман ҳамаи инро барои он хотиррасон кардам, ки ҳамон вақт шоҳиди бевоситаи даҳшатҳои ҷанги дохилӣ дар Сомали гардида будам. Ҳамон солҳо вазъияти Тоҷикистон бо вазъияти Сомали шабоҳат дошт. Бояд гуфт, ки вазъияти Сомали мисли пештара ноором ва муташанниҷ боқӣ мондааст, вале Тоҷикистон муноқишаи ҳарбию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодиро бартараф намуда, роҳи истиқрори сулҳ ва суботи вазъиятро пеш гирифт.

Ман моҳи марти соли 1995 аз Тоҷикистон рафтам ва баъди ин чандин маротиба ба мамлакати Шумо ташриф овардам. Онҳое, ки имрӯз ба Тоҷикистон меоянд, ҳатто тасаввур карда наметавонанд, ки вазъияти Тоҷикистон ҳамон солҳо, дар давраи ҷанги

шаҳрвандӣ чӣ гуна буд. Акнун ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон воқеаи таърихӣ гардида, вазъияти мамлакат имрӯз ба куллӣ тағйир ёфтааст.

Инро аз қиёфаи ҳар як сокини Тоҷикистон ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо ба худ боварӣ дошта, дар шароити оромӣ осуда зиндагӣ мекунанд ва аз ҳама ҷиҳат озод мебошанд. Чанд сол пеш сокинони Тоҷикистон чунин вазъиятро танҳо орзу карда метавонистанд. Ин муваффақияти худи халқи тоҷик бошад ҳам, дар он саҳми созмонҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ калон аст.

Аз фурсат истифода бурда, аз шуҷоату қаҳрамонии халқи Тоҷикистон, роҳбарияти он, ҳамаи тоҷикон ва шаҳрвандони хориҷӣ қадрдонӣ менамоям, ки ҷанги дохилиро боздошта, мамлакатро ба сӯи ояндаи беҳтару хубтар ҳидоят намуданд.

Тоҷикистон - узви САҲА

Яке аз иқдомоти нахустини сиёсии берунии давлате, ки истиқлолият ба даст овардааст, додани ариза барои қабули он ба узвияти СММ ва созмонҳои дигари байналхалқӣ мебошад. Узвият дар чунин созмонҳо ҳамчун эътирофи байналхалқии мустақилияти ин ё он давлат ва ҷидду ҷаҳди он дар бобати амалӣ сохтани ӯҳдадориҳои асосии ба зимма гирифтааш ва шароити ба миён гузоштаи ин созмонҳо мебошад. Узвияти созмонҳои байналхалқӣ ба давлат имкон медиҳад, ки дар мусоҳибаҳои байналхалқии бахшида ба масъалаҳои муҳимтарини дорои аҳамияти умумихалқӣ ширкат варзад. Давлат илова бар ин имкон пайдо мекунад, ки дар ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти байналмилалӣ саҳм гузорад. Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур набуд, ки барои қабул ба узвияти САҲА ҳуҷҷатҳо пешниҳод карда, тадбирҳои тӯлонии қабули мамлакатҳоро ба узвияти ин созмон паси сар кунад. Тоҷикистон мисли ҷумҳуриҳои дигари собиқи шӯравӣ дар натиҷаи пароканда гардидани ИҶШС узви комилҳуқуқи САҲА гардид. Ин чунин маъно дорад, ки Тоҷикистон ҳамаи принсипҳои ҳуҷҷатҳои асосии созмонро қабул намуда, изҳор дошт, ки бо роҳи душвори ба даст овардани озодӣ, демократия, эҳтироми ҳуқуқи инсон ба пеш қадам гузошта, усулҳоеро сармашқи кори худ қарор диҳад, ки принсипҳои асосӣ ва арзишҳои муҳимтарини фаъолияти САҲА мебошанд.

Таърихи 15 – солаи ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА ба мо имкон медиҳад, ки пешрафти Тоҷикистонро дар бобати амалӣ сохтани ӯҳдадориҳояш ҳамаҷониба таҳлил карда, нақшаи тадбирҳои ояндаро тарҳрезӣ кунем. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳамкории мо хусусияти мусбат дорад ва тавсеаи он ба манфиати халқи тоҷик мебошад.

Ташаббусҳои Тоҷикистон

Тоҷикистон на танҳо дар баҳсу мунозираҳои САҲА фаъолона иштирок мекунад, балки барои беҳтар гардидани фаъолияти созмон ташаббусҳо ва пешниҳодоти пурқиммат ва ҷолиби диққат ба миён мегузорад. Ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шӯрои доимии САҲА шаҳодат медиҳад, ки Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти Созмон шахсан мароқ зоҳир мекунад. Президент Эмомалӣ Раҳмон моҳи феврали соли 2002 пешниҳод кард, ки фаъолияти САҲА дар бобати беҳтар сохтани вазъияти Афғонистон бештар густариш дода, ин мамлакат ба ҳамкории фаъолона даъват карда шавад. Дар натиҷаи ин пешниҳод, Афғонистон имрӯз бо мо самарабахш ҳамкорӣ мекунад. Тоҷикистон ҳамчун узви Созмон пешниҳод менамояд, ки ҳамкории минтақавӣ дар доираи САҲА, аз ҷумла, дар байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ривоҷ дода шавад. Ман ҳамкориро бо ҳайати Тоҷикистон дар Шӯрои вазирон соли 2001 дар Бухарест бо камоли қаноатмандӣ ба хотир меорам. Ҳамон вақт мамлакати Шумо дар бораи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ пешниҳоди муҳим ба миён гузошта буд. Вазирони корҳои хориҷии мамлакатҳои аъзои созмон ин пешниҳодро муҳокима карда, зикр намуданд, ки мамлакатҳои Осиёи марказӣ дақ сол пеш истиқлолияти худро эълон карда, аъзои Созмон гардиданд. Онҳо ба пешрафти ин мамлакатҳо дар чунин муддати кӯтоҳ баҳои баланд дода, бо қаноатмандӣ зикр намуданд, ки ҳамкории САҲА бо ҳамаи панҷ мамлакати Осиёи Марказӣ дар ҳамаи соҳаҳо густариш меёбад. Вазирон инчунин таъкид карданд, ки дастгирии ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва демократӣ аз ҷониба САҲА ба истиқрори суботи вазъият ва ободии минтақа мусоидат хоҳад кард.

Намоишгоҳи Тоҷикистон дар Қасри миллатҳо

Ман қариб 15 сол пеш дар Женева, дар Қасри миллатҳо намоишгоҳи санъати Тоҷикистонро баргузор сохтам. Ин, ба фикри ман, намоишгоҳи калонтарини санъату ҳунари Тоҷикистон тӯли солҳои охир дар Аврупо буд.

Рӯзҳои фаъолияти намоишгоҳ маълум шуд, ки аврупоиён дар бораи Тоҷикистон маълумоти кофӣ надоранд. Бинобар ин ман як нафар донишҷӯро дар даромадгоҳи намоишгоҳ гузошта, аз ӯ хоҳиш намудам, ки ба саволҳои тамошобинон ҷавоб дода, инчунин тарзи дурусти талаффузи номи мамлакати Шуморо ба онҳо фаҳмонад.

Баъдан, ман зимни сафар ба Тоҷикистон пай бурдам, ки сокинони Тоҷикистон низ дар бораи Аврупои ғарбӣ ва Амрикои шимолӣ, арзишҳо, фарҳанг ва анъанаҳои сокинони ин мамлакатҳо он қадар маълумот надоранд. Ҳаминаш мусаллам аст, ки мамлакатҳои аъзои САҲА дар бораи ҳамдигар тасаввуроти бештар ҳосил кардан мехоҳанд. Фаъолияти созмон инчунин дар натиҷаи ҳамкориҳои фарҳангии мамлакатҳои аъзои он сама-

рабахштар мегардад.

Ҳуҷҷати хотимавии Париж барои Аврупои ҷадид моддаи алоҳидаро дар бораи фарҳанг дар бар мегирад. Дар он саҳми калони фарҳанги умумии аврупоӣ ва арзишҳои зиндагии мардум дар бобати бартараф сохтани парокандагии халқҳои қитъа эътироф карда мешавад. Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар ин бобат дар доираи САҲА самарабахш ҳамкорӣ карда метавонанд.

Фаъолияти САҲА дар Тоҷикистон

Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон баъди дар ин ҷо кушода шудани намояндагии нозирони СММ ва Раёсати комиссари олии СММ дар масъалаи гурезаҳо намояндагии худро ифтитоҳ намуд. Олими машҳур Оливе Руа роҳбари нахустини он буд. Оливе Руа забонҳои форсию дариро хуб медонист, бинобар ин намояндагии САҲА дар Тоҷикистон обрӯю эътибори калон пайдо намуд. Фаъолияти муштараки мо дар соҳаи демократӣ сохтани хаёти ҷомеа ва эҳтироми ҳуқуқи инсон натиҷаҳои назаррас дод. Садоқати ҷаноби Оливе Руа ва қобилияти ӯ дар бобати мусоидат ба амалӣ сохтани ҳадафҳои созмон дар мамлакати алоҳида илова ба эҳтироми фарҳангу анъанаҳои мардум мақоми волои намояндагии созмонро дар Тоҷикистон таъмин намуд. Таҷрибаи ҳамкории Тоҷикистон бо намояндагии САҲА мисоли равшани ҳамкории бардавому самарабахш мебошад.

Изҳори сипос

Ман суханони худро бе изҳори сипос ба саховатмандию меҳмоннавозии самимонаи ҳамаи онҳое, ки зимни фаъолиятам дар Тоҷикистон бо онҳо якҷоя кор кардам, ё зимни мулоқотҳоям шинос гардидаам, ҷамъбаст карда наметавонам. Ин ҷо номбар кардани онҳо ҳоҷат надорад, зеро шумораи одамоне, ки ман бо онҳо кор кардаам, шинос шудаам ё нону намакашонро хӯрдаам, хеле зиёд аст. Вале мехоҳам дониста бошанд, ки аз онҳо барои дастгирӣ, кушодадилӣ, самимият ва муносибатҳои дӯстонаашон сипосгузорам.

Барои ман шарафи бузург буд, ки ба муносибати даҳсолагии иди истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон барои саҳмам дар бартараф сохтани муноқиша ва созгории миллии мамлакат маро бо ордени «Дӯстӣ» сазовор намуд. Ман ҳамчунин аз муносибатиҳои дӯстонаам бо Сафири Руминия дар САҲА, пеш аз ҳама бо сафири Тоҷикистон, имрӯз вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ, ҷаноби Ҳамрохон Зарифӣ изҳори қадрдонӣ менамоям.

ТОҶИКИСТОН ВА САҲА НАТИҶАИ ҲАМКОРИИ БАРДАВОМ

Ҳерберт Залбер -
Директори Маркази пешгирии муноқишаҳои САҲА

Фаъолияти 15-солаи намояндагии САҲА дар Тоҷикистон ба ман имконият медиҳад, ки хотираҳоямро дар бораи ҳамкории дуҷонибаамон пешкаши хонандагон гардонам.

Бояд гуфт, ки САҲА ва Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ нисбат ба мамлакатҳои дигар ҳамкории самарабахштару тӯлонӣ доранд. Қарори кушодани намояндагии САҲА дар Тоҷикистон соли 1993 дар Рим қабул карда шуд. Ҳамон вақт мамлакатҳои аъзои созмон қарор доданд, ки ҷидду ҷаҳди худро бо СММ бо мақсади расондани кумак ба Тоҷикистон ҷиҳати ҳарчи зудтар қатъ намудани ҷанги дохилӣ муттаҳид созанд.

Намояндагони САҲА ба Тоҷикистон барои барқарор намудани сохторҳои демократӣ кумаки калон расониданд. Намояндагии САҲА инчунин барои мӯътадил сохтани вазъияти мамлакат дар давраи баъди ҷанг тадбирҳои амалӣ андешида, кӯшиш кард, ки ҳаёти мардум осудатар гардонида шавад. Фаъолияти мо дар Тоҷикистон бо тафтиши анборҳои аслиҳа оғоз ёфт. Намояндагони САҲА ҳамроҳи мамлакатҳои мададгор дар бобати безарар гардонидани минаҳо ва гулӯлаҳои нотаркидаи тӯпҳо корҳои зиёдеро ба сомон расониданд. Бо ҳамин сабаб масоҳати хеле калони замини корам истифода намешуд. Имрӯз садҳо гектар замин аз нав қобили кишт гардонида шуд. Вале безарар гардонидани минаҳо давом дорад ва мо кӯшиш мекунем, ки онро то охир идома диҳем.

Занон дар бартараф сохтани муноқиша ва истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон нақши муҳим бозиданд. Онҳо дар давоми солҳои ҷанг қурбониҳои зиёд доданд. Занони тоҷик дар ин муддат ба сохторҳои гуногун роҳбарӣ мекарданд. Ҷиноятҳо нисбати занон дар замони осоишта низ мушоҳида карда мешаванд. САҲА барои расондани кумак ба Тоҷикистон дар бобати беҳтар сохтани шароити зиндагии занон соли 2004 барномаи дарозмуддати ташкили созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва марказҳои расонидани кумак ба занонро дар минтақаҳои гуногуни мамлакат амалӣ

сохт. Имрӯз намояндагии созмон ҳамроҳи ҳукумат ва созмонҳои ҷамъиятӣ барои расондани кумак дар иҷрои барномаи давлатии масъалаҳои гендерӣ корҳои зиёдеро ба сомон мерасонад. Хурсандам, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷӯҳи калон зоҳир намуд ва мо дар ҷавоби даъвати Ҳукумати ҷумҳурӣ дар намояндагии созмон шӯъбаи алоҳидаи масъалаҳои гендериро ташкил намудем.

Бояд гуфт, ки ҳар сол аз Тоҷикистон зиёда аз 500 ҳазор нафар мардон барои мардикорӣ ва ба даст овардани маблағ ба мамлакатҳои дигар мераванд. Дар робита аҳамияти ривоҷ додани тиҷорати хурд ба миён меояд. Бинобар ин САҲА аз соли 2004 сар карда, дар Тоҷикистон ба иҷрои барномаи додани қарзҳои хурд шурӯъ намуд.

Маркази пешгирии муноқишаҳои САҲА зимни ҳамкорӣ бо сохторҳои гуногуни Тоҷикистон дар бобати мустаҳкам сохтани сарҳадҳо ва самарабахштар сохтани ҳамкории минтақаҳои наздисарҳадӣ фаъолона кор мекунад.

Хариду фурӯши ғайриқонунии маводи нашъадор ба амнияти Тоҷикистон ва мамлакатҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдид менамояд. Инчунин, вобастагии таъмини амнияти Тоҷикистон аз омилҳои берунӣ пурзӯр намудани назорати сарҳад ва тақвияти ҳамкориро дар ин соҳа тақозо мекунад. Бо ин мақсад, охири соли 2008 дар Тоҷикистон кушодани Коллеҷи мутахассисони соҳаи назорати сарҳад ба нақша гирифта шуда буд. Коллеҷи мазкур ба таҳкими амнияти сарҳадҳо мусоидат карда, барои ҳамаи мамлакатҳои минтақа аҳамияти калон хоҳад дошт.

Ба ман муяссар шуд, ки ҳамчун директори Маркази пешгирии муноқишаҳо ба Тоҷикистон ташриф орам. Мулоқотҳои мо дар давоми ду соли охир бо роҳбарону намояндагони идораҳои ҳукуматӣ ва сохторҳои ғайриҳукуматӣ имкон доданд, ки ҳамкориро бештар густариш диҳем.

Мо ният дорем, ки дар заминаи чунин ҳамкорӣ ҳамаи масъалаҳо ва проблемаҳои мавҷударо дар доираи ваколатҳои Созмон, принсипҳои асосӣ ва ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаи САҲА ҳаллу фасл намоем. Мо муқаррар намудани роҳу усулҳои қобили қабулро барои пешгирии таҳдид ба амнияти кишвар давом хоҳем дод. Ҳамкории мо дар соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳифзи муҳити зист низ давом дода мешаванд. Дар масъалаҳои ҳамкории гуманитарӣ роҳу воситаҳое ҷустуҷӯ карда ва ёфта мешаванд, ки ба Созмон барои таҳкими заминаи ҳуқуқӣ, беҳтар сохтани фаъолияти сохторҳои демократию сиёсӣ, аз ҷумла, эҳтироми ҳуқуқи инсон мусоидат намоянд.

Соли 2008 мӯҳлати ваколатҳои намояндагии созмон дароз карда шуд, бинобар ин мо азми қавӣ дорем, ки вазифаҳои ба зимма гирифтаамонро дар мӯҳлатҳои муқарраршуда иҷро намоем.

НАМОЯНДАГИИ САҲА ДАР ДУШАНБЕ 15 – СОЛА ШУД

Олсу Хастингс -
узви конгресс, Раиси комиссияи Хелсинки

Фаъолияти намояндагии САҲА дар Душанбе намунаи кори самарабахши мо мебошад. Намояндагии созмон ҳамаи вазифаҳои ба зимма гирифтаашро иҷро намуда, дар мавриди зарурат бо назардошти душвориҳои ба миён омада барои ҳалли проблемаҳо тадбирҳои зарурӣ меандешид. Намояндагии САҲА дар Душанбе соли 1994 кушода шуд, дар ин муддат ҳадафҳо ва вазифаҳои мо вобаста ба вазъияти Тоҷикистон тағйир ёфтанд. Вобаста ба ин ваколатҳои мо ду маротиба дароз карда шуд.

Намояндагии САҲА дар масъалаҳои кор бо гурезаҳо, ҳифзи ҳуқуқи занон ва безарар гардонидани минаҳо нақши муҳим бозид. Комиссияи Хелсинки дар давоми 15 соли мавҷудияташ бо намояндагии САҲА кор мекард. Аъзои комиссияи мо дар ҳамаи гуфтушунидҳо дар масъалаи дароз кардани ваколатҳои он ширкат варзида, дар интихобот ҳамчун мушоҳид иштирок мекарданд. Ҳам Тоҷикистон ва ҳам САҲА қарор додаанд, ки ҳамкориро давом диҳанд. Комиссияи Хелсинки низ ният дорад, бо намояндагии САҲА дар Тоҷикистон самарабахш ҳамкорӣ кунад.

Ман дар давоми фаъолияти намояндагӣ боварӣ ҳосил кардам, ки он вобаста ба вазъият амал карда, барномаҳои худро бомуваффақият иҷро карда метавонад.

Тоҷикистон дар давоми 15 соли охир ба куллӣ тағйир ёфт, баробари ин ҳадафу вазифаҳои намояндагии САҲА низ тағйир ёфтанд. Баъди кушода шудани намояндагӣ вазифаи аввалиндараҷаи он мусоидат дар мубориза барои бартараф сохтани оқибати ҷанги дохилӣ ва иштирок дар гуфтушунидҳо барои имзои созишномаи сулҳ буд. Соли 1995 СММ се бунгоҳи минтақавии худро ба ихтиёри намояндагии САҲА гузошт. Дар натиҷа намояндагӣ имконият пайдо кард, ки ба таҳлили вазъияти ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо диққати бештар диҳад, зеро ин ҷузъи хеле муҳими барқарор сохтани вазъият дар давраи баъди ҷанг мебошад. Баъди соли 1997 имзо шудани созишномаи сулҳ САҲА вазифадор шуд, ки ҷараёни амалӣ сохтани онро назорат карда, дар бунёди

сохторҳои демократӣ саҳм гузошта, ҷараёни эҳтироми ҳуқуқи инсонро назорат кунад. Ҳамзамон намояндагии САҲА барои расондани кумак ба ҳукумати ҷумҳурӣ дар бобати бунёди заминаи қонунии давлати навбунёд кӯшиши зиёд ба харҷ дод. Намояндагии САҲА соли 2000 бо назардошти вазъияти даврааи баъди ҷанг диққати худро ба ҷараёни гузаронидани интихобот ва таъмини мустақилияти воситаҳои ахбори омма равона сохт. Инчунин, фаъолияти намояндагӣ дар масъалаҳои иқтисодиёт ва ҳифзи муҳити зист тақвият дода шуд. Яке аз дастовардҳои охирини намояндагии САҲА мавриди амал қарор додани барномаи байналхалқии безарар гардондани минаҳо дар Тоҷикистон мебошад.

Андешидани тадбирҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи занон муваффақияти дигари намояндагии мо мебошад. Шароити зиндагии занони тоҷик дар даврааи ҷанги дохилӣ ва баъди он ниҳоят мушкил буд. Қисми зиёди онҳо аз оила ва шавҳарони худ маҳрум гардида, дар натиҷа бо мушкилоти таъминоти моддии худ ва фарзандонашон рӯ ба рӯ шуданд. Намояндагии мо курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши тиҷорат ташкил намуда, ба занон барои таъминоти худ ва оилаҳояшон қарзҳои хурд медод. Мо дар минтақаҳои гуногун бо мақсади вусъат додани доираи донишу фаҳмиши занон дар соҳаҳои сиёсӣ, ҳуқуқи иҷтимоӣ ва ғайра семинарҳо гузаронида, машваратҳои ҳуқуқӣ ташкил намуда, ҷараёни рушди созмонҳои ғайриҳукуматиро дастгирӣ намудем. Муҳокимаи машваратҳои гузаронидаи мо дар масъалаҳои зӯроварӣ дар оила ва хариду фурӯши одамон манъ карда шуда буд. Намояндагии САҲА соли 2005 дар Тоҷикистон нахустин маркази занонро ифтитоҳ намуд, ки барои бисёр занон як навъ паноҳгоҳ ба ҳисоб мерафт. Дар Марказ ба занон маслиҳатҳо (консултатсия) дода, таъҷилан чӣ дар Марказ ва чӣ берун аз он кумак расонида мешавад. Барномаи нави ҷалибе масъалаҳои ҳуқуқи занонро дар дини ислом баррасӣ намуда, асосҳои қонунгузории мавҷуда ва анъанаҳои ҷойдоштаро, ки ҷанбаи динӣ доранд, ба муқоиса мегирад.

Намояндагии мо ба барномаҳои барои ҷавонон пешбинишуда, диққати махсус медиҳад. Бояд гуфт, ки ман ҳам чунин барномаҳоро шахсан дастгирӣ мекунам. Насли ҷавон ояндаи ҷомеа буда, захираи бебаҳои инсоният ба шумор меравад. Намояндагии САҲА дар давоми солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни мамлакат истироҳатгоҳҳои тобистонаи ҷавононро ташкил намуд. Намояндагии мо ҳамроҳи Раёсати комиссари олии СММ дар масъалаи гурезаҳо барномаи ҳуқуқи инсонро ба барномаи умумӣ барои таълим дар тамоми мактабҳои мамлакат дохил намуд.

Бо вуҷуди ин, ҳанӯз бисёр корҳоро ба сомон расондан лозим меояд. Ман аз баъзе рӯйдодҳои охирини Тоҷикистон изҳори ташвиш менамоям, ки ба андешаи ман мамлакатро ба роҳи ноду руст ҳидоят менамоянд. Дар Тоҷикистон озодии воситаҳои ахбори омма нисбатан маҳдуд карда шудааст, соли 2008 баъзе журналистон таъқиб карда шуданд. Инчунин, фаъолияти баъзе созмонҳои ғайриҳукуматӣ, аз ҷумла, Пажӯҳишгоҳи миллии демократӣ (NDI) барин созмонҳои байналхалқӣ маҳдуд карда шуданд. Ба чунин созмонҳо имконияти ба қайд гирифтани онҳо дода нашуд. Қонуни нав дар бораи дин қоидаҳои ба қайд гирифтани созмонҳои диниро душвор гардонида, фаъолияти ташвиқоту таблиғоти диниро манъ менамояд.

Боварӣ дорам, ки намояндагии САҲА дар ҳалли ин масъалаҳо ва масъалаҳои дигар саҳми арзанда гузошта метавонад. Ман бесаброна интизори боз шудани Коллеҷи САҲА дар Душанбе мебошам, ки дар он мутахассисони соҳаи назорати сарҳад тайёр карда мешаванд. Ман пешниҳоди таҳсили намояндагони Афғонистонро дар коллеҷи мазкур ва иштироки онҳоро дар тадбирҳои дигар дастгирӣ менамоям. Тоҷикистон дар давоми 15 соли охир хеле пеш рафт. Шубҳае нест, ки ояндаи Тоҷикистон дурахшон аст ва намояндагии САҲА дар Душанбе барои беҳтар сохтани шароити зиндагии мардум ва обод сохтани Тоҷикистон нақши муҳим хоҳад бозид.

ТОҶИКИСТОН-САҲА: МУКОЛАМА ВА ҲАМКОРӢ

БА ФАЪОЛИЯТИ САҲА ДАР ТОҶИКИСТОН 15 СОЛ ПУР ШУД

Марк Перрин де Бришанбо - Муншии умумии САҲА

Созмони амният ва ҳамкории Аврупо фаъолияти худро дар Тоҷикистон дар тӯли 15 сол самаранок ҷараён дод. Дар давоми ин солҳо дар мамлакат ва минтақа дигаргуниҳои бузург ба амал омаданд. САҲА аз натиҷаҳои ба даст овардааш дар давоми солҳои гузашта ифтихор мекунад. Кӯшишҳои созмон дар бобати расонидани кумак ба Тоҷикистон дар роҳи таъмини ваҳдату иттиҳоди миллӣ қобили қайди махсус мебошанд. Тоҷикистон баъди ба охир расидани ҷанги харобиовари дохилӣ ба давраи нав қадам гузошт. Ман ҳамчун муншии умумии созмон ҳамаи Шуморо ба муносибати 15-солагии фаъолияти САҲА дар Тоҷикистон табрик менамоям, зеро фаъолияти созмон дар Тоҷикистон, ҳам барои мамлакат, ҳам барои минтақа ва ҳам барои худи САҲА аҳамияти калони таърихӣ дорад. Бешубҳа, ҳамаи мамлакатҳои аъзои созмон дар мисоли Тоҷикистон ба хубӣ дарк менамоянд, ки сулҳи босубот чизе нест, ки яку якбора ва ба таври ҳамешагӣ ба даст оварда шавад, онро ҳамеша ва ҳамарӯза дастгирӣ ва ҳимоя кардан лозим меояд.

Принсипи асосии фаъолияти САҲА мисли пештара ҳамин аст, ки ҷомеаи устувору қавӣ давлати муқтадирро ба вуҷуд меорад, дар натиҷа минтақаи устувор ва ҷомеаи байналхалқии устувор тавлид мегарданд. Суботи вазъияти Тоҷикистон барои ҳамаи мамлакатҳои аъзои созмон аҳамияти хаётан муҳим дорад. Созмон бо назардошти ҳамин бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахрвандони мамлакат бо мақсади ноил гардидан ба суботи вазъияти ҷомеа, тақвияти сохторҳои давлат ва мусоидат ба амалӣ сохтани ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаи ҷумҳурӣ ҳамаҷониба ҳамкорӣ мекунад.

Таҷрибаи Тоҷикистон аҳамияти дастгирии амниятро дар давраи баъди ҷанг нишон медиҳад. Ҳузури сохторҳои демократӣ ва тадбирҳоеро, ки асоси онҳоро волоияти қонун ташкил медиҳад, хавфи дубора такрор шудани муноқишаро то ҳадди имкон кам карда, барои барқарор сохтани сулҳи устувор замина тайёр менамояд.

Бо барқарор гардидани сулҳу осоиш дар Тоҷикистон, самтҳои фаъолияти САҲА низ тағйир ёфтанд. Мамлакатҳои аъзои созмон баъди барҳам дода шудани Комиссияи мусолиҳаи миллӣ баъди интихоботи парлумон дар соли 2000, ваколатҳои намояндагии созмонро дар Тоҷикистон тағйир доданд. Соли 2002 намояндагии САҲА дар Тоҷикистон ба маркази он табдил дода шуд. Чунин марказҳо дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ низ фаъолият доранд.

Хусусиятҳои фаъолияти САҲА дар Тоҷикистон соли 2008 баъди кушода шудани намояндагии он то андозае тағйир ёфт. Бо назардошти таҷрибаи Тоҷикистон барои бақои сулҳи устувор ҳамеша кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки гуфтушунидҳои мусолиматомез давом дода, принсипҳои гуногунандешии сиёсӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ карда шаванд. САҲА ба воситаи намояндагии худ дар Душанбе дар ичрои бисёр тадбирҳо фаъолона ширкат меварзад. Аз ин нуқтаи назар ман ҳамкории намояндагии созмонро бо мақомоти гуногуни Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти сохторҳои демократӣ, аз ҷумла, воситаҳои ахбори оммаи мустақил, низоми одилонаю шаффофи ҳокимият, баробарҳуқуқии занону мардон, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ғайра хеле муҳим мешуморам. Тавре маълум аст, дар давоми даҳ соли охир бунёди сулҳи устувор шуҷоату мардонагӣ ва иродаи сиёсиро дар соҳаҳои зикршуда тақозо менамояд.

Нақши САҲА дар ҳалли масъалаҳои ҳарбию сиёсӣ ҳамеша назаррас буд ва бо кушода шудани Коллеҷи САҲА барои омода сохтани мутахассисони назорати сарҳад боз ҳам пурзӯртар мегардад.

Тоҷикистониён ба зиндагии осоиштае, ки имрӯз ба даст овардаанд, ҳамаҷониба сазоворанд. Онҳо барои чунин зиндагӣ мубориза бурдаанд. Мардуми тоҷик барои истиқрори сулҳу осоиш ҳамаи монеаҳоро бартараф сохта, ҳеҷ гоҳ ноумед нашуд ва орзуҳои худро аз даст надод. Таҷрибаи Шумо барои хамаи мамлакатҳои САҲА, барои ҳар гуна ҷомеа намунаи ибрат мебошад. Таҷрибаи Тоҷикистон нишон дод, ки баъди ҷанги харобиовар истиқрори сулҳ имконпазир мебошад ва оқибатҳои ҷангро бо ҳар роҳу восита барҳам додан имконпазир аст.

Дар хотима ба халқи Тоҷикистон барои ҳамаи ин аз номи САҲА изҳори сипос менамоям.

ПАЁМИ ШОДБОШ БА МУНОСИБАТИ 15–СОЛАГИИ МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САҲА

Ян Кубиш -
Вазири корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Словакия

Ба оғози муносибатҳои ҳамаҷониба ва ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони амнияту ҳамкории Аврупо 15 сол пур шуд. Тоҷикистон соли 1992 ҳамроҳи мамлакатҳои дигари Осиёи Марказӣ узви САҲА гардида бошад ҳам, намояндагии созмон дар Душанбе соли 1994 кушода шуд. Ифтитоҳи намояндагии САҲА барои мӯътадил гардидани вазъи сиёсии дохилии мамлакат аҳамияти калон дошт. САҲА ба Тоҷикистон барои рушди ҷараёни барқарор сохтани сулҳ кумаки калон расонид ва яке аз кафилони дар амал татбиқ намудани Созишномаи сулҳ гардид, ки соли 1997 ба имзо расид.

Иштироки шахсии ман дар ҷараёни ҳамкории САҲА ва Тоҷикистон аз соли 1994 то 1998 дар вазифаи директори Маркази пешгирии муноқишаҳо оғоз ёфт.

Зарурати таҳкими истиқлолияти давлати навбунёд ва хоҳиши узви комилҳуқуқи созмони байналхалқӣ гардидани Тоҷикистон сабаб шуд, ки ҷумҳурӣ бо САҲА ҳамаҷониба ҳамкорӣ кунад. Тоҷикистон аввали солҳои 90-уми асри гузашта баъди ба даст овардани истиқлолияти давлати ба ҷанги хунини дохилӣ мубтало гардид. Муноқиша танҳо дар натиҷаи гуфтушунидҳои чорсола таҳти васояти СММ ба охир расид. Дар натиҷа 27 июни соли 1997 дар Маскав Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, намояндаи иттиҳоди мухолифини тоҷик ва мамлакатҳои кафил созишномаи сулҳро имзо намуданд. Бо ҳамин Тоҷикистон имконият пайдо кард, ки ба сӯи ояндаи дурахшон қадам гузошта, ба туфайли муттаҳид сохтани ҳамаи миллатҳои сокини мамлакат сулҳу осоишро барқарор созад. Ҷараёни барқарор сохтани иқтисодиёт ва суботи вазъияти иҷтимоӣ таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон шурӯъ шуд.

Созмонҳои байналхалқӣ, аз ҷумла, Шӯрои амнияти СММ, намояндагони махсуси муншии умумии СММ, САҲА ва Созмони ҳамкории иқтисодӣ, мушоҳидони ҳашт мамлакати нозир, қувваҳои муттаҳидаи ҳомии сулҳи ИДМ ва ғайра дар бобати гузаронидани гуфтушунидҳо ва бунёди сулҳ дар Тоҷикистон саҳми

калон гузоштанд.

Созмонҳои байналхалқӣ, аз ҷумла, САҲА ба Тоҷикистон барои амалӣ сохтани созишномаи моҳи декабри соли 1996 дар бораи муваққатан бас кардани ҷанг ва боздоштани ҳар гуна амалиёти ҳарбӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва қаламрави мамлакат дар ҷараёни гуфтушунидҳо кумаки арзанда расониданд. Дар ин давраи муташанниҷ САҲА барои бо ҳам наздик сохтани тарафҳои муқобил бо қисмҳои ҳарбии минтақаҳои наздисарҳадӣ ва қисмҳои ҳарбии ҳомии сулҳи ИДМ дар Тоҷикистон ҳамаҷониба ҳамкорӣ карда буд, ки ҷараёни имзои созишномаи сулҳро хеле тезонид. САҲА ҳамзамон дар ҷараёни истиқрори сулҳ, ҷорӣ намудани принсипҳои демократия ва ислоҳоти соҳаҳои дигар дар мамлакат иштироки фаъолона дошт.

Аминам, ки ҳамкории Тоҷикистон ва САҲА мисли пештара ба рушди ояндаи мамлакат таъсири мусбат мерасонад. САҲА дар ҷараёни гузаронидани интихоботи шаффофу одилона бевосита иштирок дошт. Намояндагони он ҷараёни гузаронидани интихоботро назорат карданд. Мо ҳамчунин дар тадбирҳои таъмини волоияти қонун ва роҳбарияти демократии мамлакат ширкат варзида, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва баробарҳуқуқии занону мардонро таҳти назорат гирифтем. САҲА ба Тоҷикистон дар бобати ташкили қувваҳои мусаллаҳ кумак мерасонад. Коршиносони ҳарбӣ барои ҳалли масъалаҳои назорати сарҳад кумак мерасонанд, қисмҳои махсуси ҳарбӣ барои кам кардани хариду фурӯши маводи нашъадор тамоми тадбирҳоро меандешанд. Маркази САҲА дар Душанбе ба Тоҷикистон дар мувофиқ сохтани қонунҳои амалкунанда ба талаботи замони ҳозира, хусусан қонунҳои марбут ба воситаҳои ахбори омма кумак мерасонад.

Ман бо камоли қаноатмандӣ изҳор менамоям, ки Тоҷикистон тӯли солҳои охир торафт бештар ба аъзои нисбатан фаъол ва мӯътабари созмонҳои байналхалқӣ табдил ёфта, ҳамчун давлати мустақили Осиёи Марказӣ дар роҳи бунёди ҳаёти осоишта қадам мезанад. Орзу дорам, ки халқи тоҷик дар ин роҳ комёбиҳои бузург ба даст орад.

ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР АВРУПО. МУШКИЛОТИ ГЛОБАЛӢ ДАР МИСОЛИ ЯК КИШВАР

Владимир Пряхин - Сафир, доктори илмҳои сиёсӣ, Роҳбари Дафтари САҲА дар Тоҷикистон

Соли 1992 Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) кишварҳои Осиёи Марказиро ба сафи худ қабул намуда, ҷиҳати нигоҳ доштани сулҳу субот ҳам дар минтақа ва ҳам дар муносибатҳои ҳар яке аз ин кишварҳо масъулияти муҳимеро ба дӯши худ гирифт.

Ин ӯҳдадориҳо нисбати Тоҷикистон, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар он ҷанги шаҳрвандӣ идома меёфт, хислати рӯзмарра доштанд. Созмони амният ва ҳамкориҳо дар Аврупо (САҲА) дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид барои барқарор намудани сулҳи шаҳрвандӣ дар кишвар, баргардонидани фирориён ва бунёди давлати ҷавони соҳибистиқлоли тоҷикон кӯшишҳо ба харҷ дод. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ 27 июни соли 1997 кишвар ба марҳалаи нави рушди худ ворид гардид, ки дар он асосан масъалаи эҳёи иқтисодиёти кишвар, маҳви камбизоатӣ, барқарор намудани ҳамкориҳои минтақавӣ ва созмон додани институтҳои давлати демократӣ-дунявӣ аҳамияти муҳим доштанд.

Аммо, пеш аз ҳама, ба кишвар барои рафъи оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ бояд кумак расонида мешуд. Соли 2004 Ҳукумати Тоҷикистон ба САҲА барои нест намудани аслиҳаи сабуки оташфишон (*Л*СО), лавозимоти оддии ҷангӣ ва ҳамчунин бахри мукаммал намудани амнияти низоми нигаҳдорӣ ва идораи захираҳои давлатӣ мурочиат намуд. САҲА тавассути Дафтари худ дар Тоҷикистон ба таҳияи барномаи калонҳаҷм ҷиҳати аз байн бурдани изофаҳо, беҳдошти анбори захираҳо ва кам кардани хафви дуздидани маводҳои хатарнок шурӯъ намуд.

Моҳи августи соли 2005 Дафтари САҲА дар Тоҷикистон барномаро оид ба нест кардани 34 тонна лавозимоти изофагии ҷангӣ ва 26 ҳазор дона аслиҳаи сабуку оташфишон оғоз намуд. Дар чорчубаи ин барнома нӯҳ нафар коршиносони миллӣ оид ба нест кардани маводи тарканда омода карда шуда, ҷиҳати нобуд кардани аслиҳаи сабуки оташфишон (АСО) иншооти махсус сохта шуд. Ба ғайр аз он, Дафтар дар таъмир ва сохтани ҳафт анбори нав ҷиҳати таъмини амният ва нигаҳдории АСО ва лавозимоти ҷангӣ мусоидат намуд. Аз ҷониби кишварҳои Нидерландия,

Норвегия, Словения, ИМА, Финландия, Фаронса ва Шведсия ба Тоҷикистон кумакҳои зиёд расонида шуданд.

Баъди бомуваффақият ба анҷом расидани давраи якуми барнома, ноябри соли 2006 Ҳукумати Тоҷикистон ба САҲА бо хоҳиши ёрӣ расондан дар давраи дуюми он барои ҳалли масъалаҳои минтақавӣ дар тамоми кишвар, аз ҷумла дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон мурочиат намуд. Давраи дуюми барнома, ки июли соли 2006 оғоз ёфт, барои нест кардани боқимондаҳои тезонандаҳои мушакии зиёдатӣ ва сохтмони 32 иншоот оид ба нигаҳдорӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар саросари кишвар равона гардида буд. Гурӯҳи донорӣ бо ҳамроҳ шудани Андорра мустаҳкамтар шуд.

Мудҳиштарин мероси ҷанги шаҳрвандӣ ин минаҳо ва захираҳои ҷангии нотаркида мебошанд, ки дар 25 км. мукааб паҳн гаштаанд. Ҳар сол 7-8 нафар қурбонии ҳамин минаҳо мешавад. Миқдори умумии қурбоншудагон бошад, аллакай қариб ба 300 нафар расидааст.

Аз соли 2003 бо хоҳиши Ҳукумати Тоҷикистон САҲА тавассути дафтари худ дар Тоҷикистон ба кишвар барои ҳалли масъалаи хавфи гуманитарӣ, ки аз ҷониби минаҳои зидди аскари пиёда бармеояд, кумак расонд. Аз мина тоза кардан ба амнияти иқтисодӣ ва экологӣ саҳми арзанда дорад, ҳарчанд ки қисми бештари заминҳо барои эҳтиёҷи кишоварзӣ ва дарахтшинонӣ озод карда мешаванд. Он ҳамчунин барои беҳтар кардани ҳамкориҳои нақлиёти наздисарҳадӣ кумак мерасонад.

Дафтари САҲА якумин бор барои Созмони мо барномаи аз мина тоза карданро таҳия менамояд. Барномаи мазкур дар ҳамкории зич бо Бунёди Швейсария оид ба тоза кардан аз минаҳо (FSD) амалӣ карда мешавад. Аз сентябри соли 2004 дар доираи барнома чунин амалҳо иҷро гардиданд:

- замини масоҳаташ 1,1 млн. метри мукааб аз мина тоза карда шуд;
- роҳҳои комуникатсионӣ бо масоҳати умумии 214 км. мукааб аз мина озод карда шуданд;
- барои фаъолияти хоҷагидорӣ бо масоҳати 18 км. мукааб заминҳое баргардонида шуданд, ки қаблан заминҳои минадор ба ҳисоб мерафтанд;
- қариб 4500 минаи зидди аскари пиёда ва 1400 снаряди нотаркида нобуд карда шуд.

Бо ёрии кишварҳои мададрасон Дафтари САҲА дар Тоҷикистон фаъолияти марказро оид ба тайёрии сагҳои миначӯянда ташкил ва дастгирӣ намуд. Сагҳоро гурӯҳҳои аз мина поксозанда дар водии Рашт ва ноҳияи Панҷ - ҷануби Тоҷикистон истифода мебаранд.

Дар доираи барнома ҷиҳати аз мина тоза кардан Дафтари САҲА фаъолиятро ҷиҳати таъмини имкониятҳои воридшавӣ ба

канали обӣ дар ноҳияи Панҷ дар ҷануби Тоҷикистон дастгирӣ намуд. Канали мазкур як замон обёрии заминҳои фермериро дар ин маҳаллаҳои камбағале, ки дар сарҳади Афғонистон ҷой доштанд, таъмин мекард. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ солҳои 1992-1997 дар як қисмати канал мина гузошта шуда буд; лойқанокшавии ногузир роҳи обро баста буд. Ҳамаи ин ботлоқшавии заминҳои хоҷагидорӣ ва коҳиши ҷиддии гуманитарӣ, иқтисодӣ ва экологиро бар думбол дошт.

Марти соли 2007 бо ёрии Бунёди Швейсария ҷиҳати тоза кардани минаҳо (FSD) Дафтар лоиҳаро оид ба аз мина тоза кардани канал таҳия намуд. Дар хусуси аҳамияти ин амал он воқеа шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз то ба охир расидани ин лоиҳа қисми зиёди аҳолии маҳаллӣ, ки ба дигар ҷойҳо кӯчида буданд, изҳор намуданд, ки онҳо ҳамон вақт ба деҳаҳои худ бармегарданд, агар минаҳо гирифта шаванд ва канал барои истифодаи маҳал дода шавад.

Як хусусияти хоси Тоҷикистон ин буд, ки як қатор мушкилоте, ки ин кишвар дар рушди худ дучор мешуд, характери глобалӣ дошта ва хусусан бе мусоидати ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла САҲА роҳи ҳалли худро ёфта наметавонистанд.

Пеш аз ҳама бо роҳи ғайриқонунӣ гузаронидани маводи нашъадорро тавассути Тоҷикистон ба шумори ин мушкилот шомил кардан мумкин аст. Инак қариб ду даҳсола мешавад, ки миқдори зиёди афюн сарҳади байни ду кишварро убур карда, аз Афғонистон ба Аврупо интиқол меёбад.

Танҳо дар соли 2007 мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5270 кг. маводи нашъадор, аз ҷумла 1549 кг. героин, 2546 кг. афюн ва 1174 кг. бангро дастгир ва мусодира намуданд. Ин нишондод аз миқдори маводи нашъадоре, ки соли 2006 дастгир шуда буд, 10 фоиз зиёд аст.[1]

Бинобар ин яке аз муҳиматарин авлавиятҳои фаъолияти САҲА мусоидат кардан дар таҳкими режими сарҳадӣ мебошад.

Июл-августи соли 2006 мувофиқи хоҳиши ҷониби тоҷикистонӣ Шӯъбаи амалиёти сарҳадии Котиботи САҲА талабот ва иқтидори мақомоти дахлдорро дар ҳалли мушкилоти мавҷуда таҳлил намуд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил гурӯҳи мутахассисон чанд пешниҳодеро, ки сетоаш дар соли 2007 аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон қабул гардид, таҳия намуд ва марти соли 2008 амалисозии лоиҳаҳои ғайрибуҷавӣ бо кумаки молиявии ҷониби ҳукуматҳои Финляндия ва Норвегия оғоз гардид.

Тавассути ин лоиҳаҳо, хусусан мусоидат кардан ба Ҳукумати Тоҷикистон дар таҳияи стратегияи миллии ҳифзи сарҳадот, иҷроиши лоиҳа роҷеъ ба таҳкими режими сарҳадӣ бо пешниҳод шудани омӯзгорони пуртаҷриба дар соҳаи тайёр намудани ҳайати шахсӣ барои ҳифзи сарҳад, инчунин ба кор андохтани

1 Country Report from the mini-Dublin Group on Tajikistan

лоиҳа оид ба сохтани терминали муосири гумрукӣ дар шарқи кишвар - дар Мурғоб, дар назар дошта шудааст.

Таҳкими режими сарҳад ва мубориза алайҳи гузаронидани маводи нашъадор рушди ҳамкориҳои зичро бо Афғонистон дар назар дорад. Қарори махсус оид ба Афғонистон, ки дар Мадрид, дар Ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои САҲА қабул гардида буд, таҳкими фаъоли ҳузури саҳроии САҲА дар Тоҷикистон барои мусоидати рушди тиҷорати фаромарзӣ, алоқаҳои тоҷирони ду кишварро дар назар дорад.

Ба ин мақсад Дафтари САҲА ҷиҳати ташкил кардани бизнес-форумҳои доимии тоҷирони ду кишвар, рушди тиҷорати наздисарҳадӣ ва беҳтар кардани муносибатҳои корӣ мусоидат мекунад. Дар ин росто бозорҳои наздисарҳадӣ, ки бо кумаки САҲА дар панҷ пули наве, ки дар дарёи Панҷ дар ҷойҳои ҷамъшавии бештари аҳолӣ сохта шудаанд, аҳамияти калон доранд.

Аммо ҳалли мушкилоти нақлиёти Тоҷикистон ҳамчун кишвари муваҷҷеҳ ба марзи баста дар даруни қитъаи АвруОсиё ва маҳрум аз роҳ доштан ба бахр, аҳамияти бештаре дорад.

Кишварҳои таърихан бузурги минтақа, аз ҷумла сулолаи машҳури тоҷикон - Сомониён бо бузургии худ аз ҷойгиршавиашон дар муҳимтарин роҳи қадимаи нақлиётӣ - Роҳи бузурги абрешим миннатдор буданд. Паст шудани аҳамияти он маънои оғози таназзули иқтисодии минтақаро дошт.

Ҳанӯз ҳам Тоҷикистон дар рушди инфраструктураи нақлиётии Осиёи Марказӣ чи дар самти ҷануб-шимол ва чи ғарб-шарқ нақши калон мебозад. Хусусан боз шудани пули нави «Дусти» тавассути дарёи Панҷ дар Панҷи Поён дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон дар моҳи августи соли 2007 аҳамияти ниҳоят муҳим дорад. Ин иншоот имкон медиҳад, ки дар муддати як шабонарӯз сарҳадро зиёда аз ҳазор воҳид воситаи нақлиётӣ убур намояд. Чунин имконияти убур боиси он шуда метавонад, ки дар консепсияи нақлиётии як қатор давлатҳои Осиёи Марказӣ тағйироти нави муфид ворид шавад. Онҳо метавонанд роҳи нави арзони воридшавӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ тавассути бандарҳои Уқёнуси Ҳиндро ба даст оранд.

Яке аз дигар масъалаҳои муҳими Тоҷикистон ва минтақа – ин ҳуқуқи истифодаи об мебошад. Кишвар барои истифокунандагони об дар ҳудудҳои бештари минтақа донор ба ҳисоб меравад. Вале обанборҳо, каналҳо, иншоотҳои обёрикунанда ва тозакунандаи ҷумҳурӣ дар ҳоли ба пуррагӣ вайроншавӣ қарор доранд. Ҳамчунин ҷиҳати барқарорсозӣ ва дар ҳолати мӯътадил нигоҳ доштани онҳо дар сатҳи минтақавӣ ва болотар аз он кӯшишҳои мувофиқашуда зарурат доранд.

Мушкилиҳои ҳифзи муҳити осебпазири зист бо масъалҳои таъмини об алоқамандии зич доранд. Дар натиҷаи гармшавии ҷаҳонӣ ва баландшавии ҳарорати миёнаи солона раванди обша-

вии пиряхҳо ва вобаста ба он камшавии захираи об дар минтақа ба назар мерасад. Ва ин барои соҳаи кишоварзии минтақа, ки ба обёрикунии доимии майдонҳои пахтазор ва рӯёндани дигар намуди маҳсулоти кишоварзӣ эҳтиёҷ дорад, оқибатҳои манфӣ дошта метавонад.

Норасоии об ҳамчунин ба нарасидани қувваи барқ оварда мерасонад. Дар зимистони сарди солҳои 2007-2008 Тоҷикистон дар натиҷаи камшавии об аз нисф зиёди қувваи баркро, ки одатан аз нерӯгоҳи баркӣ-обии Норак ворид мегардид, гирифта натавонист. Дар натиҷаи ин ҷумҳурӣ ба бӯхрони шадиди энергетикӣ рӯбарӯ омад, ки ин ба паст шудани ҳаҷми ҳам истеҳсолоти саноатӣ ва ҳам маҳсулоти кишоварзӣ оварда расонд.

Дар Дафтари САҲА дар Тоҷикистон лоиҳаҳои самти гуманитаридошта низ кам нестанд.

Тоҷикистон кишвари нодирест дар ҷомеаи байналмилалӣ ва дар он сохтмони асосҳои давлати демократии дунявии бисёрмазҳабӣ дар хати пеши муқовимат алайҳи ифротгароии динӣ ва зулмот, ки дар хоки онҳо заҳрпечаки терроризми байналмилалӣ реша мегирад, амалӣ магардад.

Мутаассифона, мубориза алайҳи ин гуна зуҳурот бештар тавассути андешидани чораҳои техникӣ ва маъмурӣ амалӣ мегардад, гарчанде тадбирҳои таъсиррасонии идеологӣ нақши бузурге бозида метавонанд. Мероси бузурги фарҳангии халқҳои Шарқ дар маҷмӯъ ва Тоҷикистон дар алоҳидагӣ алайҳи пропагандаи соддалавҳонаи зиддияти нажодӣ ва динӣ ба таври бояду шояд истифода бурда намешавад. Ҳол он ки 800 сол муқаддам дар доманакӯҳҳои Помир, дар ноҳияи Балх идеологи бузурги таҳаммулпазирии динӣ, классики адабиёти тоҷику форс ва адабиёти ҷаҳонӣ Ҷалолиддини Румӣ (1207-1273) ба дунё омада буд.

Фаррохияти Румӣ (Мавлонои Балхӣ) боз дар он зоҳир мегардад, ки ақидаҳои ӯ сарфи назар аз зода шуданаш дар дохили ҷаҳони ислом ба ягон дини мушаххас побанд нестанд. Дар баробари он ақидаҳои ӯ бо ҳама гуна боварии самимӣ ба Худои ягона зич алоқаманд ҳастанд.

Оид ба фаррохияти характери ақидаҳои Румӣ метавон гуфт, ки марги ӯро 17 декабри соли 1273 бинобар шаҳодати шоҳидон намояндагони тамоми динҳо ва табақаҳо навҳа карданд. Вақте хабари марги Ҷалолиддин ба Истамбул расид, ҳазорҳо одамон ба кӯчаҳо баромаданд: занон, кӯдакон, косибон-кӯҳансолон, ҳунармандон, хизматгорон, тоҷирон, деҳқонон. Туркҳо, арманҳо, юнониҳо, мусулмонон, яҳудиён, насрониён китобҳои Қуръон, Талмуд, сураҳои Забурро мехонданд, ҳама мехост Румиро ба роҳи охирин гусел кунад.

Дафтари САҲА дар Тоҷикистон ба Ҳукумати кишвари иқомат дар иҷрои ӯҳдадориҳои ӯ оид ба ҳуқуқи инсон, волоияти қонун ва демократикунонӣ, ки дар чаҳорчӯбаи САҲА қабул гардида-

анд, мусоидат менамояд. Дафтар риояи қонунҳо ва озодиҳои бунёдии инсонро дар кишвар назорат ва дастгирӣ карда, инчунин ба бархӯрдории гендерӣ, баробарӣ ва рушд, васоити ахбори оммаи озод кумак мекунад.

Бо ёрии фаъоли САҲА қонунгузории кишвар мувофиқи стандартҳои аврупоӣ, қоидаҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи ҳуқуқи инсон танзим карда мешавад. Дафтар, асосан, фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматиро, ки мониторингҳо гузаронидаанд ва таҷрибаи судиро дар тамоми кишвар барои мувофиқати қарори одилона ба стандартҳои байналхалқӣ таҳлил менамояд.

Дар давоми соли 2008 Дафтар дар гузаронидани таҳқиқоти «Индекси ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон» мусоидат намуд. Натиҷаҳои ин таҳқиқот ба ҳукумат ва ҷамъияти шаҳрвандӣ пешниҳод гардида, дар оянда ҳамчун восита барои баҳо додани рушди системаи ҳуқуқӣ дар кишвар хизмат мекунад. Дар соли 2007 Дафтар барои амалӣ намудани лоиҳа оид ба моликияти ҳуқуқӣ шурӯъ намуд, ки диққати асосӣ ба ҳолатҳои мусодираи имконпазири моликияти шахсӣ аз ҷониби ҳукуматҳои мунисипалӣ дода мешавад. Дар соли 2008 гузаронидани мизи мудаввар барои муҳокимаи натиҷаҳои амаликунии ин лоиҳа дар назар дошта шудааст. Дар робита ва ҳамкорӣ бо ҳукумат ва ҷамъияти шаҳрвандӣ иштирок дар амалӣ гардидани лоиҳа оид ба дастгирии ӯҳдадориҳои намоянда оид ба ҳуқуқи инсон дар назар дошта шудааст. Ин ҷо сухан дар бораи ташкил кардани институтҳои миллӣ меравад, ки Тоҷикистон ташкил ва истифодаи онро барои ошкор кардани вайронкуниҳои гуногуни ҳуқуқи инсон, инчунин барои ҳалли шикоятҳои шахсии шаҳрвандони кишвар ба ӯҳда дорад.

Аз соли 2000 Дафтари САҲА ба Тоҷикистон барои гузаронидани ислоҳоти муассисаҳои ислоҳотӣ мусоидат мекунад. Ин барномаи ҳукумат мутаассифона ғайриқаноатбахш амалӣ мешавад. Дар ин бора ҳолатҳои зиёди вайронкунии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла риоя нашудани меъёрҳои баровардани ҳукми судӣ, иттилоъ оид ба шиканҷа додан ва муносибати бераҳмона бо маҳбусон, шаҳодат медиҳанд. Аз соли 2006 Дафтари САҲА узви гуруҳи корӣ оид ба ислоҳоти муассисаҳои корҳои ислоҳотӣ мебошад, ба гурӯҳи мазкур ҳамчунин созмонҳои байналмилалӣ шомиланд, ки аз шароитҳои нигоҳ доштани шахсоне, ки дар Тоҷикистон маҳбус гардидаанд, дар таассуф мебошанд. Дафтар умед дорад, ки ҳукумати кишвар ҳамчунин намояндагони худро ба гурӯҳи кории мазкур фиристода, бо ин ворид шудани ҷонибҳои дахлдорро аз намояндагони Кумитаи байналхалқии Салиби Сурх ва ғайра таъмин менамояд.

Асоси демократия ин интихоботи озод ва одилона мебошад. САҲА ба ҳукумати Тоҷикистон дар таҳдиди қонунгузории интихоботӣ ва тартиби интихобот мувофиқи стандартҳо ва

ӯҳдадориҳои умумиаврупоӣ, ки аз ҷониби кишвар қабул гардида буданд, диққати ҷиддӣ медиҳад. Ҳангоми омодагӣ ба интихоботи парлумонӣ феврали соли 2005 ҳузури саҳроии САҲА дар Тоҷикистон якҷоя бо Дафтар оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДИДҲИ) ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил ва гузаронидани конфронс оид ба масъалаҳои интихобот, ки дар он ду қонуни алтернативӣ дар бораи интихоботи парлумонӣ таҳия гардид, мусоидат намуд. Дафтар дар ҳамкорӣ бо ҳукумати Тоҷикистон ба садҳо намояндагони ДИДҲИ ёрӣ расонида, аз рафти интихоботи парлумони кишвар феврали соли 2005 ва президенти ҷумҳурӣ ноябри соли 2006 назорат кард.

Дар асоси натиҷаҳои мониторинги интихоботи солҳои 2005 ва 2006, ки миссияҳои САҲА/Офиси ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон гузарониданд, барои ҳукумати Тоҷикистон тавсияномаҳо таҳия гардиданд. Дафтари САҲА дар соли 2008 маблағгузории ташкили семинарҳо ва баҳсҳоро дар мизи мудаввар бо мақсади муҳокимаи ислоҳоти пешниҳодгардида, ки дар оянда барои гузаронидани интихоботи озод ва одилона мусоидат мекунанд, идома дод. Ба мақсади дониши амалӣ додан ба шаҳрвандони Тоҷикистон ва барои таъмини саҳми онҳо дар демократикунонӣ, ки дар давлатҳои аъзои САҲА ҷараён дорад, Дафтар ният дорад намояндагони ҳукумат ва ҷомаеи шаҳрвандиро ба ҳайси нозирон дар интихобот ба кишварҳои хориҷӣ бифиристад. Ин ҷо сухан дар бораи он кишварҳои аъзои САҲА меравад, ки дар онҳо соли 2008 интихоботҳои парлумонӣ ва президентӣ доир гардиданд.

Аз рӯзҳои аввали фаъолияташ дар Тоҷикистон ҳузури саҳроии САҲА дар ин кишвар нақши созмонеро роҷеъ ба ҷамъоварӣ ва паҳн кардани иттилоъ барои ҷомеаи шаҳрвандӣ, тамоми аҳолӣ ва сохторҳои давлатӣ мебозид. Курсҳои омӯзишии махсус бо дастгирии САҲА ба лидерҳои ояндаи тоҷикистонӣ барои шиносоӣ бо стандартҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон кумак расониданд.

Дар соли 2007 Дафтар дар амалисозии «Курсҳои махсуси омӯзишӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи байналмилалӣ», ки дар он 40 донишҷӯи донишгоҳҳо ширкат варзиданд, мусоидат намуд (шумораи баробари донишҷуён фанҳои ҳуқуқшиносӣ ва ва ғайриҳуқуқшиносиро аз худ намуданд).

Иштирокдорон дар омӯзиши дуҳафтаинаи назариявӣ ва таҷрибавӣ дар соҳаи татбиқи принсипҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ширкат варзиданд.

Дар соли 2008 Дафтар нақшаҳои худро оид ба такрори курсҳои омӯзишӣ ва зиёд кардани шумораи иштироккунандагон амалӣ кард. Дар ҳамкорӣ бо Идораи Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2007 дар амалӣ гардидани Қарори Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №272, ки мувофиқи он дар синфҳои 10 ва 11 мактабҳои миёна таълими фанни «Ҳуқуқи инсон» ҷорӣ

карда мешавад, ёрӣ расонид.

Дар доираи лоиҳа 2 китоб ва дастури методӣ барои муаллимони фанни ҳуқуқи инсон таҳия гардид, инчунин гирди мизи мудаввар бо иштироки муаллимони мактаб ва кормандони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар доираи лоиҳа 2 мубоҳиса гузаронида шуд.

Дар соли 2007 «Мулоқоти қаблӣ ҷиҳати баҳодиҳӣ ба ислоҳоти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон» гузаронида шуд. Ин баҳси шиддатноки якрӯза чанд ҳафта қабл аз Мулоқоти асосии ҳарсолаи САҲА, ки чун анъана дар Полша гузаронида шуда, дар он масъалаҳои ислоҳоти иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, доир гардид. Дафтар роҳкирои беш аз 10 намояндаи ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистонро ба Полша ҷиҳати иштирок дар мулоқоти ҳарсола оид ба баҳси ислоҳоти иҷтимоӣ пардохт намуд. Миёни чорабиниҳое, ки дар соли 2008 ба нақша гирифта шуда буданд, Дафтар дар дар ҷашни 60-солагии ба имзо расидани Эъломияи умумӣ оид ба ҳуқуқи инсон ширкат варзид. Ин ҳодиса дар Душанбе ва атрофи пойтахт бо чорабиниҳои идона ва хайриявӣ ҷашн гирифта шуд. Инчунин масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва проблемаҳои барои Тоҷикистон рӯзмарра дар мизи мудаввар мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар фаъолияти САҲА дар Душанбе татбиқи лоиҳаҳои гендерӣ аҳамияти хос дорад. Намояндагии САҲА дар Душанбе ва дафтарҳои саҳроии он дар маҳалҳо 9 маркази захиравии занонаро дар тамоми кишвар, ки машваратҳои бепули ҳуқуқӣ, тиббӣ ва психологӣ пешниҳод карда, ба занҳо дар гирифтани маълумоти ибтидоӣ ва рушди малакаи касбӣ кумак мекунанд, дастгирӣ намуд. Дар соли 2006 зиёда аз 24 000 нафар аз фаъолияти ин марказ манфиат ба даст оварданд. Бо дастгирии молиявии ИМА Дафтари САҲА якумин паноҳгоҳ барои қурбониёни зуроварии хонаводагиро дар Хуҷанд - шимоли Тоҷикистон дастгирӣ намуд. Аз соли 2006 паноҳгоҳ қариб ба 3000 нафар занон ёрии ҳуқуқӣ ва психологӣ расонида, ба 41 нафари онҳо сарпаноҳ дод.

Дафтар ҳамчунин дар ҷорӣ кардани ҷанбаҳои гендерӣ дар маориф тавассути лоиҳаи пилотӣ, ки якҷоя бо институти такмили ихтисоси муаллимон дар Душанбе амалӣ мегардад, ёрӣ мерасонад. Барои қонеъ кардани эҳтиёҷи муаллимони мактабҳои миёна барномаи таълимӣ таҳия гардид, 16 нафар дастурдиҳандагон курси омӯзишиеро гузаштанд, ки ба онҳо имкон дод тренер шаванд. Маҷаллаи гендерии «Равзана ба ҷаҳон» ва вебсайти www.ravzana.tj, ки аз ҷониби САҲА дастгирӣ ёфтанд, барои баланд бардоштани бархӯрдории ҳукуматҳои маҳаллӣ, сарварони ҷамъиятӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ аз масъалаҳои гендерӣ кумак расониданд.

Аз соли 2006 Дафтар дар тайёр намудани зиёда аз 350 нафар хизматчиёни давлатӣ дар тамоми кишвар дар гузаронидани си-

ёсати баробарии гендерӣ кумак намуд. Дар таҳкими иқтидори созмонҳои ғайриҳукуматии занон Дафтар форумеро, ки нақши занони тоҷикро дар масъалаи рушд мавриди баррасӣ қарор дод, маблағгузорӣ намуд.

САҲА ҳамчунин ба гурӯҳи коршиносони созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар омода намудани ҳисобот оид ба иҷроиши Конвенсияи СММ дар бораи решакан кардани ҳар гуна падидаҳои дискриминатсионӣ нисбат ба занон (CEDAW) мусоидат намуд. Ҳисобот, ки муваффақона ба Кумитаи СММ дар Ню-Йорк пешкаш гардид, маълумоти арзишнок ва ибтидоиро ба Тавсияномаи СММ ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Якҷоя бо Кумитаи Парламент оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, гендерӣ ва экологӣ, инчунин бо Кумитаи ҳукуматӣ оид ба корҳои занон ва оила Дафтари САҲА чиҳати баланд бардоштани бохабарии аъзои Парламент дар бораи баробарии гендерӣ ва таҳкими қобилиятҳо ҳангоми дохил кардани масъалаҳои гендерӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, чи дар таҳия ва чи дар аз нав дида баромадани қонунҳо ва дастурҳо фаъолият анҷом додааст. Дафтари душанбегии Марказ ҳамчунин идеяи доир намудани муҳокимаи ошкороро роҷеъ ба татбиқи Қонун дар бораи баробарии гендерӣ пешниҳод намуд. Дар бораи беҳтар кардани Қонун дар бораи баробарии гендерӣ ва амалӣ намудани механизми татбиқи ин Қонун тавассути меъёрҳо ва қарорҳо чанд пешниҳоди мушаххас ба миён омад.

Дар фаъолияти САҲА мубориза зидди харидуфӯруши одамон мавқеи муҳим дорад. Дафтар дар Тоҷикистон аз ҷумла дар бобати баланд бардоштани тайёрии касбии хабарнигорон чиҳати беҳтар инъикос кардани ҳолатҳои мубориза зидди харидуфурӯши одамон мусоидат карда, маъракаҳои иттилоттиро дастгирӣ менамуд ва барои ошкор кардани камбудиҳо дар қонунгузории миллӣ кумак карда, дар таҳияи нақшаи миллии фаъолият оид ба мубориза бар зидди харидуфурӯши одамон ёрии консултативӣ мерасонид.

Ба Ҳукумати Тоҷикистон дар амалисозии лоиҳаҳое, ки барои гирифтани пеши роҳи харидуфурӯши одамон равона карда шудаанд, бо гузаронидани якчанд чорабинии иттилоотӣ-омузишӣ чиҳати баланд бардоштани бохабарии кӯдакон ва ҷавонон дар бораи харидуфурӯши одамон, инчунин оқибатҳо ва усулҳои истихдом кардан бо мақсади истисмори минбаъдаи ҷинсӣ, мусоидат намуд. 3216 нафар, асосан ҷавонон ва донишҷуён дар чунин барномаҳои омузишӣ иштирок карданд. САҲА инчунин дар таҳкими иқтидори комиссия оид ба мубориза бар зидди харидуфурӯши одамон бо дастгирӣ ва иштирокаш дар чорабиниҳо, конфронсҳои байналмилалалӣ ва минтақавӣ роҷеъ ба муқовимат бо фурӯши одамон кумак мерасонад.

Тавре маълум аст, яке аз самтҳои муҳими ташаккули ҷомеаи

демократӣ ташкил ёфтани васоити ахбори оммаи (ВАО) мустақил ва аз нигоҳи касбӣ салоҳиятнок мебошад. Дар ин росто дар Тоҷикистони муосир мушкилот кам нест. Хабардор кардани ҷомеа ва сатҳи умумии рушди ВАО дар кишвар беҳбудӣ мехоҳад. Зарурати эҷоди боварӣ миёни сохторҳои давлатӣ ва ВАО-и мустақил ҳис карда мешавад. Ба хабарнигорон малакаи муосири пешниҳоди маводҳо ва стандартҳои дохилии мувофиқашудаи ихтисосӣ намерасад. Мақсади барномаи дастгирии ВАО, ки аз ҷониби Маркази САҲА дар Душанбе амалӣ мегардад, мусоидат кардан дар ҳалли пурраи ин мушкилот мебошад.

Пеш аз ҳама ин ба ташаккули пойгоҳи ҳуқуқии зарурӣ барои таъмини озодии ВАО тавъам бо масъулиятшиносии лозимии хабарнигорон барои паҳн кардани ахбори босифат ва мӯътамад вобастагӣ дорад. Дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ ва маҳаллӣ барои ВАО-и электронӣ бо мақсади муайян кардани мушкилоти рӯзмарра, ки ВАО-и электронӣ дучор мешаванд, аз ҷумла ҳангоми гирифтани литсензия, Дафтари САҲА конфронс ва чанд чаласаи мизи мудавварро доир намуд.

Дар соли 2008 дар доираи барномаи дастгирии ВАО-и ҳузури САҲА дар Душанбе оид ба масъалаҳои сиёсати муосир нисбати ВАО, ки имконият медиҳад фаъолияти ВАО-ро дар Тоҷикистон ҷоннок намуда, бовариро миёни ҳукумат ва ВАО-и мустақил дар асоси принсипҳои демократӣ ва меъёрҳои одоб ва касбӣ мустаҳкам намояд, муколама ҷараён дод. Бо ташаббуси Марказ чанд ҳолат дар соҳаи рушди медиа-бизнес дар кишвар мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Тадқиқоти ҷиддии рушди нашриёти чопӣ аз унсурҳои таҳлилии паҳн кардани рӯзнома ва маҷаллаҳо, омилҳои нархгузорӣ ва имкониятҳои корӣ дар ВАО-и Тоҷикистон иборат аст.

Дастгирии техникии воситаҳои ахбори оммаи чопӣ ҳамчунин ба зиёд кардани адади нашр ва таъмини аҳолии деҳоти Тоҷикистон бо нашрияҳои маҳаллӣ равона карда шудааст. Роҷеъ ба дастгирии нашрияҳои чопии мустақил ба мақсади баланд бардоштани даромади тиҷоратии онҳо лоиҳа пешниҳод гардидааст.

Дар соҳаи таъмини дастрасӣ доштан ба иттилоот дар Тоҷикистон Маркази САҲА ба маркази захиравии матбуотӣ дар Душанбе, ки дар он аз соли 2004 инҷониб хабарнигорон ва донишҷуёни факултаи журналистика метавонанд озодона интернетро истифода намуда, бо адабиёти касбӣ шинос шаванд, ёрӣ мерасонад. Ҳамчунин роҷеъ ба мусоидат кардан дар таҳияи қонуни нав дар бораи дастрасӣ доштан ба иттилоот кор бурда мешавад.

Таъмини озодии ВАО бо баланд бардоштани тайёрии тахассусии хабарнигорон ва ташаккули механизмҳои мустаҳками худидоракунӣ, аз ҷумла, тавассути таҳияи кодекси этикӣ алоқаи зич дорад.

Мувофиқи мандати худ ва дархости ҳукумати кишвари иқомат ҳузури саҳроии САҲА ба таври мунтазам мониторинг мегузаронад, оиди рушди бахшҳои иқтисодӣ ва экологӣ таҳлилҳо гузаронида, маълумот медиҳад. Фаъолияти мушаххас ба дастгирии рушди корхонаҳои хурду миёна, мусоидат ба кӯшишҳои ҳукумат дар гузаронидани ислоҳоти замин, пешгирӣ кардани таназзули замин, ифлосшавии радиоактивӣ ва муҳофизати меҳнатии ғайриқонунӣ равона карда шудааст. Дафтар ҳамчунин дар амалишавии фаъолияти иқтисодӣ ва экологии минтақавии САҲА кумак мерасонад.

Барои дастгирии барномаи давлатии паст кардани сатҳи камбизоатӣ САҲА дар Тоҷикистон лоиҳаҳоро оид ба рушди тиҷорати хурду миёна дар минтақаҳо, ки барои ин имкониятҳои мусоид доранд, маблағгузорӣ намуд. Аз соли 2006 бо мақсади дастгирии ҳукумат дар амалисозии барнома оид ба мубориза бо қашшоқӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар чанд маркази доимии захиравӣ ва омӯзишӣ боз гардид. Илова бар омӯзиши қоидаҳои асосии оғоз кардан ва ҷараён додани тиҷорат, ин марказҳо ҳамчунин ба муштариёни худ дастгирии ҳуқуқӣ пешкаш мекунанд. Қисми зиёди муштариёни марказ занҳое ҳастанд, ки шавҳаронашон барои дарёфт кардани музди меҳнат ба хориҷи кишвар рафтаанд. Марказҳо инчунин муҳоҷирони меҳнатиеро ҷалб мекунанд, ки ба Ватан баргашта, мехоҳанд маблағҳои бадастовардаашонро дар кушодани тиҷорати шахсӣ гузоранд, то зарурати дигарбора аз кишвар берун рафтанро надошта бошанд.

Аз соли 1996 Тоҷикистон ба табдил додани совхозу колхозҳои калон ба кооперативҳо ва фермаҳои хусусӣ шурӯъ намуд.

Ҷиҳати мусоидат намуданба Ҳукумати Тоҷикистондар татбиқи ислоҳоти замин САҲА дар соли 2004 оид ба омӯзиши фермерҳо, баланд бардоштани сатҳи бархурдории онҳо аз ҳуқуқҳои худ ва имкониятҳои истифодаи замин лоиҳае пешниҳод намуд.

Душанбе барои муассисаҳои кишоварзӣ ва хоҷагидорӣ дар ноҳияи Хатлон ва водии Рашт ҳамчун қадами минбаъда дар раванди дастгирии рушди кишоварзӣ марказҳои иттилоотӣ кушод. Азбаски қисми зиёди иқтисодиёти Тоҷикистон аз кишоварзист, дар соли 2008 марказҳои мусоидат ба тиҷорати хурду миёна ва марказҳои мусоидати фермерӣ дар як шабака муттаҳид карда шуданд. Дар ноҳияҳое, ки кишоварзӣ афзалият дорад, онҳо барои паҳн кардани иттилоот ва таҷрибаҳо барои беҳтар кардани ҳолати чорводорӣ, ҳосили зироат ва баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат кумак мерасонанд. Марказҳо ба соҳибкорон роҷеъ ба масъалаҳои гирифтани қарзҳои бонкӣ ва истифодаи онҳо, ҳамчунин барои истифодаи онҳо дар таҷрибаи ҳуқуқи нави худ бар бобати мустақилона ба нақша гирифтани гардиши кишт ва интихоби зироати кишоварзиро барои хоҷагиҳои худ маслиҳатҳо медиҳанд.

Қариб як миллион шаҳрванди Тоҷикистон ҳар сол ба ҷустуҷӯи кор ба хориҷа, аксаран ба Россия ва Қазоқистон мераванд. Қисми зиёди онҳо бинобар сабаби ба қадри кифоя огаҳӣ надоштан дар бораи талабот нисбати муҳоҷирон ва бақайдгирӣ, муҳоҷири ғайриқонунӣ мешаванд.

Аз соли 2004 инҷониб САҲА якҷоя бо Созмони байналмилалӣ оид ба муҳоҷирон барои муҳоҷирони потенсиалӣ марказҳои иттилоотӣ-захиравиро маблағгузорӣ мекунад. Барои ёрирасонӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон дар кам кардани шумораи муҳоҷироне, ки ҳолатҳои муқаррароти иммиграсионӣ ва бақайдгириро дар кишварҳои дахлдор вайрон мекунанд, дар соли 2006 ин гуна марказҳо ҳамчунин дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Шаҳритус боз шуданд.

Барои баланд бардоштани иқтидори ҳукумат дар соҳаи кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ Дафтари САҲА дар Тоҷикистон инчунин ба хадамоти шуғли аҳолии кишвар дар хориҷа дар васеъ кардан ва таъмири бинои онҳо, хариди таҷҳизоти компютерӣ, бастани созишномаҳо бо кироякунандагони хориҷии муҳоҷирони меҳнатии тоҷик мусоидат намуд. Дар соли 2007 Хадамоти оид ба корёбӣ дар хориҷа ба марказҳои САҲА оид ба дастгирии муҳоҷирон барои омӯзиши имкониятҳои беҳтар кардани алоқаҳо бо Хадамоти оид ба корёбӣ ба хотири он муроҷиат намуд, ки муҳоҷирон аз Тоҷикистон берун шуда, аллакай куҷо рафтану ба кадом кор машғул шуданашонро бидонанд.

Аз соли 2004 инҷониб САҲА ба рушди тиҷорати Тоҷикистон ва Афғонистон фаъолона мусоидат мекунад. Соли 2005 дар Хоруғ, маркази маъмурии вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) конфронси байналмилалӣ оид ба рушди тиҷорат миёни кишварҳое, ки бо минтақаи Помир ҳамсарҳад ҳастанд, баргузор гардид. Конфронс ба як қатор муомилоти тиҷорати фаромарзӣ мусоидат намуд.

Дар соли 2007 4 маркази доимӣ оид ба кумак ба тиҷорати наздисарҳадии Тоҷикистон ва Афғонистон боз гардид, ки аз он 2-тоаш дар ВМКБ, 1-тоаш дар қисми ҷанубии ноҳияи Хатлон ва 1-тоаш дар водии Рашт амал мекунад. Мақсади ифтитоҳи ин марказҳо таъмини соҳибкорони ҳар ду тарафи сарҳад бо маълумоти зарурӣ оид ба қоидаҳои гумрук ва бозорҳо, имконияти омӯзиши фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Диққати асосӣ асосан ба он муассисаҳои хурде равона карда мешавад, ки дар тиҷоратӣ фаромарзӣ ва транзитӣ саҳми арзанда доранд. Се маркази аввал дар гузаргоҳҳои асосии сарҳади Тоҷикистону Афғонистон фаъолият карда, чорумаш тиҷорати наздисарҳадиро дар ҷанубии Қиргизистон дастгирӣ мекунад.

Дафтари САҲА дар Тоҷикистон ба кишвари иқомат дар таҳияи стратегияи миллӣ дар соҳаи муҳити зист барои солҳои 2005-2020, чанд стратегияи соҳавӣ дар бахши хоҷагии об ва идораи захираҳои

обӣ, инчунин мониторинги муҳити зист кумаки лозимӣ расонид. Стратегияҳо ба такмили қонунгузорӣ, омодасозии мутахассисон ва муайян намудани навбат дар ҳалли мушкилоти экологӣ равона карда шудаанд. Дафтар инчунин таҳияи лоиҳаи Қонун дар бораи ҳифзи муҳити зист ва 5 санади зерқонунро барои аз ҷониби парлумон қабул шудан дар соли 2008 дастгирӣ намуд. Бо мусоидати САҲА дар Тоҷикистон ҳаракат оид ба татбиқи конвенсияи Орхусс ташкил шуда, рушд меёбад.

Яке аз авлавиятҳои экологии Тоҷикистон индеградатсияи хок ва фарсоиши он мебошад, ки ба 97 фоизи заминҳои кишти ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин самт кори фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби Дафтари САҲА дар Тоҷикистон ва офисҳои саҳроии он дар Хуҷанд, Қурғонтеппа, Кӯлоб ва Шаҳритус зиёда аз 1 млн. нафарро аз вилоятҳои Хатлон ва Суғди кишвар фаро гирифт. Дар чорчӯбаи барномаҳои омодасозӣ ва гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ, ки САҲА ташкил кардааст, аҳолии водии Рашт ва вилояти Хатлон дар ҷануб ва шарқи Тоҷикистон барои пешгирии деградатсияи замин ва фарсоиши он қариб 600 ҳазор ниҳол шинонд. Тавассути канали телевизионии давлатӣ дар масъалаҳои об, деградатсияи замин, ифлосшавии ҳаво ва ғайра мунтазам дарсҳои экологӣ пахш карда мешаванд.

Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз муҳимтарин истеҳсолкунандагони ашёи хоми уран барои саноати атомӣ ба ҳисоб мерафт. Чунин истихроҷи бузург баъди худ партовҳои зиёноварро боқӣ гузошт, ки хавфи олудашавии радиоактивии тахминан 10 млн. одамро чи дар Тоҷикистон ва чи дар Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон, ки дар водии дарёи Сир умр ба сар мебаранд, ба миён овардааст.

Ҷиҳати расонидани кумак барои ҳифзи саломатии аҳолии шаҳри Табошар, дар шимоли Тоҷикистон, ки зиёда аз 7,7 млн. тонна партовҳои радиоактивӣ гӯронда шуда буд, САҲА барои барқароркунии, лӯлаҳои харобгардидаи обёрикунӣ ва ҷӯйҳо ҷиҳати гирифтани пеши роҳи сел дар шаҳру атрофи он кумаки молиявӣ расонид. Ин барои ҳифзи оби нушокӣ аз олудашавии радиоактивӣ ёрӣ дод.

Дар соли 2007 дар Душанбе мулоқоти координатсионӣ баргузор гардид, ки иштирокчиёни он бо овози баланд оқибатҳои мушкилоти партовҳои радиоактивиро изҳор намуданд. Дафтари САҲА барои лоиҳае, ки дар доираи он ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои пешниҳод кардан ба донорҳо ба мақсади ҷалб кардани сармояи хориҷӣ ҷиҳати гӯр кардани партовҳои радиоактивӣ дар шимоли Тоҷикистон, таҳия гардиданд, кумаки молиявӣ пешниҳод намуд.

Мутаассифона, аз қадимулайём минтақаи Осиёи Марказӣ барои ҷомеаи байналмилалӣ ба таври худ мояи ихтилоф, ҳадафи бозиҳои калони геополитикии давлатҳои гуногун дар

кӯшиши онҳо баҳри таъмин намудани манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ-стратегиашон ба шумор мерафт. Асри XXI бо таҳдиду хатарҳояш ба ҷомеи ҷаҳонӣ маҷбур сохт, то ба минтақа, аз ҷумла ба Тоҷикистон аз дидгоҳи нав назар карда шавад. Ин кишвар на чун мояи рақобат, балки ба ҳайси платформаи ҳамкориҳои судманди давлатҳо ва халқҳо ба манфиати ҳалли муштараки мушкилоти глобалӣ густариш меёбад.

Ибрати ҳамдастии байналмилалӣ барои дастгирии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ гувоҳи ба миён омадани зарурати таҳияи идеологияи нави умумибашарист - идеологияе, ки ҳамаи одамонро новобаста аз мансубияти нажодӣ, этникӣ, мазҳабӣ ва иҷтимоӣ муттаҳид месозад.

Коллективи дӯсту бисёрмиллатаи Дафтари САҲА соҳиби ҳамин идеология мебошад, шаҳрвандони Арманистон, Олмон, Дания, Испания, Италия, Қазоқистон, Молдова, Ҳолланд, Норвегия, Россия, ИМА, Тоҷикистон, Финляндия ва Фаранса, ки дар он кор мекунанд. Дар таърихи понздаҳсолаи ҳузури саҳроии САҲА дар Тоҷикистон бошад намояндагони қариб ҳамаи кишварҳо–иштирокчиёни созмони мо муаррифӣ шуда буданд. Дар кори ҳамарӯзаи худ онҳо намунаи равшани ҳамкориҳои муфиду мушаххаси ҷомеи байналмилалиро ба манфиати ҳалли мушкилоти глобалӣ дар мисоли як кишвари алоҳида - Тоҷикистон нишон доданд.

Бо вуҷуди шумораи зиёдашон мушкилоти глобалӣ пайдоиши ягона доранд – суръати пешгузари рушди технологӣ нисбати раванди такмили ташкили ҷомеаи байналмилалии муосир. Ин ақибмонӣ ҳам ба гармшавии глобалӣ, ҳам ба афзудани бебандубори фарқияти байни кишварҳои бой ва фақир, ба бӯҳронҳои энергетикӣ, озуқаворӣ, демографӣ ва дигари замони мо сабаб мешавад. Олимон ҳушдор медиҳанд, ки агар ҷомеаи байналмилалӣ алайҳи ин мушкилот фаъолияти ҳалкунандаро пеш набарад, тамаддуни башарӣ аллакай то охири сеяки аввали садаи XXI бо мушкилоти зинда мондан дучор меояд.

САҲА ӯҳдадор аст дар шаклгирии ин идеологияи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳалли мушкилот нақши вижае дошта бошад. Ин созмон мувофиқи мандат ва ҳайати иштирокдоронаш нодир аст. Созмони мо якҷоя бо давлатҳо-шарикон оид ба ҳамкорӣ кишварҳои дар соҳаи саноат ва технология нисбатан нерӯманд - дорои қисми зиёди мероси мадании башариро муттаҳид мекунад.

Дар асри XX кишварҳои САҲА ба ҷомеаи байналмилалӣ формулаи нодири ҳуқуқи инсонро пешниҳод намуданд, ки бо ёрии он аз хатари термоядерии худнобудкунанда раҳоӣ ёфтан муяссар гардид. Дар асри XXI он бояд ба тамаддуни заминӣ алтернативаи худнобудкунии умумии бар асари истифодаи бефикру беақлонаи захираҳои худододро пешниҳод кунад.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – ҲАДДИ ҶАНУБИИ САҲА

Талбак Назаров -
Академик, Директори Бунёди ҷамъиятии хайрияи Тоҷикистон, собиқ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1]Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз касби истиқлолияти давлатӣ узви комилҳуқуқи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) гардид. Созмони мазкур, тавре маълум аст, яке аз бузургтарин ва бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ буда, 55 кишвари Аврупо, Америка ва Осиёро муттаҳид менамояд.

Тоҷикистон бино ба мавқеи ҷуғрофӣ ва геополитикиаш мавриди таваҷҷӯҳи зиёди САҲА қарор гирифтааст. Ҷумҳурӣ, чун ҳадди ҷанубии созмон, тайи даҳ соли охир миёни кишварҳои узви САҲА ва Афғонистони дар ҳоли ҷанг, ки он ҷо ҷунбиши асримиёнагии Толибон ҳукм меронд ва террористони байналмилалии Ал-Қоида ва ғайраро дар кишвар паноҳ медод, давлати буферӣ буд.

Ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 нишон доданд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ муддати дароз имкониятҳои толибон ва Ал-Қоидаро чун нерӯи қодир ба амалиётҳои миқёсан бузурги террористӣ берун аз Афғонистон нодида мегирифтанд. Ҳодисаҳои фоҷиаомези соли 2001 ҷаҳонро маҷбур сохт, то мавҷудияти таҳдидҳои нави ассиметрӣ, ки пеши онҳо ҳатто нерӯмандтарин миллатҳои муосир нотавон мондаанд, комилан дарк намояд. Дар шароити нав, чун таҳдид бар амният дар сатҳи фавқулода ҷаҳонӣ қарор дорад, пурсишҳои возеҳ ифодашудае ба вуҷуд омадаанд, ки ҷомеаи ҷаҳониро мебояд, ба онҳо посухи огоҳона дода бошад, ва бахусус: чӣ гуна ҳаётро дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ ва инфиродӣ ба роҳ монд, то бар зуҳуроти нави осебпазирӣ дастболо шуд; кадом ҳадафҳои умумӣ ва навъҳои ҳамоҳангшуда дар шароити ҷаҳонӣ бар зидди терроризм бояд мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 заъфи низоми ҳамаи кишварҳоро дар қиболи таҳдидҳои ташкилотҳои террористӣ ва шахсони алоҳида нишон дод. Ба далели ин ҳама, посухи муштарак ҳамоҳангиҳои фавқулодаи амалкарди ҷомеаи ҷаҳониро

1 Т.Н. Назаров «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва амн - ят», Душанбе, с. 2003, саҳ. 213-220

ҳангоми амалиёти низомӣ, ошкор намудани маълумот оид ба имкониятҳои молиявии ташкилотҳои террористӣ тақозо дорад.

Ҳанӯз то иттифоқ афтодани ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 таҳдиди терроризм ба Тоҷикистон эҳсос мегардид. Ин таҳдид пеш аз ҳама аз режими асримиёнагии Толибон бармеомад, ки он тавре таъкид гардид, террористони байналмилалӣ ва ифротгарони мазҳабиро дар Афғонистон паноҳ медод. Бо дарназардошти сиёсати душманонаи режими Толибон ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Тоҷикистон мо қатъӣ тасмим гирифтем, ки ба ҳеҷ ваҷҳ бо ин режим тамос нагирем ва алоқаҳои корӣ барқарор накунем. Гузашта аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи имкониятҳои худ ба рақиби режими толибони Афғонистон – Эътилофи Шимол кумак намуда, онро дар сатҳи СММ, САҲА, инчунин созмонҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ пуштибонӣ кард.

Ин ҳама наметавонист аз назари эътибори Намояндагии САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалии дар Тоҷикистон гуморидашуда берун монад. САҲА дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ва давраи баъдина дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон иштирок намуд. Намояндагони он ба ҷараёни гуфтушунидҳо назорат бурда, дар кори гурӯҳи тамос, ки яке аз таркибҳои мақомоти нерӯҳои посдори сулҳ дар Тоҷикистон буд, ширкат варзиданд. Ба ғайр аз СММ ва САҲА намояндагони кишварҳои кафил – Россия, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Покистон ва Афғонистон низ аъзои гурӯҳи тамос буданд.

Дар давоми фаъолияти худ гурӯҳи тамос беш аз 130 ҷаласа доир намуд, ки дар онҳо масъулини Намояндагии САҲА фаъолона иштирок доштанд. Онҳо натанҳо дар фаъолияти сулҳофарӣ ширкат карданд, балки ба ҷараёни баргузории интихоботҳои порлумонӣ ва президентӣ, райъпурсӣ оид ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ва ғайра назорат бурданд. Бахшҳои Намояндагии САҲА дар ҳоли ҳозир натанҳо дар Душанбе, балки дар чандин минтақаҳои ҷумҳурӣ фаъолият доранд.

Лозим ба ёдоварист, ки Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон оғози соли 1994 дар авҷи ҷанги шаҳрвандӣ таъсис гардид. Саҳми он дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ беандоза бузург аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши намояндагиро муҳим арзёбӣ намуда, ҳамкориҳои муштаракро бо он таҳким мебахшад.

Ҳоло Намояндагии САҲА дар ташаккули сохторҳои ниҳодие, ки раванди таъсиси ҷомеаи шаҳрвандиро дар Тоҷикистон муайян месозанд, иштирок дорад. САҲА ҳамчунин ба такомули санадҳои қонунии кишвар дар соҳаи низоми бисёрҳизбӣ, ҳуқуқи инсон, фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма ва ғайра таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамояд. Ҳамаи ин вазифаҳо аз мандати Намояндагии САҲА, ки қариб даҳ сол бе тағйирот дар Тоҷикистон мавриди

коргирӣ қарор гирифтааст, бармеояд.

Тавре маълум аст, акнун вазъ дар ҷумҳурӣ ҷиддан тағйир ёфта, кишвар дар роҳи инкишофи осоишта гом мебардорад ва авлавияти иқтисодӣ ҷойгузини «авлавияти ҷанг» шудааст. Дар ин гуна шароит мандати амалкунандаи Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон беш аз пеш ҳукми мансух мегирад, посухгӯи воқеияти муосири инкишофи осоиштаи кишвар буда наметавонад. Маҳз бо дарназардошти ин ҳолат Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди зарурати тағйир додан ва ворид намудани иловаҳо ба мандати Намояндагии САҲА масъалагузорӣ мекунад. Зимнан дар назар аст, ки мандати САҲА бояд ба таври қобили мулоҳиза бо андозагириҳои иқтисодӣ ва экологӣ, ки ҳамзамон метавонанд мушаххасоти ҳамкориҳои минтақавӣ ва амниятиро тавсеа бахшанд, такмил дода шавад.

Дар баробари ин, мо дарк мекунем, ки САҲА – ин созмони молиявӣ-кредитӣ нест ва пайдост, ки имкониятҳои таъмини захиравии лоиҳаҳои миллӣ ва минтақавиро надорад. Аммо САҲА имкониятҳои алтернативии дигаре дорад – он воқеан метавонад муҳити байналмилалии сиёсиеро ба вуҷуд оварад, ки амалкарди кишварҳои узви созмонро дар роҳи татбиқи ин ё он лоиҳаҳои мӯъҷиби инкишофи иқтисодӣ ва беҳбуди заминаи экологӣ ташвиқ созад. Илова бар ин, бояд таъкид кард, ки ба овози САҲА дар Иттиҳоди Аврупо, Бонки аврупоии тараққиёт ва рушд, Бонки ҷаҳонӣ, Фонди байналмилалии асъор ва ғайра гӯш медиҳанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳама даҳшатҳои ҷанги шаҳрвандиро паси сар карда, ҳоло дар марҳалаи эҳёи иқтисод қарор дорад, муносибати хайрхоҳонаи созмонҳои байналмилалӣ ба мушкилоту ниёзҳои он аҳамияти хос дорад. Созмонҳои байналмилалӣ низ, монанди СММ ва САҲА, кӯшишҳои Тоҷикистонро дар роҳи суръат бахшидан ба эҳёи иқтисодӣ ва беҳсозии раванди демократӣ, ба вуҷуд овардани шароитҳо барои инкишофи фарогири ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ташвиқ созанд. Дар робита ба ин, аз бардоштаҳо роҷеъ ба дастовардҳои раванди сулҳ дар Тоҷикистон дар маърӯзаи Дабири кулли СММ ҷаноби Кофи Аннан дар ҷаласаи 57 Маҷмааи Умумӣ ёдовар шуданро муҳим медонам: «Дар Тоҷикистон, - гуфта мешавад дар маърӯза, - раванди баъдиҷангии сулҳофарӣ идома ва бомуваффақият инкишоф меёбад. Фаъолияти бахши Созмони Милали Муттаҳид оид ба пуштибонии сулҳофарӣ дар Тоҷикистон ва гурӯҳи кишварии Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла ба шарофати ташвиқи идораи хуб ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, боиси суботи сиёсии вазъ ва амният дар ин кишвар гардид».

Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ, тағйиротҳои харобиовари табиӣ ва қатъ шудани робитаҳои иқтисодӣ миёни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Тоҷикистон аз лиҳози иқтисодӣ дар шумори ақибмондатарин кишварҳои минтақаи САҲА қарор гирифт.

Иқтисоди ҷумҳурӣ бино бар адами сармоягузориҳои берунӣ ва пуштибонии фаъолонаи ниҳодҳои молиявию кредитӣ наметавонад пайомадҳои вазнини омилҳои мазкурро бартараф созад. Ба шарофати «дастони сабук»-и шуморе аз воситаҳои ахбори омма кишвар аз нигоҳи амниятӣ ҳамоно «доғ»-и минтақаи номатлубро дорад. Намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Намояндагии САҲА дар ин росто бо ҳарос амал менамоянд ва сустӣ корҳои марбут ба эҳёи имиҷи Тоҷикистонро чун минтақаи матлуб барои сармояҳои берунӣ ва рушди тиҷорат ба сустӣ анҷом медиҳанд. Дар Тоҷикистон созмонҳои ғайриҳукуматии гуманитарӣ, ки дар солҳои ҷанг ба мардум кумаки зиёд карда буд, фаъолона кор мегиранд. Ҳоло низ ба қишрҳои гуногуни мардум кумакҳо расонда мешаванд. Дар баробари ин лозим ба таъкид аст, ки зимни беҳбудии вазъи ҷамъиятию сиёсӣ, зарурати шадиди тағйири авлавиятҳо боло мегирад: кумаки гуманитарӣ бояд ба кумак барои рушд табдил гардад. Танҳо бо ҳамин роҳ метавон проблемаҳои иқтисодиро барои дарозмуддат ҳаллу фасл кард. Чунин бархӯрд комилан посухгӯйи чорабиниҳои байналмилалӣ, монанди Форуми иқтисодии ҷаҳонӣ, ки моҳи феврали соли 2003 дар Ню-Йорк бо иштироки созмонҳои ғайриҳукуматии байналмилалӣ баргузор гардид ва конфронс дар Монтере (Мексика) оид ба масъалаҳои маблағгузории рушд ва саммит дар Йоханнесбург оид ба рушди устувор мебошад. Иштирокдорони вохӯриҳои байналмилалии мазкур ба мақсади пешбурди рушди иқтисодӣ дар асоси баробарии иҷтимоӣ, инчунин афзоиши самаранокии истифодаи захираҳое, ки барои инкишофи инфрасохторҳо, соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва ғайра ҷудо мегарданд, имкони инкишофи шарикӣ миёни давлат ва бахши хусусиро муфассал мавриди баррасӣ қарор доданд. Маҳз соҳаҳои ёдшуда дар мавриди «тангтар кардани варта»-е, ки натанҳо маънаван қобили пазириш нест, балки ба суботи ҷаҳонӣ аз таҳдидҳои асосӣ ба шумор меравад, бештар заминаи муқаддамотӣ доранд.

Дар ҳамоиши иқтисодӣ дар Ню-Йорк таъкид шудааст, ки захираҳои ҷаҳоние, ки барои кумак ба соҳаи рушд ҷудо мегарданд, солҳои охир пайваста коҳиш меёбанд ва он то андозае ба афзоиши таваҷҷӯҳ ба муносибатҳои тиҷоратӣ ба ҷойи кумаки бевосита бастагӣ дорад. Зимнан барои дастёбӣ ба пешрафт дар кишварҳои нодор сармояҳои мустақим ба иқтисоди онҳо омили калидӣ мебошад. Дар айни ҳол вазъ на бо роҳи ҷудо кардани кумаки сустсуратгиранда, балки дар асоси ҷараёни бузурги сармояҳои мустақими хориҷӣ ба кишварҳое, ки даромадашон ба сари аҳолӣ дар сатҳи поён қарор дорад, барои дастёбӣ ва нигоҳдории пойдори суръати баланди рушде, ки барои пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зарур аст, метавонад тағйир ёбад.

Ин ҳама зарурати аз байн бардоштани ихтилофҳои мавҷуда миёни кишварҳои пешрафта ва дар ҳоли рушдро дар мавриди

раҳёбӣ ба бозор, либерализатсияи кишоварзӣ, саноат, ҳимояи моликияти зеҳнӣ, меъёри меҳнат ва муҳити зист, ки ба болоравии ҷаҳонии тиҷорат ва рушд монеъ мегарданд, таҳмил месозад. Дарки ин масъала, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар мавриди водор сохтани он ба зарурати кӯшиши бештар ҳадафманд ҷиҳати дастёбӣ ба афзоиши сармояҳо ба мақсади рушд, кумак хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, комёбиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кам нестанд. Бахусус, дар робита ба Тоҷикистон муносибати он кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ки ба минтақаи нуфузи САҲА дохиланд, бетафовут ба назар мерасад. Ин кишварҳо дар мавриди сармоягузорӣ ба рушди иқтисоди Тоҷикистон шитоб надоранд. Дуруст аст, ки пас аз ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 баъзе давлатҳои аврупоӣ муносибати худро ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ба Тоҷикистон якбора тағйир доданд. Аммо ин таваҷҷӯҳ ҳоло бештар оҳанги низомию сиёсӣ дорад, на сармоявию иқтисодӣ. Дар мавриди кишварҳои минтақа бошад, бояд таъкид кард, ки онҳо бекор нанишаста, пайи ҷустуҷӯи шаклҳои имконпазири ҳамкориҳо, аз ҷумла дар соҳаи иқтисод ва амният мебошанд. Ёдовар шудан кофист, ки кишварҳои мазкур ба чандин созмонҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ оид ба ҳамкорӣ, ки ҷиҳати таъмини сулҳ ва амнияти байналмилалӣ бояд саҳми арзанда гузоранд, шомил мебошанд. Дабири кулли СММ Кофи Аннан дар маърӯзаи худ дар иҷлосияи 57-уми Маҷмааи Умумии СММ ба фаъолияти кишварҳои Осиёи Марказиро оид ба таъмини сулҳ ва амният дар минтақа баҳои баланд дода, таъкид кард: «Таҳдидҳои мавҷуда ва эҳтимолӣ ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳукумати онҳоро водор кард, то ниҳодҳои ҳамкориҳои минтақавро таҳким бахшанд. Ибтидои моҳи июни соли 2002 пас аз даҳ соли муҳокимаҳо нахустин саммити 16 кишвари Осиё дар Алмаато баргузор шуд, ки дар он созмони нави минтақавӣ - Машварат оид ба ҳамкории муштарак ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё таъсис ёфт. Пас аз чанд рӯз роҳбарони кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, ки ба он Қазоқистон, Хитой, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон шомиланд, санади оинномавиро роҷеъ ба табдили ин гурӯҳ ба созмони сермиқёси байналмилалӣ бо котиботи доимӣ дар Пекин ба имзо расонданд. Дар чаҳорчӯби он, кӯшишҳои муштарак, аз ҷумла оид ба ҳифзи сулҳ, амният ва субот дар минтақа сурат хоҳанд гирифт ва ҳамкории самарабахш миёни кишварҳои узви Созмон ташвиқ хоҳад шуд».

Воқеан, соли 2001 дар саҳнаи сиёсии бахши аъзами паҳноӣ Аврупосиё сохтори нави байналмилалӣ - Созмони ҳамкории Шанхай, ки дар ҳоли ҳозир шаш кишвар: Хитой, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро дарбар мегирад, арзи вуҷуд кард ва он ҷиҳати ҳалли проблемаҳои бештар ҳассоси минтақа кӯшиш дорад. Ҳамкории иқтисодӣ ва муборизаи алайҳи

терроризм вазифаҳои аввалиндараҷаи ин созмони байналмилалӣ эълон гардиданд.

Ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 катализатори пешрафти инкишофи минбаъдаи созмони ҷавони минтақавӣ гардид. Моҳи июни соли 2002 дар саммити Санкт-Петербург дар мавриди ташаккули ниҳодҳои СҲШ иқдомҳои навбатӣ сурат гирифтанд: хартияи созмон қабул гардид, созишнома дар бораи таъсиси маркази зиддитеррористии минтақавӣ ва изхороти муштараки шаш президенти кишварҳои иштирокдори СҲШ ба имзо расид.

Маълум аст, ки таъсиси СҲШ ва дигар созмонҳои минтақавӣ мақсади кам кардан ё коҳиш додани нақшу моҳияти САҲА-созмонеро, ки бояд доираи васеи проблемаҳои вобаста ба ташаккули ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, пуштибонии ҳуқуқи умумӣ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, қабули иқдомҳои мушаххас ва ташаббусҳои байналмилалӣ ҷиҳати кумак ба эҷоди «пулҳои ҳусни тафоҳум ва эҳтиром» миёни фарҳанг, мазҳабҳои гуногун ва ғайраро ҳал намояд, надорад. Эътибори волои САҲА бештар омили таъмини ҳамкориҳои наздик миёни кишварҳо дар соҳаи амният ва таъмини сулҳу субот дар сатҳи минтақаҳои ҷудогона ва умуман, минтақаҳои фаъолияти созмон мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарк кардан ва муҳим арзёбӣ намудани нақши САҲА дар соҳаи ҳамкорӣ ва амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ, сатҳи муносибатҳои шарикии худро дар ҳама сохторҳои ниҳодии он ва бахусус, дар Шӯрои Доимӣ беш аз пеш таҳким мебахшад. Проблемаҳои мубрами рӯзро дар чаҳорчӯби мақомоти ниҳодии САҲА ба таври васеъ баррасӣ намуда, ба назари мо, ба хотири таъмини сулҳу субот, яъне рушди иқтисодию иҷтимоӣ метавон ба дарки бештар амиқи арзишҳои инсонӣ ва меъёрҳои ҳамоҳангшудаи байналмилалии муносибат расид.

БАЪЗЕ ЛАҲЗАҲОИ МУҲИМТАРИНИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА САҲА

Эркин Қосимов - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Британияи Кабир

Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо САҲА аз соли 1992 бо имзои ҳуҷҷатҳои асосии созмон ва ба он аъзо шудани Тоҷикистон шурӯъ мегардад. Вале ҳамкории амалии ҷумҳурии мо бо созмон аз соли 1994 баъди қарори дахлдори Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ дар Рим дар бораи кушодани намояндагии САҲА дар Душанбе оғоз меёбад.

Ман аз рӯзҳои аввали ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА то фасли баҳори соли 2007 вобаста ба фаъолияти касбиам дар равнақу ривоҷи муносибатҳои Тоҷикистон бо созмон бевосита саҳм гузоштаам. Дар ин муддат ба ман муяссар гардид, ки бо ҳамаи роҳбарони намояндагҳои САҲА дар Тоҷикистон аз ҷаноби Оливе Руа сар карда, то ҷаноби Пряхин шинос гардида, бо онҳо якҷоя кор кунам. Онҳо мутахассисони касбӣ буда, ҷаҳонбинии гуногун доштанд ва дар ҳалли масъалаҳо ба таври худ муносибат мекарданд. Ҳар кадоми онҳо дар густариши ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА нақши худро гузоштаанд. Бояд гуфт, ки нақши роҳбарони намояндагиҳои созмон дар ҳалли масъалаҳои рӯзмарра хеле калон ва муҳим мебошад. Аз салоҳияту кордонӣ, софдилӣ ва мавқеи роҳбарони намояндагиҳо самараи ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА вобаста аст.

Бояд гуфт, ки ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА ҳамеша яксон набуд ва гоҳо бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардид. Хусусан солҳои 90–уми асри сипаригашта дар ин муносибат душвориҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Ҳамон солҳо хадамоти дипломатии Тоҷикистони соҳибихтиёр қомат рост мекард. Он вақт мутахассисони касбӣ кам буданд ва таҷрибаи кофӣ надоштанд. Мо ҳамон вақт дар бораи ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ ҳатто тасаввурот надоштем. Ба мо лозим меомад, ки дар ҷараёни кор таҷриба омӯзем. Намояндагони кишварҳои дигар низ дар дарки рӯйдодҳои дохилии сиёсии мамлакати мо душворӣ мекашиданд. Бо вуҷуди ин ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА муттасил густариш меёфт. Мо ба даст овардани ҳадафҳои муайянро мақсади хеш

қарор дода, ба он тадриҷан ноил мегардидем. Умуман, саҳми намояндагиҳои САҲА дар Душанбе дар бобати ба роҳ андохтану ривоҷ додани ҳамкорӣ ниҳоят муҳим буд.

Ман аз соли 2003 то соли 2007 дар вазифаи намояндаи доимии Тоҷикистон дар САҲА кор карда, ба ҳалли масъалаҳои ҳамкорӣ бо ин созмон аз мавқеи намояндагии мо дар Вена машғул будам. Ба ақидаи ман, ин давраи аз ҳама аҷоиб ва пурмазмуни фаъолияти касбии ман буд. Вена ба ман барои кори эҷодӣ, ташаббус нишон додан ба мақсади таҳкиму густариши минбаъдаи ҳамкориҳо бо САҲА имкони васеъ дод.

Ман дар Вена ба доираи васеи дипломатҳои варзида роҳ ёфтам, ки ба ҳайатҳои мамлакаташон дар САҲА роҳбарӣ мекарданд. Муносибат ва ҳамкорӣ бо онҳо таҷрибаи моро барои такмили маҳорати касбиам он ғанитар мегардониданд. Имрӯз аз фурсати мусоид истифода бурда, ба ҳамкорону ҳамкасбони ҳамонвақтаам барои кумаку дастгирӣ ва муносибатҳои дӯстонаашон изҳори сипос менамоям. Хусусан сафири Норвегия хонум Мете Конгсхем, сафири Русия А.Н.Бородавкин, сафирони ИМА Стефан Миникес ва Ҷулия Финли, сафирони Канада Эвелин Паксли ва Барбара Гибсон, сафири Фаронса Ив Дитрие ва сафири Белгия Бертран де Кромбругерро бо некӣ ба хотир меорам.

Бояд гуфт, ки бисёр пешниҳодоти марбут ба рушди ҳамкорӣ ва ҳимояи манфиатҳои Тоҷикистон бо кумаку дастгирии ҳамин одамон амалӣ гардиданд. Ман аз онҳо барои муносибатҳои хайрхоҳонаашон ба ман ва мамлакати ман самимона сипосгузорам.

Ман ин ҷо нақши махсуси муншиҳои умумии САҲА Ян Кубиш ва Марк Перрин де Бришанбо ва директори Маркази пешгирии муноқишаҳо Ҳерберт Залбергро дар вусъати ҳамкории созмон бо Тоҷикистон таъкид карданиам. Инчунин ба кормандони созмон Юрий Кривонос, Генри Болтон ва Антон Петренко барои ҷидду ҷаҳди самарабахшашон дар иҷрои нақшаҳо ва барномаҳои пешниҳоднамудаи Тоҷикистон миннатдорам.

Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар САҲА дар ин давра дар асоси дастурҳои марказ ва бо назардошти манфиатҳои Ҳукумати Тоҷикистон баробари масъалаҳои дигар ба ҳалли масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳарбию сиёсӣ машғул гардид.

Мо мувофиқи талаби шароит ба масъалаҳои муборизаба муқобили терроризми байналхалқӣ, зуҳуроти ифротгароӣ, хариду фурӯши гайриқонунии маводи нашъадор ва ашёи хоми онҳо, амнияти сарҳадҳо, ҷамъоварию нигоҳ доштан ва нобуд кардани аслиҳаи сабуки оташфишон, лавозимоти муқаррарии ҷангӣ ва безарар гардонидани минаҳо диққати махсус медодем.

Соли 2003 мувофиқи дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи расондани кумаки САҲА ба Тоҷикистон дар масъалаи безарар гардонидани минаҳои зидди пиёдагардон пешниҳод ба

миён гузошта шуд. Тавре ки маълум аст, ин минаҳо дар давоми ҷанги дохилӣ масоҳати хеле калонро фаро мегирифтанд.

Мамлакатҳои аъзои созмон хоҳиши Ҳукумати Тоҷикистонро ба инобат гирифта, барои ҳалли ин масъала маблағи зарурӣ ҷудо намуданд. Безарар гардонидани минаҳо имкон дод, ки хавфи ҳалоку маҷрӯҳ гардидани одамон аз байн бурда, масоҳати калони замин дубора қобили кишт гардонида, ӯҳдадориҳои Тоҷикистон мувофиқи Конвенсияи Оттава иҷро карда шаванд. Дар ин маърака Ҳукумати Канада саҳми калон гузошт.

То тобистони соли 2004 дар Тоҷикистон миқдори хеле зиёди аслиҳаи сабуки оташфишон ва лавозимоти муқаррарии ҷангӣ захира карда шуд, ки аз давраи ҷанги дохилӣ боқӣ монда, инчунин дар натиҷаи халъи силоҳи дастаҳои гайриқонунии мусаллаҳ ҷамъоварӣ карда шуда буд. Нигоҳ доштан ва безарар гардонидани ҳамаи ин аслиҳа маблағи калонро талаб мекард, ки ҳамон вақт мақомоти муҳофизи қонуни Тоҷикистон дар ихтиёри худ надошт. Ҳалли ин проблема танҳо бо қувваю имкониятҳои дохилӣ ниҳоят душвор буд. Маълум буд, ки аз берун ёрӣ пурсидан лозим меояд. Намояндагии Тоҷикистон ҳалли ин проблемаро ба зиммаи худ гирифт. Мо қисми зиёди санадҳои САҲА – ро роҷеъ ба навъҳои гуногуни аслиҳаи сабуки оташфишон ва лавозимоти муқаррарии ҷангӣ омӯхтем, ки барои ҷалби давлатҳои аъзои созмон ба ҳалли ин проблема зарур буданд. Инчунин дар ин масъала бо афсари калони САҲА Ю. Кривонос машваратҳо гузаронида шуд. Баъдан муроҷиати расмӣ ба САҲА бо мақомоти Душанбе мувофиқа карда шуд. Ҳайати Тоҷикистон 21 июли соли 2004 дар маҷлиси Хадамоти федералии амният хоҳиши Ҳукумати Тоҷикистонро ба кишварҳои аъзои созмон расонид. Ҳукумати Тоҷикистон аз мамлакатҳои аъзои САҲА хоҳиш мекард, ки дар ҳалли проблемаи нобуд сохтани аслиҳаи сабуки оташфишон ва лавозимоти муқаррарии ҷангӣ кумак расонанд. Ҳамин тариқ ба иҷрои барномаи нобуд сохтани аслиҳа дар Тоҷикистон ибтидо гузошта шуд. Мо дар ин бобат бо ҳайатҳои мамлакатҳои ҳамкору мададгор, роҳбарияти САҲА, Маркази пешгирии муноқишаҳо ва «гурӯҳи дӯстони Тоҷикистон» ба мақсади ҷалб кардани диққати онҳо ба зарурати татбиқи Барнома, ки барои Тоҷикистон хислати рӯзмарра ва аҳамияти авлавиятнок дошт, борҳо мулоқот анҷом додем. Барномаи мазкур на танҳо бомуваффақият иҷро карда шуд, балки баъдан бо хоҳиши Ҳукумати Тоҷикистон хеле васеъ гардид. Дар иҷрои ин Барнома Нидерландия, Норвегия, ИМА, Шветсия, Финляндия, Фаронса ва Словения нақши муҳим гузоштанд.

Масъалаҳои марбут ба тақвияти муҳофизати сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошт. Мамлакатҳои аъзои созмон ба вазъияти сарҳадҳои ҷанубӣ мароқи калон зоҳир мекарданд. Табиист, ки

ҳайати Тоҷикистон зимни фаъолияташ ба ин масъала таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекард.

Пешниҳоди ҷалби САҲА ба муҳофизату таҳкими сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ғайричашмдошт зимни сӯҳбат бо сафири Маҷористон Марианна Береш ба миён гузошта шуд, ки ҳамон вақт ба гурӯҳи кории масъалаҳои ғайриҳарбии таъмини амният роҳбарӣ мекард.

Машварати вазирони корҳои хориҷӣ дар Любляна барномаи таъмини амният ва идораи сарҳадҳоро қабул намуд. Ҳадафи он мусоидат ба давлатҳои аъзои созмон дар таъмини амнияти сарҳадҳо, омаду рафти озодона тавассути сарҳад, ҳамлу нақли бемонеаи молҳо ва дар ин маврид то ҳадди имкон кам кардани таҳдиди терроризм бо роҳи пешгирӣ ва барҳам додани гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятқор ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор буд.

Ҳайати Тоҷикистон дар САҲА дар доираи барномаи мазкур дар муддати кӯтоҳ бо роҳбарияти САҲА Маркази пешгирии муноқишаҳо, гурӯҳи кории масъалаҳои ғайриҳарбии таъмини амният ва ҳайатҳои асосии давлатҳои аъзо бахшида ба ташаббуси зимни мулоқот бо Раиси ҳамонвақтаи САҲА, вазири корҳои хориҷии Белгия К. де Гюхт дар масъалаи расонидани кумаки созмон ба ҳукумати мамлакат дар таҳкими амнияти сарҳади давлатии Тоҷикистон бамиёнгузоштаи Президент Эмомалӣ Раҳмон силсилаи машваратҳо гузаронид. Дар натиҷа ҳамаи пешниҳодҳои мо пурра дастгирӣ карда шуд.

Намояндагии Тоҷикистон 6 июни соли 2006 дар маҷлиси Шӯрои доимӣ аз номи ҳукумати мамлакат дар бораи мусоидат ба таҳкими сарҳади давлатӣ расман изҳорот дод.

Кормандони шӯъбаи амалиёти сарҳадии Котиботи САҲА эҳтиёҷоти Тоҷикистонро омӯхта, силсилаи барномаҳо тайёр намуданд, ки Ҳукумати Тоҷикистон онҳоро соли 2007 маъқул донист ва соли 2008 амалӣ сохтани онҳо шурӯъ шуд.

Таҷрибаи ҳамкорӣ бо САҲА нишон медиҳад, ки ин созмони мӯътабар дорои нерӯю имкониятҳои фаровон мебошад. Дар замина ҳамкориро бо он бо назардошти вазъият дар бисёр соҳаҳо вусъат додан имкон дорад.

ТОҶИКИСТОН – САҲА: 15 СОЛИ МУКОЛАМА ВА ҲАМКОРИИ НАМУНАВӢ

Нуриддин Шамсов - Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар САҲА

Қабули Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти САҲА дар соли 1992 ва кушодани намояндагии он дар Душанбе 19 феврали соли 1994 ҳамчун кӯшиш ва ҷидду ҷаҳди халқу роҳбарияти мамлакат ба иштирок дар ҷараёни ташаккули сохтори нави таъмини амният дар фазои САҲА дар шароити баробарҳуқуқӣ ва адами сарҳадҳои ҷудокунандаи мамлакатҳо шуморида мешуд. Зарурати ин иқдом ба ҷидду ҷаҳди давлати навбунёду соҳибихтиёри Тоҷикистон дар бобати иштирок дар ҷараёни амалӣ сохтани принсипҳои Ҳуҷҷати хотимавии соли 1975 қабулшудаи Хелсинки ва ҳуҷҷатҳои дигари эътирофнамудаи САҲА буд.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баъдан дар бораи САҲА сухан ронда, аҳамияти калони ҳамкориро бо ин созмони мӯътабари минтақавӣ таъкид намуда, дар китоби худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» (Лондон, соли 1999) менависад: «Таҷрибаи мамлакатҳои Аврупо ва фаъолияти САҲА барои мо аҳамияти хеле бузург дорад, мо ба Аврупо ҳамчун ба озмоишгоҳи бузурги намунавӣ дида медӯзем, ки дар он бо роҳи ҷидду ҷаҳдҳо ва муборизаҳои шадиду тӯлонӣ ба озодии муваффақонаи халқҳо аз рӯҳияи моҷароҷӯию ифротгароӣ ноил гардида, ба истилоҳи дигар, таҷрибаи сохтмони ҷомеаи демократиро аз бар карданд. Тоҷикистон ба туфайли мустақил гардиданаш аз имконияти ҳамкории бевосита бо мамлакатҳое, ки таҷрибаи калони рушди демократияро доранд, истифода мебарад. Тоҷикистон дар давоми панҷ соли соҳибихтиёрии худ ба мамлакатҳои аъзои САҲА торафт бештар наздик мегардад».

Намояндагии САҲА аз рӯзҳои аввали фаъолияташ дар Тоҷикистон ба ҷараёни истиқрори сулҳ ҷалб карда шуд. Намояндагони он ҷараёни гуфтушуниди тоҷиконро назорат карда, дар фаъолияти Гурӯҳи тамос ширкат доштанд, ки ҳамон вақт яке аз воситаҳои асосии ҷидду ҷаҳди истиқрори сулҳ аз ҷониби ҳукумат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор мерафт. Ҳамон солҳо яке аз самтҳои муҳими фаъолияти намояндагии созмон мушоҳидаи

ҷараёни интихоботи парлумон, президент ва раъйдиҳии умумӣ дар масъалаи ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба Қонуни асосии Тоҷикистон буд.

Ҳукумати Тоҷикистон соли 1994 ба гуфтушуниди мусолиматомез бо мухолифин шурӯъ намуда, бо дастгирии фаъолонаи мамлакатҳои дӯст ва созмонҳои байналхалқӣ, аз ҷумла, САҲА тавонист, ки ҷараёни гуфтушунидро тезонида, силсилаи ҳуҷҷатҳои тақдирсозро омода созад. Ин ҳуҷҷатҳо баъдан асоси созишномаҳои сулҳ ва созгории миллиро ташкил доданд. Дар натиҷа 27 июни соли 1997 дар Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Ба Тоҷикистон муяссар шуд, ки дар давоми солҳои ҳамкории фаъолу самарабахш муносибатҳои хеле хубро бо САҲА ба роҳ андозад. Даврaҳои минбаъдаҳои барқарор сохтани мамлакат ва иқтисодиёти харобгардидаи он на танҳо таҷрибаи созмонро дар соҳаи дипломатияи пешгирикунанда ғанитар гардониданд, балки таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳониро дар бобати пешгирӣ намудани вазъияти бӯҳронӣ дар мамлакатҳои гуногуни дорои вазъияти муташанниҷ мазмуну мундариҷаи тоза ва нав бахшиданд.

Бо фаро расидани Асри нав дар баробари амалӣ гардидани озую омоли мардум ба инсоният осебпазирӣ ва таҳдидҳои навро ба миён овард. Имрӯз ҷаҳонишавӣ вазъияти муқаррарии ҷаҳонро ба куллӣ тағйир дод ва суръати равандҳои умумиҷаҳониро метезонад. Дар натиҷа сохторҳои нави байналхалқӣ ташкил ёфта, ҳамзамон сохтори таъминоти амнияти Аврупо таҷдид карда шуд. Дар баробари ин, дар Тоҷикистон имони комил доранд, ки имрӯз САҲА бо фазои беҳамтои ҷуғрофӣ ва муносибатҳои фарогираш ба масъалаҳои таъмини амният, бешубҳа зарурати мавҷудияташро аз даст надодааст. Ҳамкорӣ бо САҲА на танҳо ба самти афзалиятноки сиёсати берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт, балки вазифаи зарурие гардид, ки ба манфиатҳои миллии он ҷавоб дода метавонад.

Тоҷикистон нақши калони САҲА–ро дар бобати расонидани кумаки самарабахш ва дастгирии мамлакат дар давраи душвору мураккаби истиқрори давлатдории он, мусоидат ба рушди сохторҳои демократӣ ва ташаккули заминаи ҷомеаи шаҳрвандӣ таъкид менамояд. Ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА имрӯз ҳам дар се соҳа – соҳаҳои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодию экологӣ ва гуманитарӣ бомуваффақият давом дорад.

Тоҷикистон мисли ҳамаи мамлакатҳои дигари аъзои созмон манфиатдор аст, ки он ҳамчун воситаи самарабахши вокуниш ба зуҳуроти замони ҳозира дар минтақаи созмон, аз ҷумла, Осиёи Марказӣ истифода карда шавад. Ин пеш аз ҳама муборизаба муқобили таҳдидҳои терроризми байналхалқӣ, ифротгароии минтақавӣ, ғайриқонунӣ паҳн кардани маводи нашъадор,

таҳкими сарҳадҳо, расонидани кумак барои безарар гардондани минаҳо, ҳалли проблемаҳои марбут ба аслиҳаи сабуки оташфишон, мусоидат ба ҳукумат дар мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва аз ҳама муҳимаш, расонидани кумакҳои мушаххасу унвонӣ барои бартараф сохтани проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ бо назардошти афзалиятҳои миллии он дар давоми солҳои наздиктарин мебошанд.

Ташаббусҳои муштараки охирини Тоҷикистон ва САҲА дар бобати мустаҳкам сохтани муҳофизати сарҳадҳо, инчунин, натиҷаҳои Конфронси байналхалқии дар Душанбе баргузоргардида, дар масъалаҳои тақвияти назорати маводи нашъадор бояд муборизаи минбаъдаро ба муқобили паҳн гардидани маводи нашъадор аз Афғонистон тақвият бахшида, шаффофияти бештари сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро таъмин карда, барои бақои амният ва ваъияти босуботи Осиёи Марказӣ имкониятҳои нав фароҳам созанд. Бояд гуфт, ки ба ин на танҳо мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ манфиатдор мебошанд.

Дар ин бобат хизмати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле калон аст, ки бо ташаббусҳои шахсии худ барои таҳкими амнияти минтақа ва рушди ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ саҳми бузург гузоштааст. Сардори давлати Тоҷикистон 3 июни соли 2008 зимни мулоқот бо раиси ҳозираи САҲА, вазири корҳои хориҷии Финляндия А.Стубб аз натиҷаҳои ҳамкорӣ бо Созмон дар соҳаҳои амният, таҳкими сарҳадҳо ва ҳифзи муҳити зист изҳори қаноатмандӣ намуд. Вай зимни мулоқот САҲА–ро «воситаи муҳими ҳамкории бисёрҷониба ба манфиати низоми демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ» номид. Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон зикр намуд, ки имрӯз зарурати боз ҳам бештар ривоҷ додани ҳамкории муштарак ба миён омадааст. Ба ақидаи ӯ, вақти он расидааст, ки ҳамкории иқтисодии минтақавӣ дар соҳаҳои нақлиёт, алоқа, истеҳсоли қувваи барқ ва истифодаи самарабахши захираҳои оби минтақа бештар ривоҷ дода шавад. А.Стубб Тоҷикистонро «шарики асосии Созмон» номида, ба сардори давлат дар бораи қабули қарори бо ташаббуси Тоҷикистон қабулшудаи Шӯрои доимии САҲА дар бораи тағйир додани мақоми намояндагии сайёри созмон дар мамлакат ва ба Дафтари САҲА дар Тоҷикистон табдил додани он, инчунин кушодани Коллеҷи сарҳадӣ дар Душанбе хабар дод. Дар ҷараёни мулоқоту сӯҳбатҳо бо вазири корҳои хориҷӣ Ҳ.Зарифӣ ва шахсони дигари расмӣ роҷеъ ба масъалаҳои таъмини волоияти қонун, вазъияти Афғонистон ва зарурати ҷалби нисбатан фаъолонаи Созмон ба расонидани кумаки байналхалқӣ ба ин мамлакати хамсоя табодули назар карда шуд.

Дар суханронии вазири корҳои хориҷии мамлакат Ҳ.Зарифӣ

зимни мулоқоти вазирони корҳои хориҷии мамлакатҳои аъзои созмон моҳи ноябри соли 2007 дар Мадрид одилона зикр карда шуд, ки «муҳайё набудани шароити баробар барои рушд ва ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба манбаи ҷиддии зуҳуроти бӯҳронҳои минтақавӣ табдил ёфта метавонад». Ҳукумати Тоҷикистон ҳамин далелро асос карда, нақшаҳои минбаъдаи рушди соҳаҳои гидроэнергетика, нақлиёт, алоқа, саноат ва кишоварзиро ҳамчун соҳаҳои афзалиятноки пешрафти иқтисодиёти миллӣ дар давоми солҳои охир муайян намуд. Мутаассифона, бояд гуфт, ки ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва экологӣ мисли пештара дар фаъолияти САҲА нисбатан суст ба роҳ монда шудааст. Тоҷикистон бо назардошти ҳамин вазъият дар оянда кӯшишҳои Раисони ояндаи созмонро барои тақвияти ҳамкории иқтисодию иҷтимоӣ барои таҳкими амният ва равона сохтани фаъолияти созмон ба ин самт дастгирӣ хоҳад кард.

Ба шарофати дар Тоҷикистон мунтазам гузаронидани мулоқотҳо ва ҷамъомадҳои байналхалқӣ, Аврупо аз дастовардҳои мамлакат дар соҳаҳои сиёсату иқтисод, фарҳанг ва илм ба хубӣ огоҳ мегардад. Намояндагони Тоҷикистон дар конфронсу семинарҳо ва машваратҳои чӣ дар Душанбе ва чӣ дар Вена баргузоршаванда бахшида ба самтҳои гуногуни фаъолияти созмон фаъолона ширкат меварзанд.

Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар САҲА ҳамкориро бо роҳбарияти Созмон ва ҳайатҳои мамлакатҳои аъзо дар маҷлисҳои Шӯрои доимӣ, кумитаҳои махсусгардонидашудаи он, гурӯҳҳои корӣ самарабахш давом медиҳад. Дар ҷараёни ин ҳамкорӣ ҳамаи 56 мамлакати аъзои созмон бо мавқеи расмии ҳукумати мамлакат дар ин ё он масъалаи муҳим ва рӯзмарраи рӯзномаи маҷлисҳо шинос карда мешаванд. Мо проблемаҳои муҳимтаринро бо назардошти манфиатҳои миллии мамлакатамон ба миён мегузорем. Ин созмони мӯътабари минтақавӣ садои Тоҷикистонро бо диққати калон шунида, сиёсати дохилию хориҷии интихобнамудаи мардум ва роҳбарияти сиёсии онро таҳти роҳбарии Президент Эмомалӣ Раҳмон эҳтиром менамояд, ки сулҳу созишро на танҳо дар сарзамини худ барқарор сохтаанд, балки тамоми ҷамъиятро ба роҳи рушду бунёдкорӣ ҳидоят менамоянд.

Тоҷикистон принсипҳои асосӣ ва ҳуҷҷатҳои созмонро эҳтиром намуда, ӯҳдадориҳои байналхалқии ба зимма гирифтаи худро ба таври мушаххас иҷро мекунад. Мамлакати мо ҷараёни ислоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро давом дода, тамоми соҳаҳои ҷомеаро мувофиқи меъёрҳои САҲА, СММ ва созмонҳои дигари аз тарафи умум эътирофшудаи байналхалқӣ давом медиҳад. Дар баробари ин Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки «аз фазои САҲА» барин минбари баланд барои ҳифз ва амалӣ сохтани манфиатҳои миллии худ истифода барад.

Дастовардҳои Тоҷикистон имрӯзҳо дар бобати таҳкими ам-

нияти минтақа ва рушди ҳамкории гуногунсоҳаи минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳамагон маълуманд. Эътирофи байналхалқии имкониятҳои геополитикии Тоҷикистон ва нақши он ҳамчун «сарҳади ҷанубии САҲА» ва «пули стратегӣ»-и байни Шарқу Ғарб бояд обрӯю эътибори мамлакатро на танҳо дар доираи САҲА, балки дар арсаи байналхалқӣ баландтар бардорад.

Тоҷикистон имрӯз ҳамроҳи давлатҳои дигари аъзои САҲА ба ҷараёни мураккабу ояндадори ислоҳоти соҳаҳои фаъолияти созмон, такмили он ва мубориза ба муқобили таҳдидҳо ва зуҳуроти рӯз то рӯз афзоишёбанда ҷалб гардидааст. Ҳукумати мамлакат манфиатҳои асосии худ ва ҷидду ҷаҳди дастаҷамъиро дар мубориза ба муқобили таҳдидҳои замони ҳозира ба амнияти ҳамагонӣ торафт бештар ва фаъолонатар истифода мебарад.

Ояндаи наздик нақш ва аҳамияти сохторҳои амниятии Аврупо ҳамчун воситаи тақвиятбахшандаи рушди саросари ҷаҳон бешубҳа густариш хоҳад ёфт. Мувофиқи хулосаҳои коршиносон, тамоили ривоҷ ёфтани ҳамгироӣ дар Аврупо бояд тӯли солҳои оянда дучанд тақвият ёбад. Ин нақши САҲА–ро дар бобати таъмини амният ба маротиб меафзояд. Тоҷикистон бо назардошти ҳамин самт ва суръати ҳамкориро бо созмон дар оянда ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати берунии худ ривоҷ дода, ба иштирок дар тамоми соҳаҳои фаъолияти он бештар саҳм хоҳад гузошт.

Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Комиссари Олии САҲА оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ Ролф Экеус

(24 марти с. 2005)

Мусоҳибаи Ролф Экеус бо намояндагони воситаҳои ахбори омма пас аз анҷоми вохӯрӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

(24 марти с. 2005)

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси амалкунандаи САҲА, Вазири корҳои хориҷии Белгия Карел де Гюхт

(30 марти с. 2006)

Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳайати САҲА таҳти роҳбарии Раиси амалкунандаи САҲА, Вазири корҳои хориҷии Белгия Карел де Гюхт

(30 марти с. 2006)

Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Дабири кулли САҲА Марк Перин де Бришамбо

(25 июни с. 2007)

Ҳангоми боздиди Ян Кубиш аз Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ӯро бо ордени «Дӯстӣ» мукофотонид

(30 августи с. 2007)

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Раиси амалкунандаи САҲА, Вазири корҳои хориҷии Финляндия Александер Стуббро, ки ба Душанбе ташриф оварда буд, ба ҳузур пазируфт

(3 июни с. 2008)

Намояндаи Доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар САҲА Ҳамрохон Зарифов (Зарифӣ) дар ҷаласаи Шӯрои Доимии САҲА

(Вена, 19 декабри с. 1998)

Конфронс дар сатҳи вазирон зери унвони «Идора намудани сарҳад ва назорат ба маводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ»

(21 октябри с. 2008)

Машварати ҳамоҳангсозони миллии ТАСИС

(Брюссел, марти с. 1999)

Намояндаи Доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар САҲА Ҳамрохон Зарифов (Зарифӣ)
(Токио, 12 декабри с.2000)

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ ва Намояндаи Доимии САҲА дар ҶТ Сафир Владимир Пряхин

(Душанбе, 19 июли с.2007)

Вохӯрии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Ҳамрохон Зарифӣ бо Ҷули Финли – Намояндаи Доимии ШМА дар САҲА

(7 марти с. 2007)

Зимни боздид аз Тоҷикистон Мудири Маркази САҲА оид ба пешгирии муноқиша Херберт Залбер бо Вазири корҳои хориҷии ҶТ Ҳамрохон Зарифӣ вохӯрд

(26 марти с. 2007)

Вохӯрии кории Ҳамрохон Зарифӣ бо Комиссари Олии САҲА оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ Ролф Экеус

(14 майи с. 2007)

Имзои санади муштарак. Ҳамрохон Зарифӣ - Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ян Кубиш - Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Словакия ҳангоми имзогузорӣ ба ҳуҷҷат.

(30 августи с. 2007)

Вохӯрии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ бо Дабири кулли САҲА Марк Перин де Бришамбо

(26 июни с. 2008)

Ҳамрохон Зарифӣ - Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сӯҳбат бо ҳайати САҲА, ки барои иштирок дар маросими ифтитоҳи бинои нави Дафтари САҲА дар ҶТ ба Душанбе омадааст

(20 октябри с. 2008)

Вохӯрии кории Ҳамрохон Зарифӣ бо ҳайати намояндагони САҲА

(4 майи с. 2007)

Боздиди Раиси амалкунандаи САҲА, Вазири корҳои хориҷии Финландия Александер Стубб аз Тоҷикистон

(3 июни с.2008)

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ ҳангоми суханронӣ дар Конфронс оид ба рушди интиқоли транзитии фароосиёӣ ва авруосиёӣ аз тариқи Осиёи Марказӣ

(23 октябри с. 2007)

Суханронии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Ҳамрохон Зарифӣ дар Конфронси сатҳи вазирон зери унвони «Идора намудани сарҳад ва назорат ба маводди мухаддир дар Осиёи Марказӣ»

(21 октябри с. 2008)

Маросими ифтитоҳи бинои нави Дафтари САҲА дар Тоҷикистон
(20 октябри с. 2008)

Маросими ифтитоҳи бинои нави Дафтари САҲА дар Тоҷикистон
(20 октябри с. 2008)

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАҲМОН НАБИЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВИИ ИМЗО ГАРДИДАНИ САНАДИ НИҲОИИ ИҶЛОСИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР АВРУПО

(26 феврали соли 1992)

Мӯҳтарам ҷаноби Президент!
Мӯҳтарам сарони кишварҳо!
Хонумон ва ҷанобони мӯҳтарам!

Бо ҳисси қаноатмандии амиқ аз номи мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ман дар Санади ниҳоии Иҷлоси амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо имзо гузоштам.

Қариб ду даҳсола қабл дар ин ҷо – дар Хелсинки ташаббуси бузурге, ки имрӯз принсипи асосии муносибатҳои миёни давлатҳои мутамаддин гардидааст, ба вуҷуд омад.

Январи соли ҷорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар кишварҳои соҳибистиқлол узви доимии ИАҲА шуд, имрӯз бошад, баъди ба имзо расидани Санади ниҳоӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии комилҳуқуқи ин раванди нақиб гардид. Васеъшавӣ аз ҳисоби давлатҳои нав нақши онро ҳамчун кафили демократия ва ҳуқуқи инсон таҳким бахшида, раванди Хелсинкиро ба марҳилаи сифатан нав мебарорад.

Ҷаласаи Прага ва Форуми имрӯза, чун ҳамаи дигар ҳамоишҳои минбаъда кишварҳои моро ба бисёр чиз водор менамоянд. Ва мо дарк мекунем, ки пайравии принсипҳои Хелсинкиро дар кор ба андозаи пурраш бояд исбот намуд.

Соҳибистиқлолии худро эълон намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиши амиқ дорад, то принсипҳои Оинномаи СММ, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳимеро, ки ба арзишҳои умумиинсонӣ мутааллиқанд, риоя намояд.

Кафолат ба он изҳори ризоияти озоди мардум, мақсади устуворонаи он ҷиҳати воридшавӣ ба арзишҳои демократӣ, хоҳиши ғанӣ гардонидани онҳо бо фарҳанги ҳазорсолаи худ ва таҷрибаи озодфикрӣ мебошанд.

Кафолат ба он муроҷиати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз 4 январи соли 1992 мебошад, ки дар он пайравии мо ба принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла дар Санади ниҳоии Хелсинки, Хартияи Париж ва дигар ҳуҷҷатҳои ИАҲА зикр ёфтааст.

Кафолат ба он қонунҳои нав ва ҳуҷҷатҳои меъёрие мебошанд, ки аз ҷониби парлумони ҷумҳурӣ қабул гардида, ҳуқуқ ва озодии

инсон, ҳифзу эҳтироми онҳоро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти он таъмин менамоянд.

Дар раванди Хелсинки иштирок намуда, мо мавқеи худро дар эътирофи бисёрҷонибаи консепсияи умумиаврупоии амният ва субот муайян мекунем, ки фаҳмидани онҳо чи аз ҳисоби тавофуқҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ва чи риояи қатъии ӯҳдадориҳо дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон, иқтисодиёт ва экология таъмин мегардад.

Мо зарурати аз байн бурдани сабабҳои асосии шиддатнокиро, ки характери этникӣ доранд, эътироф менамоем ва таҳкими қудратмандии раванди Хелсинкиро дар ҳалли мушкилоти аққалиятҳои миллӣ зарур мешуморем.

Мо комилан тарафдори ба раванди Хелсинки дохил намудани ваколатҳои нав, имкониятҳои маросимии иловагӣ ва просессуалӣ ҳастем. Формулаи пешниҳодгардидаи «консенсус минус як»-ро мо ба шумори фаъолиятҳои зарурӣ дохил карда, мусбӣ будани онро барои тамоми раванд эътироф менамоем.

Бо дарки он ки ҳамаи моро тай кардани роҳи бузурге ба сӯи «яксон кардани стандартҳо» миёни ҳамаи иштирокчиёни Иттилос ва табдили он ба воситаи самараноки назорат аз болои вазъият зарур аст, иштирокро дар ташкили институтҳои демократӣ ва сохтмони давлати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон марҳилаи муҳиме дар фаъолияти мо мешуморем.

Ба ақидаи мо, табдил додани раванди Хелсинки ба созмони ҳақиқатан ҳам қитъавӣ, ки фазои то Помирро дар бар мегирад, ҷавобгӯи талаботи авзои кунунии ҷаҳонӣ мебошад.

Дар остонаи асри XXI истода, мо имконияти хубе дорем барои ворид гардидан ба он бидуни ҷангу таҷовуз, бо таҳкими тамоюл ба наздикшавии умумибашарӣ дар асоси шарту шароитҳои баробар, ки мақсадҳои ҳақиқии раванди Хелсинкиро таҷассум мекунанд.

Ман умедворам, ки ҳама давлатҳои аъзои раванди Хелсинки кӯшишҳоро ба он равона месозанд, ки маҳз ҳамин тавр бошад.

Дар хотима иҷозат диҳед, ба Президенти Финляндия, мӯҳтарам ҷаноби Мауно Койвисто барои истиқболи гармашон миннатдории самимии худро арз намуда, ба мардуми фин сулҳ, хушбахтӣ ва беҳбудиҳо таманно намоям.

Ташаккур барои таваҷҷӯҳ.

СУХАНРОНИҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

СУХАНРОНӢ ДАР МУЛОҚОТИ САРОНИ ДАВЛАТҲО ВА ҲУКУМАТҲОИ УЗВИ САҲА

Будапешт, 5-6 декабри соли 1994

Ҷаноби мӯҳтарам раис!

Роҳбарони мӯҳтарами давлатҳо ва ҳукуматҳо, хонумҳо ва ҷанобон!

Тоҷикистон дар давоми ду соли баъди аъзо шуданаш ба Созмони амният ҳамкории Аврупо воқеаҳои фоҷианокро аз сар гузаронид. Ҷустуҷӯйи душвори роҳҳои тараққиёти мустақилона, ки бо зуҳуроти таассуби динӣ ва ифротӣ таҳти шиорҳои дурӯғини демократӣ ва кӯшиши бо зӯри аслиҳа ғасб намудани ҳокимияти мамлакат ҷараён дошт, ҷумҳурии моро гарифтори бесарусомонӣ сохта, ҷанги беҳудаи бародаркуширо ба гардани мардум бор кард, ки боиси ҳалокати ҳазорон одамон, гуреза шудани даҳҳо ҳазор одамон, хароб гаштани иқтисоди миллӣ, фалаҷ шудани ҳокимият гардид.

Мо ба ивази қурбониҳои бешумор, ҷидду ҷаҳди зиёд ва бо кӯмаки ҷомеаи ҷаҳон тавонистем, ки ба ҷанги дохилӣ хотима бахшида, вазъи ҷамъиятию сиёсиро мӯътадил гардонем, фаъолияти мақомоти ҳокимиятро барқарор карда ва риояи қонуну тартиботро таъмин намоем.

Ба қарибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаҳои хеле муҳими сиёсӣ сурат гирифтанд. Халқи мамлакат 6 ноябр бо роҳи райъдиҳӣ Конститутсияи навро қабул кард ва бо роҳи интихоботи озод Президенти ҷумҳуриро интихоб намуд. Бо ҳамин низоми шӯравӣ тамоман аз байн бурда, дар тараққиёти таърихии мамлакат саҳифаи нав кушода, ба эъмори ҷомеаи демократӣ заминаи мустаҳкам гузошта шуд. Ин роҳи бо машаққат интихобнамудаи халқ аст ва мо аз он барнамегардем. Мо равшан тасаввур менамоем, ки ин роҳ чӣ гуна пурпечутоб ва душворгузар мебошад, бо вуҷуди ин тайёрем барои таъмини ояндаи Тоҷикистон онро тай кунем.

Мо аз ин ҷиҳат ба иҷро гардидани ҳадафҳоямон бовар дорем, ки ба таҷрибаи мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ва дастовардҳои башарият дар соҳаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон такя хоҳем

кард. Дар ин бобат мо аз кӯмаки доимии маркази ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид, бунёди сохторҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва намояндагони созмони мазкур дар Тоҷикистон ҳамеша баҳравар мешавем. Аз фурсат истифода бурда, ба ҳамаи онҳо миннатдорӣ изҳор менамоем ва умедворем, ки ҳамкории мо минбаъд инкишоф хоҳад ёфт.

Мо бояд дар муддати кӯтоҳ корҳои бузургро ба сомон расонем. Моҳи феврали соли 1995 мӯҳлати ваколатҳои Парлумони ҳозира ба охир мерасад. Халқи Тоҷикистон, ки ҳоло оқибатҳои фалокатбори ҷангро бартараф месозад ва душвориҳои калонро аз сар мегузаронад, бояд Парлумони ояндаро интихоб кунад. Мо умедворем, ки фаъолияти Парлумони нав ба анъанаҳои фаъолияти Парлумони ҷадид замина гузошта, барои тезонидани ҷараёни ислоҳот дар соҳаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ заминаи қонунӣ муҳайё месозад.

Мо дар ин бобат ҳам бо ҳамкорӣ ба Созмони амнияту ҳамкории Аврупо аҳамияти хеле калон медиҳем. Демократия ва муносибатҳои навбунёди иқтисоди бозаргонӣ на танҳо ба ғамхории ҳамарӯзаи мо, балки ба ғамхории беғаразонаи Созмони амнияту ҳамкории Аврупо барин созмони мӯътабар эҳтиёҷ дорад.

Истиқрори сулҳи ҳамагонӣ ва пойдор дар мамлакат дар ҷараёни ба даст овардани ин ҳадафҳо табиист, ки бояд яке аз нақшҳои асосиро бозад. Ҳукумати Тоҷикистон иродаи нек дорад ва барои иҷрои ин вазифаи сарнавиштсоз самимона кӯшиш хоҳад кард.

Ба ҳозирон маълум аст, ки музокироти тоҷикон таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид бо иштироки намояндагони Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва бо кӯмаки Россияву Узбекистон ва Эрону Покистон сар шуда буд. Мо зимни гуфтушунидҳо бо мақсади ноил гардидан ба мусолиҳаи миллӣ мавқеи устувору амалӣ ишғол намудем.

Созишномаи моҳи сентябр дар Теҳрон имзошудаи муваққатан бас кардани оташ ва амалиёти дигари душманона муваффақияти аввалин гардид, ки баъдан мӯҳлати эътибори он дар Исломобод дароз карда шуд.

Мо қатъан кӯшиш хоҳем кард, ки музокироти тоҷикон бо кӯмаки ҷомеаи ҷаҳон ба манфиати халқи мамлакат натиҷаҳои дилхоҳ диҳад ва ниҳоят дар диёри қадимаи тоҷикон сулҳи пойдор ва созгории миллӣ хукмрон шавад.

Ҷаноби раис!

Таҷрибаи фоҷианоки давлати мо, ки Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ба вазъияти он масъул мебошад, роҳҳои ҳамкорӣ ва пешомадҳои амалиёти якҷояи моро нишон медиҳад.

Мо дар ин бобат Созмони амнияту ҳамкории Аврупоро дар оянда ҳамчун созмони комили минтақавии Аврупою Осиё тасаввур менамоем, ки доираи васеи масъалаҳои марбут ба амнияту ҳамкориро ҳал карда ва барои афзун гардондани самараи фаъолияташ имкониятҳои васеъ хоҳад дошт.

Хулоса, фаъолияти минбаъдаи Созмони амнияту ҳамкории Аврупо бояд ба тақвияту таҳкими роҳу усулҳои пешгирии муноқишаҳо сафарбар карда шавад. Ин вазифа, ба ақидаи мо, бояд асосан тавассути тадбирҳои пешгирикунандаи дипломатӣ иҷро шавад, ки асоси онро омӯзиши сабабҳои амиқи муноқишаҳо ва ба назар гирифтани омилҳое ташкил медиҳанд, ки ба инкишофи онҳо таъсир мерасонанд.

Ба фикри мо, вазифаи дигари муҳим муқаррар намудани роҳу воситаҳои таъмини назорати соҳаҳои низомӣ ва консепсияҳои нави таҳкими ояндаи боварӣ ба ҳамдигар мебошад. Дар ин соҳа истифодаи воситаҳои самарбахши амалӣ сохтани хуҷҷатҳои қабулкардаи Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар соҳаи амният ва қабули қарорҳое зарур аст, ки ҳадаф аз онҳо ҷусутуҷӯйи роҳҳои таҳкими сулҳ ва субот мебошад.

Мо ҷонибдори онем, ки Созмони амнияту ҳамкории Аврупо мавқеъҳояшро дар соҳаи таъмини сулху субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон мустаҳкам намоад. Дар ин маврид бояд талаботи меъёрҳои таъмини амният тағйир дода нашаванд.

Омили дигари муҳим ҳамин аст, ки раванди демократия, масалан дар Тоҷикистон дар зинаи ибтидоии инкишоф қарор дорад.

Бинобар ин, ба ақидаи мо, хуб мебуд, ки Созмони амнияту ҳамкории Аврупо бо дарназардошти анъанаю хусусиятҳои имрӯза ба масъалаҳои инкишофи демократия дар ин давлатҳо муносибати оқилонатар мекард. Ба фикри мо, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо бояд бештар аз танқиду мушоҳида ба ҳамкорӣ ва расондани кӯмак дар масъалаҳои эъмор ва таҳкими сохторҳои демократӣ пардозад.

Масъалаи тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои нави аъзои Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ба масъалаҳои амнияти умумӣ низ таъсири калон мерасонад. Афзоиши идоранашавандаи муҳоҷират, паст гардидани сатҳи зиндагии мардум ва душвориҳои дигар, ки натиҷаи зуҳуроти бӯҳрони иқтисодии ин мамлакатҳо дар давраи гузариш мебошад, аз ҳозир масъалаҳои хеле зиёди дорои характери сиёсию иҷтимоиро ба миён меорад. Ин масъалаҳо дар бисёр мамлакатҳои узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупо мушоҳида мешаванд. Ба ин масъалаҳо ба таври бояду шояд диққат надодани ҷомеаи ҷаҳон сабаби шиддати вазъият шуда метавонад. Вобаста ба ин, ба ақидаи мо, самарбахштар гардонидани нақши форуми иқтисодии Созмо-

ни амнияту ҳамкории Аврупо ва вусъат додани ҳамкории Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ба Иттиҳоди Аврупо комиссияи иқтисодии дар аврупобудаи Созмони Милали Муттаҳид ва ташкилотҳои дигари минтақавии иқтисодӣ, сохторҳои молиявии байналхалқӣ бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ расондани кӯмак дар ҳалли масъалаи бо кор таъмин намудани аҳолӣ, хусусӣ гардондани моликият, инкишофи соҳибкорӣ ва муҳайё намудани заминаи қонунии ислоҳоти иқтисодӣ мувофиқи принсипҳои бозаргонӣ хеле муҳим аст.

Дар хотима ба Раиси Ҷумҳури Маҷористон, аълоҳазрат, ҷаноби Арпад Генс барои муҳайе кардани шароити беҳтарини кори самарабахшу муваффақиятноки конфронси мо миннатдорӣ изҳор менамоям.

Ба диққататон ташаккур.

СУХАНРОНӢ ДАР МУЛОҚОТИ САРОНИ ДАВЛАТҲО ВА ҲУКУМАТҲОИ УЗВИ САҲА
Лиссабон, 3 декабри соли 1996

ПРИНСИПҲОИ АМНИЯТРО ДАСТГИРӢ МЕКУНЕМ

Равобити Тоҷикистон баъди қабул ба узвияти Созмони амнияту ҳамкории Аврупо бо ин ташкилоти мӯътабар хеле густариш ёфт. Мо Созмони амнияту ҳамкории Аврупоро ҳамчун воситаи муҳиме баррасӣ менамоем, ки ба халқҳо барои озод шудани онҳо аз тамоюлҳои моҷароҷӯйӣ, ифротӣ ва хавфи ҷангҳо кӯмак мерасонанд. Мамлакати мо дар натиҷаи ба даст овардани мустақилият имкон пайдо кард, ки бо мамлакатҳои Аврупо бевосита ҳамкорӣ намояд. Зеро онҳо анъанаи бисёрасраи инкишофи демократӣ доранд. Ин ба пешрафти мамлакати мо кӯмаки калон мерасонад.

Мо ба фаъолияти гурӯҳи намояндагони Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон дар бобати расондани кӯмак ва саҳми калонашон дар татбиқи ислоҳоти сиёсӣ ва ҷараёни музокироти тоҷикон баҳои мусбат медиҳем.

Натиҷаҳои семинари дар Душанбе баргузоргардида бахшида ба масъалаҳои таҳкими эътимод дар Осиёи Марказӣ дар бораи иштироки рӯзафзуни Тоҷикистон дар тадбирҳое шаҳодат медиҳад, ки ҳадафи онҳо таъмини сулҳу субот дар минтақа ва тавсеаи ҳамкориҳои он бо Созмони амнияту ҳамкории Аврупо мебошад.

Фаъолияти мамлакати мо ҳамчун узви Созмони амнияту

ҳамкории Аврупо бояд ба иштироки ҳамаҷонибаи он дар низоми нави таъмини амнияти мамлакатҳои Аврупо мусоидат намояд. Мо инчунин дар ҳалли проблемаҳои мамлакат ба таҷриба ва нерӯи Созмони амнияту ҳамкории Аврупо такя карда, ба истилоҳи дигар, қонунҳои демократиро истифода хоҳем бурд, ки ҳуқуқи халқҳоро барои муайян кардани тақдири худ эътироф менамоянд.

Панҷ соле, ки баъди давлати мустақил гардидани Тоҷикистон гузашт, моҳиятан давраи душвортарини таърихи халқи мо мебошад. Мо имрӯз бо камоли боварӣ гуфта метавонем, ки дар давоми ин солҳо ба таъмини бақои якпорчагии мамлакат ва гузоштани таҳдоби ҷомеаи демократӣ ноил гардидем. Асоси онро иқтисоди бозаргонӣ ташкил медиҳад.

Баҳори имсол имзо шудани Аҳдномаи ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон воқеаи муҳими ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ мебошад. Ин Аҳдномаро қариб 70 ҳизби сиёсӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ имзо карданд. Ҳадафи ин ҳуҷҷат пеш аз ҳама истиқрори сулҳи ҳамагонӣ, созгории миллӣ ва ҷамъиятӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон мебошад.

Боварии қатъӣ дорем, ки масъалаҳои ҳалталабро бо роҳи зӯрӣ ҳал кардан мумкин нест, бинобар ин мисли пештара роҳи сиёсии ҳалли проблемаҳои дохилии мамлакатро пеш гирифтаем. Ба ақидаи мо, ба ҷуз музокироти мусолиматомез бо мухолифини мусаллаҳ роҳи дигар нест ва мо барои ҳарчи зудтар ва бомуваффақият анҷом додани ин музокирот тамоми тадбирҳоро меандешем. Бояд гуфт, ки сарҳадоти ҷанубии кишвари моро танҳо сарҳади Тоҷикистон шумурдан мумкин нест. Мо сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро на танҳо ҳамчун сарҳади умумии мамлакатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, балки ҳамчун дарвозаи ҷанубии қаламрави Созмони амнияту ҳамкории Аврупо мешуморем. Бинобар ин аз ҷониби ин созмон ба истифодаи дипломатияи самарабахштари пешгирикунанда, аз ҷумла, равобиту ҳамкорӣ бо давлатҳое, ки берун аз сарҳадҳои ҷанубии он воқеанд, умед баста метавонем.

Мо аз тӯл кашидани муноқишаҳои ҳарбию сиёсӣ дар Афғонистон изҳори ташвиши ҷиддӣ менамоем. Боз ҳам муташанниҷ гардидани вазъи ин мамлакат ва авҷ гирифтани задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ин давлати ҳамсоя хавфи паҳн гардидани онро дар тамоми қаламрави Осиёи Марказӣ ба миён меорад. Ин ба амнияти тамоми минтақа хавфи ҷиддӣ дорад. Мо аз вазъияти имрӯзаи Афғонистон изҳори ташвиши ҷиддӣ намуда, ҷомеаи ҷаҳонро бори дигар даъват менамоем, ки барои истиқрори созгории миллӣ ва сулҳ дар ин сарзамини азиятқашида тадбирҳои самарабахш ва муассир андешад.

Яке аз омилҳои асосие, ки вазъияти Тоҷикистонро муташанниҷ месозад, аз тарафи мафияи ҷиноятқори байналхалқӣ истифода

шудани сарҳадҳои мамлакати мо барои қочоқи аслиҳа ва нашъа ба миқдори хеле зиёд мебошад. Ин на танҳо дар Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, балки берун аз қалamрави он низ сабаби ташвиши ҷиддӣ гардидааст. Пӯшида нест, ки манбаи асосии таъмини фаъолияти мухолифини оштинопазири мусаллаҳи тоҷик маҳз даромади фурӯши нашъа мебошад. Мо авҷ гирифтани қочоқи нашъа ва аслиҳаро ҳамчун хавфи ҷиддӣ ба амнияти мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ баррасӣ карда, Созмони амнияту ҳамкории Аврупоро даъват менамоем, ки имкониятҳои ҳамаи мамлакатҳоро дар муборизаба муқобили ин хавфи ҷиддӣ бештар истифода барад.

Мусаллам аст, ки муқаррар намудани тарзу усулҳои нави таъмини амнияти Аврупо фаъолияти асосии Созмони амнияту ҳамкории Аврупо гардидааст. Бинобар ин мо принсипҳои тақсимнопазирии амниятро пурра ва ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, дар ин маврид ба муқаррар намудани тавозуни муносибатҳои ҷаҳонию минтақавӣ ва миллӣ дар ҳалли масъалаҳои мавҷуда умед мебандем. Ба ақидаи мо беҳбудии вазъият дар тамоми қалamрави мамлакатҳои узви ин созмон ба таъмини амнияти Аврупои навин вобаста мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки таҳияи ҳуҷҷати нав дар бораи таъмини амнияти тамоми қалamрави Аврупо, ки ҷавобгӯйи воқеияти Аврупои оянда хоҳад буд, яке аз ҷиҳатҳои асосии низоми нави таъмини амният мебошад.

Аз ин рӯ, бе муҳайё намудани шароити зарурии тараққиёти муттасили иқтисодӣ, бе ҳалли самарабахши масъалаҳои душвори иқтисодию иҷтимоӣ дар мамлакатҳое, ки дар давраи гузариш қарор доранд, ба таъмини воқеии амният ва суботи вазъият дар қалamрави мамлакатҳои узви созмон умед бастан душвор аст. Зеро, чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳон ва Аврупо шаҳодат медиҳад, тараққиёти иқтисодии бозаргонӣ ба тараққиёти муттасили қисми зиёди давлатҳои ҷаҳон кафолат дода метавонад.

Инчунин дар ин ҳуҷҷат ифода намудани идеяи зарурати тақвияти кӯшиши ҳамаи мамлакатҳо дар муборизаба муқобили терроризм, қочоқи нашъа, ҳалли масъалаи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ дар минтақаҳои пурмоҷарои Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Тақвияти фаъолияти Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва асосҳои ҳуқуқии он пеш аз ҳама дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи муноқишаҳо, амалиёти эҷоди сулҳ дар минтақаҳои гуногун, мутобиқ сохтани фаъолияти муассисаҳои созмон бо Шӯрои амният ва муассисаҳои дигари СММ боз як соҳаи дигари фаъолияти он мебошад, ки зимни муқаррар намудани тарзу усулҳои нави таъмини амнияти Аврупои асри оянда қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

Тақвияти фаъолияти Созмони амнияту ҳамкории Аврупо

ба манфиатҳои Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад. Мамлакати мо ба саҳми ин созмон дар ташаккули Аврупои навин, ки даҳшати чанг ва оқибати фалокатҳои бузургро фаромӯш хоҳад кард, баҳои баланд медиҳад.

Мо чунин мешуморем, ки бани башар дар ин саҳми Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар давраи гузариши инсоният ба асри XXI баҳои арзанда хоҳад дод.

СУХАНРОНӢ ДАР МУЛОҚОТИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ УЗВИ САҲА
Истамбул, 19 ноябри соли 1999

Лутфан иҷозат фармоед ба ҷаноби аълоҳазрат, Президенти Ҷумҳурии Туркия Сулаймон Демирел, инчунин ба Ҳукумати Туркия барои муташаккилона ва дар сатҳи олӣ гузаронидани мулоқоти роҳбарони давлатҳои узви Созмони Амнӣяту Ҳамкории Аврупо дар Истамбул ва меҳмоннавозиашон изҳори сипоси самимона намоям.

Халқи Тоҷикистон баъди мустақил гардидани мамлакат роҳи бунёди ҷомеаи демократиро пеш гирифт.

Бояд гуфт, ки солҳои охир рӯҳияи мардум хеле баланд гардида, ба ояндаи дурахшони Тоҷикистон бештар боварӣ пайдо кардааст, инчунин дар соҳаи иқтисодиёт ва соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас мушоҳида мешаванд.

Албатта, ҳамаи ин бе муҳайё сохтани шароити зиндагии осоишта, ба эътидол овардани вазъият ва созгории миллӣ имконнопазир буд.

Хеле хуш аст, ки имрӯз дар Тоҷикистон қуввахои асосии сиёсӣ роҳи созишу ҳамкориро пеш гирифтаанд.

Дар ин бора натиҷаҳои райъдиҳии умумихалқии ба қарибӣ баргузоргардида дар бобати даровардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи мамлакат, интихоботи чанд рӯз пеш анҷомёфтаи Президент ва интихоботи Парлумон шаҳодат медиҳанд, ки дар омодагӣ ва гузаронданиони онҳо ОБСЕ ва СММ ҳамаҷониба ҳамкорӣ намуданд.

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон роҳи таҳкими минбаъдаи асосҳои пешрафти мусолиматомези демократӣ ва бунёди давлати ҳақиқатан дунявию ҳуқуқбунёд боз гардид, ки принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ заминаи онро ташкил медиҳанд.

Вале ин роҳ осон нахоҳад буд. Ҳукумати демократӣ бояд аз санҷишҳои ҷиддӣ гузашта, устувории худро ҳимоя намояд.

Мо дар ин бобат умедворем, ки Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва созмонҳои дигари байналхалқӣ ба Тоҷикистон дар масъалаи мустаҳкамтар наму-

дани сохторҳои демократӣ ва бунёди асосҳои ҷомеаи дунявӣ кӯмаки ҳамаҷониба мерасонанд.

Дар масъалаи ташаккули низоми нави амнияти Аврупо мо чунин мешуморем, ки воситаҳои нави муқарраршаванда бояд ба қадри кофӣ дастраси ҳамагон буда, ба талаботи ҷудогона ва дастҷамъии ҳамаи мамлакатҳои узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар соҳаи амният ҷавоб дода тавонанд.

Мо дар арафаи ҳазорсолаи нав бояд дар роҳи ба даст овардани ҳадафҳои умумиамон, чи тавре ки дар эъломияи Лиссабон «Дар бораи модели умумӣ ва ҳамаҷонибаи амният барои Аврупо дар асри XXI» ифода ёфтааст, яъне ба вуҷуд овардани фазои воҳиди амният ва бидуни сарҳад, ки дар он ҳамаи давлатҳо шарикони баробарҳуқуқ буда, дар рӯҳияи якдилӣ ва дар асоси эҳтироми принсипҳои демократия, эҳтироми ҳуқуқи инсон, озодиҳои асосӣ, волоияти қонун ва адолати ичтимоӣ амал мекунанд, қадамҳои устувор гузорем.

Ба ақидаи мо, ҳамкории ОБСЕ бо созмонҳои дигари байналхалқии сиёсӣ бо мақсади ҳифзи сулҳ ва таъмини амният бояд характери машваратӣ ва аниқ дошта бошад.

Дар ин маврид, мо бар ин ақидаем, ки зимни ба роҳ андохтани чунин ҳамкорӣ масъулияти таъмини сулҳ набояд танҳо ба зимаи яке аз давлатҳо, созмонҳо ё гурӯҳи давлатҳо гузошта ё ин ё он қисми минтақаи ОБСЕ ҳамчун минтақаи таъсиррасонии махсус шуморида шавад.

Тоҷикистон ҷонибдори принсипи тақсимнопазирии амният буда, ҳаминро ба инобат мегирад, ки ба таъмини сулҳу амнияти минтақаи Аврупо ва Осиё танҳо дар мавриде кафолат додан мумкин аст, ки таъмини амнияти ҳар давлати алоҳида дар заминаи таъмини амнияти умумии давлатҳои боқимонда мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Мо дар ин бобат зарурати қабули ҳуҷҷати амнияти Аврупоро ҳамчун ҳуҷҷати мукаммал ва ҳамаҷониба тарафдорӣ менамоем, ки дар он бояд манфиати ҳамаи аъзои созмон ифода ёфта, нормаҳо, меъёрҳо ва вазифаҳои ОБСЕ инъикос карда, инчунин самтҳои фаъолияти он дар асри XXI муайян карда шавад.

Ба акидаи мо, Афғонистон ғаму андӯҳ ва фоҷиаи ҳам Аврупо ва ҳам Осиё мебошад.

Мо аз идома ёфтани муноқишаи мусаллаҳона дар Афғонистон изҳори ташвиши ҷиддӣ намуда, бори дигар Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амнияту ҳамкории Аврупоро, ки мамлакатҳои ҷанубии узви он бо ин давлат ҳамсарҳанданд, даъват мекунем, ки ҷидду ҷаҳдашонро барои рафъи ин бӯҳрони тӯлонӣ тавсеа диҳанд.

Авҷ гирифтани ҷанг дар ин давлати ҳамсояи Тоҷикистон на танҳо хавфи паҳн гардидани маводи нашъадор ва аслиҳаро дорад, балки ба ин васила экстремизм ва терроризм дар минтақаи

Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои дигари ОБСЕ низ паҳн мегардад.

Тоҷикистон ҳамчун мамлакате, ки даҳшатҳои ҷанги дохилиро аз сар гузаронда, аз оқибатҳои амалиёти террористӣ зарари калон дидааст, тамоми шаклу зуҳуроти терроризмро маҳкум карда, тадбирҳои қотеонаи Россия ва давлатҳои дигари бо мо дӯстро дар бобати ба куллӣ аз байн бурдани ин бадбахтии умумибашарӣ дастгирӣ менамояд ва ҷомеаи ҷаҳонро даъват мекунад, ки ҷидду ҷаҳди хешро дар ин соҳа дар миқёси умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҳамоҳанг созад.

Таваҷҷӯҳи шуморо ба он ҳам ҷалб карданиам, ки бе муҳайё сохтани шароити зарурии пешрафти босуботи иқтисодӣ, бе ҳалли самарабахши проблемаҳои иҷтимоию экологии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, дар давраи гузариш, ҳамчунин ноил гардидан ба таракқиёти муттасили онҳо ба таъмин ва таҳкими воқеии амнияти минтақа умед бастан душвор аст.

Мо маҳз бо роҳи ҷидду ҷаҳди якҷоя ва муштарак, ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи давлатҳои узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар таъмини амнияти баробарҳуқуқ ва тақсимнопазири Аврупо ва ҳамаи давлатҳои узви ОБСЕ дар асри XXI саҳми воқеӣ гузошта метавонем.

Дар хотима изҳори боварӣ карданиам, ки мулоқоти Саронии давлатҳои узви ОБСЕ дар Истамбул оғози марҳилаи нави муносибатҳои мамлакатҳои Аврупо ва Осиёро ифода карда, рӯҳияи ҳамкорӣ ва ҳамгироии мутақобилан муфиди давлатҳои узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупоро тақвият хоҳад дод.

Ба диққататон ташаккур.

СУХАНРОНӢ ДАР АНҶУМАНИ ИҚТИСОДИИ САҲА
Прага, 12 апрели соли 2000

Иштирокчиёни мӯҳтарами анҷуман!
Хонумҳо ва ҷанобони гиромӣ!

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Ҳукумати Ҷумҳурии Чехия барои меҳмоннавозӣ ва муҳайё сохтани шароити зарурӣ барои бомуваффақият гузаронидани анҷуман изҳори сипос намоям. Боварӣ дорам, ки ин мулоқот дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию экологии мамлакатҳои узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупо нақши муҳим гузошта, ба ақидаи мо, ба густариши ҳамкории минтақавии давлатҳои узви созмон дар соҳаҳои ичтимоӣ ва

иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Душвориҳое, ки имрӯз баъзе мамлакатҳои узви созмон дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ аз сар мегузаронанд, сабаби нобаробарии рӯзафзуни иҷтимоию иқтисодии давлатҳои узви он мегарданд. Шубҳае нест, ки муташанниҷ гардидани вазъияти иҷтимоӣ дар баробари ислоҳот сабаби ба миён омадани муноқишаҳои дохилӣ гардида, ба амнияти тамоми мамлакатҳои Аврупо ва Осиё таъсири муайян мерасонад.

Бинобар ин Тоҷикистон чунин мешуморад, ки омилҳои иқтисодии таъмини амният дар айни ҳол аҳамияти беш аз пеш калон пайдо менамоянд.

Мо ба масъалаи меъёрҳои иқтисодию экологии таъмини амният аҳамияти калон медиҳем, ки дар муоҳидаи нави таъмини амнияти Аврупо ва эъломияи дар Истамбул қабулнамудаи Сарони давлатҳои узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ифода ёфтаанд. Мо ширкати худро дар фаъолияти Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ҳамчун баёнгари ҷидду ҷаҳди қатъиамон дар бобати пешрафт бо роҳи демократия ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи имрӯзаи ҳуқуқбунёд баррасӣ менамоем, ки асоси онро системаи арзишҳои умумибашарӣ ташкил медиҳанд.

Хонумҳо ва ҷанобони муҳтарам!

Даврае, ки Тоҷикистон аз соли 1991, яъне баъди мустақил гардиданаш, аз сар гузаронд, моҳиятан давраи мураккабтарини таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад. Ҷанги дохилӣ ба мамлакати мо, хусусан ба иқтисодиёти он зарари ниҳоят калон расонд ва таъсири оқибатҳои он муддати тулонӣ ҳис мешавад.

Тавре ки маълум аст, яке аз фоҷиаҳои бузургтарини ҳар гуна ҷанг талафоти ҷонӣ мебошад. Теъдоди қурбониёни ҷангро бо рақам ифода кардан мумкин аст, вале онро бо ягон талафоти дигар баробар кардан номумкин мебошад.

Дар Тоҷикистон дар ҷараёни муноқишаи мусаллаҳона қариб 100 ҳазор нафар ҳалок шуд, 26 ҳазор нафар зан бева, 55 ҳазор кӯдак ятим монду қариб 1 миллион ҳамватанони мо маҳалли доимии истиқоматашонро маҷбуран тарк намуда, гуреза ва муҳоҷир шуданд. Ҷанг ба иқтисодиёти Тоҷикистон зарари ниҳоят калони харобиовари моддӣ расонд. Ҳаҷми умумии зарари ҷанг тақрибан 7 миллиард доллари Штатҳои Муттаҳидаи Амрико аст.

Илова ба душвориҳои бақарор сохтани хоҷагии халқи мамлакат дар давраи баъди ҷанг ва масъалаҳои давраи гузариш тӯли солҳои охир дар Тоҷикистон фалокатҳои калони ғайричашмдошти табиӣ рух доданд, маблағи зарари фалокатҳои табиӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон танҳо дар давоми ду соли охир ба бештар аз 100 миллион доллари ИМА расид.

Аз фурсат истифода бурда, ба муассисаҳои байналхалқии молиявӣ ва мамлакатҳои сармоягузор миннатдорӣ изҳор менамоям, ки хоҳиши моро дар бобати расондани кӯмаки таъҷилӣ ба инобат гирифта ба мо дар бобати рафъи оқибати фалокатҳои харобиовари табиӣ кӯмак расонданд.

Хонумҳо ва ҷанобон!

Бо камоли каноатмандӣ қайд карданиам, ки мо дар айни ҳол дар бобати ба даст овардани ҳадафи асосиамон — истиқрори сулҳ, созгории миллӣ ва суботи вазъияти мӯътадил дар Тоҷикистон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем.

Халқи Тоҷикистон баъди мустақил шуданаш роҳи пешрафти демократиро интихоб намуд. Албатта, ин бе муҳайё сохтани шароити мусолиматомез ва истиқрори созгории миллӣ дар мамлакат имконнопазир буд. Ҳаминаш муҳим аст, ки рӯҳияи мардум хеле баланд шуда, боварии онҳо ба ояндаи Тоҷикистони демократӣ, инчунин ба пешрафти иқтисодиёт ва соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ торафт қавитар мегардад. Дар ин бора натиҷаҳои интихоботи Президент ва Парлумони кишвар шаҳодат медиҳанд. Мо интихоботи мазкурро дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ иқдоми ҷиддӣ мешуморем.

Шояд интихоботи мо нисбат ба меъёрҳои дар мамлакатҳои аз ҷиҳати демократӣ тараққикарда он қадар мукаммал набошад. Бо вуҷуди ин интихобот дар кишвари мо дар вазъияти орому осуда ва созиш гузашта, дар онҳо шумораи зиёди ҳизбҳо иштирок намуданд, ки барои мамлакатамон аҳамияти калони сиёсӣ дорад. Ин интихобот характери конститутсионӣ дошта, анҷоми давраи гузаришро аз истиқрори сулҳ ба давраи сифатан нави тараққиёти Тоҷикистон ифода менамояд.

Бо камоли боварӣ гуфтан мумкин аст, ки давраи истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон анҷом ёфт.

Комиссияи оштии миллӣ бо кӯмаки бевоситаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва мамлакатҳои кафил вазифаҳояшро бомуваффақият иҷро намуд. Ба ҳамин тариқ, имрӯз дар Тоҷикистон роҳи таҳкими минбаъдаи асосҳои пешрафти мусолиматомезу демократӣ ва бунёди давлати дунявию ҳуқуқбунёд кушода шуд, ки асоси онро принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ ташкил медиҳанд.

Иқтисоди миллии Тоҷикистон дар шароити барқарор сохтани хоҷагии халқи мамлакат дар давраи баъди ҷанг ба кӯмаку дастгирии ҷомеаи ҷаҳон ва таҳсисот эҳтиёҷи калон дорад.

Иштирокчиёни мӯҳтарами анҷуман!

Мо баъди анҷоми ҷараёни истиқрори сулҳ ба давраи дуюм ва хеле муҳими тараққиёти ҷомеаи мамлакат — бунёди ҷомеаи демократии дорои иқтисоди бозаргонӣ шурӯъ намудем. Имрӯз мо баҳснопазирии омилеро дарк менамоем, ки бунёди устувори давлати ҳуқуқбунёд ва ҳокимияти муқтадири иҷроия — шарти

зарурии иқтисоди бозаргонӣ мебошад. Ҷомеаи демократиро танҳо бо роҳи мувофиқ сохтани иқтисодиёти солими дар заминаи муносибатҳои бозаргонӣ бунёдёфта ва воситаҳои мукаммали эҷоди конунҳо сохтан мумкин аст.

Дар мамлакати мо аз соли 1994 сар карда ҷараёни гузариш ба муносибатҳои тиҷоратӣ давом дорад. Ҳукумати ҷумҳурӣ дар айни ҳол барномаи миёнамӯҳлати иқтисодиро барои солҳои 1998-2001 бомуваффақият амалӣ месозад, ки онро Хазинаи байналхалқии асъор, Бонки ҷаонӣ ва ташкилотҳои дигари молиявии бонуфузи байналхалқӣ дастгирӣ намуданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи мо дар бобати мӯътадил гардонидани вазъияти соҳаҳои асосии иқтисодиёт муваффақиятҳои муайян ба даст омаданд. Дарачаи бекурбшавии пул дар давоми чор соли охир аз 2000 фоизи соли 1995 дар соли 1999 то 26 фоиз паст фуромад, дар мамлакат аз соли 1997 сар карда, афзоиши иқтисодӣ мушоҳида мешавад. Соли 1999 истеҳсоли маҳсулоти саноат 5 фоиз афзуд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии дохилӣ дар соли 1999-ум 3,9 фоиз зиёд гардид.

Дар мамлакати мо ба истилоҳ «хусусигардонии хурд», яъне хусусӣ гардонидани муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ анҷом ёфт ва хусусӣ гардонидани корхонаҳои саноатӣ давом дорад. Дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Дар мамлакат дар муддати кӯтоҳ заминай қонунӣ ва ҳуқуқие ба вуҷуд оварда шуд, ки фаъолияти иқтисодиро мувофиқи принсипҳои бозаргонӣ таъмин менамояд.

Дар кишвари мо нархҳо ва фаъолияти иқтисодии берунӣ, аз ҷумла, хариду фурӯши пули хориҷӣ пурра озод ва инҳисори давлат ба содироти навъҳои муҳимтарини маҳсулот ва ашёи хом — нахи пахта ва алюминий бартараф карда шуд.

Дар бобати ислоҳоти фаъолияти бонкҳо низ натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд, низоми идораи онҳо хеле беҳтар шуд. Дар баробари ин бисёр масъалаҳое мавҷуданд, ки муваффақияти иҷрои барномаи миёнамӯҳлат ва барномаҳои дигар ба ҳалли он вобастаанд.

Бинобар ин дар айни ҳол таваҷҷӯҳи Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳалли ҳамин масъалаҳо равона шудаанд.

Иштирокчиёни мӯҳтарами анҷуман!

Шояд мисолҳои зикрнамудаи ман ба назари ҳозирини мӯҳтарам муқаррарӣ намоянд, вале барои мо хеле муҳиманд. Зеро ҳамаи ин корҳо дар давоми мавҷудияти давлати мо, дар тӯли 5-6 соли охир анҷом ёфтанд. Ҳамаи тадбирҳои андешидаи мо ба таъмини низоми самараноки кафолатҳои давлат ба ислоҳоти бозаргонӣ, муҳайё сохтани шароити мусоид барои сармоягузорон ва ба мамлакат ҷалб кардани технологияи муосир сафарбар шудаанд.

Ин ҷо дар бораи баъзе бартариҳои Тоҷикистон сухан ронданиам, ки ба ақидаи мо таваҷҷӯҳи сармоягузорони хориҷиро ба худ ҷалб менамоянд. Инҳо пеш аз ҳама захираи дар миқёси ҷаҳон калонтарини нуқра дар Кони Мансур ва намаки ош дар кони Хоҷамӯъмин, инчунин тилло ва маъданҳои дигар мебошанд.

Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳаҷми умумии захираҳои об ва кувваи барқ дар ҷаҳон ҷойи ҳаштум ва аз ҷиҳати ҳаҷми қиёсии он ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Шароити иқлимии Тоҷикистон барои истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва аз нигоҳи экологӣ тозаи кишоварзӣ, барои ривоҷу равнақи сайру саёҳат созгор мебошад. Мо сарфи назар аз тамоми душвориҳои давраи гузариш қатъан дилпурем, ки ин вазифаҳоро бояд пеш аз ҳама бо кувваи худ ва захираҳои дохилии мамлакат иҷро кунем. Вале сабабҳои объективие, ки дучор меоянд, имкониятҳои моро дар роҳи бо кувваи худ ҳал намудани ин масъалаҳо маҳдуд месозанд.

Мо дар ин роҳ маблағгузории хориҷиро дастгирӣ мекунем.

Мо ба нақши ҷомеаи ҷаҳон, мамлакатҳои сармоягузор, ташкилотҳои байналхалқӣ барои мамлакати моро дастгирӣ карданашон баҳои баланд медиҳем.

Иҷозат диҳед ба роҳбарияти Хазинаи байналхалқии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё, Бонки исломии тараққиёт, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва Иттиҳоди Аврупо, Ҳукуматҳои Россия, Швейтсария, Ҷопон, Штатҳои Муттаҳидаи Амрико барои дастгирӣ ва кӯмакашон ба халқи мо бори дигар аз сидқи дил изҳори сипос кунам.

Хонумҳо ва ҷанобони мӯҳтарам!

Мо он чизро муҳим мешуморем, ки Созмони амнияту ҳамкории Аврупо (САҲА) масъалаҳои рушди иқтисодии мамлакатҳои дар давраи гузариши иқтисодӣ қарордоштаро ба доираи манфиатҳои худ доҳил менамояд.

Вақтҳои охир омилҳои ғайринизомии таъмини амният барои мамолики Осиёи Марказӣ аҳамияти беш аз пеш касб менамояд. Аз ин нигоҳ мо дилпурем, ки САҲА ва анҷумани иқтисодии он оянда ҳам ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мураккаби иқтисодию экологӣ, ки дар минтақа дучор меоянд, тадбирҳои зарурӣ меандешанд. Аминем, ки САҲА ҳамкориашро бо мамлакатҳои минтақа ба мақсади беҳ сохтани муҳити зист, ки хавфу таҳдиди зиёд дорад, аз ин пас ҳам босуръат давом хоҳад дод.

Ҳифзи муҳити экологӣ талаби қатъии замон буда, барои иҷрои вазифа роҳу усулҳои нав ва тадбирҳои муштаракро пешбинӣ мекунад.

Масъалаи дигари муҳиме, ки таваҷҷӯҳу дастгирии ҳамаҷонибаи байналхалқиро талаб мекунад, ривоҷ додани роҳҳои нақлиётию воситаҳои алоқаи электронӣ ва осонтар гардонидани убури сарҳади минтақаи Осиёи Марказӣ аст. Ҳаракати озоди одамон,

мол ва хизматрасонӣ, ҳамчунин мубодилаи иттилоот шарти бағоят зарурии иқтисодиёту демократияи устувору пешрафта мебошад.

Ташкили анчуманҳоро дар доираи САҲА ҷиҳати ҳалли ин масъалаҳо ва кӯмаки онро ба густариши равобити тиҷоратию иқтисодии байни минтақаҳо Тоҷикистон ҷонибдорӣ мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи САҲА ва мамлакате, ки барои иштирок дар фаъолияти он нерӯи зарурӣ дорад, омодагиашро ҷиҳати давом додани ҳамкории қавӣ бо ин ташкилот изҳор менамояд.

Мо дар Тоҷикистон дилпурем, ки дар ҳазорсолаи нав фаъолияти пурсамари ташкилот, ки ба ҷидду ҷаҳди мувофиқашудаи мамлакатҳои аъзояш такя мекунад, барои густариши демократия ва ҳуқуқи инсон заминаи устувору доманадор фароҳам меорад ва бо ҳамин роҳ вазъи устувору пешрафти минбаъдаи иқтисодиро дар тамоми мамлакатҳои аъзои САҲА, аз ҷумла минтақаи Осиёи Марказии мо таъмин менамояд.

СУХАНРОНИҲОИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАЛБАК НАЗАРОВ

СУХАНРОНӢ ДАР ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ДОИМИИ САҲА
Вена, 11 сентябри соли 1997

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Хонумон ва ҷанобон,

Пеш аз ҳама, иҷозат фармоед, барои имкони фароҳамшудаи суханронӣ дар ин ҷаласа изҳори сипос намоям ва ба ҳама барори кор хоҳам.

Аз минбари чунин як ҳамоиши муҳим сухан ронда, мехостам бо ҳисси махсуси масъулият таъкид кунам, ки кӯшишҳои САҲА ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти Тоҷикистон ва атрофи он дар низоми авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвари мо мақоми хос дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо САҲА ва ниҳодҳои он аҳамияти зиёд дода, ба ҳаллу фасли ниҳоии вазифаҳои гузошташуда умедвор аст.

Боздиди Раиси амалкунандаи САҲА - Вазири корҳои хориҷии Дания ҷаноби Нилс Хелвег Петтерсон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 29 августи соли равон ба вуқӯъ пайваст, аз алоқамандии САҲА ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвари мо далолат медиҳад.

Намунаи рӯшани ҳамкории самарабахши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА фаъолияти Намояндагии ин Созмон дар кишвари мо мебошад. Аз лаҳзаи таъсиёбӣ дар соли 1994, Намояндагӣ дар ҳама соҳаҳои инкишофи ҷомеаи мо - аз мусоидат ба дигаргуниҳои демократӣ то саҳмгузорӣ дар раванди ҳаллу фасли низои миёни тоҷикон фаъолона иштирок мекунад.

Дар ин росто хидмати шахсии Роҳбари Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон ҷаноби Дмитрий Манҷавидзе, ки кори намояндагии Созмонро ба таври қобили мулоҳиза фаъол сохт, сазовори таъкид аст.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Албатта, ман ин ҷо ба суханронии муфассал роҷеъ ба иллату пайомадҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки ҳанӯз дар соли 1992 сар зада буданд, моил нестам. Аммо мехостам таваҷҷӯҳи ҳозирини мӯҳтарамро ба ҷанбаҳои ҷудогонаи таърихи ҳаллу фасли низои миёни тоҷикон ҷалб намоям.

Тавре медонед, пас аз фурӯпошии ИҶШС амри тақдир буд, ки кишвари мо ба нуқтаи доғ табдил ёфт. Сар аз соли 1993 ҷониби

ҳукуматӣ бо пуштибонии созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла САҲА дар мавриди роҳандозии гуфтушунидҳо бо мухолифин ташаббус нишон дод.

Бо дарназардошти он ки роҳҳои дигаре ҷойгузини раванди мусолиматомези ҳаллу фасли масъала нестанд ва буда ҳам наметавонанд, Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали муноқиша ҳалли вазифаҳои марбут ба барқарории сулҳу субот ва ризоияти шаҳрвандӣ дар ҷумҳуриро чун вазифаи авлавиятнок муайян кард. Роҳбарияти Тоҷикистон асосан моҳи апрели соли 1994 дар Москва ба гуфтушунидҳо ворид шуд ва солҳои баъдӣ ба имзои чанд ҳуҷҷати асосии созишӣ, чун Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ, Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ғайра муваффақ шуд. Дар ин ҳуҷҷатҳо Ҳукумати кишвар бо нармиш кор гирифта, ба хотири дастёбӣ ба сулҳу ризоият дар кишвар, огоҳона роҷеъ ба масъалаҳои зер ба созишҳои ҷиддӣ рафт:

- вуруди 25% аз намояндагони мухолифини исломӣ ба таркиби Комиссияи марказӣ оид ба интихобот ва райъпурсӣ;

- ислоҳоти Ҳукумат бо роҳи пайвастани намояндагони мухолифин ба сохторҳои ҳокимияти ичроия, мақомоти додгоҳӣ ва ҳифзи ҳуқуқ тибқи ҳиссаи сидарсада;

- ҷойгир кардани гурӯҳи мусаллаҳи воҳидҳои мухолифин ба теъдоди 460 нафар дар Душанбе, ҳамчунин 40 нафар барои таъмини ҳифзи аъзои Комиссия оид ба оштии миллӣ.

Дар ҷумҳурии мо ҳоли ҳозир даҳҳо ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ озодона фаъолият доранд. Дар мавриди ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсие, ки дар рафти муноқишаи шаҳрвандӣ фаъолияти онҳо манъ гардида буд, бояд таъкид кард, ки ҷониби ҳукуматӣ ҳамеша дар ҷараёни гуфтушунидҳо омодагии худро ҷиҳати баррасии имкони иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии ҷомеа бо дарназардошти риояи баъзе нуктаҳо изҳор доштааст. Мо бар ин андеша будем ва ҳастем, ки ин ҳизбҳо (сухан пеш аз ҳама дар бораи Ҳизби наҳзати исломӣ меравад) бояд вазъи пештараи худро тағйир бидиҳанд, яъне аз самтгирии низомию сиёсӣ ба комилан сиёсӣ бигзаранд. Дар ин сурат фаъолияти онҳо метавонад дар чаҳорчӯби Конститутсияи мавҷудаи кишвар ва қонунгузории ҷорӣ барқарор гардад.

Дар протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ ҳамчунин гуфта мешавад, ки пас аз анҷоми марҳалаи дуюми татбиқи Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ ҳама гуна мамнуият ва маҳдудияти фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии шомил ба таркиби ИМТ ва воситаҳои ахбори оммаи онҳо аз ҷониби мақомоти давлатии Тоҷикистон аз байн бардошта мешаванд.

Мутаассифона, лозим ба таъкид аст, ки дар марҳалаи дуюми татбиқи Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ, сарфи назар аз ваъдаи роҳбарияти ИМТ дар мавриди эълони ошкорои барҳам додани воҳидҳои мусаллаҳи худ, вазъи низомию сиёсии Ҳизби

наҳзати исломӣ ба сабаби напайвастани воҳидҳои низомии он ба таркиби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ ҳамоно побарҷо мемонад. Дар назар аст, то ҳамгироии ниҳоӣ дар ҷараёни татбиқи марҳалаи чоруми Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ амалӣ гардад.

Бо вуҷуди ин душвориҳо, ҷониби ҳукуматӣ аз рӯи нармиш кор гирифтанро дар ин замина имконпазир мешуморад ва бо пайравӣ аз дастёбии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, фаъолияти ҳизби низомию сиёсӣ, яъне Ҳизби наҳзати исломиро дар кишвар барои муддати муайян раво медонад.

Тавре ба Шумо маълум аст, ибтидо иқдомоти Ҳукумати кишвар аз ҷониби ҷомеаи мо ба сурати яксон пазируфта нашуданд, аммо ҷараёни минбаъдаи ҳодисаҳо дурустии ин мавзеъгирии принсипиалиро исбот намуд. Роҳи пешгирифтаи мо ҷиҳати ҳалли мусолиматомези муноқиша, ки бо кумаки фаъолонаи байналмилалӣ ҷараён гирифт, боиси он гардид, ки дар раванди гуфтушунидҳо тасмимгириҳои барои мардуми мо сарнавиштсоз сурат гиранд ва онҳо барои пешрафти муваффақонаи минбаъда дар роҳи сулҳ ва ризоияти миллӣ замина гузоштанд.

Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастёбӣ ба татбиқи батадриҷ ва бемайлони Созишномаи умумӣ оид ба истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расид, азми комил дорад.

Ҷои таъкид аст, ки баъди имзои Созишномаи Москва табодули гурӯҳи аввали асирони низомӣ ва маҳбусон сурат гирифт. Дар ҳоли ҳозир омодагиҳо барои анҷоми ин чорабинӣ ва суръат бахшидан ба раванди бозгашти оворагон аз Афғонистони ҳамсоя идома дорад. Дар ҷаласаи охири худ порлумони кишвар Қонун дар бораи авфи умумиро қабул кард.

Татбиқи муваффақонаи Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ пеш аз ҳама ба кӯшишҳои муштараки ҷонибҳо ва ҳамоҳангиҳо дар чаҳорчӯби Комиссия оид ба ризоияти миллӣ вобаста аст. Комиссияи мазкур натанҳо тавофуқҳоеро, ки дар ҷараёни гуфтушунидҳои миёни тоҷикон ҳосил шудааст, бояд татбиқ намояд, балки ба хотири барқарорӣ ва таҳкими сулҳу ризоияти шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба эҷоди фазои боварӣ ва ҳусни тафоҳум, роҳандозии гуфтугӯҳо миёни нерӯҳои гуногуни сиёсии кишвар низ мусоидат кунад.

Ҳамин тариқ, бо анҷоми раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ҷонибҳо барои татбиқи имкони таърихии сулҳ дар Тоҷикистон шароитҳои заруриро ба вуҷуд оварданд. Мо имрӯз метавонем таъкид созем, ки сулҳ дар Тоҷикистон барқарор шуд, аммо ҳанӯз он заиф аст. Ҳодисаҳои оғози моҳи августи соли равон аз ин гувоҳӣ медиҳанд. Мехоҳам таъкид кунам, ки шӯриши полковник Худойбердиев ва ҷонибдорони ӯ тасодуфӣ набуд. Вазъ аз соли 1995 ташаннуҷ ёфтан гирифт. Рӯшан аст, ки Худойбердиев натанҳо дар

Тоҷикистон, балки берун аз он низ ҷонибдорон ва ҳомиёни худро дошт. Аз ин рӯ, он чӣ ибтидои моҳи август сар зад, метавонист дар ин ё он шакл ҳар вақт ба вуқӯъ пайвандад. Ҳамаи ин ба ҳар як сокини Тоҷикистон маълум буд. Мо ҳамчунин хуб медонистем, ки инкишофи осоиштаи Тоҷикистон на ҳамаро хушоянд аст ва ин маънои онро дорад, ки аз ҷониби қувваҳои тахрибкор ин ё он амалро чашм доштан мумкин буд. Ҳодисаҳои моҳи август нишон доданд, ки мардуми Тоҷикистон чунин таҳдидҳоро, новобаста ба он ки аз кадом ҷониб сурат мегирад, қабул надорад. Ҳукумати Тоҷикистон аз ин ба баъд низ ба нерӯҳои солими ҷомеа, кумаки маънавию сиёсии кишварҳои дӯст ва созмонҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама СММ ва САҲА такя хоҳад кард.

Акнун хайрхоҳу бадҳоҳи мардуми мо бароямон маълум аст.

Ҳамзамон мехостам таъкид намоям, ки дар ҳоли ҳозир авзои ҷамъиятию сиёсӣ дар саросари ҷумҳурӣ беш аз пеш ором буда, зери назорати баэътимоди Ҳукумат қарор дорад. Мо бо итминон метавонем бигӯем, ҳамаи имкониятҳоро барои ҳаллу фасли проблемаҳои мавҷудае, ки ба омилҳои дохилӣ вобастаанд ва ба мусолиҳаи миллӣ монеъ мегарданд, дар ихтиёр дорем. Дар ин росто ҳамарӯза дар сатҳи роҳбари давлат ва мақомоти маҳаллӣ бо аҳолӣ корҳои ҷиддӣ сурат мегиранд. Аз ҷумла:

- татбиқи марҳала ба марҳалаи Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ оғоз ёфт;
- суръати бозгашти оворагон рӯ ба афзоиш аст;
- корҳо оид ба омодасозии санадҳои марбутаи ҳуқуқӣ, ки дар Протоколҳо омадааст, моҳиятан шурӯъ гардиданд;
- ба мақсади муҳокимаи роҳҳои дастёбӣ ба рушди босубот дар кишвар гуфтугӯи миёни ҳизбҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятии гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол гардид;
- ба хотири пуштибонӣ аз татбиқи Созишномаи умумӣ оид ба сулҳ ва ризоияти миллӣ корҳои муҳими иттилоотию тарғиботӣ сурат мегиранд.

Мо омодаем, пешниҳоди созандаи ҳар ҳизбу ҳаракати сиёсиро, аз ҷумла дар мавриди иштирок дар ҳаёти сиёсии кишвар мавриди баррасӣ қарор диҳем ва бо назардошти вазъи воқеӣ дар Тоҷикистон ба хотири расидан ба ҳусни тафоҳум, сулҳ ва ризоият дар сарзамини тоҷик ҷустуҷӯи нуктаҳои ҳамсону муштаракро идома диҳем. Бо ҷонибдорӣ аз принсипҳои бисёрҳизбӣ ва чандандешӣ мо ба фаъолияти ҳама ҳизбу ҳаракатҳои сиёсие, ки тибқи қонунҳои ҷорӣ созмон ёфтаанд, шароитҳои баробар эҷод менамоем. Мо чунин мешуморем, ки муборизаи сиёсии ҳизбҳои сиёсӣ бояд танҳо дар чаҳорчӯби Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда сурат бигиранд. Агар касе бар ин андеша бошад, ки қонунҳо нодуруст таҳия шудаанд, пас онҳоро ислоҳ бояд кард, на вайрон.

Канорагирӣ аз қонун яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар

Тоҷикистон буд. Мисолҳои талхи панҷ соли пеш аз ин ба таври рӯшан гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳар гуна иқдоми ғайриконститутсионӣ метавонад боиси ташаннуҷи вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар кишвар гашта, ихтилофи шаҳрвандӣ, поймолкунии ҳуқуқ ва озодиҳои мардумро ба бор орад.

Бино ба марҳалаи нави рушди осоиштаи ҷумҳурӣ, Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи таҳкими ниҳодҳои демократӣ, такомули қонунгузорӣ, бунёди асосҳои ҷомеаи дунявӣ бар пояи меъёрҳои баланди байналмилалӣ ба кумак ва пуштибонии фаъолонаи САҲА умед мебандад.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Хонумон ва ҷанобон,

Мехостам нуктаи назари ин ҷонибро ба таври мухтасар рочеъ ба масъалаҳои муҳиме, ки дар назди САҲА меистанд, иброз дорам. Мо умедворем, ки то саммити оянда лоиҳаи ҳамаҷониба такмилёфтаи Паймони амнияти аврупоиро ба даст гирем. Дар ин санад бамавқеъ мебуд, агар таҷрибаи бунёди Аврупо ва тағйиротҳои асосӣ, ки дар соҳаи амнияти байналмилалӣ ба вуқӯъ пайвастаанд, дарҷ гардад.

Дар робита ба масъалаи амнияти минтақавӣ, мехостам таъкид намоям, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз идомаи рӯёрӯии мусаллаҳона дар Афғонистон ва хавфи минбаъдаи тавсеаи муноқишаи дохилӣ дар ин кишвар ҷиддан изҳори нигаронӣ мекунад. Дар ин замина, бо иҷозаи Шумо бори дигар мавзеи Ҳукумати хешро дар мавриди қатъи ҳарчӣ зудтари амалиёти ҷангӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои дастёбӣ ба ризоият ва иҷрои қатъномаи ООН рочеъ ба Афғонистон таъйид менамоям.

Тоҷикистон, ба ҳайси узви САҲА ва ҳадди ҷанубии он, чун ҳамаи кишварҳои минтақа, ба кафолатҳои воқеии амният ниёз дорад. Дар ин робита, мо дар баробари тақвияти СММ пешниҳод дорем, ки масъалаҳои вобаста ба амнияти давлатҳои наздисарҳадии паҳноии САҲА дар чаҳорчӯби созмонамон мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Аз нигоҳи мо, терроризм, шаклҳо ва зуҳуроти он, инчунин тиҷорати маводи мухаддир яке аз чолишҳои ҷиддӣ ба ҷомеа мебошанд. Дар ҳалли ин масъалаҳо, ки мустақиман ба амният таҳдид мекунанд, сурат гирифтани мусоидатҳои бештаре аз мавзеи САҲА ба ниҳодҳои марбутаи СММ мувофиқи мақсад аст.

Рочеъ ба масъалаҳои андозагириҳои иқтисодӣ сухан ронда, чунин мешуморем, ки вақти он расидааст, то САҲА дар мавриди фаъолсозии бештари Форуми иқтисодӣ, тасдиқи ҳарчӣ тезтари эътиборномаи ҳамоҳангсози иқтисодӣ бо ихтиёроту имкониятҳои васеъ иқдом намояд. Ба назари мо, таҳкими воқеии амният дар минтақа бе эҷоди заминаҳои зарурӣ барои мӯътадилсозии пешрафти иқтисодӣ ва ҳалли самарабахши масъалаҳои мураккаби

иқтисодиву иҷтимоие, ки дар кишварҳое бо иқтисоди дар ҳоли гузариш ба вуҷуд омадаанд, аз ҷумла Тоҷикистон, душвор аст.

Мо умедворем, ки дар ояндаи наздик Конфронси кишварҳои мададрасон барои маблағгузории барномаҳои марбут ба раванди ҳамгироии оворагон, шахсони тағйири ҷойнамуда ва онҳое, ки аз хизмати низомӣ дар раванди сулҳи миллӣ ҷавоб шудаанд, инчунин расонидани кумаки зарурӣ ҷиҳати барқарорсозии хоҷагии халқи кишвар, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ хароб шудааст, баргузор хоҳад гардид. Тавре маълум аст, тадбирҳои мазкур дар Протокол «Дар бораи принсипҳои асосии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» аз 17 августи соли 1995 пешбинӣ шудаанд.

Ҳамзамон мехостам таъкид созам, ки сарфи назар аз пайомадҳои фоҷиабори муноқишаи низомии ба мо таҳмилшуда ва мушкилот дар роҳи ҳалли проблемаҳои иқтисодии кишвар, ки аз вартаи бӯҳрон берун меояд, Тоҷикистон азми қавӣ дорад, то ҷойгоҳи сазовори худро дар ҷомеаи байналмилалӣ касб намояд ва раванди эҷоди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро бо кӯшишу ғайрати мардум суръат бахшад.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Дар хулосаи гуфтор мехостам ба Намояндаи вежаи Дабири кулли СММ дар Тоҷикистон ҷаноби Герд Дитрих Меррем, ҳамчунин ба ҳукуматҳои Давлати Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Покистон, Федератсияи Россия, Созмони Конфронси Исломӣ, иштирокдорони ҳамаи ҳашт даври раванди музокироти миёни тоҷикон зери сарпарастии СММ, ки омодагии худро ҳамроҳ бо СММ чун кафили иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки 27 июни соли 1997 дар Москва ба имзо расид, изҳор доштанд, арзи сипос намоям.

Мо хидмати низомиёни Нерӯҳои дастаҷамъонаи сулҳофари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Гурӯҳи нерӯҳои марзбони Россия ва Ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистонро, ки дар роҳи ба эътидол овардани вазъ дар Тоҷикистон ва дар сарҳади миёни Тоҷикистону Афғонистон мусоидат карданду ҳолиё низ ин мусоидат идома дорад ва он шароитҳои заруриро барои пешрафти устувор ва таъмиқи раванди сулҳ ба вуҷуд меоварад, шоиста арзёбӣ мекунем.

Фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, САҲА, Идораи Комиссари олии СММ оид ба гурезагон, Барномаи ҷаҳонии ғизо, Хазинаи кӯдакони СММ, Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, Кумитаи байналмилалии салиби сурх ва ғайра сазовори эҳтирому қадрдонии мардуми мо қарор гирифтаанд.

Дар фарҷом мехостам ба Шӯрои Доимии САҲА барои таваҷҷӯҳи хос ва алоқамандӣ ба мушкилоти кишвари мо самимона сипосгузорӣ намоям.

Ташаккур

СУХАНРОНӢ ДАР ВОХӮРИИ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ САҲА
Копенгаген, декабри соли 1997

(Бо ихтисорот чоп мешавад)

НАҚШИ САҲА ДАР НИЗОМИ СУЛҲОФАРӢ

Тайи як соли пас аз вохӯрии Лиссабон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии давлатҳо-иштирокдорони САҲА дигаргуниҳои гуногуне ба вуқӯъ пайвастанд. Таҳаввули фазои сиёсӣ дар ин давра бори дигар рӯшан нишон дод, ки САҲА давлатҳоеро муттаҳид сохт, ки натанҳо арзишҳои умумибашариро эътироф доранд, балки омодаанд ҳамаҷониба онҳоро инкишофу таҳким бахшанд.

Амнияти ҷаҳони муосир мавриди хавфу хатарҳои зиёде қарор гирифтааст. Бо таассуф бояд таъкид кард, ки ба ин номгӯй чолишҳои нав ба нав зам мегарданд. Дар фаҳмиши умумии вазъи мазкур ҷои зикр аст, ки ғояи амнияти кооперативӣ, ҳамзамон бо муайян кардани имкониятҳои САҲА ҷиҳати пешгирӣ ва ҳаллу фасли муноқишаҳо дар минтақаи он, шоистаи таваҷҷӯҳи бисёр ҷиддист. Фаъолияти муштараки СММ ва САҲА дар Тоҷикистон ба таври возеҳ аҳамияти тавсеа ва татбиқи саривақтии доираи васеи воситаҳои дипломатияи пешгирикунандаро нишон дод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун узви САҲА, дар давраи сипаришуда ҷойгоҳи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ комилан дарк намуд. Сабақи пайомадҳои рӯёрӯйиҳои шаҳрвандӣ ва эҳсоси сангиниҳо ҳамроҳ бо вазнинтарин проблемаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, Тоҷикистонро дар масъалаи пазириши санади фарогири тамоми ҷанбаҳои амният беш аз пеш алоқаманд сохтааст.

Шояд ба ёдоварӣ аз тасодумҳои таърихӣ ва авзои номусоиде, ки сар аз соли 1992 кишвари моро ба як «нуқтаи доғ»-и дигари сайёра табдил дод, ниёз набошад. Аз рӯзҳои аввали муноқиша Ҳукумати Тоҷикистон, бо такя бар ин нукта, ки ба раванди ҳалли мусолиматомези масъала роҳи дигаре нест ва буда ҳам наметавонад, ҳаллу фасли вазифаҳои марбут ба барқарории сулҳу субот ва ризоияти шаҳрвандиро дар ҷумҳурӣ ба ҳайси авлавияти асосӣ муайян намуд.

Моҳи апрели соли 1994 роҳбарияти Тоҷикистон ба музокирот ворид шуда, бо кумаки фаъолонаи ҷомеаи байналмилалӣ тавонист, ки ибтидои соли равон шуморе аз санадҳоеро, ки ба сулҳу ризоияти миллӣ асос гузоштанд, барои имзо омода созад.

Мо аз рӯёрӯиҳои идомадори нобахшиданӣ сабақи муҳим гирифтем. Маълум шуд, ки ҳаёти мардум, орзуву беҳбудии он ва

дар маҷмӯъ ояндаи кишварро наметавон дар шароити рӯёрӯӣ ва хусумат ҳимоя ва таъмин кард.

Ба хотири дастёбӣ ба ин ҳадафҳои ҳаётан муҳим 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумӣ оид ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Лозим ба таъкид аст, ки пас аз имзои Созишномаи Москва марҳалаи сифатан нави ҳаёти кишвари мо оғоз ёфт. Роҳбарияти Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба ҷумҳурӣ бозпас гашт, Комиссияи оштии миллӣ ба фаъолият пардохт. Табодули теъдоди ағлаби асирони низомӣ ва зиндониён сурат гирифта, раванди бозгашти оворагон аз Афғонистон амалан анҷом ёфт. Дар иртибот ба барҳам додани гурӯҳҳои ҷиноӣ фаъолона кор бурда мешавад.

Ҳамзамон мехостам таъкид намоям, ки дар ҳоли ҳозир авзои ҷамъиятию сиёсӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ беш аз пеш ором буда, зери назорати боэътимоди Ҳукумат қарор дорад. Мо бо итминон метавонем бигӯем, ҳамаи он имкониятҳоеро, ки барои ҳаллу фасли проблемаҳои мавҷудае, ки ба омилҳои дохилӣ вобастаанд ва ба мусолиҳаи миллӣ монеъ мегарданд, дар ихтиёр дорем.

Мехостам таъкид намоям, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро бо проблемаҳояш дар танҳоӣ нагузошт. Дарки аҳамияти кумак ба истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон боиси он гардид, ки 24-25 ноябр дар Вена Конфронси кишварҳои донор оид ба пуштибонии сулҳ ва рушди баъдиҷангии ҷумҳурии мо баргузор гардид. Ба пиндори мо, ин кумак саҳми арзандае хоҳад буд дар бунёд ва таҳкими ҷомеаи дунявии демократӣ.

Мо ба Созмони Милали Муттаҳид, Ҷомеаи Аврупо ва ба ҳама кишварҳои дӯст, ки дар барқарорсозии сулҳу субот дар Тоҷикистон саҳм гузоштаанд, самимона изҳори сипос мекунем.

Бо дарназардошти таҷрибаҳои бунёди Аврупо ва дигаргуниҳои ҷиддие, ки дар ҳаёти байналмилалӣ сурат гирифтаанд, мехостам нуктаи назари ин ҷонибро роҷеъ ба масъалаҳои муҳими САҲА мухтасар иброз дорам.

Баррасӣ ва таҳлили ҷанбаҳои амният дар чаҳорчӯби созмон зарурати азми қатъиро ҷиҳати таҳияи Консепсияи амният дар садаи XXI, ки он бояд фарогири чунин принсипҳои муҳим, монанди ҷудоинопазирии амният, тамоюл ба ташаккули фазои ягонаи амният, субот ва ҳамкорӣ бошад, нишон медиҳад.

Ба назари мо, бамавқеъ мебуд, агар кор ҷиҳати таҳияи модели амният дар қаринаи Хартияи ояндаи амнияти аврупоӣ сурат гирад. Ба бардошти мо, Хартия – ин роҳи аз ҳама самарабахши муайян кардани авлавиятҳои минбаъдаи САҲА дар соҳаи таъмини амният мебошад. Дар иртибот ба ин, пешниҳоди Федератсияи Россия шоистаи ҷонибдорист.

Таъсиси сохторҳои амниятӣ ҳамчунин бо дарназардошти чолишу таҳдидҳои дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуда бояд сурат гирад. Зимнан ҷои таъкид аст, ки таҳдидҳо барои суботи

минтақаи САҲА на аз ҷониби кишварҳои узви созмон, балки аз сӯи кишварҳое, ки бо онҳо марзи муштарак доранд, бармеояд. Дар ин қарина мо дар иртибот ба идомаи рӯёрӯиҳои мусаллаҳона дар Афғонистон ва хавфи густариши муноқишаи дохилӣ дар он кишвар ҷиддан изҳори нигаронӣ мекунем.

Тоҷикистон ба ҳайси узви САҲА ва ҳадди ҷанубии он, чун дигар кишварҳои минтақа ба кафолатҳои воқеии амният ниёз дорад. Бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки дар баробари кӯшишҳои СММ, дар чаҳорчӯби САҲА низ масъалаҳои вобаста ба амнияти давлатҳои наздисарҳадии паҳнои Созмон мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар масъалаҳои марбут ба амалиётҳои посдории сулҳ, Тоҷикистон аз ҷонибдорони такомули фаъолияти сулҳофарии САҲА мебошад. Ин унсури муҳимтарин дар низоми чораҳо оид ба пешгирӣ кардани муноқишаҳо, танзими бӯҳронҳо ва бартараф кардани паёмади онҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо вуруди унсурҳои нав ба фаъолияти сулҳофарии САҲА ва ҳамкориҳои наздики он бо СММ боиси афзоиши тавонмандии воқеии Созмон дар таъмини иҷрои ҳамаи муқаррарот ва принсипҳои пазируфташуда дар соҳаи пешгирӣ кардан ва ҳаллу фасл намудани муноқишаҳо хоҳад гардид.

Дар робита ба ин, мо, ҳамчунин ҷонибдори тақвият ёфтани принсипи гузаронидани иқдомҳои муштарак барои ҳимояи давлати иштирокдоре, ки амният ва тамомияти арзии он зери хатар қарор гирифтааст, мебошем. Пас, зарур аст, то механизми махсуси иқдомҳои муштараконае, ки ба ҳамкорӣ, пуштибонӣ, инчунин ҳимояи амнияти давлати ниёзманд ба он асос ёфтааст, таҳия гардад.

Мехостам муқаррарот оид ба ташвиқи ибтикори дуҷониба ва минтақавиро, ки ба рушди ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ равона гардидааст, махсус таъкид намоям. Муқаррароти мазкури САҲАро чун асос қарор дода, маҷмӯи чораҳо оид ба таҳкими боварӣ ва амнияти минтақавиро баррасӣ намудан зарур аст. Дар баробари пешниҳодҳои дигар ибтикори кишварҳои Осиёи Миёнаро роҷеъ ба таъсиси минтақаи озод аз силоҳи ядроӣ низ таъкид кардан бамаврид аст.

Лоиҳаҳои пешниҳодшудаи Дафтар оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ, ки меҳвари асосии онҳоро кумак расондан ба кишварҳои минтақа ҷиҳати ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мувофиқ гардонидани пояи қонунгузории онҳо, омодасозӣ ва доир намудани интихоботҳои воқеан демократӣ ва озод ташкил медиҳад, саҳми қобили таваҷҷӯҳ ба шумор меравад.

Таҷрибаи корӣ нишон дод, ки ягон давлат, созмон ё иттиҳод дар мавриди посдории сулҳ дар минтақаи Созмон наметавонад воситаҳои бартаринокро дар ихтиёр дошта бошад. Чунин нуктаро метавон дар мавриди ба ҳайси соҳаи нуфузи субъектҳои маз-

кур қарор гирифтани ин ё он қисмати минтақаи САҲА низ баён кард. Ҳангоми таҳияи унсурҳои нав дар низоми чораҳои боварӣ ба масъалаи ҳамкориҳои муштарак эътибори хос мебояд, то ягон ҷониби алоқаманд аз ин раванд дар канор намонад.

Махсусан мехостам таваҷҷӯҳро ба масъалаҳои пешгирии чолишҳо ва таҳдидҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҷалб намоям. Ба назари мо, бе эҷоди заминаҳои зарурӣ барои мӯътадилсозии пешрафти иқтисодӣ ва ҳаллу фасли муассири масъалаҳои мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш дучор шудаанд ва Тоҷикистон низ дар шумури онҳост, ба таҳкими воқеии амният дар минтақа умед бастан душвор аст.

Ин нукта бахусус барои кишварҳое, ки муноқишаи дохилиро аз сар гузаронда, дар ҳоли барқарорсозии баъдиҷангӣ қарор доранд, муҳим арзёбӣ мегардад. Мушкилоти мазкур метавонад ба зудӣ сарчашмаи ташаннуҷи иҷтимоӣ гардад ва пояҳои давлатдориро хароб созад. Аз ҷониби дигар, онҳо метавонанд боиси ба васваса афтодани кишварҳое гарданд, ки нияти доранд амнияти худро аз ҳисоби давлатҳои дар давраи мушаххаси торихӣ дар вазъи на он қадар судманд қарордошта таҳким бахшанд. Аз ин рӯ, мо қатъан ҷонибдори принсипи роҳ наёфтани чунин качравиҳо дар чаҳорчӯби САҲА ва умуман, дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мебошем.

Дар фарҷом мехостам изҳори умедворӣ намоям, ки вохӯрии мазкур чун василаи ангезиши иловагӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрами муосир, пеш аз ҳама масъалаҳои вобаста ба таҳияи сохтори амният дар минтақаи САҲА мусоидат хоҳад кард. Иштироки фаъолонаи давлатҳо дар ин кор ва ироаи пешниҳодҳои саривақтии арзишманд роҷеъ ба масъалаҳои мушаххас итминон медиҳад, ки мо сарфи назар аз гуногунии бархӯрд ва фаҳмиши проблемаҳои мавҷуда ба қарори ягона биёем.

СУХАНРОНӢ ДАР ВОХӮРИИ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ САҲА
Осло, декабри соли 1998

(бо ихтисороти зиёд чоп мешавад)

МАСЪУЛИЯТИ САҲА БАРОИ АМНИЯТИ МИНТАҚА

Бори дигар дар ин ҳамоиши муҳим сухан ронда, мехостам нақши чашмгири САҲА-ро дар низоми авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид созам. Мо ба ҳамкорӣ бо САҲА ва ниҳодҳои он аҳамияти хос қоилем ва бештар ниятҳои

худро дар мавриди ҳалли вазифаҳои чорӣ дар соҳаи демократикунонии ҷомеа бо онҳо пайванд медиҳем.

Бо қаноатмандии хос мехоҳам ба огоҳии Шумо бирасонам, ки соли равон мо дар роҳи сулҳи миллӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем. Раванди сулҳ, сарфи назар аз душвориҳои мавҷуда, беш аз пеш ҷанбаи устувор пайдо мекунад. Мақсади асосӣ - поён додан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва бебозгаштии раванди сулҳ ҳосил шудааст.

Инро нуктаҳои зер метавонанд тасдиқ кунанд:

- Комиссияи оштии миллӣ бо мусоидати СММ ва САҲА, инчунин кишварҳои кафил бомуваффақият фаъолият дорад;

- ҷараёни пайвастани воҳидҳои низомии Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар ҳоли анҷомёбист;

- бозгашти оворагон ба маҳалли иқомати худ ва таъйини намояндагони мухолифин ба вазифаҳои баланди ҳукуматӣ амалан ба итмом расидааст.

Ҳоло дар саросари ҷумҳурӣ сулҳ ҳукмфармост, аммо он ҳанӯз заиф аст. Хуруҷи ташаннуҷе, ки ахиран дар Хуҷанд ба вуқӯъ пайваст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар роҳи дастёбӣ ба сулҳ душвориҳо кам нахоҳанд буд. Раванди оштии миллӣ ва истиқрори сулҳу субот дар Тоҷикистон мавриди писанду хушҳолии баъзе нерӯҳои дохиливу хориҷӣ нест.

Ҳодисаҳои моҳи ноябр нишон доданд, ки мардуми Тоҷикистон чунин хавфу хатарҳоро новобаста аз он ки аз ҷониби кист, қабул надорад. Ҳукумати Тоҷикистон аз ин ба баъд низ ба нерӯҳои солими ҷомеа, кумаки маънавию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама СММ ва САҲА такя хоҳад кард.

Ҳамзамон мехостам таъкид намоям, ки дар ҳоли ҳозир вазъи ҷамъиятию сиёсӣ мӯътадил ва таҳти назорати баэътимоди ҳукумат қарор дорад. Мо бо итминон метавонем бигӯем, ҳамаи он имкониятҳоеро, ки барои ҳаллу фасли проблемаҳои мавҷудае, ки ба омилҳои дохилӣ вобастаанд ва ба мусолиҳаи миллӣ монеъ мегарданд, дар ихтиёр дорем.

Тоҷикистон, ба марҳалаи нави осоиштаи инкишофи худ ворид гардида, ба кумак ва пуштибонии фаъолонаи САҲА дар мавриди таҳкими ниҳодҳои демократӣ, такомули қонунгузорӣ, бунёди пояҳои ҷомеаи дунявӣ дар асоси меъёрҳои арзишманди байналмилалӣ умедвор аст.

Мо ташаббуси Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсонро дар мавриди мусоидат ба мутахассисонамон дар тарҳрезии шуморе аз лоиҳаҳо ва санадҳои бунёдии қонунгузорие, ки бояд ба демократикунонии минбаъдаи ҷомеа кумак намоянд, механизми ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва баргузории интихоботҳои озоду мустақил ва ғайраро дарбар гиранд, пуштибонӣ мекунем.

Ҳоло мехостам нуқтаи назари ин ҷонибро роҷеъ ба масъалаҳои муҳиме, ки дар назди САҲА меистанд, ба таври мухтасар изҳор

дошта бошам. Яке аз масъалаҳои мубрам барои Созмон ин таҳияи ниҳоии лоиҳаи Хартияи амнияти Аврупо мебошад. Ба Хартияи амнияти Аврупо пайрезӣ шудани принсипҳои асосии низоми ояндаи амният, чун эҳтироми соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии давлатҳо, мудохила накардан ба корҳои дохилии кишварҳои дигар бисёр муҳим мебуд. Давлатҳои иштирокдор вазифадоранд, ки шаффофияти фаъолияти сиёсии худро таъмин созанд.

Дар робита ба ин, пешниҳод мешавад, то шарикии умумиавропоӣ ҳар гуна шаклҳои нобаробариро миёни кишварҳо, аз ҷумла вогузории масъулияти хос ё имтиёзиро барои пуштибонии субот дар минтақа, ғайримумкин гардонад. Ягон давлат наметавонад ин ё он қисмат, хосса кишвари дигари минтақаро ба ҳайси минтақаи нуфузи худ баррасӣ намояд.

Ҳар як давлат бояд барои таъмини амнияти умумӣ дар минтақаи САҲА дар андозагириҳои дилхоҳ, бо иҷрои комили ҳама қарорҳои Созмон, новобаста ба ин ки он дар худи давлат ё дар чаҳорчӯби сохторҳои фароминтақавӣ, минтақавӣ ё дигар сохтор амалӣ мегардад, масъул бошад. Вазифаи марҳалаи кунунӣ бо таваҷҷӯҳ ба принсипи тақсимнопазирии амният аз фарогирии бештар ва табиии қисмати осиёии САҲА иборат аст.

Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи САҲА ва паси сар кардани нооромиҳо, ба кафолатҳои воқеии амният ниёз дорад. Аз ин рӯ, мо пешниҳод менамоем, ки дар баробари кӯшишҳои СММ, дар чаҳорчӯби САҲА низ масъалаҳои вобаста ба амнияти давлатҳои наздисарҳадии паҳноии Созмон мавриди баррасӣ қарор гирад.

Ба назари мо, механизми мавҷуда дар мавриди огоҳии пешакии хавфу хатарҳо дар минтақаи САҲА ҷиддан такомул мехоҳад. Механизмеро бояд роҳандозӣ кард, ки зуҳури де-юре ва дефактои сатҳи гуногуни амниятро дар минтақа амалан номумкин гардонад.

Бинобар ин, ба андешаи мо САҲА ӯҳдадор аст, барои саривақт ошкор кардани таҳдид ва чолишҳои амниятие, ки тавассути проблемаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ғайра сар мезанад, чораҳои зарурӣ биандешад. Дар баробари Арал вазъи сарбанди кӯли Сарез дар Тоҷикистон низ изтиробангез аст. Дар сурати канда шудан, он ба тамоми минтақа паёмадҳои пешбининашавандаеро дар пай хоҳад дошт ва дар ин замина мо оғози омодагириҳои САҲА-ро роҷеъ ба ин масъала ҷонибдорем.

СУХАНРОНӢ ДАР ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ДОИМИИ САҲА
Вена, 14 октябри с. 1999

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Мӯҳтарам Котиби Генералӣ,
Хонумон ва ҷанобони мӯҳтарам,

Иҷозат фармоед, пеш аз ҳама ба раисикунандаи норвегӣ барои имконияти иштирок дар кори Шӯрои Доимии САҲА миннатдории худро арз намоям.

Аз ин фурсат истифода бурда, ба Ҳукумати Австрия барои истиқболи гарм ва дастгирии он дар ҳалли мушкилоти Тоҷикистон изҳори ташаккур менамоям.

Имрӯз метавон гуфт, ки бо кӯшиши САҲА дар солҳои охир, бешубҳа, дар рушди ҳамкориҳо ва ҳамдигарфаҳмӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва институтҳои САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ пешравиҳои назаррас ба вуқӯъ пайвастанд.

Бешубҳа, яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи соли ҷорӣ ин таҳкими муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА ва кӯшишҳои мо барои ҳамкориҳои боз ҳам самаранок хоҳад буд.

Дар шароити ҳозира ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ, мавзӯи афзалиятноки ташвиши давлатҳои нави мустақили Осиёи Марказӣ метавонанд на танҳо «амният»-и анъанавӣ аз таҳдидҳои беруна, балки ҷустуҷӯи кафолати амнияти миллии давлат аз катаклизмҳои ногаҳонӣ шаванд. Мо ба хубӣ дарк мекунем, ки кафолати байналмилалии мӯътадилии давлат хусусияти боз ҳам муҳимтареро нисбат ба хусусияти миллӣ, касб мекунад. Ин мулоҳизаҳо ба андозаи хеле калон рӯзмарра будани рушд ва таҳкими ҳамкориҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дар навбати аввал Тоҷикистон бо САҲА ва институтҳои онро дар назар доранд.

Тоҷикистон ба таҳкиму густариши минбаъдаи ҳамкориҳо бо САҲА аҳамияти калон дода, онро ба сифати Созмони муҳиме, ки барои дастгирии сулҳ ва амният дар минтақа масъул аст, мешиносад. Саҳифаи муҳимро дар таърихи рушди муносибатҳои Тоҷикистону САҲА Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон боз кард, ки 5 солагии онро ҳамин сол дар Душанбе қайд кардем. Намояндагӣ аз рӯзи аввали фаъолияти худ иштирокчии фаъоли тамоми марҳилаҳои пешрафти на танҳо бозсозиҳои демократӣ, балки раванди ба низом даровардани муносибати байни тоҷикон буд.

Мо боварӣ дорем, ки сафари самараноки Раиси Амалкунандаи САҲА, вазири корҳои хориҷии Норвегия ҷаноби Кнута Воллебек ба Тоҷикистон ва Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДНДҲИ), инчунин чанд лоиҳаи дигар роҷеъ ба масъалаҳои амиқсозии дигаргунсозиҳои демократӣ ва риояи ҳуқуқи инсон ба васеъшавии муҳити ҳамкориҳои мо мусоидат хоҳанд кард. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабули стратегияи САҲА оид ба Осиёи Марказӣ дар бахши ҳамкориҳои минтақавӣ дар

соҳаи амният ва ченаки инсонӣ аҳамияти калон дода, дар амалӣ гардидани он мусоидат мекунад.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Иҷозат фармоед, дар доираи вақти барои ман ҷудошуда оид ба баъзе ҷанбаҳои вазъияти имрӯза дар кишвари ман ва пешомади рушди он каме таваққуф намоям.

Имсол Тоҷикистон дар кори оштии миллӣ натиҷаҳои назаррасро ба даст овард. Имрӯз бо дилпурӣ метавон гуфт, ки раванди сулҳ дар кишвар бебозгашт аст. Комиссияи оштии миллӣ бо мусоидати бевоситаи СММ, САҲА ва кишварҳои кафил муваффақона рисолати худро ба ҷо овард. Дар ҳолати хотимавӣ раванди бо сохторҳои қудратии ҳукуматӣ пайвастани воҳидҳои мусаллаҳи мухолифин, ба маҳалли зисти доимӣ баргардондани муҳоҷирон ва тайиноти намояндагони мухолифин дар сохторҳои ҳукуматӣ дар марҳилаи хотимавӣ қарор доранд.

Имрӯз дар кишвар сулҳ, оромӣ ва субот барқарор гардида, низоъи байни тоҷиконро барои ҳамеша ба ақиб партофт.

Бо қатъият гуфтан мумкин, ки роҳи интихобкардаи мо – ин роҳи сохтмони ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистон мебошад. Исботи он натиҷаҳои райъпурсии умумихалқӣ оид ба ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Сарқонуни кишвар мебошанд, ки дар рафти он 78 фоизи аҳолӣ кӯшишҳои Ҳукуматро ҷиҳати барқарор кардани сулҳу созиш ва дар ин асос рушди минбаъдаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаккули ниҳодҳои демократии боэътимодро дастгирӣ намуд.

Дар баробари ин, роҳи мазкур осону сода нахоҳад буд ва ба идораи демократӣ лозим меояд, то санҷишҳои ҷиддиро паси сар намояд. Дар ин ҷода, мо умедворем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ, САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ёрӣ ва мусоидати ҳаматарафаи худро ба Тоҷикистон дар кори таҳкими институтҳои демократӣ ва сохтмони асосҳои ҷомеаи дунявӣ давом хоҳанд дод.

Дар мавриди таҳким бахшидан ба асосҳои рушди демократии Тоҷикистон интихоботҳои дарпешистодаи президентӣ ва парлумонӣ дар Тоҷикистон аҳамияти ниҳоят муҳим доранд. Барои интихоботи озод дар асоси бисёрҳизбӣ бо ҷалб кардани ҳамаи табақаҳои аҳолӣ шароитҳо фароҳам оварда мешаванд. Дар ин самт мо дастгирӣ ва мусоидати САҲА, ҳайатҳои ИМА, Олмон ва Швейтсарияро амалан ҳис мекунем. Намояндагони кишварҳои номбурда дар омодагириҳо ба интихоботҳои мазкур мустақиман иштирок менамоянд.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Мӯҳтарам хонумон ва ҷанобон,

Дар арафаи Ҳамоиши саронии давлатҳо мехостам нуқтаи назари моро оиди масъалаҳои асосие, ки аз ҷониби САҲА баррасӣ

мегарданд, мушаххас иброз намоям.

Мо пойбандии худро ба принсипҳои тақсимнопазирии амният, кӯшишҳо барои ташаккули фазои ягонаи амниятӣ, субот ва ҳамкорӣ изҳор менамоем. Мухолифоте, ки Тоҷикистон дар гузаштаи начандон дур паси Сар кард, ҳодисаҳо охирин дар Косово, Чеченистон ва ҷануби Ҷумҳурии Қирғизистон, инчунин ҷанги давомдори Афғонистон нишон доданд, ки асосҳо ва сарчашмаҳое, ки низоми байналмилалии амниятиро дар фазои САҲА тезу тунд менамоянд, асосан на дар муносибатҳои анъанавии байни давлатҳо, балки дар муносибатҳои байни гурӯҳҳо ва ҷомеаҳои гуногуни этникӣ нуҳуфтаанд. Ба фаҳмиши ман, ҷузъиёти муҳими аз байн бурдан ва ҳалли чунин низоъҳо муттафиқии давлатҳои аъзо ва ҷомеаи байналмилалӣ мебошад. Мувофиқи мақсад аст, то ҳангоми таҳияи матнҳои Хартия омилҳои номбурда ба назар гирифта шаванд.

Дар шароити ҳозира ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ, мавзӯи афзалиятноки ташвиши давлатҳои нави мустақили Осиёи Марказӣ метавонанд на танҳо «амният»-и анъанавӣ аз таҳдидҳои беруна, балки ҷустуҷӯи кафолатҳои амнияти миллии давлатҳо аз катаклизмҳои ногаҳонӣ бошанд. Мо ба хубӣ дарк мекунем, ки кафолатҳои байналмилалии амнияти давлатҳо хислати ба худ хосро мегиранд. Ин фаҳмишҳо ба андозаи лозимӣ актуалӣ будани рушд ва таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо САҲА ва институтҳои он, дар назар доранд.

Низои давомдор дар Афғонистон – ин сарчашмаи таҳдидҳои бисёр на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Миёна мебошад.

Байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар масъалаҳои муборизаи алайҳи воридшавӣ ва паҳн гардидани идеологияи толибон, аслиҳа, ҷиноятқорӣ, терроризм ва навъҳои гуногуни ифротгароӣ дар минтақаи мо аз Афғонистон дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба ҳамкориҳои муайян ба роҳ монда шудаанд. Ҷанги кашолёфта ва бесарусомонӣ дар Афғонистон ба он оварданд, ки ин кишвар ба яке аз марказҳои асосии маводи мухаддир дар ҷаҳон мубаддал гашт.

Ана барои чи дар Хартия инчунин фаъолияти мушаххаси САҲА-ро нисбат ба таҳдидҳое, ки аз беруни минтақа сар мезананд, бо ворид кардани мавзӯъҳои бо терроризм, тиҷорати ғайриқонунии аслиҳа, ифротгароии динӣ ва қочоқи маводи нашъадор алоқаманд, инъикос намудан зарур аст.

Вобаста ба ин, мо ташаббуси Россия ва дигар кишварҳоро, ки ба сафарбаркунии ҷидду ҷаҳди муштарак, пешгирӣ ва маҳви терроризм, чи дар доираи давлатҳо-иштирокчиён, ва чи дар чаҳорчӯбаи САҲА, дигар созмонҳои байналмилалии ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ равона шудаанд, ҷонибдорӣ менамоем.

Садсолаи мо ба ташаккули идеологияи умумиҷаҳонӣ - таъми-

ни ҳуқуқи инсон асос гузошт. Масъалаи мазкур яке аз соҳаҳои авлавиятноки фаъолияти САҲА мебошад, ки ба таъмини амнияти ҳамаро фарогир равон шудааст. Масъалаҳои ченаки инсонӣ барои кишварҳои бо иқтисодиёти гузаранда, ки чанде қабл ба ташкили ҷомеаи демократӣ оғоз намудаанд, характери нисбатан муҳимро касб мекунад. Бинобар ин, дар Хартия инчунин метавон дар бораи мусоидати ҳамаҷонибаи САҲА ба давлатҳои марҳилаи газариш дар ташкили шароитҳои лозимӣ барои ченаки инсонӣ зикр кард.

Инчунин лозим мешуморем, то дар Хартия баробарҳуқуқии аъзо ва амнияти якхела барои тамоми давлатҳое, ки ба САҲА дохиланд, ба таври возеҳ инъикос шавад. Давлатҳои аъзо вазифадоранд, то шаффофияти амалҳои сиёсии худро таъмин намоянд. Ба ақидаи мо, шарикии умумиаврупоӣ бояд ҳама гуна шаклҳои нобаробариро миёни кишварҳо, аз ҷумла, ба давлатҳоиштирокчиён вогузор кардани масъулиятҳои махсус ё бартаринокро ҷиҳати дастгирии суботнокӣ дар минтақа истисно намояд.

Мӯҳтарам ҷанобон,

Нисбати таҳкими иқтидори амалии Созмон ман мехостам як чизро зикр намоям:

Тоҷикистон тарафдори ба Созмон додани имконияти сулҳоварии амалӣ аст. Ин ҷузъиёт, ба ақидаи мо, дар низоми чораҳо оиди аз байн бурдани низоъҳо, танзими бӯҳронҳо ва бартараф кардани оқибатҳои онҳо хеле натиҷабахш буда, ба муқаррароти Боби VIII Оинномаи СММ ва Боби III Санади Хелсинки аз соли 1992 пурра мувофиқ мебошад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти САҲА, беҳтар кардани алоқаҳои фаврӣ бо минтақа, ҷараён додани назорати доимӣ аз болои вазъият ва вокуниши саривақтӣ ба рушди он, таъсис додани мансаби доимии Намояндаи махсуси Раиси Амалкунандаи САҲА-ро оид ба Осиёи Марказӣ дар Ҳамоиши қарибулвуқӯи сарони давлатҳои узви САҲА, мувофиқи мақсад меҳисобем. Фикр мекунам, ин сохтор ба САҲА имкон медиҳад, ки ба рушди вазъият дар минтақа вокуниши самаранокуи муаасир нишон диҳад, фаъолияти ниҳодҳои дахлдори САҲАро дар ин самт ҳамоҳанг намояд, доир ба ҳалли мушкилоти рухдода тавсияҳои лозимиро таҳия намояд.

Мо таклифҳои ҳамтоёни худро аз САҲА ва Иттиҳоди Аврупо оид ба рушди ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва тиҷоратиро дар асоси баробарҳуқуқӣ, инчунин роҷеъ ба мусоидат намудан дар муҳайё сохтани шароит барои додугирифти озоди молҳо, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, дастгирӣ менамоем.

Ба назари мо ба роҳ мондани ҳамкории САҲА бо Иттиҳоди Ав-

рупо роҷеъ ба лоиҳаҳои ИНОГЕЙТ, ТРАСЕКА, СПЕКА, ТАСИС ва ғайра, ки дар маҷмӯъ ба амалӣ кардани консепсияи таъмини амният дар асоси ҳамкориҳои САҲА бо созмонҳои байналхалқӣ, иқтисодӣ ва минтақавӣ мусоидат мекунанд, муҳим аст.

Ҳалли мушкилоти мавҷуда дар Осиёи Марказӣ, ба мисли: идораи муштараки захираҳои фаромарзии обӣ ва энергетикӣ, рушди инфраструктураи нақлиётӣ ва алоқаҳои тиҷоратӣ, гидроэнергетика ва захираҳои обӣ, убури осони сарҳад, гардиши озоди мол ва одамон, аз як тараф, ба пешравии иқтисодии ин давлатҳо, аз дигар тараф, ба таҳкими низоми минтақавии амният мусоидат мекунад.

Дар бартараф кардани душвориҳои иқтисодии давраи баъди низоъ, дар баробари демократикунонии ҷомеа, ташкили механизмҳои бозорӣ дастгирии моддӣ-техникӣ ва сармояҳои хориҷӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд. Дар ин масъала саҳми арзандаро созмонҳои байналхалқии молиявӣ, ҳукуматҳои ИМА, Олмон, Ҷопон ва дигар кишварҳо мегузоранд. Аз мавқеи САҲА нақши ҳамтоёни обрӯманди мо - Вилям Хойник, Ларс Лундин ва Том Прайз ниҳоят муҳим аст. Умедҳои махсусро мо бар дӯши Котиби Генералӣ Ян Кубиш, ки Тоҷикистон, мушкилот, захираву имкониятҳои онро бисёр хуб медонад, вомегузорем.

Ҳоло, тавре Шумо медонед, дар баробари мушкилоти дигари характери сиёсӣ ва иқтисодӣ дошта, масъалае, ки боиси ташвиши алоҳидаи давлатҳои нави мустақили Осиёи Марказӣ гардидааст, мушкилоти баҳри Арал ва кӯли Сарез мебошад. Аввали ҳамин сол Президенти Қирғизистон Аскар Акаев ҳамчунин диққати Шуморо ба проблемаи кӯли Сарез, ки ба Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Афғонистон таҳдид меорад, ҷалб намуда буд. Мо умедворем, ки САҲА инчунин саҳми худро дар амалӣ кардани лоиҳаҳои СММ оид ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли фарогири ин мушкилот хоҳад гузошт.

Мехостам қайд намоям, ки ба наздикӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар 54-умин Иҷлоси Ассамблеяи Генералии СММ бо ташаббуси эълон гардидани соли 2003 ҳамчун соли Байналмилалии об баромад кард.

Сабабгори ин ташаббус, пеш аз ҳама, бадшавии таҳдидовари вазъият аст, ба дастрасӣ надоштани аҳолии Осиёи Марказӣ ба оби тоза алоқамандӣ дорад. Умедворам, ки пешниҳоди мо дар байни давлатҳои аъзои САҲА низ ҳамовозии худро меёбад. Дар ҳалли чунин мушкилоти экологӣ мо ба шарикони худ аз Швейтсария ва Австрия, ки дар ин соҳа таҷрибаи калон доранд, умед мебандем.

Мехостем изҳори боварӣ намоем, ки мулоқоти қарибулвуқӯъ дар Истамбул дар ҳалли мушкилоти асосии даврони муосир, дар навбати аввал он масъалаҳое, ки ба таҳияи сохтори амниятӣ дар минтақаи САҲА алоқамандӣ доранд, чун омили иловагӣ хизмат

мекунад. Мо умедвор ҳастем, ки қабули як қатор ҳуҷҷатҳо дар Саммити Истамбул иборат аз: Хартияи нави амнияти аврупоӣ, Аҳдномаи мутобиқшуда оид ба аслиҳаи муқаррарӣ ва ҳуҷҷати ҷадиди Вена оид ба чораҳои таҳкими боварӣ ва амният имкон медиҳанд, то асоси амнияти устувори аврупоӣ дар асри XXI-и дарпешистода гузошта шавад.

Дар хотима, бори дигар тарафдориро ба принсипҳои асосии САҲА таъкид намуда, ман самимона изҳори хоҳиш менамоям, то саъю кӯшишҳои бахарҷдодаи мо ба фаъолияти самараноки Созмон, рушди ҳамдастию ҳамкориҳое, ки дар усулҳои шарикӣ ва боварӣ нисбати ҳамдигар асос ёфтаанд, мусоидат намоянд.

Ташаккур барои таваҷҷӯҳ.

СУХАНРОНӢ ДАР ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ САҲА
Вена, 27-28 ноябри соли 2000

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Мӯҳтарам хонумон ва ҷанобон,
Мӯҳтарам ҳамтоён,

Ман мехостам ба суханҳои қаблан садододаи миннатдорӣ ба унвони Ҳукумати Австрия барои ташкили хуби ин мулоқот ва раисии аълодараҷа дар соли сипаришуда ҳамроҳ шавам.

Гузориши пурмазмуни Раиси Амалкунанда дар назди мо нақши муфассали кӯшишҳои САҲА-ро оид ба пешгирӣ кардан ва танзими бӯҳронҳо, нигаҳдории сулҳ, субот ва амният дар фазои он равшан намуд.

Мо хуб медонем, ки раисӣ дар САҲА дар соли ҷорӣ дар шароити хеле мураккаби фишори дохилӣ ва беруна гузашт. Дар баробари ин, ба роҳи тайнамуда нигоҳ карда, бо боварӣ гуфтан мумкин, ки ҳамтои мо, Вазири корҳои хориҷии Австрия ва Раиси Амалкунандаи САҲА хонум Бенита Фереро Валднер на танҳо аз ӯҳдаи вазифаҳои раисӣ ва мушкилоти пешомада муваффақона баромад, балки ба таҳкими ҳамаҷониба ва баланд бардоштани обрӯи байналмилалии Созмони мо мусоидат кард.

Маҳз бо шарофати раисии австриягӣ, САҲА ба нақши лидерӣ талош накарда, дар чаҳорчӯбаи ваколатномаи худ фаъолият намуда, тавонист ҷидду ҷаҳди бисёр созмонҳои байналмилалиро ба ҳам пайвандад. Муяссар гардид, то захираҳои дигар созмонҳоро, аз ҷумла СММ ва Иттиҳоди Аврупоро дар чаҳорчӯбаи лоиҳаҳои байналмилалӣ сафарбар намуда, дар амал консепсияи таъмини амниятиро аз Ванкувер то Владивосток татбиқ намояд.

Мо инчунин фаъолияти Котиби Генералии САҲА ҷаноби Ян Кубишро, хусусан фаъолияти ӯро ба ҳайси намояндаи шахсии Раиси Амалкунанда оид ба Осиёи Марказӣ хеле мусбӣ арзёбӣ мекунем.

Мӯҳтарам хонумон ва ҷанобон,

Мехостам роҷеъ ба мушкилоти алоҳида, ки дар давоми сол дар САҲА мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд ва ҳуҷҷатҳои таҳиянамуда ба шӯрои мо нуқтаи назари худро ба таври кӯтоҳ иброз намоям.

Мо ба таҳкими минбаъдаи САҲА аҳамияти калон дода, онро ҳамчун созмони муҳимтарини масъул барои пойдории сулҳу амният дар минтақа арзёбӣ мекунем.

Бо изҳори қаноатмандӣ мехостам қайд намоям, ки имрӯз САҲА ба созмони дорои таҷрибаи калону бебаҳо дар соҳаи таҳкими амният ва субот дар қитъа табдил ёфтааст. Ҳоло маҳз САҲА маҷмӯи кофии воситаҳоро барои пешгирии қаблии сар задании низоъҳо ва роҳҳои аз байн бурдани онҳоро дорад. Он инчунин дар пайдоиши аломатҳои аввалини демократия, интихоби озод, аломатҳои ташаккули ҷомеаи аз ҳукмфармой ва таҷовуз озод чун индикатор гардидааст.

Иқтидор ва ӯҳдадориҳои САҲА-ро дар кори нигаҳдории субот ва амният дар минтақаи САҲА ба назар гирифта, лозим мешуморем, то ба созмони мо статуси дахлдори қонунӣ ва ҳуқуқӣ диҳем.

Ин ба Созмон имконият медиҳад, то ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта чуқур назар андозад, кишварҳо-иштирокчиён бошанд ҷиҳати иҷрои масъалаҳои аз ҷониби САҲА вогузошташуда масъулиятноктар муносибат кунанд.

Ба ақидаи мо шарикии умумиаврупоӣ бояд ҳама гуна шаклҳои нобаробариро миёни кишварҳо, аз ҷумла, бар ӯҳдаи як давлати иштирокчӣ ё гурӯҳи кишварҳо гузоштани ӯҳдадориҳои махсус ё афзалиятнок оид ба пойдории субот дар минтақаро сарфи назар кунад. Ана барои чи мо тарафдори коркарди минбаъда ва чуқуртари ин ҳуҷҷат мебошем.

Умуман, оид ба Эъломияи сиёсӣ, ҳуҷҷат оид ба аслиҳаи сабук, ҳуқуқи кӯдак ва фурӯши одамон, кори бисёру ҷиддие анҷом дода шуд. Мо дарк мекунем, ки инҳо масъалаҳои хеле мураккаб буда, барои ба даст овардани консенсус кӯшиши зиёдеро ба харҷ додан лозим меояд. Аммо ин махсусияти созмони мост, сабру таҳаммул ва ҳамдигарфаҳмӣ лозим аст.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Ба ақидаи мо, яке аз ҷанбаҳои муҳими фаъолияти Созмон дар солҳои охир мувофиқи қарорҳои Саммити истамбулӣ, фаъол намудани кори он дар самти Осиёи Марказӣ буд. Дар мавриди амният ва субот, таҳкими институтҳои демократӣ ва ди-

гар проблемаҳо чи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар Осиёи Марказӣ корҳои зиёде ба анҷом расиданд.

Мо васеъшавии нақши САҲА-ро дар минтақа дар таҳкими ҳамгироии минтақавӣ ва дастгирии кӯшишҳои мо оиди аз байн бурдани хатари бесуботӣ мебинем. Мо инчунин афзоиши формати иштироки онро дар ҳалли проблемаҳое, ки бо ченакҳои иқтисодӣ, экологӣ ва башарӣ алоқаманданд, маъқул медонем.

Дар ин росто, мо тарафдори тезонидани фаъолияти САҲА дар чаҳорчӯбаи сабади сеюми он, яъне самти иқтисодӣ ва экологӣ мебошем. Мо ба таври воқеӣ маҳдуд будани захираҳои САҲА-ро дарк мекунем, аммо ҳамдастии хуби САҲА бо дигар созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, бо созмонҳои молиявӣ дар ин кор саҳми арзандае шуда метавонад. Бешубҳа, пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ метавонад дар роҳи қуввахои ифротгаро, ки барои нооромии вазъият дар минтақа ҳаракат мекунанд, яке аз монеаҳои хеле боэътимод шавад.

Ҳалли мушкилоти мавҷуда дар Осиёи Марказӣ дар соҳаи захираҳои обӣ ва энергетикӣ, рушди инфраструктураи нақлиётӣ, гардиши озоди мол ва одамон ба пешрафти иқтисодиёт ва таҳкими низоми амнияти минтақавӣ мусоидат хоҳад кард.

Тавре ба Шумо маълум аст, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар Ҷаласаи 54 Ассамблеяи Генералии СММ бо ташаббуси соли 2003-ро эълон кардани соли Байналмилалии Об баромад кард. Сабабгори ташаббуси мо, қабл аз ҳама, бадшавии таҳдидноки вазъияти экологӣ дар бахши истифодаи об дар минтақа мебошад. Умедворам, ки таклифҳои моро низ давлатҳои аъзои САҲА дастгирӣ хоҳанд кард.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Иҷозат фармоед, роҷеъ ба баъзе ҷанбаҳои вазъияти имрӯзаи кишварам ва дурнамои рушди он ба таври мухтасар таваққуф намоям.

Дар масири соҳибихтиёрӣ қадам ниҳода, мардуми Тоҷикистон интихоби худро ба манфиати демократия анҷом дод. Бо боварӣ метавон гуфт, ки роҳи интихобкардаи мо - ин роҳи сохтмони ҷомеаи дунявӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва демократӣ мебошад. Исботи он натиҷаҳои интихоботҳои президентӣ ва парлумонии суратгирифта мебошанд. Онҳо мувофиқи Қонуни нав дар бораи интихобот, ки бо мусоидати Дафтар оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони САҲА таҳия шуда буд, баргузор гардиданд.

Акнун дар Тоҷикистон роҳ ба сӯи таҳкими минбаъдаи рушди демократӣ ва сохтмони давлати ҳақиқии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ боз гардид. Мардуми мо бо рӯҳбаландии зиёд ва иродаи қавӣ ба марҳилаи нави таърихии рушди худ – марҳилаи созандагӣ ва инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ қадам мениҳад.

Дар баробари ҳалли масъалаҳои дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар соли ҷорӣ мизбони як қатор форумҳои байналхалқӣ оиди субот ва рушди равандҳои демократӣ дар минтақа буд. Шаҳодати ин қабули Эъломияи Душанбе оиди амният ва субот дар Форуми Шанхай ва Эъломияи Душанбе оиди васоити ахбори оммаи озод мебошанд.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Дар шароити ҳозираи ташаккули тартиботи нав ҷаҳонӣ, масъалаи афзалиятноки ташвиши Тоҷикистон на танҳо амният аз таҳдидҳои беруна, балки ҷустуҷӯи кафолати амнияти миллӣ аз катаклизмҳои ногаҳонӣ мебошанд. Мо ба хубӣ дарк мекунем, ки кафолати байналмилалии суботнокӣ хислати муҳимро дорост. Ин дарккуниҳо ба ҳадди имкон рӯзмарра будани рушд ва таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар назар дорад.

Дар ин росто, низои давомнок дар Афғонистон манбаи таҳдиду хатарҳои зиёд на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Мо таҳдиди мазкурро ҳамчун як таҳдиди ҷиддии амният ва суботнокии минтақа баррасӣ карда, тарафдори ҳалли сулҳҷуёнаи ҳар чи зудтари он мебошем. Ана барои чӣ мо тарафдори сафарбар кардани кӯшишҳои муштарак оиди пешгирӣ кардан ва аз байн бурдани манбаъҳои шиддатнокӣ ва терроризми байналмилалӣ чи дар доираи давлатҳои аъзо ва чи дар чорчӯбаи САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ мебошем.

Дар хотима боз як бори дигар пайравиро нисбати принсипҳои поягузори САҲА таъкид карда, аз таҳти дил мехоҳам, то кӯшишҳои мо ба фаъолияти самараноки Созмон, рушди муносибатҳо ва ҳамкориҳо, ки ба принсипҳои дустӣ, шарикӣ ва баробарӣ асос ёфтаанд, мусоидат намоянд.

Ташаккур барои таваҷҷӯҳ.

СУХАНРОНӢ ДАР ҶАЛАСАИ ВЕЖАИ ШӮРОИ ДОИМИИ САҲА
Вена, 19 октябри соли 2001

ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: ЧОЛИШҲОИ НАВ БА АМНИЯТ ВА СУБОТ ДАР ҶАҲОН

Пеш аз ҳама иҷозат фармоед ба Раиси Амалкунанда ва Ҳукумати Австрия барои имкони фароҳамшуда ҷиҳати боздиди дигар аз Вена ва табодули назар бо Шумо дар бораи вазъи корҳо дар кишварам, минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҷараёни ҳодисаҳо дар Афғонистон изҳои сипос намоям.

Имрӯз беш аз ҳар вақт ҷомеаи ҷаҳонӣ аз густариши терроризми байналмилалӣ ҷиддан ба ташвиш омада, дар иртибот ба таъсири ҳалокатбори он ба амният ва суботи ҷаҳонӣ нигаронии бештаре дорад. Амали террористии миқёсан бесобиқае, ки 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба вуқӯъ пайваст ва сабаби ҳалокати одамони бегуноҳи беш аз 60 кишвари дунё гардид, хашму танаффур ва накӯҳиши сахтеро нисбат ба ташвиқгарон ва созмондиҳандагони ин амали даҳшатноки зӯроварӣ бар зидди инсоният ба бор оварад.

Аз ин рӯ, Ҳукумат ва роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон ҳамбастагии комили хешро бо мардуми ИМА ва омодагии худро ҷиҳати ҳамкориҳои наздик бо ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ташкил намудани ҷабҳаи ҷаҳонии зиддитеррористӣ алайҳи терроризми байналмилалӣ изҳор дошт.

Ҳукумати Тоҷикистон терроризмро бо ҳар гуна ташкилоту маҳкум месозад ва ба ҳеҷ ваҷҳ кӯшиши истифода аз амалҳои террористиро чун воситаи дастёбӣ ба ҳадафҳои сиёсӣ ва мақсадҳои дигар намепазирад. Барои кишвари мо ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ мафҳумҳои бегона нестанд. Мардуми тоҷик аз шеваи коргирӣ ва амалкарди терроризми байналмилалӣ хуб огаҳӣ дорад. Дар солҳои охир Тоҷикистон чандин маротиба мавриди ҳадафи амалҳои террористии берун қарор гирифт. Аслан, терроризм натанҳо хоҳони халалпазирии раванди сулҳ дар Тоҷикистон аст, балки мехоҳад, вазъро дар паҳнои минтақаи Осиёи Марказӣ бесубот созад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хатари терроризми байналмилалиро барои олами мутамаддин ва башарият амиқан дарк менамояд.

Ҳоло ба ҳамагон рӯшан аст, ки ба ин падидаи барои тамаддуни инсонӣ бегона метавон танҳо тавассути кӯшишҳои дастаҷамъона хотима бахшид.

Вақтҳои охир ҷаҳон худ шоҳиди амалкарди таҷовузкоронаи террористони байналмилалӣ зери парчами ифротгароӣ ва таассуби мазҳабӣ буд. Ба назари мо, ҳодисаҳои маълум дар ИМА, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, дар ҷануби Қирғизистон ва Қафқози Шимолӣ, ҳаракати дақиқан андешидашуда дар як бозии бузургест, ки аз ҷониби нерӯҳои байналмилалии башиддат бунёдгаро таҳмил гардидааст. Дар ҳодисаҳои мазкур равиши яксон ба назар мерасад. Мутаассибони ҷангҷӯ ва ситезагаро, ки аз сарчашмаҳои ягона маблағгузорӣ мешаванд, таҳти ливои ваҳҳобия фаъолият мебаранд. Терроризм, гаравгонгирӣ, тиҷорати ғайриқонунии маводи мухаддиру аслиҳа ва амалҳои дигари ғайриқонунӣ ҷузъи ҷудонопазири ҳаёту фаъолияти онҳост.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Муддатҳост, ки вазъи ҳассоси Афғонистон чун сарчашмаи асосии терроризм, ифротгароии мазҳабӣ ва тиҷорати маводи мухаддир, омили барҳамзанандаи субот ва маркази бисёр хатарноки ташаннуҷи низомию сиёсӣ дар минтақа боқӣ мемонад.

Мо амиқан мӯътақидем, ки ҳоло хавфи аз ҳама ҷиддӣ ба амният ва рушди осоишта натанҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми ҷаҳон, аз қаламрави Афғонистон ва тавассути сиёсати режими ҷангҷӯ ва номатлуби Ҳаракати «Толибон» сар мезанад. Тоҷикистон ҷиддан нигарон аст, ки тайи ду даҳсола оташи ҷанги бародаркуш дар қаламрави давлати ҳамсоя, ки марз бо он шакли мураккаби куҳӣ дошта, дар Осиёи Миёна аз ҳама тӯлонист (бештар аз 1300 км), хомӯш намегардад.

Бори дигар, зимни ручӯъ ба ҳодисаҳои фоҷиабори 11 сентябри соли равон дар ИМА, мехостам махсус таъкид намоям, ки онҳо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ғайричашмдошт набуданд. Ҳанӯз то иттифоқ афтодани ин амали мудҳиши террористӣ, ба ҳамагон хуб маълум буд, ки режими толибон Афғонистонро ба манбаи терроризми байналмилалӣ ва қочоқи маводи мухаддир табдил дода ва террористи №1 - Усома бин Лодан дар он паноҳ ёфта буд. Тайи панҷ шаш соли ахир ба ин кишвар ҳар гуна ифротгарон аз Осиё, Африка, Ховари Наздик ва кишварҳои ИДМ гирд омаданд. Дар шароити беназоратии тамом омезаи ҷамъияти ҷиноӣ ва маркази ҷаҳонии омодакунии террористони байналмилалӣ ба вуҷуд омада, пасон ба беруни Афғонистон барои мубориза бо ҳукуматҳои қонунӣ роҳӣ гардиданд.

Ба саҳифаи тозаи таърихи навини Тоҷикистон назари тарҷеӣ афканда метавон пай бурд, ки решаҳои бунёдгароӣ, ки дар оғози солҳои навадум сабаби рӯёӯйиҳои шаҳрвандӣ дар кишвари мо гардид, аз ин давлати ҳамсоя маншаъ мегирад. Ин нуктаро ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд фаромӯш насозад.

Мутаассифона, дар ҳоли ҳозир проблемаи мубориза бо терроризми байналмилалиро ғолибан танҳо ба шахсияти Усома бин Лодан пайванд медиҳанд. Аз байн бурдани ин шахсият гӯиё худ ҳалли проблемаи терроризм бошад. Ин тасаввури нодуруст аст. Усома бин Лодан муддатҳост, ки пойгоҳи сершохаи шабакаи байналмилалии созмонҳои террористиро дар Афғонистон таъсис додааст. Террористи №1 – Усома бин Лодан ва режими толибон аз ҳамдигар ҷудонопазиранд.

Дар ин замина, машваратҳои ҳафтаи гузашта дар Вена таҳти сарпарастии ЮНДСП, ИМА ва кишварҳои ИА роҷеъ ба масъалаи боз ҳам фаъолтар сохтани мубориза бар зидди тиҷорати маводи мухаддири содирӣ аз Афғонистон доиршуда, хеле бамавқеъ буд. Ҳангоми мубоҳисаҳо мо пешниҳодҳои мушаххасе манзур намудем ва умед дорем онҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонӣ ёбанд.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Бо дарки амиқи «табиат»-и Толибон, ҳадафу вазифаҳои онҳо мо аз ҳар гуна тамос бо эшон худдорӣ кардем, ҳарчанд муддате амалан дар танҳоӣ қарор доштем. Бо дарки ин, ба қадри имкон кӯшидем, то ҷомеаи ҷаҳониро мӯътақид созем, ки барқарор намудани муносибатҳои мутамаддинӣ бо ин режим дурнамое надорад. Мо бар он будем, ки ҳар гуна тамос бо онҳо боиси тақвияти эътимоди эшон мегардад. Хусусан, давлатҳое, ки шитобкорона бо онҳо робитаҳои дипломатӣ барқарор намуданд, агар нармтар гӯем, иштибоҳҳои ҷиддӣ карданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ ҷонибдории комили худро аз амали Ҳукумати ИМА дар муборизаи бо терроризми байналмилалӣ ва решаканкунии он эълом дошт. Пас аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон дар мавриди аз байн бурдани пойгоҳҳои асосии толибон, тамрингоҳ ва иншоотҳои стратегии онҳо, 8 октябри соли равон Изҳороти вежаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пахш гардид. Дар он, аз ҷумла, гуфта мешавад: Тоҷикистон, ки чандин маротиба аз паёмадҳои терроризми байналмилалӣ зарарҳо дидааст, ҷонибдории худро аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, инчунин Ҳукумати ИМА дар мавриди кӯшишҳояшон алайҳи ин бало, аз ҷумла, чораҳои пешгирикунанда барои аз байн бурдани терроризм, марказҳои ташаккул ва густариши он, изҳор медорад. Ба сифати саҳми мушаххас, мо тасмим гирифтем парвози ҳавопаймоҳоро аз ҳарими ҳавоии кишвар иҷоза бидиҳем ва дар сурати зарурат, инфрасохторҳои заминиро низ дар ихтиёри нерӯҳои муттаҳидаи ҷомеаи ҷаҳонӣ вогузорем.

Мо умедворем, ҳукумати ИМА ва кишварҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҷараёни амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон тамоми чораҳоро меандешанд, то аз талафот миёни мардуми осоишта, ки даҳшатҳои чандинсолаи ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронда, ҳамоно аз амалҳои ҷиноятии мутаассибони мазҳабӣ дар азиятанд, ҷилавгирӣ шавад.

Аз ҷомеаи ҷаҳонӣ хоста мешавад, то мардуми афғонро натанҳо аз зулми толибон ва паёмадҳои сиёсати онҳо наҷот бидиҳанд, балки зимни амалиёти зиддитеррористӣ ба қадри қобили таваҷҷӯҳ ба он мардум кумаки башардӯстона низ расонда бошанд. Ба пиндори мо, ин гуна кумак бояд ҳадафманд бошад ва пеш аз ҳама, ба манзури пешгирии мавҷҳои нави оворагон ба кишварҳои ҳамсоя, ба он қисмати мардуми афғон таъйин гардад, ки дар ноҳияҳои аз толибон озодшуда иқомат доранд. Зиёда аз ин, ба андешаи мо кумаки ҷомеаи ҷаҳонӣ набояд бо як худи Афғонистон маҳдуд гардад, балки он ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла, ба Тоҷикистон низ сурат гирад, ки дар онҳо даҳҳо ҳазор оворагони афғон паноҳ ёфтаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бар он аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар давраи баъдиҷангӣ низ ҷиҳати барқарорӣ ва эҳёи иқтисодии

Афғонистон тадбирҳои зарурӣ хоҳад андешид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳалли мусолиматомези низои Афғонистон буд ва ҷонибдори он мемонад. Таърихи он кишвар гувоҳ аст, ки ҳалли қазияи Афғонистон бо истифода аз зӯр, бартарияти нажодӣ ё мазҳабӣ оянда надорад. Танҳо ҳалли сиёсӣ бо дарназардошти манофеи ҳама гурӯҳу қишрҳои ҷомеаи Афғонистон метавонад ба ин низои тӯлонӣ поён бахшад. Тоҷикистон мӯътақид аст, ки таъсиси ҳукумати воқеан фарогир ягона роҳест барои дастёбӣ ба сулҳ, ризоияти миллӣ ва эҳёи иқтисоди Афғонистон.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқрори субот, соҳибихтиёрӣ, шукуфоӣ ва ҳамзистии осоиштаи Афғонистон бо кишварҳои дигари минтақа ҳавасманд аст. Гузашта аз ин, мо хоҳони онем, ки Афғонистони баъдиҷангӣ узви ягон иттиҳод ё паймон нагардад ва минбаъд манбаи таҳдид ба амнияти давлатҳои дигар набошад (дар ин замина, метавон хотирнишон шуд, ки Афғонистон дар давраи муайяни таърихи навини худ аз мавқеи бетарафӣ кор мегирифт).

Бешубҳа, бо таваҷҷӯҳ бар он ки дар оянда ислом дар Афғонистон ҳукмфармо хоҳад буд, ҳеҷ кас наметавонад дар мавриди ҷойгузинии суннатии ин дини ҷаҳонӣ дар ҷомеаи он кишвар монеъ бошад. Ҳамзамон ҷилавгирӣ аз вуруди гунаҳои нави ғояҳои тоталитарӣ, чун ғояи ҷангҷӯёнаи Ҳаракати «Толибон», ки саъй дорад фақри маънавии худро бо шаклҳои нави бунёдгароӣ ё ҷараёнҳои дигар ҷуброн созад, ба халои маънавӣ пас аз ронда шудани толибон, бисёр муҳим аст. Мо, чун пештара омодаем ба кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар роҳи истиқрории ҳарчӣ зудтари сулҳу ризоият дар давлати ҳамсоя фаъолона ёрӣ расонем. Аммо, бо вуҷуди саъю кӯшишҳои ҳукумат ва дипломатҳо ҳодисаҳо манфӣ ҷараён гиранд, он гоҳ он бевосита ба манфиатҳои Тоҷикистон дахл хоҳад кард ва раванди сулҳро зери хавфу хатар хоҳад гузошт.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов чандин бор, аз ҷумла аз минбари САҲА даъват намуд, то нерӯҳои кишварҳои минтақа дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва ташкили низоми минтақавии мубориза бо ин бало дар паҳноии Созмон муттаҳид гарданд. Тоҷикистон, ки дар омодасозии санадҳои ниҳоии Саммити истамбулии САҲА фаъолона иштирок намуда буд, соли гузашта Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»-ро қабул кард. Мо аз ҷонибҳои «Аҳднома дар бораи ҳамкории кишварҳои иштирокдори ИДМ дар мубориза бо терроризм» мебошем. Дар мавриди таъсисёбии сохтори минтақавӣ дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ саҳми худро мегузорем.

Мо, бо дарназардошти вазъи кунунии минтақа чунин мешуморем, ки дар иртибот ба қабули чораҳои мувофиқ таъхир набояд. Зимнан тақвияти фаъолияти зиддитеррористӣ ба ҳамкориҳои муштараки танготанг ва ҳамкориҳои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ такя намояд. Дар ин замина, Тоҷикистон пуштибонии қатъии худро аз ғояи таъсиси хазинаи фарогири байналмилалӣ оид ба маблағгузории амалиётҳои зиддитеррористӣ таҳти сарпарастии СММ изҳор медорад. Дар чаҳорчӯби иҷрои қатъномаи Шӯрои Амният №1373 аз таърихи 28 сентябри соли 2001, мо ба даъвати ҷомеаи милал роҷеъ ба боздоштани ҳисобҳо ва ҷилавгирӣ аз маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои террористӣ ҳамроҳ мешавем.

Гузашта аз ин, мо дар Тоҷикистон чунин мепиндорем, вақти он расидааст, то аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, САҲА барои барбод додани нақшаҳои ташкилотҳои террористӣ ва ифротӣ, ки бо истифода аз ҳиссиёти мазҳабии одамони оддӣ дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон даст ба ҷиноятҳои разилона мезананд ва амнияту суботи байналмилалиро зери хавфу хатари ҷиддӣ мегузоранд, иқдомҳои қатъӣ ва фаъолона сурат гиранд. Ба назари мо, мавзӯи мазкур бояд то Шӯрои ояндаи вазирони корҳои хориҷӣ дар Бухарест хуб баррасӣ гардида, дар он ва Конфронси Бишкек мавриди муҳокимаи васеъ қарор гирад.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Аз ситезаву таҳдидҳои мавҷуда дар ҷаҳони зудтаҳаввулпазири муосир сухан ронда, аз мушкилоти мавҷудаи минтақа, чун таҳдид ба суботу амнияти дорои хусусияти иҷтимоиву иқтисодӣ ва экологӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ҳаққи равуои озодонаи мардум дар қаламрави кишварҳои минтақа ва ғайра, ки ба назари мо, бояд бештар мавриди таваҷҷӯҳи дақиқи САҲА қарор гирад, набояд фаромӯш кард.

Ҳоло вазифаи дарозмуддате барои эҳё ва барқарорсозии иқтисоди кишвар ба дӯши Тоҷикистон аст. Ба мақсади таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, барқарорсозӣ ва фароҳамоварии шароитҳои мусоид барои инкишофи устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон иқдомҳои фаъолона сурат мегиранд. Мо умедворем, САҲА бо истифода аз таҷрибаҳои мавҷуда дар роҳи эҳёи иқтисоди Тоҷикистон саҳми босазои худро мегузорад.

Солҳои охир, мо шоҳиди афзоиши офатҳои миқёсан бузурги табиӣ ва техногенӣ, аз ҷумла заминларза, обхезӣ, сӯхтор ва ғайра гардидем. Онҳо талафотҳои ҷонӣ ва молиро ба бор меоранд, омили ҷиддии барҳамзанандаи субот мегарданд. Ду сол пайи ҳам Тоҷикистон аз хушксолии фарогири бесобиқа азият мекашад. Дар қисмати бузурги майдонҳои зироатӣ сеяки маҳсулоти ғалладона талаф шуд, саршумори чорво ва сатҳи тавлидоти

маҳсулоти чорводорӣ башиддат коҳиш ёфт.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, офатҳои табиӣ ва техногенӣ посухи мувофиқро, аз ҷумла дар сатҳи минтақа тақозо доранд. Дар роҳи ҳалли масъалаҳои огоҳсозӣ ва бартарафнамоии пайомадҳои офатҳои табиӣ, омодасозии кадрҳо ва табодули таҷриба муттаҳидсозии кӯшишҳои Созмон ва кишварҳои минтақа зарур аст.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ки таҷрибаи азҷониби умум эътирофшудаи ҳамоҳангсозии кӯшишҳои кишварҳои иштирокдорро дорад, бо чолишҳои нав ва проблемаҳои беш аз пеш мураккаб дучор мешавад. Давраи ниҳоии омодагиҳо ба Шӯрои қарибулвуқӯи вазирони корҳои хориҷӣ фаро расид. Раёсати ҷониби Руминия ва ҳайатҳои зиёди дигар ҷиҳати такомул ва ислоҳоти фаъолияти Созмони мо пешниҳодҳои мушаххас манзур намуданд. Мо возеҳ дарк мекунем, ки он хоҳони вақту нерӯи зиёд ва ҳусни ният мебошад. Аммо мо ҳамчунин бояд дарк намоем, ки пас аз 11 сентябри соли 2001 ҷаҳон ва тасаввури зиёд дар бораи роҳҳои ҳифзу таҳкими амният тағйир хӯрдааст.

Аз ин рӯ, мо бояд дигаргуниҳои муҳимро ба ҷараёни корамон ворид намоем. Ман ба раёсати руминӣ ва ҳамаи Шумо заҳмати пурбору самарабахш хоҳонам.

Барои таваҷҷӯҳ сипосгузорам.

СУХАНРОНӢ ДАР ВОХӮРИИ ШӮРОИ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ САҲА
Бухарест, 3-4 декабри соли 2001

(Бо ихтисорот чоп мешавад)

САҲА – ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲО

Мо иштироки Тоҷикистонро дар фаъолияти Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии кишварамон арзёбӣ менамоем.

Мо, чун пештара, САҲА-ро ба ҳайси ниҳоди ҳаллу фасли осоиштаи ихтилофҳо, воситаи фаъоли огоҳсозӣ ва пешгирикунандаи муноқишаҳо медонем. Нақши калидӣ дар ҳифзи сулҳу субот дар минтақаи мо бояд мутааллиқи ин Созмони бонуфузи байналмилалӣ бошад. Дар ин қарина САҲА бо таваҷҷӯҳ ба механизмҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва фароминтақавии амалкунанда бояд тамоми имкониятҳои худро дар заминаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мавриди истифода қарор бидиҳад.

Ҳодисаҳои 11 сентябри соли равон дар ШМА боиси тағйири низоми арзишҳо гардиданд. Ҳоло ҷаҳони мутамаддинро беш аз пеш густариши терроризми байналмилалӣ, шаклҳои шадиди ифротгароии мазҳабӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва аслиҳа ҷиддан нигарон сохтааст.

Кишвари мо, ки дар таҷрибаи худ бо проблемаи терроризм дучор шуда, аз пайомадҳои он азият дидааст, ба таври қатъӣ ҷонибдори ташаббусҳои дастаҷамъона дар мубориза бар зидди ин бало мебошанд. Мо терроризмро дар ҳама шаклу зуҳуроташ маҳкум менамоем ва андешидани чораҳои қатъиро дар мавриди решакан кардани он дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ зарур мешуморем.

Тоҷикистон соли гузашта Қонун «Дар бораи мубориза бо терроризм»-ро қабул кард. Кишвари мо яке аз ҷонибҳои Аҳднома оид ба ҳамкории кишварҳои иштирокдори ИДМ дар мавриди мубориза бо терроризм мебошад ва дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкории Шанхай дар ташаккули сохтори минтақавӣ оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмиалӣ саҳми арзанда мегузорад.

Бо оғози амалиёти зиддитеррористии ИМА дар Афғонистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Изҳороти хоса интишор намуд, ки дар он омодагии ин ҷониб роҷеъ ба вогузории ҳарими ҳавоӣ ва инфрасохторҳои дахлдори кишвар барои кумаки башардӯстона ба мардуми Афғонистон баён ёфта буд.

Ба ин мақсад дар Тоҷикистон Гурӯҳи ҳамоҳангсозӣ оид ба амалиёти башардӯстона таъсис гардид, ки дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо шароитҳои заруриро барои интиқоли кумаки байналмилалӣ ба Афғонистон аз тариқи қаламрави кишвари мо таъмин менамояд.

Гузашта аз ин, бо мақсади мусоидат ба инъикоси пурра ва воқеии рафти амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон дар воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ, дар Тоҷикистон тартиби содаи таҳияи раводид, ба хабарнигорони хориҷӣ ва ҳайати созмонҳои байналмилалии озими Афғонистон бо вазифаҳои хидматӣ, низоми мусоидати бештар ҷорӣ карда шудааст.

Бешубҳа, ҳаллу фасли муноқишаи Афғонистон бо мусоидати ҷомеаи байналмилалӣ ва ҷалби фаъолонаи САҲА, инчунин кишварҳои дигари минтақа ба ин раванд дар роҳи дастёбӣ ба амнияту суботи пойдор дар Осиёи Марказӣ метавонад заминаи калидӣ бошад.

Мо алоқамандем, ки Афғонистони ҳамсоя дар оянда шомили ягон паймону иттиҳод набошад ва ба кишвари босубот, шукуфо, сулҳдӯст мубаддал гардида, аз сӯи он ба кишварҳои дигари минтақа хавфу хатар таҳдид накунад.

Мо умедворем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла кишварҳои узви созмони мо, Афғонистонро дар давраи баъдиҷангӣ бо мушкилоташ танҳо ба танҳо намегузорад ва барои барқарорӣ ва эҳёи иқтисодии он чораҳои зарурӣ меандешад. Тоҷикистон ҳамроҳ бо кишварҳои дигари алоқаманд ва созмонҳои байналмилалӣ омодааст, ба Афғонистон ба хотири ояндаи накӯ ва аз нав барқарор кардани эътибори байналмиалӣ ёрӣ бирасонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳифзи пойгоҳи ташаккулёфтаи созишнома ва аҳдномаҳо дар соҳаи халъи силоҳ ва раванди минбаъдаи коҳиши аслиҳа дар асоси мувофиқатҳои ҳам дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба тарафдори таъмини суботи стратегӣ дар минтақа мебошад.

Тоҷикистон ба иҷрои ӯҳдадориҳое, ки дар Хартияи амнияти Аврупо ва Эъломияи Истамбул пешбинӣ шудааст, аҳамияти махсус медиҳад. Дар ин санадҳои бунёдӣ таъмини амният, ки принсипҳои муҳимеро, чун тақсимнопазирии амният, кӯшиши эҷоди фазои ягонаи субот ва ҳамкориро дарбар мегирад, махсус таъкид гардидааст. Ба пиндори мо, принсипҳои мазкур бояд ба ҳамаи омилҳои муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, ҷанбаҳои низомию сиёсӣ, андозагириҳои инсонӣ, масъалаҳои иқтисодӣ ва экологӣ татбиқ гардад. Дар баробари ин, бетавозунии муайяне дар иҷрои арзишҳои ёдшудаи САҲА ба назар мерасанд.

Дар иртибот ба такомул ва ислоҳоти Созмон бояд таъкид кард, ки мо ба ҳеҷ ваҷҳ хоҳони ба ҳайси сохтори бешакл боқӣ мондани САҲА нестем. Баръакс, ҷонибдорем, САҲА ба созмони воқеан бонуфузи байналмилалие табдил ёбад, ки принсипҳо ва ҳадафҳояш аз ҷониби кишварҳои иштирокдор комилан риоя ва иҷро гарданд. Мо мехоҳем Созмонро чун форуми муассир оид ба ҳамоҳангсозӣ ва таҳияи қарорҳои сиёсии дастаҷамъона бубинем.

Мо инчунин бар ин назарем, ки ислоҳоти Созмон бояд дар асоси доираи васеи тавофуқ бо роҳи прагматизм ва барҳӯрдҳои амалӣ ба ҳалли масъалаҳои умумӣ сурат бигирад. Мо мӯътақидем, ки ислоҳоти ниҳодии САҲА бояд ба рӯйдодҳои муосире, ки дар ҷаҳон ба вуқӯъ мепайванданд, созгор бошад ва ба иҷрои ӯҳдадориҳое, ки аз ҷониби кишварҳои иштирокдор дар иртибот ба Созмон, чун ниҳоди асосӣ дар соҳаи амният ва ҳамкорӣ дар паҳнои авруосиёӣ мусоидат намояд.

Тоҷикистон ҳоло раванди бозсозии бунёдии ҳаёти иқтисодӣ ва ҷамъиятиро, ки ҷараёни гузариш ба муносибатҳои иқтисодӣ ба вуҷуд овардааст, аз сар мегузаронад. Раванди мазкур худ ба худ метавонад боиси арзи вуҷуд кардани як қатор проблемаҳои ҳассоси иҷтимоию иқтисодӣ гардад. Дар робита ба ин, мо даъват мекунем, ки амалкардҳои САҲА дар ҳаллу фасли проблемаҳои вобаста ба андозагириҳои иқтисодӣ ва экологӣ, ки бе ҳалли онҳо дастёбӣ ба суботи устувори сиёсӣ натанҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми минтақа бисёр душвор хоҳад буд, фаъолтар гардад.

Дар ин қарина масъалаи инкишофи иртибототи минтақавию

нақлиётӣ ва равуои озоди мардум дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар низоми таъмини амнияти минтақавӣ, ки хавфу хатар ва чолишҳои зиёдеро ба дунбол дорад, чун ҷузъи бениҳоят муҳим аҳамият касб мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият ва кӯшишҳои Намояндагии САҲА-ро дар Тоҷикистон, ки аз ширкаткунадагони фаъоли раванди ҳаллу фасли муноқишаи миёни тоҷикон буда, ҳоло дар пиёдашавии дигаргуниҳои демократӣ дар кишвар саҳмгузор аст, муҳим арзёбӣ мекунад. Намояндагии мазкур дар Тоҷикистон дар шумори аввалинҳо дар паҳнои ИДМ таъсис гардида, тайи ҳашт соли фаъолияти он вазъ ҳам дар кишвари мо ва ҳам дар худи Созмон хеле тағйир ёфтааст. Дар робита ба ин, зимни натиҷагирӣ аз фаъолияти муваффақонаи Намояндагӣ, бояд таъкид кард, ки вақти он расидааст, то масъалаи мандат ва шеваи ҳузури он дар Тоҷикистон мутобиқи воқеиятҳои нав дубора мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Таърихи фаъолияти Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо гувоҳ аст, ки беҳтарин роҳи ҳалли проблема амали дастаҷамъонае мебошад, ки бо такя ба барномаи ҳамоҳангшуда сурат мегирад.

Дар фарҷом бояд таъкид кард, ки дар шароити муосир, тавре маълум аст, дар низоми бинои ҷаҳонӣ таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуқӯъ мепайвандад, раванди пойдории ҷамъиятию сиёсӣ дар як қатор минтақаҳои ҷаҳон, ки ба ин ё он сурат паҳнои САҲА низ аз он берун наемонад, ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегардад. Ба ин сабаб, ҷустуҷӯи доимии роҳҳои ҳамкории наздик тавассути механизми машваратҳо, ки ҳамоҳангии амалҳои кишварҳои узви созмонро таъмин менамояд, сурат мегирад. Гузашта аз ин, масъалаи марбут ба такмили раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, гуногунандешӣ, рушди демократия, бисёрҳизбӣ ва ғайра ҳамоно муҳим арзёбӣ мегарданд. Ин ҳама, бешубҳа, мавзӯи фаъолияти ҳаррӯзинаи САҲА мебошад, ки ягон баҳсу эътирозро ба миён намеорад.

Ҳамзамон, ба андешаи мо, бо дарназардошти воқеиятҳои нав фаъолсозии кори САҲА дар соҳаи андозагириҳои иқтисодӣ ва экологӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад. Соҳаи зикршуда дар минтақаи Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама дар Тоҷикистон, ки паёмадҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ ва офатҳои табииро аз сар мегузаронад, метавонад аз авлавиятҳои фаъолияти САҲА бошад. Сарфи назар аз ин душвориҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон азми қавӣ дорад, ки ислоҳотҳои фарогиреро дар иқтисод, ҷараёни мудирият ва соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ гузаронад. Рӯшан аст, ки татбиқи вазифаҳои пешгузошташуда дар мавриди ислоҳоти паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва соҳаи иқтисод бе ҳаҷми қобили таваҷҷӯҳи сармояҳои берунии кишварҳои аз нигоҳи саноат пешрафта, ширкатҳои бузург, тоҷирон, инчунин қарзҳои имтиёзноки ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ номумкин аст.

Сармоягузорӣ ба иқтисод ва инфрасохторҳои Тоҷикистон метавонад бо дарназардошти фоидаҳои мутақобила бо роҳи азхудкунии боигариҳои табиӣ ва иқтидорҳои дигари кишвар, инчунин истифода аз кадрҳои баландихтисоси он, ки ҳоло чун нерӯи арзони корӣ пешниҳод мегардад, сурат бигирад.

Дар фарҷом, иҷоза диҳед, изҳори умедворӣ намоям, ки вохӯрии мо ва санадҳои қабулшуда қадами муҳиме дар роҳи таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо ва таъмини амният дар паҳнои САҲА мегардад.

СУХАНРОНӢ ДАР ВОХӮРИИ ШӮРОИ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ САҲА
Порто, 6-7 декабри соли 2002

(Бо ихтисорот чоп мешавад)

ЭЪТИЛОФИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ - РОҲИ МУАССИРИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ҷаласаи Шӯрои Вазирони корҳои хориҷӣ дар Бухарест ваҳдати моро барои зарурати муттаҳидсозии кӯшишҳои умумӣ дар муқобили таҳдиди терроризми байналмилалӣ тасдиқ кард. Мавзӯи мазкур соли равон, чун солҳои пешин дар кори мақомоти дастаҷамъонаи САҲА бештар ҳукмрон буд. Ҳодисаҳои фоҷиабори ахир дар Ню-Йорк, Вашингтон, Москва ва дигар гӯшаҳои дунё возеҳ нишон доданд, ки терроризм то кадом андоза ба оромӣ ва амнияти байналмилалӣ хавфи ҷиддӣ дорад.

Терроризми байналмилалӣ бо принсипҳои демократия, озодӣ ва тамаддун, ки худи фалсафаи САҲА онҳоро дарбар мегирад, ҷанги эълоннашудаеро пеш гирифтааст. Бо вуҷуди фишори шадид ва саъйи ҷомеаи байналмилалӣ, терроризм кӯшиши хӯ гирифтанро ба шароитҳои нави мавҷудият қатъ намекунад. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки бе ҳамкориҳои муассир ва мутақобилаи дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳо дар мубориза бар зидди хавфу хатар ва чолишҳои муосир наметавон комёб шуд.

Дар ҳоли ҳозир дар чаҳорчӯби тақвияти мубориза бо терроризм, ҳамчунин иҷрои санадҳои ҷаласаи Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии САҲА ва Конфронси байналмилалии Бишкек аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди ҳама гуна зуҳуроти терроризм ва маблағгузории он чорабиниҳои амалӣ андешида мешаванд. Мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия ба тавсеа ва таъмиқи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм ва ҳам ифротгароии мазҳабӣ кӯшишҳои

заруриро ба харҷ медиҳанд.

Ба ин мақсад ҳанӯз моҳи апрели соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳо оид ба тақвияти мубориза бо терроризм» содир гардид. 16 ноябри соли 1999 дар ҷаласаи Маҷлиси Олӣ (порлумон) санади бунёдӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» қабул гардид.

Дар робита ба ин, мехостам таъкид созам, ки сиёсати пешгирифтаи хориҷии Тоҷикистон, ки ба тақвияти амнияти минтақавӣ, мубориза бар зидди ҳар гуна зуҳуроти терроризм, ифротгароии мазҳабӣ ва ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддир равона гардидааст, ҳамеша сиёсати боз, созанда ва муҳим буд ва хоҳад монд. Ҳукумати Тоҷикистон, пойбандии худро ба принсипҳои зикршуда таъйид намуда, дар мавриди пешниҳоди имконияти гузаронидани мониторинги фарогири авзо ва ҳалли вазифаҳои марбут ба пешгирии амалҳои террористӣ ба кишварҳо ва созмонҳои байналмилалии алоқаманд, изҳори омодагӣ мекунад.

Тоҷикистон пуштибонии қатъии худро аз ғояи таъсис додани хазинаи байналмилалӣ оид ба маблағгузории амалиётҳои зиддитеррористиро таҳти сарпарастии СММ изҳор дошт. Дар чаҳорчӯби иҷрои қатъномаи Шӯрои Амният №1373 аз 28 сентябри соли 2001 кишвари мо ба даъвати ҷомеаи байналмилалӣ дар мавриди мунҷамид сохтани ҳисобҳо ва пешгирӣ кардани маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои террористӣ бипайваст. Тоҷикистон ҳамчунин иштирокдори 8 Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм мебошад.

Ба назари мо, ҳоло дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ маҳрум кардани он аз охирин такягоҳи иҷтимоӣ вазифаи авлавиятнок ба шумор меравад. Ин, пеш аз ҳама, афзоиши кӯшишҳои байналмилалиро дар мавриди коҳиши фақр ва бекорӣ, инчунин барҳам додани бесаводӣ ва табъизи нажодӣ, қавмӣ, мазҳабӣ ва ғайраро дар назар дорад. Имрӯз, беш аз ҳар вақти дигар, барои мо вазифаи таъмини инкишофи бемайлони кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш, таъмиқи минбаъдаи майлони иҷтимоии раванди ҷаҳонишавӣ муҳим мебошад.

Мо амиқан мӯътақидем, ки воқеияти имрӯз боисрор таҳкими ҳамкориҳои байналмилалиро бо истифодаи ҳадди ниҳоии иқтидори СММ, САҲА ва дигар созмонҳо дар рӯёрӯӣ бо таҳдиди терроризм, даромезии қабули чораҳои пешгирикунанда бо амалҳои радикалӣ тақозо дорад. Мубориза бо терроризми байналмилалӣ - ин пеш аз ҳама, мубориза миёни тамаддун ва ҷаҳолат аст. Муборизаи мазкурро ба ҳеҷ ваҷҳ набояд чун муноқишаи қавмӣ ё мазҳабӣ, ва ё муноқишаи миёни тамаддунҳои гуногун маънидод кард. Мо бояд роҳи худро дар самти гуфтугӯйи миёни тамаддунҳо ва таъмини шароити лозима барои ҳамзистии онҳо идома бидиҳем.

Имрӯз сатҳи баланди ҳамбастагӣ ва муттаҳидии мардумони кишварҳои гуногун хусусияти фарқкунандаи мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ мебошад. Ба назари мо, гаравии комёбӣ дар мубориза бо ин «вабо»-и даврон дар ҳамин нукта нуҳуфтааст. Дар баробари он, хатарҳои дигари амниятӣ низ мавҷуданд, ки муассирии мубориза бар зидди террор бештар ба бартараф кардани онҳо вобастааст. Дар навбати аввал, ман гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро дар назар дорам.

Ҳоло Тоҷикистон бо кумаки ҷомеаи байналмиалӣ дар ин росто ба муваффақаятҳои назаррас ноил гардидааст. Аммо сарфи назар аз чораҳое, ки андешида мешаванд, хавфи афзоиши ҷараёни вуруди ғайриқонунии маводи мухаддир ва транзити он аз қаламрави кишвари мо ҳамоно масъалаи беандоза муҳим боқӣ мемонад.

Тағйири вазъи сиёсӣ дар Афғонистони ҳамсоя ва таъсиси Ҳукумати Интиқолӣ имкони ба роҳ мондани гуфтушунидҳои созандаро бо ин кишвар, аз ҷумла дар масъалаҳои амният, ҳифзи сарҳади давлатӣ ва ғ. фароҳам оварад. Соли 2002 ташаббуси мо дар мавриди даъвати Афғонистон чун шарики САҲА оид ба ҳамкорӣ садо дод.

Ин ташаббус аз ҷониби кишвари мо, пеш аз ҳама бо пайравӣ аз мулоҳизоти зерин пешниҳод гардидааст:

- додани имкони намояндагии Афғонистон дар назди САҲА;
- таъмини иштироки Афғонистон дар чорабиниҳои гуногуни САҲА, ошноӣ бо фаъолияти Созмон аз рӯи ҳамаи андозагириҳо;
- таъкиди масъулияти дастаҷамъона барои амнияти минтақавӣ ва ҷалби таваҷҷӯҳ ба нигаронии кишварҳои минтақа ба сабаби масъалаҳои амниятӣ;
- ҷонибдории кӯшиши Афғонистон барои ҳаёти созанда ба хотири сулҳу субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва умуман, САҲА.

Мо аз таҷрибаи хеш хуб медонем, ки роҳи сулҳ мураккаб буда, барои ба матлаб расидан сабру шикебоӣ ва ақли солим лозим аст. Тақдири ояндаи Афғонистон дар дасти мардуми ин кишвар мебошад. Итминон дорам, ки Ҳукумати Афғонистон қодир аст, то аз манфиатҳои ҳама қишрҳои ҷомеа дифоъ кунад ва сулҳу оромиро дар ин сарзамини азияткашида таъмин созад.

Дар робита ба соҳаҳои ҳамкориҳоямон бо САҲА сухан ронда, мехостам таъкид намоям, ки ба мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, соли равон аз ҷониби Ҳукумат комиссияи махсус таъсис ёфт, ки ба таркиби он шахсони мансабдори кишвар, инчунин намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ шомиланд.

Гузашта аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумат дар бораи ислоҳоти низоми пенитентсиарӣ ва таъсиси Комиссия

оид ба ислоҳоти низоми ислоҳӣ қабул карда шуд. Дар чаҳорчӯби ислоҳот марҳала ба марҳала ба ихтиёри Вазорати адлия интиқол додани ваколати назорат ба низоми ислоҳӣ пешбинӣ гардидааст.

Лозим ба таъкид аст, ки яке аз қарорҳои муҳими қабулкардаи Ҳукумат дар соли ҷорӣ ин бекор гардидани раводиди хуруҷӣ ва сода кардани тартиби сафари шаҳрвандони кишварамон ба хориҷа мебошад. Дар ин қарина мехостам махсус таъкид намоям, ки Тоҷикистон ҳамоно ба масъалаи интиқоли озод ва бемамониати мол ва равуои одамон аз тариқи қаламрави ҳама кишварҳои минтақаи САҲА, ва пеш аз ҳама Осиёи Марказӣ аҳамияти авлавиятнок медиҳад.

Тавре маълум аст, ӯҳдадориҳои кишварҳои иштирокдори САҲА оид ба таъмини озодии нақлу интиқол ҷанбаи вазифадоркунии сиёсӣ доранд ва дар Санади ниҳоии Хелсинки аз соли 1975, санадҳои ниҳоии ҷаласаи мадридии МАҲА дар соли 1983, ҷаласаи копенгагении САҲА (МАҲА) оид ба андозагириҳои инсонӣ дар соли 1990, ҷаласаи маскавӣ дар соли 1991 ва ғайра дарҷ шудаанд. Равуои озод ва таъмини тамос миёни шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ дар қаринаи ҳимояи ҳуқуқи инсон муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар баробари ин, мо ба таъмини амнияти марзҳо ва бартараф кардани кӯшишҳои ғайриқонунии убури онҳо аз ҷониби намояндагони гурӯҳҳои ҷиноӣ ва ташкилотҳои террористӣ манфиатдорем. Ба мақсади тақвияти амнияти марз ва омодасозии кадрҳои баландихтисос дар ин соҳа, соли 2002 мо пешниҳод намудем, ки шабакаи марказҳои таълимии САҲА дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсис гардад. Ҳукумати Тоҷикистон лоиҳаи Маркази таълимии ш. Душанбе барои марзбононро ба баррасии САҲА пешниҳод намуд, инчунин лоиҳаҳои санадҳои зарурӣ таҳия гардидаанд.

Мо қарори Шӯрои Доимии САҲА-ро аз 31 октябри соли 2002 «Дар бораи ба Маркази САҲА дар Тоҷикистон табдил додани Намояндагии САҲА ва тасдиқи мандати нави он» фавқулъода муҳим мешуморем. Матлаб сари он аст, ки аз замони қабули мандати аввали Намояндагӣ вазъ дар ҷумҳурӣ ҷиддан тағйир ёфтааст. Бахши зиёди вазифаҳое, ки замоне ба дӯши Намояндагӣ вогузор шуда буд, ҳоло аҳамияти худро гум кардааст. Дар ҳоли ҳозир масъалаҳои асосие, ки ҳалли фаврии худро тақозо доранд, маҳз ба ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии фаъолияти САҲА вобастаанд. Дар санад воқеан як қатор муқаррароте, ки ба фаъолияти Марказ дар ин самт иртибот дорад ва ҷавобгӯи воқеияти имрӯзаи Тоҷикистон мебошад, пешбинӣ гардидааст. Мо бовар дорем, ки мандати нав ба самарабахшии кори Маркази САҲА дар Душанбе таъсири мусбӣ расонда, ба ҳамкории миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА такони тоза хоҳад бахшид.

Дар Тоҷикистон амиқан мӯътақиданд, ки шарикии созанда бояд ба ҳамкории воқеан корӣ ва мутақобилан судманд асос ёбад ва дар муколама мавҷудияти тарафҳои фаъол ё суст пешбинӣ нашаванд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, соли 2002 мо як қатор пешниҳодҳо, аз ҷумла лоиҳаҳо оид ба андозагириҳои иқтисодӣ ва экологиро таҳия намуда, ба баррасии Созмон манзур намудем. Умедворем, ки он пешниҳодҳо ҷонибдории кофиро миёни кишварҳои узв пайдо карда, ба таври дархӯр мавриди омӯзиш қарор мегиранд ва татбиқ мегарданд.

Тоҷикистон масъалаи сифат ва истифодаи самараноки захираҳои обиро муҳим арзёбӣ мекунад. Дар чаҳорчӯби Форуми САҲА оид ба захираҳои обӣ ва дар доираи соли оби мусаффо, ки бо ташаббуси мо соли 2003 аз ҷониби СММ эълон гардидааст, дар Тоҷикистон вохӯрии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида ба Баҳри Арал баргузор шуд. Дар чаҳорчӯби ин чорабинӣ ҷонибҳо дар мавриди таҳияи лоиҳаи созишномаи чорҷониба миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба таъсиси консорсиуми обу энергетика қарор қабул карданд. Вазифаи он аз суръатбахшӣ ба ҳамкориҳои муштараки кишварҳои минтақа ва мусоидат ба танзими самараноки захираҳои обию энергетикӣ иборат аст.

Мо, дар Тоҷикистон, итминони комил дорем, ки таваҷҷӯҳи асосӣ ҳамроҳ бо кумакрасонон бояд ба ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷаи иҷтимоию иқтисодӣ, монанди эҳёи инфрасохторҳои обёрӣ, бартараф кардани сабабу пайомадҳои офатҳои табиӣ, мониторинги захираҳои обӣ, иҷрои барномаҳои барқарорсозии иҷтимоӣ, беҳсозии низоми тандурустии ҷамъиятӣ ва ғайра равона гардад.

Тоҷикистон, тавре таъкид гардид, ҷонибдори тақвият додани нақши Созмон дар рӯёрӯӣ бо таҳдиду чолишҳои нави амниятӣ дар паҳнои САҲА мебошад. Мо ба ин назарем, ки раванди ислоҳот, ки оғози он аз Истамбул маншаъ мегирад, бояд хусусияти доимӣ дошта, бо қарорҳои имрӯза маҳдуд нагардад. Ислоҳот бояд ба муассирии минбаъдаи фаъолияти ниҳодҳо ва намояндагиҳои асосии САҲА дар хориҷа, эҷоди механизми бештар шаффофи гузоришдиҳӣ ва интихоби кадрҳо, инчунин фарогири масъалаҳои мубрам будани рӯзномаи Созмон равона гардад.

Мехостам махсус таъкид кунам, ки ба шарофати кӯшишҳои Раёсати португалӣ ва кишварҳои иштирокдор, имрӯз таҳия ва пешниҳоди як қатор санадҳои муҳим барои баррасии ҷаласаи мо муяссар гардид.

Тоҷикистон тарҳрезии Стратегияи вокуниш ба таҳдидҳо ба амният ва субот дар минтақаи авроатлантикиро шодбош мегӯяд. Мо амиқан мӯътақидем, ки авлавиятҳое, ки дар санад дарҷ шудаанд, бештар ба таври дақиқ хусусияти таҳдидҳои асри XXI-ро муайян мекунанд. Умедворем, охирҳои соли оянда санади фарогире, ки

чолиш ва таҳдидҳои муосир дар соҳаи амният ва механизмҳои вокуниши САҲА ба онҳоро инъикос менамояд, омода шавад.

Мо чунин мешуморем, ки қабули Хартияи САҲА оид ба пешгирӣ ва мубориза бо терроризм иловатан ба санадҳои қабулгардидаи ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ дар Бухарест қадами саривақтие мебошад, ки бори дигар ӯҳдадориҳои кишварҳои иштирокдорро дар мубориза бо таҳдидҳои нави ҳазораи нав таъкид месозад. Дар ин замина мувофиқати ҷанбаҳои гуманитарӣ бо мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ки аҳамияти масъалаи ҳимояи ҳуқуқи инсонро аз паёмадҳои чолиш ва таҳдидҳои муосир таъкид менамояд, шоёни тавоҷҷӯҳ мебошад.

Мо, дар Тоҷикистон, ба қарори САҲА дар мавриди ҳамасола доир намудани Конфронсҳо оид ба баррасӣ дар соҳаи амният нигоҳи мусбӣ дорем ва дар он роҳи бартарафкунии бетавозунии маълумро дар инкишофи се андозагирӣ мебинем.

Чунин мепиндорем, ки баррасии ҳарсолаи иҷрои ӯҳдадориҳо, чун ҳалли масъалаҳои мавҷуда дар соҳаи низомию сиёсӣ, ба тақвияти минбаъдаи андозагирии мазкури САҲА мусоидат хоҳад кард. Зимнан он нақши ҳукмрони Форумро оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният ҳифз хоҳад кард.

Дар фарҷом таъкид карданиам, ки натиҷаи вохӯрии мо дар Порто нуктаи муҳиме хоҳад буд дар рӯзномаи ояндаи САҲА ва муайянсозии авлавият ва вокунишҳо ба таҳдидҳои нави амниятӣ. Инчунин он дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба пешгирии муноқишаҳо, идораи бӯҳронҳо ва барқарорсозии баъдиҷангӣ мусоидат хоҳад кард.

Мо ҳамчунин ба эҷоди механизмҳои дастаҷамъонаи татбиқ ва паҳн кардани сиёсати фарҳанги сулҳ дар асоси байналмилалӣ даъват менамоем. Дар қарни нав нақш ва аҳамияти САҲА, ки яке аз сохторҳои калидӣ дар таъмини сулҳ ва амният дар паҳнои худ мебошад, бояд чандкарата зиёд шавад.

СУХАНРОНИҲОИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМРОХОН ЗАРИФӢ

СУХАНРОНӢ ДАР ҶАЛАСАИ XV ШӮРОИ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ САҲА
Мадрид, 29-30 ноябри соли 2007

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Мӯҳтарам ҳамкасбон,
Хонумон ва ҷанобон,

Пеш аз ҳама мехостам, мӯҳтарам ҷаноби Мигел Анхел Моратинос, Вазири корҳои хориҷии Испанияро бо муваффақкона анҷом додани раисиаш аз самими қалб табрик намуда, барои меҳмоннавозӣ ва ташкили беҳтарини Музокираи мо суханони миннатдориро иброз намоям. Ҳамчунин мехостам ба мӯҳтарам ҷаноби Илкка Канерава, Вазири корҳои хориҷии Финландия ҳамчун раиси нави САҲА изҳори таманниёти нек намуда, дар иҷроиши вазифаи маъсулятнокаш муваффақият орзу намоям.

Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Бо иҷозати Шумо мехостам қайд кунам, ки САҲА то ба ҳол ҳамчун форуми беҳамто дар масъалаҳои бехатарӣ дар минтақаи худ зиёда аз 30 сол вуҷуд дорад ва саҳми муайянро дар кори пойдории субот, демократия, риояи ҳуқуқҳои башар ва фароҳам овардани фазои боварӣ дар минтақа гузоштааст. Ҳамзамон аз идомаи раванди бозсозии самараноки он, мувофиқкунӣ бо иҷроиши мақсадҳои воқеӣ, ки дар назди кишварҳои иштирокунанда бар меоянд дар оянда сатҳи боварии мо ба он ва сумъати он дар арсаи байналмилалӣ вобаста мешавад.

Тоҷикистон ба ҳайси яке аз тарафдорони чунин назари прагматикӣ, самимона манфиатдори дастгирии ҳақиқии он маҳз дар ҳамон самтҳоест, ки мо дучори ситезаи ҷиддӣ ва душвориҳои зиёд гаштаем. Ба ақидаи мо, зарурати эҳтиёҷ ба Созмони мо ва нақши таърихии он, ки ҳуҷҷатҳои асосиаш муайян кардаанд, дар ҳамин асос ёфтааст.

Имсол Тоҷикистон 16-ум солгарди истиқлолияташро ҷашн гирифт, ки он бо раванди ташаккули давлатдорӣ ва шуурнокии миллӣ бевосита алоқаманд аст. Кишвари ман марҳилаи кӯтоҳ, вале хеле душворро пушти сар карда, сохтмони давлати демократии дунявии дар иқтисодиёти бозории дорои майлони иҷтимоӣ, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва риояи озодиҳои асосӣ ва ҳуқуқи инсонро идома медиҳад.

Ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки Ҳукумати Тоҷикистон ҷараён медиҳад, симои Тоҷикистони муосирро куллан иваз намудааст.

Имрӯз Тоҷикистон аъзои фаъоли ҷомеаи байналмилалӣ буда, дар раванди таъминоти амнияти минтақавӣ, муборизаи алайҳи терроризм, ифротгароии минтақавӣ, фурӯши одамон, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва инчунин таҳкими равандҳои ҳамгироӣ ва васеъ намудани ҳамкориҳои минтақавӣ мувофиқи имкон саҳмгузорӣ мекунад. Дар ин бобат, Тоҷикистон тарафдори фаъол намудани ҳамкории байни САҲА ва СААД дар соҳаи амният мебошад.

Мубориза бо таҳдиди афзуншавандаи маводи мухаддир аз сарҳадоти ҷануб, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бар зидди он минбаъд ҳам чун мақсадҳои асосии Ҳукумати Тоҷикистон хоҳад монд. Бори дигар, аз фурсат истифода бурда, мехостам диққати шуморо ба зарурати расонидани кумаки амалӣ ба Ҳукумати Афғонистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мубориза аллайҳи ин офат ҷалб намоям. Дар ин бобат, ташаббуси Президенти мо оид ба ташкил намудани «камарбанди бехатарӣ» бар зидди маводи мухаддир дар атрофи Афғонистон, ки соли 1998 аз минбари баланди СММ дар рафти сессияи 20-уми махсуси Ассамблеяи Генералии Созмон пешниҳод шуда буд, то ба ҳол аҳамияти зиёд дорад.

Айни замон мувофиқи тадқиқоти коршиносони СММ ҳосили кукнор дар Афғонистон ба 8 ҳазор тонна расидааст. Бо роҳи қочоқ аз тариқи кишварҳои Осиёи Марказӣ 20% маводи ҳероин гузаронида мешавад, ки он тақрибан 200 тоннаро ташкил мекунад. Ин ҳолат на фақат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИДМ таҳдид мекунад, балки ба Аврупо ҳам таъсири паҳншавии нашъамандӣ ва бемории СПИД-ро хохад расонд. Аз ҳама даҳшатовар он аст, ки ин ҳолат боиси ба даст овардани даромади зиёд аз ҷониби террористони байналмилалӣ ва экстримистон хоҳад шуд, ки дар тамоми дунё нооромӣ ва ташаннуҷро ба амал оварда истодаанд.

Бешубҳа, Тоҷикистон дар танҳоӣ аз ӯҳдаи ҳалли ин масъалаи мурракаб баромада наметавонад. Имрӯз Тоҷикистон аз ин офат на танҳо аҳолии худро, инчунин кишварҳои Осиёи Марказӣ, ИДМ ва Аврупоро низ муҳофизат карда истодааст.

Аз ин лиҳоз, мо САҲА-ро даъват менамоем, то ба мақсади ба даст овардани самара ва натиҷаи бештар, дар ин самт кӯшишҳоро бо дигар шарикони байналмилалӣ муттаҳид намояд.

Мо аз саҳми САҲА дар иҷроиши барномаҳо дар соҳаҳои аз мина тоза кардан, оид ба яроқҳои сабуки оташфишон ва яроқҳои маъмулӣ, ҳамчунин дар мустаҳкам кардани сарҳадот миннатдор ҳастем.

Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Вазифаҳо оид ба мустаҳкам кардани сулҳ ризоият дар ҷомеа, ҳамчунин ба даст овардани рушди устовори иқтисодӣ ҳамеша муҳимтарин афзалиятҳои стратегияи дарозмуддати таррақиёти миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз таҷрибаи кӯтоҳи ин-

кишофи таърихии худ мо фаҳмидем, ки сарчашмаи бӯҳронҳои дохилӣ ин вуҷуд надоштани имкониятҳои баробар барои инкишоф, мавҷудияти мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба монанди камбизоатӣ, беадолатии иҷтимоӣ, бекорӣ ва ғайра мебошанд.

Аз ин хотир, аввали соли 2007 Ҳукумати Тоҷикистон барои солҳои наздик соҳаҳои тараққиёти гидроэнергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, саноат ва кишоварзиро ҳамчун самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ муайян кардааст. Тоҷикистон созмон додани механизми чораҳои минбаъдаро барои ба даст овардани инкишоф ва рушди устувор ҳамаҷониба тарафдорӣ менамояд.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Ҳалли мушкилоти истифодабарии захираҳои обӣ ва энергетикии минтақа масъалаи асосии рушди Осиёи Марказӣ мебошад.

Имрӯз дар минтақа истифодаи нобаробар ва нодурусти захираҳои обӣ ба чашм мерасад. Дар кишварҳои минтақа миқдори он аз 1400 то 4000 метри маррабаъ барои як нафар дар як сол рост меояд.

Бо назардошти зиёд шудани эҳтиёҷ ба захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон, аз он ҷумла, дар минтақаи мо, ҳалли масъалаи истифодаи самараноки захираҳои обӣ яке аз масъалаҳои стратегӣ барои ба даст овардани рушди устувор ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мебошад. Чунин ҳолат боисрор зарурати сохтмони иншоотҳои гидроэнергетикиро тақозо дорад, ки захираи об ва расонидани онро дар мавсими обёрӣ таъмин намуда, дар хушксолӣ ҳангоми сар додани об қувваи барқ низ истеҳсол мекунанд.

Басомонрасонидани лоиаҳоигидроэнергетикӣдарТоҷикистон на фақат фоидаи беандоза ба худи кишвар меоварад, балки метавонад таъсири мусбии худро барои рушди устувори дигар кишварҳои минтақа расонад. Масалан, баъд аз ба анҷом расонидани сохтмони НОБ-и Роғун дар Тоҷикистон, имконияти иловатан бо об таъмин намудани зиёда аз 3 млн. га замини кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Афғонистон фароҳам меояд, инчунин кафолати бо об таъминкуниро ҳатто дар хушксолӣ ба даст меоварем.

Ҳамзамон инро бояд дар назар дошт, ки истифодаи об бо мақсади энергетекӣ боиси дар табиат кам шудани об ва ё пастсифат шудани он нахоҳад шуд. Истифодаи ҳадди аксари захираҳои бойи гидроэнергетикии минтақа, бешубҳа метавонад омили пурзӯри рушди саноати сабук, коркарди маҳсулот, хӯрокворӣ ва ғайра дар минтақа шавад ва кафили таъмини амнияти энергетикӣ ва рушди устувори иқтисодӣ дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ бошад. Мо бояд мувозинаи манфиатҳоро байни давлатҳои иштирокчӣ бунёд намоем, ки истифодаи оқилонаи

имконоти мавҷударо барои пешрафт дар асоси мутақобилан судманд фароҳам меоварад. Мисолҳои ҳалли самаранок ва ботамаддуни чунин мушкилот чи дар асоси дуҷониба ва чи дар асоси бисёрҷониба дар Аврупо зиёд аст. Омӯзиши ин таҷриба нишон медиҳад, ки ба инобат гирифтани манфиатҳои воқеии ҳар як кишвар, эътирофи мутақобилаи онҳо ва дар натиҷа изҳори иродаи сиёсӣ барои иҷроиши лоиҳаҳои мутақобилан судманд зарур мебошад.

Дар айни замон мушкилоти дастрасӣ доштан ба оби тозаи нӯшокӣ ва сарчашмаҳои безарари об яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар минтақа ба ҳисоб меравад. Аз норасоии оби нӯшокӣ пеш аз ҳама кӯдакон зарар дида истодаанд. Мо аз аввал тарафдори он будем, ки ҳалли мушкилоти марбут ба об катализатори ҳамкориҳо байни халққо ва миллатҳо шавад.

Ҷомеаи байналмилалӣ ташаббусҳои Тоҷикистонро дастгирӣ намуд ва дар сессияи 58-уми Ассамблеяи Генералии СММ қарори эълони даҳсолаи байналмилалии барномаи «Об барои ҳаёт» қабул карда шуд. Аз ин рӯ, мехостам боз як бори дигар пешниҳоди қаблан гуфташударо дар бораи истифодабарии захираҳои бепоёни оби тозаи кӯли Сарез ба манфиати ҳамаи кишварҳои минтақа тасдиқ намоям. Захираи кӯли Сарез имконияти якумрӣ бо оби тоза таъмин кардани 30-40 миллион нафар аҳолии Осиёи Марказиро дорост. Дар робита ба ин, мо пешниҳод менамоем, то дар чорчӯби Стратегияи нави шарикӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ки Шӯрои Иттиҳоди Аврупо моҳи июни ҳамин сол қабул намудааст, имконияти бунёд намудани консорсиуми минтақавӣ оид ба истифодабарии муштараки захираҳои кӯли Сарез омӯхта шавад ва барои ин соли оянда конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гардад.

Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Алҳол дар бораи рушди минтақа бидуни ҳалли мушкилот дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия ҳарф задан душвор аст. Давлатҳои САҲА сатҳи гуногуни рушди роҳҳои нақлиётии транзитиро доранд. Дар баробари дурии бисёр давлатҳои минтақа аз бозорҳои бузург, роҳҳои баҳрӣ ва пайвастҳои роҳи оҳан, монеаҳои гуногуни дигар ин мушкилотро, махсусан барои Тоҷикистон, боз ҳам душвортар месозанд. Таъсири худро он чиз низ мерасонад, ки инфрасохтори нақлиёт ва коммуникатсия аз сатҳи рушди он дар минтақаҳои дигари олам қафо мондааст. Бунёди даҳлезҳои мӯътамад ва бехатар, ки ҳангоми ҳамлу нақл бемамоният гузаштани борҳоро таъмин менамояд ва дар оянда онҳоро ба даҳлезҳои иқтисодӣ мубаддал дода, барои баланд намудани суръати рушди иқтисодӣ ва поён овардани камбизоатӣ дар минтақа имконият медиҳад.

Ман мутмаинам, ки иҷроиши ташаббус дар робита бо бунёди Маркази байналмилалӣ оид ба беҳтарсозии ҳамлу нақли транзитӣ дар Душанбе, ки дар Эъломияи ҷамбастии конференсияи САҲА оид ба дурнамои рушди ҳамлу нақли трансосиёӣ ва евросиёии транзитӣ аз тариқи Осиёи Марказӣ ба мӯҳлати то соли 2015, ки 23-24 октябри соли 2007 баргузор гардид, таъсири бузурги худро барои баланд бардоштани савдои мутақобила мерасонад ва барои ҳамаи мамлакатҳо муфид хоҳад буд.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Бо назардошти дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат дар даврони сипаришуда ва ворид шудани он ба марҳилаи рушди устувор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав дида баромадани вазъи кунунии Маркази САҲА-ро дар Душанбе пешниҳод менамояд, инчунин масъалаи бунёд намудани сохтори минтақавӣ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва экологӣ баррасӣ карда шавад. Умедворам, ки пешниҳоди мазкур миёни ҷамъияти САҲА дуруст дарёфт мегардад ва аз тарафи тамоми кишварҳои иштироккунанда дастгирӣ мешавад.

Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо САҲА дар соҳаи омӯзиши башар аҳамияти бузург медиҳад ва идомаи ҳамкориҳоро дар раванди демократикунонии минбаъдаи ҷомеа, мувофиққунонии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, муҳофизати ҳуқуқи башар ва воситаҳои ахбори омма умедвор аст. Яке аз мисоли назарраси он баргузории Конференсияи нӯҳуми Осиё Марказӣ оид ба воситаҳои ахбори омма мебошад, ки 1-2 ноябри соли ҷорӣ дар Душанбе шуда гузашт.

Тоҷикистон натиҷаи Конференсияи САҲА доир ба таҳаммулнопазирӣ ва табъиз бар зидди мусулмононро, ки чанде пеш дар Кордово гузашт, шодбош гуфта ва ҷиддан ҳар гуна ташбеҳ додани терроризм ва экстримизмро бо Ислом маҳкум менамояд.

«Харитаи роҳ»-и Люблян ва зарурати табдили САҲА-ро ба созмони комили байналмилалӣ дастури амал намуда, нисбати лоиҳаи қарори ШВКХ «Дар бораи Оинномаи САҲА» ҷонибдории худро изҳор менамоем.

Боз як бори дигар ҷонибдории қавии хуро ҷиҳати қабули қарори мусбӣ оид ба раисии Казоқистон дар САҲА дар соли 2009 тасдиқ менамоем. Боварии комил дорем, ки ин иқдом боиси зиёдшавии масъулиятнокӣ ва ҳамбастагии САҲА бо кишварҳои иштироккунанда, ки шарқтар аз Вена ҷойгир шудаанд, хоҳад шуд.

Ва дар хотима, ҷаноби Раис мехостам қайд кунам, ки Тоҷикистон роҳи таррақиёти демократиро интихоб намуда, омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкорӣ ва муколамаи созанда бо САҲА дар тамоми соҳаҳои ҳамкорӣ тасдиқ менамояд.

Ташаккур барои таввақҷӯҳ.

СУХАНРОНИҲОИ НАМОЯНДАИ ДОИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НАЗДИ САҲА ҲАМРОҲОН ЗАРИПОВ (ҲАМРОҲОН ЗАРИФӢ) ДАР ҶАЛАСАҲОИ ШӮРОИ ДОИМИИ САҲА

27 июни соли 1997

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Имрӯз бо як ҳисси қаноатмандӣ мехостам аз рӯйдоди таърихие, ки ҳафтаи гузашта дар Тоҷикистон рух дод, шуморо хабардор созам. Чи тавре, ки пештар ба нақша гирифта шуда буд, миёни Президенти Тоҷикистон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) С.А. Нурӣ ва ҳамчунон намояндаи махсуси СММ Г.Д. Мерем бо иштироки вазирони корҳои хориҷии кишварҳои нозир, САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» 27 июн дар шаҳри Москва ба имзо расид. Раванди тӯлонӣ ва мураккаби гуфтушунидҳо, ки 5 апрели соли 1994 бо сарпарастии СММ оғоз ёфта буд, ба охир расид.

Миёни ҳайатҳои ҳукуматӣ ва мухолифин ҳашт даври гуфтушидҳо баргузор гардид, Президенти Тоҷикистон ва сардори мухолифин шаш маротиба дар Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон, Покистон ва Федератсияи Россия вохӯрӣ ба анҷом расониданд. Ҳамин маконҳои баргузории гуфтушунидҳо далолати аҳамиятнокӣ ва манфиатдор будани ин кишварҳо ҷиҳати барқарории сулҳ ва оромӣ дар кишвари мо мебошад. Мо ба ҳукуматҳо ва халқҳои кишварҳои нозир, ки ҷиҳати баргузории гуфтушунидҳо меҳмоннавозии худро мехрубонона пешкаш намуданд, миннатдорем. Бидуни дастгирӣ ва иштироки кишварҳои дӯст дар тақдири халқи тоҷик, раҳо ёфтан аз ҳалқаи беохири нофаҳмӣ ва нобоварӣ душвор мешуд.

Ба Созишномаи умумӣ нӯҳ санад, ки қаблан ба имзо расида буданд, шомил гаштанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардори ИМТ ба мувофиқа расиданд, то бо имзо шудани Созишномаи умумӣ марҳилаи иҷроиши қарордодҳои бадастомада дар ҳамбастагӣ ва ҳаҷми пурра шурӯъ мешавад, ки ба низои бародаркушӣ дар Тоҷикистон то абад хотима мебахшад. Созишномаи мазкур бахшоиши мутақобила ва авф, баргаштани гурезаҳо ба манзилҳои хеш, фароҳам оварадани шароити рушди демократии ҷомеа, баргузории интихоботи озод ва барқарорсозии иқтисодиёти кишвар, ки дар натиҷаи ҷанги бисёрсола хароб гашта аст, таъмин менамояд. Инҷониб, сулҳ ва

ваҳдати миллии ҳамаи тоҷикистониҳо новобаста аз миллаташон, тамоюли сиёсӣ, диндорӣ ва мансубияти маҳалиашон афзалияти олии кишвар хоҳад буд.

Дар баробари ин, воқеият он аст, ки барои халқи мо иҷроиши амалии қарордодҳои бадастомада масъалаи басо душвор хоҳад шуд. Бояд монеаи нобоварӣ ва шубҳаангезии мутақобила, бартараф намудани мухолифони муттаҳидшавии халққои Тоҷикистон, мағлуб сохтани ҷиноятқорӣ, барқарорсозии иқтисодиёт ва маориф, яъне оқибатҳои вазнини ҷанги шаҳрвандиро пушти сар намоем. Ва дар ин маврид бидуни иштироки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳалли ин масоил ниҳоят душвор хоҳад буд.

Дар ин робита, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардори ИМТ бо дархост оид ба расонидани кӯмак ва ҳамкорӣ ҷиҳати иҷроиши ҳамаҷонибаи Созишномаи умумӣ ба Котиби генералии СММ мурочиат намуданд. Ҳамзамон онҳо ба Раиси амалкунандаи ОБСЕ, Созмони конфронси исломӣ ва давлатҳои кафил мурочиат намуда, ҳамкорӣ намуданро бахри иҷроиши муқаррароти марбутаи Созишномаи умумӣ изҳор карданд.

Ва маҳз бо ҳамин мурочиат аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ман ба Шумо мӯҳтарам ҷаноби Раис, Котиби генералӣ ва ҳамкасбони мӯҳтарам мурочиат мекунам.

Баъдан раиси ҳайати Федератсияи Россия Ушаков Ю.К. бо баёни муфассали лаҳзаҳои алоҳидаи раванди гуфтушунидҳо баромад намуд. Дар рафти баромади худ ӯ пурра мавқеи Тоҷикистонро дастгирӣ намуд ва афзуд, ки расонидани ҳама гуна кӯмак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҷиддӣ дорад.

Нақши созмонҳои байналмилалиро дар давраи пешомад зикр карда, ӯ таввақҷӯҳи Котиби Генералӣ, намояндаи Раиси амалкунандаро ба зарурати фаъол сохтани кори ОБСЕ ҷиҳати расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ва машваратӣ ба Тоҷикистон ҷалб намуд.

Аз номи Иттиҳоди Аврупо раиси ҳайати Люксембург (Люксембург аз моҳи июли соли 1997 ва то охири ҳамон сол раисиро дар ИА ба ӯҳда дошт) баромад намуда, имзо шудани Созишномаи умумиро шодбошӣ кард ва қайд намуд, ки ба имзо расидани ин ҳуҷҷат ба халқи Тоҷикистон имконияти ҷиддиро барои расидан ба сулҳу субот дар кишвар фароҳам овард. Ба имзо расидани Созишномаи умумӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо самимона пазируфта шуд. Ҳамаи онҳо барои иҷроиши пайгиронаи қарордодҳои бадастомада изҳори умед намуданд. Баъдан ӯ қайд кард, ки моҳияти қарордодҳои охир маъсулияти ҷонибҳоро зиёдтар карда, ӯҳдадориҳои ҷиддиро бар дӯши онҳо вогузор менамояд.

Раиси ҳайати ИМА Сем Браун ба натиҷаҳои вохӯрии Москва баҳои баланд дода, нуқтаи назари ҳукумати худро доир ба ин масъала муффасал баён намуд. Ӯ қайд кард, ки ИМА рафти гуфтушунидҳои байни тоҷиконро бо диққат мушоҳида карда-

аст. Баимзорасии Созишномаи умумӣ қадами ҷиддӣ дар роҳи сулҳофарӣ дар Тоҷикистон мебошад. Ӯ нақши мусбии Россияро дар танзими муноқишаи Тоҷикистон қайд карда, изҳори миннатдорӣ намуд. Тибқи суханони ӯ ИМА кӯмаки худро ба Тоҷикистон расонида буд ва омода аст ин корро идома диҳад, зеро дар самти барқароршавии сулҳу субот дар Тоҷикистон имконияти воқеӣ ба вуҷуд омадааст.

Бояд тазаккур дод, ки асосан ҳамин се «қувва», ки намояндагонашон раванди сиёсии Тоҷикистонро мусбӣ арзёбӣ намуданд, сиёсати САҲА ва дигар созмонҳоро муайян мекарданд. Ақидаи онҳо нисбати раванди сиёсӣ дар ин ё он минтақа, мавқеи дигар давлатҳоро асосан муайян месохт. Мувофиқати ақоиди ин давлатҳо, ки он қадар бисёр рӯй намедиҳад, нишондиҳандаи хуб дар иҷроиши қарордодҳои Москва мебошад. Аз ин бармеояд, ки сиёсати пешгирифтаи давлати мо дар он вақте, ки Тоҷикистон дар вазъияти мураккабе қарор дошт, нисбатан санҷида ва дурандеша буд.

28 августи соли 1997

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Ҳафтаи гузашта баёноти Раиси амалкунандаи САҲА мӯҳтарам Нелс Ҳелвиг Петерсон доир ба Тоҷикистон паҳн гардид ва дар иҷлосияи Шӯрои доимӣ бо маълумот доир ба масъалаи мазкур Дабири Кул Ҷон Карло Арагона баромад намуд. Дар ҳақиқат ин моҳ Тоҷикистон рӯйдодҳои фоҷиавиро пушти сар кард.

Чи тавре, ки ман дар баромади худ қайд карда будам, дар натиҷаи баимзорасии «Созишномаи умумӣ оид ба истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» 27 июн дар ш. Москва, дар ҷумҳурии мо марҳилаи душвори иҷроиши қарордодҳои бадастомада дар ҳамбастагӣ ва ҳаҷми пурра шурӯъ гардид.

Дар баробари ин, воқеият он аст, ки барои халқи мо иҷроиши амалии қарордодҳои бадастомада масъалаи басо душвор мебошад. Монеаи нобоварӣ ва шубҳаангезии мутақобиларо бартараф намудан, мухолифони иттиҳоди халқҳои Тоҷикистонро безарар гардондан, ҷиноятқориро барҳам задан, иқтисодиёт ва хоҷагии халқро барқарор сохтан дар пеш истодааст. Ҳукумати ҷумҳурӣ сарфи назар аз муқовимати шадиди доираҳои муайян дар дохил ва хориҷи кишвар қадам ба қадам иҷроиши қарордодҳои имзошударо шурӯъ намудааст.

Яке аз мухолифини ҷиддӣ дар роҳи иттиҳоди халқҳои Тоҷикистон полковники исёнгар Худойбердиев ва тарафдорони ӯ буданд, ки дар тӯли ду соли охир вилояти Хатлон ва

як қатор ноҳияҳоро дар ҳолати тезу тунд қарор дода буданд. Қонун ва ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дағалона поймол карда, онҳо бо талаботи беасос чандин маротиба баромад намуданд ва худсарона роҳбарони ноҳияҳо ва вилоятро аз кор озод кардаанд. Дар минтақаҳои зертобеи ӯ зулм ва зӯроварӣ ба меъёр табдил ёфт. Мунтазам ӯ ва шариконаш дар шоҳроҳҳои асосӣ нуқтаҳои тафтишотӣ ташкил карда, бо ғоратгарӣ ва роҳзанӣ машғул буданд. Худойбердиев дар бобати бозгашти қисми мусаллаҳи мухолифин ба ҷумҳурӣ қатъиян зид баромад мекард. Мо маҷбур шудем, ки ҳатто баргашти муҳоҷиронро муваққатан боз дорем.

Сарфи назар аз ҳамаи ин, ба хотири роҳ надодан ба хунрезӣ, бо ӯ ва шариконаш муддати тӯлонӣ гуфтушунид ба анҷом расонида шуд. Вале ӯ ва сарпарастони дохилӣ ва берунмарзиаш раванди гуфтушунидро ҳамчун заифии ҳокимияти давлатӣ қабул намуданд.

Кадоме аз пешвоёни мағрури сиёсии хориҷӣ аҷала намуда, оид ба синдроми афғонӣ дар Тоҷикистон ва дар бораи гӯё пош хӯрдани Тоҷикистон ба қисматҳои хурди ба ҳамдигар душман изҳорот пахш намуд. Ҳувайдост, ки чунин сарпарастони бардурӯғи Худойбердиев ва амсоли онҳо - «наҳангҳо» иштибоҳи чуқур мекунанд ва орзуи худро ба ҷои ҳақиқат пешкаш менамоянд.

Манфиатҳои олии халқҳои Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта ва баъди бенатиҷа анҷом ёфтани ҳама тадбирҳо баҳри бо роҳи сулҳ ҳал намудани муноқишаи ба вуҷуд омада, дастаи Худойбердиев торумор карда шуд. Мувофиқи маълумоти мавҷуд буда, ӯ ва баъзе шариконаш дар яке аз кишварҳои ҳамсоя пинҳон шудаанд. Ман мехоҳам таъкид кунам, ки ҳалли мусаллаҳонаи муноқишаи мазкур чораи иҷборӣ буд. Ҳатто ҳангоме, ки баталиони Худойбердиев дар муҳосира қарор дошту тақдири ӯ ҳал шуда метавонист, Президенти Тоҷикистон ба хотири роҳ надодан ба талафот бо ӯ мустақиман гуфтушунид анҷом дод, вале Худойбердиев ба истеъфо рафта, дар баробари бозгашт ба қисми ҳарбӣ аҳдшиканона ваъдахилофӣ намуд ва амалиёти ҳарбиро оғоз намуд, ки ин ҳукуматро маҷбур сохт, то чораҳои ҷавобӣ андешад.

Айни замон дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ ваъзият мӯътадил мебошад ва дар зери назорат қарор дорад. Комиссияи ҳукуматӣ оид ба тафтиши ҳодисаҳои ҷойдошта ташкил шудааст. Ҳукумат беш аз пеш қатъиян омодааст, то қарордоҳои имзошударо амалӣ намояд. Рӯзҳои наздик ташрифи аъзоҳои комиссияи муштарак ба ҷумҳурӣ дар назар аст.

Бо назардошти манфиатдории ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҷидду ҷаҳд барои расонидани кумак ба раванди сулҳ дар Тоҷикистон ва барои муфассалтар тавзеҳ додани рӯйдодҳои охир дар кишвари мо, Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон 9-11 сентябри соли ҷорӣ ба Вена ташриф меоварад ва дар иҷлосияи шӯрои

доимӣ суханронӣ хоҳад кард.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

5 ноябри соли 1997

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Пешниҳодҳои вориднамудаи Шуморо оиди саммити қарибулвуқӯъ дар Копенгаген шодбошӣ намуда, мехостам назари ин ҷонибро оиди бахшҳои алоҳидаи Хартияи Амнияти Аврупоӣ баён намоям.

Мо бар он ақидаем, ки зарурати воқеии қабул намудани санади ҳамаҷонибае ба миён омадааст, то дар он тамоми ҷанбаҳои амниятӣ инъикос гарданд. Дар ин робита мо чунин фикр дорем, ки Хартияи Амнияти Аврупоӣ чунин санад шуда метавонад, ба шарте агар ба он мафҳумҳои ҳаётан муҳим дар бобати ташаккули сохторҳои амниятӣ ворид гарданд.

Таҳлили дар чаҳорчӯбаи ташаккули ҷанбаҳои амниятӣ ҷараёнгиранда бояд ба таҳияи консепсияи амниятӣ барои асри 21 равона шуда бошад, ки дар он чунин принсипҳои муҳим, мисли тақсимнопазирии амният, ҷидду ҷаҳд барои бунёди фазои ягонаи амниятӣ, субот ва ҳамкорӣ ҷой дошта бошанд. Ба ақидаи мо, ташаккули сохтори амниятӣ бояд ҳамзамон бо назардошти таҳдид ва хатарҳое, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ вуҷуд доранд, амалӣ карда шаванд. Инҷо ҳамчунин бояд қайд кард, ки таҳдид ба субот дар минтақаи САҲА аз кишварҳои ба созмон аъзо набуда бармеояд, вале онҳо бо кишварҳои аъзо ҳамсарҳад мебошанд.

Дар Хартия ба масъалаҳои ҳамкории мутақобила байни созмонҳои гуногун, ки дар соҳаи амниятӣ фаъолият мекунанд, бояд таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуд. Принсипҳое, ки ба ин санад ворид шудаанд, бояд баҳри таҳкимбахшӣ ва сифатнокии ҳамкории САҲА бо дигар созмонҳо мусоидат кунанд. Таҷрибаи бойи САҲА аён намуд, ки созмон метавонад дар ҳал намудани ин ё он мушкилӣ нақши ҳамоҳангсозро бозад.

Ворид намудани принсипҳои пешгирии чолиш ва таҳдидҳои марбут ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро ба ин санад махсус зикр кардани ҳастам. Ин барои кишварҳое, ки муноқишаи дохилиро пушти сар карданд ва дар марҳилаи пасоҷангии ташаккули худ қарор доранд, моҳияти махсус дорад. Мушкилоти мазкур метавонанд ба зудӣ сарчашмаи шиддатнокии иҷтимоӣ гардида, ба бунёди давлатдорӣ харобӣ оваранд. Аз тарафи дигар онҳо метавонанд барои кишварҳое, ки мақсад доранд амнияти худро дар давраи муайяни таърихӣ аз ҳисоби дигар

кишварҳои дар ҳолати на чандон хуб қарордошта таҳким бахшанд, ҷазбкунанда бошанд. Маҳз бо ҳамин сабаб, мо қатъиян ҷонибдори принсипи роҳ надодани мустаҳкамкунии амнияти кишвари иштирокчӣ аз ҳисоби амнияти дигарон ҳастем. Ҳамин тавр, бо назардошти чолишҳои номбаршуда, ки таъсири бевосита ба амният ва суббот доранд, пешбинӣ ва таҳкими чораҳо оид ба ҷилавгирии саривақтӣ аз онҳо зарур аст.

Ҷараёни баҳс нишон медиҳад, ки ҳайатҳо ба ин санад таваҷҷӯҳи зиёд доранд ва гарчанде масъалаи таҳия ва қабул кардани қарор на чандон оддӣ менамояд, умедвор ҳастем, ки билохира дар натиҷа қарори мувофиқ ба даст хоҳад омад.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

20 ноябри соли 1997

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Мо роҳбари намояндагии САҲА дар Тоҷикистонро гарму ҷӯшон шодбошӣ гуфта, барои баромади пурмазмунашон суханони миннатдориро ба унвони ӯ изҳор менамоем. Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон дар вазъияти мутташаниҷ кор карда, дар пурзӯр намудани фаъолияти худ ба пешравиҳои назаррас ноил гаштааст. Ба доираи вазифаҳое, ки амалӣ мекунад, тадриҷан мушкилоти мубрами реабилитатсияи пасоҷангӣ ҳарчи бештар дохил шуда истодаанд. Ҳар моҳ табақаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шумораи минтақаҳо, ки дар онҷо арзишҳои САҲА ҷорӣ мешаванд, афзун мегардад. Ҳукумати Тоҷикистон фаъолияти САҲА, аз ҷумла, вазифаи созмон дар ҷумҳурӣ дар масъалаи барқарорсозии сулҳ ва оромӣ дар Тоҷикистонро махсус арзёбӣ мекунад.

Мо роҳбари намояндагии САҲА дар Тоҷикистонро гарму ҷӯшон шодбошӣ гуфта, барои баромади пурмазмунашон суханони миннатдориро ба унвони ӯ изҳор менамоем. Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон дар вазъияти мутташаниҷ кор карда, дар пурзӯр намудани фаъолияти худ ба пешравиҳои назаррас ноил гаштааст. Ба доираи вазифаҳое, ки амалӣ мекунад, тадриҷан мушкилоти мубрами реабилитатсияи пасоҷангӣ ҳарчи бештар дохил шуда истодаанд. Ҳар моҳ табақаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шумораи минтақаҳо, ки дар онҷо арзишҳои САҲА ҷорӣ мешаванд, афзун мегардад. Ҳукумати Тоҷикистон фаъолияти САҲА, аз ҷумла, вазифаи созмон дар ҷумҳурӣ дар масъалаи барқарорсозии сулҳ ва оромӣ дар Тоҷикистонро махсус арзёбӣ мекунад.

Халқи Тоҷикистон, ки дар тӯли чанд соли охир давраи аз ҳама фоҷиабори таърихи худро аз сар гузаронд, хушбахтона, нерӯе дарёфту тавонист ҷанги бародаркушро боздошта, ба

роҳи сулҳ ва ризоияти миллӣ қадам ниҳад ва барқарорсозии муносибатҳои худро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ шурӯъ кунад. Яқинан метавон гуфт, ки раванди сулҳ дар Тоҷикистон бебозгашт аст. Ягон кӯшиши афроди алоҳидаи тамоюли душманона доштаи дохилӣ ва беруна иқтидори вайрон намудани рафти мувофиқгардонии қарордодҳои сулҳонаро надорад.

Мутаассифона, ҳолатҳои алоҳидаи руй додани таркишҳо, амалиётҳои террористӣ, ба гарав гирифтани одамони бегуноҳро бояд қайд кард. Вале мехостам махсус қайд намоям, ки ҳамаи ин амалиётҳои террористи бештар табиати ҷиноӣ доранд, на сиёсӣ. Ҳоло ҳам қувваҳое вуҷуд доранд, ки сулҳу оромии Тоҷикистон табъи дили онҳо нест. Бо вуҷуди он, ҷониби ҳукумат омодааст баҳри барқарорсозии ризоияти миллӣ дар ҷумҳурӣ, ҳар лаҳза бо қувваҳои тамоюли созанда дошта гуфтушунидҳоро оғоз намояд.

Дар робита ба ин мавзӯъ, ҳолатҳои ҳамлаҳоро ба қушунҳои ҳукуматӣ дар минтақаҳои сарҳадӣ бо Ӯзбекистон ёдовар шуда, бояд чунин қайд кард: Ҳукумати Тоҷикистон ҳамаҷониба нияти ҷониби Ӯзбекистонро ҷиҳати роҳ надодани амалиётҳои иғвогарона дар марзи ду давлат шодбошӣ менамояд. Ба назар мерасад, ки дар ҳолати кӯшиши воқеӣ ҷонибҳо метавонанд шиддатнокии дар ин қисмати сарҳад рухдодаро боздоранд ва қатъян аз байн бибаранд.

Баъд аз ҳалли масъалаҳои душвортарини сиёсии танзими муносибатҳои миёни тоҷикон, мо бо мушкилии боз ҳам душвортар ба монанди аз нав барқарор кардани иқтисодиёти миллӣ дучор шудем. Хароҷоти асосии молиявии марбут ба бозгашти гурезаҳо, ҷойгиркунии онҳо, ҳамроҳ намудани дастаҳои мусаллаҳи мухолифин ба таркиби артиши ҳукуматӣ, возеҳтар гӯем, хароҷоти иҷрошавии муқаррароти асосии қарордоҳои пештар баимзорасидаро бар дӯш дошта, Ҳукумати Тоҷикистон дучори масъалаи вазнини аз нав бунёд кардани иқтисодиёт гашт.

Вале, бояд қайд кард, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилотҳои Тоҷикистон беэътино нест. Дар робита ба мавзӯъ мехостам мӯҳтарам ҳайатҳоро хабардор созам, ки аз 24 то 25 ноябр бо сарпарастии СММ ва бо даъвати мехрубононаи Ҳукумати Австрия, Конференсияи байналмилалии кишварҳои донор ҷиҳати дастгирии сулҳ ва рушди баъдиҷангӣ дар Тоҷикистон баргузор хоҳад гашт. Бо назардошти аҳамиятнокии хосаи ин руйдод, ҳайати Тоҷикистонро дар ин конференсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов сарварӣ менамояд.

Ба пиндори мо конференсияи мазкур ҷиҳати иҷроиши қарордодҳои сулҳ ва пушти сар намудани бӯҳрони вазнини иқтисодӣ мусоидати воқеӣ хоҳад кард. Дар барномаи ташрифии Президенти мо ба Австрия ҳамчунин вохӯриҳо ва гуфтушунидҳо бо роҳбарияти Австрия, доираҳои соҳибкорон ва Дабири кулли САҲА пешбинӣ шудааст.

Аз ин лиҳоз, мехостам барои дастгириашон ба СММ, Ҳукумати Австрия ва ба тамоми мамлакатҳои манфиатдор миннатдории бепоёни худро изҳор намоям.

Дар хотима, иҷозат фармоед бори дигар ҷаноби Манҷавидзеро барои кори анҷомдодааш сипосгузорӣ ва дар фаъолияти минбаъдааш муваффақиятҳо орзу намоям.

22 январи соли 1998

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва оғози кори Комисияи оштии миллӣ (КОМ) аз ҷониби тамоми мардуми Тоҷикистон, давлатҳо ва созмонҳое, ки ба мардуми Тоҷикистон сулҳ орзуманданд, бо хушнудӣ пазируфта шуд. Ҳамаи мо умед доштем ва умедвор ҳастем, ки КОМ тамоми қувваи худро барои зудтар амалӣ гардондани қарордодҳои баимзорасида равона мекунад. Фаъолияти КОМ дар давраи сипаригашта дар ҳадди муайян боварӣ бо он бахшид, ки ҳамватанони мо, ҷонибдорони мухолифин дар ҳақиқат хоҳони сулҳ ва ризоият мебошанд.

Ҳамзамон, вақте Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари мухолифин дар Москва созишномаи сулҳро ба имзо расонида буданд, гуфта шуда буд, ки дар кори ба даст овардани сулҳ мушкилиҳои зиёд метавонад ба миён ояд, ва мо бояд онҳоро пушти сар кунем. Мақсад иборат аз он буд, ки ба баҳонаҷӯӣ баҳри айбдор кардани якдигар роҳ дода нашавад ва баръакс, якҷоя роҳи ҳалли мушкилиҳои бамиёномадаро дарёфт намудан лозим. Ба ҷои ин, раёсати ИМТ дар бораи қатъ кардани фаъолияти ҷонибдорони худ дар ҳайати КОМ изҳорот пахш кард.

Бо шарҳи муфассали тамоми талаботи пешниҳодкардаи мухолифин вақти шуморо нагирифта, танҳо ба омилҳои муҳимтарини он рӯ меорам.

Миёни он масъалаҳое, ки гӯё сабаби боздоштани фаъолияти онҳо шудаанд, дар ҷаласаи КОМ гуфта мешавад, ки то ҳол намояндагони онҳо ба сохторҳои ҳокимияти иҷроия шомил нашудаанд ва дар ин, гӯё Ҳукумат айбдор аст. Вале ҳақиқат дар он аст, ки ҷониби ҳукумат мувофиқи қарордодҳои ҳосилшуда чанд маротиба роҳбарияти ИМТ-ро дархост намудааст, то номзадҳои худро барои дохил намудан ба ҳайати ҳукумат пешниҳод намояд.

Ба сифати далели навбатӣ мухолифин ба иҷро накардани Қарор оид ба авф ишора менамояд. Албатта, бо баъзе сабабҳо, аз он ҷумла, кашол додани ин кор аз тарафи баъзе мақомоти

ҳукуматӣ, ин чорабинӣ то охири соли гузашта ба иҷро нарасид. Аммо сабаби асосӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои қалбакие мебошанд, ки ба шахсони ба мухолифин тааллуқ надошта дода шудаанд. Тӯл кашидани ин кор аз он шаҳодат намедиҳад, ки Ҳукумат хоҳони сулҳ нест, балки маънои зарурати омӯзиши лозимаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи ИМТ-ро дорад.

Ҳамзамон, фактҳое ҷой доранд, ки мутаассифона, кӯшишҳои ИМТ-ро барои сулҳ зери шубҳа мегузоранд, аз ҷумла, то айни замон бо сабабҳои номаълум ИМТ миқдори зиёди асирони артиши ҳукуматиро озод накардааст. Мувофиқи маълумоти дар даст доштаи мо, то ҳамин рӯз зиёда аз 250 аскар асири дастаҳои мухолифин мебошанд.

Ҷонибҳо ҳангоми имзо кардани қарордодҳо, қатъиян терроризмро маҳкум сохта, ӯҳдадории муболиза бар зидди ин бадиро бар дӯш гирифтанд. Вале амалиётҳои террористӣ бар зидди одамони бегуноҳ дар роҳҳои шарқии ш. Душанбе, ба гаравгон гирифтани одамони бегуноҳ ва ҳатто намояндагони халқии Маҷлиси Олӣ ва шаҳри Душанбе аз дигар маромҳо далолат медиҳад.

Ба роҳи сулҳ қадам ниҳода, Президенти Тоҷикистон охири соли гузашта дар бораи ба теъдоди 30% ихтисор кардани қушунҳои низоми фармон ба имзо расонд, вале мутаассифона, ҷонибдорони мухолифин ба зиёд намудани босуръати сафҳои қисмҳои ҳарбии худ шурӯъ намуданд ва айни замон зиёда аз 2000 ҷавонро ба дастаҳои худ даъват кардаанд.

Аз оғози фаъолияти КОМ 4 моҳ сипарӣ гаштааст, вале ҳоло ҳам марҳалаи якуми протоколи низомӣ иҷро нашудааст, ки барои амалӣ гардонидани он 2 моҳ пешбинӣ шуда буд. Бояд қайд кард, ки дар ягон минтақа мувофиқи протокол, яроқу аслиҳа супорида нашудааст ва мувофиқи маълумоти ба мо расида, гурӯҳҳои нави низомӣ пайдо шуда истодаанд.

Ҳукумати Тоҷикистон боварӣ дорад, ки ягона роҳ – ин ҳамкорӣ бо ҳамон қувваҳоест, ки хоҳони сулҳ ва ризоият дар Тоҷикистон ҳастанд ва музокиротро бахри пушти сар кардани мушкилоти мавҷуда ва ба даст овардани ризоияти миллӣ ва субот давом хоҳад дод.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Мо ҷиҳати нигаронии Шумо таввачӯҳи лозима зоҳир карда истодаем, ва мехостем, ки Шумо моро дуруст дарк кунед. Ҷониби ҳукумат ҷиддан моили созандагист ва кибру ғуруре надорад ва ба даст овардани бартарии яктарафаро низ намехоҳад. Мо умедворем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ минбаъд ҳам барои таҳкими якдигарфаҳмии сиёсӣ дар Тоҷикистон ва пуштисар кардани бӯҳрони ба вуҷуд омада кӯшиш ба харҷ хоҳад дод.

Ташаккур барои таваҷҷӯҳатон.

29 январи соли 1998

Мулоҳизаҳои кӯтоҳ дар ҷаласаи Шӯрои Доимии САҲА ба эзоҳи Раиси амалкунанда оид ба рӯйдодҳо дар Ҷумҳури Тоҷикистон

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Бисёр кӯтоҳ. Чунон, ки ман ҳафтаи гузашта гуфта будам, раванди муттаҳидшавӣ ва барпо намудани сулҳи устувор дар Тоҷикистон душвор хоҳад буд ва дар оянда метавонанд дар ҳалли ин ё он масъала тазодҳо ва душвориҳо пайдо шаванд. Дилкашолии шахсони алоҳида, ки барои сари ҳокимият омадан бо роҳи ғайричашмдошт, эҳсосоту ғурури экстремалӣ ва сиёсӣ ҷидду ҷаҳд доранд, барои ҳалли масъалаҳои шахсиашон хеле калон аст.

Вазифаи мо он аст, ки бо таҳаммул ва санҷида онҳоро ҳал кунем ва албатта, мо дар оянда низ ба дастгирии воқеӣ ва дастгирии оқилонаи Шумо ниёз хоҳем дошт. Таҷриба нишон медиҳад, ки хулосаҳои шитобкорона ва зиёда аз он, ба таври сунъӣ тезонидани рӯйдодҳо ва фишороварии аз ҳад зиёд, барои ҳалли чунин масъалаи ҷиддӣ ва нозук мусоидат нахоҳанд кард.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

2 апрели соли 1998

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Барои мо ташрифи Роҳбари намояндагии САҲА дар Тоҷикистон ҷаноби Манҷавидзе ба Вена, гузориши муфассали ӯ ва арзёбии вазъият дар дарки воқеаҳои Тоҷикистон рӯйдоди муҳим мебошад, ки барои ин мехостам сипосгузории бепоёни худро ба ӯ арз намоям.

Тавре чандин бор зикр гардид, пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон, давраи муқовимати низомӣ миёни ҷониби ҳукуматӣ ва ИМТ ба охир расид. Аммо ин дастоварда бо сабаби рӯйдодҳои хунини рӯзҳои охир, ки бо айби гурӯҳҳои яроқдори алоҳидаи мухолифин рух додаанд ва инро ҳамчунин Намояндаи доимии СММ дар Тоҷикистон тасдиқ мекунад, хира гардид.

Намояндаи доимии СММ дар Тоҷикистон ва Президенти Тоҷикистон чандин маротиба ба роҳбарияти ИМТ ва КОМ мурочиат карданд, то ҷиҳати хотима бахшидан ба чунин амалиётҳо чораҳои лозима андешида шаванд, вале мутаассифона, аз ҷониби онҳо чораҳои амалӣ сурат нагирифтанд.

Бо назардошти амалиётҳои ғайриқонунии ҷараёндошта,

Ҳукумати Тоҷикистон ба мақсади таъмини оромӣ ва тартибот изҳор дошт, то аз ҳуқуқи андешидани чораҳои қатъӣ, ки ба нобуд сохтани қуввaҳои ифротгар дар ҷумҳурӣ равона мешаванд, истифода хоҳад кард (изҳороти ВКХ Тоҷикистон ҳафтаи гузашта интишор гардид).

Ҳамзамон, кушишҳои вайрон кардани идомаи раванди сулҳ наметавонанд кӯшишҳои ҳукуматро оид ба комёб шудан ба ризоияти миллӣ, эътимод ва якдигарфаҳмии ҷонибҳо боз дорад. Ҷумҳурӣ дар роҳи азнавсозии пасоҷангӣ қарор дорад. Дар ин марҳала масъалаи андозагирии башарӣ, дақиқтар гӯем офият додани гурезаҳо, ҷалб кардани онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ, баркарор кардани иқтисодиёт ва демократикунонии ҷомеа ба масъалаҳои ҳаётан муҳими табдил меёбанд.

Мӯҳтарам Раис,

Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон бо возеҳ намоиш додани устувории арзишҳои САҲА, ба мушкилиҳои рӯзмара аҳамияти афзалиятнок дода, фаъолияти худро дар шароити душвор идома мебахшад. Чунин кӯшишҳо аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон дастгирӣ меёбанд. Ин ҷо, мехостам фаъолияти мусбии намояндагиро дар омода намудани тавсияҳои муносиб барои намояндагони сохторҳои ҳокимияти маҳалӣ таъкид намоям.

Ҳамзамон бо ин, зикр кардани моҳияти лоиҳаҳои таҳиянамудаи Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон муносиб аст.

Ба суханронии худ анҷом бахшида, бори дигар ба ҷаноби Манҷавидзе муваффақиятҳои минбаъда ва фаъолияти пурмасъул орзу дорам.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

7 маи соли 1998

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Барои суханронии Шумо ва таваҷҷӯҳатон ба мушкилоти Тоҷикистон ташаккур баён мекунам. Бо иҷозати Шумо мехостам ҳолатҳои алоҳидаро илова кунам ва ҳамкасбони мӯҳтарам, аъзои Шӯрои Доимиро аз рӯйдодҳои охири Тоҷикистон хабардор созам.

I. Тавре пештар зикр гардид, тайи моҳҳои охири соли ҷорӣ ва махсусан дар охири моҳи апрел бо гуноҳи қумандонҳои алоҳидаи саҳроии мухолифин, ки амалан аз таҳти назорати роҳбарияти ИМТ баромадаанд, вазъият дар кишвар хеле тезу тунд гашт.

Нақши сусти роҳбарияти мухолифин ва наандешидани ягон чораи мушаххас оид ба пешгирӣ кардани ҳодисаҳои куштор,

ғоратгарӣ, ҳамлаҳои роҳзанона ба дидбонҳои ҳукуматӣ ва ташкил кардани дидбонҳои ғайриқонунӣ дар атрофи пойтахт ва як қатор ноҳияҳо, бо мақсади тарсонидан ва мутташаниҷ намудани вазъият ва дигар амалиётҳои террористӣ, амалан қарордоҳои қаблан баимзорасидаро ба пуррагӣ вайрон намуд.

Бо назардошти амалиётҳои ғайриқонунии давомдор, Ҳукумати Тоҷикистон ба мақсади таъмини оромӣ ва тартибот эълон дошт, то аз ҳуқуқи андешидани чораҳои қатъӣ, ки ба нобуд сохтани қуввaҳои ифротгар дар ҷумҳурӣ равона шудаанд, истифода хоҳад кард (изҳороти ВКХ Тоҷикистонро аз 30.04.1998 барои паҳн кардан пешниҳод кардем).

Дар натиҷаи чораҳои амалишуда вазъият дар ҷумҳурӣ ором карда шуд ва пурра мувофиқи қарордодҳои қаблан имзошуда қисмҳои низомии муқовиматкунанда ба бошишгоҳҳои худ баргардонида шуданд.

II. Ҳукумат дар баробари тадбирҳо оид ба таъмини суботи дохилии кишвар, моҳҳои охир роҷеъ ба ҳамгироии минбаъда дар Иттиҳоди Иқтисодии Осиёи Миёна, Иттиҳоди гумрукии Россия, Қазоқистон, Белоруссия ва Қирғизистон чораҳои ҷиддӣ андешид. Бо як қатор роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, бо Раиси Амалкунандаи САҲА ҷаноби Бронислав Геремик мулоқотҳои бобарор сурат гирифтанд, ба Форуми машваратии Париж оид ба Тоҷикистон омодагӣ идома дорад.

Имрӯз сафари расмии бобарори Президенти кишвар Э. Раҳмонов ба Қирғизистон, ки дар рафти он 15 созишномаи муҳим ба имзо расид, анҷом меёбад. Кишварҳои мо кӯшишҳои худро дар самтҳои стратегии иқтисодиёт, кишоварзӣ, муборизa алайҳи ҷиноятқорӣ ва қочоқ муттаҳид месозанд.

Президентҳои Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба мувофиқа расиданд, ки барои мӯътадил сохтани вазъият дар Осиёи Марказӣ ва ташкили муборизаи муштарак бо тамоюлҳои ифротгароӣ дар минтақа кӯшишҳои худро муттаҳид месозанд.

III. Ҳамзамон, чи тавре ки раиси маҷлис қайд намуд, ин рӯзҳо боз як фалокат кишвари азияткашидаи моро фаро гирифт. Дар натиҷаи боришҳои зиёд, фуромадани тармаҳо, обхезиҳо ва сел, амалан дар тамоми қаламрави кишвар дар моҳҳои апрел ва майи соли ҷорӣ, дар ҷумҳурӣ фоҷиаи нав сар зад. Ҳаҷми офат ҳисобнашаванда аст ва ҳар рӯз меафзояд.

Ҳазорон манзилҳо, мактабҳо, табобатхонаҳо, роҳҳо ва дигар таҷҳизоти алоқа, иншоотҳои хоҷагии халқ валангор гаштанд, даҳҳо ҳазор мардум бе манзил монд. Мутаассифона, пешбинии обуҳавосанҷон барои моҳҳои май ва июн тасалобахш нест ва тамоюли боз ҳам бадтар шуданро дорад. Дар бораи офатҳои табиӣ дар номаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан муфассалтар дарҷ гардидааст, ки аз ҷониби мо ба Котиботи САҲА ва Раиси маҷлиси мо расонда шуд.

Дар робита бо вазъияти вазнини ҷойдошта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳои дохилии худро ба кор андохт, вале онҳо ба ҳаҷми офат басанда нестанд ва мо ба мусоидати САҲА ва кишварҳои иштирокчӣ умед мебандем.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

17 июни соли 1998

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Умуман қарори Шӯрои доимии САҲА-ро оид ба идома додани ваколати Намояндагӣ дар Тоҷикистон дастгирӣ менамоем.

Ҳамзамон мехостам як қатор мулоҳиза ва пешниҳодҳоро оид ба фаъолияти минбаъдаи Намояндагӣ арз намоям.

Бамаврид мебуд, агар масъалаҳои идома додани ваколат ва гузориши сардори намояндагӣ дар оянда дар як вақт баргузор гарданд. Ин имконият медод, ки пешниҳод ва хоҳишҳоро ба сардори намояндагӣ мустақим арз кунем.

Ба ақидаи мо Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон вақтҳои охир фаъолияти худро дар чаҳорчубаи ҳамон ваколате, ки дорост, каме маҳдуд кардааст. Ин ваколат хеле васеъ аст ва ба он бо мурури замон иловаҳо ворид шуда буданд. Аммо, моҳҳои охир асосан маълумот дар бораи қайд намудани ин ё он рӯйдод бе таҳлили лозима ва баъзан ифодаи на чандон возеҳи рӯйдодҳои аслии Тоҷикистон ба дасти мо мерасад.

Чи тавре ки Шумо медонед яке аз вазифаҳои муҳими намояндагӣ, мусоидат ба СММ дар танзими муноқиша дар Тоҷикистон мебошад. Аммо нақши намояндагӣ дар кори Гурӯҳи иртиботӣ вақтҳои охир чанде заиф гаштааст. Фаъолияти сардори намояндагии СММ ҷаноби Мерем оид ба баҳодиҳии рӯйдодҳои январ-майи соли ҷорӣ дар рафти авҷ гирифтани ихтилофи низомӣ аз ҷониби намояндагии САҲА дастгирии лозимиро надид.

Ҷумҳурӣ барои омӯзонидани шаҳрвандони худ дар соҳаҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва баргузории интихобот хеле эҳтиёҷ дорад. Ин ҷо ҳамкории наздик бо Парлумони Тоҷикистон зарур аст. Дар асл ин ҳамкорӣ тамоман вуҷуд надорад, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ягон шаҳрванди Тоҷикистон ба чорабиниҳои нозирӣ дар интихобот ҷалб нагардид. Дар ин масъалаҳо такаббур даст-боло шудан мегирад.

Дар масоили муҳимтарини экологӣ ва иқтисодӣ, ки дар вазъияти пасоҷангӣ халкунанда мешаванд, намояндагӣ аслан ягон коре накардааст. Ин дар ҳолатест, ки дар Тоҷикистон дар самтҳои

номбаршуда чолишҳои бисёр ҳам хавфнок ва хатарҳо вуҷуд доранд.

Мо чунин фикр дорем, ки ба хотири вақти Шӯрои Доимиро нагирифтан ин масъалаҳоро муфассалтар бо Шумо, ҷаноби Раис ва Дабири Кул муҳокима намоем. Ин ҷо ман фақат баъзе аз нуқтаҳои мушкилоти ҷойдоштаро қайд намудам ва барои ҳалли онҳо мехостам таваҷҷӯҳи роҳбари намояндагӣ ҷаноби Манҷавидзеро ҷалб намоям.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

23 июли соли 1998

Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Амалиёти террористии бо бераҳмии худ даҳшатовар, ки 20 июл нисбати кормандони СММ амалӣ гаштааст, аз тарафи ҳукумати кишвари мо ҳамчун иғвои дағалона, зиддибашарӣ ва сиёсӣ арзёбӣ карда шуд, ки он ба вайрон кардани раванди сулҳ дар Тоҷикистон равона шудааст. Амалиёти террористии мазкур дар арафаи татбиқ гардонидани чорабиниҳои хеле муҳим сурат гирифта, ба ҷумҳурии мо талафоти ислоҳнопазир расонд.

Минтақаи ҳодиса таҳти назорати мухолифин қарор дошта, нигаронии ҷиддии моро ба миён овард, зеро он ҷо протокол оид ба масоили низомӣ бисёр суст ҳалли худро ёфта истодааст ва дар ин ноҳия пештар ҳам таҳдидҳо ба намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ҷой доштанд.

Ҳукумати Тоҷикистон чунин амалиётҳои террористиро қатъиян маҳкум месозад ва фаъолона тамоми ҳолатҳо ва сабабҳои ҷиноятро санҷида истодааст.

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Аз номи Ҳукумати Тоҷикистон ба хешовандон ва наздикони кормандони СММ, ки қурбони амалиёти террористӣ шудаанд, ҳамдардии самимӣ изҳор менамоям. Ҳамчунон хоҳиш мекунам ҳамдардии бепоёни моро ба ҳукуматҳои Полша, Ҷопон, Уругвай, ки шаҳрвандонашон қарзи шаҳрвандиашонро дар ҷумҳурии мо фидокорона иҷро мекарданд, расонед.

Аз ҷониби мо барои тафтишоти ҳарчи зудтар ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор, дар куҷое, ки онҳо набошанд ва супориши касеро, ки иҷро накарда бошанд, тамоми чораҳо андешида мешавад.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

27 августи соли 1998

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Гузориши муфассал дар ҷаласаи ғайрирасмии дирӯза ва дар Шӯрои имрӯза ва нуқтаи назари баркашида ба баҳодиҳии вазъият аз ҷониби Роҳбари намояндагии САҲА дар Тоҷикистон ҷаноби Манҷавидзе саҳми арзандае дар дарки рӯйдодҳои Тоҷикистон мебошад. Дар тӯли ду моҳи охир аз намояндагии САҲА дар Тоҷикистон миқдори зиёди маводи таҳлилӣ, ки вазъияти ҷумҳуриро васеъ ва воқеӣ таҷҷасум мекунанд, дастраст шудааст ва аз ин лиҳоз мехостам сипосгузории бепоёнро ба ӯ изҳор намоям.

Роҷеъ ба вазъият дар Тоҷикистон мехостам хабар диҳам, ки умуман тағйиротҳои назаррас рух надодаанд, раванди муқаррарии муттаҳидшавӣ дар кишвар идома дорад ва ҳатман он наметавонад ҳамвор ва бе машаққат бошад.

Ҷониби ҳукуматӣ ӯҳдадориҳои худро оид ба Созишномаи сулҳи соли 1997 ҷиддан иҷро карда истодааст, таъиноти намояндагони мухолифин ба мансабҳои баланди ҳукуматӣ аслан ба охир расид. То ҳадди ақал дидбонҳо дар роҳҳо рангубор карда шудаанд, бо вуҷуди душвориҳо чорабиниҳо оид ба ворид намудани аҳолии водии Қаротегин, махсусан занҳо ва духтарҳо ба ҳаёти ҷамъиятии кишвар амалӣ шуда истодаанд, бо фармони Президент ба духтарҳои минтақаи мазкур имтиёзҳои иловагӣ барои таҳсил ва кор ташкил карда шудааст.

Табиист, ки ҷанг дар шимоли Афғонистон дар наздикии як чанд километр аз сарҳади мо асари калони худро ба тамоми вазъият гузошта истодааст. Қувваи сиёҳ, ба таври дигар наметавон Толибонро номгузорӣ кард, қувваи ифротгароии тундрав ва ҷаҳолатпарастии асримиёнагӣ ба сарҳади ИДМ бисёр наздик шудааст. Аз ин лиҳоз, моҳи охир бо ташаббуси президентҳои кишварҳои минтақа як қатор вохӯрӣ ва гуфтушунидхо баргузор гашт, ки ба боздоштан ва паҳн нашудани муноқиша равона шуда буд. Гумон дорам, ки фаъолияти дипломатӣ баҳри муболиза бо терроризм дар минтақаи ОМ бояд аз ҷониби САҲА ва ИА дарк ва дастгирӣ карда шавад.

Дар бобати рафти тафтишоти куштори 4 нафар корманди СММ бояд тазаккур дод, ки он ба охир расида истодааст. Шахсияти нафароне, ки ба ин амалиёти террористӣ дахл доранд ва макони онҳо дар минтақаҳои таҳти назорати мухолифин буда, муайян шудааст. Оид ба дастгир кардан ва супоридани онҳо ба маҳкама бо мухолифин гуфтушунидҳои фаъолона ҷараён доранд.

Барои таъминоти бехатарии кормандони созмонҳои байналмилалӣ чорабиниҳои иловагӣ андешида шуданд.

Дар хулосаи баромадам мехоҳам қайд кунам, ки дар шароити душвор ва мушкил ҷаноби Манҷавидзе тавонист фаъолияти пурмаҳсулро ба роҳ монад. Ба фикрам, дар рафти кор ҳамеша метавонанд мушкилот, душвориҳо ва хатоиҳо пайдо шаванд. Онҳо дар чунин шароитҳои душвор ногузиранд, ба ҳар ҳол ҷаноби Манҷавидзе тавонист онҳоро пушти сар кунад, муносибатҳои кориро ба роҳ монд ва дар бораи худ дар кишвари мо хотироти хуб боқӣ гузошт.

Ман ба ҷаноби Манҷавидзе муваффақиятҳои минбаъда ва фаъолияти пурмаҳсул орзумандам.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

24 сентябри соли 1998

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Хабари охирине, ки аз Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон 22 сентябри соли ҷорӣ расидааст, маро водор сохт, то роҷеъ ба баъзе масъалаҳое, ки дар САҲА муҳокима мешаванд, ибрози андеша намоям. Хабари кӯтоҳи мазкур гузоришеро аз шаҳри ҳазди фронт, ки дар рӯбарӯи муҳорибаи бузурги ҷонибҳои даргир қарор дорад, ба ёд меорад. Дар натиҷаи он «кормандони бечораи намояндагӣ» ҳатто имконият надоранд ба шаҳр бароянд, бо шахсони масъул вохӯрда аз вазъият огоҳ шаванд, зиёда аз ин, ҳатто хабарро омода кунанду ба Вена тариқи факси оддӣ фиристанд.

Пеш аз он, ки оид ба вазъият дар Тоҷикистон дар давоми ду ҳафтаи охир маълумот диҳам, мӯҳтарам ҷаноби Раис, мехостам аз Шумо хоҳиш кунам, то аз намояндагӣ маълумот дархост шавад ва мувофиқи имконият ба Шӯрои доимӣ дар ҷаласаи навбатӣ иттилоъ шавад, ки мушаххасан кадом хатар нисбати намояндагӣ ва кормандони он 22 сентябри соли ҷорӣ ҷой дошт ва кӣ аз хизматчиёни давлатии Тоҷикистон дар бораи задухӯрди қарибулвуқӯъ байни қувваҳои ҳукуматӣ ва мухолифин хабар дод? Барои мо фаҳмидани ин маълумот хеле ҷолиб хоҳад буд.

Дар асл бошад субҳи 22 сентябр дар шаҳри Душанбе аз тарафи террористи номаълум яке аз аъзои КОМ намояндаи мухолифин О. Латифӣ ба қатл расонида шуд.

Аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон комиссияи салоҳиятдор тартиб дода шуд ва тафтишот ҷараён дорад. Дар шаҳр дидбонҳои иловагӣ барои мусоидати фаврӣ ба тафтишот ташкил карда шудааст. Вазъият дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ мӯътадил аст ва ягон ният аз ҳарду ҷониб барои амалиётҳои душманона вуҷуд надорад. Беш аз ин, дар изҳороти Ҳукумат ва роҳбарони мухолифин хизматҳои О. Латифиро дар назди Ватан ва саҳми ӯро дар кори муросои миллӣ кайд намуданд ва ҳарду ҷониб иҷрокунандагони

чунин амалиёти душманонаро маҳкум карданд.

Дар ҷумҳурӣ пурра ҷараёни бесилоҳкунии гурӯҳҳои ғайриқонунии низомӣ идома дорад. Аз рӯи маълумоти сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, ҷиноятқорӣ нисбат ба соли гузашта 46% камтар шудааст. Боварӣ дорем, ки мисли ҳодисаи амалиёти террористӣ бар зидди кормандони СММ, бо кӯшиши дутарафа ҷиноятқорон дастгир ва ба маҳкама супорида мешаванд.

Акнун мехостам маънидод кунам, ки чаро мо хабари кӯтоҳи Котиботро, ки 22 сентябр паҳн шуда буд, ин қадар бо эҳсосот эътино мекунем.

Аввалан, ҳар рӯз дар кишварҳои алоҳидаи минтақаи САҲА чунин ва ё аз ин бадтар ҳодисаҳо ҷой доранд, вале бо чунин суръатнокӣ ва бо чунин «бофтанҳо» байни тамоми аъзои Шӯрои доимӣ хеле кам паҳн мегарданд.

Дуввум, вақтҳои охир рӯйдодҳои Тоҷикистон аз ҳад зиёд воҳима мешаванд, ки ин ба кӯшишҳои ҳукумат барои барқарорсозии иқтисодиёт таъсири бисёр ҷиддии манфӣ мерасонад. Ба шарофати «кӯшишҳо»-и мо барои мисол Комиссияи Иттиҳоди Аврупо як сол инҷониб фаъолияти худро дар Тоҷикистон қатъ карда аст ва онҳо хабарҳои боистироби аз ҷониби САҲА пахшшавандаро яке аз сабабҳо номидаанд.

Сеюм, бисёре аз сармоягузорони ғарбӣ чунин «афсонаҳо»-ро шунида, аз сафар кардан ба Тоҷикистон меҳаросанд. Бо истифода аз ин, баъзе соҳибкорони ришвахӯри ғарбӣ ба бозори мо ворид шуда, дар бораи иқтисоди бозорӣ, демократия ва арзишҳои башарӣ ақидаи нодуруст бунёд менамоянд ва ба ворид шудани гурӯҳҳои ҷиноятӣ ба дастаҳои байналмилалии ҷиноятпешаи нашъаҷаллоб мусоидат мекунанд.

Чаҳорум, то андозае, маҳз аз ҷониби САҲА мунтазам хотирасон кардани бесуботӣ ва хатарнокӣ, амалан натиҷаи ду конференсияи донорҳоро, ки соли гузашта дар Вена ва майи соли ҷорӣ дар Париж баргузор шуда буданд, барбод дод.

Барои мисол, ҷомеаи ҷаҳонӣ дастури Котиботи САҲА-ро аз 22 сентябри соли ҷорӣ дар бораи он ки дар ҷануби Тоҷикистон кормандони намояндагӣ аз биноҳои худ берун набароянд, чӣ тавр метавонад дуруст қабул намояд. Ҳол он, ки дар ҳамон ҷануб ду-се сол қабл дар ҳақиқат задухӯрдҳои ҷангӣ ҷой доштанд, вале ҳамсари мӯҳтарам ҷаноби Ҷон Сендрок дар намояндагӣ кор карда истода, ягон маротиба дар ҳуҷраи корӣ маскан намегирифт, балки фаъолона корашро анҷом медод. Имрӯз бошад дар ҳолати вазъияти мӯътадил, фақат як куштор дар пойтахт, фармоиши боздоштани кор дар тамоми минтақаҳоро ба вуҷуд меоварад. Барои мо масрафи намояндагиҳое, ки фаъолият намекунанд, магар гарон намешавад? Ногуфта дар бораи он симое ки мо барои Тоҷикистон меофарем.

Намояндагиҳои САҲА дар минтақаҳои доғ ташкил карда ме-

шаванд, то барои ҳарчи зудтар мӯътадил сохтани онҳо мусоидат кунанд. Агар имрӯз дар мо тартиботи олӣ ва оромӣ мавҷуд мебуд, ба монанди Вена (гарчанде ин ҷо ҳам баъзан дар маркази шаҳр куштор ба амал меояд), он вақт дар Душанбе Шӯрои доимии САҲА ҷаласа доир мекард, на Комиссияи Оштии Миллӣ.

Ман ба ҳеҷ ваҷҳ ҷонибдори бепарвоӣ нестам, вале аз ҳад зиёд фоҷиабор нишон додани вазъият дар вақтҳои охир воқеан ба авзои кишвари мо таъсири ҷиддӣ расонида истодааст.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

19 ноябри соли 1998

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Бо иҷозати Шумо мехостам мӯҳтарам ҳамкасбон, аъзои Шӯрои Доимиро дар бораи натиҷаҳои пахш кардани кӯшиши табодулоти ҳарбӣ-давлатӣ дар Тоҷикистон аз тарафи гурӯҳҳои силоҳдор таҳти роҳбарии террористи номӣ дар миқёси байналмилалӣ Худойбердиев, ки аз тарафи собиқ Сарвазир Абдуллоҷонов ва сарпарастони хориҷии ӯ дастгирӣ ёфтааст, хабардор созам.

Чӣ тавре ки ба Шумо маълум аст, соати 4 субҳи 4 ноябри соли ҷорӣ, гурӯҳҳои силоҳдор ба миқдори то якуним ҳазор нафар, хуб мусаллаҳонида ва дар хориҷа машғулият гирифта, ба шимоли ҷумҳурии мо зада даромаданд. Ин кӯшиши чоруми дахолати низомӣ аз хориҷа мебошад.

Мувофиқи маълумоти боэътимоди ба сохторҳои салоҳиятдори мо расида ва баёноти ҷангиёни ба ҳабс гирифта шуда (миқдори асирон айни замон аз 100 нафар зиёд аст), баъд аз бебарории табодулоти августи соли гузашта, боқимондаҳои дастаҳои Худойбердиев дар яке аз кишварҳои ҳамсоя паноҳ ёфтанд. Баъдан онҳо ба шимоли Афғонистон убур карданд ва он ҷо дар ҷое бо номи Ҷарқудуқ таҳти роҳбарии машваратчиёни хориҷӣ омодагии ҷангӣ гузаштанд.

Баъд аз мағлубияти Дӯстум дар шимоли Афғонистон ин дастаҳо боз ба ҳамон қаламрав, ки аз он ҷо ба Афғонистон убур карда буданд, баргаштанд. Он ҷо онҳо машғулиятҳои низомиро идома медоданд ва 4 ноябр ба вилояти Ленинободи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамла оварданд. Дар якҷоягӣ бо ҷангиёни тоҷик дар ҳуҷум ҷангиёни дастаи Намангонӣ ва дигар зархаридони хориҷӣ иштирок намуданд.

Бояд қайд кард, ки дар давоми тамоми ин давра тариқи сиёсӣ ва миқёсан васеъ паноҳ кардани иғвои низомии омодашаванда ҷараён дошт. Механизми таблиғотии пурқуввате оид ба «дастгирӣ»-и раванди сулҳ дар Тоҷикистон ба кор даровардa шуд, гуфтушунидҳои фаъолона дар сатҳи олӣ оғоз ёфтанд, як

қатор созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила ба имзо расиданд.

Вале рӯйдодҳои минбаъда нишон доданд, ки даъвоҳои сиёсӣ дар шакли ҳамлаҳои мусаллаҳона бар зидди ҳокимияти ҳуқуқӣ қатъиян аз тарафи аҳолии Тоҷикистон рад карда мешаванд ва онҳо аслан оянда надоранд.

Мо қабул дорем, ки оҳанги баромадҳои охирини мо каме баландтар аз этикети дипломатӣ буд, вале он наметавонад баландтар аз он ғаму ғуссае бошад, ки баъд аз иғвои мусаллаҳонаи охирин ба садҳо хонадони шаҳрвандони мо омадааст. Садҳо мардуми бегуноҳ ба ҳалокат расид, даҳҳо хона ва иморати маъмурӣ сӯхт, талафоти беандоза ба хоҷагии халқ расид ва аз ҳама муҳимаш - ба раванди сулҳ дар Тоҷикистон зарба зада шуд.

Ҳамзамон мо ба Шумо, ҷаноби Раис муроҷиат мекунем, ки ба Раиси Амалкунандаи САҲА ҷаноби Бронислав Гермек дархости Ҳукумат ва Парламенти Тоҷикистонро оид ба ташкил намудани комиссияи бетараф барои тафтишоти кӯшиши табодулоти ҳарбӣ дар Тоҷикистон расонед ва мо омода ҳастем тамоми маводи дар даст доштаро барои минбаъд хабардор кардани воқеии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ӯ пешкаш намоем.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

17 декабри соли 1998

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Аз номи ҳайати Тоҷикистон мехостам Роҳбари намояндагии САҲА ҷаноби Бухоарароро ба муносибати аввалин гузориши муфассалаш дар ҷаласаи ғайрирасмии дирӯза ва ҷаласаи имрӯзаи Шӯрои Доимӣ самимона шодбошӣ намоям. Нуқтаи назари ӯ дар арзёбии вазъият дар Тоҷикистон ва кӯшиш барои фаъол намудани кори намояндагӣ ва нақши он дар раванди сулҳ, саҳми арзанда дар кори мӯътадилгардонӣ, дарки ваъзияти дар Тоҷикистон ҷойдошта мебошад.

Дар тӯли ду моҳ Роҳбари намояндагиро қариб тамоми роҳбарияти ҷумҳурӣ пазируфтааст, ӯ бо тамоми шохаҳои ҳокимият ва роҳбарони созмонҳои ҷамъиятӣ алоқаҳои умедбахш барқарор намудааст. Аз намояндагии САҲА дар Тоҷикистон миқдори зиёди маводҳо, ки вазъияти ҷумҳуриро васеъ нишон медиҳанд, расидааст.

Табиист, ки оғози фаъолияти Роҳбари намояндагӣ ба сабаби ҳуҷуми ноябрӣ ба шимоли Тоҷикистон ба душвориҳо дучор шуд. Ин нуқтаи нав ва хеле муҳими вазъият дар атрофи Тоҷикистон мебошад, ки таваҷҷӯҳи ҷиддии САҲА ва намояндагиро тақозо

дорад.

Ба ақидаи мо, фақат тафтишоти воқеии сабабҳо ва табиати ҳодисаҳои ноябр, сарчашмаи он, шаффофият ва кушодагӣ дар баҳодиҳии ҳодиса нисбатан дуруст ва кафолати боэътимоди роҳ надодан ба чунин иғвоҳо дар оянда мебошанд.

Рӯҷеъ ба вазъияти ҳозираи Тоҷикистон мехоҳам хабар диҳам, ки дар он умуман тағйироти назаррас рух надодааст, асосан оқибатҳои ҳуҷуми мусаллаҳона бартараф гардиданд, барқароркунии иншоотҳои харобкардаи террористон оғоз шуд, раванди мӯътадили реабилитатсия ва муттаҳидкунии мардум идома дорад.

Ҷониби ҳукумат ҷиддан ӯҳдадориҳои худро оид ба созишномаи сулҳи соли 1997 ва амалигардонии пайгиронаи он риоя мекунад. Ҳеҷ чиз, аз он ҷумла, фишори ҳарбӣ ва иқтисодӣ, наметавонад мардуми Тоҷикистонро аз интихоби роҳи сулҳ ва демократикунонии ҷомеа бозгардонад.

Дар хулосаи баромади худ, мехоҳам қайд кунам, ки дар шароити душвору мураккаб ҷаноби Бухоара фаъолият оғоз намуда, тавонист онро пурмаҳсул ба роҳ монад. Ман фикр мекунам, ки дар рафти кор ҳамеша метавонанд мушкилиҳо ва душвориҳо дучор шаванд, аммо Ҳукумати Тоҷикистон омода аст барои бартараф кардани онҳо ва ҳамкорӣ бо намояндагӣ чораҳои қатъӣ андешад.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

28 январи соли 1999

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Мӯҳтарам ҷаноби Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон,

Аз номи ҳайати Тоҷикистон мехоҳам Шуморо барои суханронии ниҳоят пурмазмунатон дар ҷаласаи мо аз самими қалб шодбошӣ намоям ва ба Шумо сафари бомуваффақиятро ба Австрия ва Швейсария орзу намоям.

Дар баромади худ ҷаноби Президент афзалиятҳои асосии сиёсии Қирғизистонро баён намуда, боз як бори дигар ҷонибдории кишварашро дар таҳкими озодӣ ва демократия дар минтақаи ОМ тасдиқ намуд. Аҳамияти саҳми Қирғизистон ва шахсан Шумо, мӯҳтарам Аскар Акаевич, дар ташаккули мӯътадилӣ ва ҳамкории иқтисодӣ дар минтақаи мо бузург аст.

Мардуми Тоҷикистон саҳми шахсии Шуморо дар рафти гуфтушунидҳои байни тоҷикон баланд арзёбӣ мекунад. Гурезаҳои тоҷик дар давраи барои Тоҷикистон душвор аз ҷониби бародарон ва хоҳарони қирғиз, ки бо онҳо як луқма нонро тақсим ме-

карданд, паноҳгоҳ ва муносибати арзанда дарёфтанд. Ҳукумати Шумо ҷиҳати риояи ҳуқуққои шахсии ҳар як тоҷикистонӣ, ки дар давраи муайяни таърихӣ дучори бадбахтӣ шудааст, ғамхорӣ намуд.

Акнун баъд аз барқарории сулҳ ва субот дар Тоҷикистон, ба Ватан баргашта истода, шахрвандони мо некӣ ва ғамхории беғаразонаи мардуми Шуморо бо ҳиссиёти баланди миннатдорӣ қайд мекунанд.

Аҳамияти сафари таърихии давлатии Аскар Акаевичро ба Тоҷикистон, воқеан, метавон фақат бо давраи Манас - замоне, ки таҳкурсии хешӣ ва дӯстии мо гузошта шуда буд, қиёс кунем.

Дар яке аз марказҳои сиёсии Аврупо - дар Вена вазифаи худро ичро карда истода, мо бо сафири Шумо, дӯсти ман Боялинов, кӯшиш карда истодаем на фақат дар назди ҷомеаи аврупоӣ фаҳмондадиҳӣ ва муҳофизати манфиатҳои кишварҳоямонро анҷом диҳем, балки тамоми корҳоро барои мусоидат ба сиёсати Шумо, роҳбарони кишварҳои мо дар муттаҳидкунӣ ва субот дар минтақаи ОМ амалӣ намоем. Ва ҳар як чорабинии гузаронидаи Шумо дар ин самт ҳамон замон дастовард мегардад ва маъмулан аз ҷониби аъзои Шӯрои Доимии САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ маъқул дониста мешавад.

Раванди муттаҳидшавии Аврупоро мустақиман мушоҳида намуда, мо боварӣ ҳосил кардем, ки фақат кӯшишҳоро дар ОМ баҳри муносибатҳои мутақобилаи мутамаддин, баробарӣ ва шарикии мутақобила, қатъиян рад намудани гегемонизми минтақавӣ муттаҳид карда, метавон мӯътадилӣ ва шукуфоии минтақаи моро таъмин намуд.

Дар хотима мехоҳам бори дигар ба Шумо, мӯҳтарам Аскар Акаевич, муваффақиятҳои минбаъда ва фаъолияти пурсамар барои беҳбудии Қирғизистон, сулҳ ва субот дар минтақаи ОМ орзу намоям.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

4 марти соли 1999

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,
Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Мо инчунин ҷаноби Ганчевро дар Шӯрои Доимӣ шодбошӣ гуфта, мехостем як қатор мулоҳиза ва пешниҳодҳоро нисбати кори минбаъдаи Дафтар оид ба муносибатҳо бо ОМ иброз дорем. Умуман мавқеи мо нисбати ин Дафтар дар номаи Вазир ба унвони Дабири кул дарҷ гардида буд ва он тағйироти ҷиддие наёфтааст.

Тоҷикистон ташаббуси САҲА-ро оид ба васеъ гардидани ҳузури он дар ОМ, аз ҷумла, боз намудани дафтарҳо дар кишварҳои ҳамсояи мо дастгирӣ мекунад.

Ман бори дигар пешниҳоди роҳбари ҳайати Олмонро оид ба таъсис додани мансаби намояндаи махсуси Раиси САҲА оид ба ОМ-ро дастгирӣ менамоям. Мо умедварем, ки он барои комилан васеъ кардани имкониятҳои мусоидат намудан ба ҳукуматҳои кишварҳои мо дар бунёди ҷомеаи аслии демократӣ роҳ мекушояд.

Ба ақидаи мо, вақти он расидааст, ки стратегияи мақсадҳо ва манфиатҳои САҲА дар ОМ муайян ва таҳия шавад. Ва ин стратегия комилан ва ба пуррагӣ бояд барои таъмини шаффофият ва субот дар минтақа равона шавад, на барои таъмини қаноатмандии ғурури кадоме аз қавмҳои сиёсӣ, сармоядорони калон, иттиҳодияҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ё корхонаҳои трансконтиненталӣ.

Мутаассифона, механизм ва сохтори имрӯзаи ҳузури САҲА дар ОМ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ӯ аз мавқеи Дафтар оид ба муносибатҳо, аз мукаммал будан дуранд ва ҳатто иттилорасонии оддитарини моро дар бораи вазъияти воқеии минтақа таъмин карда наметавонанд. Маҳз дар чунин шароитҳо ҳамон «ҳодисаҳои ногаҳонӣ», ки дар бораи онҳо баъзеҳои мо бисёр вақт ҳарф мезадагӣ шудаанд, ба вуҷуд меоянд.

Ба ақидаи мо, ҷаноби Раис ва мӯҳтарам хамкасбон, мо бояд чунин механизмро барпо намоем, ки ба ин гуна ҳодисаҳои ногаҳонӣ тайёр бошем. Ман бо ин чӣ гуфтаниам? Агар мо бисёр ҳам хоҳони фиреб хӯрдан бошем, барои онҳое, ки инро мехоҳанд, ин душворие надорад.

Имрӯз дар ОМ ва на фақат дар ин минтақа, дар зери таъсири баъзе ҳолатҳо ва ба шарофати «савлатмандӣ»-ро сиёсатмадорони алоҳида, чолишҳо ва хатарҳои нав ба нав пайдо мегарданд. Фундаментализми динӣ ва миллӣ, терроризм, наркомафия ва фасод - ҳамаи ин махсусан дар кишварҳое сабзиш меёбад, ки авторитаризм ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст.

Дар Аврупо марзҳо боз мешаванд, гумрукҳо аз байн мераванд, асъори ягона ҷорӣ мешавад. Ин монеаҳоро бартараф карда истода, бо розигии сукутонаи мо, онҳо оҳиста ба Шарқ гузашта истодаанд ва дар баъзе ҷойҳо зери парчами бунёди «боз ҳам ҷомеаи озодтар», деворҳои нави Берлин ва марзҳоро сохта истодаанд, ки онҷо ҳар дақиқа ҳуқуққо ва нафсу иззати садҳо ва ҳазорон одамон поймол мегарданд. Ин марзҳо силоҳи зӯроварӣ ва ҳукмфармоӣ шуда истодаанд.

Ва ахиран, чун дар тамоми дунё терроризм мушкилоти вазнини минтақа шуда истодааст, зархаридон зиёд мешаванд. Дар ин робита вазъият дар Афғонистон боиси ташвиши ҷиддии кишварҳои ОМ гардидааст. Боиси таассуф аст, ки аксари кишварҳои аъзои САҲА чун пештара хатари бузурги аз ин сарчашмаи хуншор бар-

хезандаро ба пуррагӣ дарк накарда истодаанд.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

10 марти соли 1999

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Хартия - яке аз мақсадхои асосӣ дар роҳи бунёди Аврупои нав, демократӣ, осоишта ва озод аз ҷудоигарой мебошад. Имкониятҳои таърихии беҳамтои ҳамин марҳалаи рушди фазои САҲА, дурнамои тартиб додани асосҳои тартиботи сиёсии мӯътадилро фароҳам меовард, ки ба манфиатҳои миллатҳои ҷомеаи умумиаврупой ва ҳар як давлат ҷавобгӯ аст. Дар ин робита, мехостем баъзе ҷанбаҳои нуқтаи назар ва муносибати ҳайати моро нисбати Хартия ба маълумоти Шумо расонем.

Дар давраи дигаргуниҳои бузург дар фазои САҲА, вақте ки бисёри кишварҳо бо мушкилиҳои бесобиқа дучор мешаванд, ба ҷои аввал вазифаи ба роҳ мондани ҳамкории ҳамаҷониба миёни кишварҳо дар асоси принсипҳои Хелсинки бармеояд. Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон академик Т. Назаров дар ШВКХ дар Осло суханронӣ намуда, қайд кард, ки дар Харитяи амнияти аврупой бояд принсипҳои асосии Хелсинки, ба монанди эҳтироми истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва тақсимнопазирии ҳудудҳои давлатӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии давлати дигар гузошта шаванд. Ин ва Қарори № 5 Копенгаген нуқтаи ҳаракат дар иртибот ба ин мавзӯъ мебошад.

Мехостам кӯтоҳ муносибатамонро нисбати баъзе масъалаҳо баён намоям.

Аввалан, мо бо кӯшишҳои дур рафтан аз ғояи консенсус розӣ шуда наметавонем. Масъалаи мазкур боз барои он таъҷубовар аст, ки ин мавзӯъ дар Копенгаген аз ҷониби вазирҳо пӯшида шуда буд ва дар он ҷо кишварҳои иштирокчӣ дар бораи минбаъд ҷорӣ кардани консенсус ҳамчун асоси қабули қарорҳо дар САҲА ба мувофиқа расида буданд.

Дуввум, маҷмӯи васеи чораҳои сарзаниш нисбати кишварҳое, ки дар иҷро накардани қарорҳои САҲА гумонбар мешаванд, боиси нигаронӣ аст. Ҳамаи ин хилофи табиати Созмони мо мебошад. Барои мо ҳоло ҳам масъалаи аз ҷониби кӣ ва чӣ тавр муайян кардани ҷой доштани «яқин, дағалона ва беист вайрон кардани асосҳо ва қарорҳои САҲА» ва чӣ маъно доштани ин мафҳумҳо ҳал нашудааст. Ин барои мо, ва фикр мекунам, барои дигар ҳайатҳо низ масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Мо фикр дорем, ки ин ҷо бояд қоидаҳои расмии созмон дақиқ дарҷ гарданд. Дар ҳолати набудани онҳо дар бораи мувофиқаҳои минбаъда сухан рондан ғайриимкон аст.

Сеюм, ҳайати мо Хартияро ҳамчун ҳуҷҷате арзёбӣ мекунад, ки мақсад аз он таъмини пурра, баробар ва бечунучарои қарордодҳо дар соҳаи амнияти аврупоист, ки аз ҷониби тамоми давлатҳо ва иттиҳодияҳои онҳо дар минтақаи САҲА қабул шудаанд ва дар Хартия дарҷ хоҳанд ёфт.

Чорум, дар Хартия пойбандӣ ба принсипҳои қатъияти ҳуқуқи байналмилалӣ ва Оинномаи СММ ҳамчун принсипи ҳуддорӣ аз таҳдиди қувва ва истифодаи қувва, ҳамчун асоси ягонаи оқилона барои ҳалли баҳсҳо бояд тасдиқ шавад.

Ба ақидаи мо, механизми огоҳонидани бармаҳали хатару таҳдидҳои навро дар минтақаҳо бояд ҷиддан муккамал сохт. Ба фикри мо Хартия бояд муқарраротро дар бораи он ки муносибатҳои байналмилалӣ дар фазои САҲА бояд дар ҳамкории пешбинипазири ҳамдастии давлатҳо ва иттиҳодияҳои онҳо асос ёбад, дарбар гирад.

Мақсади воқеан муҳими Хартия ин таҳкими амнияти давлатҳо новобаста аз тааллуқ доштани онҳо ба иттиҳодияҳои ҳарбӣ-сиёсӣ мебошад. Ҳайати мо дар ҳамроҳӣ бо ҳайатҳои Озарбойҷон, Беларус, Қазоқистон ва Қирғизистон оид ба ҷанбаҳои амниятии ҳарбӣ-сиёсӣ, аз ҷумла назорати аслиҳа аз 15 октябри соли 1998 таклиф пешниҳод намуда буд.

Умедворем, ки назари мо оид ба ин масъала бе таваҷҷӯҳ намемонад ва фикр дорем, ки то вохӯрӣ дар сатҳи олӣ муяссар мегардад, то оид ба шакли шоёни қабули Хартия мувофиқа ба даст оварем ва бо ин роҳ меъмории амниятии Аврупои навро бе хатҳои ҷудокунанда барпо кунем.

Ташаккур барои таваҷҷӯҳатон.

20 маи соли 1999

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Ман мехоҳам хабар диҳам, ки 14 май ҷаласаи махсуси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид ва дар он ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба авфи шахсони яроқдор ва собиқ тарафдорони мухолифин баррасӣ шуд. Ҷаласа Қарор «Дар бораи ба авф»-ро тасдиқ намуд.

Ин иқдом ба мақсади фаъол намудани иҷроиши қарордодҳо, ки таҳти сарпарастии СММ ва САҲА ба имзо расида буданд ва ҳамчунин барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати баргузории чорабиниҳои муҳими сиёсии дар соли ҷорӣ ба нақша гирифта шуда, анҷом дода шуд.

Мувофиқи Қарори мазкури Парлумон, тамоми шахсони яроқдори ИМТ (зиёда аз 5000 нафар) аз ҷазо дар шакли маҳрумият

аз озодӣ, новобаста аз муддати ҷазои пешбинишуда, мувофиқи рӯйхатҳои аз ҷониби КОМ тасдиқшуда аз 4 маи соли 1999 озод карда мешаванд.

Раёсати ИМТ ва қумандонҳои саҳроии он изҳороти муштарак қабул карданд, ки дар он қарори қабулкардаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОМ-ро оид ба авфи собиқ ҷангиён ва тарафдорони мухолифин пурра дастгирӣ ёфтааст. Онҳо изҳори боварӣ намуданд, ки раванди сулҳ дар таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, волоияти қонун саҳифаи навро боз мекунад.

Ҳамчунин қобили зикр аст, ки 15 май Шӯрои Амнияти СММ резолютсияи №1240-ро оид ба Тоҷикистон қабул намуд ва дар он пешравии назаррас дар раванди сулҳ дар кишвари мо эътироф шудааст. Риояи қатъии шартҳои оташбас аз ду ҷониб, бо ҳама таъхирҳои маълумаш иҷроиши пайгиронаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар, омодагирӣ ба интихоботи президентӣ ва парлумонӣ таъкид гардидаанд.

Ин тамоюлҳои умедбахшро шодбошӣ карда, Шӯрои Амният барои пурзӯр кардани дастгирии ҳамаҷонибаи таҳкими фаъолияти ҷомеа ва давлати тоҷик ибрози ақида намуд.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

1 июли соли 1999

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Барои ман боиси ифтихори хоса аст, ки Дабири кулли САҲА ҷаноби Ян Кубишро шобошӣ менамоям. Ҳукумати Тоҷикистон ва мардуми мо барои фаъолияти доманадоре, ки дар давоми панҷ соли охир ӯ дар Тоҷикистон анҷом додааст, миннатдории бепоёни худро изҳор менамоянд.

Дирӯз парлумони Тоҷикистон дар бораи лоиҳаи пешниҳодҳо оид ба ислоҳоти конститутсионӣ дар Тоҷикистон ва баргузории райъпурсӣ оид ба Сарқонун 26 сентябри соли ҷорӣ қарор қабул кард. Ман бояд рӯирост арз кунам, ки қабули ин ҳуҷҷати муҳим натиҷаи кори яксолаи ҷаноби Кубиш дар Тоҷикистон мебошад.

Имсол аслан тамоми чорабиниҳои сиёсии ба нақша гирифтаи намояндагиҳои СММ ва САҲА оид ба эътидоли Тоҷикистон ба анҷом мерасанд, ва мо умедворем, ки кишвари мо ба асри нав бо сулҳ ва умедҳо барои оянда ворид мешавад.

Дар ҳамаи ин роҳпаймоии вазнин нақши ҷаноби Кубиш бениҳоят бузург аст ва мо умедворем, ки дар ин вазифаи нав ӯ иштироки шахсӣ ва мусоидаташро дар кори оғозкардааш идома медиҳад. Ба Шумо, ҷаноби Дабири кул, дар вазифаи нав аз самими қалб муваффақиятҳо орзумандам.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

1 июли соли 1999

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Аз номи ҳайати Тоҷикистон мехоҳам Раиси амалкунандаро гарму ҷӯшон шодбошӣ кунам ва арз намоям, ки Ҳукумати Тоҷикистон кӯшишҳои Шуморо оид ба васеъшавии ҳузур ва мусоидати САҲА дар минтақаи мо ҷонибдорӣ менамояд. Ҳукумати Тоҷикистон аз намояндаи шахсии Шумо оид ба Осиёи Марказӣ ҷаноби Хойник умедҳои зиёде дорад ва омода аст бо ӯ фаъолона ҳамкорӣ кунад.

Мо умедворем, ки сафари Шумо ба минтақаи ОМ воқеан ҳам охири моҳи сентябр амалӣ мегардад ва барои роҳбарияти мо имконият фароҳам мешавад, то шахсан ба Шумо назари худро оид ба мушкилот ва дурнамои рушди минтақа изҳор намоянд.

То ин муддат дар кишвари мо натиҷаҳои райъпурсӣ оид ба Сарқонун, ки 26 сентбяр таъин гаштааст, ҷамъбаст хоҳанд шуд ва Шумо шахсан метавонед дар ҳамон ҷо аз натиҷаи он хабардор шавед.

Дӯсти мо, сафир Кай Айде – раиси ҷаласа, аллакай таҷриба, дониши хубе дар бораи минтақа дорад ва нозукиҳои сиёсати шарқиро хуб дарк мекунад, аз ин сабаб ӯ метавонад барои Шумо роҳбалади хуби сиёсӣ бошад. Аз ин лиҳоз, ӯро ба ҳайат дохил кардан зарур аст.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

15 июли соли 1999

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Аз номи ҳайати Тоҷикистон ба мӯҳтарам ҷаноби Хойник барои корҳои зиёде, ки ӯ дар чаҳорчӯбаи омӯзиши пешакии вазъият ва омода кардани маълумоти мазкур анҷом додаст, миннатдорӣ изҳор менамоям.

Алъон ман намехоҳам ягон тавр моҳияти маълумоти пешниҳодшударо шарҳ диҳам, зеро он моҳиятан ва ҳам аз ҷиҳати мундариҷааш омӯзиши бодиққатро тақозо менамояд. Мо онро дар фурсати наздик ба Душанбе ирсол менамоем, ки дар он ҷо мавриди баррасии муфассал қарор хоҳад гирифт.

Ҳамчунон мехоҳам раисии Норвегиро барои коргирии ҳамаҷониба ва мусоидат ба намояндаи махсуси Раиси Амал-

кунанда ташаккур гуфта, бори дигар арз намоям, ки Ҳукумати Тоҷикистон кӯшишҳои Шуморо оид ба васеъ намудани мусоидати САҲА дар минтақа дастгирӣ менамояд.

Мо хеле зиёд мехостем, ки «сухан оғоз накунем» ва ҳамкории САҲА-ро бо минтақаи ОМ на аз ҳад зиёд рӯхияи расмиятчигӣ набахшем, балки ба хотири ҳал намудани масъалаҳои асосӣ: бартараф кардани хатарҳои мавҷудбуда ҳарчи бештар фаъолият намоем.

Агар мо тавассути кӯшишҳои муштарак дар ояндаи наздик вазниниҳои давраи гузаришро дар минтақа то андозае сабук накунем, барои мардуме, ки иҷборан азоб кашида истодаанд, дар чи гуна давлат зиндагӣ кардан, хоҳ дар давлати демократии пешрафта бошад ва хоҳ дар режими автократӣ, фарқе нахоҳад дошт.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

9 сентябри соли 1999

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Ман мехостам ба суханони қаблии сипос ва миннатдорӣ ба унвони намояндаи махсуси Раиси Амалкунандаи САҲА ҷаноби Вильгелм Хойник барои омода намудани гузориши муҳим ва пурмазмун оид ба ОМ ҳамроҳ шавам. Баёни ҳамаҷонибаи масъалаҳои асосӣ дар мавзӯи муттаҳидшавии ояндаи кишварҳои ОМ, аз кори фаъолона ва пурмаҳсуле шаҳодат медиҳад, ки ҷаноби В. Хойник дар муддати кӯтоҳи кораш дар ин вазифа анҷом додааст.

Аксари давлатҳои ОМ роҷеъ ба бисёр масъалаҳои ҳамкории ҳозира ва оянда дар чорчӯбаи САҲА нуқтаи назари ягона доранд. Барои ҳамоҳангсозии фаъолият, фароҳам овардани муҳити бобарии мутақобила, васеъ намудани ҳамгироӣ ва ҳамкории самаранок байни давлатҳои минтақа ва Созмон асос гузошта мешавад.

Мӯҳтарам ҳамкасбон,

Мехостам таваҷҷӯҳи Шуморо ба як қатор мушкилоти муҳим, ки аз гузориши мазкур бармеояд, ҷалб намоям:

1. Рушд ва таҳкими ҳамаҷонибаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар соҳаи қатъияти олии ахлоқӣ – таъмини ҳуқуқҳои инсон, ҷузъиётҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ - интихоботи озод авлавиятҳои муҳими масири сиёсати хориҷии кишвари мо мебошанд.

Мо умедворем, ки баимзорасии Ёддошти тафоҳум байни Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон ва Ҳукумати Тоҷикистон ва ҳамчунин як қатор лоиҳаҳои муҳим дар масъалаҳои

пурзӯр кардани ташаккули демократия ва риояи ҳуқуқи башар, дар рушди минбаъдаи ҳамкории мо дар ин соҳа ба андозаи васеъ мусоидат хоҳанд кард.

Дар робита ба ин мавзӯъ ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон дар чаҳорчӯбаи тайёрӣ ва баргузории райъпурсӣ оид ба Сарқонун 26 сентябр ва интихоботи Президент 6 ноябри соли ҷорӣ ба бозсозиҳои кишвари мо такони тозае хоҳад бахшид.

2. Худи мафҳуми «амният» - универсиалист ва аз ин лиҳоз таъмини амният дар як давлати алоҳида бояд дар алоқамандӣ аз шароити сулҳ ва субот дар дигар кишварҳои ОМ ва умуман минтақа баррасӣ шавад. Дар робита ба мавзӯъ, бори дигар мехостам дар бораи вазъияти имрӯзаи Афғонистон, ки хатари ҷиддие ба амният ва суботи кишварҳои ОМ ва дар навбати аввал ба амнияти Тоҷикистон мебошад, ёдовар шавам.

Мо мефаҳмем, ки Афғонистон ба ҳудуди САҲА дохил намешавад ва таъминоти бевоситаи амният дар ҳудуди он ӯҳдадории мо нест. Вале мо агар хоҳони сулҳи воқеӣ дар минтақа бошем, бояд роҳ ҷӯем ва ба дигар созмонҳо ва давлатҳо, ки ба ҳалли ин мушкилот машғуланд, мусоидат намоем.

3. Тавре ба Шумо маълум аст, ҳаракати ғайриқонунии моддаҳои нашъадор аз Афғонистон, савдои аслиҳа ва терроризм айни замон чолишҳои ҷиддие шудаанд, ки низоми байналмилалии амниятро дар фазои САҲА, қабл аз ҳама дар кишварҳои ОМ мутташаниҷ сохтааст.

Ҳамзамон чун узви САҲА ва сарҳади ҷанубии он, Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои минтақа, дар вазъияти ба амал омада аз ҳама зиёдтар ба кафолати воқеии амният эҳтиёҷ дорад. Аз ин сабаб, дар чаҳорчӯбаи САҲА муҳокима намудани масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти кишварҳои ҳамсарҳади Созмон ва роҳ надодан ба паҳншавии таҳдиди ҷанг ба ҳудуди кишварҳои минтақа аз хориҷро мо воқеан ҳам рӯзмара арзёбӣ мекунем.

Маълум аст, ки асосан хатарҳо ё чолишҳои амният дар минтақаи ОМ аз мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ бармехестанд. Дар марҳалаи кунунии давраи гузариш кишвари ман масъалаҳои рушди иқтисодӣ ва муҳити зистро ҳамчун яке аз ҷиддитарин чолишҳои замон арзёбӣ мекунад, ки на фақат ба амнияти Тоҷикистон, балки ба тамоми кишварҳои ОМ таҳдид мекунанд.

САҲА дар ҳамкорӣ бо дигар созмонҳои байналмилалӣ ва молиявӣ ба рушди соҳаҳои нисбатан муҳими иқтисодӣ, гидроэнергетикӣ ва захираҳои об, коммуникатсияи нақлиётии минтақавӣ, гардиши озоди маҳсулот ва одамон таъсири арзандае расонда метавонад.

Аз ин лиҳоз, дар намояндагиҳои САҲА, аз он ҷумла, дар Тоҷикистон бояд коршиносони муносибро дар соҳаи иқтисодиёт

таъин намуд. Тавре ман тасаввур мекунам, бидуни ҳалли мушкилоти мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, ки дар кишварҳои бо иқтисоди гузариш ба вуҷуд омадаанд, аз он ҷумла, дар Тоҷикистон, мустаҳкам кардани амнияти воқеӣ дар минтақа ниҳоят душвор аст.

Дар робита ба мавзӯъ, баррасии мушкилиҳои номбурда ва таъин кардани Намояндаи махсуси Раиси Амалкунандаи САҲА доир ба давлатҳои ОМ дар ҳамоиши сарони давлатҳо дар Истамбул омили муҳиме дар ҳалли масъалаҳои дар пеш истода хоҳад шуд.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

9 декабри соли 1999

Мӯҳтарам Раис,

Аз номи ҳайати Тоҷикистон мехоҳам ба Сардори Намояндагии САҲА сафир Бухоара барои суханронии муфассал ва пурмазмунаш миннатдории бепоён изҳор намоям. Мо мавқеъҳои асосии гузоришро дар бораи фаъолияти намояндагӣ дар давраи сипаригашта мепазирем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи бисёр ҷиддии сиёсиро пушти сар мекунад. Дар як вақт як қатор мушкилоте ҳал мешавад, ки аз рӯи ҳаҷм ва аҳамиятнокӣ ниҳоят душвор ва мураккаб мебошанд. Раванди муттаҳидшавӣ, мувофиқгардонии созишномаи сулҳ хотима ёфта, ба наздикӣ интихоботи президенти кишвар баргузор гардид ва ҳизбҳои сиёсӣ ба омодагирӣ ба интихоботи парлумонӣ шурӯъ карданд.

Айни замон қоидаи мувофиқа намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот» ба анҷом расид. Дар масъалаҳои интихоботи қарибулвуқӯъ бо мухолифин якдигарфаҳмӣ ба амал омад. Миқдори намояндагони халқ дар палатаи поёнӣ 63 нафар ва дар палатаи болой 33 нафарро ташкил мекунад.

Дар ҳамкорӣ бо СММ ва САҲА Ҳукумати Тоҷикистон умедвор аст интихоботи қарибулвуқӯъро дар сатҳи лозима гузаронад.

Мехоҳам ба таваҷҷӯҳи Шумо бирасонам, ки дар ин бобат ҳамин рӯзҳои наздик Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пурзӯркунии раванди демократикониии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ Фармон ба имзо расонд. Дар Фармон, аз ҷумла, роҳҳои муттаҳидшавӣ ва ризоияти миллӣ дар ҷомеа, амалӣ намудани ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодиҳои шаҳрвандон, таъмини гуногунфикрии сиёсӣ ва идеологӣ дарҷ гардидаанд. Зарурати иштироки озодонаи ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои

ҷамъиятӣ, табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ дар интихоботи қарибулвуқӯъ зикр ёфтааст.

Барои амалӣ гардонидани Қарори мазкур дар амал Ҳукумати мо кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодааст, ва мо ба мусоидати САҲА низ умед мебандем.

Дар хотимаи суханронӣ бори дигар ба сафир Бухоара муваффақият орзу намуда, барои ҳамкории пурмаҳсул бо намояндагии САҲА дар Тоҷикистон омодагӣ изҳор мекунам.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

13 январи соли 2000

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Ман мехостам ба суханони қаблии шодбошӣ ва миннатдорӣ ба унвони Раиси Амалкунандаи САҲА ҷаноби Шюсел барои гузориши бениҳоят муҳим ва пурмазмун, таҳлили ҳамаҷониба ва ифодаи мушкилоти асосӣ марбут ба ояндаи Аврупо ҳамроҳ шавам.

Умедворам, раисии Австрия, ки вазифаи воқеан ҳам таърихӣ - шурӯъ кардан ба ташаккули меъмории амнияти Аврупо дар ҳазорсолаи нав бар дӯшаш афтодааст, фаъолияти оғознамудаи ҳамкасбони норвегиро дар фаъол намудани кор дар ОМ идома медиҳад. Дар робита ба мавзӯъ Ҳукумати мо ба сафари Дабири давлатӣ доктор Бенита Фереро Валднерро ба Тоҷикистон охири соли гузашта ва ташаббусҳои ӯро дар чаҳорчӯбаи САҲА ва муносибатҳои дуҷонибаи Австрия ва Тоҷикистон баҳои баланд медиҳад.

Мӯҳтарам ҷаноби Раиси Амалкунанда,

Мехостам оид ба мушкилоти нисбатан муҳим, ки аз суханронии Раиси Амалкунанда дар робита ба ОМ бармеоянд, баъзе мулоҳизаҳоямро пешкаши Шумо гардонам:

1. Худи мафҳуми «амният» - универсиалист ва аз ин лиҳоз таъмини амниятро дар як давлати алоҳида бояд дар алоқамандӣ бо шароити сулҳ ва субот дар дигар кишварҳои ОМ ва умуман минтақа баррасӣ намуд. Дар робита ба ин мавзӯъ, бояд оид ба рушди баробари равандҳои демократӣ дар тамоми кишварҳои ОМ ва канорагӯӣ кардан аз «амплитудаҳо» дар параметрҳои асосие, ки давлатҳои мо қабул кардаанд, чораҳо андешид.

2. Тавре ба Шумо маълум аст, ҷанги тӯлонии хунини Афғонистон, савдои аслиҳа ва терроризм, фундаментализми динии гузаранда айни замон чолиши ҷиддие гардидаанд, ки низо-

ми байналмилалии амниятро дар фазои САҲА, қабл аз ҳама дар кишварҳои ОМ тезутунд месозанд.

Чун сарҳади ҷанубии САҲА Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои минтақа, дар вазъияти ба амал омада аз ҳама зиёд ба кафолати воқеии амният эҳтиёҷ дорад. Аз ин сабаб, мо фикр дорем, ки дар чаҳорчӯбаи САҲА муҳокима намудани масъалаҳои вобаста ба таъмини амният дар кишварҳои ҳамсарҳади Созмон ва роҳ надодан ба паҳншавии таҳдиди ҷанг ба ҳудуди кишварҳои минтақа аз хориҷа воқеан ҳам рӯзмарра мебошад.

3. Рушду таҳкими ҳамаҷонибаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар соҳаи императивии олии ахлоқӣ – таъмини ҳуқуқҳои башар, ҷузъиётҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ - интихоботи озод, афзалиятҳои муҳими самти сиёсати хориҷии кишвари мо мебошанд.

Дар робита ба ин мавзӯъ иштироки фаъоли САҲА дар чаҳорчӯбаи тайёрӣ ва баргузории интихоботи парлумонӣ моҳҳои феврал ва марти соли ҷорӣ ба раванди сулҳ ва бозсозиҳо дар кишвари мо такони тозае хоҳад бахшид.

Маълум аст, ки асосан таҳдидҳо ё чолишҳои амният дар минтақаи ОМ аз мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ сарчашма мегиранд. Дар марҳилаи кунунии давраи гузариш кишвар ман масъалаҳои рушди иқтисодӣ ва муҳити зистро ҳамчун яке аз ҷиддитарин чолишҳои замон арзёбӣ мекунам, ки на фақат ба амнияти Тоҷикистон, балки ба тамоми кишварҳои ОМ таҳдид мекунанд.

САҲА дар ҳамкорӣ бо дигар созмонҳои байналмилалӣ ва молиявӣ метавонад ба рушди соҳаҳои нисбатан муҳими иқтисодӣ, гидроэнергетикӣ ва захираҳои об, коммуникатсияи нақлиётии минтақавӣ, муомилоти озоди маҳсулот ва одамон таъсири ҷиддие расонад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ташаббуси дӯстони англиси моро дастгирӣ карда, конфронси пешбинишударо оид ба истофодаи оқилонаи захираҳои обии ОМ дар Лондон баргузор сохт.

Дар хотима аз номи Ҳукумати хеш ба Шумо, Раиси Амалкунанда, барои иштирок ва мусоидати шахсиятон дар раванди реабилитатсионии пасоҷангӣ дар Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ намоям. Наметавонам ҳамчунин зикр накунам, ки миёни ҳайатҳоямон дар чаҳорчӯбаи САҲА муносибатҳои хуби корӣ ба вуҷуд омадаанд ва дар ин нақши бузургро раиси ҷаласаи мо сафир Штефан Бастл бозидааст.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

24 феврали соли 2000

Мӯҳтарама хонум Раиса,

Мӯҳтарам ҷаноби Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Абишевич,

Аз номи ҳайати Тоҷикистон мехоҳам Шуморо барои суханронии ниҳоят пурмазмунатон дар ҷаласаи мо аз самими қалб шодбошӣ намоям ва ба Шумо сафари бомуваффақиятро ба Австрия орзу намоям.

Афзалиятҳои асосии сиёсии Қазоқистонро баён намуда, Шумо боз як бори дигар ҷонибдории худро дар таҳкими озодӣ ва демократия дар минтақаи ОМ тасдиқ намудед. Аҳамияти саҳми Қазоқистон ва шахсан Шумо, мӯҳтарам Нурсултон Абишевич, дар ташаккули субот ва ҳамкории иқтисодӣ дар минтақаи Евроосиё бузург аст.

Мардуми Тоҷикистон саҳми шахсии Шуморо дар рафти гуфтушунидҳои байни тоҷикон, вакте ки Алмаато маркази раванди гуфтушунид шуда буд, дар хотир дорад ва баҳои баланд медиҳад.

Акнун баъд аз барқарории сулҳ ва субот дар Тоҷикистон, ки дар онҷо баъд аз ду рӯз интихоботи парлумонӣ баргузор мегардад ва сохторҳои қонунгузорӣ дар сатҳи нави боз ҳам баландтари демократӣ ба вуҷуд хоҳанд омад, шаҳрвандони мо бо ҳиссиёти баланди миннатдорӣ некӣ ва ғамхории беғаразонаи мардуми қазоқро зикр мекунанд.

Мустақиман раванди муттаҳидшавии Аврупоро мушоҳида карда истода, мо мӯътақидем, ки фақат кӯшишҳоро дар ОМ баҳри муносибатҳои мутақобилаи мутамаддин, баробарӣ ва шарикии мутақобила, қатъиян рад намудани гегемонизми минтақавӣ муттаҳид карда, метавон субот ва рушди минтақаи моро таъмин намуд.

Дар хотима мехоҳам як бори дигар ба Шумо, мӯҳтарам Нурсултон Абишевич, муваффақиятҳои минбаъда ва фаъолияти пурсамара барои беҳбудии Қазоқистон, сулҳ ва субот дар минтақаи ОМ орзу намоям.

Ташаккур, хонум Раиса.

23 марти соли 2000

Мӯҳтарама хонум Раиса,

Ман мехостам ба суханони қаблии шодбошӣ ва миннатдории ҳамкасбон ба унвони Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии

Қирғизистон барои суханронии пурмазмунаш дар ҷаласаи мо ҳамроҳ шавам.

Авлавиятҳои асосии сиёсати Қирғизистонро баён намуда, ҷаноби Вазир бори дигар ҷонибдории кишварашро аз навсозиҳои демократӣ тасдиқ намуд.

Соли гузашта Қирғизистон бо мушкилоти ҷиддии маълуми терроризими байналмилалӣ дучор гардид ва онҳоро сарбаландона бартараф намуд. Интихоботи парлумонӣ ҳам на камтар аз ин душвор буд.

Мо бар он ақидаем, ки бо вуҷуди мушкилиҳои муайян дар рафти интихобот, Қирғизистон дар рушди асосҳои демократӣ, гуногунфикрии сиёсӣ ва ҳуқуқҳои асосии башар як қадам ба пеш ниҳод.

Дар хотима мехоҳам як бори дигар ба Шумо, мӯҳтарам ҷаноби Вазир, муваффақиятҳои минбаъда ва фаъолияти пурбор барои беҳбудии Қирғизистон, сулҳ ва субот дар минтақаи ОМ орзу намоям.

Ташаккур, хонум Раиса.

15 июни соли 2000

Мӯҳтарам хонум Раиса,

Ман мехостам ба суханони қаблии шодбошӣ ва миннатдорӣ ба унвони Раиси Амалкунандаи САҲА хонум Бенита Фереро Валднер барои гузориши бениҳоят муҳим ва пурмазмун, аз натиҷаи сафараш ба ОМ ҳамроҳ шавам.

Дар рафти сафар вохӯриҳои пурмаҳсули Раиси Амлакунанда бо роҳбарияти ҷумҳурии мо дар ҳафт моҳи охир баргузор гардид. Фикр дорам, ки натиҷаи вохӯриҳои дар Душанбе ва дар Вена баргузоргардида имкон доданд то сатҳи робитаҳои дуҷониба хеле баланд бардошта шавад. Аслан тамоми масъалаҳо ва мушкилоте, ки боиси нигаронии Хукумати мо ва САҲА ҳастанд, муҳокима шуданд. Дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта ҳамдигарфаҳмӣ ба даст омад.

Доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла, ҳамкории минтақавӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои обии минтақа, мушкилиҳои қочоқи маводи мухаддир ва терроризм баъд аз сафари Раиси Амалкунанда, мавзӯи баррасии минбаъда дар саммити сарони давлатҳои ОМ дар Душанбе 13-14 июни соли ҷорӣ шуда буд.

Президентҳои чор кишвари ОМ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон муфассал масъалаҳои рушди минбаъдаи алоқаҳои иқтисодӣ ва амниятиро ин ҳафта дар Душанбе муҳокима намуданд. Ҳашт хуҷҷат, аз ҷумла, дархост ба СММ

ва САҲА дар бобати иваз намудани муносибат ба масъалаҳои Афғонистон ба имзо расид. Имрӯз бӯҳрон дар Афғонистон аз чаҳорчӯбаи мушкилоти минтақавӣ берун мебарояд. Таҳдиди воқеӣ барои ҳамаи кишварҳои ОМ ба вуҷуд омадааст.

Мо умедворем, ки раисии Австрия дар оянда дар ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли осоиштаи қазияи Афғонистон, ки сарчашмаи шиддатнокӣ дар минтақа буда, оқибатҳои ниҳоят вазнин дорад, саҳми воқеӣ мегузорад.

Дар хотима, мехоҳам қайд кунам, ки ҳусни тафоҳум ва сатҳи хуби муносибатҳо миёни САҲА ва ҷумҳурии мо ба вуҷуд омадааст. Мо саҳми раисии австриягиро баланд арзёбӣ намуда, ҷиҳати рушди минбаъдаи онҳо барои муколамаи созанда омода ҳастем.

Ташаккур хонум Раиса.

18 январи соли 2001

Ташаккур мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Ба мӯҳтарам ҳамкасбам, сафири Шветсия ҷаноби Нилс Гааг ва ба тамоми намояндагони кишварҳои иштирокчӣ, ки доир ба ин масъала суханронӣ намуданд, изҳори миннатдорӣ карда, мехостам вазъияти ҷойдоштаро роҷеъ ба гурезаҳои афғонӣ ва назари хукумати Тоҷикистонро дар ин масъала шарҳ диҳам.

Ба назарам рӯйдоди мазкур боз як далели шикасти ақидаҳо ва қолабҳои дар САҲА устуворшуда дар ҳалли ин ё он масъала, ки мо ба он то Шӯрои охирини вазирон одат карда будем, мебошад. Вале инкишофи рӯйдодҳои марбут ба амният Моро водор месозад, ки коргириро нисбати мушкилоти алоҳида аз нав бинем.

Шумо хуб дар ёд доред, ки намояндагони чор кишвари ОМ чандин маротиба масъалаи Афғонистонро бардошта, кӯшиши ҷалби таваҷҷӯҳи Шӯрои Доимиро ба ин масъала доштанд. Вале ҳар даъфа дар ҷавоб мо мешунидем, ки Афғонистон ба минтақаи САҲА ворид нест ва суханронӣ дар ин бобат маънӣ надорад. Ҳатто яке аз ҳамкасбони мо дар вақти омода кардани изҳороти сиёсӣ моҳи декабри соли гузашта, мо «осиёгиҳо»-ро ёдовар намуд, ки мо бо «ангуштон»-и худ ба сӯи Афғонистон ишора накунем. Акнун маълум шуда истодааст, ки аз ин масъала роҳи гурез нест.

Кишвари мо ба масъалаи гурезаҳо аз Афғонистон, ки шумораашон дар натиҷаи муқовимати низомии беохири ҷонибҳои мухолиф ниҳоят зиёд шуда истодаанд, ба дарки он муносибат мекунад. Мо дар қатори ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ин мушкилот ҷиддан дар ташвиш ҳастем.

Дар баробари ин, Тоҷикистон ба қарибӣ 600 ҳазор гурезагони худро баргардонд. Мардуми мо то ба ҳол мушкилоти мураккаби

давраи гузаришро эҳсос карда истодааст. Ин бозгардонии самти сиёсӣ-иқтисодӣ ба маҷрои меҳнати осоишта ва созанда ва ҳалли масъалаҳои реабилитатсияи гурезаҳои тоҷик мебошад.

Бо вуҷуди он, ки Тоҷикистон бо ҳамкории созмонҳои байналмилалӣ дар масъалаи бозгашти гурезаҳо ба ҷойҳои зисти доимиашон ба дастовардҳои хуб ноил гардид, масъалаҳои барқарор сохтани манзилҳои дар вақти ҷанг валангоршуда ва бо кор таъмин кардани онҳо аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб мераванд. Ҷумҳурӣ душвориҳои вазнини иқтисодиро аз сар мегузаронад.

Ҳамзамон, 5-7 соли охир дар Тоҷикистон ҳазорҳо гурезаҳои афғон паноҳ ёфтанд. Бо вуҷуди вазъияти душвори иқтисодӣ Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон то ҳадди имкон ба онҳо кӯмак мерасонанд.

Айни замон боз миқдори зиёди гурезаҳо дар ҷазираҳои дарёи Омӯ, ки сарҳади муштарак мебошад, ҷамъ шудаанд. Дар натиҷаи ҳамеша дигар шудани маҷрои дарёи Панҷ, ин ҷазираҳо дар истифодаи муштарак қарор доранд. Аз ин лиҳоз амалан метавон гуфт, ки гурезаҳои афғон дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир шудаанд.

Мутаассифона, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабул ва таъмини ҳаёти гурезаҳои афғоне, ки ҷамъ шудаанд, бо як қатор сабабҳои воқеӣ шароити лозимаро доро нест.

Тавре маълум аст, соли гузашта Тоҷикистон аз сабаби хушксолӣ талафоти зиёд дид ва дар асоси пешгӯии обуҳавосанҷон имсол ҳам тобистони хушк дар назар аст. Ба ғайр аз ин, дар шимоли Афғонистон ҳар гуна бемориҳои сирояткунандаи таъсири оммавӣ дошта, афзоиш ёфтааст. Тоҷикистон душвории маблағгузории барномаҳои санитарӣ-эпидимиологиро дорад, фақат ба қарибӣ тавонист эпидемияеро, ки тавассути гурӯҳи якуми гурезаҳо ба ҷумҳурӣ ворид шуда буд, бартараф созад.

Аз нуқтаи назари меъёрҳои ахлоқӣ-одобӣ ва масъулияти иқтисодӣ дар назди мардуми худ, Ҳукумат наметавонад боз як бори дигар ин масъалаи вазнинро бар дӯши мардуми худ бор кунад.

Дар Тоҷикистон ҳаёти осоишта аллакай меъёри тафаккури ҷомеа шудааст, инро ҷомеаи ҷаҳонӣ низ эътироф намудааст. Вале вазъият дар минтақа то ба ҳол шиддатнок мондааст. Хатари истифодаи қувваҳои таассубгарои муқовимати афғон барои ҳалли масъалаҳои дар нақшадоштаашон боқӣ мондааст.

Истифодаи омили «гурезаи афғон» аз ҷониби ифротгароён ба сифати имконияти муносиб барои ворид намудани ҷангиёни мусаллаҳ ба ҳудуди Тоҷикистон, метавонад барои тезутунд сохтани вазъият на фақат дар кишвари мо, балки дар ҳамаи минтақа таъсири ҷиддӣ расонад.

Дар ин вазъият эҳтимоли истифодаи марзи Тоҷикистон

ҳамчун пойгоҳ барои ҳалли масъалаи ба даст овардани ҳокимият бо роҳи ҳарбӣ ниҳоят зиёд аст.

Дар ин масъала кишвари мо чандин бор аз ҷониби баъзе аз ҳамсоягонамон, ба андешаи мо беасос, мавриди танқид қарор гирифта буд. Мо қотеъона чунин бофтаҳоро ба унвони мо рад мекунем. Дар баробари ин мо имкони ворид шудани гурӯҳҳои мусаллаҳонаи майлонҳои гуногунро дар зери ниқоби гурезаҳои афғон аз эҳтимол дур намекунем. Дар байни гурезаҳо чунинҳо садҳо ва ҳазорҳо нафаранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои ташаккулёфтаи бародарона бо ҳамсояҳоямон баҳои баланд медиҳад. Ҳукумати мо принсипҳои ҳамҷаворӣ ва дахолат накарданро дар корҳои дохилии кишварҳои ҳамсоя пайгирона амалӣ мекунад. Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст карда, метавон ба хулосае омад, ки гузариши оммавии гурезаҳои афғон барои Тоҷикистон чи гуна оқибатҳо дошта метавонад:

- якбора вазнин шудани вазъияти иқтисодии кишвар;
- ба вуҷуд омадани монеаҳои зиёд дар роҳи таҳкими сулҳ дар Тоҷикистон ва реабилитатсияи пасоихтилоф;
- якбора бад шудани вазъияти санитарӣ-эпидемиологӣ;
- фаъол гардидани қочоқи аслиҳа ва маводи нашъадор;
- фаъол гардидани амалиётҳои дастаҳои ифротгаро ва террористӣ дар марзи Тоҷикистон;
- истифодабарии марзи Тоҷикистон барои пиёда кардани амалиётҳои тахрибкорӣ нисбати кишварҳои ҳамсоя ва дар натиҷа вайрон шудани муносибатҳои ҳамҷаворӣ ва афзудани шиддати вазъият дар минтақа.

Ба пиндори мо дар масъалаи расонидани кӯмак ба гурезаҳои афғон ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд таваҷҷӯҳи зиёд намояд. Мақсад аз он иборат нест, яке аз кормандони Раёсати Комиссариати Олии СММ оид ба гурезаҳо ба маққари худ ҳарчи зудтар хабар диҳад, ки гурезаҳо ба Тоҷикистон интиқол гаштанд ва мушкилот ҳалли худро ёфт.

Мо бар он ақидаем, ки алъон беш аз ҳар вақти дигар дар чорчӯбаи ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷонибҳои манфиатдор бояд дар макони муваққатии ҷойгирифтаи гурезагон кӯмаки фаврии башардӯстона расонид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи «Дар бораи мақоми гурезаҳо» ҳамроҳ шуда, ӯҳдадориро ба дӯш гирифта, тамоми даҳшатҳо ва душвориҳои ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронида, бори масъулияти ахлоқиро эҳсос менамояд. Мо моҳияти мушкилиро, чи тавре ки мегӯянд аз дохил медонем. Мо омода ҳастем ба ҷомеаи ҷаҳонӣ то ҳадди имкон мусоидат ва кӯмак расонем.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

1 феврали соли 2001

Ташаккур, ҷаноби Раис,

Аз номи ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон мехоҳам тамоми саронии ҳайатҳоро, ки ба унвони ҳукумат ва мардуми ман суханони нек гуфтанд, миннатдорӣ намоям. Дар робита ба суханронии мӯҳтарам намояндаи Ӯзбекистон, ман ҳуқуқи баромадро дар яке аз ҷаласаҳои наздиктарини Шӯрои Доимӣ боқӣ мемонам.

Ҳамчунин ба Сардори намояндагии САҲА ҷаноби Марк Жулбер барои баромади ниҳоят муфассал ва пурмазмунаш изҳори миннатдорӣ менамоям. Мо мавқеъҳои асосии гузоришро оид ба фаъолияти намояндагӣ дар давраи сипаришуда, қабул дорем.

Дар ҳақиқат, чи тавре ки ҷаноби Жулберн қайд намуд, бо вуҷуди беҳтаршавии назарраси вазъияти сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва демократикунонии ҷамъият, ба ҳар ҳол қафомондагӣ дар соҳаи ташаккулёбии иқтисодӣ боиси нигаронии зиёд мегардад. Мо бо ҷаноби Жулберн розӣ ҳастем, ки камбизоатӣ омили ҷиддии шиддатнокӣ ва монеа дар роҳи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мушкилот ва сабабҳои он зиёданд - ин оқибати ҷанги шаҳрвандӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва геополитикии кишвар, чолишҳои ҷиддии табиаташон ҳарбӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки аз хориҷа, махсусан аз Афғонистон бармеоянд. Танҳо ба харитаи Тоҷикистон, ки дирӯз ҷаноби Жулберн паҳн намуд, назар кунем, кофист. Аз се ду ҳиссаи сарҳадот аз сабаби ҷанг дар Афғонистон ва дигар сабабҳои субективӣ баста шудаанд. Қисми боқимондааш бо Хитой ва Қирғизистон бо қаторкӯҳҳои душворгузар ҷудо шудааст.

Мана дар чунин шароитҳои мураккаб Ҳукумати Тоҷикистонро лозим меояд, ки давраи душвори гузаришро пушти сар намояд. Вале мо фикр дорем, ки мушкилоти асосии нисбатан душвори иҷтимоӣ-сиёсии ташаккули давлатиро бартараф кардаем. Камбизоатӣ – нуқсон нест ва онро метавон бартараф кард. Ҳукумати Тоҷикистон ҳамроҳи кордонҳои байналмилалӣ «стратегияи кам кардани камбизоатӣ»-ро таҳия намудааст ва мо мехостем, ки дар ин барнома Намояндагии САҲА дар ҷумҳурӣ ҷои арзандаи худро дарёбад.

Дар гузориши худ ҷаноби Жулберн ҳамчунин масъалаи муҳими гурезаҳоро зикр намуд.

Ҳукумати Тоҷикистон он мавқееро, ки ман дар ҷаласаи гузашта баён карда будам, нигоҳ доштааст. Дирӯз, Президенти Тоҷикистон намояндаи махсуси СММ оид ба Афғонистон ҷаноби Францес Вендрелро қабул намуд. Доираи васеи масъалаҳо оид ба ҳал намудани қазияи афғонӣ, аз он ҷумла, масъалаи гурезаҳо мавриди муҳокима қарор гирифт. Ҷаноби Вендрел аз саҳми

Тоҷикистон дар ҳалли қазияи афғонӣ ва кӯмаки Ҳукумати тоҷик доир ба мушкилоти номбаршуда ниҳоят каноатманд аст.

Мехостам боз як масъалаи марбут ба гурезаҳоро хотирнишон намоям. Ду сол қабл баъд аз хотимаи фаъолияти худ дар Тоҷикистон, Раёсати Комиссариати Олии СММ оид ба гурезаҳо қисман вазифаҳои хешро оид ба гурезаҳои тоҷик ба Намояндагиҳои Барномаи Рушди СММ ва САҲА дар Тоҷикистон супорид. Дар ин робита, бо ақидаи мо шунидани саҳми намояндагии мо оид ба ин масъала дар ҷаласаҳои навбатии Шӯрои Доимӣ бамаврид хоҳад буд.

Дар хотимаи баромад мехоҳам ба ҷаноби Жулберн дар фаъолияташ муваффақият орзу намуда, бовар кунонам, ки мо барои ҳамкории пурмаҳсул омода ҳастем.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

21 июни соли 2001

Ташаккур, ҷаноби Раис,

Ман мехостам ба суханони қаблии шодбошӣ ва миннатдорӣ ба унвони Раиси Амалкунандаи САҲА ҷаноби Мирче Жоан барои гузориши пурмазмун, аз ҷумла, дар бораи натиҷаи сафараш ба ОМ ҳамроҳ шавам.

Мо мавқеъҳои асосии гузоришро оид ба ОМ, бахусус дар робита ба вазъияти Тоҷикистон, қабул дорем.

Дар рафти вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо Раиси Амалакунанда имкон дошт дигаргуниҳои мусбиро дар рушди раванди ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва макроиқтисодӣ дар Тоҷикистон мустақиман баҳо диҳад. Мо аз он қаноатманд ҳастем, ки сӯҳбатҳои Раиси Амалкунанда бо роҳбарияти кишвар, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ дар фазои кушода ва якдигарфаҳмӣ баргузор гардиданд.

Тоҷикистон сиёсати кушода ва муколамаи фаъолро дар ҳалли мушкилот, чи дар сатҳи минтақавӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ ҷонибдор аст. Созишномаи пештар баимзорасида оид ба мубориза алайҳи терроризм дар ОМ дар чаҳорчӯбаи Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Форуми Шанхай далолати равшани он мебошад.

Мо ақидаи Раиси Амалкунандаро дар бораи таъсири манфӣ доштани маҳдуд кардани муомилоти озодонаи одамон ва нақлиёт ба рушди иқтисодии кишварҳои минтақа қабул дорем. Мо ҳамчунон аз сатҳи ҳамкориҳои минтақавӣ қаноатманд нестем.

Мисли пештара вазъияти ташвишовари Афғонистон боиси нигаронии мо мебошад. Умедворем, ки ба раисии руминӣ дар

ҳамкорӣ бо дигар созмонҳои байналмилалӣ муяссар мешавад, то дар чустучӯи роҳҳои ҳалли бӯҳрони афғонӣ саҳми худро гузорад.

Ба ақидаи мо, сафари оғозёфтаи намояндаи шахсии Раиси Амалкунанда оид ба ОМ сафир Хойник ба ОМ, аз ҷумла, ба Тоҷикистон, идомаи мантиқии сафари Раиси Амалкунанда мешавад ва ба ӯ метавонад масъалаҳои аз ҷониби Раиси Амалкунанда вогузошташударо муфассал баррасӣ намояд.

Дар хотима, мехоҳам махсус қайд намоям, ки сафари мазкури Раиси Амалкунанда ба Тоҷикистон барои бардоштани сатҳи якдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ миёни САҲА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд. Мо аз ғурур ва хӯрдагирӣ дур ҳастем, кишвари мо ҳамкории пурмаҳсул ва муколамаи созандаро идома медиҳад.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

СУХАНРОНИҲОИ НАМОЯНДАИ ДОИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НАЗДИ САҲА ҲАМРОҲОН ЗАРИПОВ (ҲАМРОҲОН ЗАРИФӢ) ДАР ФОРУМҲОИ ИҚТИСОДИИ САҲА

5 октябр соли 2000, Вена

Пеш аз ҳама, иҷозат диҳед раисии австриягиро барои ташкили семинари мазкур ва фароҳам овардани имконияти боз як бори дигар ба мушкилоти мавҷуда равшанӣ андохтан ва ҳамчунин зарурати фаъол намудани ҳамкорӣ доир ба ин масъалаи барои минтақаи мо ниҳоят муҳим, изҳори миннатдорӣ намоям.

Мушкилоти истифодаи захираҳои обӣ ҷузъиёти муҳим дар соҳаи ҳамкорӣ ва амният дар минтақаи мо мебошад. Мутаассифона, то ба имрӯз ба мо муяссар нашуд, ки дар ҳалли мушкилоти мазкур ва ташкили ҳамкории пурмаҳсул фаҳмиш ва коргирии ягонаро ба роҳ монем. Сабабҳои ин зиёданд, ва ман намехостам дар бораи ин чуқур фикрронӣ намоям, аз он сабаб, ки чолишҳо дар ин соҳа дар навбати аввал бо дигар мушкилоти хос ба давлатҳои дар ҳоли гузариш қарордошта, вобастагӣ дорад. Мисоли он, ба назари ман, метавонад ташаббуси ниҳоят ҷолиби Ҳукумати Британияи Кабир шавад, ки як сол шуд мо роҳи онро бастем.

Бояд тазаккур дод, ки он мушкилот ва чолишҳои нав дар соҳаи истифодаи оқилонаи захираҳои обро, ки мо имрӯз дучор мешавем, дар алоҳидагӣ наметавон ҳал кард. Иҷозат диҳед ман танҳо ду мушкилиеро, ки боиси ташвиши ҷиддӣ дар минтақаи ОМ шудааст, ёдовар шавам. Ин мушкилоти Арал ва кӯли Сарез мебошад. Мо фикр дорем, ки чунин лоиҳаҳои бузургро, ба монанди кӯли Сарез ва баҳри Арал, метавон фақат бо кӯшиши муштарак ҳал намуд.

Ин ҷо стратегияи ҳамоҳангшуда ва мувофиқашуда ва назардошти мушкилот ва манфиатҳои тамоми кишварҳои минтақа бисёр муҳим аст. Дар амал бошад чи рух медиҳад – чун ҳамешагӣ омӯзиши яктарафаи на чандон чуқур ва таҳлили мушкилоти ҷойдошта дар минтақа. Аз баромадҳои нотиқон дар семинари мазкур бармеояд, ки намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва молиявӣ кори таҳқиқотии бузургро дар минтақа анҷом додаанд. Дар баъзе самтҳо ба иҷроиши амалии лоиҳаҳо шурӯъ кардаанд, вале дар соҳаи энергетика, ки ҷузъиёти таркибии мавзӯи муҳокимашаванда мебошад, дар асл коре ба анҷом нарасидаааст. Ман таҳлили аввалии гузоришҳои дар семинари мазкур аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва молиявӣ пешкаш шударо анҷом додам. Тааҷҷубовар аст, ки мушкилоти Тоҷикистон ҳамчун таъминкунандаи об дар минтақа дар ин гузоришҳо ва инчунин дар баромадҳо аҳён-аҳён ишора мешаванд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳал намудани чунин мушкилот таҷрибаи ғанӣ ҷамъ намудааст ва мо умедворем, ки коршиносони байналмилалӣ дар таҳия намудани заминаи ҳуқуқӣ, дар омодакунии созишномаҳо ва пешкаш кардани ин таҷриба ба мо кӯмак мерасонад. Маҳз барои ҳамин мо фикр дорем, ки ҳамкории бисёрҷониба дар соҳаи мазкур аҳамияти ҳалкунанда дорад ва қарордодҳои дуҷонибаи моро пурра хоҳад кард.

Ба ақидаи мо, мероси вазнини мушкилоти об дар минтақа асари усули идоракунии фармоишӣ-маъмурист, ки то солҳои наздик ҷой дошт. Сиёсати обӣ дар минтақа ба манфиати давлати ягона ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии стратегӣ тартиб дода шуда буд. Мушкилиҳои миллӣ ва экологӣ дуюминдараҷа буданд.

Истифодаи беандозаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла обӣ, бесарусомонӣ вобаста ба аз худ кардани заминҳои нав, ботлоқгардонии ҳудудҳои калон, вуҷуд надоштани тавозун байни истифодаи об ва энергетика, давлатҳои таъминкунандаи об Тоҷикистон ва Қирғизистонро дар ҳолати душвор гузоштанд. Вазъият то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ аз ҳисоби ҷуброн аз марказ ва таъмини энергия аз ҷониби кишварҳои истифодабарандаи об дар давраи зимистона бар ивази об дар давраи тобистона қисман сабук мегардид.

Айни замон бошад ҳамасола мушкилоти рухдодаро дар натиҷаи офатҳои табиӣ, обхезиҳо, селҳо ва зилзилаҳо, вайрон шудани иншоотҳои обӣ-ирригатсионӣ бояд дар танҳоӣ ва аз ҳисоби худ ҳал намоем. Зиёда аз ин, дар фасли зимистон ба мақсади ҷамъ кардани об барои обёрии минтақа дар тобистон,

мо маҷбурем кори НОБ-ҳоро боздорем. Нарасидани нерӯи барқ дар зимистон мардуми моро водор месозад ҳезум ҷамъ карда, дарахтону буттазорҳоро нест намоянд ва оҳиста-оҳиста кишварро ба биёбон табдил диҳанд.

Ҳамаи ин моро маҷбур месозад, ки барои сохатани НОБ-ҳои нав ҷиддӣ фаъолият кунем. Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ мебошад ва он 54% ба ҳисоби миёнаи солонаи маҷрои дарёҳои ҳавзаи баҳри Аралро ташкил мекунад ва аз ҷиҳати захираҳои гидроэнергетикӣ ҷои дуюмро дар ИДМ ишғол менамояд. Вале бо он сабабҳое, ки ман дар боло ёдовар шудам ва инчунин ба сабабҳои характеран чи ҷуғрофӣ ва чи сиёсӣ, то ҳанӯз дар бораи истифодаи муносиб ва ҳатто оқилонаи захираҳои обии мо сухан рондан душвор аст. Истеҳсоли неруи барқ дар НОБ-ҳои Тоҷикистон, барои мисол, танҳо 14,6% захираҳои гидроэнергетики ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Мо бар ин ақидаем, ки барои зиёд намудани заминҳои кишоварзӣ, таъмини минтақа бо оби нӯшокӣ ва беҳтар намудани вазъи экологӣ, мо бояд ба истифодабарии пурсамари захираҳои обӣ бо татбиқи технологияҳои нави иқтисодӣ гузарем. Барои ин бояд захираҳои энергетикиро афзоем, яъне сохтмони НОБ-ҳои навро оғоз намоем. Яқинан ба ҳама маълум аст, ки НОБ-ҳо обро истеъмол намекунанд, фақат аз захираҳои обии дарёҳо нерӯи барқ истеҳсол мекунанд.

Аз ин *лиҳоз*, мо *лоиҳаҳои* сармоягузории мушаххасро таҳия намудем ва омода ҳастем онҳоро ба Шумо пешкаш созем. Мо тайёрахӯр будан намехоҳем ва на фақат маблағгузории *лоиҳаҳои* гидроэнегитикии худро пешниҳод менамоем. Мо таклифҳои мутақобилан судмандро пешниҳод мекунем. *Лоиҳаҳои* мушаххас ва судманд маблағгузорӣ гардида, дар давоми 2-4 сол на фақат ба сармоягузорон фоида меоранд, балки масъалаҳои иқтисодӣ ва энергетикии моро ҳал намуда, ҳамчунон барои субот дар минтақа мусоидат мекунанд.

Ҳукумати мо ба доираҳои соҳибкорон маблағгузориро ба сохтмони силсила НОБ-ҳо дар дарёи Вахш: Роғун ва Сангтӯда ва ҳамчунин ба сохтмони НОБ-ҳои хурду миёна пешниҳод менамояд. Бозори фурӯши нерӯи барқ дар қатори истеъмоли дохилӣ ҳамчунин ҳамсояҳои мо Хитой, Покистон ва Ҳиндустон мебошанд, ки чандин бор манфиатдории худро дар иштироки ин сохтмонҳо изҳор карда буданд. Илова бар ин, обанбори НОБ Роғун имконияти истифодаи 10-15 км. мураббаъ обро барои обёрӣ дар солҳои камобӣ фароҳам меоварад. Он майдонҳои обёрии кишти пахтаро дар минтақаҳои ОМ то 300-400 ҳаз.га зиёд мекунад ва обтаъминкуниро дар майдони то 4 млн. га беҳтар менамояд.

Дар хотимаи баромади худ мехостам мӯҳтарам намояндагони

созмонҳои байналмилалии манфиатдорро барои амалӣ гаштани *лоиҳаҳои* номбаршуда дар ОМ ба Тоҷикистон даъват намоям. Мизи мудаввар оид ба роҳҳои фаъол намудани ҳамкории минтақавӣ доир намуда, ба мушкилот аз болои маҷрои дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал назар андозем.

Шуморо мӯътақид менамоям, ки вақте аз боло назар мекунед, манзара хубтар ба чашм мерасад ва заврақ хубтар шино мекунад.

Ташаккур, ҷаноби Раис.

ФОРУМИ IX ИҚТИСОДИИ САҲА
15-18 майи соли 2001, Прага

Мехоҳам ба Ҳукумати Ҷумҳурии Чехия барои меҳмондорӣ ва созмондиҳии хеле хуби IX–мин Форум арзи сипос намоям.

Умедворем, ки ин Форум ва натиҷаҳои он барои бархӯрди ҷиддитари САҲА дар заминаҳои иқтисодӣ ва экологӣ такони наве хоҳад бахшид ва дар миёни дигар андозагириҳои САҲА ҷойгоҳи муносибтари онро таъмин хоҳад кард.

Ба назари мо бидуни дар назар гирифтани мушкилоти иқтисодӣ ва экологӣ имкони ҳаллу фасли масоили марбут ба дигар андозагириҳои САҲА имконпазир нахоҳад буд. Миёни андозагириҳои мухталифи САҲА иртиботи бисёр наздики мутақобил вуҷуд дорад. Дар бархе аз кишварҳо ба таври хеле зиёд чигунагии муносибат ба риояи ҳуқуқи башар ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мустақиман аз сатҳи мавҷудияти захираҳои табиӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Бинобарин, моилам суханони ҷаноби Томас Прайсро ёдоварӣ намоям, ки дақиқан баён дошт: дар баъзе аз минтақаҳои САҲА дар ҳоле, ки дар ивази чанд дона нон метавон овозҳои хеле аз деҳаҳоро ба таври комил харид, мафҳуми «интихоботи озод ва одилона» метавонад ҳеҷ аҳамияте надошта бошад.

Мо чунин мешуморем, ки дар баробари вазифаҳои асосии дар марҳалаи ибтидоӣ ошкор ва пешгирӣ намудани таҳдидҳои иқтисодӣ ва экологии амният, ҳамчунин ба САҲА *лозим* аст ба мавзӯи роҳҳои рафъи ин таҳдидҳо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намояд. Бинобар ин, мо аз талошҳои САҲА барои ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии молӣ истиқбол намуда, ҷалби фаъолонаи намояндагони доираҳои тиҷоратӣ ва тиҷорати хусусиро дар таҳия ва иҷрои *лоиҳаҳои* мушаххаси ин замина мувофиқи мақсад медонем.

Мо ба масъалаи ҳаракати бемамониати молу мавод ва одамон дар бархе аз минтақҳои САҲА аҳамияти зиёд медиҳем ва ба на-

зари мо он бояд ба яке аз заминаҳои асосии фаъолияти САҲА табдил гардад.

Ҷаноби Раис,

Кишвари ман ба монанди дигар кишварҳои режими собиқи коммунистӣ мушкилоти марҳалаи истиқлолро аз сар мегузаронад, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандии чандинсола, ки вайронии инфрасохторҳои ҳаётӣ ва халалдор шудани фаъолияти муназзами воҳидҳои асосии саноатро ба ҳамроҳ дошт, шадидтар гардидааст. Бо вуҷуди ин сабабҳои айнӣ ва зеҳнӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муназзам барномаи ислоҳоти иқтисодӣ ва коҳиши камбизоатӣ дар кишварро бо ҳамкории наздик бо ниҳоди байналмилалии молӣ иҷро менамояд. Мутобиқи ин барнома ва бо ёрии коршиносон аз Австралия, Канада ва дигар кишварҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тасмимоти муҳимро дар заминаи коҳиши дастгоҳҳои бюрократӣ аз тариқи барҳам додани баъзе ташкилотҳо ва якҷоя намудани чандин вазорат анҷом дод. Ин тасмимот ба хотири истифодаи муассири захираҳои ин ташкилотҳо ва ҳамчунин решакан намудани падидаи номатлуби фасод гирифта шудааст. Мо дақиқан дарк мекунем, ки мудирияти хуб қабл аз ҳама маънои шаффоф ва таҳти назорат будани ҳама сохторҳои ҳокимият ва ҳамчунин ширкати комилҳуқуқи ҳамаи аҳолӣ дар раванди қабули тасмимотро дорад. Монеи асосӣ дар роҳи мудирияти хуб фасод дар ҳама шаклҳояш мебошад. Ба таври зиёд дар сатҳҳои олӣ ва поёнии ҳокимият фасодро ҷинояткории созмонёфта ва тиҷорати маводи мухаддир ҳамроҳӣ менамояд.

Бо таваҷҷӯҳ ба маҳдуд будани захираҳои Тоҷикистон ва раванди печидаи барқарорсозии баъд аз муноқиша баъзе созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди UNDCP дар таҳкими ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ ва муборизаи алайҳи шаклҳои мухталифи ҷиноятқорӣ ба Тоҷикистон кӯмак мерасонанд.

Тайи марҳилаи кӯтоҳ дар кишвар пойгоҳи муносиби қонунгузорӣ эҷод гардид, ки фаъолияти иқтисодии Тоҷикистонро тибқи усули бозорӣ таъмин менамояд.

Дар кишвар нархҳо ва фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ба шумули амалиётҳои арзи хориҷӣ, комилан озод буда, инҳисори давлат бар содироти муҳимтарин навъҳои маводи хом ва маҳсулот – пахта ва алюминий бартараф карда шудааст. Ин иқдомот ҳамчунин ба ҳадафи маҳдуд намудани муҳити мавҷудияти фасод ва ришвахорӣ равона гардидаанд.

Ҷаноби Раис,

Дар натиҷаи ислоҳоте, ки анҷом гардида ва аз тарафи Сандуқи

байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтааст, дар кишвар дар заминаи суботи макроиқтисодӣ дастовардҳои муайяне ҳосил гардидааст.

Афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2000-ум 8,3%-ро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 1999 – 3,7% ва соли 1996 – 16,7% мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 5% зиёд шуд.

Дар кишвар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба таври комил озод гардидааст. Тамоми монеаҳои шуморавӣ ва ғайритаруфавӣ дар тиҷорати хориҷӣ бардошта шудаанд. Содирот аз тарафи тиҷорати хурд 63% маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил дод. Ин ва дигар далелҳо зарурати воқеии густариши алоқаҳои байналмилалӣ ва роҳҳои нақлиётии хориҷиро фароҳам намуд. Вале бо таассуф бояд аз пайдо шудани монеаҳое дар роҳи тиҷорати хориҷӣ, ки аз Тоҷикистон вобастагӣ надоранд, сухан ба миён оварад, ки ба шакли мушкилтар гардидани тартиботи гузаштан аз марз, таруфаҳои фавқулода зиёди транзитӣ, пардохтҳо ва порахории фаровони ғайрирасмӣ барои интиқоли бор аз тариқи марз ба назар мерасад. Дар чунин шароит моро лозим меояд, ки роҳҳои алтернативии расидан ба бозорҳои хориҷиро, ки берун аз минтақаҳои САҲА қарор доштаву сармоягузории зиёдро тақозо менамоянд, ҷустуҷӯ кунем.

Дар ин замина Тоҷикистон ба барномаи ТРАСЕКА ва дигар созишномаҳои байнидавлатӣ, ки барои одисозии рафтуомади воситаҳои нақлиёт ва аҳолӣ равона гардидаанд, умеди зиёд мебандад. Аммо ҳеҷ гуна пешрафти мусбат дар ин масъала то ҳоло ба мушоҳида нарасидааст.

Мавзӯи дигари музокироти бешумори байниҳукуматӣ ва боиси нигаронии байналмилалӣ мушкили истифодаи муассир аз захираҳои обу энергетика ба шумор меравад. Мо чунин мешуморем, ки ҳаллу фасли ниҳоӣ ва одилонаи ин масъала метавонад шиддатеро, ки атрофи он вуҷуд дорад, аз байн бибарад.

Тоҷикистон аз ҳалли масъала худро дар канор намегирад. Мо як қатор лоиҳаҳоро дар заминаи бунёди садҳои НБО дар дарёи Вахш ва Панҷ омода кардаем. Амалӣ кардани ин лоиҳаҳо, аввалтар аз ҳама имкон медиҳад, ки камбуди нерӯи барқ дар минтақа рафъ гардида, ҳамчунин имкони танзими ҳаҷми об дар ин дарёҳо ба миён ояд. Яъне сарфа кардани об вақти зимистон аз тариқи ҷамъоварии он махзанҳо ва истифодаи он дар тобистон дар ҳаҷми ба маротиб зиёдтар имкони таъмини зироатҳои кишоварзиро фароҳам месозад.

Намунаи дигар лоиҳаи кӯли Сарез ба шумор меравад. Ин масъаларо мо борҳо дар форумҳои гузашта матраҳ намуда будем. Ҳаллу фасли он ҳамзамон имкон медиҳад хатари канда шудани об аз ин кӯли баландкӯҳ аз байн бурда шуда, оби мусаффо ва ширини он барои эҳтиёҷоти кишварҳои минтақа истифода

гардад.

Дар хотима мехоҳам изҳори умедворӣ намоям, ки ин форум ба андозагириҳои иқтисодӣ ва экологӣ ҳаёти нав бахшида, масоили марбут ба ин андозагириҳо ба таври доимӣ баррасӣ гардида, роҳҳои ҳаллу фасли марбутаи худро пайдо хоҳанд кард.

ҲУҶҶАТҲОИ АСОСИИ САҲА

ҶАЛАСАИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР АВРУПО
САНАДИ НИҲОӢ
Хелсинки, 1 августи соли 1975

Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ки 3 июли соли 1973 дар Хелсинки оғоз гашта, дар Женева аз 18 сентябри соли 1973 то 21 июли соли 1975 идома ёфт, 1 августи соли 1975 дар Хелсинки бо ширкати Намояндагони олии Австрия, Белгия, Булғористон, Венгрия, Ҷумҳурии Демократии Олмон, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Юнон, Дания, Ирландия, Исландия, Испания, Италия, Канада, Кипр, Лихтенштейн, Люксембург, Малта, Монако, Нидерландия, Норвегия, Полша, Португалия, Руминия, Сан-Марино, Тахти Муқаддас, Подшоҳии Муттаҳида, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, Туркия, Финляндия, Фаронса, Чехословакия, Швейтсария, Шветсия ва Югославия ба анҷом расид.

Дар вақти марҳалаҳои оғозӣ ва ниҳоии Ҷаласа дар назди иштирокчиёни он ба сифати меҳмони фахрӣ Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ намуд. Дар рафти марҳилаи дуюми Ҷаласа ба кори он Директори генералии ЮНЕСКО ва Котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ саҳм гузоштанд.

Дар вақти маҷлисҳои марҳалаи дуввуми Ҷаласа оид ба бандҳои мухталифи рӯзнома инчунин намояндагони давлатҳои зерини Баҳри Миёназамин, ки иштирокчӣ набуданд, саҳм гузоштанд: Ҷумҳурии Халқи Демократии Алҷазоир, Ҷумҳурии Арабии Миср, Исроил, Подшоҳии Марокаш, Ҷумҳурии Арабии Сурия, Ҷумҳурии Тунис.

Бо рӯҳбаландӣ аз иродаи сиёсӣ, ба манфиати халқҳо, ба хотири беҳтарсозӣ ва фаъолгардонии муносибатҳои онҳо, мусоидат ба сулҳ, амният, адолат ва ҳамкорӣ дар Аврупо, наздикшавии миёни онҳо ва инчунин наздикшавӣ бо давлатҳои дигари дунё,

Бо азми қавӣ, ки дар робита бо ин ба натиҷаҳои Ҷаласа таъсири комил бахшида шуда, истифодаи самараҳое, ки аз ин натиҷаҳо ба даст меоянд, дар миёни давлатҳои онҳо ва дар тамоми Аврупо таъмин гардад, ва ҳамин тариқ, раванди пастшавии шиддат васеъ, амиқ ва пешраву устувор карда шавад,

Намояндагони Олимақоми давлатҳои аъзо ботантана гуфтаҳои зеринро пазируфтанд:

Масъалаҳое, ки ба амнияти Аврупо дахл доранд

Давлатҳои иштирокчии Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо,

мусоидат намуданро ба беҳшавии муносибатҳо дар миёни онҳо ва таъмини шароите, ки зимни он халқҳояшон метавонанд дар фазои сулҳи воқеӣ ва пойдор умр ба сар баранд, дар ҳоле ки онҳо аз ҳар гуна таҳдид ё қасд ба амнияташон эмин ҳастанд, ҳамчун мақсади худ таъкид намуда;

дар зарурати кӯшиш ба харҷ додан барои рафъи шиддатнокиро ба ҷараёни ҳамешагӣ, қобили зист, ҳаматарафа ва фарогир табдил додан, инчунин дар ин раванд саҳми бузурге будани дар ҳаёт татбиқ кардани натиҷаҳои Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо муътақид буда,

чунин ҳисобида, ки ҳамраъйии миёни халқҳо чун умумияти кӯшиши давлатҳои аъзо дар расидан ба ҳадафҳои дарпешгузоштаи Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, бояд ба инкишофи муносибатҳои беҳтар ва ҳарчи зичтари миёни онҳо дар ҳама соҳаҳо, ва ҳамин тариқ, ба бартараф намудани муқовимати онҳо, ки аз тарзи муносибатҳои онҳо дар гузашта сар задаанд ва ба ҳамдигарфаҳмии беҳтар расонад;

таърихи умумияшонро дар ёд дошта ва эътироф намуда, ки мавҷудияти унсурҳои умумӣ дар анъанаҳо ва арзишҳояшон метавонад ба онҳо дар рушди муносибатҳояшон кӯмак расонад, ва бо азму хоҳиш ва комилан дар назар доштани вижагӣ ва гуногунии мавқеъ ва андешаҳо, ҷустуҷӯ намудани имкониятҳои муттаҳид кардани кӯшишҳояшон барои аз миён бурдани нобоварӣ ва бовариро мустаҳкам сохтан, ҳал кардани мушкилиҳое, ки онҳоро ҷудо мекунанд ва ҳамкорӣ кардан ба манфиати инсоният;

тақсимнопазирии амнияти Аврупо, ҳамчунин таваҷҷӯҳ доштани худро ба рушди ҳамкориҳо дар тамоми Аврупо ва миёни якдигар эътироф намуда ва нияти худро баҳри ҷидду ҷаҳди лозима изҳор дошта;

робитаи зичро миёни сулҳу амният дар Аврупо ва тамоми дунё эътироф карда ва заруратро барои ҳар яки онҳо дар саҳмгузорӣ дар таҳкими сулҳу амният байналмилалӣ ва дар мусоидат намудан ба ҳуқуқҳои асосӣ, пешравии иқтисодиву иҷтимоӣ ва некӯаҳволии тамоми халқҳо дарк намуда,

зеринро қабул карданд:

1.

а) Эъломияи принсипҳое, ки давлатҳои аъзо дар муносибатҳои мутақобила бо якдигар ба роҳбарӣ мегиранд

Давлатҳои иштирокчӣ,

ҷонибдории худро аз сулҳ, амнияту адолат ва раванди инкишофи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ таъид намуда;

бо эътирофи он, ки ин ҷонибдорӣ манфиат ва орзуву омоли халқҳоро ифода карда, барои ҳар як давлати аъзо масъулиятро ҳоло ва оянда бо асари таҷрибаи гузашта бештар мегардонад;

мутобиқи узвияташон дар Созмони Милали Муттаҳид ва тибқи аҳдофу принсипҳои Созмони Милали Муттаҳид дастгирии пурра ва фаъоли худро аз Созмони Милали Муттаҳид ва баландсозии нақши он дар таҳкими сулҳи байналмилалӣ, амният ва адолат ва мусоидат дар ҳалли қазияҳои байналмилалӣ ва инчунин рушди муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории миёни кишварҳо тасдиқ карда;

ҷонибдории умумии худро ба принсипҳое, ки дар поён оварда шудаанд ва бо Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид мувофиқ мебошанд, инчунин иродаи умумии худро дар бобати амал кардан баҳри амалисозии ин принсипҳо тибқи аҳдоф ва принсипҳои Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид ифода намуда;

дар бобати ҷидду ҷаҳди худ барои эҳтиром гузоштан ва амалӣ кардани принсипҳои зерин, ки ҳамагӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд ва онҳоро дар муносибат бо якдигар ба роҳбарӣ мегиранд, дар муносибати ҳар яки онҳо бо дигар давлатҳои аъзо сарфи назар аз низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва инчунин масоҳат, ҳолати ҷуғрофӣ ва сатҳи рушди иқтисодиашон, эълом медоранд:

I. Баробарие, ки бар истиқлолият асос ёфтааст, эҳтиромии ҳуқуқҳое, ки хоси истиқлолият мебошанд

Давлатҳои аъзо ба баробарии бар истиқлолият асосёфта ва худвижагии якдигар ва инчунин ба тамоми ҳуқуқҳое, ки хоси

истиқлолияташон аст ва онҳоро дар бар мегирад, бо шумули, аз ҷумла, ҳуқуқи ҳар як давлат ба баробарии ҳуқуқӣ, тамомияти арзӣ, озодӣ ва истиқлолияти сиёсӣ, эҳтиром мегузоранд. Онҳо инчунин ба ҳуқуқи якдигар дар озодона интихоб кардан ва густариш додани низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худ ва мисли ҳамин ҳуқуқи ҷорӣ намудани қонуну қоидаҳои маъмурии худ эҳтиром мегузоранд.

Дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқҳои байналмилалӣ тамоми давлатҳои аъзо ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баробар доранд. Онҳо ба ҳуқуқи якдигар дар бобати мувофиқи назардошти худ муайян кардан ва амалӣ сохтани муносибатҳояшон бо дигар давлатҳо тибқи қонунҳои байналмилалӣ ва рӯҳи ин Эъломия эҳтиром мегузоранд. Онҳо бар онанд, ки ҳудуди марзҳояшон тибқи қонунҳои байналмилалӣ, бо роҳи осоишта ё тариқи мувофиқа метавонад тағйир ёбад. Онҳо инчунин ҳуқуқ доранд, ки ба созмонҳои байналмилалӣ мансуб бошанд ё набошанд, иштирокчии шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, бо шумули иштирокчии аҳдномаҳои иттиҳодӣ шаванд ё нашаванд; онҳо инчунин ҳуқуқ доранд бетараф бошанд.

II. Ба кор набурдани зӯрӣ ё таҳдидҳо аз мавқеи зӯрӣ

Давлатҳои аъзо дар муносибатҳои мутақобила ва умуман дар муносибатҳои байналмилалӣ аз истифодаи зӯрӣ ё таҳдидҳо аз мавқеи зӯрӣ, чӣ дар муқобили тамомияти арзӣ ё чӣ истиқлолияти сиёсии ҳар давлат, бо ин ё он тарзе ки бо аҳдофи Созмони Милали Муттаҳид ё ин Эъломия созгор нест, худдорӣ мекунанд. Ҳеҷ гуна далел наметавонад барои рӯ овардан ба таҳдид аз мавқеи зӯрӣ ё амалӣ кардани он, ки ин принсип вайрон мекунад, истифода шавад.

Мутобиқан, давлатҳои аъзо аз ҳар гуна амалиёте, ки таҳдид аз мавқеи зӯрӣ ё истифодаи рӯйрост ё пӯшидаи зӯриро ба муқобили дигар давлати аъзо ба бор меорад, худдорӣ мекунанд. Мисли ҳамин, онҳо аз ҳар гуна истифодаи зӯрӣ ба мақсади маҷбур намудани дигар давлати аъзо барои даст кашидан аз пурра амалӣ кардани ҳуқуқҳои соҳибихтиёриаш худдорӣ мекунанд. Мисли ҳамин, онҳо дар муносибатҳои якдигарӣ аз ҳар гуна иқдомҳои таъқибгароёна низ бо истифодаи зӯрӣ худдорӣ мекунанд.

Ҳеҷ гуна истифодаи зӯрӣ ё таҳдид аз мавқеи зӯрӣ наметавонад чун василаи ҳаллу фасли муноқишаҳо ё мушкилоте шавад, ки метавонад миёни онҳо муноқишаҳо падид орад.

III. Халалнопазирии марзҳо

Давлатҳои аъзо халалнопазирии марзҳои якдигар ва инчунин тамоми марзҳои давлатҳои Аврупоро эътироф мекунанд ва аз ин рӯ, онҳо ҳозир ва оянда низ аз ҳар гуна сӯиқасд ба ин марзҳо худдорӣ мекунанд.

Онҳо, мутобиқан, аз ҳар гуна талаб ё амалиёте, ки ба ишғол ва ғасби як қисм ё тамоми марзи дилхоҳ давлатҳои аъзо равона шудаанд, худдорӣ мекунанд.

IV. Тамомияти марзии давлатҳо

Давлатҳои аъзо ба тамомияти марзии ҳар як давлати аъзо эҳтиром мегузоранд.

Мутобиқи ин онҳо аз ҳар гуна амалиёте, ки бо аҳдоф ва принсипҳои Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид носозгор аст ва ба муқобили тамомияти марзӣ, истиқлолияти сиёсӣ ё ваҳдати дилхоҳ давлати аъзо нигаронида шудааст ва, минҷумла, аз ҳар гуна амалиёте, ки истифодаи зӯрӣ ё таҳдид аз мавқеи зӯрӣ ҳисоб мешавад, худдорӣ мекунанд.

Давлатҳои аъзо, дар баробари ин аз табдил додани марзҳои якдигар ба макони истифодаи истилои ҳарбӣ ё дигар чораҳои мустақим ё ғайримустақими истифодаи зӯрӣ бо вайрон кардани ҳуқуқи байналмилалӣ ё макони ба даст овардан ё таҳдиди амалӣ намудани онҳо, худдорӣ мекунанд. Ҳеҷ гуна истило ё чунин тарзи ба даст овардан қонунӣ шумурда нахоҳад шуд.

V. Ҳалли мусолиматомези ихтилофҳо

Давлатҳои аъзо ихтилофҳои миёни якдигарро ба таври мусолиматомез чунон ҳал мекунанд, ки осоиши байналмилалӣ, амният ва адолатро зери таҳдид нагузоранд.

Онҳо аз рӯи виҷдон ва дар рӯҳияи ҳамкорӣ тамоми кӯшишҳоро ба кор хоҳанд бурд, то дар кӯтоҳтарин муддат ба ҳалли одилонае биёянд, ки ба қонунҳои байналмилалӣ асос ёфта бошад.

Бо ин мақсад онҳо чунин василаҳоро, ба мисли гуфтушунид, пажӯҳиш, миёнҷигарӣ, оштиандозӣ, арбитраж, додгустарӣ ё дигар воситаҳои мусолиматомезро бо интихоби худашон, бо шумули ҳама гуна тартиби танзим, ки то пайдо шудани ихтилофҳо мувофиқа карда шуда ва онҳо метавонистанд яке аз тарафҳо буда бошанд, истифода хоҳанд бурд.

Дар ҳолате, ки агар ҷонибҳо дар муноқиша ба воситаи яке аз

ин роҳҳо ба ҳалли ихтилоф даст наёбанд, онҳо ҷустуҷӯи роҳҳои дигари якҷоя мувофиқашудаи ҳалли мусолиматомези ихтилофро идома хоҳанд дод.

Давлатҳои аъзо, ки дар муноқишаи миёни онҳо яке аз ҷонибҳо мебошанд, ҳамчунин дигар давлатҳои иштирокчӣ аз ҳар гуна амалҳое, ки метавонанд вазъиятро ба дараҷае бад созанд, ки ҳифзи сулҳ ва амнияти байналмилалӣ зери таҳдид қарор гирад ва ҳамин дариқ ҳалли мусолиматомези муноқиша боз ҳам душвортар гардад, худдорӣ мекунанд.

VI. Дахолат накардан ба корҳои дохилӣ

Давлатҳои аъзо аз ҳар гуна дахолати рӯйрост ё пӯшида, инфиродӣ ё дастаҷамъӣ ба корҳои дохилӣ ва беруние, ки дар салоҳияти дигар давлати иштирокчӣ қарор дорад, сарфи назар аз муносибатҳои миёни онҳо худдорӣ мекунанд.

Онҳо мутобиқан аз ҳар гуна шакли дахолати мусаллаҳ ё таҳдиди чунин дахолат ба муқобили дигар давлати иштирокчӣ худдорӣ мекунанд.

Онҳо ҳамчунин дар тамоми ҳолатҳо дақиқан аз ҳар гуна амали маҷбурсозии ҳарбӣ ё сиёсӣ, иқтисодӣ ё ғайра, ки ба тобеъ намудани амалисозии ҳуқуқҳои дигар давлати аъзо, ки хоси соҳибихтиёрии онанд, ба манфиатҳои худ равона шуда, ҳамин тариқ, худро бо ҳар гуна бартарият таъмин намудан аст, худдорӣ мекунанд.

Мутобиқан, онҳо минҷумла аз расонидани кумаки рӯйрост ё пӯшида ба фаъолиятҳои террористӣ, харобиовар ва фаъолияти дигар, ки ба сарнагунсозии иҷбории режими дигар давлати аъзо равона шудааст, худдорӣ мекунанд.

VII. Эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, бо шумули озодии андеша, виҷдон, дин ва ақида

Давлатҳои аъзо ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосиро, бо шумули озодии андеша, виҷдон, дин ва ақида барои ҳама, бе гузоштани тафовут дар нажод, ҷинс, забон ва дин эҳтиром мекунанд.

Онҳо амалисозии самарабахши ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигареро, ки аз шарафи шахсияти инсон падид меоянд ва барои пешравии озод ва комили ӯ муҳим мебошанд, ташвиқ мекунанд ва инкишоф медиҳанд.

Дар ҳамин чаҳорчӯба давлатҳои иштирокчӣ озодии инсонро дар имон овардан ба дине ё мазҳабе, хоҳ танҳо ё якҷоя бо дигарон, ки бо амри виҷдон сурат мегирад, эътироф ва эҳтиром мекунанд.

Давлатҳои иштирокчӣ, ки дар ҳудуди онҳо ақаллиятҳои миллӣ вуҷуд доранд, ҳуқуқи инсонҳоеро, ки ба ин ақаллиятҳо мутааллиқанд, дар баробарӣ дар назди қонун эҳтиром мегузоранд, ба онҳо имкони кофӣ медиҳанд, ки аз ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ истифода баранд ва ба ҳамин минвол аз манфиатҳои қонунии онҳо дар ин замина дифоъ мекунанд.

Давлатҳои иштирокчӣ аҳамияти фарогири ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосиро, ки эҳтиром аз онҳо аз омилҳои муҳими сулҳ, адолат ва рифоҳ буда, барои таъмини муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории миёни онҳо ва низ миёни тамоми давлатҳо зарур мебошад, эътироф мекунанд.

Онҳо ба ин ҳуқуқ ва озодиҳо дар муносибатҳои миёни якдигар доимо эҳтиром мегузоранд, якҷоя ва мустақилона, ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ба мақсади мусоидат ба эҳтироми ҳамагонӣ ва самарабахши онҳо кӯшиш ба кор мебаранд.

Онҳо ҳаққи ашхосро дар хусуси донистани ҳуқуқ ва вазифаҳояшон дар ин соҳа ва мувофиқи он рафтор кардан тасдиқ мекунанд.

Дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ давлатҳои иштирокчӣ тибқи аҳдоф ва принсипҳои Низомномаи СММ ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башар амал мекунанд. Онҳо инчунин ӯҳдадориҳои худро ба гунае, ки дар эъломияҳои ва созишномаҳои байналмилалӣ дар ин соҳа, аз ҷумла, Паймонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи башар, агар ба он пайвастагӣ дошта бошанд, муқаррар гаштааст, иҷро мекунанд.

VIII. Баробарҳуқуқӣ ва ҳуқуқи халқҳо дар сохтани сарнавишти хеш

Давлатҳои иштирокчӣ ҳамеша тибқи аҳдоф ва принсипҳои Низомномаи СММ ва меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи байналмилалӣ, бо шумули онҳое, ки ба тамомияти арзии давлатҳо дахл доранд, амал карда, ба баробарӣ ва ҳуқуқи халқҳо дар сохтани сарнавишти хеш эҳтиром мегузоранд.

Бо назардошти принсипи баробарҳуқуқӣ ва ҳуқуқи халқҳо ба-

рои сохтани сарнавишти хеш, тамоми халқҳо ҳамеша ҳақ доранд дар шароити комилан озод, кадом вақте ва чи тавре мехоҳанд, вазъи сиёсии дохилӣ ва хориҷии худро бе дахолат аз берун муайян созанд, рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худро тибқи салоҳдиди худ амалӣ кунанд.

Давлатҳои иштирокчӣ аҳамияти ҳамагонии эҳтиром ва амалисозии самарабахши баробарҳуқуқӣ ва ҳуқуқи халқҳоро дар сохтани сарнавишти худ барои рушди муносибатҳои дӯстонаи миёни онҳо ва ҳамчунин миёни ҳамаи давлатҳо тасдиқ мекунанд; онҳо ҳамчунин муҳим будани истисно кардани ҳама гуна шакли вайрон кардани ин принсипро таъкид мекунанд.

IX. Ҳамкории миёни давлатҳо

Давлатҳои иштирокчӣ ҳамкориро бо якдигар ва ҳамчунин бо ҳамаи давлатҳо дар тамоми соҳаҳо тибқи аҳдоф ва принсипҳои Низомномаи СММ инкишоф медиҳанд. Ҳамкории худро тавсеа бахшида, давлатҳои иштирокчӣ ба он соҳаҳое аҳамияти махсус медиҳанд, ки дар чаҳорчӯбаи Ҷаласаи амният ва ҳамкории Аврупо муайян гаштаанд, зимнан ҳар кадоме аз онҳо дар асоси баробарии комил саҳми худро мегузоранд.

Ҳамкории худро дар асоси баробарӣ инкишоф дода, онҳо мекӯшанд, ки ба якдигарфаҳмиву боварӣ, муносибатҳои дӯстона ва неки ҳамсоягӣ бо якдигар, сулҳи байналмилалӣ, амният ва адолат мусоидат кунанд. Онҳо ба таври баробар мекӯшанд, ки бо густариш додани ҳамкориҳои миёни худ некӯаҳволии халқҳоро баланд бардоранд ва ба амалӣ намудани орзуву омоли онҳо бо истифодаи, минҷумла, манфиате, ки аз шиносоии афзунёбандаи мутақобила ва пешравию дастовардҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт, илм, техника, иҷтимоиёт, фарҳанг ва инсонӣ падид меояд, мусоидат кунанд. Онҳо барои мусоидат намудан ба чунон шароите, ки суди ин корҳо ба ҳама расад, кӯшиш ба харҷ хоҳанд дод; онҳо манфиатҳои ҳамаро барои кам кардани тафовутҳо дар сатҳи рушди иқтисодиёт, аз ҷумла, манфиатҳои кишварҳои рӯ ба тараққиро дар тамоми дунё ба эътибор хоҳанд гирифт.

Онҳо тасдиқ мекунанд, ки ҳукуматҳо, муассисаҳо ва одамон дар мусоидат намудан дар дастёбӣ ба ин ҳадафҳои ҳамкориҳояшон метавонанд нақши муносиб ва мусбат бозанд.

Онҳо мекӯшанд, ки ҳамкории худро тавсеа бахшида, чӣ тавре ки дар боло муайян гашт, муносибатҳои миёни худро дар заминаи бехтару устувортар ба манфиати тамоми халқҳо инкишоф диҳанд.

X. Иҷрои софдилонаи ӯҳдадориҳо оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ

Давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадориҳои худро оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳамчунин ӯҳдадориҳоеро, ки аз принсип ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ падид меоянд, инчунин ӯҳдадориҳоеро, ки аз аҳдномаҳо ва дигар созишномаҳои мутобиқ ба ҳуқуқи байналмилалӣ, ки онҳо иштирокчии онҳо мебошанд, софдилона иҷро мекунанд.

Зимни амалисозии ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии худ, бо шумули ҳуқуқи муайян намудани қонунҳо ва қоидаҳои маъмурии худ, онҳо бо ӯҳдадориҳои ҳуқуқиашон оид ба ҳаққуқи байналмилалӣ мувофиқ гардонда мешаванд; ғайр аз ин, онҳо муқаррароти Санади ниҳоии Ҷаласаи амният ва ҳамкории Аврупоро ба таври даркорӣ ба эътибор мегиранд ва иҷро мекунанд.

Давлатҳои иштирокчӣ тасдиқ менамоянд, ки дар ҳолати пайдо кардани ихтилоф миёни ӯҳдадориҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид оид ба Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид бо ӯҳдадориҳои онҳо аз рӯи ягон тавофуқнома ё созишномаи дигари байналмилалӣ, ӯҳдадориҳои онҳо дар назди Низомнома тибқи моддаи 103-и Низомномаи СММ қувваи афзалиятнок пайдо мекунанд.

Тамоми принсипҳои дар боло овардашуда аҳамияти аввалиндараҷа доранд ва аз ин ҷо, зимни шарҳу тафсир онҳо бо назардошти муқаррароти ҳар як принсип бо принсипҳои дигар як хел ва дақиқан ба кор бурда мешаванд.

Давлатҳои иштирокчӣ тасмим мегиранд, ки ба ин принсипҳо эҳтиром гузоранд ва онҳоро ба он гунае, ки дар ин Эъломия баён шудаанд, дар тамоми ҷанбаҳои муносибатҳо ва ҳамкориҳои и мутақобила истифода мебаранд, то ҳар як давлати иштирокчиро бо авлавиятҳое таъмин кунанд, ки аз эҳтиром ва истифодаи ин принсипҳо аз тарафи ҳама падид меоянд.

Давлатҳои иштирокчӣ, бо назардошти усулҳои дар боло овардашуда ва, аз ҷумла, ифодаи аввали принсипи даҳум «Иҷрои софдилонаи ӯҳдадориҳо оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ», қайд мекунанд, ки ин Эъломия ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо, ҳамчунин ба тавофуқнома, созишнома ва дигар аҳдномаҳо дахл намекунад.

Давлатҳои иштирокчӣ изҳори боварӣ мекунанд, ки эҳтироми ин усул ба густариши муносибатҳои муътадилу дӯстона ва пешравии ҳамкориҳои миёни онҳо дар ҳама соҳаҳо мусоидат хоҳад

кард. Онҳо инчунин изҳори боварӣ мекунанд, ки эҳтироми ин принсипҳо ба густариши алоқаҳои сиёсӣ ва ба ин васила, фаҳмиши беҳтари онҳо аз мавқеъ ва назари якдигар мусоидат хоҳад кард.

Давлатҳои иштирокчӣ аз нияти худ дар хусуси амалӣ намудани муносибатҳояшон бо дигар давлатҳо дар рӯҳи принсипҳое, ки дар ин Эъломия баён шудаанд, эълом медоранд.

b) Масъалаҳое, ки ба татбиқ намудани баъзе принсипҳои дар боло баёнгашта марбутанд

i) Давлатҳои иштирокчӣ,

бо тасдиқи он, ки онҳо ба муқаррарот дар хусуси истифода набурдани зӯрӣ ё таҳдид аз роҳи зӯрӣ эҳтиром мегузоранд ва онро дар ҳаёт татбиқ менамоянд ва мӯътақид ба он ки зарурати муассир гардондани он бо қонуни ҳаёти байналмилалӣ вуҷуд дорад,

эълом медоранд, ки дар муносибатҳояшон бо ҳамдигар аз ҷумла нисбат ба муқаррароти зерин, ки мувофиқ ба Эъломияи принсипҳое мебошанд, ки давлатҳои иштирокчӣ дар муносибатҳои мутақобилаи худ ба роҳбарӣ мегиранд, эҳтиром гузошта, онҳоро иҷро мекунанд:

- Ӯҳдадориро дар хусуси худдорӣ кардан аз таҳдид ва ё истифодаи он дар муносибат бо якдигар дар ҳаёт татбиқ сохтан ва онро бо тамоми роҳҳо ва дар тамоми шаклҳое, ки онҳо маъқул мешуморанд, баён кардан.
- Аз ҳар гуна истифодабарии қувваи мусаллаҳона, ки бо ҳадафҳо ва принсипҳои Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид ва муқаррароти Эъломияи принсипҳое, ки давлатҳои иштирокчӣ дар муносибатҳои мутақобилаи худ ба роҳбарӣ мегиранд, созгор нест, ба муқобили дигар давлати иштирокчӣ, махсусан аз таҷовуз кардан ё ҳамла кардан ба ҳудуди он худдорӣ кардан.
- Худдорӣ кардан аз тамоми зуҳуроти зӯрӣ ба мақсади маҷбур намудани дигар давлати иштирокчӣ барои даст кашидан аз амалисозии комили ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии он.
- Худдорӣ кардан аз ҳар гуна амали маҷбурсозии иқтисодӣ, ки барои ба манфиатҳои худ тобеъ намудани дигар давлати иштирокчӣ дар амалӣ намудани ҳуқуқҳои хоси истиқлолияташ равона карда шудааст ва бо ин роҳ худро бо ҳар гуна афзалият таъмин намудан.
- Амалӣ кардани чораҳои муассире, ки ба шарофати фарогирӣ ва хусусиятҳояш аз он иқдомҳое мебошанд, ки дар ниҳоят таҳти назорати байналмилалии ҷиддӣ ва самарабахш ба самти халъи силоҳи ҳамагонӣ ва комил оварда мерасонанд.
- Бо тамоми василаҳое, ки ҳар яке аз онҳо барои худ

маъқул мешуморад, мусоидат намудан ба эҷоди фазои боварӣ ва эҳтироми миёни халқҳо, ки ба ӯҳдадории онҳо дар хусуси худдорӣ намудан аз таблиғи ҷангҳои таҷовузгарона ё ҳар гуна истифодабарии қувва ба муқобили дигар давлати иштирокчӣ, ки ба ҳадафҳои Созмони Милал ва Эъломияи принсипҳое, ки давлатҳои иштирокчӣ дар муносибатҳои мутақобилаи худ ба роҳбарӣ мегиранд, созгор нест.

- Ба кор бурдани тамоми кӯшишҳо барои он ки тамоми муноқишаҳои миёни онҳо танҳо бо роҳҳои осоишта ҳалли худро ёбад, ки идомаи онҳо метавонад ба нигоҳдории сулҳи байналмилалӣ ва амният дар Аврупо таҳдид созад ва пеш аз ҳама кӯшиш бояд намуд, ки муноқишаҳо бо он роҳҳои осоиштае ҳал карда шаванд, ки дар банди 33 Низомномаи СММ зикр гаштаанд.
- Худдорӣ намудан аз ҳар гуна амале, ки метавонад ҳалли осоиштаи муноқишаҳои миёни давлатҳои иштирокчиро мушкил гардонад.

ii) Давлатҳои иштирокчӣ,

бо тасдиқи азми худ дар хусуси ҳалли муноқишаҳои худ он тавре, ки дар принсипи ҳалли мусолиматомези муноқишаҳо муайян гаштааст;

мӯътақид бар он ки ҳалли мусолиматомези муноқишаҳо иловаест ба истифода набурдани зӯрӣ ё таҳдид бо роҳи зӯрӣ, зимнан ҳар дуи ин омилҳо барои нигоҳдорӣ ва таҳкими сулҳу амният фавқулода набошанд ҳам, ҷиддӣ мебошанд;

моил ба он ки василаҳои дар ихтиёри онҳо будаи ҳалли мусолиматомези муноқишаҳоро таҳким ва такмил бахшанд;

1. Азми қавӣ доранд, ки баррасӣ ва таҳияи усули қобили қабули ҳамагонии усули ҳалли мусолиматомези муноқишаҳоро, ки ба пурра кардани василаҳои мавҷуда равона гардидааст, ва бо ин мақсад корро аз рӯи «Лоиҳаи аҳднома оид ба низоми Аврупоии ҳалли мусолиматомези муноқишаҳо», ки Швейтсария дар марҳалаи дуввуми Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо пешниҳод кардааст ва инчунин оид ба дигар пешниҳодҳое, ки ба он марбут мебошанд ва ба тарҳрезии чунин усул равона гаштаанд, идома диҳанд.
2. Қарор қабул мекунанд, ки бо таклифи Швейтсария ҷаласаи коршиносони тамоми давлатҳои иштирокчиро ба мақсади иҷрои вазифаҳое, ки дар банди 1 зикр ёфтаанд, дар чаҳорчӯба ва зимни риояи расмиёти иқдомҳои минбаъда баъд аз Ҷаласа, ки дар фасли «Иқдомҳои минбаъдаи баъди Ҷаласа» баён гаштаанд, даъват

хоҳад шуд.

3. Ин ҷаласаи коршиносон баъд аз мулоқоти намояндагоне, ки вазирони корҳои хориҷии давлатҳои иштирокчӣ таъйин месозанд ва тибқи фасли «Иқдомҳои минбаъдаи баъди Ҷаласа» дар соли 1977 ба нақша гирифта шудааст, баргузор мегардад; натиҷаҳои кори ин ҷаласаи коршиносон ба ҳукуматҳо пешниҳод хоҳанд гашт.

2.

Ҳуҷҷат оид ба чораҳои таҳкими боварӣ ва баъзе ҷанбаҳои амният ва халъи силоҳ

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо нияти бартараф намудани сабабҳои шиддат, ки метавонад миёни онҳо вуҷуд дошта бошад ва бо ҳамин роҳ саҳм гузоштан дар таҳкими сулҳ ва амният дар ҷаҳон;

бо азми таҳкими боварии миёни якдигар ва бо ин васила мусоидат намудан ба устувории суботу амният дар Аврупо;

бо азми он ки инчунин дар муносибатҳои байни якдигар ва умуман муносибатҳои байналмилалии онҳо аз истифодаи зӯрӣ ё таҳдид бо роҳи зӯрӣ чӣ ба муқобили тамомияти марзӣ ё истиқлолияти сиёсии ҳар гуна давлат, чӣ бо роҳҳои дигар, ки бо Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид ва муқаррароти Эъломияи принсипҳои дар ин Санади ниҳоӣ қабулшуда, ки давлатҳои иштирокчӣ дар муносибатҳои мутақобилаи худ ба роҳбарӣ мегиранд, созгор нестанд, худдорӣ мекунанд;

бо эътирофи зарурати мусоидат намудан ба камшавии хатари муноқишаи мусаллаҳона, фаҳмиши нодуруст ё баҳодиҳии нодуруст ба фаъолияти ҳарбӣ, ки метавонад нигаронӣ ба амал орад, аз ҷумла, дар шароите, ки давлатҳои иштирокчӣ дар бораи хусусияти чунин фаъолият иттилои равшан ва саривақтӣ надоранд;

бо таваҷҷӯҳ зоҳир намудан ба мулоҳизаҳои марбут ба кӯшишҳое, ки ба паст намудани шиддат ва мусоидат ба халъи силоҳ равона гаштаанд;

бо эътирофи он ки табодул ва даъват намудани нозирон ба машқҳои ҳарбӣ ба робитаҳо ва ягдигарфаҳмӣ мусоидат менамояд;

масъаларо оид ба пешакӣ огоҳ намудан дар хусуси ҳаракати

калони қушӯнҳо ба хотири таҳкими боварӣ омӯхта;

бо эътирофи он ки василаҳои дигаре вуҷуд доранд, ки тавассути онҳо давлатҳои алоҳида метавонанд ба таври иловагӣ барои расидан ба ҳадафҳои муштарак саҳм гузоранд;

мӯътақид ба аҳамияти сиёсӣ доштани огоҳонидани пешакӣ дар бораи машқҳои калони ҳарбӣ барои мусоидат намудан ба якдигарфаҳмӣ ва таҳкими боварӣ, субот ва амният;

бо бар дӯш гирифтани масъулияти ҳар яке аз онҳо, то ки барои ба ин ҳадафҳо расидан ва амалӣ намудани ин тадбир тибқи меъёр ва шароити мувофиқаткардашуда, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо муҳим аст, мусоидат намоянд;

бо эътироф кардани он ки ин тадбир аз қарори сиёсӣ бармеояд ва заминаи ихтиёрӣ дорад;

зеринро қабул карданд:

I

Огоҳсозии пешакӣ дар бораи машқҳои ҳарбии калон

Онҳо дар хусуси машқҳои ҳарбии калон тамоми давлатҳои иштирокчиро бо роҳҳои муқарарии дипломатӣ тибқи муқаррароти зерин огоҳ месозанд:

Огоҳиҳо дар хусуси машқҳои калони ҳарбии қушӯнҳои хушкигарди теъдоди умумиашон зиёда аз 25 000 одам, ки мустақилона ё якҷоя бо ҷузъҳои дилхоҳи имконпазири ҳарбӣ-ҳавоӣ ё ҳарбӣ-баҳрӣ (дар ин қарина калимаи «қушӯн» қушӯнҳои амфибӣ ва ҳавоӣ-десантиро дар бар мегирад) гузаронида мешаванд, дода мешавад. Дар ҳолати машқҳои мустақилонаи амфибӣ ё ҳавоӣ-десантӣ, ё машқҳои муштараке, ки онҳо иштирок мекунанд, ин қушӯнҳо низ ба ин шумора ҳамроҳ карда мешаванд. Огоҳсозиҳо метавонанд инчунин дар ҳолати машқҳои муштараке, ки ба ин теъдод намерасанд, аммо дар онҳо қушӯнҳои хушкигард бо теъдоди чашмраси қушӯнҳои амфибӣ ё ҳавоӣ-десантӣ ва ё ҳам ину ҳам он иштирок мекунанд, анҷом дода шаванд.

Огоҳиҳо дар хусуси машқҳои калони ҳарбӣ, ки дар Аврупо дар ҳудуди яке аз давлатҳои иштирокчӣ ва инчунин агар қобили истифода бошад, дар минтақаи ҳамҳудуди баҳрӣ ва ҳавоӣ гузаронида мешаванд, дода мешаванд.

Дар ҳолате ки агар ҳудуди давлатҳои иштирокчӣ аз ҳудуди Аврупо берун мебарояд, огоҳиҳои пешакӣ танҳо дар бораи он машқҳое дода мешаванд, ки онҳо дар масофаи 250 км аз сарҳади он гузаронида мешаванд, ки ба тарафи дилхоҳ давлати иштирокчии аврупоӣ ё бо он умумӣ нигаронида шудааст, аммо барои давлати иштирокчӣ зарурат вуҷуд надорад, ки огоҳӣ диҳад дар сурате ки ин минтақа ба он сарҳадҳои он мерасад, ки ба тарафи давлати ғайриаврупоии ғайрииштирокчӣ ё бо он умумӣ нигаронида шудааст.

Огоҳиҳо қабл аз 21 рӯз ё зиёд аз он то саршавии машқҳо ё дар фурсати наздиктарин то мӯҳлати саршавии он, агар машқ ба мӯҳлати кӯтоҳтар таъйин гардад, равон карда мешаванд.

Огоҳиҳо иттилоъро дар хусуси номгузорӣ, агар ба он ном гузошта шавад, ҳадафи умумии машқ, давлатҳои дар он иштироккунанда, навъ ё навъҳо ва теъдоди қушӯнҳои иштироккунанда, минтақа ва мӯҳлати пешбинишудаи гузаронидани он дар бар мегирад. Давлатҳои иштирокчӣ инчунин, агар имконпазир бошад, иттилои дахлдори иловагӣ низ медиҳанд, аз ҷумла, масалан, дар бораи ҷузъҳои қувваҳои иштироккунанда ва замони ҷалби ин қувваҳо.

Огоҳсозии пешакӣ дар бораи дигар машқҳои ҳарбӣ

Давлатҳои иштирокчӣ эътироф мекунанд, ки онҳо метавонанд ба таҳкими минбаъдаи боварӣ ва устуворсозии амният ва субот мусоидат намоянд ва ба ин мақсад метавонанд инчунин дар бораи машқҳои ҳарбии ҳаҷмашон хурд давлатҳои иштирокчии дигар, махсусан он давлатҳоеро, ки дар наздикии минтақаи гузаронидани чунин машқҳо ҷойгир шудаанд, огоҳ созанд.

Ба ин мақсад давлатҳои иштирокчӣ ҳамчунин эътироф мекунанд, ки онҳо метавонанд дар хусуси дигар машқҳои ҳарбӣ низ огоҳӣ фиристанд.

Табодули нозирон

Давлатҳои иштирокчӣ аз дигар давлатҳои иштирокчӣ ба таври ихтиёрӣ ва дар асоси дуҷониба, дар рӯҳи якдигарфаҳмӣ ва иродаи нек дар нисбати тамоми давлатҳои иштирокчӣ даъват ба амал хоҳанд овард, то нозиронро барои ҳузур дар машқҳои ҳарбӣ равона созанд.

Давлати даъваткунанда дар ҳар як ҳолат теъдоди нозирон, тартиб ва шартҳои иштироки онҳоро муайян ва дигар иттилоотеро,

ки муфид мешуморад, пешниҳод хоҳад кард. Он шароити лозимиро таъмин намуда, меҳмондориро ба ҷо хоҳад овард.

Даъватномаҳо бо роҳҳои оддии дипломатӣ дар мӯҳлатҳои саривақтии имконпазир равона карда хоҳанд шуд.

Огоҳсозии пешакӣ дар бораи ҷойивазкунии калони қушӯнҳо

Тибқи Тавсияҳои ниҳоии машваратҳои Хелсинки давлатҳои иштирокчӣ масъалаи огоҳисозии пешакиро дар бораи ҷойивазкунии калони қушӯнҳо ба сифати чораи таҳкими боварӣ омӯхтанд.

Мутобиқан давлатҳои иштирокчӣ эътироф мекунанд, ки онҳо метавонанд бо ихтиёри худ ва ба мақсади мусоидат ба таҳкими боварӣ, дар бораи ҷойивазкунии қушӯнҳои худ огоҳӣ диҳанд.

Дар ҳамин рӯҳия аз тарафи давлатҳои иштирокчии Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо баррасии минбаъдаи масъалаи огоҳсозии пешакӣ дар бораи ҷойивазкунии қушӯнҳо ба сомон расонда хоҳад шуд, аз ҷумла бо дар назар доштани таҷрибае, ки дар рафти амалисозии чораҳои дар ин ҳуҷҷат баёнгашта ба даст омадааст.

Чораҳои дигари таҳкими боварӣ

Давлатҳои иштирокчӣ эътироф мекунанд, ки воситаҳои дигаре мавҷуданд, ки тавассути онҳо ба ҳадафҳои асосӣ мусоидат кардан мумкин аст.

Аз ҷумла, онҳо бо назардошти ҳусни муносибатҳои якдигарӣ ва ба мақсади якдигарфаҳмии беҳтар ба табодули даъвати якдигарии шахсони ҳарбӣ бо дар бар гирифтани сафари ҳайатҳои ҳарбӣ мусоидат хоҳанд намуд.

* * *

Барои пурратар гардондани саҳм дар ҳадафи умумии онҳо, ки таҳкими боварӣ мебошад, давлатҳои иштирокчӣ бо амалӣ сохтани фаъолияти ҳарбии худ дар минтақае, ки муқаррарот дар хусуси огоҳсозии пешакӣ дар бораи машқҳои калони ҳарбӣ онро фаро гирифтааст, ин ҳадафро ба таври лозимӣ ба эътибор мегиранд ва ба он эҳтиром мегузоранд.

Онҳо ҳамчунин эътироф мекунанд, ки таҷрибае, ки дар натиҷаи амалисозии муқаррароти дар боло баёншуда ба даст омадааст, якҷоя бо кӯшишҳои баъдӣ метавонист ба рушд ва тав-

сеаи чораҳое, ки ба таҳкими бовариҳ равона шудаанд, оварда расонад.

II

Масъалаҳои марбут ба халъи силоҳ

Давлатҳои иштирокчӣ таваҷҷӯҳи ҳамаи онҳоро барои кӯшишҳое, ки ба камсозии муқовимати ҳарбӣ ва ба мусоидат намудан ба халъи силоҳ, ки бояд пастшавии шиддати сиёсиро дар Аврупо пурра кунад ва амнияти онҳоро мустаҳкам созад, равона шудаанд, эътироф мекунанд. Онҳо ба зарурати қабули чораҳои самарабахш дар ин соҳаҳо, ки ба шарофати фарогирӣ ва хусусияташон иқдомҳое мебошанд, ки дар ниҳоят таҳти назорати ҷиддӣ ва самарабахши байналмилалӣ ба ноил шудан ба халъи силоҳи ҳамагонӣ ва комил, таҳкими сулҳ ва амният дар тамоми дунё хоҳанд расонд, мӯътақиданд.

III

Мулоҳизаҳои умумӣ

Андешаҳоеро, ки аз рӯи масъалаҳои мухталиф ба таҳкими амният дар Аврупо бо роҳи кӯшишҳои якҷоя таалуқ доранд ва ба мусоидат намудан ба пастшавии шиддат ва халъи силоҳ равона шудаанд, баррасӣ намуда, давлатҳои иштирокчӣ, вақте онҳо ба ин кӯшишҳо ҷалб карда мешаванд, дар ин замина, аз ҷумла, аз мулоҳизаҳои ҷиддии зер бармеоянд:

- хусусияти якдигарро пуррасозии ҷанбаҳои сиёсӣ ва ҳарбии амният;
- таносуби байниҳамдигарии миёни амнияти ҳар як давлати иштирокчӣ ва амният дар Аврупо дар маҷмӯъ ва таносубе, ки дар заминаи васеътари амнияти умумиҷаҳонӣ миёни амният дар Аврупо ва амният дар минтақаи Баҳри Миёназамин вуҷуд дорад;
- эҳтироми манфиатҳои амниятии тамоми давлатҳои иштирокчии Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ки ба баробарии истиқлолиятии онҳо хос аст;
- муҳим будани он ки иштирокчиёни анҷуманҳое, ки дар онҳо гуфтушунидҳо мераванд, дар хусуси ба дигар давлатҳои иштирокчии Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар асоси мувофиқ додани иттилоот дар бораи рушди лозимӣ, пешравӣ ва натиҷаҳо ғамхорӣ зоҳир намоянд ва аз тарафи дигар, воқеан мутаваҷҷеҳ будани ҳар яке аз давлатҳо ба он ки мулоҳизаҳои он баррасӣ гарданд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодиёт, илму техника ва муҳити зист

Давлатҳои иштирокчӣ,

мӯътақид бар он ки кӯшишҳои ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи савдо, саноат, илм ва техника, муҳити зист ва инчунин дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ равонашудаи онҳо ба таҳкими сулҳ ва амният дар Аврупо ва тамоми ҷаҳон мусоидат хоҳанд кард,

бо эътирофи он ки ҳамкорӣ дар ин соҳаҳо ба пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ ва беҳтаргардонии шароити зиндагӣ мусоидат мекунад,

бо дарки тафовут дар низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо,

бо тасдиқи омодагии худ баҳри муттасилгардонии чунин ҳамкорӣ бо якдигар новобаста аз низомҳои онҳо,

бо эътирофи он ки чунин ҳамкорӣ бо назардошти тафовут дар сатҳи рушди иқтисодӣ метавонад дар асоси баробарӣ ва қонеъсозии мутақобилаи шарикон ва ҳусни якдигарфаҳмӣ инкишоф ёбад, ки ин имкон медиҳад дар маҷмӯъ фоида ва ӯҳдадориҳо дар ҳаҷми қиёсӣ бо риояи созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба одилона тақсим шаванд,

бо назардошти манфиатҳои давлатҳои инкишофёбанда дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла, дар миёни давлатҳои иштирокчӣ, чун аз назари иқтисодӣ онҳо дар сатҳи инкишофёбанда қарор доранд, бо тасдиқи омодагии худ дар ҳамкорӣ баҳри расидан ба ҳадафу вазифаҳое, ки аз тарафи сохторҳои дахлдори Созмони Милали Муттаҳид дар ҳуҷҷатҳо дар мавриди рушд гузошта шудаанд, бо фаҳмиши он ки ҳар як давлати иштирокчӣ ба мавқеи майл дорад, ки онро ишғол кардааст; бо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардан ба давлатҳои камтар инкишофёфта,

мӯътақид бар он ки вобастагии мутақобилаи иқтисодии афзоянда дар ҷаҳон ба кӯшишҳои муштараки муассиртаре дар ҳалли мушкилиҳои асосии хоҷагии ҷаҳонӣ, ба монанди озуқаворӣ, энергетикӣ, маводи хом, арзӣ-молиявӣ водор месозад ва бо ҳамин васила зарурати ҳамкориро дар рушди муносибатҳои устувор ва одилонаи байналмилалии иқтисодӣ таъкид месозад, ки метавонист ба инкишофи дарозмуддат ва ҳаматарафаи иқтисодии тамоми кишварҳо мусоидат кунад,

бо назардошти коре, ки созмонҳои дахлдори байналмилалӣ анҷом додаанд ва бо майли он ки аз имкониятҳои муҳайё намуд-

даи ин созмонҳо, аз ҷумла, Комисияи аврупоии иқтисодӣ барои дар ҳаёт татбиқ намудани муқаррароти санадҳои ниҳоии Ҷаласа истифода бурда шавад,

бо чунин ҳисобидан ки самтҳои асосӣ ва тавсияҳои мушаххасе, ки дар матнҳои зер омадаанд, мақсад доранд, ки ба рушди минбаъдаи муносибатҳои мутақобилаи иқтисодии онҳо мусоидат намоянд ва чун мӯътақиданд, ки ҳамкории онҳо дар ин соҳа бояд бо риояи пурраи принсипҳое амалӣ шавад, ки муносибатҳои миёни давлатҳои иштирокчиро он гуна ки дар ҳуҷҷати дахлдор баён шудааст, ба танзим медарорад,

зеринро қабул карданд:

1. Савдо

Муқаррароти умумӣ

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо дарки нақши афзояндаи савдои байналмилалӣ чун яке аз омилҳои муҳими болоравии иқтисодӣ ва пешрафти иҷтимоӣ,

бо эътирофи он ки савдо яке аз соҳаҳои асосии ҳамкории онҳо мебошад ва бо назардошти он ки муқаррароти дар дебочаи боло омада, аз ҷумла, дар ин соҳа ба кор бурда мешавад,

бо ҳисобидани он ки ҳаҷм ва сохтори савдо миёни давлатҳои иштирокчӣ на дар ҳама ҳолатҳо ба имониятҳое, ки сатҳи имрӯзаи инкишофи иқтисодӣ-техникии онҳо мекушояд, ҷавобгӯ мебошад,

азм доранд, ки дар асоси модалияти ҳамкории иқтисодии онҳо ба тавсеаи савдои байни онҳо ва табодули хидматгузориҳо мусоидат намоянд ва барои чунин инкишоф шароити мусоид фароҳам оранд;

таъсири самаранокро ба савдо эътироф мекунанд, ки метавонад натиҷаи ба кор бурдани низоми бештар мусоид бошад;

тавсеаи савдоро дар нақшаҳои ҳасбалимкон васеътар ташвиқ мекунанд ва зимни ин кӯшиш ба кор хоҳанд бурд, ки аз имкониятҳои мухталифи савдоиву иқтисодӣ истифода баранд;

аҳамияти созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байниҳукуматиро барои рушди савдо дар мӯҳлатҳои дароз эътироф мекунанд,

аҳамияти масъалаҳои арзӣ-молиявиро барои рушди савдои байналмилалӣ қайд мекунанд ва кӯшиш ба кор хоҳанд бурд, то онҳоро чунон ҳал намоянд, ки ба болоравии устувори гардиши мол мусоидат кунанд;

кӯшиш ба кор хоҳанд бурд, ки ҳар гуна монеаҳоро дар роҳи рушди савдо кам кунанд ё тадриҷан бартараф созанд;

бо ҳаддалимкон гурез ҷустан аз калавишҳои якбора дар гардиши молҳояшон ба болоравии устувори савдо мусоидат хоҳанд кард;

чунин мешуморанд, ки савдои онҳо бо молҳои мухталиф бояд чунон ба роҳ монда шавад, ки ба бозорҳои дохилии ин молҳо хасорати ҷиддӣ ва ё таҳдиди хасорати ҷиддӣ ворид насозанд, дар ҳолатҳои алоҳида ба ҳалали низоми бозорҳо, аз ҷумла ба зарари истеҳсолкунандагони молҳои монанд ё молҳои бевосита рақобаткунанда роҳ надиҳанд; дар масъалаи мафҳуми ҳалали низоми бозор инро дар назар доранд, ки он наметавонад сарфи назар аз муқаррароти созишномаҳои байналмилалии онҳо истифода бурда шавад; агар онҳо ба тадбирҳои муҳофизатӣ рӯ оранд, пас бояд тибқи ӯҳдориҳояшон дар ин соҳа амал кунанд, ки аз созишномаҳои байналмилалӣ, ки онҳо яке аз тарафҳо мебошанд, бармеояд ва манфиатҳои тарафҳои дахлдорро ба эътибор мегиранд;

ба чораҳо оид ба рушди савдо ва диверсификатсияи сохторҳои он диққати лозимӣ хоҳанд дод;

қайд мекунанд, ки болоравӣ ва диверсификатсияи савдо метавонад ба тавсеаи имкониятҳои интихоби молҳо мусоидат кунад;

бунёди шароити мусоидро барои иштироки ширкатҳо, созмонҳо ва муассисаҳо дар инкишофи савдо мувофиқи матлаб мешуморанд.

Робитаҳои корӣ ва имкониятҳо

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо дарки муҳим будани саҳме, ки беҳтаршавии тамосҳои корӣ ба робитаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва ҳамроҳи он болоравии боварӣ дар муносибатҳои корӣ ворид сохта метавонанд,

чораҳое хоҳанд дид, ки ба беҳтаршавии минбаъдаи шароит барои тавсеаи робитаҳои миёни сарварони мақомоти расмӣ, созмонҳои мухталиф, муассисаҳо, ширкату банкҳо, ки ба тиҷорати берунӣ машғуланд, аз ҷумла дар ҷое, ки он қобили қабул аст, миёни фурӯшандагон ва истеъмолгарони молҳо ва хидматгузориҳо ба мақсади омӯхтани имкониятҳои савдо, бастани шартномаҳо, таъмини фурӯши онҳо ва амалисозии хизматрасонии баъди фурӯш мусоидат намоянд;

чораҳоеро, ки барои суръат бахшидан ба баргузории гуфтушунидҳои корӣ аз тарафи созмонҳо, муассисаҳо ва ширкатҳои машғули тиҷорати берунӣ андешида мешаванд, ташвиқ карда хоҳанд шуд;

ғайр аз ин, чораҳое дида мешаванд, ки ба беҳтаршавии шароит барои фаъолияти намояндагони созмонҳои хориҷӣ, муассисаҳо, ширкату банкҳо, ки машғули тиҷорати беруниянд, равона шудаанд, аз ҷумла, бо роҳи:

- пешниҳод намудани иттилои зарурӣ, бо шумули иттилоъ оид ба қонунгузорӣ ва тартиби ифтитоҳ ва фаъолияти намояндагиҳо аз тарафи созмонҳои дар боло зикршуда;
- ҳасбалимкон ба таври мусбӣ баррасӣ намудани хоҳишҳо дар хусуси таъсиси намояндагиҳои доимӣ ва дафтарҳо ба ин мақсад, аз ҷумла, дар ҳолатҳои дахлдор ифтитоҳи дафтарҳои муштарак аз тарафи ду ё чанд ширкат;
- мусоидат дар муҳайё намудани меҳмонхона, воситаҳои алоқа ва дигар хизматҳои зарурӣ, инчунин мавзеъҳои хидматӣ ва манзилии мувофиқ бо шартҳои ҳасбалимкон мусоид ва барои ҳамаи намояндагони созмонҳои мазкур баробар барои намояндагиҳои доимӣ;

аҳамияти чунин чораҳоро дар мусоидат намудан барои иштироки васеи ширкатҳои хурду миёна дар савдои миёни давлатҳои иштирокчӣ қайд мекунанд.

Иттилооти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо дарки нақши афзояндаи иттилои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар рушди савдои байналмилалӣ,

бо ба ҳисоб гирифтани он ки иттилои иқтисодӣ аз рӯи хусусияти худ бояд таҳлили лозимии бозорҳо ва тарҳрезии пешгӯиҳои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлатро таъмин месохт ва бо ин роҳ ба барқарорсозии ҷараёни устувори савдоӣ ва истифодаи беҳтари имкониятҳои савдоӣ мусоидат мекард,

бо изҳор доштани омодагӣ барои беҳтар сохтани сифат ва тавсеа додани ҳаҷм ва паҳн намудани иттилои иқтисодӣ ва маъмурии дахлдор,

чунин мешуморанд, ки арзиши маълумотҳои оморӣ аз нигоҳи байналмилалӣ аз бисёр ҷиҳат аз муқоисапазир будани онҳо вобаста аст,

ба нашр ва паҳн намудани иттилои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ба таври доимӣ ва дар мӯҳлатҳои ҳасбалимкон кӯтоҳтарин мусоидат менамоянд, аз ҷумла дар бораи:

- маълумоти оморӣ дар бораи истеҳсол, даромади миллӣ, бӯҷа, эҳтиёҷот, маҳсулнокии меҳнат;
- маълумоти оморӣ дар бораи тиҷорати берунӣ, ки дар асоси таснифоти миёни якдигар муқоисашаванда тартиб дода мешаванд, бо ҷудо намудан аз рӯи молҳо, бо ишора намудан ба ҳаҷм ва арзиш ва инчунин кишварҳои баромад ва таъйин;
- қонунҳо ва дастурҳое, ки ба тиҷорати беруна дахл доранд;
- иттилое, ки барои пешгӯиҳои иқтисодӣ ба мақсади мусоидат ба рушди савдо, масалан, иттилоъ дар бораи самтҳои асосии нақшаҳо ва барномаҳои хоҷагии халқ истифода мешаванд;
- дигар иттилое, ки барои аҳли тиҷорат дар робитаҳои тиҷоратӣ муфид мебошанд, масалан, маълумотномаҳое, ки муттасил ба табъ мерасанд, рӯйхатҳо ва вақте ки мумкин аст, харитаҳои сохтории ширкатҳо ва созмонҳое, ки ба савдои беруна машғул мебошанд;

дар баробари гуфтаҳои боло инкишофи табодули иттилооти иқтисодӣ ва тиҷоратиро аз тариқи комисияҳои омехта оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ, палатаҳои миллӣ ва омехта ва дигар сохторҳои дахлдор дар вақтҳое ки салоҳ аст, ташвиқ мекунанд;

пажӯҳишҳоро дар чаҳорчӯбаи Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ оид ба имкониятҳои бунёди низоми бисёрҷонибаи огоҳсозӣ оид ба қонунҳо ва дастурҳо, ки марбут ба тиҷорати беруна ва рух додани тағйиротҳо дар онҳо мебошанд, дастгирӣ мекунанд;

корро оид ба мутавозинсозии номенклатураҳои оморӣ, ки дар заминаи байналмилалӣ, махсусан дар чаҳорчӯбаи Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ гузаронида мешаванд, ташвиқ месозанд.

Маркетинг

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо эътирофи аҳамияте, ки мутобиқ сохтани истеҳсолот ба талаботи бозорҳои беруна барои тавсеаи савдои берунӣ дорад,

бо дарки зарурати ҳасбалимкон зиёдтар донистан ва ба ҳисоб гирифтани талаботи истеъмолкунандагони воқеӣ аз ҷониби содиркунандагони мол,

ба созмонҳо, муассисаву ширкатҳое, ки ба савдои беруна машғуланд дар тавсеаи минбаъдаи донишҳо ва тарҳрезии усулҳои барои фурӯши самаранок зарур мусоидат мекунанд;

беҳтаршавии шароити амалисозии чорабиниҳое, ки ба мусоидат намудан ба рушди савдо ва қонеъсозии талаботи истеъмолкунандагон равона карда шудааст, ташвиқ мекунанд, дар робита бо воридот, аз ҷумла, бо роҳҳои омӯзиши бозор ва гузаронидани реклама, инчунин дар ҳолати лозимӣ, бо роҳи бунёди хадамоти таъминот ва омодасозии ҳайати маҳаллии техникӣ;

ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи рушди савдо, бо дар бар гирифтани маркетинг, инчунин корҳоеро, ки аз рӯи ин масъала дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ гузаронида мешаванд, ташвиқ мекунанд.

2. Ҳамкории саноатӣ ва лоиҳаҳое, ки манфиати умумро ифода мекунанд

Ҳамкории саноатӣ

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо фикри он ки ҳамкории саноатӣ ангезаҳои иқтисодӣ дорад ва метавонад

- робитаҳои устувор бунёд намояд ва ба ин васила ҳамкории дарозмуддати иқтисодиро дар маҷмӯъ мустаҳкам созад,
- ба болоравии иқтисодӣ, инчунин рушд ва диверсификатсияи савдои байналмилалӣ ва истифодаи васеътари технологияи муосир мусоидат намояд,
- барои ба фоидаи мутақобила кор гирифтан аз ҳамкориҳои иқтисодӣ бо роҳи истифодаи пурратари тамоми омилҳои истеҳсолот мусоидат намояд ва
- рушди саноатии тамоми тарафҳоеро, ки дар чунин ҳамкорӣ ширкат доранд, тезонад,

азм доранд, ки инкишофи ҳамкории саноатиро миёни созмонҳои салоҳиятдор, муассисаҳо ва ширкатҳои кишварҳояшон ташвиқ намоянд;

чунин мешуморанд, ки ҳамкории саноатӣ метавонад бо роҳи бастани созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба миёни тарафҳои манфиатдор осон шавад;

қайд мекунанд, ки бо мусоидат намудан ба ҳамкории саноатӣ онҳо сохтори иқтисодӣ ва сатҳи инкишофи кишварҳояшонро ба эътибор мегиранд;

тасдиқ мекунанд, ки ҳамкории саноатӣ аз рӯи шартномаҳое амалӣ карда мешаванд, ки миёни созмонҳои салоҳиятдор, муассисаҳо ва ширкатҳо дар асоси мулоҳизаҳои иқтисодӣ баста мешаванд;

омодагии худро дар мусоидат намудан барои дидани чорабиниҳое, ки мақсад доранд барои ҳамкории саноатӣ шароити мусоид фароҳам оранд, изҳор мекунанд;

эътироф мекунанд, ки ҳамкории саноатӣ як қатор шаклҳои робитаҳои иқтисодиро фаро мегирад, ки аз чаҳорчӯбаи савдои оддӣ берун мебарояд ва ҳангоми бастани созишномаҳо оид ба ҳамкории саноатӣ шарикон манфиат ва имкониятҳои якдигарро муайян хоҳанд кард;

инчунин эътироф мекунанд, ки дар сурати вуҷуд доштани манфиатҳои мутақобила барои рушди ҳамкории саноатӣ чунин шаклҳои мушаххас, ба монанди истеҳсол ва фурӯши якҷоя, махсусгардонии соҳаи истеҳсол ва фурӯш, сохтмон, тавсеа ва навсозии муассисаҳои саноатӣ, ҳамкорӣ дар бунёди маҷмӯъҳои саноатӣ, ки зимнан гирифтани як қисми маҳсулоти дар он истеҳсолшуда дар назар аст, ҷамъиятҳои омехта, табодули «ноу-ҳау», иттилооти техникӣ, патенту иҷозатномаҳо ва тадқиқоти саноатӣ дар чаҳорчӯбаи лоиҳаҳои мушаххаси ҳамкорӣ метавонад судманд бошад;

эътироф мекунад, ки метавон шаклҳои нави ҳамкории саноатиро истифода бурд, ки ба эҳтиёҷоти мушаххас ҷавоб гӯянд;

аҳамияти иттилооти иқтисодӣ, тиҷоратӣ, техникӣ ва маъмуриро, ки метавонист инкишофи ҳамкории саноатиро таъмин созад, қайд мекунанд;

салоҳ мешуморанд, ки:

- беҳтар намудани сифат ва васеъ кардани ҳаҷми иттилоо-те, ки ба ҳамкории саноатӣ марбут аст, аз ҷумла, иттилооти мар-бут ба қонунҳо ва дастурҳои дахлдор, бо шумули онҳое, ки, ба танзими асъор марбутанд, дар бораи самтҳои асосии нақшаҳо ва барномаҳо ва барномаҳои афзалиятнок, оид ба шароити иқтисодии бозор ва

- паҳн намудани маводи чопшудаи дорои чунин хусусият дар мӯҳлатҳои ҳаддалимкон кӯтоҳ;

тамоми шаклҳои табодули иттилоот ва таҷрибаро, ки марбут ба ҳамкориҳои саноатӣ мебошад, ташвиқ мекунанд, аз ҷумла бо роҳи робитаи миёни шарикон ва дар зарурат аз тариқи комиссияҳои якҷоя оид ба ҳамкории иқтисодӣ, саноатӣ ва илмӣ-техникӣ, палатаҳои миллӣ ва муштараки савдо ва дигар мақомоти дахлдор;

ташвиқ намудани омӯзиши имкониятҳои чунин ҳамкорӣ ва амалисозии лоиҳаҳоро дар ин соҳа мувофиқи матлаб медонанд ва ба ин мақсад, аз ҷумла, оид ба осон гардонидан ва инкишоф додани ҳар гуна робитаҳои тиҷоратӣ дар миёни созмонҳои салоҳиятдор, муассиса ва ширкатҳо ва миёни мутахассисони дахлдори онҳо чораҳо хоҳанд дид;

қайд мекунанд, ки муқаррароти аз тарафи Ҷаласа қабулгашта оид ба робитаҳои тиҷоратӣ дар муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо созмонҳо, муассисаҳо ва ширкатҳои хориҷӣ низ, ки бо ҳамкории саноатӣ фаро гирифта шудаанд, бо назардошти шароити махсуси чунин ҳамкорӣ қобили истифода аст ва аз ҷумла, кӯшиш хоҳанд кард, ки барои коргароне, ки дар амалисо-зии лоиҳаҳои ҳамкорӣ иштирок мекунанд, шароити лозимиро фароҳам оранд;

мувофиқи матлаб мешуморанд, ки пешниҳодҳо оид ба лоиҳаҳои ҳамкориҳои саноатӣ ба сурати кофӣ мушаххас кар-да шаванд ва маълумоти зарурии техникӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла, баҳогузории пешакиро дар бораи арзиши лоиҳа, маълумот дар бораи шаклҳои ба нақша гирифташудаи ҳамкорӣ ва имкониятҳои фурӯшро дар бар гирифта бошанд, то шарикони воқеӣ тавонанд баррасии ибтидоии чунин пешниҳодҳоро анҷом диҳанд ва аз рӯи онҳо дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин қарорҳо қабул кунанд;

аз ҷониби тарафҳое, ки ба ҳамкории саноатӣ машғуланд, қабул намудани чораҳоро оид ба бастани шартномаҳо дар хусуси ҳамкорӣ ташвиқ мекунанд;

тавсия медиҳанд, минбаъд масалан, дар чаҳорчӯбаи Комис-сияи иқтисодии Аврупоии СММ, баррасии усулҳои беҳтарсозии ба тарафҳои манфиатдор додани иттилоот дар бораи шартҳои ҳамкории саноатӣ ва дастурҳо оид ба тарҳрезии созишномаҳо идома дода шавад;

беҳтарсозии минбаъдаи шартҳои амалисозии лоиҳаҳои ҳамкории саноатиро мувофиқи матлаб меҳисобанд, аз ҷумла, он чӣ дахл дорад ба:

- ҳимояи манфиатҳои шарикон оид ба лоиҳаҳои ҳамкории саноатӣ, бо дар бар гирифтани ҳимояи ҳуқуқии навъҳои мухта-лифи моликият, ки бо чунин ҳамкорӣ марбут мебошад;
- ба эътибор гирифтани эҳтиёҷот ва имкониятҳои ҳамкории саноатӣ дар чаҳорчӯбаи сиёсати иқтисодӣ, аз ҷумла, нақшаҳои хоҷагии халқ ва барномаҳои мутобиқ бо низомҳои иқтисодии онҳо;

мувофиқи матлаб мешуморанд, ки шарикон дар вақти ба-стани шартномаҳо ба муқаррарот дар хусуси расонидани кӯмак ба якдигар ва додани иттилоот дар бораи рафти амалисозии созишномаҳо таваҷҷӯҳи лозимӣ зоҳир кунанд, махсусан бо дар назар доштани расидан ба сатҳи лозимии техникӣ ва сифати маҳсулот, ки самараи чунин ҳамкорӣ мебошад;

судманд будани иштироки васеътари ширкатҳои хурду миё-наро дар лоиҳаҳои ҳамкории саноатӣ эътироф мекунанд.

Лоиҳаҳое, ки манфиати умумиро ифода мекунанд

Давлатҳои иштирокчӣ,

чунин мешуморанд, ки имконияти иқтисодӣ ва захираҳои та-биии онҳо ҳамкории дарозмӯҳлатро бо роҳи муттаҳид сохтани кӯшишҳо дар амалисозии лоиҳаҳои калонҳаҷм, ҳамчунин дар сатҳҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ, ки ба манфиати ҳамагон аст, имконпазир мегардонад ва ин лоиҳаҳо метавонанд ба суръа-тёбии рушди иқтисодии кишварҳои аъзои он мусоидат кунанд,

мувофиқи матлаб мешуморанд, ки созмонҳои салоҳиятдор, муассиса ва ширкатҳои тамоми кишварҳо имкони таваҷҷӯҳ зоҳир карданро барои иштирок дар чунин лоиҳаҳо дошта бошанд ва дар сурати расидан ба мувофиқа дар амалисозии он иштирок карда тавонанд,

бо зикр кардани он ки муқаррароти аз ҷониби Ҷаласа қабулшуда оид ба ҳамкории саноатӣ ба лоиҳаҳое, низ ки ман-фиати ҳамагониро ифода мекунанд, қобили истифода мебошад,

дар ҳолатҳои дахлдор ташвиқ намудани омӯзиши имкониятҳои татбиқи лоиҳаҳоеро, ки манфиати умумро дар соҳаи захираҳои энергетикӣ, истифодаи маводи хом ва инчунин дар соҳаи нақлиёт ва алоқа ифода мекунанд аз тарафи созмонҳои босалоҳият, муассиса ва ширкатҳои манфиатдор, зарур мешуморанд,

мувофиқи матлаб мешуморанд, ки созмонҳо, муассисаҳо ва ширкатҳо зимни омӯзиши имкониятҳои иштирок дар лоиҳаҳое, ки манфиати умумро ифода мекунанд, бо шарикони аниқи худ бо роҳҳои дахлдор табодули иттилооти хусусияти иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, молиявидоштаи марбут ба ин лоиҳаҳоро анҷом диҳанд,

чунин мешуморанд, ки захираҳои энергетикӣ, аз ҷумла, нафт, гази табиӣ ва ангишти сангӣ, инчунин кофтуков ва коркарди маводи хоми минералӣ, аз ҷумла, маъдани оҳан ва бокситҳо барои таҳкими ҳамкории иқтисодии дарозмӯҳлат ва рушди тиҷорат соҳаҳои мувофиқ мебошанд, ки метавонад натиҷаи ин бошад,

чунин мешуморанд, ки имкониятҳо барои лоиҳаҳое, ки манфиати умумро ифода мекунанд ва ба ҳамкории иқтисодии дарозмӯҳлат нигаронида шудаанд, ба таври баробар дар соҳаҳои зерин вуҷуд доранд:

- табодули нерӯи барқ дар Аврупо бо мақсади истифодаи самараноки бештари қудратҳои нерӯгоҳҳо,
- ҳамкорӣ дар соҳаи кашфи манбаъҳои нави нерӯ ва аз ҷумла, дар соҳаи нерӯи ҳастаӣ,
- инкишофи шабакаҳои роҳӣ ва ҳамкорӣ бо мақсади бунёди низоми ягонаи киштигардӣ дар Аврупо,
- ҳамкорӣ дар соҳаи пажӯҳиш ва такмили таҷҳизот барои нақл бо навъҳои мухталифи нақлиёт ва коркарди контейнерҳо,

ба давлатҳое, ки ба лоиҳаҳои манфиаташон умумӣ мутаваҷҷеҳ мебошанд, тавсия медиҳад, ки баррасӣ кардани шартҳои тарҳрезии онҳоро анҷом диҳанд ва дар ҳолатҳое, ки хоҳишмандӣ пайдо карданд, шароити зарурирро барои амалан татбиқ намудани онҳо муҳайё созанд.

3. Муқаррароти марбут ба савдо ва ҳамкории саноатӣ

Мутавозинсозии стандартҳо ва шартҳои техникӣ

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо эътирофи он ки инкишофи мутавозинсозии байналмилалии стандартҳо ва шартҳои техникӣ ва инчунин ҳамкории

байналмилалӣ дар соҳаи сертификатсия яке аз василаҳои муҳими бартараф кардани монеаҳои техникӣ дар савдои байналмилалӣ ва ҳамкории саноатӣ мебошад ва бо ин роҳ ба инкишофи онҳо ва баландсозии маҳсулнокии меҳнат мусоидат мекунад;

таваҷҷӯҳ доштани худро дар расидан ба мутавозинсозии байналмилалии мувофиқи имкон васеътари стандартҳо ва шартҳои техникӣ тасдиқ мекунанд;

барои мусоидат намудан ба бастани созишномаҳои байналмилалӣ ва расидан ба дигар созишҳои дахлдор оид ба эътироф намудани шаҳодатномаҳо дар хусуси мутобиқат ба стандартҳо ва шартҳои техникӣ омодагӣ зоҳир мекунанд;

тавсеаи ҳамкории байналмилалиро оид ба масъалаҳои стандартизатсия мувофиқи матлаб мешуморанд ва аз ҷумла, фаъолияти созмонҳои байниҳукуматӣ ва дигар созмонҳои дахлдорро дар ин соҳа дастгирӣ мекунанд.

Арбитраж

Давлатҳои иштирокчӣ,

чунин ҳисобида ки ҳалли зуд ва одилонаи муноқишаҳое, ки метавонанд аз муомилаҳои тиҷоратии марбут ба савдо ва табодули хидматҳо ва аз созишномаҳо дар соҳаи ҳамкории саноатӣ пайдо шаванд, метавонист ба тавсеа ва осоншавии савдо ва ҳамкорӣ мусоидат кунад,

ба андешаи он ки арбитраж яке аз усулҳои мувофиқи ҳалли чунин муноқишаҳо мебошад,

ба созмон, муассиса ва ширкатҳои кишвари худ тавсия мекунанд, ки дар ҳолатҳои дахлдор қайду шарти арбитражиро дар муомилаҳои тиҷоратӣ ва қарордодҳо оид ба ҳамкории саноатӣ ё созишномаҳои махсус пешбинӣ намоянд;

тавсия медиҳанд, то муқаррарот дар бораи арбитраж дар асоси дастури барои тарафҳо қобили қабул гузаронидани арбитражро дар давлати сеюм бо дар назар доштани созишномаҳои байниҳукуматӣ ва дигар созишномаҳо дар ин соҳа пешбинӣ кунанд.

Созишномаҳои дуҷонибаи махсус

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо эътирофи зарурати осонгардонии савдо ва мусоидат ба амалисозии шаклҳои нави ҳамкории саноатӣ,

дар ҳолатҳои дахлдор ба бастани созишномаҳои дуҷонибаи махсус дар соҳаи савдо ва ҳамкории саноатӣ аз рӯи масъалаҳои мухталиф, ки манфиати умумро ифода мекунанд, аз ҷумла, ба мақсади аз байн бардоштани андоз ва осонгардонии интиқоли фоида ва баргардонидани арзиши маблағҳои саҳм гузошта хайрхоҳона муносибат хоҳанд кард.

4. Илм ва техника

Давлатҳои иштирокчӣ,

мӯътақид бар он ки ҳамкории илмӣ-техникӣ ба кори таҳкими амният ва ҳамкории миёни онҳо саҳми муҳим мегузорад ва ба ҳалли самараноки қазияҳои ифодакунадаи манфиати умум ва беҳтарсозии шароити зиндагии инсон мусоидат мекунад,

бо муҳим шумурдани мусоидат ба табодули иттилоот ва таҷриба зимни рушди чунин ҳамкорӣ ва бо ин роҳ мусоидат намудан ба омӯзиш ва интиқоли дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва инчунин дастрасӣ ёфтан ба ин дастовардҳо дар асоси фоидаи мутақобила ва дар соҳаҳои ҳамкорӣ, ки миёни тарафҳои манфиатдор мувофиқат карда шудааст,

бо андешаи он ки муайян намудани имкониятҳо барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва тарҳрезии ҷузъиёти он аз тарафи шарикони имконпазир, яъне созмонҳо, идораву муассисаҳо, олимон ва мутахассисони босалоҳияти давлатҳои иштирокчӣ сурат мегирад,

бо тасдиқи он ки чунин ҳамкорӣ метавонад дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба дар сатҳи ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, аз ҷумла, аз тариқи барномаҳои байналмилалӣ, лоиҳаҳои муштарак ва роҳҳои тиҷоратӣ зимни истифодаи инчунин шаклҳои мухталифи робитаҳо бо шумули робитаҳои бевосита ва фардӣ инкишоф ёбад ва амалӣ гардад,

бо дарки зарурати дидани чораҳо оид ба минбаъд беҳтар намудани ҳамкории илмӣ-техникӣ миёни онҳо,

Имкониятҳо барои беҳтар намудани ҳамкорӣ

эътироф мекунанд, ки барои минбаъд беҳтар намудани

ҳамкории илмӣ-техникӣ имкониятҳо мавҷуданд ва ба ин мақсад изҳор медоранд, ки ният доранд душвориҳоро дар роҳи ин ҳамкорӣ бартараф созанд, аз ҷумла, бо роҳи:

- беҳтар кардани имкониятҳо дар миёни тарафҳое, ки ба тадқиқотҳои илмӣ-техникӣ ва ҳамкорӣ манфиатдор ҳастанд, барои табодул ва паҳн намудани иттилооти илмӣ-техникӣ, аз ҷумла, иттилооте, ки ба созмонҳо ва амалӣ намудани ҳамкорӣ дахл доранд;
- зуд амалӣ намудан ва беҳсозии ташкили ташрифоти байналмилалии олимон ва мутахассисон, аз ҷумла, барномаи чунин ташрифот дар робита бо табодулҳо, конфронсҳо ва ҳамкориҳо;
- истифодаи васеътари роҳҳои тиҷоратӣ ва фаъолият барои гузаронидани пажӯҳишҳо дар соҳаи илмҳои амалӣ ва техникӣ ва барои интиқол додани дастовардҳое, ки дар ин соҳа ба даст омадаанд бо таъмин намудани ҳимояи ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ ва саноатӣ ва дастрас намудани иттилооте, ки ба ин ҳуқуқҳо марбут мебошанд;

Соҳаҳои ҳамкорӣ

чунин мешуморанд, ки имкониятҳо баҳри васеъ намудани ҳамкорӣ дар соҳаҳое, ки дар зер барои намуна оварда хоҳанд шуд, мавҷуданд, бо дар назар доштани он ки лоиҳа ва созишҳое, ки аз манфиат ва фоидаи мутақобила бархӯрдор мебошанд, аз ҷониби шарикони воқеӣ ба қайд гирифта шуда, дар давлатҳои иштирокчӣ тарҳрезӣ хоҳанд гашт:

Хоҷагии кишоварзӣ

Пажӯҳишҳо дар соҳаи усулҳои нав ва техникаи баланд бардоштани маҳсулотнокии растанипарварӣ ва чорвопарварӣ; ба кор бурдани дастовардҳои кимиё дар хоҷагии кишоварзӣ; нақшакашӣ, истеҳсол ва истифодаи мошинҳои хоҷагии кишоварзӣ; техникаи корҳои обёрӣ ва корҳои дигар барои беҳтар намудани заминҳои хоҷагии кишоварзӣ;

Нерӯ

Технологияи нави истеҳсолот, интиқол ва тақсимоти нерӯе, ки барои беҳтар намудани истифодаи сӯзишвориҳои мавҷуда ва манбаъҳои гидроэнергетикӣ пешбинӣ шудаанд; пажӯҳишҳо дар соҳаи манбаъҳои нави нерӯ, аз ҷумла, нерӯи ҳастаӣ, офтобӣ ва геотермалӣ;

Технологияи нав, истифодаи оқилонаи захираҳо

Пажӯҳишҳо дар соҳаи равандҳои нави технологӣ ва таҷҳизоте, ки имкон медиҳанд, аз ҷумла, истеъмоли нерӯ кам карда шавад ва инчунин партовҳои истеҳсолӣ то ҳадди ақал кам ё нест карда шаванд;

Техникаи нақлиётӣ

Пажӯҳишҳо дар соҳаи воситаҳои нақлиётӣ ва техника, ки дар бунёд ва истифодаи шабакаҳои нақлиётии байналмилалӣ, миллӣ ва шаҳрӣ, инчунин нақлиёти контейнерӣ ва бехатарии ҳаракат ба кор бурда мешаванд;

Физика

Омӯзиши масъалаҳои физикаи нерӯҳои олӣ ва физикаи плазма; пажӯҳишҳо дар соҳаи физикаи назариявӣ ва озмоишии ҳастаӣ;

Кимиё

Пажӯҳиши қазияҳои кимиёи баркӣ ва кимиёи полимерҳо, пайвастаҳои табиӣ, фулузот ва гудохтаҳо, инчунин коркарди технологияи мукаммалтари кимиёӣ, махсусан коркарди кимиёии мавод; корбурди амалии дастовардҳои навтарини кимиё дар истеҳсолот, сохтмон ва дигар бахшҳои иқтисод;

Бодуҳавосанҷӣ ва обшиносӣ

Пажӯҳишҳои бодуҳавосанҷӣ ва обшиносӣ, инчунин усулҳои ҷамъоварӣ, баҳодиҳӣ ва интиқоли маълумот ва истифодаи онҳо барои тартиб додани пешгӯиҳои об ва бодуҳавосанҷӣ;

Уқёнусшиносӣ

Пажӯҳишҳои уқёнусшиносӣ, инчунин омӯзиши амали мутақобилаи муҳитҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ;

Пажӯҳишҳои зилзиласанҷӣ

Омӯзиш ва пешгӯии заминҷунбиҳо ва тағйиротҳои ба онҳо марбут; пажӯҳиш ва коркарди техникаи сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар;

Пажӯҳишҳо дар соҳаи пиряхшинсоӣ, яхбандии абадӣ ва масъалаҳои ҳаёт дар шароити сардӣ

Пажӯҳишҳо дар соҳаи пиряхшиносӣ ва яхбандии абадӣ; техникаи нақлиётӣ ва сохтмонӣ; мутобиқшавии инсон ба шароити иқлимии барои ӯ хеле нохушоянд ва тағйирот дар шароити зиндагии аҳолии бумӣ;

Техникаи электронӣ-ҳисоббарорӣ, телекоммуникатсионӣ ва иттилоотӣ

Сохтани мошинҳои электронӣ-ҳисоббарорӣ, инчунин низоми телекоммуникатсонӣ ва иттилоот; техникаи бо МЭҲ ва телекоммуникатсияҳо алоқаманд, инчунин корбурди онҳо дар низоми идора, равандҳои истеҳсолӣ, барои автоматикунонӣ зим-

ни омӯзиши масъалаҳои иқтисодӣ, дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҷамъоварӣ, коркард ва интишори иттилоот;

Пажӯҳишҳои кайҳонӣ

Пажӯҳиши фазои кайҳон ва омӯзиши захираҳои Замин ва биосфераи он бо истифодаи санҷиш (зондикунонӣ) аз дур, аз ҷумла, бо ёрии моҳвора ва мушак-зондҳо;

Тиб ва тандурустӣ

Пажӯҳишҳо дар соҳаи бемориҳои дилу раг, саратон ва вирусӣ, биологияи молекулярӣ, нейрофизиология; таҳия ва санҷиши доруҳои нав; омӯзиши масъалаҳои педиатрия, геронтология, техникаи хизматгузории тиббӣ.

Пажӯҳишҳо дар соҳаи муҳити зист

Пажӯҳиши масъалаҳои мушаххаси илмӣ ва техникӣ, ки ба муҳити зисти инсон дахл дорад;

Шакл ва усулҳои ҳамкорӣ

Дар хусуси он ибрози андеша мекунанд, ки дар ҳамкории илмӣ-техникӣ, аз ҷумла, шакл ва усулҳои зерин истифода бурда шаванд:

- табодули китоб, матбуоти даврӣ ва дигар интишороти илмӣ-техникӣ ва маърӯзаҳо ва паҳн намудани онҳо миёни созмонҳои манфиатдор, муассисаҳои илмӣ-техникӣ, идораҳо, олимон ва мутахассисон ва инчунин иштирок дар барномаҳои байналмилалӣ оид ба фишурдасозӣ ва баҳисобгирии маводи чопшуда;

- мубодила ва ташрифот, инчунин дигар робитаҳои мустақим ва алоқаҳо миёни олимон ва мутахассисон дар асоси созишномаи мутақобила ва дигар тавофуқномаҳо барои иҷрои ин ҳадафҳо, ба мисли машваратҳо, хондани маърӯзаҳо ва гузаронидани тадқиқот бо истифода бурдани озмоишгоҳҳо дар робита бо ин, китобхонаҳои илмӣ ва дигар марказҳои ҳуҷҷатҳо;
- гузаронидани конфронсҳои байналмилалӣ ва миллӣ, семинарҳо, давраҳои омӯзишӣ ва дигар ҷаласаҳои хусусияти илмӣ-техникӣ дошта бо иштироки олимон ва мутахассисони хориҷӣ;
- тарҳрезӣ ва амалисозии барнома ва лоиҳаҳои муштарак, ки ба манфиати якдигар мебошанд, дар асоси машварат ва мувофиқа миёни тамоми тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла, дар ҷое, ки ин имконпазир ва мувофиқи матлаб аст, табодули таҷриба ва натиҷаҳои тадқиқот, инчунин ҳамоҳангсозии барномаҳои тадқиқотӣ миёни муассиса ва идораҳои тадқиқотӣ;
- истифодаи роҳҳои тиҷоратӣ ва усулҳо барои омӯзиш ва

мубодилаи таҷрибаи пешқадами илмӣ-техникӣ, аз ҷумла бо роҳи ба даст овардани созишномаҳои судманд оид ба ҳамкорӣ дар миёни ширкату муассисаҳо дар соҳаҳои миёни онҳо мувофиқашуда, инчунин амалисозии лоиҳа ва барномаҳои муштараки тадқиқот ва корҳои илмӣ;

Табодули афкор ва иттилоот карданро дар соҳаи сиёсати илмӣ, аз ҷумла, аз рӯи масъалаҳои самтгирӣ ва ташкили тадқиқот ва аз рӯи масъалаҳои марбут ба истифодаи хубтар дар асоси таҳҳизоти калони илмӣ ва озмоишӣ мувофиқи матлаб мешуморанд;

Зимни рушди ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва техника, дар баробари шакл ва усулҳои ҳамкорӣ, ки дар ин ҳуҷҷат зикр гаштаанд, аз таҷрибаи мавҷудаи ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба, аз ҷумла минтақавӣ ва зерминтақавӣ пурра истифода бурданро тавсия медиҳанд;

Тавсия медиҳанд, ки имкониятҳои мавҷуда ва кофии созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, ки ба масъалаҳои илм ва техника машғул мебошанд, барои бехтарсозии табодули иттилоот ва таҷриба, инчунин барои рушди шаклҳои дигари ҳамкорӣ дар соҳаҳое, ки манфиати умумро ифода мекунанд, самарабахштар истифода бурда шаванд ва барои ин, масалан:

- дар чаҳорчӯбаи Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ имкониятҳои тавсеаи ҳамкории бисёрҷониба бо назардошти таҷрибаи амалисозии лоиҳаҳо ва тадқиқотҳое, ки дар созмонҳои мухталифи байналмилалӣ ҷамъ шудаанд, инчунин барои гузаронидани конфронсҳо, симпозиумҳо, гурӯҳҳои тадқиқотӣ ва корӣ, аз ҷумла, чорабиниҳое, ки ба олимони ҷавон ва муҳандисон имкон фароҳам меорад, ки бо мутахассисони пешбар дар соҳаҳои мавриди таваҷҷӯҳи онҳо вохӯранд, омӯхта шавад;
- бо роҳи иштирок дар барномаҳои мушаххаси байналмилалии ҳамкории илмӣ-техникӣ, аз ҷумла, дар барномаҳои ЮНЕСКО ва дигар созмонҳои байналмилалӣ мусоидат намудан ба пешравии доимӣ дар расидан ба ҳадафҳои чунин барномаҳо, пеш аз ҳама барномаи ЮНИСИСТ, бо таваҷҷӯҳи махсус зоҳир кардан ба масъалаҳои таъйини самтҳои рушди иттилоот, машварати техникӣ, таъмини иттилоотӣ ва коркарди маълумотҳо.

5. Муҳити зист

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо тасдиқи он ки ҳимоя ва бехтарсозии муҳити зист, инчунин ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳои он ба манфи-

ати наслҳои ҳозира ва оянда яке аз вазифаҳое мебошад, ки барои некӯаҳволии халқҳо ва рушди иқтисодии ҳамаи кишварҳо аҳамияти калон дорад ва он ки бисёр масъалаҳои муҳити зист, аз ҷумла, дар Аврупо метавонанд танҳо бо роҳи ҳамкории байналмилалии зич ҳалли самарабахши худро ёбанд,

бо эътирофи он ки ҳар як давлати иштирокчӣ тибқи усулҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бояд дар рӯҳи ҳамкорӣ чора бинанд, ки фаъолияте, ки дар ҳудуди он гузаронида мешавад, сабаби бад шудани муҳити зисти дигар давлат ё минтақаҳое нагардад, ки берун аз ҳудуди салоҳияти қонунии миллии ӯ воқеъ гаштаанд,

бар ин андеша, ки муваффақияти ҳар гуна сиёсат дар соҳаи муҳити зист водор месозад, ки тамоми зинаҳои аҳолӣ ва қувваҳои ҷамъиятӣ бо дарки масъулияти худ ба ҳимояи муҳити зист мусоидат кунанд, ки ин зарурати кори маърифатии доимӣ ва амикро, аз ҷумла дар миёни ҷавонон ба вуҷуд меорад,

дар асоси таҷрибаи мавҷуда бо тасдиқи он ки рушди иқтисодӣ ва пешравии техникӣ бояд бо вазифаи ҳимояи муҳити зист ва нигоҳдории арзишҳои таърихӣ ва фарҳангӣ созгор бошад ва ин ки аз расонидани зарар ба муҳити зист бехтар аз ҳама танҳо бо ёрии чораҳои огоҳсозӣ мумкин аст ва он ки зимни истифода ва банақшагирии рушди захираҳои табиӣ бояд чораҳои нигоҳ доштани баробарвазнӣ дар табиат дида шаванд,

Ҳадафҳои ҳамкорӣ

розигии худро, аз ҷумла, бо ҳадафҳои зерини ҳамкорӣ, изҳор мерозигии худро, аз ҷумла, бо ҳадафҳои зерини ҳамкорӣ, изҳор медоранд:

- омӯхтани масъалаҳои муҳити зист, ки аз рӯи табиати худ хусусияти бисёрҷониба, дуҷониба, минтақавӣ ва зерминтақавӣ доранд, бо дар назар доштани ҳалли онҳо, инчуни ташвиқ намудани рушди муносибати ҳаматарафаи илмӣ ба масъалаҳои муҳити зист;

- зиёд намудани самаранокии тадбирҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳимояи муҳити зист бо роҳи муқоиса ва дар ҳолатҳои дахлдор мутавозинсозии усулҳое, ки барои ҷамъоварӣ ва таҳлили фактҳо истифода бурда мешаванд, васеъ намудани донишҳо оид ба масъалаҳои ифлосшавии муҳити зист бо роҳи табодули иттилоот, мувофиқсозии мафҳумҳо ва ҳасбалимкон қабули истилоҳоти умумӣ дар соҳаи муҳити зист;

- қабул намудани тадбирҳои зарурӣ барои наздик намудани сиёсат дар соҳаи муҳити зист ва дар ҷое, ки мумкин ва мувофиқи мақсад аст, барои мутавозинсозии онҳо;

- дар ҷое, ки мумкин ва мувофиқи мақсад аст, ташвиқ наму-

дани кӯшишҳое, ки дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, аз тарафи созмонҳо, муассисаҳо ва ширкатҳои онҳо дар соҳаи коркард, истеҳсол ва такмили таҷҳизот, ки барои ҳифзу беҳтарсозии муҳити зист ва назорат аз болои ҳолати он пешбинӣ шудааст, ба кор бурда мешаванд.

Соҳаҳои ҳамкорӣ

Барои расидан ба ин ҳадафҳо давлатҳои иштирокчӣ ҳар як имконияти муносибро барои ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои муҳити зист, аз ҷумла, соҳаҳое, ки чун намуна дар поён оварда мешаванд, ба кор хоҳанд бурд:

Мубориза бо ифлосшавии ҳаво

Десулфуризатсияи сӯзишворӣ ва газҳои ихроҷшаванда; мубориза бо партофтани фулузоти вазнин, чанг, аэрозолҳо, окисҳои азот ба ҳаво махсусан аз тарафи воситаҳои нақлиёт, нерӯтоҳҳои барқӣ ва муассисаҳои саноатӣ; низом ва усулҳои мушоҳида ва назорат аз ифлосшавии ҳаво, аз ҷумла, зимни интиқоли ифлоскунандаҳо ба масофаҳои калон;

Муҳофизати об аз ифлосшавӣ ва истифодаи обҳои ширин

Пешгирии ифлосшавии об, аз ҷумла, дарёҳое, ки аз ҳудуди якчанд давлат мегузаранд ва кӯлҳои байналмилалӣ; усулҳои техникии баланд бардоштани сифати об ва рушди минбаъдаи усулҳо ва воситаҳои тоза намудани резишгоҳҳои саноатӣ ва коммуналӣ; усулҳои баҳогузории захираҳои обҳои ширин ва беҳтар кардани истифодаи онҳо, махсусан бо роҳи бунёди равандҳои истеҳсолие, ки камшавии ифлосшавӣ ва паст намудани истеъмоли об ширинро таъмин мекунанд;

Ҳифзи муҳити баҳр

Ҳифзи муҳити баҳри давлатҳои иштирокчӣ, махсусан Баҳри Миёназамин, аз ифлосшавӣ аз хушкӣ, аз киштиҳо ва дигар воситаҳои шинокунанда, аз ҷумла, бо маводи зараровар, ки дар замимаҳои I ва II ба Муоҳидаи Лондон оид ба пешгирии ифлосшавии баҳр бо сабаби партофтани партовҳо ва дигар моддаҳо номбар шудааст; мушкилиҳои нигоҳ доштани тавозуни экологӣ ва занҷирҳои ғизоӣ, ки аз ҷумла, дар робита бо кашф ва истеъмоли захираҳои биологӣ ва минералии баҳрҳо ва қаъри баҳр пайдо мешаванд;

Хокҳо ва истифодаи замин

Масъалаҳои истифодаи самараноки замин, аз ҷумла, обёрӣ, азхудкунӣ ва рекултиватсияи замин; мубориза бо ифлосшавии хок, бо эрозияи обӣ ва шамолӣ ва инчунин дигар шаклҳои вайроншавии хок; нигоҳдорӣ ва зиёдшавии маҳсулнокии хок бо на-

зардошти оқибатҳои манфии имконпазири нуриҳои кимиёӣ ва заҳрхимикатҳо;

Ҳифзи табиат ва мамнӯъгоҳҳо

Ҳифзи табиат ва мамнӯъгоҳҳо; ҳифз ва нигоҳдории захираҳои генетикӣ, махсусан ҳавон ва растаниҳои нодир; ҳифзи низомҳои табиии экологӣ; ташкили мамнӯъгоҳҳо ва дигар қитъаҳои муҳофизатшавандаи ландшафт ва минтақаҳо, бо шумули истифодабарии онҳо барои тадқиқотҳои илмӣ, саёҳат, истироҳат ва дигар ҳадафҳо;

Беҳтарсозии ҳолати муҳити зист дар минтақаҳои аҳолинишин

Мушкилиҳои муҳити зист, ки бо нақлиёт, минтақаҳои манзилӣ, минтақаҳои истеҳсолӣ, рушди шаҳрҳо ва ба нақшагирии онҳо, бо низоми обтаъминкунӣ ва корез вобаста аст; баҳогузорӣ ба таъсири зараровари ғавғо ва усулҳои мубориза бо ғавғо; ҷамъоварӣ, коркард ва истифода аз партовҳо, аз ҷумла, таҷзия ва бозгардиши мавод; тадқиқот дар соҳаи иваз намудани маводи аз нигоҳи биологӣ напӯсанда;

Пажӯҳишҳои бунёдӣ, мушоҳида, пешгӯӣ ва баҳогузорӣ ба тағйироти муҳити зист

Омӯзиши тағйиротҳои иқлим, сатҳи замин ва мутавозиниҳои экологӣ таҳти таъсири омилҳои табиӣ ва фаъолияти инсон; пешгӯии тағйиротҳои генетикӣ дар олами ҳайвонот ва растаниҳо бар асари ифлосшавии муҳити зист; мутавозинсозии маълумоти оморӣ, тарҳрезии назарияҳои илмӣ ва низомҳои мушоҳидаи ҳолати муҳити зист, усулҳои стандартикунонидашудаи мушоҳида, тағйирот ва баҳогузорӣ ба тағйирот дар биосфера; баҳодиҳӣ ба таъсири дараҷаи ифлосшавӣ ва вайроншавии муҳити зист ба саломатии инсон; омӯзиш ва тарҳрезии меъёру стандартҳо ба ифлоскунандаҳои гуногуни муҳити зист ва дастурсозии марбут ба истеҳсолот ва истифодаи навъҳои мухталифи маҳсулот;

Тадбирҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ

Тадбирҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, бо шумули тартиби муаяйнсозии меъёрҳо барои баҳодиҳӣ ба корҳое, ки ба ҳолати муҳити зист таъсир мерасонанд.

Шакл ва усулҳои ҳамкорӣ

Давлатҳои иштирокчӣ эълом медоранд, ки масъалаҳои марбут ба ҳифз ва беҳтарсозии муҳити зист ҳам дар асоси дуҷониба ва ҳам дар асоси бисёрҷониба ҳал карда хоҳанд шуд, аз ҷумла, дар асоси минтақавӣ ва зерминтақавӣ бо истифодаи комили шакл ва сохторҳои ташкилии ҳамкорӣ. Онҳо ҳамкориро дар соҳаи муҳити

зист, аз ҷумла, бо дар назар гирифтани Эъломияи Стокҳолм дар бораи муҳити зисти инсон, қатъномаҳои дахлдори Ассамблеяи Генералии СММ ва симпозиуми Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ оид ба масъалаҳои муҳити зист инкишоф хоҳанд дод.

Давлатҳои иштирокчӣ бар он хоҳанд кӯшид, ки ҳамкорӣ дар соҳаи муҳити зист, аз ҷумла, бо роҳҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- табодули иттилооти илмӣ-техникӣ, ҳуҷҷатҳо ва натиҷаҳои тадқиқот, аз ҷумла, иттилоот дар хусуси тарзҳои таъйини оқибатҳои эҳтимолии фаъолияти техникӣ ва хоҷагӣ барои муҳити зист;
- ташкили конфронсҳо, симпозиумҳо ва ҷамъомадҳои коршиносон;
- мубодилаи кормандони илмӣ, мутахассисон ва коромӯзон;
- тарҳрезӣ ва амалисозии муштараконаи барнома ва лоиҳаҳо оид ба омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои мухталифи ҳифзи муҳити зист;
- дар ҷое, ки мувофиқ ва зарур аст, мутавозинсозии стандарт ва меъёрҳое, ки бо ҳифзи муҳити зист марбут мебошанд, аз ҷумла, барои дурӣ ҷустан аз душвориҳо дар савдо вобаста ба ҷидду ҷаҳде, ки ба хотири ҳал намудани масъалаҳои экологии марбут ба равандҳои истеҳсолӣ ва масъалаҳое, ки ба таъмини молҳо ба сифат пайдо мешаванд ва талаботи муҳити зистро қонеъ месозанд;
- машваратҳо оид ба ҷанбаҳои мухталифи ҳифзи муҳити зист бо мувофиқаи миёни кишварҳои манфиатдор, махсусан, вобаста ба масъалаҳое, ки метавонанд оқибатҳои байналмилалӣ дошта бошанд.

Давлатҳои иштирокчӣ ғайр аз ин, ҳамкориҳои зеринро ба роҳ хоҳанд монд:

- мусоидат кардан ба рушди пешқадам, рамзикунонӣ ва корбурди ҳуқуқи байналмилалӣ чун яке аз василаҳои нигоҳдорӣ ва беҳтарсозии муҳити атрофи инсон, бо шумули усулҳо ва таҷрибаи аз тарафи онҳо пазируфташуда, ки дар натиҷаи фаъолият дар чаҳорчӯбаи салоҳияти қонунӣ ё назорат пайдо мешаванд ва ба мубориза бо ифлосшавиҳо ва дигар хисороте, ки ба дигар кишварҳо ва минтақаҳо таъсир мерасонанд, вобаста мебошанд;
- дастгирӣ кардан ва мусоидат намудан ба амалисозии муоҳидаҳои дахлдори байналмилалие, ки онҳо иштирокчӣ мебошанд, аз ҷумла, он муоҳидаҳое, ки ба пешгирӣ ва мубориза бо ифлосшавии баҳрҳо ва обҳои ширин равона шудаанд, ба давлатҳо тавсия кунанд, ки муоҳидаҳои имзошударо ба тасвиб

расонанд ва инчунин имкониятҳоеро, ки барои ҳамроҳ шудан ба дигар муоҳидаҳои дахлдоре, ки онҳо дар ҳоли ҳозир иштирокчияшон намебошанд, мавриди баррасӣ қарор диҳанд;

- дар ҷое, ки мувофиқи матлаб ва имконпазир аст, ворид намудани соҳаҳои мухталифи ҳамкорӣ ба барномаи кори Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ ва дастгирӣ намудани ин Комиссия ва Барномаи СММ оид ба муҳити зист бо назардошти фаъолияти дигар созмонҳои байналмилалии салоҳиятдоре, ки онҳо иштирокчӣ мебошанд;
- васеътар истифода намудан аз иттилооти мавҷуда барои тамоми шаклҳои ҳамкорӣ аз манбаъҳои миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин аз меъёрҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқаткардашуда ва зимни ин истифода бурдан аз имконот ва василаҳои созмонҳои мухталифи байналмилалии салоҳиятдор.

Давлатҳои иштирокчӣ розӣ буданашонро ба тавсияҳои зерине, ки ба тадбирҳои мушаххас дахл доранд, изҳор медоранд:

- бо роҳи ҳамкории байналмилалӣ тарҳрезӣ намудани барномаи васеи мушоҳида ва баҳодиҳӣ ба интиқоли маводи ифлоскунандаи ҳаво ба масофаҳои дур аз ангидриди гӯгирдӣ сар карда то ҳасбалимкон минбаъд фаро гирифтани дигар ифлоскунандаҳо ва вобаста ба ин ба эътибор гирифтани унсурҳои асосии барномаи ҳамкорӣ, ки аз тарафи коршиносон дар вохӯрии Осло декабри 1974 бо даъвати Институти Норвегия оид ба тадқиқоти фазо қайд карда шуда буданд;
- ноил шудан ба он ки дар чаҳорчӯбаи Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ омӯзиши тарзҳо ва таҷрибаи дахлдори марбути ба фаъолияти ҳукуматҳо оид ба инкишофи имкониятҳои кишварҳояшон барои пурра пешбинӣ кардани оқибатҳои фаъолияти хоҷагӣ ва рушди техникӣ барои муҳити зист гузаронида шавад.

6. Ҳамкорӣ дар бахшҳои дигар

Рушди нақлиёт

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо андешаи он ки беҳтарсозии шароити нақл яке аз омилҳои муҳими рушди ҳамкории миёни онҳо мебошад,

бо фикри он ки ба рушди нақлиёт ва ҳалли масъалаҳои мавҷуда бо истифодаи василаҳои миллӣ ва байналмилалии дахлдор мусоидат кунанд,

бо ба ҳисоб гирифтани коре, ки аз рӯи ин масъалаҳо аз та-

рафи созмонҳои байналмилалии мавҷуда, аз ҷумла, Кумитаи нақлиёти дохилии Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ гузаронида мешавад,

қайд мекунанд, ки пешравии босуръати техникӣ дар соҳаҳои мухталиф рушди ҳамкорӣ ва табодули иттилоотро миёни онҳо марғуб мегардонад;

ба манфиати соддагардонӣ ва мутавозинсозии расмиятҳои маъмурӣ, аз ҷумла, сарҳадӣ дар соҳаи ҳамлу нақли байналмилалӣ ҳарф мезананд;

бо назардошти хусусиятҳои миллӣ дар ин соҳа мусоидат намуданро ба мутавозинсозии қоидаҳои маъмурӣ ва техникӣ дар муносибат бо бехатарии нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, нақлиёти дарёӣ, ҳавоӣ ва баҳрӣ мувофиқи мақсад мешуморанд;

барои мусоидат кардан ба рушди байналмилалии ҳамлу нақли хушкӣ ва обии мусофирон ва борҳо ва инчунин имконоти иштироки дахлдор дар чунин ҳамлу нақл дар асоси фоидаи мутақобила омодагии худро изҳор медоранд;

бо эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқҳои онҳо ва риояи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ба манфиати бартараф кардани тафовутҳо дар низомҳои ҳуқуқии киштигардӣ дар роҳҳои обии дохилӣ, ки таҳти таъсири муоҳидаҳои байналмилалӣ меафтанд, аз ҷумла, тафовутҳо дар корбурди ин низомҳо тарафдории худро изҳор медоранд ва бо ин мақсад аз давлатҳои аъзои Комиссияи Марказии Рейн, Комиссияи Дунай ва дигар созмонҳо даъват ба амал меоранд, ки ба корҳо ва тадқиқотҳое, ки аз ҷумла, дар чаҳорчӯбаи Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ гузаронда мешаванд, мусоидат кунанд;

бо мақсади бехтарсозии ҳамлу нақли байналмилалӣ аз тариқи роҳи оҳан ва эҳтироми ҳуқуқҳои онҳо ва риояи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ изҳори омодагӣ мекунанд, ки барои бартараф кардани душвориҳое, ки дар натиҷаи тафовутҳо дар муқаррароти мавҷудаи байналмилалии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳамлу нақли мутақобилаи мусофирон ва борҳо аз тариқи роҳи оҳан миёни марзҳои онҳо пайдо мешаванд, тадбирҳо меандешанд;

изҳори хоҳиш мекунанд, ки фаъолияти созмонҳои мавҷудаи байналмилалиро оид ба масъалаҳои нақлиёт, аз ҷумла, Кумитаи нақлиёти дохилии Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММро фаъол гардонанд ва изҳор медоранд, ки азм доранд бо саъю кӯшиши худ ба ин кор мусоидат намоянд;

бар онанд, ки аз тарафи давлатҳои иштирокчӣ баррасӣ намудани имкониятҳои ҳамроҳ шудан ба муоҳидаҳои мухталиф ё созмонҳои махсусгардонидашудаи байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёт ва инчунин кӯшишҳои онҳо ба мақсади иҷрои муоҳидаҳои тасдиқшуда метавонистанд ба таҳкими ҳамкорӣ дар ин соҳа мусоидат намоянд.

Рушди сайёҳӣ

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо эътирофи саҳме, ки сайёҳии байналмилалӣ ба рушди якдигарфаҳмии миёни халқҳо ва шиносшавӣ бо дастовардҳои дигар кишварҳо дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла, пешравии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мегузорад,

бо эътирофи робитаи мутақобила миёни рушди сайёҳӣ ва тадбирҳое, ки дар соҳаҳои дигари фаъолияти иқтисодӣ андешида мешаванд,

азм доранд рушди сайёҳиро ҳам дар асоси инфиродӣ ва ҳам коллективӣ ташвиқ кунанд, аз чумла, бо роҳи:

- мусоидат ба бехтарсозии заминаи моддии сайёҳӣ ва ҳамкорӣ дар ин соҳа;
- ташвиқ намудани амалисозии лоиҳаҳои муштарак оид ба сайёҳӣ, инчунин ҳамкории техникӣ, махсусан вақте ки ин бо наздикии ҳудудӣ ва ба ҳам рост омадани манфиатҳо алоқаманд аст;
- мусоидат намудан ба табодули иттилоот, инчунин қонун ва қоидаҳои дахлдор, тадқиқот, маълумот ва ҳуҷҷатҳо оид ба масъалаҳои сайёҳӣ ва бехтар намудани омор ба мақсади осон намудани муқоисапазир буданаш;
- баррасии мусбати масъалаҳое, ки ба таъмини молиявии сафарҳои сайёҳӣ ба хориҷ алоқаманд мебошанд, бо назардошти имкониятҳои иқтисодии худ ва инчунин масъалаҳои марбут ба расмиёте, ки барои чунин сафарҳо лозим мебошанд ва инчунин бо назардошти дигар муқаррарот оид ба сайёҳӣ, ки Ҷаласа қабул кардааст;
- мусоидат ба фаъолияти агентиҳои хориҷии сайёҳӣ ва ширкатҳои нақлиётӣ дар робита ба рушди сайёҳии байналмилалӣ;
- ташвиқи сайёҳӣ дар марҳалаи ғайримавсимӣ;
- омӯзиши имконияти табодули донишҷӯён ва мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ ба мақсади такмили ихтисоси онҳо;
- мусоидат барои гузаронидани конфронс ва симпозиумҳо

оид ба масъалаҳои банақшагирӣ ва рушди сайёҳӣ;

дар чаҳорчӯбаҳои дахлдори байналмилалӣ гузаронидани тадқиқотҳои муфассалро дар соҳаи сайёҳӣ дар ҳамкорӣ бо созмонҳои салоҳиятдори миллӣ мувофиқи матлаб мешуморанд, аз ҷумла:

- тадқиқоти муқоисавии салоҳият ва фаъолияти ваколатҳои сайёҳӣ, инчунин роҳу василаҳои рушди ҳамкорӣ дар миёни онҳо;
- тадқиқоти масъалаҳои марбут ба тамаркузи мавсимии рухсатиҳо, бо дар назар доштани ташвиқи сайёҳӣ дар вақти ғайримавсимӣ чун ҳадафи ниҳоӣ;
- тадқиқоти мушкилиҳои ҷойҳое, ки рушди сайёҳӣ ба муҳити зист зиён расонидааст;

инчунин бар ин андешаанд, ки тарафҳои манфиатдор метавонистанд масъалаҳои зеринро омӯзанд:

- яксон намудани навъҳои меҳмонхонаҳо ва
- хатсайрҳои сайёҳие, ки ду ё якчанд кишварро дар бар мегиранд;

ҳаддалимкон пайгирӣ хоҳанд кард, ки рушди сайёҳӣ ба муҳити зист ва мероси бадеӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ дар кишварҳои онҳо зиён нарасонад;

ҳамкорияшонро дар соҳаи сайёҳӣ дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба барои расидан ба ҳадафҳои зикршуда идома хоҳанд дод.

Ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии қувваҳои корӣ муҳоҷир

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо назардошти он, ки рафтуомади коргарони муҳоҷир дар Аврупо миқёси калон пайдо кардааст ва он, чӣ дар давлатҳои қабулкунанда ва чӣ дар давлатҳои фиристанда, омили муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарист;

бо эътирофи он, ки муҳоҷирати коргарон инчунин як қатор мушкилиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва ғайраи онро ҳам дар давлатҳои қабулкунанда ва ҳам дар давлатҳои фиристанда тавлид мекунад;

бо назардошти фаъолияти қаноатбахши созмонҳои байналмилалии салоҳиятдор, аз ҷумла, Созмони байналмилалии шуғл дар ин самт;

бар онанд, ки мушкилиҳое, ки дар самти дуҷониба вобаста ба муҳоҷирати коргарон ба Аврупо ва инчунин миёни давлатҳои иштирокчӣ пайдо мешаванд, бояд бевосита аз тарафи ҷонибҳои манфиатдор баррасӣ шаванд, то ин мушкилиҳо ба манфиати ҷонибҳо ҳал карда шаванд, дар партави кӯшишҳои ҳар як давлати манфиатдор эҳтиёҷоти ҳар як давлат, ки вазъи иҷтимоӣ-иқтисодияш ба бор овардааст, бо назардошти гирифтани ӯҳдадориҳои ҳар як давлат барои амал кардан тибқи созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ки худаш яке аз тарафҳо мебошад, бо назардошти ҳадафҳои зерин ба таври бояду шояд ба эътибор гирифта шаванд:

истиқбол кардани кӯшишҳои давлатҳои фиристанда, ки ба тавсеаи имконоти кортаъминкунии шаҳрвандонашон дар ҳудуди худашон равона шудааст, аз ҷумла, бо роҳи ҳамкориҳои иқтисодие, ки ба ин ҳадафҳо ҷавоб мегӯянд ва барои кишварҳои манфиатдори фиристанда ва кишварҳои қабулкунанда қобили қабул мебошанд;

бо роҳи ҳамкорӣ миёни кишвари қабулкунанда ва кишвари фиристанда фароҳам овардани шароите, ки аз тариқи он рафтуомади муназзами коргарон ба амал ояд, зимни ин некӯаҳволии шахсӣ ва иҷтимоии онҳо муҳофизат карда шуда, дар ҳолатҳои дахлдор маҷмӯи омодагиҳои оддии забонӣ ва касбии коргарони муҳоҷир ташкил карда шавад;

таъмин намудан ва назорат кардани баробарии миёни коргарони муҳоҷир ва шаҳрвандони кишвари қабулкунанда дар масъалаи шароити кироя, меҳнат ва инчунин таъминоти иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ ва махсусан манзилӣ барои коргарони муҳоҷир;

то ҳадди имкон назорат бурдан аз болои он, ки коргарони муҳоҷир аз ҳамаи он имкониятҳое, ки шаҳрвандони кишвари қабулкунанда, дар масъалаи ёфтани кор дар ҳолати бекорӣ доранд, истифода бурда тавонанд;

муносибати хайрхоҳона кардан ба он ки коргарони муҳоҷир омодагии касбӣ гиранд ва то ҳадди имкон дар ҷои кор бепул забони кишвари қабулкунандаро омӯзанд;

тақвият бахшидан ба ҳуқуқи коргарони муҳоҷир барои мувофиқи имкон мунтазам бо забони модариашон дастрас намудани иттилоъ дар бораи кишвари фиристанда ва ҳам кишвари қабулкунанда;

таъмин намудани кӯдакони коргарони муҳоҷир, ки дар кишвари қабулкунанда зиндагӣ мекунанд, бо дастрасӣ ба таҳсил бо ҳамон шароите, ки кӯдакони кишвари қабулкунанда доранд, ва ба ҷуз ин, имкон додан ба таълими забони модарӣ, фарҳанги миллӣ, таърих ва ҷуғрофия;

дар назар доштани он, ки коргарони муҳоҷир, махсусан онҳое, ки тахассус гирифтаанд, баъди баргаштан ба ватани худ ва гузаштани як муддати муайян метавонанд ба ҳалли мушкилии норасоии қувваҳои кории тахассусманд дар кишвари фиристанда мусоидат кунанд;

то ҷои имкон осон намудани имкони ба ҳам пайвастани оилаҳои коргарони муҳоҷир;

муносибати хайрхоҳона кардан нисбат ба кӯшишҳои кишварҳои фиристанда дар ҷалби пулҳои амонатии коргарони муҳоҷир дар чаҳорчӯбаи рушди иқтисодӣ ба хотири он ки имкониятҳои дахлдори таъмин намудан бо кор тавсеа ёбанд, ва ҳамин тариқ мусоидат намудан бар таҷдиди ҳамгироии ин коргарон баъди бозгашт.

Омодасозии кадрҳо

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо дарки аҳамияте, ки омодасозӣ ва баланд бардоштани ихтисоси мутахассисон ва кормандони техникӣ барои рушди иқтисодии ҳар як кишвар касб мекунад,

барои ташвиқ намудани ҳамкорӣ дар ин соҳа, аз ҷумла, мусоидат намудан ба табодули иттилоот дар бораи созмонҳо, барномаҳо ва усули омодасозӣ ва баланд бардоштани ихтисоси мутахассисон ва кормандони техникӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла, масъалаҳои идора, банақшагирии давлатӣ, кишоварзӣ, ташкили савдо ва кори банкӣ изҳори омодагӣ мекунанд;

инкишоф додани табодули мутахассисон ва кормандони техникиро бо шартҳои барои ҳар яке аз тарафҳо қобили қабул, аз ҷумла, дар шакли коромӯзӣ, ки шартҳои мушаххаси он – мӯҳлатҳо, масъалаҳои маблағгузорӣ, сатҳи маълумот ва тахассуси коромӯзонро бо созмонҳои салоҳиятдори давлатҳои иштирокчӣ мувофиқа кардан мумкин буд, мувофиқи матлаб мешуморанд;

ба манфиати бо роҳҳои дахлдор омӯхтани имкониятҳои ҳамкорӣ дар масъалаҳои ташкил ва гузаронидани омодагии кадрҳо дар ҷои корро тарафдорӣ мекунанд, махсусан аз рӯи ихтисосҳое, ки бо корбурди техникаи муосир алоқаманд мебошанд.

Масъалаҳои марбут ба амният ва ҳамкорӣ дар Баҳри Миёназамин

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо назардошти ҷанбаҳои ҷуғрофӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии муносибатҳои мутақобилаи худ бо давлатҳои ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин,

мӯътақид бар он ки амниятро дар Аврупо мебояд дар заминаи васеътари амният дар ҷаҳон ба эътибор гирифт, ва он бо амният дар минтақаи Баҳри Миёназамин дар маҷмӯъ зич алоқаманд аст ва бинобарин, раванди таҳкими амният бо Аврупо маҳдуд нашуда, бояд дар дигар минтақаҳои дунё, аз ҷумла, дар минтақаи Баҳри Миёназамин паҳн шавад,

бо итминон бар он ки таҳкими амният ва рушди ҳамкорӣ дар Аврупо равандҳои мусбатро дар минтақаи Баҳри Миёназамин ангеза хоҳад дод ва бо азми саҳмгузорӣ ба кори сулҳ, амният ва адолат дар ин минтақа ба манфиати давлатҳои иштирокчӣ ва ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин,

бо эътирофи муҳим будани муносибатҳои иқтисодии мутақобилаашон бо давлатҳои ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин ва ба эътибор гирифтани манфиати умумӣ дар рушди минбаъдаи ҳамкорӣ,

боқаноатмандӣқайдмекунанд,кидавлатҳоиғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин аз оғози Ҷаласа ба он таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд ва саҳми онҳоро ба таври лозимӣ ба эътибор гирифта,

азми худро эълом медоранд:

- мусоидат намудан ба рушди муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ худ бо давлатҳои ғайриштрокчӣ тибқи ҳадафҳо ва усулҳои Низомномаи СММ, ки муносибатҳояшон бар он асос меёбанд ва Эъломияи СММ дар хусуси усулҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ба муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории миёни давлатҳо дахл доранд, ва мутобиқан дар робита бо ин, дар муносибатҳои худ бо давлатҳои ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин такя кардан ба рӯҳи усулҳое, ки дар Эъломия баён шуда-

анд ва давлатҳои иштирокчӣ дар муносибатҳои мутақобилаашон онҳоро ба роҳбарӣ мегиранд;

- кӯшиш кардан, бо роҳи беҳтар сохтани муносибатҳо бо давлатҳои ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин, баҳри мустаҳкам сохтани боварӣ ба якдигар ба хотири мусоидат намудан ба амният ва субот дар минтақаи Баҳри Миёназамин;

- мусоидат кардан ба рушди ҳамкории мутақобилан судманд бо давлатҳои ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти иқтисодӣ, махсусан бо роҳи тавсеаи савдо, дар асоси фаҳмиши умумии зарурати субот ва пешравӣ дар муносибатҳои савдоӣ, манфиатҳои мутақобилаи иқтисодии онҳо ва тафовут дар сатҳи рушди иқтисодӣ ва ҳамин тариқ кумак расондан ба болоравии иқтисодӣ ва некӯаҳволии онҳо;
- мусоидат кардан ба рушди ҳаматарафаи иқтисодиёти давлатҳои ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин бо назардошти ҳадафҳои рушди миллии онҳо, ҳамкорӣ кардан бо онҳо, махсусан дар соҳаи саноат, илм ва техника ва дар кӯшишҳояшон ба мақсади беҳтар истифода бурдан аз захираҳояшон ва бо ин роҳ кумак расондан дар рушди нисбатан мутавозини муносибатҳои иқтисодии онҳо;

- фаъол гардонидани кӯшишҳо ва ҳамкорӣ дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин ба мақсади беҳтар намудани муҳити зист дар Баҳри Миёназамин, махсусан ба хотири нигоҳдории захираҳои биологӣ ва тавозуни экологии баҳр тавассути тадбирҳои дахлдор, бо шумули пешгирӣ намудани ифлосшавӣ ва мубориза бо он; бо ин мақсад ва бо назардошти ҳолати мавҷуда ҳамкорӣ кардан аз тариқи созмонҳои салоҳиятдори байналмилалӣ, аз ҷумла, дар чаҳорчӯбаи Барномаи СММ оид ба муҳити зист (ЮНЕП);
- мусоидат кардан ба робитаҳои минбаъда ва ҳамкорӣ бо давлатҳои ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин дар дигар соҳаҳои дахлдор.

- Барои мусоидат намудан ба ҳадафҳои дар боло баёншуда давлатҳои иштирокчӣ инчунин аз нияти дар хусуси дастгирӣ ва васеъ намудани робитаҳо ва гуфтугӯ, ки Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бо давлатҳои ғайрииштирокчии Баҳри Миёназамин, бо шумули тамоми давлатҳои Баҳри Миёназамин ба мақсади мусоидат намудан ба сулҳ, ихтисор намудани қувваҳои мусаллаҳ дар ин минтақа, таҳкими амният, паст кардани шиддати вазъият дар ин минтақа ва тавсеа бахшидан ба соҳаҳои ҳамкорӣ – вазифаҳое, ки ҳамагон ба онҳо манфиатдор мебошанд ва инчунин ба ақсади таъйини вазифаҳои муштараки минбаъда

оғоз кардааст, эълом медоранд.

- Давлатҳои иштирокчӣ мекӯшанд, ки дар чаҳорчӯбаи талошҳои бисёрҷонибаашон ба пешравӣ ва ташаббусҳои дахлдор мусоидат намоянд ва инчунин табодули афкорро дар масъалаи расидан ба вазифаҳои дар боло баёншуда амалӣ созанд

- Ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуманитарӣ ва соҳаҳои дигар

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо хоҳиши мусоидат ба таҳкими сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳо ва ғановати маънавии шахсияти инсон бе гузоштани тафовут ба нажод, ҷинс, забон ва дин;

бо дарки он, ки инкишофи соҳаҳои фарҳанг ва маориф, интишори васеи иттилоот, робитаҳои миёни одамон ва ҳалли мушкилиҳои башарӣ барои расидан ба ин ҳадафҳо мусоидат хоҳанд кард;

тасмим гирифтаанд, ки аз ин хотир бо якдигар сарфи назар аз низомҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоияшон ҳамкорӣ кунанд, то ки дар соҳаҳои дар боло номбаршуда шароити беҳтар фароҳам оранд, шаклҳои мавҷудаи ҳамкориро инкишоф диҳанд ва мустаҳкам созанд ва инчунин роҳҳои нав ва воситаҳои ба ин ҳадафҳо мувофиқро тарҳрезӣ намоянд;

мӯътақид бар он, ки ин ҳамкорӣ он гуна ки дар ҳуҷҷати дахлдор омадааст, бояд бо риояи тамоми принсипҳое, ки муносибатҳои миёни давлатҳои иштирокчиро ба танзим медароранд, амалӣ шавад,

зеринро қабул карданд:

1. Робитаи миёни одамон

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо баррасии рушди алоқаҳо ба ҳайси унсури муҳими таҳкими муносибатҳои дӯстона ва боварии миёни халқҳо,

дар робита бо кӯшишҳои ҳозираи онҳо оид ба беҳсозии шароит дар ин соҳа ва тасдиқи аҳамияти хосе, ки онҳо ба андешаҳои инсонгароёна медиҳанд,

бо хоҳиши дар ҳамин рӯҳия дар баробари пастшавии шиддат

ба хотири пешравии минбаъда боз кӯшишҳо ба кор бурдан

ва бо дарки он ки ин масъалаҳо бояд аз ҷониби давлатҳои манфиатдор бо шартҳои қобили қабул ҳаллу фасл ёбанд,

дар назди худ мақсад мегузоранд, ки рафтуомади озод ва робитаҳоро дар миёни одамон, муассисаҳо ва созмонҳои давлатҳои иштирокчӣ дар заминаи инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, расмӣ ва ғайрирасмӣ осонтар гардонанд ва ба ҳалли масъалаҳои хусусияти башаридошта, ки дар ин соҳа падид меоянд, мусоидат кунанд,

дар хусуси омодагиашон оид ба дидани чораҳое, ки онҳо ба ин мақсад мувофиқ мешуморанд ва инчунин, дар сурати зарурат, бо бастани созишномаҳо миёни якдигар ё расидан ба созиш эълом медоранд ва

баён медоранд, ки нияти доранд дар давраи ҳозира ба амалисозии ин корҳо оғоз мекунанд:

а) Робитаҳо ва вохӯриҳои мунтазам дар пояи робитаҳои хонаводагӣ

Давлатҳои иштирокчӣ бо назардошти мусоидат ба рушди минбаъдаи робитаҳо дар пояи иртиботи хонаводагӣ хоҳиши сафар намудани ашхосро барои вохӯрдан бо аъзои хонаводаи худ, ки ба гирифтани иҷозати вуруд ба марзи онҳо ё хуруҷ аз марзи онҳо ба таври муваққатӣ ё доимӣ ниёз пайдо мешавад, ба таври мусбат ҳал хоҳанд кард.

Аризаҳо дар хусуси сафарҳои муваққатӣ барои вохӯрдан бо аъзои оилаи худ сарфи назар аз кишвари вуруд ё хуруҷ дида хоҳанд шуд; тартиби мавҷудаи ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои рафтуомад ва раводид дар ҳамин рӯҳия амалӣ хоҳад шуд. Расмиятдиҳӣ ва додани чунин ҳуҷҷатҳо дар мӯҳлатҳои қобили қабул ва дар ҳолатҳои таъҷилӣ, ба монанди бемории ҷиддӣ, фавт бе навбат амалӣ хоҳанд шуд. Онҳо корҳоеро анҷом хоҳанд дод, ки метавонанд барои таъмини андозаи қобили қабули пардохти маблағ барои додани ҳуҷҷатҳои расмии сафар ва раводид зарур шаванд.

Онҳо тасдиқ мекунанд, ки пешниҳоди хоҳиши марбут ба робитаҳо дар пояи иртиботи хонаводагӣ ба тағйири ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахси хоҳишро пешниҳодкарда ё аъзои хонаводаи ӯ нахоҳад расонд.

b) Ба ҳам бозпайвастани хонаводаҳо

Давлатҳои иштирокчӣ ба хоҳиши ашхосе, ки мехоҳанд бо аъзои хонаводаи худ бозпайванданд, муносибати мусбат ва

инсондӯстона хоҳанд кард ва зимни ин ба дархостҳои таъҷилие, ки аз шахсони бемор ва кӯҳансол мерасанд, таваҷҷӯҳи махсус нишон хоҳанд дод.

Онҳо чунин дархостҳоро мувофиқи имкон зудтар баррасӣ хоҳанд кард.

Онҳо дар сурати зарурат барои таъмини ҳадди мӯътадил ҳаҷми маблағеро, ки дар робита бо ин дархост бояд пардохта шавад, камтар хоҳанд кард.

Хоҳишҳои қонеънашуда дар хусуси бозпайвастани хонаводаҳо метавонанд дар зинаи дахлдор аз нав пешниҳод шаванд ва баъд аз муддати начандон тӯлонӣ мутобиқан аз ҷониби ҳукумати кишвари иқомат ё кишвари қабулкунанда баррасӣ гарданд; дар чунин ҳолатҳо маблағ танҳо дар сурати қонеъ гардидани хоҳиш пардохта мешавад.

Ашхосе, ки хоҳишашон дар хусуси бозпайвастани хонавода қонеъ гардонда шудааст, метавонанд ҳамроҳи худ ашёву анҷоми хонагӣ ва истифодаи шахсиашонро бигиранд ё бифиристанд; давлатҳои иштирокчӣ барои ин мақсад тамоми имкониятҳоеро, ки дар қоидаҳои мавҷуда дарҷ гардидаанд, ба кор мебаранд.

То ба ҳам бозпайвастани аъзои худи ҳамон як оила вохӯрӣ ва алоқаҳои миёни онҳо тибқи тартибот дар бораи бозпайвастани робитаҳои хонаводагӣ амалӣ мегарданд.

Давлатҳои иштирокчӣ кӯшишҳои ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмарро, ки ба қазияҳои бозпайвастани хонаводаҳо машғуланд, дастгирӣ мекунанд.

Онҳо тасдиқ мекунанд, ки пешниҳоди хоҳиш дар хусуси бозпайвастани хонаводаҳо мӯҷиби тағйири ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсон ё аъзои хонаводаи онҳо, ки хоҳишро пешниҳод кардаанд, намешавад.

Давлати иштирокчии қабулкунанда барои бо кор таъмин кардани ашхос аз давлатҳои дигари иштирокчӣ, ки ба ин давлат барои иқомати доимӣ дар чаҳорчӯбаи бозпайвастани хонавода бо шаҳрвандони ин давлат меоянд, ғамхории лозимӣ нишон медиҳад ва барои он ки онҳо дар гирифтани маълумот, кумаки тиббӣ ва таъминоти иҷтимоӣ бо шаҳрвандони ин давлат имкониятҳои баробар дошта бошанд, чораҳо мебинад.

c) Ақди никоҳ миёни шаҳрвандони давлатҳои гуногун

Давлатҳои иштирокчӣ хоҳишҳоро оид ба иҷозати хуруҷ ва вуруди ашхосе, ки тасмим гирифтаанд бо шаҳрвандии давлати дигари иштирокчӣ ақди никоҳ банданд, бо камоли хайрхоҳӣ ва аз мавқеи инсондӯстона хоҳанд омӯхт.

Расмиятдиҳӣ ва додани ҳуҷҷатҳо барои расидан ба ҳадафҳои дар боло номбаршуда тибқи тартиботе амалӣ мешаванд, ки дар робита ба бозпайвастани хонаводаҳо қабул шудаанд.

Зимни баррасии хоҳишҳое, ки аз зану шавҳари аллакай ба ақди никоҳ даромада аз давлатҳои гуногуни иштирокчӣ дар хусуси ба онҳо ва фарзандони ноболиғашон аз ҳамин никоҳ додани имкони тағйири макони иқомати доимӣ ба давлате, ки одатан яке аз онҳо зиндагӣ мекунад, мерасанд, давлати иштирокчӣ ҳамчунин ҳамон тартиботеро ба кор мебарад, ки дар робита ба бозпайвастани хонаводаҳо қабул шудааст.

d) Сафарҳо бо сабабҳои шахсӣ ё касбӣ

Давлатҳои иштирокчӣ ният доранд, ки ба имкониятҳои васеътари анҷом ёфтани сафарҳои шаҳрвандони онҳо бо сабабҳои шахсӣ ё касбӣ мусоидат кунанд ва ба ин мақсад тасмим гирифтаанд, аз ҷумла:

- корбурди тартиби хуруҷ ва вурудро тадриҷан содда ва нарм созанд;

- тартиби рафтуомади шаҳрвандони дигар давлатҳои иштирокчиро аз марзҳояшон бо назардошти талаботи лозимии амниятӣ осон гардонанд.

Онҳо бар он мекӯшанд, ки дар мавридҳои зарурат маблағи пардохтро барои раводид ва ҳуҷҷатҳои расмии сафар тадриҷан кам кунанд.

Онҳо тасмим мегиранд, ки дар сурати зарурат василаҳои такмили таҷрибаи дуҷонибаи хадамоти консулӣ, аз ҷумла, кумаки ҳуқуқӣ ва консулӣ, ҳамчунин агар мувофиқи мақсад бошад, бастани аҳдномаҳои бисёрҷониба ва дуҷонибаи консулӣ ё дигар созишномаву тавофуқномаҳои дахлдорро омӯзанд.

* * *

Онҳо тасдиқ мекунанд, ки кешҳои динӣ, муассисаҳо ва созмонҳое, ки амалиёти онҳо дар чаҳорчӯбаҳои конститутсионии давлатҳои иштирокчӣ қарор дорад, ҳамроҳи намояндагонашон метавонанд дар соҳаи фаъолияти онҳо робита барқарор созанд,

вохӯриҳо ташкил кунанд ва табодули иттилоъ дошта бошанд.

е) Беҳтарсозии шароит барои саёҳат дар асоси инфиродӣ ё дастаҷамъӣ

Давлатҳои иштирокчӣ чунин меҳисобанд, ки саёҳат ба афзудани дониш дар бораи зиндагӣ, фарҳанг ва таърихи кишварҳои дигар, ба густариши якдигарфаҳмии миёни халқҳо, беҳтаршавии робитаҳо ва хубтар истифода бурдани вақти фароғатӣ мусоидат мекунад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ба густариши саёҳат дар асоси инфиродӣ ё дастаҷамъӣ мусоидат кунанд ва аз ҷумла, дар назар доранд:

- мусоидат кардан ба рафтуомад ба кишвари худ, тариқи ҳавасмандгардонии додани имкониятҳои лозимӣ, инчунин соддагардонӣ ва суръат додан ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳое, ки ба ин сафарҳо дахл доранд;

- тавсеа бахшидани ҳамкорӣ, кучое ки лозим бошад, дар бахши рушди саёҳат дар асоси созишнома ё тавофуқномаҳо, аз ҷумла, аз тариқи дуҷониба баррасӣ намудани роҳҳои имконпазири зиёд намудани иттилоъ дар хусуси сафар ба кишварҳои дигар, қабул ва хидматрасонӣ ба сайёҳон ва дигар масъалаҳои дахлдори мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳо.

f) Вохӯриҳо миёни ҷавонон

Давлатҳои иштирокчӣ тасмим мегиранд, ки ба инкишофи робита ва табодулҳо миёни ҷавонон мусоидат намуда, корҳои зеринро ташвиқ мекунанд:

- тавсеаи табодул ва робитаҳои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддати миёни меҳнаткашон, ки омодагии касбӣ мегиранд ё ҷавонони муҳассил аз тариқи созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ё барномаҳои мунтазам дар тамоми ҳолатҳое, ки имконпазир аст;

- аз тарафи созмонҳои ҷавонони онҳо омӯхта шудани масъала дар хусуси созишномаҳои оянда, ки ба шаклҳои ҳамкории бисёрҷонибаи ҷавонон нисбат доранд;

- созишномаҳо ва барномаҳои доимӣ, ки ба ташкили табодули толибилмон, семинарҳои байналмилалии ҷавонон, курсҳои таълими касбӣ ва курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ нисбат доранд;

- густариши минбаъдаи саёҳати ҷавонон ва додани имтиёзҳои дахлдор ба ин мақсад;

- густариши ҳаддалимкони табодул, робита ва ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба миёни созмонҳои онҳо, ки аз табақаҳои васеи меҳнаткашон, ки аз омодагии касбӣ мегузаранд ва ҷавонони

муҳассил иборат мебошанд;

- дарки муҳим будани густариши якдигарфаҳмӣ, таҳкими муносибатҳои дӯстона ва боварии миёни халқҳо аз тарафи ҷавонон.

g) Дар бораи варзиш

Ба мақсади густариши робитаҳои мавҷуда ва ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш давлатҳои иштирокчӣ алоқа ва табодулҳои дахлдорро бо дар бар гирифтани тамоми навъҳои вохӯриҳои варзишӣ ва мусобиқаҳои дар асоси қоидаҳои байналмилалӣ, муқаррарот ва таҷрибаҳои аз тарафи умум қабулшуда дастгирӣ мекунанд.

h) Тавсеаи робитаҳо

Давлатҳои иштирокчӣ ба хотири рушди минбаъдаи робитаҳои миёни муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ, ба шумули занона гузаронидани вохӯриҳо, инчунин сафарҳои ҳайат, гурӯҳҳо ва ашхоси алоҳидаро осон хоҳанд гардонд.

2. Иттилоъ

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо дарки эҳтиёҷ ба донистан ва фаҳмиши ҳарчи бештари ҷанбаҳои зиндагии дигар давлатҳои иштирокчӣ,

бо қайд кардани саҳми ин раванд дар зиёдшавии боварӣ дар миёни халқҳо,

бо майли он, ки бо роҳи пеш бурдани якдигарфаҳмӣ миёни давлатҳои иштирокчӣ ва беҳтарсозии минбаъдаи муносибатҳо миёни онҳо кӯшишҳоро минбаъд ҳам ба мақсади пешравӣ дар ин соҳа идома хоҳанд дод,

бо таъкиди аҳамияти махсуси интишори иттилоот аз дигар давлатҳои иштирокчӣ ва боз бештар шинос шудан бо чунин иттилоот,

аз ин рӯ, бо таъкиди нақши муҳим ва муассири матбуот, садо, симо, кино ва агентиҳои телеграфӣ ва рӯзноманигорон, ки дар ин соҳа фаъолият доранд;

дар назди худ вазифа мегузоранд, ки интишори озод ва васеътари тамоми шаклҳои иттилоот ва табодули иттилоотро бо дигар

кишварҳо осон мегардонанд ва шароитеро, ки рӯзноманигорон зимни гузаштан аз як давлати иштирокчӣ ба дигар давлати иштирокчӣ фаъолияти касбии худро амалӣ месозанд, беҳтар мекунанд, ва

азми худро изҳор мекунанд, аз ҷумла:

а) Беҳтарсозии интишор, дастрасӣ ва додугирифти иттилоот

і) Иттилооти шифоҳӣ

- Мусоидат намудан ба интишори иттилооти шифоҳӣ аз тариқи ташвиқи сафарҳои ходимони намоён ва мутахассисон аз дигар давлатҳои иштирокчӣ барои суханрониҳо, инчунин мубодилаи афкор дар шакли «мизи мудаввар», семинар, курсҳои тобистона, конгресс ва дигар вохӯриҳои дуҷониба ва бисёрҷониба.

іі) Иттилооти чопӣ

- Мусоидат намудан ба беҳтаршавии интишори рӯзномаҳо ва нашрияҳои чопӣ, даврӣ ва ғайридаврӣ дар ҳудуди онҳо аз дигар давлатҳои иштирокчӣ. Бо ин мақсад:

онҳо ширкат ва дигар созмонҳои салоҳиятдори худро барои бастани шартномаҳо оид ба ворид намудани рӯзномаву нашрияҳои чопӣ, ки тадриҷан ба зиёдшавии теъдод ва номгӯи онҳо аз дигар давлатҳои иштирокчӣ равона мегарданд, ташвиқ мекунанд. Хуб мешуд, ки дар ин созишнома ва тавофуқномаҳо, аз ҷумла, шароити ҳарчи зудтар бурда расонидан, истифода бурдани роҳҳои одатан дар ҳар як давлат вуҷуддоштаи интишори матбуоти даврӣ ва рӯзномаҳо ва инчунин шакл ва тарзҳои мувофиқатшудаи ҳисоббаробаркуниҳо, ки ба амалисозии ҳадафҳои ин созишномаҳо имкон медиҳанд, зикр карда шаванд;

он ҷое, ки зарур аст, онҳо барои амалисозии ҳадафҳои номбаршуда ва муқаррароти созишномаву тавофуқномаҳо чораҳои дахлдорро хоҳанд дид.

- Мусоидат намудан ба беҳтар шудани дастрасии аҳли ҷомеа ба нашрияҳои чопӣ, даврӣ ва ғайридаврӣ, ки дар асоси дар боло баёншуда ворид мешаванд. Аз ҷумла:

онҳо тавсеаи нуқтаҳои фурӯши чунин нашрияҳоро ташвиқ хоҳанд кард;

онҳо пешниҳоди чунин нашрияҳои давриро дар вақти гу-

заронидани конгресс, конфронс, сафарҳои расмӣ ва дигар чорабиниҳои байналмилалӣ ва ба сайёҳон дар мавсими сайёҳӣ осон хоҳанд кард;

онҳо имкониятҳои обунаро дар асоси қоидаҳои ба ҳар як кишвар хос васеъ хоҳанд кард;

онҳо имконияти дар китобхонаҳои оммавӣ ва толорҳои хониши онҳо барои истифодаи муваққатӣ ва хондан ва инчунин дар китобхонаҳои донишгоҳҳо пешкаш шудани ин нашрияҳоро беҳтар хоҳанд кард.

Онҳо тасмим мегиранд, ки имконияти шиносшавӣ бо ахбороти иттилооти расмиеро, ки намояндагиҳои дипломатӣ ба табъ мерасонанд ва аз тарафи ин намояндагиҳо дар асоси мувофиқатномаҳои барои ҳар ду тараф қобили қабул интишор меёбанд, беҳтар гардонанд.

iii) Иттилооти кино, садо ва симо

- мусоидат намудан ба беҳтаршавии интишори иттилооти кино, садо ва симо. Ба ин мақсад:

онҳо тавсеаи намоиш ва пахши иттилооти гуногунро, ки аз ҷониби дигар давлатҳои аъзо дар навор сабт шудааст ва ҷанбаҳои мухталифи зиндагиро дар кишварҳояшон намоиш медиҳанд ва дар асоси созишномаҳое гирифта шудаанд, ки метавонанд миёни созмон ва ширкатҳои манфиатдор бевосита зарур бошанд, дастгирӣ мекунанд;

онҳо воридшавии маводи аудиовизуалии дар навор сабтшударо аз тарафи созмону ширкатҳои салоҳиятдор аз дигар давлатҳои аъзо осон мегардонанд.

Давлатҳои иштирокчӣ тавсеаи интишори иттилооти радиоиро ба эътибор мегиранд ва бар он умед мебанданд, ки ин раванд он гуна идома хоҳад ёфт, ки ҷавобгӯи манфиатҳои якдигарфаҳмии миёни халқҳо ва ҳадафҳои муайянкардаи ин Созишнома бошад.

b) Ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот

Ташвиқ намудани ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот дар асоси созишнома ва тавофуқномаҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддат. Аз ҷумла:

онҳо ба ҳамкории васеътари миёни воситаҳои ахбори умум, аз

ҷумла, агентиҳои телеграфӣ, нашриётҳо ва созмонҳои матбуотӣ мусоидат хоҳанд кард;

онҳо ба ҳамкории миёни созмонҳои садо ва симо, чӣ давлатӣ ва чӣ хусусӣ, миллӣ ва баналмилалӣ, аз ҷумла, бо роҳи табодули барномаҳои мустақим ё сабтшудаи садо ва симои истеҳсоли муштарак ва интишори чунин барномаҳо мусоидат хоҳанд кард;

онҳо вохӯрӣ ва робитаҳои миёни чӣ созмонҳои рӯзноманигорон ва чӣ рӯзноманигорони давлатҳои иштирокчиро ташвиқ хоҳанд кард;

онҳо ба имкониятҳои расидан ба тавофуқ байни матбуоти даврӣ, бо шумули рӯзномаҳои давлатҳои иштирокчӣ дар хусуси мубодилаи мақолаҳо ва нашри онҳо муносибати хайрхоҳона хоҳанд дошт;

онҳо мубодилаи иттилооти техникӣ, инчунин ташкил намудани тадқиқотҳои алоҳида ва гузаронидани вохӯриҳои мутахассисонро оид ба табодули таҷриба ва афкор дар соҳаи садо ва симо ташвиқ хоҳанд кард.

c) Беҳтарсозии шароити кори рӯзноманигорон

Давлатҳои иштирокчӣ бо кӯшиши беҳтарсозии шароите, ки дар он рӯзноманигорони яке аз давлатҳои иштирокчӣ фаъолияти касбии худро дар дигар давлати иштирокчӣ амалӣ месозанд, аз ҷумла, ба назар хоҳанд гирифт:

- бо рӯҳияи хайрхоҳона омӯхтани хоҳишҳои рӯзноманигорон дар хусуси додани раводид дар мӯҳлатҳои мувофиқ ва қобили қабул;

- ба рӯзноманигорони дар давлатҳои иштирокчӣ муқим дар асоси мувофиқат додани раводиди бисёркаратаи вуруд ва хуруҷ ба мӯҳлати муайян;

- осон намудани додани иҷозат барои зист ба рӯзноманигорони сабтиномшудаи давлатҳои иштирокчӣ дар давлати иқомати муваққатии онҳо, ва агар вақте чунин зарурат пеш ояд, ба онҳо додани ҳуҷҷатҳои расмии лозимии дигар;

- дар асоси мутақобила осон намудани расмиёти сафарҳои рӯзноманигорон ба давлате, ки дар он ҷо онҳо бояд фаъолияти касбии худро амалӣ созанд ва тадриҷан барои чунин сафарҳо имкониятҳои васеъ додан, бо риояи қоидаҳои марбут ба

минтақаҳое, ки аз нигоҳи бехатарӣ пӯшидаанд;

- таъмини иҷрои хоҳиши чунин рӯзноманигорон дар хусуси сафарҳои ба ин монанд ба гунае ки ҷавоб бо дар назар доштани мӯҳлати талаб мувофиқи имкон тезтар дода шавад;

- зиёд намудани имконияти муошарати шахсии рӯзноманигорони давлатҳои иштирокчӣ бо манбаи иттилооти онҳо ва ҳамчунин созмону муассисаҳои расмӣ;

- ба рӯзноманигорони давлатҳои иштирокчӣ додани ҳуқуқи даровардани таҷҳизоти техникӣ (барои суратгирӣ, кино, радио ва телевизион), ки барои иҷрои фаъолияти касбии онҳо зарур аст, танҳо бо шарти баъдан баровардани онҳо;

- ба рӯзноманигорони дигар давлатҳои иштирокчии иқоматашон доимӣ ё муваққатӣ фароҳам овардани имкони пурраи таҳвил додани самараи фаъолияти касбии онҳо дар шакли сабтҳои магнитофонӣ ва навори нопадид ба мақсади нашр ё барномасозӣ дар радио ва телевизион, бо тартиби оддӣ ва зуд аз тариқи каналҳои аз тарафи давлатҳои иштирокчӣ эътирофшуда.

Давлатҳои иштирокчӣ тасдиқ мекунанд, ки рӯзноманигорон наметавонанд бар асари амалисозии қонунии фаъолияти касбиашон пеш карда шаванд ё ба таври дигар мавриди ҷазо қарор бигиранд. Дар сурати пеш карда шудани рӯзноманигори сабтиномшуда ӯ дар бораи сабабҳои он хабардор карда мешавад ва метавонад бо хоҳиши аз нав дидани кораш мурочиат кунад.

3. Ҳамкорӣ ва табодул дар соҳаи фарҳанг

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо андешаи он ки табодулҳои фарҳангӣ ва ҳамкорӣ ба якдигарфаҳмии беҳтари миёни одамон ва халқҳо мусоидат намуда, бо ин роҳ ба устувор гаштани ризоият миёни давлатҳо кӯмак мерасонад,

бо тасдиқи натиҷаҳои ҳаматарафа мувофиқаткардашуда дар ин соҳа, аз ҷумла, дар Конфронси байниҳукуматӣ оид ба сиёсат дар соҳаи фарҳанг дар Аврупо, ки ЮНЕСКО дар моҳи июни соли 1972 дар Хелсинки ташкил кард ва дар он таваҷҷӯҳ ба иштироки фаъолонаи табақаҳои васеи ҷомеа дар ҳаёти фарҳангии гуногунрангтар маълум гашт,

бо хоҳиши рушди боварӣ ба якдигар ва минбаъд беҳтар намудани муносибатҳо миёни давлатҳои иштирокчӣ ва минбаъд идома додани кӯшишҳо ба мақсади пешравӣ дар ин соҳа,

бо изҳори омодагӣ барои дар ҳамин рӯҳия моҳиятан зиёд намудани табодули фарҳангии онҳо, чӣ вобаста ба одамон ва чӣ вобаста ба асарҳо ва инчунин тавсеаи рушди ҳамкории фаъоли миёни онҳо чӣ дар асоси дуҷониба ва чӣ дар асоси бисёрҷониба дар тамоми соҳаҳои фарҳанг,

бо мӯътақид будан бар он ки чунин таҳкими муносибатҳои мутақобилаи онҳо ба ғанӣ гаштани фарҳангҳои дахлдор бо эҳтиром ба асолати ҳар яке аз онҳо ва инчунин таҳкими дарки арзишҳои умумӣ зимни рушди минбаъдаи ҳамкории фарҳангӣ бо дигар кишварҳои дунё мусоидат хоҳад кард,

эълом медоранд, ки онҳо якҷоя дар назди худ вазифаҳои зерин мегузоранд:

a) иттилои якдигарро ба мақсади беҳтар шинос шудан бо дастовардҳои якдигар рушд медиҳанд,
b) имкониятҳои моддии табодул ва паҳн намудани арзишҳои фарҳангиро беҳтар месозанд,
c) дастрасии ҳамаро бо дастовардҳои дахлдори фарҳанг осон мегардонанд,
d) робита ва ҳамкориро миёни ходимони фарҳанг рушд медиҳанд,
e) соҳаҳо ва шаклҳои нави ҳамкории фарҳангиро меҷӯянд,

бо ин роҳ тамоили муштаракашонро барои тадриҷан ба кор андохтани фаъолиятҳои дарозмӯҳлати пайгирона ба хотири расидан ба ҳадафҳои ин эъломия намоиш медиҳанд; ва

аз азми худ дар хусуси аз ҳоли ҳозир ба татбиқ намудани гуфтаҳои поён ҳарф мезананд:

Тавсеаи робитаҳо

Ҳамкорӣ ва робитаҳо дар соҳаи фарҳанг дар сатҳҳои мухталиф тавсеа дода, беҳтар карда шаванд, аз ҷумла:

- дар ҳолатҳои дахлдор дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба созишномаҳо баста шаванд, ки тавсеаи робитаҳоро миёни муассисаҳои салоҳиятдори давлатӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар соҳаи фарҳанг, инчунин миёни ходимони фарҳанг бо назардошти зарурати нармӣ ва ҳам пурратар истифода бурдани созишномаҳои мавҷуда ва инчунин дигар тавофуқномаҳое, ки

василаи муҳими ҳамкорӣ ва табодулҳои фарҳангӣ мебошанд, пешбинӣ мекунанд;

- ба рушди робитаҳои мустақим ва ҳамкорӣ миёни муассисаҳои дахлдори давлатӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ, инчунин дар ҳолати зарурат чунин робита ва ҳамкориҳое, ки дар асоси созишнома ва мувофиқаҳои махсус амалӣ карда мешаванд, мусоидат кардан;
- ташвиқ намудани робита ва алоқаҳои миёни ходимони фарҳанг ва инчунин дар ҳолати зарурат чунин робита ва ҳамкориҳое, ки дар асоси созишнома ва мувофиқаҳои махсус амалӣ карда мешаванд.

Шиносшавии якдигарӣ

Дар ҳудуди салоҳияти онҳо дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба тадбирҳои мувофиқе дида шаванд, ки ба шиносшавии васеъ ва пурраи якдигарии халқҳои онҳо бо дастоврдҳо дар соҳаҳои мухталифи фарҳанг равона шуда бошанд, аз ҷумла:

- якҷоя, дар сурати зарурат бо ҷалби созмонҳои дахлдори Аврупо ва сохторҳои институти маълумотҳо дар соҳаи фарҳанг, ки маълумоти аз ҷониби давлатҳои иштирокчӣ омадаро ҷамъ карда, ба эҳтиёҷмандони худ мувофиқи дархосташон пешниҳод карда метавонист, омӯхтан ва ба ин мақсад даъват намудани ҷаласаи давлатҳои манфиатдор;
- дар сурати зарурат якҷоя бо созмонҳои дахлдори байналмилалӣ баррасӣ намудани роҳҳои дар Аврупо бунёд намудани фехрасти филмҳои ҳуҷҷатии хусусияти фарҳангӣ ё илмидоштаи давлатҳои иштирокчӣ;
- аз намоиши зуд-зуди намоишгоҳҳои китоб истиқбол кардан ва омӯхтани имкони дар Аврупо ба сурати доимӣ гузаронидани намоишгоҳҳои бузурги китобҳои давлатҳои иштирокчӣ;
- мусоидат намудан ба табодули бонизоми феҳрастҳои китобҳои мавҷуда миёни муассисаҳои дахлдор ва нашриётҳо, инчунин маводи рекламавӣ, ҳасбалимкон, дар хусуси тамоми нашрҳои омодаи нашр ва ангеза бахшидан ба табодули адабиёти энсиклопедӣ ба мақсади беҳтар намудани инъикоси ҳар як кишвар;
- якҷоя омӯхтани мсъалаҳои тавсеа ва беҳтарсозии табодули иттилоот дар соҳаҳои мухталифи фарҳанг, ба монанди театр, мусиқӣ, кори китобхона ва инчунин нигоҳдорӣ ва ислоҳи арзишҳои фарҳангӣ.

Табодул ва интишор

Мусоидат намудан ба беҳтаршавии имкониятҳо барои табодул ва интишори арзишҳои фарҳангӣ бо роҳҳои мувофиқ, аз

ҷумла:

- омӯхтани имкониятҳои мутавозинсозӣ ва кам намудани андозбандиҳо вобаста ба табодули байналмилалии китобҳо дар асоси тиҷоратӣ ва дигар маводи фарҳангӣ, инчунин тарзҳои нави суғурта намудани асарҳои санъат дар намоишгоҳҳо дар хориҷ ва паст намудани хавфи вайроншавӣ ё гумшавӣ, ки метавонанд бо ин асарҳо вобаста ба ҷойивазкунии онҳо рух диҳад;
- осон намудани гузаштани чорабиниҳои бадеии мутобиқ ба тақвим аз расмиёти гумрукӣ дар мавриди осори санъат ва реквизитҳое, ки дар рӯйхатҳои мувофиқакардашудаи миёни ташкилкунадагони чунин чорабиниҳо номбар шудаанд;

- ташвиқ намудани вохӯриҳои миёни намояндагони созмонҳои салоҳиятдор ва ширкатҳои дахлдор ба мақсади омӯзиши тадбирҳои дар ихтиёри онҳо буда, ба монанди осон намудани қабули супоришҳо, мӯҳлатҳои фурӯш ва шартҳои пардохт, ки метавонист табодули байналмилалии китобҳоро дар асоси тиҷоратӣ осон гардонад;
- мусоидат ба пешниҳод намудани филмҳо барои истифодаи муваққатӣ ва табодули онҳо миёни институтҳои илмӣ-тадқиқотии кинематографӣ ва филмотекаҳои онҳо;
- ташвиқ намудани табодули иттилоот миёни тарафҳои манфиатдор оид ба чорабиниҳои хусусияти фарҳангидошта, ки барои гузаронидан дар давлатҳои иштирокчӣ дар соҳаҳои мувофиқ ба монанди мусиқӣ, театр ва санъати тасвирӣ ба нақша гирифта шудаанд, то барои тартиб додан ва нашр намудани тақвими чунин чорабиниҳо, агар зарурат пайдо шавад, бо ёрии созмонҳои дахлдори байналмилалӣ, мусоидат ба амал ояд;
- бо назари нек нигоҳ кардан ба омӯзиши оқибатҳое, ки рушд ва мутавозинии имконпазир миёни тарафҳои манфиатдор дар мавриди василаҳои техникӣ, ки барои интишори фарҳанг истифода бурда мешаванд, сабабгори инкишофи ҳамкории фарҳангӣ ва табодулҳо гарданд, зимнан нигоҳдории гуногунрангӣ ва асолати фарҳангҳои дахлдор бояд дар назар дошта шаванд;
- дар чаҳорчӯбаи сиёсати фарҳангии онҳо бо тарзҳои барои онҳо имконпазир ташвиқ намудани рушди минбаъдаи таваҷҷӯҳ ба дастовардҳои дигар давлатҳои иштирокчӣ бо дарки он ки ҳар як фарҳанг шаън ва арзиш дорад;
- ғамхорӣ намудан дар бораи истифодаи пурра ва самарабахши созишнома ва муоҳидаҳо оид ба ҳуқуқи муаллифӣ ва интишори арзишҳои фарҳангӣ, ки онҳо иштирокчиашон мебошанд ва ё мехостанд, ки дар оянда ба он ҳамроҳ шаванд.

Дастрасӣ

Мусоидат намудан ба дастрасии комил ва мутақобила ба та-

моми дастовардҳо – асарҳо, таҷриба, санъати сарояндагӣ – дар соҳаҳои мухталифи фарҳанги кишварҳои онҳо ва ба ин мақсад ба кор бурдани тамоми кӯшишҳо тибқи салоҳияти онҳо, аз ҷумла:

- мусоидат намудан ба тавсеаи минбаъдаи интишори китобҳо ва асарҳои бадеӣ, аз ҷумла, бо роҳҳои зерин:

- мусоидат намудан ба робитаҳои байналмилалӣ ва алоқаҳо миёни муаллифон ва нашриётҳо ва инчунин дигар муассисаҳои фарҳангӣ бо пурра ба эътибор гирифтани муоҳидаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои муаллифӣ, бо назардошти дастрасии мутақобилаи комил ба дастовардҳои фарҳанг;

тавсия намудан, ки нашриётҳо зимни таъйини теъдод эҳтиёҷоти дигар давлатҳои иштирокчиро ба назар гиранд, то ҳуқуқи фурӯхтан, дар ҷойҳое, ки мумкин аст, ба дигар давлатҳои иштирокчӣ бо мувофиқаи миёни тарафҳои манфиатдор ба якчанд кишварҳои содиркунандаи ташкилкунандаи савдо дода шавад;

ташвиқ намудани созмонҳои салоҳиятдор ва ширкатҳои дахлдор барои бастани созишномаҳо ва қарордодҳо ва бо ин роҳ мусоидат кардан ба тадричан афзудани теъдод ва гуногунрангии муаллифони асарҳо аз дигар давлатҳои иштирокчӣ, ки дар асл ё тарҷума дар китобхонаҳояшон ё мағозаҳои китобҳояшон мавҷуд аст;

мусоидат намудан дар ҷое, ки мувофиқ ҳисобида мешавад, ба зиёдшавии нуқтаҳое, ки дар онҳо тибқи созишномаву қарордодҳо китобҳо дар асл ва ё тарҷума содиршудаи дигар муаллифони давлатҳои иштирокчӣ фурӯхта хоҳанд шуд;

ташвиқ намудани тавсеаи тарҷумаи асарҳо дар соҳаи адабиёт ва дигар соҳаҳои фаъолияти фарҳангӣ аз забонҳои дигар давлатҳои иштирокчӣ, аз ҷумла, асарҳое, ки ба дигар забонҳои на камтар интишорёфта эҷод шудаанд, инчунин нашр ва паҳн намудани асарҳои тарҷумашуда бо ёрии чунин тадбирҳо, ба монанди:

мусоидат ба робитаҳои бештар доимӣ миёни нашриётҳои манфиатдор;

рушди кӯшишҳои онҳо дар омодасозӣ ва такмили ихтисоси тарҷумонҳо;

бо роҳҳои мувофиқ кӯмак расонидан ба нашриётҳои кишварҳои онҳо дар нашри асарҳои тарҷумавӣ;

миёни ноширон ва муассисаҳои манфиатдор ташвиқ намудани табодули рӯйхатҳои китобҳое, ки метавонистанд мавриди тарҷума қарор гиранд;

мусоидат ба фаъолияти касбӣ ва ҳамкории тарҷумонҳои кишварҳояшон;

гузаронидани омӯзиши якҷояи роҳҳои рушди минбаъдаи тарҷума ва паҳн намудани асарҳои тарҷумавӣ, беҳтар кардани табодули китоб, феҳрасти китобҳо ва кортҳои библиографӣ;

- дар назар доштани чорабиниҳои дигари мувофиқ, ки дар вақти зарурат имкон медоданд, ки бо розигии байниякдигарии миёни тарафҳои манфиатдор ба дастрасӣ ба дастовардҳои фарҳангии якдигар, аз ҷумла, соҳаи китобдорӣ мусоидат ба амал ояд;

- мусоидат намудан ба гунаи лозимӣ ба истифодаи васеътари воситаҳои ахбори омма ба мақсади шиносшавии мутақобилаи беҳтари онҳо бо ҳаёти фарҳангиашон;

- кӯшиш барои беҳтар намудани шароити беҳтар барои коргарони муҳоҷир ва оилаҳои онҳо, то ки онҳо тавонанд робитаҳояшонро бо фарҳанги миллияшон ҳифз кунанд ва ба муҳити фарҳангии нав ворид шаванд;

- ташвиқ намудани созмон ва ширкатҳои салоҳиятдор ба интихоби васеътар ва интишори кинофилмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатии дигар давлатҳои иштирокчӣ ва инчунин мусоидат намудан ба намоишҳои муттасилтари ғайритиҷоратӣ, ба монанди нахустнамоишҳо, ҳафтаҳои кино ва фестивалҳо бо таваҷҷӯҳи лозимӣ ба филмҳои он давлатҳое, ки камтар машҳуранд;

- бо роҳҳои мувофиқ мусоидат намудан ба тавсеаи имкониятҳо барои кори мутахассисон аз дигар давлатҳои иштирокчӣ бо маводи дорои хусусияти фарҳангӣ аз бойгониҳои кино ва аудиовизуалӣ дар чаҳорчӯбаи қоидаҳое, ки барои кор бо чунин мавод мавҷуданд;

- дар ҳолатҳои дахлдор бо ҷалб намудани созмонҳои салоҳиятдори байналмилалӣ ташвиқ намудани созмонҳои манфиатдор дар масъалаи омӯзиши муштараки мувофиқи мақсад будан ва шартҳои сохтани рӯйхати барнома-филмҳои телевизионии хусусияташон фарҳангӣ ва инчунин воситаҳои зуди аз назар гузаронидан ба мақсади осон шудани интихоб ва харидории эҳтимолӣ.

Робитаҳо ва ҳамкорӣ

Бо василаҳои мувофиқ мусоидат намудан ба робитаҳо ва

ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталифи фарҳанг, аз ҷумла, миёни кормандони эҷодӣ ва ходимони фарҳанг ва хосса кӯшиш намудан барои:

- мусоидат намудан ба сафар ва мулоқотҳои ходимони фарҳанг ва дар ҷойҳое, ки лозим аст, бо дар бар гирифтани чунин сафару мулоқотҳо дар асоси созишнома ва қарордодҳо ва ё дигар тавофуқоте, ки ба ҳамкории фарҳангии онҳо тааллуқ доранд;
- бо ин роҳ ташвиқ намудани робитаҳо миёни кормандони эҷодӣ, иҷрокунандагон ва коллективҳои бадеӣ ба мақсади кори якҷоя, шиносшавӣ бо асарҳои онҳо дар дигар давлатҳои иштирокчӣ ё табодули афкор оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти муштараки онҳо;
- дар ҳолати зарурӣ бо роҳи тавофуқот ташвиқ намудани табодули коршиносон ва мутахассисон ва додани идрорпулӣ барои омодасозӣ ва такмили ихтисос дар соҳаҳои мухталифи фарҳанг, ба монанди санъат ва меъморӣ, кори музей ва китобхона, адабиётшиносӣ ва тарҷумаи адабӣ-бадеӣ ва мусоидат намудан барои бунёди шароити мусоид дар муассисаҳои дахлдори онҳо;
- мусоидат намудан ба табодули таҷриба дар омодасозии кормандоне, ки ба фаъолияти ташкилӣ дар соҳаи фарҳанг машғуланд, инчунин муаллимону мутахассисон дар чунин соҳаҳо, ба монанди театр, опера, балет, мусиқӣ ва санъати тасвирӣ;
- идома додани ташвиқи ташкили вохӯриҳои байналмилалии кормандони эҷодӣ, аз ҷумла, кормандони эҷодии ҷавон аз рӯи масъалаҳои муҳими эҷодиёти бадеӣ ва адабӣ, ки барои баррасии муштарак метавонанд мавриди таваҷҷӯҳ қарор дошта бошанд;
- омӯхтани имкониятҳои дигари табодул ва ҳамкорӣ миёни ходимони фарҳанг ба мақсади шиносшавии беҳтар бо ҳаёти фарҳангии давлатҳои иштирокчӣ.

Соҳаҳо ва шаклҳои ҳамкорӣ

Ташвиқ намудани ҷустуҷӯи соҳаҳо ва шаклҳои нави ҳамкории фарҳангӣ, бо мусоидат кардан ба бастани созишномаҳо ва тавофуқномаҳои дахлдор миёни тарафҳои манфиатдор ба ин мақсад дар он ҷое, ки зарур аст ва дар робита бо ин мусоидат намудан:

- ба омӯзиши муштараки масъалаҳои сиёсат дар соҳаи фарҳанг, аз ҷумла, ҷанбаҳои иҷтимоии он, инчунин дар робита бо сиёсат дар соҳаи банақшагирӣ, шаҳрсозӣ, маориф, муҳити зист ва ҷанбаҳои фарҳангии саёҳат;
- ба табодули донишҳо оид ба масъалаҳои гуногунрангии фарҳангӣ, то ки бо ин роҳ ба фаҳмиши беҳтари тарафҳои манфиатдор аз ин гуногунрангӣ дар ҷое, ки он ба назар мерасад, мусоидат ба амал ояд;
- ба табодули иттилоот ва дар ҷое, ки он мувофиқ аст, ба вохӯрии коршиносон, омода намудан ва амалисозии барнома ва лоиҳаҳои тадқиқотӣ ва инчунин баҳогузории муштараки онҳо ва паҳн намудани натиҷаҳо оид ба масъалаҳои номбаршуда;
- ба чунин шаклҳои ҳамкории фарҳангӣ ва гузаронидани чунин чорабиниҳои муштарак, ба монанди чорабиниҳои байналмилаӣ дар соҳаи санъати тасвирӣ, кино, театр, балет, мусиқӣ, эҷодиёти мардумӣ ва ғ.; намоишгоҳҳои китоб, басаҳнагузории муштараки спектаклҳо дар театрҳои опера ва драмавӣ, инчунин баромади солистон, ансамблҳои созӣ, оркестрҳо, коллективҳои хорӣ ва дигари бадеӣ, аз ҷумла, худфаъолиятӣ бо таваҷҷӯҳи лозимӣ зоҳир кардан ба чорабиниҳои байналмилалии фарҳангии ҷавонон ва табодули ҳунармандони ҷавон;

ворид намудани асарҳои наисандагон ва ҳангсозони дигар давлатҳои иштирокчӣ ба репертуари солистон ва коллективҳои бадеӣ;

омодасозӣ, тарҷума ва нашри мақола, очерк ва рисолаҳо, инчунин китобҳо бо нархҳои начандон баланд ва маҷмӯаҳо оид ба санъати тасвирӣ ва адабиёт, ки ба беҳтаршавии шиносоӣ бо дастовардҳои дахлдори фарҳанг мусоидат мекунанд, бо дар назар доштани вохӯриҳо миёни коршиносон ва намояндагони нашриётҳо ба ин мақсад;

истеҳсоли муштарак ва табодули филмҳо, инчунин теле- ва радиобарномаҳо, бо мусоидат намудан, аз ҷумла, ба вохӯрии миёни продюсерҳо, мутахассисони техникӣ ва намояндагони муассисаҳои давлатӣ ба мақсади дарёфти шароити мусоид барои амалисозии лоиҳаҳои мушаххаси муштарак ва бо мусоидат намудан ба бунёди гурӯҳҳои байналмилалии банаворгирӣ дар соҳаи истеҳсоли муштарак;

ташкил намудани озмунҳо дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ, дар назар дошта мешавад, амалисозии беҳтарин лоиҳаҳо ва дар ҷое, ки мумкин аст, ташкил кардани гурӯҳҳои байналмилалӣ;

бо иштироки созмонҳои дорои хусусияти ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ дар ҳолатҳои мувофиқ ва инчунин муассисаҳои салоҳиятдошта, ки фаъолиятро дар ин соҳа амалӣ месозанд, амалӣ намудани лоиҳаҳои муштараки нигоҳдорӣ, бозсозӣ ва эҳёи асарҳои санъат, ёдгориҳои таърихӣ, археологӣ ва ҷойҳое, ки мавриди таваҷҷӯҳи фарҳангӣ қарор доранд. Ба ин мақсад пешбинӣ карда мешавад:

вохӯриҳои даврагии коршиносони тарафҳои манфиатдор барои тарҳрезии пешниҳодҳои зарурӣ, бо назардошти зарурати баррасии ин масъалаҳо дар заминаи васеътари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ;

ба табъ расонидани мақолаҳо дар нашрияҳои дахлдори даврагӣ ба мақсади шиносшавӣ бо дастовардҳо ва навигариҳои муҳимтар ва муқоиса кардани онҳо миёни давлатҳои иштирокчӣ;

омӯзиши муштараки низомҳои мухталиф ба мақсади беҳтарсозӣ ва мутавозинсозии эҳтимолӣ, ки барои тартиб додани рӯйхатҳо ва феҳрастҳои ёдгориҳои таърихӣ ва ҷойҳои дорои хусусияти фарҳангӣ дар кишварҳои онҳо ба кор мераванд;

омӯзиши имконияти ташкили курсҳои байналмилалӣ оид ба омода сохтани тармимгарони ихтисосҳои гуногун.

* * *

Ақаллиятҳои миллӣ ва фарҳангҳои минтақавӣ

Давлатҳои иштирокчӣ бо эътирофи саҳме, ки ақаллиятҳои миллӣ ё фарҳангҳои минтақавӣ метавонанд ба ҳамкории миёни онҳо дар соҳаҳои мухталиф гузоранд, дар ҳолате ки дар ҳудуди онҳо чунин ақаллиятҳо ё фарҳангҳо вуҷуд доранд, азм доранд, ки ба ин саҳм бо назардошти манфиатҳои қонунии аъзои он мусоидат кунанд

4. Ҳамкорӣ ва табодул дар соҳаи маориф

Давлатҳои иштирокчӣ,

бо дарки он ки рушди муносибатҳои дорои хусусияти байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм ба фаҳмиши беҳтар мусоидат менамояд, барои тамоми халқҳо судманд аст ва барои наслҳои минбаъда нек аст,

бо омодагӣ барои мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи донишу таҷрибаҳо, инчунин робитаҳо миёни созмонҳо, муассисаҳо ва ходимони маорифу илм дар асоси созишномаҳои махсус, агар барои ин зарурат вуҷуд дорад,

бо азми таҳкими робитаҳо миёни муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, инчунин ташвиқи ҳамкориҳои миёни онҳо дар соҳаҳое, ки мавриди таваҷҷӯҳи тарафҳо мебошанд, аз ҷумла, он соҳаҳое, ки дар онҳо сатҳи донишу захираҳо муттаҳидсозии байналмилалии кӯшишҳоро тақозо доранд, ва

мӯътақид бар он ки пешравӣ дар ин соҳаҳо бо донистани васеи забонҳои хориҷӣ марбут аст ва дастгирӣ меёбад,

ба ин мақсад азми худро изҳор медоранд, аз ҷумла:

а) Тавсеаи робитаҳо

Тавсеа додан ва дар сатҳҳои мухталиф беҳтар намудани ҳамкорӣ ва робитаҳо дар соҳаҳои маориф ва илм, аз ҷумла, бо роҳи:

- дар ҳолатҳои дахлдор бастани созишномаҳо – дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба, ки ҳамкорӣ ва табодули миёни муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ходимони маорифу илмро дар назар доранд, зимни ин бо дар назар доштани зарурати ҳам нармӣ ва истифодаи пурратари созишномаву тавофуқномаҳои мавҷуда;
- мусоидат барои барқарор намудани робитаи мустақим миёни донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ дар чаҳорчӯбаи созишномаҳои байниҳукуматӣ дар ҳолатҳои дахлдор;

- ташвиқи робита ва алоқаҳои мустақим миёни ходимони маориф ва илм, бо дар бар гирифтани он гуна робитаҳо, ки дар асоси созишномаву тавофуқномаҳои махсус дар ҷое, ки зарурат доранд, амалӣ мегарданд.

b) Дастрасӣ ва табодулҳо

Беҳтар намудани дастрасии донишҷӯён, муаллимон ва олимони давлатҳои иштирокчӣ ба муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва илмии якдигар бо шартҳои қобили қабули мутақобила ва рушд додани табодули миёни ин муассисаҳо дар тамоми соҳаҳое, ки мавриди таваҷҷӯҳи тарафҳост, аз ҷумла, бо роҳи:

- тавсеаи табодули иттилоот оид ба имкониятҳои таълим ва ихтисосҳои барои иштирокчиёни хориҷӣ кушода, аз ҷумла, дар бораи шартҳои қабул ва иқомат;

- мусоидат ба сафари донишҷӯён, муаллимон ва олимон аз як давлати иштирокчӣ ба дигараш барои таҳсил, таълим, кори илмӣ ва инчунин барои шиносшавии беҳтар бо дастовардҳои маориф, илм ва фарҳанги якдигар;
- ташвиқи додани стипендия ба донишҷӯён, муаллимон ва олимони дигар давлатҳои иштирокчӣ барои омӯзиш, таълим ва гузаронидани корҳои илмӣ дар кишварҳояшон;
- тарҳрезӣ, рушд ва ташвиқи барномаҳое, ки табодули васеи донишҷӯён ва олимон, инчунин ташкили симпозиум, семинар, лоиҳаҳои якҷоя ва табодули иттилооти таълимиву илми-

ро ба монанди нашрияҳои донишгоҳӣ ва маводи китобхонавӣ пешбинӣ мекунанд;

- мусоидат намудан ба амалисозии самарабахши чунин чорабинӣ ва барномаҳо бо роҳи ба олимон, муаллимон ва донишҷӯён сари вақт равона кардани иттилои муфассалтар вобаста ба қабули онҳо ба донишгоҳҳо ва донишкадаҳо ва дигар барномаҳое, ки барои онҳо пешбинӣ шудааст; таъмин кардани онҳо бо имконияти истифода бурдани маводи дахлдори таълимӣ, илмӣ ва кушодаи бойгониҳо; мусоидат намудан ба сафарҳои онҳо дар дохили давлати қабулкунанда, ки чӣ ба мақсади таълимиву илмӣ амалӣ мегарданд ва чӣ дар шакли сафарҳои таътилӣ дар асоси тартиботи одатӣ;
- мусоидат намудан ба таҳлили амиқтари масъалаҳои қобили муқоиса будан ва мутобиқат доштани дараҷаҳои илмӣ ва дипломҳо ба василаи ташвиқи табодули иттилоот оид ба ташкил, давомнокӣ ва мазмуни таълим, муқоисаи тарзҳои баҳодиҳӣ ба сатҳи дониш ва тахассуси илмӣ ва ҳасбалимкон, расидан ба эътирофи мутақобилаи дараҷаҳои илмӣ ё дар асоси созишномаҳои ҳукуматӣ, ё дар ҳолати зарурӣ дар асоси тавофуқоти бевоситаи миёни донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои илмӣ;
- ғайр аз ин, ба созмонҳои байналмилалӣ тавсия дода мешавад, ки тамоми кӯшиши худро барои расидан ба ҳалли қобили қабули ҳамагони масъалаҳои қобили қиёс будан ва мутобиқат доштани дараҷаҳои илмӣ ва дипломҳо равона созанд.

с) Илм

Дар ҳудуди салоҳияти худ тавсеа додан ба ҳамкорӣ ва табодул дар соҳаи илм, аз ҷумла:

Дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба рушд додани табодул ва паҳн намудани иттилооти илмӣ ва ҳуҷҷатҳо бо роҳҳои зерин, ба монанди:

- ба таври васеътар пешниҳод намудани ин иттилоот ба олимон ва кормандони дигар давлатҳои иштирокчӣ, масалан, бо роҳи иштирок дар низомҳои байналмилалии иттилоот ё ба воситаи дигар тавофуқномаҳои дахлдор;
- тавсеа ва беҳтар намудани табодули намуна ва дигар маводи илмӣ, аз ҷумла, маводе, ки дар тадқиқотҳои бунёдӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва тиб истифода мешаванд;
- муроҷиат намудан ба муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо, то якдигарро пурратар ва муттасилтар дар бораи тадқиқотҳои ҷорӣ ва ояндаи худ дар соҳаҳое, ки мавриди таваҷҷӯҳи умум мебошанд, огоҳ созанд.

Мусоидат намудан ба тавсеаи алоқаҳо, инчунин робитаҳои мустақим миёни донишгоҳҳо, муассисаҳои илмӣ, ҷамъиятҳои илмӣ ва миёни олимон ва кормандони илмӣ, инчунин он робитаҳое, ки дар ҳолати зарурӣ дар асоси созишнома ва тавофуқномаҳои махсус бо роҳҳои зерин амалӣ мегарданд, ба монанди:

- рушди минбаъдаи табодули олимон ва кормандони илмӣ ва ташвиқ намудани даъвати ҷалсаҳои тайёрӣ ё гурӯҳҳои корӣ оид ба мавзӯъҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки мавриди таваҷҷӯҳи умум аст;
- ташвиқ намудани бунёди коллективҳои муттаҳидаи олимон барои амалисозии лоиҳаҳои тадқиқотӣ дар асоси тавофуқномаҳои миёни пажӯҳишгоҳҳои илмии якчанд кишвар;
- мусоидат кардан ба омодасозӣ ва бомуваффақият гузаронидани конфронс ва семинарҳои байналмилалӣ ва иштироки олимон ва кормандони илмии худро дар онҳо таъмин намудан;
- ғайр аз ин, имкони дар ояндаи наздик даъват намудани «Анҷумани илмӣ», ки дар он ходимони пешбари илмии давлатҳои иштирокчӣ барои муҳокима кардани маҷмӯи масъалаҳое, ки дар соҳаи рушди ҳозира ва ояндаи илм мавриди таваҷҷӯҳи умум қарор доранд ва минбаъд мусоидат намудан ба тавсеаи робитаҳо, алоқаҳо ва табодули иттилоот миёни муассисаҳои илмӣ ва миёни олимон вомехӯранд;
- эҳтимолан дар ояндаи наздик даъват намудани ҷалсаи коршиносоне, ки аз давлатҳои иштирокчӣ ва муассисаҳои илмии миллӣ намояндагӣ мекунанд, барои омода кардани «Анҷумани илмӣ» бо машварат бо созмонҳои дахлдори байналмилалӣ, ба монанди ЮНЕСКО ва Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ;
- дар вақти лозимӣ омӯхтани корҳо, ки метавонанд дар муносибат бо «Анҷумани илмӣ» баъдан анҷом дода шаванд.

Дар соҳаи тадқиқотҳои илмӣ дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба рушд додани ҳамоҳангсозии барномаҳое, ки давлатҳои иштирокчӣ ба сомон мерасонанд ва ташкил намудани барномаҳои муштарак, аз ҷумла, дар бахшҳои поёнӣ, ки дар онҳо метавонанд ҷидду ҷаҳдҳои якҷояи олимон ва дар ҳолатҳои муайян истифода бурдани таҷҳизоти гаронбаҳо зарур шаванд. Номҳои соҳаҳои номбурда дар ин бахшҳо ба сифати намуна оварда мешаванд, лоиҳаҳои мушаххас бошанд, сипас аз тарафи шарикони аниқ дар давлатҳои иштирокчӣ бо назардошти саҳме, ки созмонҳои байналмилалӣ ва муассиаҳои илмӣ дар он дошта бошанд, бояд муайян гарданд:

- илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, аз ҷумла, тадқиқотҳои бунёдӣ дар чунин соҳаҳо ба монанди математика, физика, физикаи назариявӣ, геофизика, кимиё, биология, экология ва астрономия;

- тиб, аз ҷумла, тадқиқотҳои бунёдии бемориҳои саратонӣ ва рагу дил, омӯзиши бемориҳои эндемӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва инчунин тадқиқот дар соҳаи тибби иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, дар алоқа бо бемориҳои касбӣ, барқарор намудани шахсони нуқсондошта ва кӯмак ба модар, кӯдак ва пиронсолон;
- илмҳои башарӣ ва иҷтимоӣ, ба монанди таърих ҷуғрофия, фалсафа, равоншиносӣ, педагогика, забоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқ, иқтисодиёт; тадқиқоти муқоисавии падидаҳои иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ки мавриди таваҷҷӯҳи давлатҳои иштирокчӣ қарор доранд, аз ҷумла, тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи тарзҳои нигоҳдорӣ ва тармими ёдгориҳо ва осори санъат.

d) Забонҳои хориҷӣ ва тамаддунҳо

Ташвиқ намудани забонҳои хориҷӣ ва тамаддунҳо ба сифати василаи муҳими тавсеаи шиносоӣ бо фарҳанги ҳар як кишвар, инчунин таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва ба ин мақсад дар ҳудуди салоҳияти худ ангеза бахшидани рушди минбаъда ва беҳтарсозии таълими забонҳои хориҷӣ ва гуногунии интихоби онҳо дар сатҳҳои мухталифи таълим, бо таваҷҷӯҳи асосӣ додан ба забонҳои камтар паҳншуда ва камтар омӯхташаванда, аз ҷумла:

- таҳким бахшидан ба ҳамкорӣ ва равона намудани он ба беҳтарсозии таълими забонҳои хориҷӣ бо роҳи табодули иттилоот ва таҷрибаи тарҳрезӣ ва истифодабарии тарзҳои самарабахши муосир ва воситаҳои техникии ба эҳтиёҷоти ба дараҷаҳои мухталифи таълимгирандагон мутобиқшуда ва инчунин тарзҳои фишурдаи таълим, дар назар доштани имконияти гузаронидани тадқиқотҳо оид ба тарзҳои нави таълими забонҳои хориҷӣ дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба;
- ташвиқ намудани ҳамкорӣ миёни муассисаҳои дахлдор дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба ба мақсади истифодаи пурратари имкониятҳои воситаҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ, ки масалан, дар шакли тадқиқотҳои муқоисавӣ аз тарафи мутахассисони онҳо амалӣ карда мешаванд ва дар сурати будани тавофуқот дар шакли табодул ё интиқоли маводи аудиовизуалӣ ва инчунин иттилооте, ки дар вақти навиштани китобҳо истифода бурда мешаванд;
- ташвиқ намудани ҳамкорӣ миёни коршиносон дар соҳаи луғатшиносӣ ба мақсади таъйини айниятҳои истилоҳии зарурӣ, махсусан дар соҳаи фанҳои илмӣ ва техникӣ, то ки ба муошрати миёни муассисаҳо ва мутахассисон мусоидат карда шавад;
- мусоидат намудан ба паҳншавии бештари омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои миёнаи таълимии навъҳои мухталиф ва зиёд намудани имкони интихоб аз теъдоди калони забонҳои аврупоӣ ва дар робита бо ин, дар ҷое, ки ҷоиз аст, баррасӣ намудани имкониятҳои тавсеаи интихоб ва омодасозии

муаллимон ва ташкили гурӯҳҳои таълимии зарурӣ;
- ташвиқ намудани пешниҳоди интихоби калони забонҳо дар муассисаҳои таълимии олӣ барои донишҷӯёни забоншинос ва тавсеаи имкониятҳо барои дигар донишҷӯён дар омӯзиши забонҳои гуногуни хориҷӣ, инчунин дар ҷое, ки мувофиқи матлаб аст, мусоидат намудан ба ташкили маърӯзаҳо оид ба забон ва тамаддунҳо дар ҳолатҳое, ки зарурат вуҷуд дорад, аз тарафи муаллимони хориҷӣ дар асоси тавофуқоти махсус, аз ҷумла, аз он давлатҳои аврупоие, ки забонҳояшон камтар паҳн ё камтар омӯхта шудааст;
- дар чаҳорчӯбаи таълими калонсолон барои таълими забонҳои хориҷӣ ба шаҳрвандони кишварҳои худ, барои омӯзонидани забони тарафи қабулкунанда ба шаҳравандони калонсоли кишварҳои дигар ва дар робита бо ин, ташвиқ кардани ҳамкории миёни муассисаҳои манфиатдор, масалан сохтани барнома барои таълим аз радио ва телевизион ё усулҳои фишурда, инчунин дар ҷойҳое, ки ин мувофиқи мақсад аст, дар таъйини мушаххаси чунин барномаҳо бо назардошти расидан ба зинаҳои муқоисашавандаи омодагии забон ба тарҳрезии минбаъдаи барномаҳои махсусгардонидашудае, ки ҷавобгӯи манфиату эҳтиёҷоти гуногун бошанд, мусоидат намудан;
- дар сурати мувофиқ будан, ташвиқ намудани тавъам афтодани таълими забони хориҷӣ бо омӯзиши тамаддунҳои дахлдор, инчунин минбаъд саъй намудан барои ангеза додан ба ҳаваси омӯхтани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, бо роҳи чорабиниҳои мувофиқи беруназсинфӣ.

e) Тарзҳои таълим

Дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба мусоидат намудан ба табодули таҷриба оид ба он усулҳои таълим, ки дар тамоми зинаҳои таълим, аз ҷумла, усулҳое, ки зимни таълими бефосила ва таълими калонсолон, инчунин табодули маводи таълимӣ истифода бурда мешаванд, аз ҷумла, бо роҳи:

- рушди минбаъдаи шаклҳои мухталифи робита ва ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногуни илми педагогика, масалан аз тариқи тадқиқотҳои муқоисавӣ ё якҷоя, ки аз ҷониби муассисаҳои манфиатдор гузаронида мешаванд, ё аз тариқи табодули иттилоот оид ба натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ;
- тавсеаи табодули иттилоот дар бораи он усулҳои таълим, ки дар низомҳои гуногуни таълим истифода бурда мешаванд, дар бораи натиҷаҳои равандҳои азхуд кардани донишҳо аз тарафи талабагону донишҷӯён бо назардошти таҷрибаи дахлдори навъҳои мухталифи муассисаҳои махсуси таълимӣ;
- мусоидат ба табодули таҷриба оид ба ташкил ва фаъолият кардани таълим, ки барои калонсолон таъйин шудааст, инчунин

давра ба давра идома додани таълим, барқарор сохтани робита миёни ин ва дигар шаклҳо ва зинаҳои таълим, инчунин оид ба усулҳои тавъам омадани таълим, бо дар бар гирифтани таълими касбӣ ва техникӣ бо эҳтиёҷоти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар кишварҳои онҳо;

- ташвиқ намудани табодули таҷрибаи тарбияи ҷавонон ва инчунин калонсолон дар рӯҳи якдигарфаҳмии миёни халқҳо бо зоҳир кардани таваҷҷӯҳи хосса ба мушкилиҳои инсоният, ки ҳалли онҳо муносибати муштарак ва ҳамкории васеътари байналмилалиро тақозо дорад;
- ташвиқ намудани табодули маводи таълимӣ, бо шумули китобҳои дарсии мактабӣ, бо дар назар доштани имконияти мусоидат намудан ба шиносоии мутақобила ва муаррифии ҳар як кишвар дар ин китобҳо, инчунин табодули иттилоот дар хусуси навигариҳои техника дар соҳаи таълим.

* * *

Ақаллиятҳои миллӣ ва фарҳангҳои минтақавӣ

Давлатҳои иштирокчӣ бо эътирофи саҳме, ки ақаллиятҳои миллӣ ва фарҳангҳои минтақавӣ метавонанд дар ҳамкории миёни онҳо дар соҳаҳои мухталифи маориф дошта бошанд, азм доранд дар сурати дар ҳудуди онҳо вуҷуд доштани чунин ақаллиятҳо ва фарҳангҳо барои таҳкими ин саҳм бо назардошти манфиатҳои қонунии аъзои он мусоидат намоянд.

Қадамҳои минбаъда пас аз Ҷаласа

Давлатҳои иштирокчӣ,

пас аз дидан ва баҳо додан ба пешравии дар Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба даст омада

ва бо андешаи он ки Ҷаласа ба маънои васеи ҷаҳонияш ҷузъи муҳими раванди таҳкими бехатарӣ ва рушди ҳамкорӣ дар Аврупо мебошад, ва натиҷаҳои он дар ин раванд саҳми назаррас мегузоранд,

бо нияти он ки муқаррароти Санади ниҳоии Ҷаласаро дар ҳаёт татбиқ кунанд, то натиҷаҳои онро пурра таъсирбахш гардонанд ва бо ин роҳ раванди таҳкими амният ва рушди ҳамкориро ба пеш баранд,

мӯътақид бар он ки барои расидан ба ҳадафҳое, ки Ҷаласа дар назди худ гузоштааст, онҳо бояд кӯшишҳои нави якҷониба, дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба кор баранд ва равандҳои

бисёрҷонибаро, ки Ҷаласа оғоз гузоштааст, дар шаклҳои мутобиқи дар поён нишондодашуда идома диҳанд,

1. Дар хусуси ҳусни нияти худ дар давраи пас аз Ҷаласа ба таври лозимӣ ба назар гирифтан ва иҷро намудани муқаррароти Санади ниҳоии Ҷаласа изҳор медоранд:

a) бо тартиби якҷониба дар ҳамаи ҳолатҳое, ки барои ҳамин тавр амал намудан мувофиқ аст;
b) бо тартиби дуҷониба бо роҳи гуфтушунидҳо бо дигар давлатҳои иштирокчӣ;
c) бо тартиби бисёрҷониба бо роҳи вохӯрии коршиносони давлатҳои иштирокчӣ, инчунин дар чаҳорчӯбаи созмонҳои мавҷудаи байналмилалӣ, ба монанди Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ ва ЮНЕСКО дар мавриди марбут ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг.

2. Дар хусуси ҳусни нияти худ дар мавриди идома додани раванди бисёрҷониба, ки Ҷаласа оғоз гузоштааст, изҳор медоранд:

a) бо роҳи гузаронидани табодули амиқи афкор чӣ дар хусуси иҷрои муқаррарот ва вазифаҳои аз тарафи Ҷаласа муайяншуда ва чӣ дар доираи масъалаҳое, ки дар он оид ба беҳтарсозии муносибатҳои миёни онҳо, таҳкими амният ва рушди ҳамкорӣ дар Аврупо, инкишофи раванди оромӣ дар оянда мавриди муҳокима қарор мегиранд;

b) бо роҳи ба ин мақсад ташкил намудани вохӯриҳои миёни намояндагони онҳо, бо оғоз намудани вохӯрӣ дар сатҳи намояндагоне, ки вазирони корҳои хориҷӣ таъйин кардаанд. Ин вохӯрӣ шартҳои дахлдори гузаронидани вохӯриҳои дигареро, ки метавонистанд ба чунин вохӯриҳо ва имконоти ҷаласаҳои нав замина гузоранд, муайян хоҳад кард.

3. Яке аз вохӯриҳои аввале, ки дар боло ба он ишора шуд, соли 1977 дар Белград баргузор хоҳад гашт. Вохӯрии қаблие, ки ташкили ин вохӯриро омода хоҳад кард, 15 июни соли 1977 дар Белград баргузор хоҳад гашт. Вохӯрии омодакунанда дар хусуси таъриҳ, чанд рӯз идома ёфтан, рӯзнома ва дигар шартҳои вохӯрии намояндагоне, ки вазирони корҳои хориҷӣ таъйин кардаанд, қарор қабул хоҳад кард.

4. Қоидаи расмиёт, тарзи кор ва ҷадвали тақсими харочоти ин Ҷаласа mutatis mutandis ба вохӯриҳое, ки дар фаслҳои 1 (c), 2 ва 3 дар назар дошта шудаанд, татбиқ хоҳад гашт. Тамоми вохӯриҳои зикргардида дар давлатҳои иштирокчӣ бо тартиби ивазшавӣ гу-

заронида хоҳад шуд. Хидматрасонӣ бо котиботи техникӣ аз тарафи давлати қабулкунанда таъмин карда мешавад.

Асли ин Санади ниҳоӣ, ки ба забонҳои англисӣ, испанӣ, итолиёӣ, олмонӣ, русӣ ва фаронсавӣ тартиб дода шудаст, ба ҳукумати Ҷумҳурии Финляндия дода мешавад, ки онро дар бойгониҳои худ нигоҳ хоҳад дошт. Ҳар яке аз давлатҳои иштирокчӣ аз ҳукумати Ҷумҳурии Финляндия нусхаи тасдиқшудаи ин Санади ниҳоиро хоҳад гирифт.

Матни ин Санади ниҳоӣ дар ҳар як давлати иштирокчӣ ба табъ хоҳад расид, ки онро интишор дода, шиносоии ҳаддалимкон васеъро бо он таъмин хоҳад кард.

Аз ҳукумати Ҷумҳурии Финляндия хоҳиш карда мешавад, то матни ин Санади ниҳоиро, ки дар асоси моддаи 102-и Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид ба қайд гирифта намешавад, ба мақсади дар миёни тамоми аъзои Созмон паҳн намудан ба сифати ҳуҷҷати расмии Созмони Милали Муттаҳид ба Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид фиристад.

Ҳамчунин аз ҳукумати Ҷумҳурии Финляндия хоҳиш карда мешавад, то матни ин Санади ниҳоиро ба Котиби Генералии ЮНЕСКО ва Котиби иҷроияи Комисияи иқтисодии Аврупоии СММ фиристад.

Ба аломати тасдиқи навиштаҳои боло, Намояндагони воломақоми давлатҳои иштирокчӣ бо дарки аҳамияти баланде, ки ба натиҷаҳои Ҷаласа дода мешавад ва бо изҳори он ки тасмим гирифтаанд мутобиқи муқаррароте, ки дар матнҳои боло ифода гаштаанд, амал кунанд, имзоҳои худро дар зери ин Санади ниҳоӣ мегузоранд.

БАЁНИЯИ ПАРИЖ ДАР БОРАИ АВРУПОИ НАВ
Париж с. 1990

Даврони нави демократия, сулҳ ва ваҳдат

Мо, сарони давлат ва ҳукуматҳои иштирокчии Ҷаласаи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Париж дар даврони тағйиротҳои амиқ ва ормонҳои таърихӣ ҷамъ омадаем. Даврони муқовимат ва порашавии Аврупо ба интиҳо расид. Мо изҳор медорем, ки муносибатҳои мо аз ин рӯз сар карда, ба эҳтиром ва ҳамкории якдигарӣ асос хоҳад ёфт.

Аврупо аз мероси гузашта озод мешавад. Ҷасорати мардону занон, нерӯи иродаи халқҳо ва азамати пиндорҳои Санади

ниҳоии Хелсинки даврони нави демократия, сулҳ ва ваҳдатро дар Аврупо боз кард.

Замони мо – ин замони амалисозии он умеду ормонҳоест, ки дар дилҳои халқҳои мо тӯли даҳсолаҳо метапид: майли матин ба демократия, ки ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ бунёд ёфтааст; шукуфтан аз тариқи озодии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ ва амнияти баробар барои тамоми кишварҳои мо.

Даҳ принсипи Санади ниҳоӣ дар расидан ба ин ояндаи дурахшон ситораи роҳнамои мо хоҳанд буд, он гуна ки роҳи моро ба сӯи беҳшавии муносибатҳо дар тӯли понздаҳ соли ахир равшанӣ мекарданд. Иҷрои пурраи тамоми ӯҳдадориҳо аз рӯи ҶАҲА бояд чун бунёди ташаббусҳое хидмат кунанд, ки мо ба хотири додани имкони зиндагии дархӯри армонҳояшон ба халқҳоямон ба кор мебарем.

Ҳуқуқҳои инсон, демократия ва волоияти қонун

Мо ӯҳдадор мешавем, ки демократияро ба низоми ягонаи идора дар кишварҳоямон табдил медиҳем, тақвият мебахшем ва мустаҳкам месозем. Дар ин кор мо нуктаҳои зеринро ба роҳбарӣ мегирем:

Ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ аз рӯзи таваллуд ба ҳамаи инсонҳо тааллуқ доранд, онҳо ҷудонопазир буда, кафолати қонунӣ доранд. Химоя ва мусоидат ба онҳо вазифаи нахустини ҳукумат аст. Эҳтироми онҳо – кафолати ҷиддист дар муқобили ҳокимияти аз ҳад зиёди давлат. Риоя ва амалисозии онҳо асоси озодӣ, адолат ва сулҳ мебошад.

Ҳокимияти демократӣ ба иродаи халқ, ки ба таври муназзам дар рафти интихоботи озод ва одилона ифода мегардад, асос меёбад. Дар батни демократия эҳтиром ба шахсияти инсон ва волоияти қонун қарор дорад. Демократия кафолати беҳтарини озодии изҳори фикри худ, таҳаммулпазирӣ нисбат ба ҳамаи гурӯҳҳои ҷомеа ва баробарии имкониятҳо барои ҳар як инсон аст.

Демократия, ки хусусияти намояндагӣ ва гуногунандешӣ дорад, ҳисоботдиҳӣ ба интихобкунандагон, ӯҳдадории ҳокимиятҳоро дар риояи қонунҳо ва иҷрои беғаразонаи адолатро ба бор меорад. Ҳеҷ кас набояд дар фарози қонун қарор дошта бошад.

Мо тасдиқ мекунем, ки инсон сазовори ҳеҷ гуна фишор нест ва ба ин чизҳо ҳуқуқ дорад:

- озодии андеша, виҷдон, дин ва ақидаҳо;
- озодӣ дар ифодаи фикри худ;
- озодӣ дар иттиҳод ва гирдиҳамоиҳои осоишта;
- озодии рафтуомад;

Ҳеҷ кас набояд:

- худсарона ҳабс карда шавад ё гирифтори зиндон бошад;

• зери шиканҷа ё навъҳои дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона ва ғайриинсоние қарор гирад, ки шарафи инсонии ӯро зери по созад;

Ҳар нафар инчунин ҳуқуқ дорад:
• ҳуқуқҳои худро донад ва мувофиқи онҳо рафтор намояд;
• дар интихоботҳои озод ва одилона ширкат варзад;
• талаб кунад, ки дар сурати гунаҳгор донистани ӯ дар содир намудани ҷинояте кори ӯ ба таври одилона ва кушода додрасӣ шавад;
• соҳиби ягонаи моликият бошад ё якҷоя бо дигарон ба соҳибкории инфиродӣ машғул шавад;
• аз ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ истифода барад.

Мо тасдиқ мекунем, ки асолати қавмӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва динии ақаллиятҳои миллӣ муҳофизат хоҳад гашт ва ашхоси мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ ҳуқуқи озодона ифода кардан, нигоҳ доштан ва инкишоф додани ин асолатро бе ягон фишору маҳдудият ва дар шароити баробарии пурра дар назди қонун доранд.

Мо дастрасии ҳар як инсонро ба воситаҳои самарабахши ҳимояи ҳуқуқӣ, миллӣ ё байналмилалӣ, ба муқобили ҳар гуна вайронкунии ҳуқуқҳои ӯ таъмин хоҳем кард.

Риояи пурраи ин муқаррарот он зербиноест, ки мо хоҳем кӯшид Аврупои навро дар он бисозем.

Давлатҳои мо ба мақсади бебозгашт сохтани дастовардҳои демократӣ ҳамкорӣ ва якдигарро дастгирӣ хоҳанд кард.

Озодии иқтисодӣ ва масъулият

Озодии иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва муносибати масъулона ба муҳити атроф барои шукуфоӣ мутлақо заруранд.

Иродаи озоди шахсият, ки дар шароити демократия амалӣ мегардад ва бо волоияти қонун ҳимоя мегардад, асоси зарурии рушди бомуваффақияти иқтисодӣ ва иҷтимоиро ташкил медиҳад. Мо чунин фаъолияти иқтисодиро, ки бо эҳтиром ва шинохти шарафи инсонӣ амалӣ мегардад, дастгирӣ мекунем.

Озодӣ ва гуногунандешии сиёсӣ аз унсурҳои зарурии ҳадафи умумии мо – рушди иқтисоди бозорӣ ба самти болоравии босуботи иқтисодӣ, шукуфоӣ, адолати иҷтимоӣ, зиёдшавии шуғл ва истифодаи босамараи захираҳои иқтисодӣ мебошад. Гузариши бомуваффақияти давлатҳое, ки дар ин самт кӯшиш ба кор мебаранд, аҳамияти хосса дорад ва ҷавобгӯи манфиатҳои ҳамаи мост. Он ба мо имкон хоҳад дод, ки ба сатҳи болотари некӯаҳволӣ бароем, ки ҳадафи умумии мост. Мо дар ҳалли ин вазифа ҳамкорӣ

хоҳем кард.

Ҳифзи муҳити зист – кори муштараки тамоми давлатҳои мо мебошад.

Бо дастгирии кӯшишҳое, ки дар ин соҳа дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ба кор бурда мешаванд, мо ҳамчунин бояд эҳтиёҷи сахтро дар амалҳои якҷоя ва дар заминаҳои васеътар дар назар дошта бошем.

Муносибатҳои дӯстонаи миёни давлатҳои иштирокчӣ

Ба мақсади дастгирӣ ва таҳкими демократия, сулҳ ва ваҳдат дар Аврупо мо ботантана майли пурраи худро ба дах принсипи Санади ниҳоии Хелсинки эълом медорем. Мо арзиши ҷовидонаи ин дах усул ва ҳусни ниятамонро барои амалӣ намудани онҳо тасдиқ мекунем.

Тамоми принсипҳо зимни ташреҳи ҳар яке аз онҳо бо назардошти принсипҳои дигар яксон ва бечунучаро ба кор бурда хоҳанд шуд. Онҳо асоси муносибатҳои моро ташкил медиҳанд.

(…)

Муносибатҳои мо дар тамоили умумии мо ба арзишҳои демократӣ ва инчунин ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ хоҳанд нуҳуфт. Мо мӯътақидем, ки барои таҳкими сулҳ ва амнияти давлатҳои мо рушди демократия ва эҳтирому амалисозии самарабахши ҳуқуқҳои инсон мутлақо заруранд. Мо бори дигар баробарии халққо ва ҳуқуқи онҳоро дар масъалаи соҳибӣ кардан ба сарнавишташон тибқи Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид ва меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи байналмилалӣ, бо дар бар гирифтани он ҳуқуқҳое, ки марбут ба тамомияти арзии давлатҳо мебошанд, тасдиқ мекунем.

(…)

Нуқтаҳои самт барои оянда

Дар асоси тарафдории устуворамон аз риояи комили тамоми принсипҳо ва муқаррароти ҶАҲА ҳоло мо тасмим мегирем, ки ба густариши мутавозин ва ҳаматарафаи ҳамкориҳоямон ба мақсади қаноатманд сохтани умеду ормонҳои халққоямон такони нав бахшем.

Андозагирии инсонӣ

Мо изҳор медорем, ки эҳтироми мо аз ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ тағйирнопазиранд. Мо муқаррароти марбут ба андозагирии инсонии ҶАҲА-ро комилан риоя мекунем ва инкишоф медиҳем.

Ҳуҷҷати ҷаласаи Копенҳагени Конфронси андозагирии инсо-

ниро ба роҳбарӣ гирифта, мо ба мақсади таҳкими институтҳои демократӣ ва таъмини волоияти қонун ҳамкорӣ хоҳем кард. Ба ин мақсад мо тасмим мегирем, ки дар Осло аз 4 то 15 ноябри соли 1991 семинари коршиносонро гузаронем.

Ба нияти мусоидат намудан ба саҳми бузурги ақаллиятҳои миллӣ мо ӯҳдадор мешавем, ки минбаъд ҳам вазъияти онҳоро хуб созем.

Мо бори дигар боварии амиқи худро дар хусуси он ки муносибатҳои дӯстонаи миёни халқҳои мо, инчунин сулҳ, адолат ва демократия хоҳони ҳимояи асолати қавмӣ, фарҳангӣ ва динии ақаллиятҳои миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои ташвиқи онҳо мебошанд, тасдиқ мекунем. Мо изҳор медорем, ки масъалаҳои марбут ба ақаллиятҳои миллӣ ба таври қаноатбахш метавонанд танҳо дар чаҳорчӯбаҳои демократии сиёсӣ ҳалли худро ёбанд. Мо ҳамчунин эътироф мекунем, ки ҳуқуқи ашхоси мутааллиқ ба ақаллиятҳои миллӣ бояд чун як ҷузви ҳуқуқҳои умумии инсон пурра мавриди эҳтиром қарор бигиранд. Бо дарки эҳтиёҷи фаврӣ барои фаъол намудани ҳамкориҳо дар масъалаҳои марбут ба ақаллиятҳои миллӣ ва инчунин беҳтарсозии ҳимояи онҳо мо тасмим мегирем, ки аз 1 то 19 июли соли 1991 дар Женева ҷаласаи коршиносонро оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ гузаронем.

Мо азм дорем, ки ба муқобили тамоми шаклҳои бадбинии нажодӣ ва қавмӣ, яҳудситезӣ, ксенофобия ва поймолкунии ҳуқуқи касе, ки набошад, инчунин таъқиб аз рӯи тобеияти динию идеологӣ мубориза барем.

Тибқи ӯҳдадориҳои мо аз рӯи ҶАҲА мо таъкид мекунем, ки рафтуомади озоди шаҳрвандони мо ва алоқаҳои миёни онҳо, инчунин ҷараёни озоди иттилоот ва андешаҳо барои муҳофизат ва инкишофи ҷомеаҳои озод ва фарҳангҳои пешқадам аҳамияти хосса доранд. Мо аз густариши саёҳат ва тавсеаи рафтуомади шаҳрвандони кишварҳоямон ба назди якдигар истиқбол мекунем.

Механизми андозагирии инсонӣ судмандии худро собит кард ва аз ин рӯ, мо азм дорем, ки онро бо роҳи ба кор даровардани расмиёти нав, аз ҷумла, хизмати коршиносон ё ҳайати ходимони намоён, ки дар масъалаҳои ҳуқуқи инсон таҷриба доранд ва метавонанд ба чаҳорчӯбаи ин механизм ворид шаванд, тавсеа диҳем. Дар доираи ин механизм мо иштироки одамони алоҳидаро дар ҳимояи ҳуқуқи онҳо таъмин хоҳем кард. Аз ин рӯ, мо тарафдории пурраи худро ба тавсеаи минбаъдаи ӯҳдадориҳоямон дар ин соҳа, аз ҷумла, дар ҷаласаи москвагии Конфронс оид ба андозагирии инсонӣ, бе расонидани зиён аз рӯи ӯҳдадориҳо ба олатҳои байналмилалие, ки давлатҳои мо метавонанд иштирокчии онҳо бошанд, изҳор медорем.

Мо саҳми муҳими Шӯрои Аврупоро дар кори мусоидат ба

ҳуқуқҳои инсон, принсипҳои демократия ва волоияти қонун, инчунин густариши ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг эътироф мекунем. Мо иқдомҳои баъзе давлатҳои иштирокчиро, ки ба мақсади даромадан ба Шӯрои Аврупо ва ҳамроҳ шудан ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқҳои инсон пеш гирифтаанд, истиқбол мекунем. Мо инчунин омодагии Шӯрои Аврупоро оид ба пешниҳод намудани таҷрибааш ба ҶАҲА табрик мегӯем.

Амният

(…)

Мо тамоми санадҳо, усул ва таҷрибаи терроризмро ҷиноӣ ҳисобида, маҳкум мекунем ва азм дорем, ки ба мақсади решакан намудани он ҳам дар асоси дуҷониба ва ҳам бо роҳҳои бисёрҷониба ҳамкорӣ ба роҳ монем. Мо ҳамчунин якҷоя бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мубориза хоҳем бурд.

(…)

Фарҳанг

Мо саҳми арзандаи фарҳанги умумии аврупоӣ ва арзишҳоеро, ки ба онҳо шарик ҳастем, дар пешгирии порашавии қитъа эътироф мекунем. Аз ин рӯ, мо тарафдории худро ба озодии эҷод, инчунин ҳимоя ва густариши мероси фарҳангӣ ва маънавии мо бо тамоми ғановат ва гуногунрангиаш таъкид месозем.

Бо назардошти тағйиротҳое, ки ба наздикӣ рух додаанд, мо аҳамияти афзояндаи симпозиуми Краковро таъкид намуда, бо таваҷҷӯҳ интизори дар он баррасӣ шудани равандҳои асосии фаъолгардонии ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг мебошем.

Ба мақсади мусоидат ба шиносшавии амиқи халқҳоямон мо бунёди марказҳои фарҳангиро дар шаҳрҳои дигари давлатҳои иштирокчӣ, инчунин ҳамкории фаъолтарро дар соҳаи аудиовизуалӣ ва табодули васеътар дар соҳаи мусиқӣ, театр, адабиёт ва санъат тарафдорӣ мекунем.

Мо тасмим мегирем, ки дар сиёсати миллии худ ба мақсади мусоидат ба якдигарфаҳмии амиқтар, аз ҷумла, дар миёни ҷавонон ба василаи табодули фарҳангӣ, ҳамкорӣ дар тамоми соҳаҳои маориф, боз ҳам мушаххастар, ба воситаи таълиму омодасозӣ ба забонҳои дигар давлатҳои иштирокчӣ кӯшишҳои махсус ба харҷ диҳем. Мо мақсад дорем, ки натиҷаҳои нахустини ин фаъолиятро дар вохӯрии Хелсинки дар чаҳорчӯбаи иқдомҳои минбаъда дар соли 1992 баррасӣ кунем.

Коргарони муҳоҷир

Мо эътироф мекунем, ки қазияи коргарони муҳоҷир ва

хонаводаҳои онҳо, ки дар давлатҳои қабулкунанда қонунӣ иқомат меварзанд, ҷанбаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, инчунин андозагирии инсонӣ доранд. Мо боз аз нав тасдиқ мекунем, ки ҳимояи ҳуқуқҳои коргарони муҳоҷир ва мусоидат ба онҳо, инчунин иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии дахлдор кори муштараки мост.

(…)

Созмонҳои ғайриҳукуматӣ

Мо хотиррасон мекунем, ки созмонҳои ғайриҳукуматӣ, динӣ, баъзе гурӯҳҳо ва ашхоси алоҳида дар расидан ба ҳадафҳои ҶАҲА нақши муҳим мебозанд ва минбаъд низ ба фаъолияти онҳо, ки ба амалисозии ӯҳдадориҳо аз рӯи ҶАҲА аз ҷониби давлатҳои иштирокчӣ равона гаштааст, мусоидат хоҳем кард. Барои иҷрои вазифаи муҳими худ ин созмонҳо, гурӯҳҳо ва ашхоси алоҳида бояд ба таври лозимӣ ба фаъолият ва сохторҳои нави ҶАҲА ҷалб карда шаванд.

Сохторҳои нав ва муассисаҳои раванди ҶАҲА

(…)

Мо тасмим мегирем, ки дар Варшава Мактаби интихоботҳои озодро барои мусоидат ба алоқаҳо ва табодули иттилоот дар бораи давлатҳои иштирокчӣ бунёд созем.

(…)

Ҳуҷҷати иловагӣ дар бораи амалисозии муқаррароти муайяне, ки дар Эъломияи Париж барои Аврупои нав дарҷ гаштаанд

Дар поён расмиёт ва шартҳои ташкилие, ки ба муқаррароти муайяни Эъломияи Париж барои Аврупои нав, ки 21 ноябри соли 1990 дахл доранд, оварда мешаванд.

I. Муқаррароти ташкилӣ

(…)

G. Дафтар оид ба интихоботи озод

1. Вазифаҳои Дафтари интихоботи озод аз он иборат аст, ки ба алоқаҳо ва табодули иттилоот дар бораи интихобот дар давлатҳои иштирокчӣ мусоидат кунад. Хамин тавр, Дафтар ба иҷрои бандҳои 6, 7 ва 8-и Ҳуҷҷати ҷаласаи Копенгагени Конфронс оид ба андозагириҳои инсонии ҶАҲА мусоидат хоҳад кард (муқаррароти дахлдор дар иловаи I омадааст).

2. Бо ин мақсад Дафтар ин корҳоро анҷом хоҳад дод:

• ҷамъ овардани иттилоот, аз ҷумла, иттилооте, ки аз тарафи сохторҳои давлатҳои иштирокчӣ дар бораи замони гузаронидан, расмиёт ва натиҷаҳои расмии интихоботҳои миллии нақшавӣ,

инчунин ахбори гурӯҳҳои назоратчиёни интихобот пешниҳод мегардад ва пешниҳод намудани онҳо мувофиқи дархости дахлдори ҳукумат, парламент ва созмонҳои хусусии манфиатдор;

• мусоидат намудан ба алоқаҳои байни ҳукуматҳо, парламентҳо ва созмонҳои хусусие, ки хоҳиши иштирок ва назорат дар интихоботро доранд ва сохторҳои салоҳиятдори давлате, ки дар он ҷо бояд интихоботҳо баргузор гарданд;

• тибқи хоҳиши давлатҳои иштирокчӣ ташкил намудани семинарҳо ё дигар вохӯриҳои марбут ба расмиёти интихоботҳо ва институтҳои демократӣ ва ба сифати ҷои гузаронидани онҳо хизмат кардан.

3. Дафтар фаъолияти муассисаҳои дигари ин муассисаро ба эътибор мегирад ва бо онҳо ҳамкорӣ ба роҳ мемонад.

4. Дафтар вазифаҳои дигареро низ, ки аз тарафи Шӯро ба ӯ супорида мешаванд, иҷро мекунад.

5. Ба ҳайати Дафтар кормандони зерин дохил мешаванд:

• Директор, ки дар назди Шӯро аз тариқи Кумитаи ашхоси калони соҳибмақом масъулият бар дӯш дорад;

• як корманд;

• кормандони маъмурии техникӣ, ки аз ҷониби Директори Дафтар киро карда мешаванд.

САНАДИ ҶАЛАСАИ КОПЕНГАГЕНИ КОНФЕРЕНСИЯИ МЕЪЁРҲОИ ИНСОНИИ ИҶЛОСИЯИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРИИ АВРУПО (ИАҲА)

Копенгаген, с. 1990

(…)

Давлатҳои ширкаткунанда бо қаноатмандии зиёд аз дигаргуниҳои ба амаломадаи бунёдие, ки дар Аврупо баъд аз аввалин Ҷаласаи Конференсия дар мавриди андозагириҳои инсонии Иҷлоси амният ва ҳамкории Аврупо (ИАҲА) дар соли 1989 дар Париж баргузор гардид, изҳори қаноатмандӣ мекунанд. Онҳо қайд менамоянд, ки раванди ИАҲА ба таври асосӣ ба ин тағйиротҳо мусоидат кард ва ин рӯйдодҳо, дар навбати худ, ба таври чашмрас ба иҷрои муқаррароти Санади ниҳоӣ ва дигар санадҳои ИАҲА кумак намуд.

Онҳо эътироф мекунанд, ки демократияи гуногунандешӣ ва давлати ҳуқуқбунёд барои таъмини эҳтироми ҳама ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии башар, рушди тамоси миёни одамон ва ҳалли фасли дигар масъалаҳои дорои хусусияти башардӯстона, ногузир мебошад. Бинобар ин, онҳо аз пойбандии ҳама давлатҳои ширкаткунанда ба идеалҳои демократия ва гуногунандешии сиёсӣ, инчунин қотеияти куллии онҳо барои сохтани ҷомеаҳои демократӣ бар асоси интихоботи озод ва бартарияти қонун

истиқбол мекунанд.

Дар Ҷаласаи Копенгаген давлатҳои ширкаткунанда масъалаи иҷрои ӯҳдадориҳои худро дар соҳаи меъёрҳои инсонӣ баррасӣ намуданд. Онҳо баён доштанд, ки баъд аз баргузории Ҷаласаи Париж сатҳи риояи ӯҳдадориҳо, ки дар муқаррароти марбутаи санадҳои ИАҲА нишон дода шудааст, ба таври чашмрас таҳким ёфтааст. Бо вуҷуди ин иброз доштанд, ки барои иҷрои комили ӯҳдадориҳои худ дар заминаи меъёрҳои инсонӣ қадамҳои баъдӣ бояд гузошта шавад.

Давлатҳои ширкаткунанда боварии худро баён медоранд, ки эҳтироми комили ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башар ва рушди ҷомеаҳо, ки бар гуногунандешии демократӣ ва бартарии қонун асос ёфтаанд, шарти аслии таъмини рушд дар ҷиҳати эҷоди шароити босуботи сулҳи пойдор, амният, адолат ва ҳамкорӣ мебошад, ки мехоҳанд дар Аврупо барпо намоянд. Бинобар ин онҳо ӯҳдадориҳои худро барои иҷрои комили ҳамаи муқаррароти Санади ниҳоӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ИАҲА, ки ба соҳаи меъёрҳои инсонӣ тааллуқ доранд, тасдиқ намуда, вазифадор мешаванд, ки пешравиҳои мавҷудро бештар инкишоф диҳанд.

Онҳо эътироф мекунанд, ки ҳамкорӣ байни онҳо ва инчунин ширкати фаъолонаи ашхос, гурӯҳҳо, созмонҳо ва муассисаҳои алоҳида барои таъмини ҳаракати доимӣ ба сӯи ҳадафҳои умумӣ моҳиятан ногузир мебошад.

Ба манзури мусоидат ба эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башар ва амалӣ намудани онҳо, рушди тамос байни одамон ва ҳаллу фасли масъалаҳои ба он вобаста, ки дорои хусусияти башарӣ мебошанд, давлатҳои ширкаткунанда дар заминаҳои зерин ба мувофиқат расиданд:

I

(1) Давлатҳои ширкаткунанда боварӣ доранд, ки ҳимоя ва ташвиқи ҳуқуқ ва озодиҳои аслии башар яке аз ҳадафҳои асосии ҳукуматҳо мебошад ва тасдиқ мекунанд, ки эътирофи ин ҳуқуқу озодиҳо асоси озодӣ, адолат ва сулҳро ташкил медиҳад.

(2) Онҳо азми қатъӣ доранд, ки усулҳо (принсипҳо)-и адолатро, ки асоси давлати ҳуқуқбунёдро дар бар мегирад, тарафдорӣ намуда, рушд диҳанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки давлати ҳуқуқбунёд танҳо аз қонунияти расмӣ, ки мунтазамӣ ва муттасилӣ дар таъмин ва ҳимояи назми демократиро таъмин менамояд, иборат набуда, балки адолатеро низ, ки арзишҳои олии шахсияти инсон, ки аз тарафи муассисаҳои таъминкунандаи баёни комили он эътироф ва ба таври комил қабул мегардад, дар назар мегирад.

(3) Онҳо тасдиқ мекунанд, ки демократия унсури ҷудонопазири давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Онҳо аҳамияти гуногунандеширо дар масъалаи созмонҳои сиёсӣ эътироф мекунанд

(4) Онҳо тасдиқ мекунанд, ки ҳуқуқи якдигарро барои интихоб ва рушди озоди низомҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ тибқи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи башар эҳтиром менамоянд. Бо амалӣ намудани ин ҳаққи худ, онҳо саъй мекунанд, ки қонунҳо, муқаррароти идорӣ, тағриба ва сиёсаташон бо ӯҳдадориҳояшон дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқат дошта, бо муқаррароти Эъломияи усулҳо ва дигар ӯҳдадориҳои марбут ба ИАҲА ҳамоҳанг бошад.

(5) Онҳо расман эълон мекунанд, ки масъалаҳои зерин аз ҷумлаи унсурҳои адолат мебошанд, ки барои ифодаи комили шоистагии хоси шахсияти инсон ва ҳуқуқҳои баробар ва ҷудонопазири ҳамаи одамон ба таври асосӣ лозим мебошанд:

(5.1) баргузории интихоботи озод, ки бо фосилаи мантиқии замонӣ аз тариқи овоздиҳии пинҳонӣ ва ё тартиби бо он баробари овоздиҳии озодона дар шароите, ки амалан ифодаи озоди фикри интихобкунандагонро ҳангоми интихоби намояндагонашон баён намояд;

(5.2) Шакли роҳбарие, ки аз рӯи хислати худ интихобӣ буда, ҳукумати иҷроия зери назари ниҳоди мунтахаби салоҳиятдор ва ё интихобкунандагон қарор дорад;

(5.3) ӯҳдадории ҳукумат ва мақомоти давлатӣ барои риояи Сарқонун ва анҷоми фаъолият тибқи қонун;

(5.4) ба таври мушаххас ҷудо будани давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ; аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ бо давлат омехта намешаванд;

(5.5) фаъолияти ҳукумат ва маъмурият, инчунин ниҳодҳои судӣ тибқи низоме, ки аз тарафи қонун муқаррар гардидааст, амалӣ гардонида мешавад. Эҳтироми чунин низом бояд таъмин карда шавад;

(5.6) қувваҳои мусаллаҳ ва политсия зери назорати ҳокимияти шаҳрвандӣ қарор дошта, ба он ҳисоботдиҳанда аст;

(5.7) ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз тарафи қонун кафолат дода шуда, бо ӯҳдадориҳои марбут ба ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ мебошад;

(5.8) ба чоп расонидани қонунҳои қабулшуда тибқи тартиботи муқарраргардида ва инчунин муқаррароти идорӣ, асоси иҷрои онҳо мегардад. Матни онҳо барои ҳам дастрас мебошад;

(5.9) ҳама инсонҳо дар назди қонун баробар буда, ҳақ доранд бидуни ҳар гуна табъиз аз тарафи қонун ба таври баробар ҳимоя шаванд; Дар ин робита қонун ҳар гуна табъизро мамнӯъ намуда, ба ҳама ашхос ҳимояи баробар ва босамар аз ҳар намуди табъизро кафолат медиҳад;

(5.10) ҳар шахс аз васоили босамари ҳимояи ҳуқуқӣ дар муқобили қарорҳои идорӣ бархӯрдор аст, то эҳтироми ҳуқуқҳои асосӣ кафолат дода шуда, ба низоми ҳуқуқӣ хисорот ворид карда нашавад;

(5.11) қарорҳои идорӣ, ки ба муқобили ҳар шахсе равона гар-

дидаанд, бояд комилан асоснок буда, ба имкони воситаҳои маъмулии ҳимояи ҳуқуқии онҳо ишора намояд;

(5.12) мустақил будани судяҳо ва фаъолияти бетарафонаи хадамоти давлатии судӣ таъмин карда мешавад;

(5.13) мустақил будани вакилони мудофеъ (адвокатҳо) эътироф ва ҳимоя карда мешавад, аз ҷумла, ҳангоми ба кор қабул кардан ва амалияи онҳо;

(5.14) қоидаҳои марбут ба иҷрои раванди ҷиноӣ ба таври дақиқ салоҳиятҳои вобаста ба тафтишот ва иқдомотеро, ки бар ин тафтишот муқаддам мебошанд, дар бар мегирад;

(5.15) ҳар шахси бо иттиҳоми ҷиноӣ зиндонишуда ё боздошташуда ҳақ дорад содир кардани қарори қонунӣ будани зиндонӣ шудан ва ё боздошти худро тақозо намояд ва ба таври фаврӣ онро ба судя ё ҳар шахси мансабдори дигар, ки салоҳияти иҷрои ин вазифаҳоро дорад, расонад;

(5.16) ҳар шахс ҳақ дорад ҳангоми баррасии ҳар гуна иттиҳоми ҷиноӣ ва ё муайян кардани ҳуқуққо ва вазифаҳои вай дар ягон раванди додрасии шаҳрвандӣ аз тафтишоти одилона ва озодонаи суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки бар асоси қонун ташкил шудааст, бархӯрдор бошад;

(5.17) ҳар шахс, ки тибқи тартиботи судӣ таъқиб мешавад, ҳақ дорад худаш шахсан ва ё бетаъхир ба воситаи ҳимоягаре, ки интихоб кардааст, аз худаш ҳимоя кунад ё ки агар имкони пардохти хизматрасонии ҳимоягарро надошта бошад, ба хотири таъмини адолати судӣ метавонад ба таври ройгон аз чунин хизматрасонӣ бархӯрдор гардад;

(5.18) ҳеҷ кас барои ҷиноате, ки дар қонун пешбинӣ нашуда, ҷузъиёти он ба таври возеҳу равшан мушаххас нагардидааст, наметавонад айбдор , муҳокима ва ё зиндонӣ карда шавад;

(5.19) ҳар касе, ки гуноҳаш тибқи қонун исбот нашудааст, бегуноҳ ҳисоб меёбад;

(5.20) бо муҳим донистани саҳми абзорҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи башар дар таъмини бартарияти қонун дар сатҳи миллӣ, давлатҳои ширкаткунанда тасдиқ мекунанд, ки онҳо мавзӯи пайвастан ба Муоҳидаи байналмилалии ҳуқуққои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Муоҳидаи байналмилалии ҳуқуққои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар абзорҳои марбутаи байналмилалӣ-ҳуқуқиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, агар чунин кореро то ҳоли ҳозир анҷом надодаанд;

(5.21) давлатҳои ширкаткунанда барои такмили иқдомоти дохилии ҳимояи ҳуқуқӣ ва таъмини эҳтироми ӯҳдадориҳои байналмилалии худ, мавзӯи пайвастан ба конвенсияи минтақавӣ ва ё универсалии байналмилалии марбут ба ҳимояи ҳуқуқи башар, ба мисли Ковенсияи аврупоӣ дар бораи ҳуқуқи башар ва ё Протоколи факултативии Муоҳидаи байналмилалии ҳуқуққои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки тартиботи ҳимояи ҳуқуқии ашхоси

алоҳидаро дар ниҳодҳои байналмилалӣ пешбинӣ мекунад, баррасӣ менамоянд;

(6) Давлатҳои ширкаткунанда изҳор мекунанд, ки иродаи мардум, ки ба таври озодона ва мунсифона дар ҷараёни интихоботҳои даврави ва ҳақиқӣ ифода мегардад, асоси ҳокимият ва қонунмандии ҳар як ҳукуматро ташкил медиҳад. Онҳо тибқи қонунҳои худ ва ӯҳдадориҳо дар заминаи ҳуқуқи башар ва ӯҳдадориҳои байналмилалиашон масъулияти худро барои ҳимоя ва ҳифзи тартиботи демократӣ, ки озодона аз тариқи райъи мардум барқарор гардидааст, аз фаъолияти ашхос, гурӯҳҳо ё созмонҳои алоҳида, ки терроризм ё зӯроварии моилро ба сарнагун кардани ин тартибот ё ин гуна тартиб дар давлати дигари ширкаткунанда истифода мебаранд ё аз рад карданаш даст мекашанд, эътироф мекунанд;

(7) Барои он ки иродаи мардум чун асоси қудрати ҳукумат хизмат намояд, давлатҳои ширкаткунанда

(7.1) бо фосилаҳои мантиқӣ, ки қонун муқаррар кардааст, интихоботҳои озод баргузор мекунанд;

(7.2) имконият медиҳанд, ки ҳама мандатҳо ақаллан дар як палатаи маҷлиси қонунгузорӣ мавриди мусобиқаи озоди номзадҳои интихоботи саросарии мардумӣ қарор гирад;

(7.3) ба шаҳрвандони калонсол ҳаққи умумӣ ва баробари интихоботиро вогузор мекунанд;

(7.4) овоздиҳии пинҳонӣ ё тартиботи аз назари аҳамият баробари овоздиҳии озодро таъмин менамоянд, то ки ҳисоби овозҳо ва маълумоти марбут ба он ҳаққонӣ буда, натиҷаҳо расман ба чоп расанд;

(7.5) ҳаққи шаҳрвандон барои соҳиб шудан ба мансабҳои сиёсӣ ва давлатиро ба тарзи шахсӣ ё ба намояндагӣ аз аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳо бидуни ҳар гуна табъиз эҳтиром менамоянд;

(7.6) ҳаққи ашхоси алоҳида ё гурӯҳи ашхос барои ташкили аҳзоби сиёсӣ ва ё дигар созмонҳои сиёсиро эҳтиром карда, ба ин гуна аҳзоб ва созмонҳои сиёсӣ кафолати зарурии ҳуқуқӣ медиҳанд, ки имкони мусобиқаи баробари онҳоро дар назди қонун ва ниҳодҳои ҳокимият фароҳам мекунад;

(7.7) аз тарафи қонун ва сиёсати давлатӣ баргузории маъракаҳои сиёсиро дар фазои озодона ва мунсифона таъмин мекунад, то ки ҳеҷ гуна иқдомоти идорӣ, зӯроварӣ ва ё тарсу ваҳм боиси худдории баёни озоди назар ва арзёбиҳои аҳзоб ё номзадҳо нагардида, барои ошно шудани интихобкунандагон бо онҳо, муҳокима ва ё овоздиҳии озоди онҳо, бидуни нигаронӣ аз имкони ҷазо дидан, халал нарасонад;

(7.8) аз эҷоди монеаҳои ҳуқуқӣ ва ё идории дастрасии озод ва бидуни табъизи ҳама гурӯҳҳои ҳизбӣ ва ашхоси алоҳида ба ВАО, ки барои ширкат дар раванди интихобот алоқа доранд, пешгирӣ ба амал меоранд;

(7.9) ба вазифа шурӯъ кардани номзадҳоеро, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун шумораи зарурии овозҳоро соҳиб шудаанд ва то поён ёфтани мӯҳлати ихтиёроташон ва ё қатъ намудани он, ки тавассути қонун ва мутобиқи тартиботи демократии парламентӣ ва конститутсионӣ танзим мешаванд, таъмин менамояд;

(8) Давлатҳои ширкаткунанда чунин мешуморанд, ки ҳузури нозирони хориҷӣ ва миллӣ метавонад эътибори раванди интихоботро дар давлатҳои баргузоркунандаи чунин интихоботҳо афзоиш диҳад. Бинобар ин аз ҳар як кишвари дигари давлатҳои ширкаткунандаи ИАҲА ва муассисаҳову созмонҳои марбутаи хусусӣ, ки майли ширкат кардан ҳамчун нозир дар интихоботҳои миллии онҳоро дар ҳаҷми аз тарафи қонун пешбинишуда доранд, нозиронро даъват мекунанд.

Онҳо инчунин кӯшиш менамоянд, ки дастрасӣ ба равандҳои интихоботии поинтар аз сатҳи миллиро низ фароҳам созанд. Ин гуна нозирон ӯҳдадор мешаванд, ки ба раванди интихобот мудохила накунанд;

II

(9) Давлатҳои ширкаткунанда тасдиқ мекунанд, ки

(9.1) ҳар шахс барои баёни озодонаи фикру ақидаи худ, ба шумули ҳаққи муошират, ҳақ дорад. Ин ҳуқуқ шомили пойбанд будан ба ақидаи худ, дарёфт ва паҳн кардани маълумот ва идеяҳо бидуни дахолати сохторҳои давлатӣ ва новобаста аз марзҳои давлатӣ мебошад. Амалӣ намудани ин ҳуқуқ метавонад танҳо дар мавриди маҳдудиятҳое, ки тавассути қонун дар назар гирифта шуда, бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ мебошанд, сурат гирад. Аз ҷумла, барои таксири ҳама намуди аснод ва инчунин истифодаи онҳо бо риояи ҳуқуқи марбут ба моликияти фикрӣ, аз ҷумла, ҳаққи муаллиф, ҳеҷ гуна маҳдудият эҷод намегардад;

(9.2) ҳар шахс ҳаққи баргузории ҷамъомад ва ҳамоишҳои осоиштаро дорад. Ҳар гуна маҳдудият, ки метавонад дар мавриди амалӣ кардани ин ҳуқуқҳо ба миён ояд, аз тарафи қонун муқаррар гардида, бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат дорад;

(9.3) ҳаққи ташкили иттиҳодия кафолат дода мешавад. Ҳаққи ташкил, вобаста ба ҳуқуқи умумии иттифоқи касаба муайян кардани узвияти худ ва озодона дохил шудан ба иттифоқи касаба кафолат дода мешавад. Ин ҳуқуқҳо ҳар гуна назорати пешакиро истисно менамояд.

Озод будани иттиҳодияҳои коргарӣ, ба шумули озод будани корпартоӣ бо маҳдудиятҳои муайяншуда тавассути қонун ва мутобиқ бо стандартҳои байналмилалӣ кафолат дода мешавад;

(9.4) ҳар шахс ҳаққи озодӣ барои андеша, виҷдон ва динро дорад. Ин ҳуқуқ шомили озодии иваз намудани дин ва ё эътиқодот, инчунин озодии парастиши дин ва ё эътиқодоти худ ба тарзи инфиродона ё ҳамроҳи дигарон, ба таври расмӣ ё хусусӣ ба ҷо овардани маросимҳои динӣ, таълим ва иҷрои расму оиниҳои динро дар бар мегирад. Амалӣ намудани ин ҳуқуқҳо метавонанд танҳо бо он маҳдудиятҳое рӯбарӯ шаванд, ки қонун муайян намуда, бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат доранд;

(9.5) онҳо ҳаққи ҳар шахс барои тарк кардани ҳар кишвар ва аз ҷумла, кишвари худ ва баргаштан ба кишвари худро бар асоси ӯҳдадориҳои байналмилалии давлат дар заминаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои байналмилали ИАҲА эҳтиром мекунанд. Маҳдуд кардани ин ҳуқуқ ба таври фавқулода истисноӣ сурат гирифта, танҳо дар мавридҳое лозим дониста мешавад, ки ба ниёзҳои мушаххаси иҷтимоӣ мутобиқат дошта, ҳадафҳои қонунӣ ва мутаносиб бо ин ҳадафҳоро дунбол менамоянд ва мувофиқан бо ин мақсад мавриди сӯистифода ва ё татбиқи худсарона қарор намегиранд;

(9.6) ҳар шахс барои истифодаи осоиштаи моликияти худ ба таври инфиродӣ ё бо дигарон ҳақ дорад. Ҳеҷ кас наметавонад аз ҳаққи моликият маҳрум карда шавад, ба истиснои ҳолатҳои муайянкардаи манфиатҳои ҷамъиятӣ, мувофиқи шартҳои пешбиникардаи қонун ва мутобиқ ба ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва ӯҳдадориҳо оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ;

(10) Бо тасдиқи ӯҳдадориҳои худ дар бораи таъмини босамари ҳуқуқи шахси алоҳида барои донистани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башар ва мутобиқи он мустақилона ё бо дигарон амал кардан, саҳми фаъол гузоштан дар рушд ва ҳимояи он, давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд, ки:

(10.1) ҳуқуқи ҳар шахсро барои дархост, дарёфт ва интиқоли озоди афкор ва ахбори марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башар, ба шумули ҳаққи паҳн ва чоп кардани ин афкор ва ахборро эҳтиром намояд:

(10.2) ҳуқуқи ҳар шахсро барои ба таври мустақилона ё бо дигарон омӯхтан ва баррасӣ кардани масъалаҳои риояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башар, омода ва баррасӣ кардани мулоҳизаҳо барои беҳбуди ҳимояи ҳуқуқи башар ва воситаҳои нисбатан такмилёфтаи таъмини риояи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи башарро эҳтиром намояд;

(10.3) ҳаққи ашхоси алоҳида барои ташкили иттиҳодия, ба шумули ташкил кардан, якҷоя шудан ва ба таври босамар дар фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматие, ки ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башарро ташвиқ ва ҳимоя менамоянд, аз ҷумла, иттифоқҳои касаба ва гурӯҳҳои нозири риояи ҳуқуқи башар, таъмин карда мешавад;

(10.4) ба аъзои ин гуна гурӯҳҳо ва созмонҳо дастрасии бемамониат ва ҳифзи иртибот бо ниҳодҳои мушобеҳи он дар кишварҳои худ ва хориҷ аз он, ҳамчунин бо созмонҳои байналмилалӣ, табодули афкор, ҳифзи тамос ва ҳамкорӣ бо ин гурӯҳҳо ва

созмонҳо, тақозо намудан, дарёфт кардан ва истифодаи озодонаи пардохтҳои молии манбаъҳои миллӣ ва байналмилалиро, ки мутобиқи қонун пешбинӣ шудааст, иҷозат медиҳад;

(11) Давлатҳои ширкаткунанда изҳор мекунанд, ки дар ҳолатҳое, тавре тасдиқ мегардад, помол кардани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ҷо дошта бошад, воситаҳои босамари ҳимояи ҳуқуқии мавҷуда мавридҳои зерро дар бар мегирад

(11.1) ҳаққи шахси алоҳида барои дархост ва дарёфти ёрии ҳуқуқии мувофиқ;

(11.2) ҳаққи шахси алоҳида ба дархост ва дарёфти ёрии дигарон барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башар ва ёрӣ ба дигарон барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башар;

(11.3) ҳаққи шахс ё гурӯҳҳои алоҳида, ки аз номи онҳо амал мекунанд, ҳифзи тамос бо ниҳодҳои байналмилалӣ, ки салоҳияти дарёфт ва баррасии иттилои марбут ба нақзи ҳуқуқи башарро доранд,

(12) Давлатҳои ширкаткунанда зимни доштани тамоюли таъмини шаффофияти иҷрои ӯҳдадориҳои ба дӯш гирифта дар бахши андозагирии башарии Санади ниҳоии Венаи ИАҲА тасмим гирифтаанд, ки чун иқдомоти таҳкими эътимод ҳузури нозирони эъзомшуда аз тарафи давлатҳои ширкаткунанда ва намояндагони созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва дигар ашхоси алоқамандро дар раванди судӣ, ки тибқи қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ шудааст, таъмин намоянд; ҳамчунин қабул карда мешавад, ки равандҳои судӣ дар сурати вуҷуд доштани шароити пешбинишуда аз тарафи қонун ва ӯҳдадориҳои марбут ҳуқуқи байналмилалӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ метавонад ба тарзи пӯшида баргузор гардад.

(13) Давлатҳои ширкаткунанда қарор мекунанд, ки ба эътирофи ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва озодиҳои шахсии вай, ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳаққи вай ба ҳимояи махсус аз ҳар гуна таҷовуз ва истисмор таваҷҷӯҳи хос зоҳир намоянд. Онҳо, агар то ҳоло анҷом надода бошанд, масъалаи пайвастан ба Конвенсияи ҳуқуқи кӯдакро, ки барои имзо 26 январи соли 1990 муаррифӣ гардид, баррасӣ мекунанд. Онҳо дар қонунгузории дохилии худ ҳуқуқҳои кӯдакро, ки дар созишномаҳои байналмилалӣ ба сабт расидаасту худашон тарафҳои он ба шумор мераванд, эътироф мекунанд.

(14) Давлатҳои ширкаткунанда розӣ мешаванд, ки дар кишварҳои худ барои омӯзиши донишҷӯён ва хонандагони дигар давлатҳои ширкаткунанда, аз ҷумла, ашхосе, ки омодагии касбиву техникӣ мегиранд, шароит фароҳам намоянд. Онҳо ҳамчунин розӣ мешаванд, ки ҷавонони кишварҳои худро барои касби дониш ба дигар давлатҳои ширкаткунанда бифиристанд ва ба ин манзур дар ҳар куҷое, ки зарур аст, имзои созишномаҳои дуҷониба ё чандҷониба байни муассисаҳо, созмонҳо ва муассисаҳои таълимии марбутаи ҳукуматиро ташвиқ намоянд.

(15) Давлатҳои ширкаткунанда тавре амал мекунанд, ки боиси интиқоли осонтари ашхоси маҳкумшуда гардида, он давлатҳои ширкаткунандаро, ки узви Конвенсия дар бораи интиқоли ашхоси маҳкумшуда, ки дар 21 ноябри соли 1983 дар Страсбург ба имзо расидааст, намебошанд, барои пайвастан ба ин Конвенсия ташвиқ менамоянд.

(16) Давлатҳои ширкаткунанда

(16.1) ӯҳдадории худро дар мавриди манъи шиканҷа ва дигар шеваҳои рафтор ва ҷазодиҳии бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё боиси паст шудани шаъну эътибори инсонӣ иҷро намуда, чораҳои самарбахши қонунгузорӣ, маъмурӣ, судӣ ва ғайраро барои пешгирии чунин амал ва ҷазо додан барои он меандешанд, ашхоси алоҳидаро аз ҳар навъ амали равонпизишкӣ ва ё тиббӣ, ки боиси халалдор шудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон мегардад, ҳимоя менамоянд ва ҷиҳати пешгирии чунин амал ва ҷазо додан барои он чораҳои самарбахш меандешанд;

(16.2) ба таври фаврӣ масъалаи пайвастан ба Конвенсия бар алайҳи шиканҷа ва дигар шеваҳои рафтор ва ҷазодиҳии бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё боиси паст шудани шаъну эътибори инсониро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, агар то ҳоли ҳозир ин корро анҷом надода бошанд ва ҳамчунин бар асоси моддаҳои 21 ва 22 Конвенсия салоҳияти Кумита бар алайҳи шиканҷа эътироф намуда, тибқи моддаи 20 қайду шарти марбут ба салоҳияти Кумитаро лағв мекунанд;

(16.3) таъкид менамоянд, ки ҳеҷ шароити истисноӣ, мисли вазъияти ҷанг ё таҳдиди ҷанг, бесуботии сиёсии дохилӣ ё ҳар гуна вазъияти фавқулодаи дигар наметавонад тавҷеҳ ва асоси шиканҷа шавад;

(16.4) ба барномаи омодасозии кормандони ниҳодҳои шаҳрвандӣ ва низомии ҳифзи ҳуқуқ, персоналии тиббӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дигар ашхос, ки метавонанд бо боздошт, бозпурсӣ ва муносибат бо ҳар шахсе, ки мавриди ин ё он шакли дастгирӣ, боздошт ё ҳабс қарор гирифтааст, иртибот дошта бошанд, маълумот дар бораи мамнӯъ будани шиканҷаро ба таври комил ворид менамоянд;

(16.5) ба таври мураттаб қоида, муқаррарот, шеваҳо ва амалияи анҷоми бозпурсӣ, ҳамчунин шароити боздошт ва муносибат бо ашхоси мавриди ин ё он намуди ҳабс, боздошт ва ё зиндонӣ қароргирифтаро дар ҳар қаламрави таҳти салоҳияти қонуниашон баррасӣ менамоянд то ҳеҷ гуна ҳодисаи шиканҷа ба вуқӯъ напайвандад;

(16.6.) ҳар гуна ҳодисаҳои шиканҷа, дигар намуди рафтор ва ҷазои ғайриинсонӣ ва ё амалеро, ки боиси паст шудани шаъну эътибор мегардад ва дар ин бора онҳо аз тариқи каналҳои расмӣ ва ё ягон манбаи эътимодбахши ахбор иттилоъ ба даст меоранд,

ба таври таъхирнопазир мавриди баррасӣ қарор дода, чораҳои лозимаеро меандешанд, ки бо иқдомоти ҳамоҳанг ва тартиботи иҷрои самарабахши ӯҳдадориҳо дар робита ба меъёрҳои инсонии ИАҲА мутобиқат дошта бошад;

(16.7) бо чунин дарк иқдом менамоянд, ки ҳифз ва кафолати ҳаёту амнияти ҳар шахсе, ки мавриди ҳар навъ шиканҷа ва дигар намудҳои рафтор ё ҷазоҳои ғайриинсонӣ, ки боиси паст гардидани шаъну эътибор мешавад, ягона меъёрҳои муайян намудани фаврият ва таъхирнопазирии истифода аз васоили марбута барои ислоҳи вазъ мебошад; бинобар ин баррасии ҳар ҳодисаи шиканҷа ва дигар намудҳои рафтор ё ҷазоҳои ғайриинсонӣ, ки боиси паст гардидани шаъну эътибор мешавад, дар доираи ҳар ниҳод ва ё механизми байналмилалии дигар наметавонад асосе барои канорачӯӣ аз баррасӣ ва анҷоми амалҳои лозима бар асоси иқдомот ва тартиботи ҳамоҳангшудаи иҷрои самрбахши ӯҳдадориҳои вобаста ба меъёрҳои инсонии ИАҲА гардад.

(17) Давлатҳои ширкаткунанда

(17.1) аз ӯҳдадориҳои қабулшуда бар асоси Санади ниҳоии Вена ҷиҳати ба баррасӣ вогузор намудани мавзӯъи қатл ва ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои марбутаи байналмилалӣ ёдовар мешаванд;

(17.2) дар ин робита аз Протоколи дуввуми факултативии марбут ба Муоҳидаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар 15 декабри соли 1989 қабул шуда, ҳадафи лағви қатлро дунбол менамояд, ёдовар мегарданд;

(17.3) маҳдудият ва кафолатҳоеро, ки дар робита ба истифода аз қатл тавассути ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла моддаи 6 Муоҳидаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қабул шудааст, мавриди таъкид қарор медиҳанд;

(17.4) муқаррароти Протоколи шашуми марбут ба Конвенсияи Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро, ки ба мавзӯи лағви қатл дахл дорад, мавриди таъкид қарор медиҳанд;

(17.5) иқдомоти анҷомшуда тайи муддатҳои ахир аз тарафи бархе аз давлатҳои ширкаткунандаро мавриди таъкид қарор медиҳанд;

(17.6) фаъолияти бархе аз созмонҳои ғайридавлатиро дар мавриди қатл мавриди таъкид қарор медиҳанд;

(17.7) дар доираи Конференсия дар мавриди андозагирии инсонӣ доир ба мавзӯъи лағви қатл мубодилаи иттилоот ба амал оварда, баррасии ин масъаларо идома медиҳанд;

(17.8) ба ҷомеа дар мавриди истифода аз қатл иттилоъ медиҳанд.

(18) Давлатҳои ширкаткунанда

(18.1) ёдовар мешаванд, ки Комиссияи ҳуқуқи башари Созмони Милали Муттаҳид ҳаққи ҳар шахсро барои сарфи назар намудан аз хидмати аскарӣ бар асоси эътиқодоти виҷдониаш эътироф мекунад;

(18.2) аз иқдомоти тайи муддатҳои ахир суратгирифта тавассути бархе аз давлатҳои ширкаткунанда ҷиҳати озод намудани афрод аз хидмати ҳатмии аскарӣ бар асоси эътиқодоти виҷдониашон, ёдовар мешаванд;

(18.3) фаъолияти бархе аз созмонҳои ғайридавлатиро дар мавриди даст кашидани афрод аз хидмати ҳатмии аскарӣ бар асоси эътиқодоти виҷдониашон мавриди ёдоварӣ қарор медиҳанд;

(18.4) ризоият медиҳанд то масъалаи ҷорӣ кардани шаклҳои мухталифи хидмати алтернативӣ, дар ҷое, ки то ҳанӯз чунин кор сурат нагирифта бошад, дар робита ба дасткашӣ аз хидмати ҳатмии аскарӣ бар асоси эътиқодоти виҷдониашон, мавриди баррасӣ қарор дода шавад, зимнан чунин шаклҳои хидмати алтернативӣ усулан бо хидмат дар қисмҳои ҳарбӣ иртибот надошта, дорои ҷанбаи шаҳрвандӣ буда, барои ҷамъият муфид мебошанд ва хислати ҷазодиҳӣ низ надоранд;

(18.5) иттилои марбут ба ин мавзӯъро дар дастраси ҷомеа қарор медиҳанд;

(18.6) дар доираи Конференсия оид ба андозагирии инсонӣ масоили марбут ба озодии ашхоси алоҳида аз хизмати ҳатмии аскариро бар асоси эътиқодоти виҷдониашон, агар ҷое чунин маврид вуҷуд дошта бошад, ки ба сурати дасткашӣ аз хизмат дар қувваҳои мусаллаҳ сурат мегирад, ба баррасӣ мегузоранд ва дар ин маврид мубодилаи иттилоот ба амал меоранд.

(19) Давлатҳои ширкаткунанда тасдиқ менамоянд, ки рафтуомад ва тамоси озодонатар миёни шаҳрвандони онҳо дар заминаи ҳифз ва густариши ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дорои аҳамияти муҳим мебошад. Онҳо иқдомоти марбутаро анҷом медиҳанд, то сиёсаташон дар мавриди ворид шудан ба қаламрави онҳо ба таври комил ба ҳадафҳои зикршуда дар Санади ниҳоӣ, Санади ниҳоии Мадрид ва Санади ниҳоии Вена мутобиқат дошта бошад. Зимни таъкид бар қотеияти худ ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои зикршуда дар асноди ИАҲА, онҳо ӯҳдадор мешаванд, ки ба таври комил ӯҳдадориҳои кунунии хеш дар арсаи тамосҳои миёни афродро, аз ҷумла, бар асоси дуҷониба ва чандҷониба, иҷро намоянд. Дар ин робита онҳо:

(19.1) талош мекунанд то тартиботи вуруд ба қаламрави онҳо, ба шумули содир намудани раводид, назорати шиноснома ва гумрукӣ ба тарзи мунсифона ва бидуни таъхироти беасос иҷро карда шавад. Дар сурати зарурат онҳо мӯҳлати гирифтани тасмими марбут ба содир намудани раводидро кӯтоҳ намуда, амалияи онро осонтар карда, талаботҳои маъмурии марбут ба дархости раводидро маҳдудтар менамоянд;

(19.2) барои баррасии ҳарчи зудтари дархости содир намуда-

ни раводид мусоиат менамоянд, то ба таври лозим мулоҳизоти муҳимми оилавӣ, шахсӣ ва касбӣ, бавижа мавридҳои фаврии хислати башардӯстона дошта, мадди назар қарор дода шавад;

(19.3) кӯшиш менамоянд то дар ҷое, ки имкон дорад пардохтҳо (боҷ)-и марбут ба дархости содир намудани раводидро то ҳадди имконпазир кам кунанд;

(20) Давлатҳои ширкаткунандаи алоқаманд дар мавридҳои лозим бо ҳам машварат намуда, дар баррасии масъалаҳое, ки метавонанд бо афзоиши рафтуомади одамон ба миён оянд, ҳамкорӣ анҷом медиҳанд.

(…)

(22) Давлатҳои ширкаткунанда тасдиқ менамоянд, ки ҳимоя ва ташвиқи ҳуқуқи муҳоҷирони корӣ дорои меъёрҳои инсонии худ мебошад. Дар ин робита онҳо

(22.1) мувофиқат мекунанд, ки ҳимоя ва ташвиқи ҳуқуқи муҳоҷирони корӣ вазифаи ҳамаи давлатҳои ширкаткунанда мебошад ва ҳамин тавр онҳо дар доираи раванди ИАҲА мавриди баррасӣ қарор дода шаванд;

(22.2) ӯҳдадориҳои худро ҷиҳати иҷрои комили ҳуқуқҳои муҳоҷирони корӣ, ки тавассути созишномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаасту ширкаткунандаи он мебошанд, дар қонунгузории дохилиашон тасдиқ менамоянд;

(22.3) чунин мешуморанд, ки дар абзорҳои ояндаи байналмилалии марбут ба ҳуқуқҳои муҳоҷирони корӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад, ки ин мавзӯъ барои ҳамаи онҳо муҳим мебошад;

(22.4) омодагии худро барои дар ҷаласаҳои баъдии ИАҲА баррасӣ намудани ҷанбаҳои марбутаи ташвиқи баъдии ҳуқуқҳои муҳоҷирони корӣ ва оилаҳои онҳоро баён менамоянд.

(23) Давлатҳои ширкаткунанда боварии баёндоштаи худро дар Санади ниҳоӣ дар ин робита, ки ташвиқи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин ҳуқуқҳои шахрвандӣ ва сиёсӣ барои таъмини шоистагии инсонӣ ва амалӣ шудани ормонҳои қонунии ҳар шахс дорои авлотарин аҳамият мебошанд, тасдиқ менамоянд. Онҳо инчунин ӯҳдадориҳои дар Санади конференсияи Бон дар бораи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар Аврупо ба зимма гирифтаашонро дар робита ба ҳимоят аз ташвиқи адолати иҷтимоӣ ва беҳбуди шароити зиндагӣ ва кор, тасдиқ менамоянд. Дар заминаи идомаи талошҳои худ барои дастёбии тадричӣ ба иҷрои комили ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо истифода аз шеваҳои марбута, онҳо ба масъалаҳои мавҷуд дар соҳаҳои иштиғол, таъмини манзил, таъминоти иҷтимоӣ, тандурустӣ, маориф ва фарҳанг таваҷҷӯҳи вижа зоҳир менамоянд.

(24) Давлатҳои ширкаткунанда амалӣ гардидани ҳама ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башарро, ки дар боло зикр гардид, тавре таъмин менамоянд, ки натавонад мавриди ҳеҷ гуна маҳдудият, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун пешбинӣ шуда ва ба ӯҳдадориҳои

онҳо дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла, Муоҳидаи байналмилалии ҳуқуқҳои шахрвандӣ ва сиёсӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалии онҳо, аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мутобиқат дорад, қарор гирад. Ин маҳдудиятҳо дорои хислати истисноӣ мебошанд. Давлатҳои ширкаткунанда аз сӯистифодаи ин маҳдудиятҳо пешгирӣ ба амал меоранд ва намегузоранд, ки аз онҳо ба таври худсарона, балки тарзе истифода сурат бигирад, ки амалӣ гардидани самарбахши ин ҳуқуқҳо таъмин гардад.

Ҳар гуна маҳдудияти ҳуқуқ ва озодиҳо дар ҷомеаи демократӣ бояд ба яке аз аҳдофи қонуни мавриди истифода иртибот дода шуда, ба таври ҷиддӣ мутаносиб бо ин қонун бошад.

(25) Давлатҳои ширкаткунанда тасдиқ мекунанд, ки ҳар гуна канорагӯӣ аз ӯҳдадориҳои марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башар дар шароити вазъияти фавқулода, бояд ба таври ҷиддӣ дар доираи аз тарафи ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинишуда, аз ҷумла, абзорҳои марбутаи байналмилалӣ, ки онҳо ширкаткунандагонашон мебошад ва ба ҳуқуқҳое дахл дорад, ки аз онҳо даст кашидан имкон надорад, боқӣ бимонад. Онҳо инчунин тасдиқ мекунанд, ки

(25.1) чораҳое, ки маънои канорагӯӣ аз ин ӯҳдадориҳоро доранд, бояд бо мутобиқати ҷиддӣ бо муқтазиёти тартиботи баёнёфта дар ин абзорҳо амалӣ гарданд;

(25.2) ҷорӣ гардидани вазъияти фавқулода бояд расман ва аланан эълон карда шавад ва бо муқаррароти аз тарафи қонун пешбинишуда мутобиқат дошта бошад;

(25.3) чораҳое, ки маънои канорагӯӣ аз ин ӯҳдадориҳоро доранд, ба таври ҷиддӣ бо чаҳорчӯбҳое маҳдуд карда мешаванд, ки шиддати вазъият онро тақозо менамояд;

(25.4) чунин чораҳо наметавонанд боиси табъизи истисноӣ бар асоси вобастагии нажодӣ, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, маншаи баромади иҷтимоӣ ва ё тааллуқ доштан ба ақаллият гардад.

III

(26) Давлатҳои ширкаткунанда эътироф мекунанд, ки демократияи пойдор аз иҷрои бахши таркибии арзишҳо ва амалияи демократии зиндагии миллӣ, инчунин доираи васеи ниҳодҳои демократӣ вобаста мебошад. Бинобар ин онҳо дар ҷое, ки имкон дорад аз талошҳои амалии муштарак ҳимоят намуда, мубодилаи иттилоот, афкор ва таҷрибаро ба таври тамосҳои мустақим ва ё миёни ашхоси алоҳида, гурӯҳҳо ва созмонҳо дар ин заминаҳо ба амал меоранд:

- ҳуқуқи конститутсионӣ, ислоҳот ва рушд,
- қонунгузорӣ дар бораи интихобот, баргузории интихобот ва назорат бар он,
- ташкили судҳо ва низомҳои ҳуқуқӣ ва идора намудани онҳо,

• тавсеаи беғаразона ва самарбахши хадамоти давлатӣ, ки дар доираи он пазириш ба кор ва рушд ёфтан дар вазифаи хидматӣ бар асоси дар назар гирифтани шоистагии шахсии кормандон сурат мегирад,

• амалӣ кардани қонунҳо дар ҳаёт,

• идоракунии маҳаллӣ ва ғайримутамарказонӣ,

• дастрасӣ ба иттилоот ва таъмини махрамона будани он,

• аҳзоби сиёсии дар ҳоли ташкил ва нақши онҳо дар ҷомеаҳои гуногунандеш,

• иттифоқҳои касабаи озод ва мустақил,

• ҳаракатҳои кооперативӣ,

• рушди шаклҳои дигари иттиҳодияҳо ва гурӯҳҳои озод, ки манофеъи ҷамъиятиро дунбол мекунанд,

• журналистика, ВАО-и мустақил, зиндагии маънавӣ ва фарҳангӣ,

• дарси арзишҳо, ниҳод (институт)-ҳо ва таҷрибаи демократӣ дар муассисаҳои омӯзишӣ, инчунин таъмини фазои маълумоти озод.

Чунин шароит доираи ҳамкориҳо дар чорчӯби андозагирии инсонии ИАҲА, аз ҷумла, таҳсил, мубодилаи иттилоот, китоб, маводи дарсӣ, барномаҳо ва тарҳҳои муштарак, мубодила ва конференсияҳои илмӣ ва касбӣ, стипендияҳо, субсидҳо барои таҳқиқоти илмӣ, муаррифии донишҳои коршиносӣ ва хадамоти машваратӣ, тамосҳо ва барномаҳои корӣ ва илмиро дар бар мегирад.

(27) Давлатҳои ширкаткунанда инчунин ба ташкил ва таҳкими ниҳодҳои мустақили миллӣ дар заминаи ҳуқуқи инсон ва бартарии қонун, ки метавонанд ҳамчун марказҳои ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ байни ин гуна ниҳодҳо дар давлатҳои ширкаткунанда амал намоянд, мусоидат мекунанд. Онҳо инчунин ҳамкориҳои миёни аъзои парлумонҳои давлатҳои ширкаткунандаро, аз ҷумла, аз тариқи анҷуманҳои марбутаи парлумонӣ, ба монанди комиссияҳои муштарак, гуфтугӯҳои телевизионӣ бо ширкати вакилони парлумон, вохурӣ ва баррасиҳо дар атрофи «Мизи мудаввар», ташвиқ менамоянд. Онҳо ҳамчунин муассисаҳои марбута, назири созмонҳои мутааллиқ ба Созмони Милали Муттаҳид ва Шӯрои Аврупоро барои идома ва густариши кору фаъолияти оғоз намудаашон, ташвиқ мекунанд.

(28) Давлатҳои ширкаткунанда таҷрибаи муҳимми Шӯрои Аврупо дар заминаи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башарро эътироф намуда, мувофиқат мекунанд то роҳҳо ва васоили баъдие, ки ба Шӯрои Аврупо имкони саҳм гирифтан дар андозагирии инсонии ИАҲА-ро фароҳам менамояд, мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Онҳо мувофиқат мекунанд, ки хислати ин саҳм метавонад дар яке аз форумҳои баъдии ИАҲА мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

(…)

IV

(30) Давлатҳои ширкаткунанда эътироф мекунанд, ки масъалаҳои марбут ба ақаллиятҳои миллӣ танҳо дар чорчӯбҳои сиёсии демократӣ, ки бар асоси бартарии қонун дар шароити фаъолияти низоми додгоҳии мустақил асос ёфтааст, метавонад ба таври қаноатбахш ҳаллу фасл гардад. Ин чорчӯбҳо эҳтироми комили ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башарро, баёни озоди ҳама манофеъ ва ормонҳои қонунии вай, гуногунандешии сиёсӣ, таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар роҳи сӯистифода аз тарафи ҳокимияти давлатӣ монеаҳои асарбахш эҷод менамояд, кафолат медиҳад.

Онҳо инчунин нақши муҳимми созмонҳои ғайридавлатӣ ба шумули аҳзоби сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, созмонҳои ҳуқуқи башар ва гурӯҳҳои диниро дар ташвиқи таҳаммулпазирӣ, гуногунии фарҳангӣ ва ҳаллу фасли масоили марбут ба ақаллиятҳои миллӣ эътироф мекунанд.

Онҳо дар идома тасдиқ мекунанд, ки эҳтироми ҳуқуқи ашхоси мутааллиқ ба ақаллиятҳои миллӣ чун бахши шинохташудаи ҳуқуқи башар, омили муҳимми сулҳ, адолат, субот ва демократия дар давлатҳои ширкаткунанда ба шумор меравад.

(31) Ашхоси мутааллиқ ба ақаллиятҳои миллӣ ҳақ доранд ба таври комил ва самарбахш ҳуқуқ ва озодиҳои башарии худро бидуни ҳар гуна табъиз ва дар шароити баробарӣ дар назди қонун амалӣ намоянд.

Давлатҳои ширкаткунанда дар сурати зарурат чораҳои махсус меандешанд, то ба ашхоси мутааллиқ ба ақаллиятҳои миллӣ дар амалӣ ва истифода намудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии башар чун дигар шаҳрвандон баробарии комилро кафолат диҳанд.

(32) Мансубият ба ақаллияти миллӣ мавзӯи интихоби шахсии вай мебошад ва дар роҳи амалӣ намудани ин интихоб ҳеҷ гуна паёмади ногувор наметавонад ба миён ояд.

Ашхоси мутааллиқ ба ақаллиятҳои миллӣ ҳаққи баён, ҳифз ва рушди худвижагии нажодии фарҳангӣ, забонӣ ва динӣ, ҳифз ва тавсеаи фарҳанги худ дар ҳама арсаҳоро доро буда, наметавонад бар хилофи иродаи худ мавриди кӯшиши ассимилятсия қарор дода шавад. Аз ҷумла онҳо ҳақ доранд:

(32.1) ба таври озод дар ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоӣ аз забони модариашон истифода ба амал оранд;

(32.2) муассисаҳо, созмонҳо ва анҷуманҳои омӯзишӣ, фарҳангӣ ва динии худро ташкил ва ҳимоят кунанд ва барои онҳо кумакҳои довталабонаи молӣ ва ғайра ҷалб намоянд, инчунин пуштибонии давлатиро бар асоси қонунгузории миллӣ ба амал оранд;

(32.3) дини худро парастиш кунанд, аз ҷумла, маводи диниро харидорӣ намояд, дар ихтиёр дошта бошад ва истифода ба амал

орад ва дар соҳаи маориф ба забони модарии худ фаъолияти мазҳабӣ анҷом диҳад;

(32.4) байни худ дар дораи кишвари хеш, инчунин аз тариқи марз бо шаҳрвандони дигар давлатҳо, ки бо онҳо тааллуқи муштараки нажодӣ, мероси фарҳангӣ ва ё эътиқодоти мазҳабӣ доранд, тамоси бидуни мамониат барқарор кунанд;

(32.5) иттилоот пахш намуда, ба он дастрасӣ дошта бошанд ва ба забони модарии худ мубодилаи иттилоот ба амал оранд;

(32.6) дар доираи кишвари худ созмонҳо ва анҷуманҳо ташкил намуда, аз онҳо ҳимоят ба амал оранд ва дар фаъолияти созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ширкат кунанд;

Ашхоси мутааллиқ ба ақаллиятҳои миллӣ метавонанд ҳуқуқҳои худро амалӣ намуда, аз онҳо ба таври инфиродӣ ё бо дигар аъзои гурӯҳи худ истифода ба амал оранд. Барои шахси мутааллиқ ба ақаллияти миллӣ ба сабаби амалӣ гардидан ва ё нагардидани ҳар як аз ин ҳуқуқҳо наметавонад паёмади ногуворе ба бор ояд.

(33) Давлатҳои ширкаткунанда худвижагии қавмӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва динии ақаллиятҳои миллиро дар қаламрави худ ҳимоят намуда, барои ташвиқи ин худвижагӣ шароит ба миён меоранд. Онҳо баъд аз баргузориии машваратҳои марбута, ба шумули тамос бо созмонҳо ва анҷуманҳои чунин ақаллиятҳо, бар асоси тартиби қабули тасмимоти ҳар як аз давлатҳо, чораҳои заруриро меандешанд.

Ҳар як аз ин иқдомот ба усули баробарӣ ва бидуни табъиз дар мавриди дигар шаҳрвандони давлатҳои ширкаткунандаи марбута мутобиқат хоҳад дошт.

(34) Давлатҳои ширкаткунанда саъй мекунанд кафолат диҳанд, то ашхоси мутааллиқ ба ақаллиятҳои миллӣ, қатъи назар аз зарурати омӯзиши забон ё забонҳои расмии давлати марбута, имконияти лозим барои фаро гирифтани забони модарӣ ва ё омӯзиш ба забони модарии худро, инчунин дар ҳолате, ки имкон дорад ва ё ногузир мебошад, дар ниҳодҳои давлатӣ бар асоси қонунгузории ҷории миллӣ истифодаи онро фароҳам созанд.

Дар заминаи таълими таърих ва фарҳанг дар муассисаҳои омӯзишӣ онҳо инчунин таърих ва фарҳанги ақаллиятҳои миллиро низ дар назар мегиранд.

(35) Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқҳои ашхоси мутааллиқ ба ақаллиятҳои миллиро барои ширкати муассир дар умури давлатӣ, аз ҷумла, ширкат дар умури марбут ба ҳимоят ва ташвиқи худвижагии ин гуна ақаллиятҳоро эҳтиром менамоянд.

Давлатҳои ширкаткунанда талошҳоеро, ки ба манзури ҳимоят ва фароҳам намудани шароити ташвиқи худвижагии қавмӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва диниии ақаллиятҳои муайяни миллӣ ба унвони яке аз васоили дастёбӣ ба ин аҳдоф, сурат мегирад,

мувофиқи сиёсати давлати алоқаманд, ниҳодҳои марбутаи идораи маҳаллӣ ё мухтор, ки ба шароити мушаххаси таърихӣ ва марзии ин гуна ақаллиятҳо мутобиқат дорад, мавриди пуштибонӣ қарор медиҳанд.

(36) Давлатҳои ширкаткунанда аҳамияти хоси рушди ҳамкории созанда байни худро дар масоили ақаллиятҳои миллӣ эътироф менамоянд. Чунин ҳамкорӣ ҳадафи мусоидат ба ҳусни тафоҳум, эътимод, муносиботи дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ, сулҳи байналмилалӣ, амният ва адолатро дунбол мекунад.

Ҳар як давлати ширкаткунанда ба фазои эҳтироми мутақобил, шинохт, ҳамкорӣ ва ҳамдилии миёни афроди муқими қаламрави вай, бидуни тафовути тааллуқи қавмӣ, миллӣ ва ё динӣ мусоидат намуда, аз ҳаллу фасли масоил аз тариқи гуфтугӯе, ки бар усули бартарии қонун асос ёфтааст, пуштибонӣ ба амал меорад.

(37) Ҳеҷ як аз ин шароит наметавонад ҳамчун ҳаққи анҷоми фаъолият ва ё ҳар амали дигари мухолиф бо аҳдоф ва усули Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, дигар ӯҳдадориҳои марбут ба ҳуқуқи байналмилалӣ ва ё муқаррароти Муоҳидаи ниҳоӣ, ки асли тамомияти арзии давлатҳоро дар бар мегирад, арзёбӣ шавад.

(38) Давлатҳои ширкаткунанда дар талошҳои худ дар мавриди ҳимоят ва ташвиқи ҳуқуқи ашхоси мутааллиқ ба ақаллиятҳои миллӣ бар асоси конвенсияҳои марбут ба ҳуқуқи башар ва дигар абзорҳои марбутаи байналмилалӣ ба таври комил ӯҳдадориҳои худро риоя намуда, мавзӯи пайвастан ба конвенсияҳои марбутаро, агар то ҳоли ҳозир чунин корро анҷом надодаанд, ба шумули конвенсияҳое, ки ҳаққи ашхоси алоҳида ба шикоятро пешбинӣ мекунад, мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

(39) Давлатҳои ширкаткунанда дар созмонҳои босалоҳияти байналмилалӣ, ки аъзои онҳо мебошанд, ба шумули Созмони Милали Муттаҳид ва дар мавридҳои марбута Шӯрои Аврупо, бо дар назар гирифтани корҳои иҷрошуда тавассути онҳо дар масоили марбут ба ақаллиятҳои миллӣ, ҳамкории наздик анҷом медиҳанд.

Онҳо мавзӯи даъвати ҷаласаи коршиносон барои баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи марбут ба ақаллиятҳои миллиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд

(40) Давлатҳои ширкаткунанда ба таври дақиқ ва бидуни қайду шарт тоталитаризм, кинаву адовати нажодӣ ва қавмӣ, антисемитизм, ксенофобия ва табъиз бар алайҳи ҳар касеро, инчунин таъқиб бо сабабҳои динӣ ва идеологиро маҳкум менамоянд. Дар ин замина онҳо инчунин мушкилоти махсуси романҳо (сиганҳо)-ро эътироф мекунанд.

Онҳо қасди ҷиддӣ доштани худро барои мубориза бо ин тамоюлот дар ҳар шакле, ки зуҳур мекунанд, эълон медоранд ва бинобар ин

(40.1) чораҳои самарбахш андешида, аз ҷумла, мутобиқи низоми конститутсионии онҳо ва ӯҳдадориҳои байналмиллиашон, қонунҳоеро қабул менамоянд, ки барои таъмини ҳимоят аз ҳар гуна иқдоми таҳрикдиҳанда ба таҷовуз бар алайҳи ашхос ё гурӯҳҳо, ки бар табъизи миллӣ, нажодӣ ва ё динӣ, хусумат ё адоват, ба шумули антисемитизм, асос ёфтааст, ногузир мебошанд;

(40.2) ӯҳдадор мешаванд, ки барои ҳимояти ашхос ё гурӯҳҳо, ки метавонанд мавриди таҳдид ва ё иқдомоти табъизӣ, хусумат ё таҷовуз бар асоси худвижагии нажодӣ, қавмӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва диниашон қарор гиранд, чораҳои лозим ва марбутаро андешанд ва аз моликияти онҳо дифоъ кунанд;

(40.3) бар асоси низоми конститутсионии худ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ барои мусоидат ба ҳусни тафоҳум ва таҳаммулпазирӣ, бахусус дар арсаҳои маъориф, фарҳанг ва иттилоот чораҳои самарбахш меандешанд;

(40.4) талош мекунанд то дар доираи вазоифи марбут ба маориф ба масъалаи таассубот ва адовати нажодӣ ва таҳкими эҳтиром ба тамаддунҳо ва фарҳангҳои мухталиф таваҷҷӯҳи хоса зоҳир гардад;

(40.5) ҳуқуқи ҳар шахс ба воситаҳои самарабахши ҳимояти ҳуқуқиро эътироф намуда, саъй мекунанд то мутобиқи қонунгузории миллӣ ҳуқуқи ашхос ва гурӯҳҳои алоқамандро ҷиҳати ироаи шикоят бипазиранд ва аз шикояти марбут ба табъиз, ба шумули иқдомоти нажодпарастона ва ксенофобия пуштибонӣ кунанд;

(40.6) мавзӯи пайвастан ба абзорҳои байналмилалӣ, агар то ҳанӯз чунин корро накардаанд, ки масоили табъизро мавриди таваҷҷӯҳ қарор медиҳанд, баррасӣ намуда, иҷрои комили ӯҳдадориҳои ба дӯши худ гирифтаро, ба шумули ӯҳдадориҳои марбут ба муаррифии гузоришҳои давравӣ, таъмин менамояд;

(40.7) ҳамчунин мавзӯи эътирофи он механизмҳои байналмилалиро, ки ба давлатҳо ва ашхоси алоҳида имкони ирсоли маълумоти марбут ба табъизро ба ниҳодҳои байналмилалӣ фароҳам мекунанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

V

(41) Давлатҳои ширкаткунанда пойбандии худро ба андозагирии инсонии ИАҲА тасдиқ намуда, аҳамияти онро чун бахши таркибии равиши мутавозин дар мавриди амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мавриди таъкид қарор медиҳанд. Онҳо бо он мувофиқанд, ки Конференсия дар мавриди андозагирии инсонии ИАҲА ва механизми меъёрҳои инсонӣ, тавре ки онҳо дар боби меъёрҳои инсонии ИАҲА дар Санади ниҳоии Вена муайян гардидаанд, аҳамияти худро чун услубу шеваи ҷорӣ кардани гуфтугӯ, ҳамкорӣ ва мусоидат ба ҳаллу фасли масоили мушаххаси марбута, собит намудаанд. Онҳо ибрози боварӣ мекунанд,

ки ин услубу шеваҳо бояд чун ҷузъи таркибии раванди дар ҳоли густариши ИАҲА, идома ёбанд.

(42) Давлатҳои ширкаткунанда зарурати афзоиши минбаъдии самарбахшии тартиботеро, ки дар бандҳои 1-4 боби марбут ба меъёрҳои инсонии ИАҲА Санади ниҳоии Вена пешбинӣ шудааст, эътироф менамоянд ва ба ин манзур қарор мекунанд:

(42.1) дар кӯтоҳтарин фурсат, вале на бештар аз чор ҳафта, ҷавобҳои хаттӣ ба дархост дар бораи иттилоот ва тақозои хаттии дигар давлатҳои ширкаткунанда мутобиқи банди 1 вогузор намояд;

(42.2) мулоқотҳои дуҷониба, ки мутобиқи банди 2 пешбинӣ шудааст, дар сурати имкон зудтар ва тибқи маъмул тайи се ҳафта аз рӯзи муаррифии дархост, баргузор карда шавад;

(42.3) дар ҷараёни мулоқотҳои дуҷониба, ки мутобиқи банди 2 баргузор мегардад, аз матраҳ кардани масоилу мавридҳое, ки ба мавзӯи ин мулоқотҳо рабте надорад, ба истиснои тавофуқи қаблии тарафайн, худдорӣ варзанд.

(43) Давлатҳои ширкаткунанда пешниҳодоти амалии марбут ба иқдомоти навро, ки ҳадафи беҳбуди иҷрои ӯҳдадориҳо дар заминаи меъёрҳои инсонии ИАҲА-ро дунбол менамояд, мавриди омӯзиш қарор доданд. Дар ин робита онҳо пешниҳодоти марбут ба эъзоми нозирон барои ошноӣ бо вазъ ва мавридҳои мушаххас, таъйини гузоришдиҳандагон барои анҷом додани тадқиқот ва муаррифии пешниҳодот ҷиҳати гирифтани тасмимоти марбута, ташкили Кумитаи меъёрҳои инсонии ИАҲА, тавсеаи ширкати ашхоси алоҳида, созмонҳо ва муассисот дар механизмҳои меъёрҳои инсонӣ ва рушди талошҳои дуҷониба ва чандҷонибаро ба манзури мусоидат ба ҳаллу фасли масоили марбута, мавриди баррасӣ қарор доданд.

Онҳо тасмим мегиранд, ки баррасии ҳамаҷонибаи ин ва дигар пешниҳодоти марбут ба таҳкими механизми меъёрҳои инсонӣ дар форумҳои марбутаи баъдии ИАҲА идома пайдо намояд ва масъалаи қабули иқдомоти зарурӣ дар зимни рушди баъдии раванди ИАҲА мавриди баррасӣ қарор гирад. Онҳо бо он мувофиқанд, ки ин иқдомот бояд барои дастёбӣ ба рушди муассири баъдӣ, пешгирии муноқишаҳо ва эътимодсозӣ дар арсаи меъёрҳои инсонии ИАҲА мусоидат намояд.

САНАДИ ИСТАМБУЛӢ
(Мулоқот дар сатҳи олӣ)
Истамбул, с. 1999

Эъломияи мулоқоти истамбулӣ дар сатҳи олӣ

(…)

2. (…) Мо боз ҳам дар бораи нияти қотеонаи худ оид ба эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, озодиҳои асосӣ ва роҳ надодан ба поймол кардани ҳуқуқ дар ҳар шакле, ки набошад, бечунучаро изҳор менамоем. Мо ҳамчунин эҳтиром намудани меъёрҳои ҳуқуқҳои байналмилалии башариро аз ҷониби худ тасдиқ мекунем. Мо ӯҳдадор мешавем, ки ҷиҳати пешгирии низоъ дар минтақаи САҲА фаъолияти худро суръат мебахшем, ва вақте ба ҳар ҳол рӯй медиҳанд, онҳоро тариқи воситаҳои мусолиматомез ҳал намоем. Мо ба Платформаи амниятӣ, ки дар ҳамкориҳо асос ёфтааст мо онро ба сифати қисми таркибии Баёнияамон қабул намудаем, такя карда, бо дигар созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ ҳамкории зич хоҳем кард.

(…)

6. (…) Мо муҳим будани эҳтироми волоияти қонун ва амалҳои фаъолонаро баҳри мубориза алайҳи ҷиноятҳои муташаккилона ва фасод, ки барои ислоҳоти иқтисодӣ ва шукуфоӣ хатари ҷиддӣ доранд, таъкид менамоем.

Мо мисли пештара тарафдори бозгашти гурезаҳо ва муҳофизати иҷбории дохилӣ, хусусан ақаллиятҳо ҳастем.

7. (….) Мо ба пешрафти ҳарчи зудтар дар бозгашти гурезаҳо ва муҳофизати иҷборӣ ва иҷрои меъёрҳои байналмилалии дахлдор, бахусус онҳое, ки ба муносибати якхела новобаста аз мансубияти этникӣ, озодии васоити ахбори омма, инчунин интихоботҳои озод ва одилона дахл доранд, умед дорем. (…)

(…)

26. Бо дарназардошти шумораи калони интихоботҳои қарибулвуқӯъ, мо пурра омодаем, ки хислати озоду ошкори онҳо, инчунин мувофиқати онҳоро бо принсипу ӯҳдадориҳои дар доираи САҲА қабулгардида таъмин намоем. Ин ягона роҳест, ки асоси боваринокро барои рушди демократӣ таъмин менамояд. Мо ба нақши Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДНДҲИ) дар мусоидат намудан ба кишварҳои гуногун дар таҳияи конунгузорӣ оид ба интихобот, ки ба принсипу ӯҳдадориҳои дар доираи САҲА қабулгардида мувофиқанд, баҳои муносиб дода, ният дорем, ки ба хулосаҳои пешниҳодкардаи он аз натиҷаҳои гузаронидани интихобот ва тавсияҳо фавран вокуниш намоем. Мо фаъолияти ДНДҲИ ва Ассамблеяи парлумонии САҲА-ро то интихобот, дар вақт ва баъди он, ки барои раванди демократӣ саҳми иловагӣ мегузорад, қадр мекунем. Мо нияти қатъӣ дорем ҳуқуқи овоздиҳиро ба ақаллиятҳои миллӣ таъмин намуда, шароитро барои амалӣ кардани ҳуқуқи гурезаҳо ҷиҳати иштирок дар интихоботе, ки дар кишвари қаблан зиндагӣ кардаашон гузаронида мешаванд, фароҳам оварем. Мо ӯҳдадор мешавем, ки рақобати мунсифонаро ҳам миёни номзадҳо ва ҳам миёни ҳизбҳо, аз ҷумла, тавассути роҳ додан ба воситаҳои ахбори умум ва эҳтироми озодии маҷлисҳо таъмин намоем.

27. Мо ӯҳдадор мешавем, ки озодии васоити ахбори оммаро, ки яке аз шартҳои асосии мавҷудияти ҷомеаи бисёрҳизбӣ ва демократист, таъмин намоем. Мо аз сӯистифода намудани васоити ахбори омма дар минтақаҳои мухолифат барои ангехтани адоват ва шиддати миёни халқҳо, инчунин истифодаи маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва ҳамла ҷиҳати маҳрум сохтани шахрвандон аз воситаҳои ахбори оммаи озод нигаронии ҷиддӣ дорем. Мо зарурати таъмини баёни озоди фикрро, ки яке аз унсурҳои зарурии муколамаи сиёсӣ дар ҳама гуна ҷомеаи демократӣ мебошад, таъкид менамоем. Мо кӯшишҳои Дафтари Намояндаро оид ба масъалаҳои озодии воситаҳои ахбори омма дар мусоидат намудан ба рушди воситаҳои ахбори оммаи озод ва мустақил дастгирӣ менамоем.

28. Мо ӯҳдадор мешавем, ки дар даҳсолагии қабули Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дар ҳаёт татбиқ намудани ӯҳдадориҳо дар доираи САҲА, ки дар Санади Ҷаласаи Копенгаген зикр гардидаанд, ҳуқуқу манфиатҳои кӯдаконро, бахусус ҳангоми низоъ ва баъди низоъ фаъолона ҳимоя намоем. Дар фаъолияти САҲА мо ба масъалаи ҳуқуқи кӯдакон, аз ҷумла, тавассути дар соли 2000 ташкил намудани ҷаласаи махсус бахшида ба вазъи кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳ, мунтазам таваҷҷӯҳ зоҳир менамоем. Мо ба масъалаҳои беҳдошти ҷисмонӣ ва равонии кӯдаконе, ки ба низоъҳои мусаллаҳона кашида шудаанд, аҳамияти хоса хоҳем дод.

(…)

30. Мо бори дигар омодагии қатъии худро роҷеъ ба таъмини он, ки қонунҳо ва дастурҳои сиёсӣ эҳтироми пурраи ҳуқуқи шахсони мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ, алалхусус ба масъалаҳои мутааллиқ ба махсусияти фарҳангиро пешбинӣ кунанд, таъкид менамоем. Аз ҷумла, мо талаботро дар бораи ба стандартҳои байналмилалӣ ва конвенсияҳои татбиқшаванда мувофиқат кардани қонунҳо ва дастурҳои сиёсие, ки ба ҳуқуқҳои маълумоту забони шахсони мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ, инчунин ҳуқуқи онҳо барои иштирок дар ҳаёти ҷомеа дахл доранд, таъкид менамоем. Мо ҳамчунин барои қабул кардан ва пурра татбиқ намудани қонунгузории фарогири зидди поймолкунии ҳуқуқ, ки шароити баробарро барои ҳама таъмин мекунад, баромад мекунем. Мо фаъолияти бениҳоят муҳими Комиссари Олиро оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ таҳсинкорона зикр менамоем. Мо бори дигар тасдиқ мекунем, ки кӯшишҳои худро баҳри иҷрои тавсияҳои Комиссари Олӣ оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ афзун хоҳем намуд.

31. Мо бо таассуф амалҳои зуроварӣ ва дигар зуҳуроти нажодпарастиву поймолкунии ҳуқуқҳоро нисбати ақаллиятҳои миллӣ, аз ҷумла, ромаву синтӣ зикр менамоем. Мо ӯҳдадор мешавем таъмин намоем, ки қонунгузорӣ ва дастурҳои сиёсӣ эҳтироми пурраи ҳуқуқҳои рома ва синтиро пешбинӣ намоянд, ва дар куҷое

зарур бошад, барои қабули қонунгузории зидди поймолкунии ҳуқуқ мусоидат кунанд. Мо зарурати аҳамияти ҷиддӣ додан ба масъалаи ҷудогузории рома ва ситиро таъкид менамоем. Дар ин масъалаҳо ҷавобгарӣ ғолибан ба дӯши кишварҳои аъзо бор мешавад. Мо он нақши муҳимеро, ки дар таъмини дастгирӣ Нуқтаи дар назди ДНДҲИ амалкунанда барои робита оид ба масъалаҳои марбут ба халқиятҳои рома ва синти бозида метавонад, махсус таъкид мекунем. Таҳияи нақшаи фаъолияти мақсаднок аз ҷониби Нуқта барои тамос дар ҳамдастӣ бо Комиссари Олӣ оид ба кор бо ақаллиятҳои миллӣ ва дигар созмонҳое, ки бо ин масъала машғуланд, аз ҷумла, Шӯрои Аврупо, боз як қадами лозимӣ шуда метавонист.

32. Дар ҷараёни ӯҳдадориҳои мо оид ба таъмини баробарҳуқуқии комил миёни занон ва мардон, мо ба ҳарчи зудтар тасдиқ ва дар ҳаёт амалӣ шудани нақшаи фаъолияти САҲА дар соҳаи гендерӣ умед мебандем.

(…)

37. Дар Хартия мо тарафдории худро нисбати волоияти қонун бори дигар тасдиқ карда, зарурати муборизаро алайҳи фасод зикр намудем. Мо ба Шӯрои Доимӣ дастур медиҳем, ки масъаларо дар бораи роҳҳои нисбатан самарабахши дастгирии кӯшишҳо дар мубориза алайҳи фасод бо дарназардошти фаъолиятҳое, ки аз ҷониби дигар созмонҳо, ба монанди Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ, Шӯрои Аврупо ва СММ амалӣ мешаванд, омӯзад. Дар бораи натиҷаҳои ин кӯшишҳо дар вохӯрии вазирон, ки соли 2000 баргузор мегардад, ҳисобот дода хоҳад шуд.

Хартияи амнияти Аврупо

(…)

I. Таҳдидҳои барои мо умумӣ

2. Даҳсолаи охири асри ХХ дар минтақаи САҲА муваффақиятҳои бузургеро ба пеш овард; ҷойи мухолифатҳои қаблиро ҳамкориҳо гирифтанд, вале хавфи низоъҳо миёни давлатҳо бартараф нагардид. Мо бо ихтилофҳои пештара дар Аврупо хотима додем, аммо дар назди мо таҳдидҳо ва чолишҳои ҷадид ба вуҷуд омаданд. Баъди Хартияи Парижро имзо кардани мо нисбатан аёнтар гардид, ки таҳдиди амнияти мо метавонад натиҷаи низоъҳои чи миёни давлатҳо ва чи дар дохили давлат бошад. Мо бо низоъҳое сару кор доштем, ки аз сабаби вайронкунии токатнопазири меъёр ва принсипҳои САҲА муттасил сар мезаданд. Мо шоҳиди чунин ҷинояткориҳое гаштем, ки гӯё кайҳо аз байн рафтаанд. Дар ин даҳсола маълум гардид, ки ҳамаи ин низоъҳо барои амнияти тамоми давлатҳои аъзои САҲА метавонанд таҳдид намоянд.

3. Мо азми қавӣ дорем, ки аз оқибатҳои хавфноки муқобилият ва ихтилофҳои байни давлатҳо, инчунин фоҷиаҳои даҳсолаи охир дарси ибрат гирем. Амният ва сулҳ бояд бо кӯмаки муносибати

ба ҳам пайвастани ду унсури асосӣ устувор бошанд: ба мо зарур аст, ки боварии байни одамонро дар дохили кишвар мустаҳкам карда, ҳамкориро байни давлатҳо ташаккул диҳем. Бинобар ин, мо барои расонидани кӯмак ва хизмати машваратӣ воситаҳои мавҷудбударо такмил дода, навашро таҳия менамоем. Мо ҷиҳати таъмини эҳтироми комили ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, аз ҷумла, ҳуқуқи ашхоси мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ дучанд кӯшиш хоҳем намуд. Ҳамзамон мо иқтидори худро барои таҳкими боварӣ ва амният миёни давлатҳо афзоиш хоҳем дод. Мо азм дорем воситаҳои дар ихтиёрамон қарордоштаро барои танзими сулҳомези баҳсҳои миёни онҳо такмил бидиҳем.

4. Таҳдиди бозбештарро ба амният терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ бо истифода аз зӯроварӣ, ҷиноятkориҳои муташаккилона ва гардиши маводи нашъадор ташкил медиҳанд. Терроризм бо тамоми шаклу зуҳуроти худ, чи хеле ки маънидод нашаванд, қобили қабул нест. Мо кӯшишҳои худро ҷиҳати роҳ надодан ба омодагӣ ва маблағгузории ҳама гуна амалҳои террористӣ дар қаламрави давлатҳоямон ва надодани паноҳгоҳ ба террористон афзун менамоем. Ҷамъшавии беандоза ва шиддатзо ва паҳншавии беназорати аслиҳаи сабук ва оташфишон барои сулҳу амният таҳдид доранд. Мо нияти қавӣ дорем худро аз ин таҳдиду чолишҳои нав боэътимод ҳимоя намоем; асоси ин гуна ҳимоя ниҳодҳои мустаҳками демократӣ ва волоияти қонун мебошанд. Мо ҳамчунин пурра омодаем, ки дар муқовимат бо ин таҳдидҳо нисбатан фаъолтар ва наздиктар ҳамкорӣ намоем.

5. Оқибатҳои ҷиддӣ барои амнияти мо мушкилоти иқтисодӣ ва ифлосшавии муҳити зист мебошанд. Ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодиёт, илм ва техника, инчунин дар соҳаи экология аҳамияти муҳим дорад. Мо ба чунин таҳдидҳо тавассути гузаронидани ислоҳоти минбаъдаи иқтисодӣ ва экологӣ, таъмини чорчӯбаи мӯътадил ва шаффоф барои фаъолияти иқтисодӣ, инчунин тавассути мусоидат ба рушди иқтисоди бозорӣ бо додани аҳамияти зарурӣ ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, қатеона эътино хоҳем кард. Мо раванди бесобиқаи дигарсозиҳои иқтисодиро, ки дар аксари давлатҳои аъзо идома дорад, маъқул медонем. Мо даъват мекунем ин раванди ислоҳот, ки ба амният ва шукуфоӣ дар тамоми минтақаи САҲА мусоидат хоҳад кард, идома дода шавад.

Дар ҳамаи андозагириҳои САҲА мо кӯшишҳои худро дар мубориза алайҳи фасод ва пойдории волоияти қонун вусъат хоҳем дод.

6. Мо тасдиқ менамоем, ки амният дар минтақаҳои ҳамсоя, аз ҷумла, дар баҳри Миёназамин, инчунин дар ноҳияҳое, ки дар наздикиҳои давлатҳои аъзо, ба монанди кишварҳои Осиёи Марказӣ воқеъ ҳастанд, барои САҲА аҳамияти афзоянда дорад. Мо эътироф менамоем: бесуботӣ дар ин минтақаҳо таҳдидҳоеро

ба вуҷуд меорад, ки мустақиман амният ва шукуфоии кишварҳои САҲА-ро таҳдид менамояд.

II. Асосҳои умумии мо.

7. Мо бори дигар пойбандии худро ба Оинномаи СММ, Санади ниҳоии Хелсинки, Хартияи Париж ва дигар ҳуҷҷатҳои дар доираи САҲА қабулкардаамон тасдиқ менамоем. Ин ҳуҷҷатҳо ӯҳдадориҳои умумии моро дар худ таҷассум карда, асоси фаъолияти мо мебошанд. Онҳо ба мо ҷиҳати ба охир расондани муқовимати пешина дар Аврупо ва кушодани давраи нави демократӣ, сулҳ ва ҳамрайъӣ дар тамоми минтақаи САҲА мусоидат карданд. Дар онҳо меъёрҳои дақиқи муносибати давлатҳои аъзо бо якдигар ва ҳамаи одамон, ки дар қаламрави онҳо зиндагӣ мекунанд, муқаррар гардидаанд. Бидуни истисно ҳамаи ӯҳдадориҳои дар чорчубаи САҲА қабулгардида ба ҳар як давлати аъзо ба шакли баробар паҳн мегарданд. Иҷроиши одилонаи онҳо барои муносибатҳои байни давлатҳо, ҳукуматҳо ва мардуми онҳо, инчунин байни созмонҳое, ки онҳо аъзо мебошанд, хеле муҳим аст. Давлатҳои аъзо назди шаҳрвандони худ ҳисоботдиҳандаанд ва барои иҷрои ӯҳдадориҳое, ки дар доираи САҲА қабул кардаанд, дар назди якдигар масъул мебошанд. Мо ин ӯҳдадориҳоро ҳамчун дастоварди умумии мо баррасӣ намуда, ба ин хотир чунин меҳисобем, ки онҳо барои ҳамаи давлатҳои аъзо манфиатҳои мустақим ва қонунӣ доранд.

(…)

9. Мо муносибатҳои худро мувофиқи консепсияи умумӣ ва амнияти фарогир ба роҳ монда, принсипҳои шарикии баробарҳуқуқ, ҳамрайъӣ ва шаффофиятро ба роҳбарӣ мегирем. Амнияти ҳар як давлати аъзо бо амнияти дигар кишварҳо вобастагии зич дорад. Мо андозагириҳои инсонӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсии амниятро ҳамчун воҳиди комил баррасӣ хоҳем кард.

(…)

III. Ҷавоби умумии мо

(…)

Ҳамрайъи ва шарикӣ

14. Кафолати беҳтарини сулҳ ва амният дар минтақаи мо ин хоҳиш ва тавоноии ҳар як давлати аъзо ҷиҳати дастгирии демократия, волоияти қонун ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсон мебошад. Мо дар шакли инфиродӣ хоҳиши худро оид ба иҷроиши пурраи ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаамон таъкид менамоем. Мо ҳамчунин барои ҳимояи принсипҳои САҲА масъулияти муштарак дорем. Бинобар ин мо саршори қатъияти ҳамкорӣ дар доираи САҲА, ҳамчунин бо ниҳодҳо ва намояндагиҳои он буда, омода ҳастем абзорҳо, воситаҳову механизмҳои дар ихтиёрдоштаи САҲА-ро истифода барем. Мо дар рӯҳияи ҳамрайъӣ ва шарикӣ дар пояи доимӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои иҷроиш ҳамкорӣ хоҳем кард. Имрӯз мо ӯҳдадор мешавем чи дар САҲА ва чи тавассути созмонҳое, ки мо аъзояшон ҳастем, чораҳои муштараки дар ҳамкорӣ асосёфта андешем, то ки ба кишварҳои аъзо дар бехтар кардани риояи принсипҳо ва иҷроиши ӯҳдадориҳои дар доираи САҲА қабулгардида мусоидат намоем. Мо воситаҳои мавҷудро таҳким бахшида, навашро дар асоси ҳамкориҳо таҳия мекунем, то ки хоҳиши кишварҳои аъзоро ҷиҳати расонидани кӯмак фаъолона қонеъ тарафдорӣ намоем. Мо роҳҳои баланд бардоштани самаранокии минбаъдаи Созмонро дар он ки ба вокуниш кардан дар ҳолатҳои яқин, дурушт ва мунтазам вайрон кардани ин принсипҳо ва ӯҳдадориҳо дахл дорад, хоҳем омӯхт.

(…)

Ниҳодҳои мо

17. Ассамблеяи парлумонӣ яке аз ниҳодҳои муҳими САҲА гаштааст, ки мунтазам ақида ва пешниҳодҳои навро ба пеш меоварад. Мо нақши афзояндаи Ассамблеяро, хусусан дар соҳаи рушди демократия ва назорати интихобот дастгирӣ менамоем. Мо Ассамблеяи парлумониро барои минбаъд ҳам инкишоф додани фаъолияти худ ҳамчун як қисмати муҳими кӯшишҳои мо ҷиҳати таъмини демократия, шукуфоӣ ва афзудани боварӣ дар дохили давлатҳои аъзо ва байни онҳо даъват менамоем.

18. Воситаҳои муҳимтарини таъмини эҳтироми ҳуқуқи инсон, демократия ва волоияти қонун Дафтари ниҳоди демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДНДҲИ), Комиссари Олӣ оид ба корҳои ақаллиятҳои миллӣ (КОАМ) ва Намоянда оид ба масъалаҳои озодии васоити ахбори умум мебошанд. Котиботи САҲА ба Раиси Амалкунанда, инчунин фаъолияти созмони мо, хусусан дар маҳалҳо кӯмакҳои ҳаётан муҳимро мерасонад. Мо инчунин минбаъд ҳам иқтидори зудамали Котиботи САҲА-ро таҳким хоҳем бахшид, то он масъалаҳои ба густариши фаъолияти мо алоқамандро ҳал ва таъмин карда тавонад ва корро дар маҳалҳо фаъолона ва мувофиқи вазифаҳо ва дастурҳои гирифта ба роҳ монад.

(…)

Андозагирии инсонӣ

19. Мо боз ҳам тасдиқ менамоем, ки эҳтироми ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, демократия ва волоияти қонун дар консепсияи умумии амнияти САҲА кабулнамудаи мавқеи марказиро ишғол мекунад. Мо ӯҳдадор мешавем, ки алайҳи чунин таҳдидҳои амниятӣ, ба мисли вайронкунии ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, бо шумули озодии ақида, виҷдон, дин ва эътиқод, зуҳроти бетаҳаммулӣ, миллатгароии хасмона, нажодпарастӣ, шовинизм, ксенофобия ва антисемитизм муқовимат мекунем. Ҳимоя ва мусоидати татбиқи ҳуқуқҳои шахсони мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ омили муҳимтарини таъмини демократия, сулҳ, адолат ва босуботӣ дар давлатҳои аъзо ва муносибати байни онҳо мебошад. Вобаста ба ин, мо боз ҳам ӯҳдадориҳои худро, хусусан

дар чорчӯбаи муқаррароти дахлдори Санади Копенгаген аз соли 1990 оид ба андозагирии инсонӣ тасдиқ менамоем, инчунин аз маърӯзаи Ҷаласаи коршиносон оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ (Женева, с. 1991) ёдовар мешавем. Эҳтироми пурраи ҳуқуқи инсон, бо шумули ҳуқуқи шахсони мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ, дар баробари он ки ҳадафи аслист, наметавонад тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёриро хароб созад, балки метавонад мустаҳкам гардонад. Консепсияҳои гуногуни мухторият, инчунин коргириҳои дар ҳуҷҷатҳои номбурдаи боло зикргардида, ки ба принсипхои САҲА мувофиқанд, воситаҳои ҳимоя ва рушди махсусияти этникӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва динии ақаллиятҳои миллӣ дар доираи давлати мавҷуд ба шумор мераванд. Мо зӯровариро нисбати ҳама гуна ақаллиятҳо маҳкум менамоем. Мо ӯҳдадор мешавем оид ба тарбияи таҳаммулпазирӣ ва сохтмони ҷомеаҳои гуногунфикр, ки дар он ҳама сарфи назар аз баромади этникиашон бо имкониятҳои пурраи баробар таъмин мебошанд, чораҳо андешем. Мо қайд менамоем, ки масъалаҳои марбут ба ақаллиятҳои миллӣ метавонанд танҳо дар чорчӯбаи демократии сиёсӣ ва дар асоси волоияти қонун тариқи қаноатбахш ҳал карда шаванд. Мо боз ҳам тасдиқ менамоем, ки ҳар инсон ҳуқуқи шаҳрвандиро дорад ва ҳеҷ касро наметавон худсарона аз ҳуқуқи шаҳрвандиаш маҳрум кард. Мо вазифадор мешавем кӯшишҳои худро ба мақсади таъмини он ки ҳар кас ин ҳуқуқро истифода бурда тавонад, идома диҳем. Мо инчунин азми қавӣ дорем, то ҳимояи байналмилалии шахсони бешаҳрвандро нисбатан боэътимодтар намоем.

20. Мо мушкилиҳои махсусеро, ки халқиятҳои рома ва синти дучор мешаванд ва зарурати андешидани чораҳои лозимиро эътироф менамоем, то шахсони мансуб ба рома ва синти имкониятҳои баробари комили мувофиқ ба ӯҳдадориҳои дар САҲА қабулгардидаро ба даст оранд. Мо кӯшишҳои худро барои таъмини он, ки рома ва синти аъзои комилҳуқуқи ҷомеа шаванд, инчунин барои решакан кардани поймолкунӣ нисбати онҳо таҳким хоҳем бахшид.

21. Мо нияти қавӣ дорем, ки шиканҷа, инчунин намудҳои муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъни инсонӣ ва ҷазоро дар тамоми минтақаи САҲА решакан созем. Ба ин мақсад мо қабули қонунгузориеро, ки кафолатҳои ойинӣ ва асосӣ, инчунин воситаҳоро барои мубориза алайҳи чунин таҷриба таъмин менамояд, қадр хоҳем кард. Мо ба он андозае, ки мувофиқи мақсад аст, ба ҷабрдидагон ёрӣ расонида, бо созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ҳамкорӣ хоҳем кард.

22. Мо ҳама гуна сиёсати поксозии этникӣ ё табйиди оммавиро рад менамоем. Мо боз ҳам пойбандии худро ба эҳтироми ҳуқуқ барои ҷустуҷӯи паноҳгоҳ ва таъмини ҳимояи байналмилалии гурезагон мувофиқи Конвенсия дар бораи мақоми гурезагон

аз соли 1951 ва Протоколи он аз соли 1967, инчунин мусоидат дар бозгашти ихтиёрӣ, муносиб ва бехавфи гурезагон ва муҳоҷирони иҷбории дохилӣ, тасдиқ менамоем. Мо ҳампайвандии иҷтимоиро дар асоси поймол накардани ҳуқуқи гурезагон ва муҳоҷирони иҷбории дохилӣ дар ҷойҳои зисти пешинаашон ноил хоҳем шуд. Ба мақсади таҳкими ҳимояи шахсони шаҳрванд дар вақти низоъ мо роҳҳои нисбатан фаъоли истифодаи ҳуқуқи байналмилалии башариро ҷустуҷӯ хоҳем кард.

23. Татбиқи пурра ва баробари ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби занон барои таҳкими сулҳ, шукуфоӣ ва демократия дар минтақаи САҲА аҳамияти муҳимтариро дорост. Мо ӯҳдадор мешавем, то таъмини баробариро миёни мардону занон чи дар сатҳи давлатӣ ва чи дар доираи Созмон қисми ҷудонопазири сиёсати худ мекунем.

24. Мо ҷиҳати бартараф намудани ҳама гуна шаклҳои вайронкунии ҳуқуқи занон ва бас кардани зӯроварӣ нисбати занону кӯдакон, инчунин истифодаи ҷинсии занон ва ҳама гуна шаклҳои харидуфурӯши одамон, чораҳо хоҳем андешид. Барои пешгирӣ намудани чунин ҷиноятҳо мо, аз ҷумла, ба қабул ё таҳкими қонунгузорӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон дар чунин амалҳо ва таҳкими ҳимояи ҷабрдидагон мусоидат хоҳем кард. Мо ҳамчунин чораҳоро оид ба таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона ва ҳолатҳои пасонизоъ, бо шумули кӯдакони гуреза ва кӯдакони муҳоҷири иҷбории дохили давлат такмил дода ва амалӣ хоҳем намуд. Мо роҳҳои пешгирӣ кардани ҷалби маҷбурӣ ё ҳатмиро барои истифодаи кӯдакони аз синни 18 сола хурд дар низоъҳои мусаллаҳона хоҳем омӯхт.

25. Мо бори дигар ӯҳдадории худро нисбати гузаронидани интихоботи озод ва мунсифона мувофиқи ӯҳдадориҳои дар чорчӯбаи САҲА қабулгардида, аз ҷумла, Ҳуҷҷати Копенгаген аз соли 1990, тасдиқ мекунем. Мо эътироф менамоем, ки ДНДҲИ метавонад ба давлатҳои аъзо ҷиҳати таҳия ва амалӣ намудани қонунгузориҳо дар бораи интихоботҳо кӯмаки худро расонад.

Дар созгорӣ бо ин ӯҳдадориҳо, мо дар интихоботҳое, ки дар кишварҳоямон доир мегарданд, намояндагонро аз дигар давлатҳои аъзо, ДНДҲИ, Ассамблеяи парлумонии САҲА ва ниҳодҳо ва созмонҳои дахлдор, ки хоҳиши мушоҳида кардани баргузор шудани онҳоро доранд, даъват хоҳем намуд. Мо розӣ ҳастем, ки ба хулосаҳои ДНДҲИ бо баҳодиҳии интихоботи доиргардида фавран вокуниш нишон диҳем.

26. Мо бори дигар аҳамияти воситаҳои ахбори оммаи мустақил ва ҷараёни озоди иттилоотӣ ва ҳамчунин дастрасӣ доштани ҷомеаро ба иттилоот таъкид менамоем. Мо ӯҳдадор мешавем, ки доир ба ташкили заминаҳои зарурӣ барои фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи озоду мустақил ва ҷараёни иттилооти бемонеаи фаромарзӣ ва дохилидавлатӣ, ки онро муҳимтарин унсури ҳар

як ҷомеаи демократӣ, озод ва боз меҳисобем, тамоми чораҳоро меандешем.

27. Созмонҳои ғайриҳукуматӣ (СҒҲ) дар мусоидат намудан ба таҳкими ҳуқуқҳои инсон, демократия ва волоияти қонун метавонанд нақши фавқулода муҳим бозанд. Онҳо қисми ҷудонашавандаву ташкилкунандаи ҷомеаи пурқуввати шаҳрвандӣ мебошанд. Мо вазифадор мешавем, ки имкониятҳои доштаи СҒҲ-ро оид ба саҳми пурра гузоштан дар рушди минбаъдаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ васеъ мекунем.

(…)

Волоияти қонун ва муборизa алайҳи фасод

33. Мо тарафдории худро нисбати волоияти қонун таъкид менамоем. Мо эътироф мекунем, ки фасод нисбати арзишҳои умумии САҲА таҳдиди бузурге ба пеш меорад. Фасод бесуботиро ба амал оварда, ба ҷанбаҳои зиёди амниятӣ, андозагириҳои иқтисодӣ ва инсонӣ таъсир мерасонад. Давлатҳои аъзо вазифадоранд, ки кӯшишҳои худро дар муборизa бо фасод ва шароитҳои тавлидкунандаи он пурзӯр намуда, ҳамчунин баҳри ташкили заминаи мусбӣ барои таҷрибаи муносиби идоракунии давлатӣ ва дурусткории мансабӣ мусоидат намоянд. Онҳо дар муборизаи алайҳи фасод воситаҳои мавҷуди байналмилалро беҳтар истифода намуда, кӯмакҳои мутақобила мерасонанд. Дар доираи талошҳои худ оид ба таҳкими волоияти қонун САҲА бо созмонхои ғайриҳукуматие, ки барои ташаккули фазои якдилона қабул нашудани фасод аз тарафи ҷомеа ва доираҳои соҳибкорон кӯшиш намуда, алайҳи коррупсия муборизa мебаранд, ҳамдастӣ менамояд.

IV. Воситаҳои умумии мо

Рушди муколамаи мо

(…)

36. Дар руҳияи ҳамрайъӣ ва шарикӣ амал карда, мо ба хотири он ки ба давлатҳои аъзо ёрӣ пешниҳод намоем, ҳамчунин муколамаи сиёсии худро васеъ мекунем ва ҳамин тариқ иҷроиши ӯҳдадориҳои дар доираи САҲА қабулшударо таъмин менамоем.

Баҳри мусоидат кардан ба чунин муколама мо қарор додем, ки мувофиқи қоидаҳои муқарраргардида ва таҷриба аз маҷмӯи воситаҳои САҲА бо шумули зер фаъолтар истифода намоем:

(…)

- ташкили барномаҳои таълимӣ, ки ба такмили меъёр ва таҷриба, аз ҷумла, дар соҳаи ҳуқуқи инсон, демократикунонӣ ва волоияти қонун равона карда шудаанд;
- баррасии масъалаҳое, ки ба иҷроиши ӯҳдадориҳои дар доираи САҲА, дар машваратҳо ва конфронсҳои САҲА оид ба баррасӣ, ҳамчунин дар Форуми иқтисодӣ қабулгардида, тааллуқ

доранд;

(…)

Фаъолияти САҲА дар маҳалҳо

(…)

38. Рушди фаъолияти САҲА дар маҳалҳо таҳйироти ҷиддиеро дар Созмон инъикос менамояд, ки ба туфайли онҳо САҲА дар таҳкими сулҳу амният ва такмили иҷроиши ӯҳдадориҳои дар доираи САҲА қабулгардида нақши боз ҳам намоёнро мебозад.

Ба таҷрибаи бадастовардаамон такя карда, мо минбаъд ҳам ин воситаро рушду таҳким мебахшем, ба мақсади иҷроиши вазифаҳои дар мандат пешбинишуда, ки миёни дигарҳо метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

(…)

- назорати иҷрои ӯҳдадориҳое, ки дар доираи САҲА қабул шудаанд, инчунин пешниҳоди хизмати машваратӣ ё омода кардани тавсияҳо оид ба такмил додани иҷроиши онҳо;
- кӯмак дар ташкили интихоботҳо ва назорати онҳо;
- мусоидат намудан дар таъмини нақши роҳбарикунандаи қонун ва ниҳодҳои демократӣ, инчунин дар дастгирӣ ва барқарорсозии тартиботи ҳуқуқӣ;

(…)

- тарафдории барқароркунӣ ва навсозӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа

(…)

Фаъолияте, ки ба кори политсия вобастагӣ дорад

44. Мо бо мақсади таҳкими нақши САҲА дар фаъолияте, ки ба вазифаҳои политсияи шаҳрвандии ба сифати қисми таркибии кӯшишҳои Созмон оид ба ҷилавгирӣ аз низоъҳо, бӯҳронҳо ва барқароркунии пасонизоъ вобастагӣ дорад, кор мекунем. Чунин фаъолият метавонад инҳоро дар бар гирад:

- мониторинги политсия, аз ҷумла, ба мақсади роҳ надодани чунин амалҳо аз ҷониби политсия, чун поймолкунии ҳуқуқ аз рӯи аломатҳои динӣ ва этникӣ;
- тайёр кардани кадрҳои политсия, ки миёни дигарҳо, чунин вазифаҳоро дар бар мегирад:
- баланд бардоштани иқтидори оперативӣ - тактикии хадамоти политсияи маҳаллӣ ва ислоҳоти нерӯҳои низомишуда;
- аз худ кардани шаклҳои наву муосири кори политсия, ба мисли ҳамдастӣ бо аҳолӣ дар сатҳи маҳаллӣ, муборизa алайҳи паҳншавии маводи мухаддир, фасод ва терроризм;
- ташкили хадамоти политсия, ки дар ҳайати худ намояндагони гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ва ё диниро муттаҳид карда, метавонад боварии тамоми аҳолиро сазовор шавад;
- таъмини комили эҳтироми ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ.

(…)

45. Мо инчунин ба рушди низомҳои мустақили судӣ, ки дар пешниҳоди ҳимояи ҳуқуқӣ аз вайронкунии ҳуқуқи инсон нақши муҳимро мебозад, мусоидат мекунем, инчунин дар гузарондани ислоҳоти низомҳои ислоҳӣ хизматҳои машваратӣ ва кӯмак мерасонем. САҲА инчунин бо мақсади ташкили шароитҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба политсия барои иҷроиши вазифаҳояш мувофиқи принсипҳои демократия ва волоияти қонун имконият медиҳад, бо дигар созмонҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ хоҳад кард.

Дастгирии сулҳ

46. Мо чун пештара азми қавӣ дорем, то нақши ҳалкунандаи САҲА-ро дар дастгирии сулҳ ва субот дар тамоми минтақаи мо таҳким бахшем. САҲА ба амнияти минтақавӣ дар чунин соҳаҳо, ба мисли фаъолият дар маҳалҳо, барқароркунии пасонизоъ, демократисозӣ, инчунин назорат аз болои риояи ҳуқуқҳои инсон ва интихобот, нисбатан самараноктар мусоидат намуд. Мо қарор додем вариантҳоеро омӯзем, ки амиқтар нақши нисбатан муҳим ва васеи САҲА-ро дар дастгирии сулҳ пешбинӣ мекунанд. Боз ҳам ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро мувофиқи Ойинномаи СММ тасдиқ ва ба қарорҳои мавҷуди худ такя намуда, мо таъкид менамоем, ки САҲА метавонад баъзан дар асоси консенсус дар бораи иҷроиши ин ё он нақше дар дастгирии сулҳ, аз ҷумла, нақши пешбар, вақте давлатҳои аъзо ҳисоб кунанд, ки САҲА созмони нисбатан самарабахшу муносиб аст, қарор қабул кунад. Дар ин қарина, он метавонист ҳамчунин дар бораи пешниҳод кардани мандате, ки фаъолияти созмонҳои дигарро оид ба дастгирии сулҳ фаро мегирад, қарор қабул карда, аз дастгирии давлатҳои аъзо, инчунин созмонҳои дигар ҷиҳати ҷалб кардани захира ва кӯмаки экспертӣ истифода барад. Мувофиқи Платформаи амниятии дар ҳамкориҳо асосёфта он метавонист, ки ҳамчунин барои ин гуна кӯшишҳо чорчӯбаҳои ҳамоҳангкуниро пешниҳод намояд.

(…)

VI. Хулоса

51. Хартияи мазкур амнияти ҳамаи давлатҳои аъзоро тавассути рушд ва таҳкими САҲА дар даврае, ки мо ба асри XXI ворид мешавем, мустаҳкам менамояд.

Имрӯз мо қарор додем воситаҳои мавҷудаи онро вусъат бахшида, навашро бунёд намоем.

Мо онҳоро барои таъмини озодӣ, демократия ва амният дар минтақаи САҲА ба пуррагӣ истифода хоҳем намуд.

(…)

Сохтори ташкилии САҲА

САҲА чист?

САҲА ба пешгирӣ ва қатъи низоъҳо, танзими бӯҳронҳо ва барқарорсозии баъди низоъҳо машғул аст. 56 давлат аъзои ин Созмон мебошанд, ки марзи онҳо се қитъа – Амрикои Шимолӣ, Аврупо ва Осиёро дар бар мегирад ва аҳолиашон зиёда аз як миллиард одамро ташкил мекунад. Ҷамъомад барои гуфтугӯ ва замина барои амалиёт.

САҲА чӣ гуна кор мекунад

Мақоми доимии САҲА барои машваратҳои сиёсӣ ва қабули қарорҳо Шӯрои доимӣ мебошад. Аъзои он – намояндагони доимии давлатҳои аъзо ҳар ҳафта дар ҷаласаҳои маркази конфронсҳои «Ҳофбург» дар Вена барои муҳокимаи тамоми масъалаҳои марбут ба салоҳияти САҲА ва қабули қарорҳо ҷамъ меоянд. Дар «Ҳофбург» инчунин ҷаласаҳои доимии Ҷамъомад оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният, ки ба масъалаҳои назорат аз болои мусаллаҳшавӣ ва чораҳои таҳкими боварӣ ва амният машғул аст ва инчунин Гурӯҳи якҷояи машваратӣ, ки назоратро аз болои иҷрои Аҳднома дар бораи САҲА амалӣ месозанд, гузаронида мешаванд.

Вазирони корҳои хориҷии 56 давлати аъзои САҲА ҳар сол ба ҷуз он солҳое, ки вохӯриҳо дар сатҳи олӣ бо иштироки сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо дар чаҳорчӯбаи Шӯрои вазирон гузаронида мешаванд, ҷамъ меоянд. Ин вохӯриҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти САҲА мавриди баррасӣ қарор гирифта, қарорҳои дахлдор қабул гарданд ва ба Созмон дастуру роҳнамоиҳои нав дода шавад. Вохӯрии охирин дар сатҳи олӣ моҳи ноябри соли 1999 дар Истамбул баргузор шуда буд. Дар миқёси иқтисодиёт ва ҳифзи муҳити зист ҳар як сол як бор Ҷамъомади иқтисодӣ дар Прага барпо мегардад.

Раиси амалкунанда (РА)-и САҲА вазири корҳои хориҷии кишваре мебошад, ки мақоми раисиро ишғол мекунад ва барои корҳои иҷрошаванда масъулият бар дӯш дорад. Мақоми Раис аз як кишвар ба кишвари дигар ба тарзи ивазшавӣ мегузарад; 1 январи 2009 он аз Финляндия ба Юнон гузашт. Дар соли 2010 ин мақом бояд ба Қазоқистон гузарад. Ин се кишвар ҳайати ҳозираи Сегонаи САҲА-ро ташкил додаанд, ки вазифаҳои машваратиро дар назди Раис иҷро мекунад. Ғайр аз ин, РА метавонад намояндагони шахсӣ ва махсусро таъйин созад ва супориш диҳад, ки дар сари ин ё он масъала ва вазъи баамаломада кор кунанд.

Дар кори расидан ба ҳадафҳои САҲА Раисро Котибот дастгирӣ мекунад, ки сарварии онро Котиби генералӣ ба ӯҳда дорад. Аз моҳи июни соли 2005 ин мақомро сафири Фаронса Марк Перрен де Бришамбо ишғол менамояд. Котиби генералӣ, ки вазифаи ӯ

аз роҳбарӣ намудан ба сохтор ва амалиёти САҲА иборат мебошад, ба сифати намояндаи РА амал мекунад. Котибот, ки дар Вена қарор дорад, ҳамчунин ба таъмини фаъолияти маъмурӣ ва амалиётии Созмон машғул аст. Ғайр аз Дафтари Котиби генералӣ бо зершӯъбаҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти полисӣ, мубориза бо терроризм ва фурӯши одамон ба ҳайати Созмон Маркази пешгирии низоъҳо, Дафтари Ҳамоҳангсози фаъолияти САҲА дар соҳаи иқтисодиёт ва муҳити зист, Департамент оид ба масъалаҳои идора ва молиёт дохил мешаванд. Шӯъбаи дар Прага буда вазифаҳои кумакрасонии ҳуҷҷатгузорӣ, тадқиқотӣ ва иттилоотиро ба сомон мерасонад.

Зимни иҷрои ваколатҳояш САҲА барои кумак дигар олат ва мақомоти махсугардонидашударо бунёд намудааст. Дафтар оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДИДҲИ) дар кори назорат аз гузаронидани интихобот ва мусоидат ба бунёди мақомоти миллии интихоботӣ ва институтҳо оид ба ҳуқуқи инсон, расонидани кумаки техникӣ нақши фаъол мебозад, дар ташаккули созмонҳои ғайридавлатӣ ва сохтани ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад ва ба омодасозии рӯзноманигорон ва нозирони САҲА, ки аз вазъи ҳуқуқи инсон ва гузаронидани интихобот назорат мебаранд, машғул аст. Ғайр аз ин, он ба сифати қароргоҳи робитаҳо оид ба масъалаҳои марбут ба халқиятҳои рома ва синти хидмат мекунад ва гузаронидани семинарҳои махсусгардонидашудаи САҲА-ро оид ба андозагириҳои инсонӣ таъмин менамояд. ДИДҲИ, ки Директораш дипломати словенӣ Янетс Ленарчич мебошад, ҳамроҳи кормандони Дафтар дар Варшава (Полша) қарор дорад.

Нақши махсусан муҳимро дар соҳаи пешгирии саривақтӣ ва қатъи низоъҳо Дафтари Комиссари олӣ оид ба ақаллиятҳои миллӣ, ки дар Гаага (Нидерландия) қарор дорад, мебозад. Комиссари олӣ дипломати норвегӣ Кнут Воллебек мебошад, ки вазъияти баамаломадаро оид ба ақаллиятҳои миллӣ ба таҳлил мегирад, дар хусуси паст намудани шиддати вазъият дар марҳилаи ҳасбалимкон ҳарчӣ барвақттар чораҳо қабул мекунад. Ба василаи гузаронидани машваратҳо ва омодасозии тавсияҳо тарафҳоро ба интихоби роҳи ғайримуқовимат моил месозад.

Яке аз институтҳои ҷавонтари САҲА Дафтари Намоянда оид ба масъалаҳои озодии воситаҳои ахбори умум мебошад. Он соли 1997 барои назорат бурдан аз вазъи корҳо дар соҳаи ВАУ дар давлатҳои аъзо ва расонидани кумак ба онҳо, инчунин вокуниши зуд дар ҳолати вайронсозии ҷиддии принсип ва ӯҳдадориҳое, ки дар чаҳорчӯбаи САҲА қабул шудаанд ва ба озодии баёни андеша ва озодии воситаҳои ахбори умум марбутанд, бунёд шуда буд. Дафтари Намоянда Миклош Ҳарасти (Маҷористон) дар Вена қарор дорад.

Алҳол САҲА дар 17 кишвари зер 19 намояндагӣ ва сохторҳо

дорад: Озарбойҷон, Албания, Арманистон, Беларус, Босния ва Ҳертсеговина, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии собиқи югославии Македония, Молдова, Сербия, Тоҷикистон, Туркманистон, Украина, Ӯзбекистон, Хорватия ва Черногория.

САҲА барои қабули чораҳо оид ба назорат аз мусаллаҳшавӣ, инчунин чораҳои таҳкими боварӣ ва амният, ки дар ҳуҷҷати Венаи соли 1999 муайян гаштаанд, замина омода месозад. Аз ҷониби Давлатҳои аъзо Кодекси рафтор дар соҳаи ҳарбӣ-сиёсӣ (соли 1994) қабул шудааст, ки дар он принсипҳои таъйинкунандаи нақши қувваҳои мусаллаҳ дар ҷомеаи демократӣ баён гаштаанд. Ғайр аз ин, дар чаҳорчӯбаҳои ИАҲА/САҲА чанд механизми танзими мусолиматомези муноқишаҳо бунёд шуда, Суди оштӣ ва арбитраж таъсис ёфта буд. Соли 1999 САҲА Муоҳида оид ба истиқрорро дар Аврупои Ҷанубӣ-Шарқӣ таҳти ҳимояти худ қарор дод.

Ассамблеяи порлумонии САҲА мақоми алоҳидае мебошад, ки ба ҳайати он зиёда аз сесад намоянда аз давлатҳои аъзои САҲА дохил мешаванд. Вазифаи он мусоидат ба иштироки институтҳои порлумонӣ дар фаъолияти Созмон аз тариқи муҳокимаи масъалаҳо ва қабули қатънома ва тавсияҳои марбут ба кори САҲА мебошад. Ғайр аз ин, ба аъзои он нақши муҳим дар назорат аз интихобот вогузор гаштааст. Ҷаласаи ҳарсолаи Маҷмаъ дар моҳи июл гузаронида шуда, дар рафти сол ҳар гуна ҷаласа ва семинарҳои дигар ташкил карда мешаванд. Котиботи Ассамблея дар Копенгаген қарор дорад.

Дар муқоиса бо дигар созмонҳо САҲА аз рӯи як қатор муносибатҳо нодир аст. Ин аз рӯи якчанд омилҳо шарҳ дода мешавад: васеъ будани ҳайати аъзо, ки кишварҳои минтақаҳои евроатлантӣ ва евроосиёиро дар бар мегирад; муносибати фарогир ба амният, ки бар ҳамкорӣ асос ёфтааст; доштани олатҳои пешгирии низоъҳо; суннати гуфтугӯи кушода ва ташаккули ифоқа, ки решаҳои амиқ дорад; амали шабакаи васеи намояндагиҳои он дар ҷойҳо ва инчунин механизмҳои хуб ба роҳ мондашудаи ҳамкорӣ бо дигар созмонҳои байналмилалӣ.

Намояндагиҳои САҲА

Намояндагиҳо ва ҳузури САҲА дар давлатҳои аъзо ба мақсади пешгирии низоъҳо, ҳалли бӯҳронҳо, таҳкими ниҳодҳои демократӣ, таъмини волоияти қонун, риояи ҳуқуқҳои инсон, мониторинг ва гузаронидани интихобҳо, ҳамоҳангсозии барномаҳои иҷтимоӣ-барқарорсозӣ, расонидани кумакҳои башардӯстона ва ғ. хидмат мекунанд. Аз рӯи ваколат онҳо бояд робитаҳои зичро бо намояндагон дар ҷойҳо ва рушди муколамаро миёни ҷонибҳои манфиатдор ба роҳ монанд. Ваколатҳои ҳар яке аз намояндагиҳо бо назардошти вазъи мушаххас дар макони ҷойгиршавиашон тарҳрезӣ карда мешаванд.

Шаклҳои фаъолияти САҲА дар ҷойҳо метавонанд хеле мухталиф бошанд: намояндагӣ, гурӯҳи мусоидат, марказ ё дафтар. Мазмуни ваколатҳои намояндагиҳо, ҳайати иштирокчиёни онҳо, тартиби кор, давомнокии иқомати онҳо аз як ҳолат то ҳолати дигар метавонад тафовут дошта бошанд.

САҲА бо 11 давлати назди баҳри Миёназамин ва осиёӣ ҳамкорӣ дошта, бо созмонҳое чун СММ, Иттиҳоди Аврупо, Шӯрои Аврупо, НАТО ва ғ. ҳамдастӣ мекунад.

Давлатҳои аъзои САҲА :

Австрия
Албания
Андорра
Арманистон
Беларус
Белгия
Босния ва Ҳертсеговина
Булғористон
Гурҷистон
Дания
Ирландия
Исландия
Испания
Итолиё
Канада
Кипр
Қазоқистон
Қирғизистон
Латвия
Литва
Лихтенштейн
Люксембург
Маҷористон
Малта
Молдова
Монако
Нидерландия
Норвегия
Озарбойҷон
Олмон
Полша
Португалия
Руминия
Сан-Марино
Сербия

Словения
Тахти Муқаддас
Тоҷикистон
Туркия
Туркманистон
Украина
Ӯзбекистон
Фаронса
Федератсияи Россия
Финляндия
Хорватия
Черногория
Ҷумҳурии Македонияи собиқ Югославия
Ҷумҳурии Словакия
Ҷумҳурии Чехия
Швейтсария
Шветсия
Шоҳигарии Муттаҳида
Штатҳои Муттаҳидаи Амрико
Юнон

ҲУЗУРИ САҲРОИИ САҲА

Дар фазои САҲА 17 ҳузури Созмон амал мекунад, ки дар 16 давлати аъзо ҷойгир шудаанд. Сарфи назар аз гуногунии ваколатҳо, ҳайат ва шароити кор ҳамаи онҳо барои мусоидат намудан ба ҳукуматҳои давлатҳои қабулкунанда тибқи хоҳиш ё ризояти онҳо, пеш аз ҳама, дар соҳаи сохтмони ниҳодҳои демократӣ, интихобот, волоияти қонун ва дигар масъалаҳои салоҳияти САҲА бунёд шудаанд.

Тақсимоти онҳо аз рӯи минтақаҳо ба шакли зер мебошад:

Балкан
1. Намояндагӣ дар Босния ва Ҳертсеговина
2. Намояндагӣ дар Хорватия
3. Ҳузур дар Албания
4. Ҳузур дар Косово (СиЧ) – 1999
5. Ҳузур дар Черногория
6. Ҳузур дар Сербия
7. Намояндагии назоратӣ дар Скопя

Қафқоз
1. Намояндагӣ дар Гурҷистон
2. Дафтар дар Боку
3. Дафтар дар Ереван

Кишварҳои Аврупои Шарқӣ
1. Намояндагӣ дар Молдова
2. Дафтари САҲА дар Минск
3. Ҳамоҳангсози барномаҳо дар Украина

Осиёи Марказӣ
1. Марказ дар Ашқобод
2. Марказ дар Остона
3. Марказ дар Бишкек
4. Дафтар дар Душанбе
5. Дафтари ҳамоҳангсоз дар Ӯзбекистон

Шарикон оид ба ҳамкорӣ:

Афғонистон
Муғулистон
Ҷумҳурии Корея
Тайланд
Япония
Алҷазоир
Миср
Исроил
Урдун
Мароккаш
Тунис

САҲА дар рақамҳо:

Бӯҷа (соли 2008): 164, 2 млн. евро.

Теъдоди коргарон: Дар САҲА қариб 3450 корманд ифои вазифа мекунанд, ки аксари онҳо – 3000 одам дар институтҳои махсусгардонидашудаи Созмон, дар 19 намояндагӣ ва чорабиниҳо дар ҷойҳо машғулият доранд. Дар вебсайти САҲА osce.org/employment доимо эълонҳо дар бораи ҷойҳои холии кор ҷойгир карда мешаванд.

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба хотири истиқрор, гулгулшукуфӣ ва демократия дар 56 давлат фаъолият менамояд. Он муколамаи сиёсиро аз рӯи масъалаҳои арзишҳои умумӣ ба роҳ монда, кори амалиеро сомон медиҳад, ки ҳадаф аз онҳо беҳтар кардани ҷаҳони мост.

АЗ ҲИСОБОТИ ҲАРСОЛАИ САҲА

Соли 2000

Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон

Намояндагии САҲА барои иҷрои вазифаҳое, ки дар назди он Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, инчунин қарори Шӯрои доимӣ гузошта буд, дар Тоҷикистон соли 2000 кӯшишҳои ба тарафайн расондани ёриро барои иҷрои Созишномаи умумӣ тақвият бахшид. Барои Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон соли 2000, баъди интихоботи парламентӣ дар моҳи феврал ва эълони расмии анҷом ёфтани иҷроиши Созишномаи умумӣ марҳалаи таҳоввулӣ ҷараён ёфт. Ба вуҷуди ин, як қатор муқаррароти Созишномаи умумӣ кӯшишҳои иловагиро талаб менамуд. Ба монанди Протокол оид ба Масъалаҳои ҳарбӣ ва ислоҳоти сохторҳои давлатӣ. Намояндагии САҲА дар давоми тамоми сол барои ҳалли ин масъалаҳо мусоидат намуд.

Бо кушодани шӯъбаи маҳаллӣ дар Хуҷанд фаъолияти Намояндагӣ дар минтақаҳо ба сатҳи баландтар баромад, ки дар партави ин фаъолият масъалаҳои амният, ҳуқуқи инсон, демократикунонӣ ва волоияти қонун бо барқарорсозии пасоҷангӣ дар сатҳи марказӣ ва минтақавӣ меистад.

Ҳарчанд миқёс ва шумораи чорабиниҳои Намояндагӣ тайи солҳои охир зиёд мешуд, на танҳо теъдоди кормандони он бетағйир мемонд, балки шумораи ҳадаксари кормандони байналмилалии он мувофиқи руйхати расмии корӣ 11 нафарро ташкил медод.

Интихоботи парламентие, ки дар Тоҷикистон 27 феврали соли 2000 баргузор гардид, таҳти назорати Намояндагии муштараки назоратии интихобот аз ҷониби САҲА/СММ бо дастгирии ҳамаҷонибаи Намояндагон сурат гирифт. Дар давраи пеш аз интихобот Намояндагӣ бо ҳамкории дигар созмонҳо дар тамоми қаламрави Тоҷикистон барои интихобкунандагон омӯзишҳо, барои номзадҳо форумҳо ва дигар чорабиниҳои вобаста ба интихоботро омода ва баргузор намуданд. Ҳарчанд интихобот ба талаботҳо ва қоидаҳои асосии САҲА ҷавобгӯ набуд, он дар вазъияти нисбатан гуногунфикрӣ гузашт, ки ба сӯи демократияи мутараққӣ гоми умедбахше буд. Баъди интихобот яке аз самтҳои фаъолияти Намояндагӣ барпо намудани робита ва мустаҳкам кардани ҳамкорӣ бо парламенти тозаинтихоб буд.

Дар ин бобат ташкили ҳамкорӣ бо БИДҲИ (БДИПЧ), барпо намудани омӯзишҳо оид ба оини қонунгузорӣ ва дигар мавзӯъҳои рӯзмарра барои вакилони тозаинтихоб сурат гирифт.

Дар давраи ҳисоботӣ Намояндагӣ кӯшиш намуд, ки нақши худро ба вазъи бавуҷудомадаи кишвар баъди анҷом ёфтани раванди истиқрори сулҳ мутобиқ намояд. Инро Намояндагӣ баъди густурдани фаъолияти худ дар Ленинобод (Суғд), ки яке аз вилоятҳои муҳим дар шимоли Тоҷикистон аст, ҳамзамон бо фаъол намудани кори худ дар дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои демократӣ, волоияти қонун, мушоҳидаи вазъият дар ҷодаи ҳуқуқҳои инсон ва ташкили имкониятҳои маҳаллӣ ва он фаъолиятҳое, ки ҷавобгӯи вазъи нав мебошанд, ба даст овард.

Бо назардошти, ки моҳи майи соли 2000 кори Ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон анҷом ёфт, Намояндагии САҲА фаъолияти сиёсии худро ба самтҳое, ки дар онҳо аз ин пеш СММ фаъолият мекард, равона намуда, ҳамзамон ҳамкориро бо созмонҳое, ки дар ин самт кор мекунанд, мустаҳкам намуд. Мутобиқи қарори Шӯрои Амнияти СММ аз 12 майи соли 2000 ба ҳайси вориси Ҳайати нозирони СММ сохтори хурдтаре – Дафтари СММ оид ба сохтмони сулҳ дар Тоҷикистон ташкил карда шуд.

Моҳи феврал, баъд аз се соли дастрас намудани иҷозатномаи Шӯрои доимӣ, Намояндагӣ дар шимоли Тоҷикистон, дар ш. Хуҷанд шӯъбаи худро боз кард, ки дар тамоми вилояти Ленинобод (Суғд) фаъолият менамояд. Кушодашавии деринтизори ин шӯъба барои фарогирии беҳтари минтақаи муҳими нази даромадгоҳи водии Фарғона, васеъ намудани фаъолиятҳои Намояндагӣ, мустаҳкам шудани равобити он бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва доираҳои сиёсии шимоли Тоҷикистон имконияти зиёд фароҳам овард. Ҳамзамон ба Намояндагӣ муяссар гардид, ки лоиҳаҳо барои дастгирии ВАО, тарбияи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи инсонро амалӣ гардонад.

Сарфи назар аз ҷуғрофияи васеи фарогирии фаъолият, Намояндагӣ ҳоло ҳам ба пуррагӣ рисолати худро дар Бадахшони Кӯҳӣ аз сабаби дурӣ аз ин минтақа амалӣ карда наметавонад. Барои осон кардани ин кор Намояндагӣ омодагӣ мегирад, ки соли оянда шӯъбаи нави маҳаллии худро дар Хоруғ ифтитоҳ намояд.

Дар давраи ҳисоботӣ Намояндагӣ фаъолияташро дар ҳама ҷодаҳои вазифаҳои худ серҳаракатӣ намуда, диққати асосиро ба демократикунонӣ, сохтани институтҳо, волоияти қонун, фаъолиятҳои ҳизбҳои сиёсӣ, инкишофи донишҳо роҷеъ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва масъалаҳои гендерӣ, ҳуқуқҳои инсон ва озодии васоити ахбори омма равона карда буд. Ҳамзамон Намояндагӣ фаъолиятҳои худро дар самти андозагирии иқтисодӣ ва экологӣ афзоиш дод. Дар давоми сол Намояндагӣ муносибатҳои хуби худро бо Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳама самтҳои ҳамкорӣ мустаҳкам намуд.

Соли 2000 равнақёбии тавсеаи минбаъдаи фаъолияти Намояндагиро дар чорчӯбаи лоиҳаҳо доир ба самтҳои муҳими вазифаҳои он нишон дод. Стратегияи худро оид ба мустаҳкам намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ дастгирӣ намудани рушди ВАО-и озод, мустаҳкам намудани демократия ва ҳуқуқҳои инсон амалӣ намуда, Намояндагӣ бо дастгирии саховатмандонаи маблағгузорони мухталиф, бахусус кишварҳои узви САҲА як идда чунин лоиҳаҳоро татбиқ сохт.

Яке аз самтҳои асосии фаъолият ин дастгирии сохтмони ҷомеаи шаҳрвандӣ бо назардошти проблемаҳои ҷавонон ва зиёд намудани донишҳо дар бораи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар байни ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ ба воситаи омӯзишҳои гуногун дар ҳама вилоятҳои Тоҷикистон буд. Ба ғайр аз вохӯриҳои роҳбарони ҳизбҳои сиёсии марказӣ ва минтақавӣ дар Душанбе боз 10 «мизи мудаввар», омӯзишҳо ва чорабиниҳои омӯзишӣ дар Хуҷанд, Қурғонтеппа, Дӯстӣ, Ғарм, Турсунзода ва Ҳисор бо иштироки зиёда аз 300 нафар роҳбарони сиёсии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ гузаронда шуд.

Ҳамчун солҳои гузашта Намояндагӣ фаъолияти бештарро ба кор бо ВАО равона сохт. Бо амалӣ намудани лоиҳаҳои ҷорӣ, монанди эҳё намудани 5 рӯзномаи ноҳиявӣ дар соли 2000 Намояндагӣ вазифаи навро ба ӯҳда гирифт, ки аз эҳё намудани боз 8 рӯзнома, аз ҷумла, як рӯзномаи ғайридавлатӣ ва дастгирию ташкил намудани агентии иттилоотии мустақил иборат буд. Ҳардуи ин чорабинӣ дар шимоли мамлакат дар ш. Хуҷанд амалӣ гардиданд.

Баъди пофишории беш аз якунимсола дар ҷодаи ҳимояи манфиатҳои ВАО-и озоду мустақил дар назди ҳокимияти марказӣ дар Душанбе, ба коллективи дастгиринамудаи Намояндагии САҲА оид ба ташкили радио ва теливизиони мустақил дар вилояти Хатлон муяссар гашт, ки соҳиби иҷозатнома шавад ва Намояндагӣ тавонист ба амалигардонии ин лоиҳа шурӯъ кунад.

Ба ҷуз ин, тайёрӣ ба нашри маҷаллаи занона дар сатҳи миллӣ ба анҷом расида истодааст ва ба наздикӣ ин лоиҳа ба дараҷаи амалишавӣ мерасад. Ба сифати саҳмгузорӣ дар таҳкими нақши ВАО дар сатҳи минтақа Намояндагӣ дар ҳамдастӣ бо намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои озодии ВАО дар моҳи ноябри соли 2000 дар Душанбе конфронси дуюми ВАО Осиёи Марказиро баргузор намуд.

Намояндагӣ ба масъалаи таъмини баробарии бештари ҷинсҳо ва мубориза алайҳи афзоиши зӯроварӣ нисбати зан вақту нерӯи зиёде ба харҷ дод. Бинобар ин ба мақсади беҳсозии самаранокии барномаҳои семинарҳо, ки соли 1999 оғоз шуда буданд, таҳлил, баҳогузорӣ ва ислоҳи он доир гардид. Ҳамин тариқ, имсол зиёда аз 48 омӯзиш барои занон гузаронида шуд, ки дар онҳо, мувофиқи баҳои тахминӣ тақрибан 1000 зан аз ҳама вилоятҳои кишвар иш-

тирок карданд.

Ба шумори мавзўъҳое, ки онҳо, инчунин иштирокчиёни 20 гурўҳ оид ба дастгирии занон дахл карданд, доираи васеи масъалаҳо дохил мешуд - аз ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иҷтимоии занон, ҳуқуқи онҳо аз ҷомеаи исломӣ ва иштирок дар ҳаёти иқтисодии кишвар то хизматрасонии тиббӣ буд. Дар муддати 2 сол теъдоди омўзишҳо ба 360 ва шумораи иштирокчиён ба 7200 нафар расид.

Бо ҳамкории корманде, ки ба сафари хизматӣ омада буд, дар нимаи дуюми сол ба Намояндагӣ муяссар гашт, ки ба масъалаҳои барои Тоҷикистони баъдиҷангӣ муҳим дар соҳаи иқтисодиёт ва экология аҳмияти калонтар равона созад. Дар Душанбе барои тоҷирони хурд ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ (СҒҲ), ки дар соҳаи иқтисодӣ фаъолият мекунанд, практикум ташкил карда шуд. Намояндагӣ пешниҳоди тоҷиронро оид ба ташкил намудани марказҳои дастгирии ҳуқуқӣ ва касбӣ барои тоҷирони хурд ба баррасӣ гирифтааст. Ташкили семинарҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ асосҳои тайёрии касбии тоҷирзанон ва ташкили «мизи мудаввар» оид ба конвенцияи Орхусс дар нақшаи кории Намояндагӣ дар мадди аввал гузошта шудааст.

Намояндагӣ инчунин кўшиш намуда истодааст, ки фаъолияти худро дар бобати ҷилавгирӣ кардан аз сўистифода ва савдои маводи мухаддир васеъ кунад. Ба ин мақсад он дар ш. Душанбе ва вилоятҳои кишвар барои равнақ додани баҳсҳои мақсадноки мутахассисон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ роҷеъ ба ин масъала як қатор «мизи мудаввар» доир намуд.

Оид ба назорат аз болои ҳолати ҳуқуқи инсон ва ҳимояи он, Намояндагӣ кўшиш ба харҷ дод, ки вазъиятро оид ба ин масъала дар Душанбе ва вилоятҳои кишвар зери мушоҳида гирад, оид ба баъзе қонунвайронкуниҳо маълумот ба намояндагони ҳукумат расонда шуд, ки ҳамзамон пофишорӣ кардан аз принципҳои дахлдори САҲА мебошад. Дар ин масъала шўъбаҳои маҳаллӣ хеле фаъол буданд. Онҳо масъалаҳои ғайриқонунӣ дастгир намудани инсон, сўистифода аз мансаб, фурўши занонро зери назорат гирифта, дар мурофиаҳои судӣ иштирок карданд. Намояндагӣ якчанд мурофиаи судиро оид ба ҳуқуқи инсон назорат мекард, ки қисме аз он аз барои дифои манфиатҳои маҳкумшуда дар шароити пинҳонӣ мегузашт.

Дар баъзе мавридҳо намояндагӣ зарур мешуморид, ки бо ҷомеа тавассути ниҳодҳои САҲА муроҷиат кунад, созмонҳои маҳаллии дифои ҳуқуқи инсонро барои баромадҳо дар назди омма ҳавасманд намояд. Дар ин бобат он ба дастгирии устуворонаи Раиси Амалкунанда ва ниҳодҳои САҲА такя мекард.

Нақши басо муҳимро кўшишҳои Намояндагӣ ва дастгирии Раиси амалкунанда ҳангоми шикоят бурдан ба Суди Олӣ оид ба яке аз парвандаҳои ҷиноятӣ бозид, ки дар натиҷа ҳукми қатл ба

15 соли маҳбас иваз шуд.

Дар марҳалаи ҳисоботӣ Намояндагӣ ва шўъбаҳои он ҳамкории зичро бо созмонҳои дифои ҳуқуқ ба роҳ монда, дастгирии ин созмонҳоро ҳамчун яке аз воситаҳои асосии ҷомеаи шахрвандӣ медонад.

Намояндагӣ бо ҳамкории Дафтари САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДНДҲИ), Созмони байналмилалии муҳоҷират (СБМ), Бунёди кўдакони СММ (ЮНИСЕФ), Идораи СММ оид ба назорат аз болои маводи мухаддир ва пешгирии ҷиноятқорӣ, агентии Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушд (АШҲР), инчунин бо СҒҲ «Модар» ба таҳияи барномаи тадқиқот оид ба нақли ғайриқонунии муҳоҷирон, бахусус, занон ва кўдакон машғул аст. Намояндагӣ аз як қатор воқеаҳои вайронкунии ҳуқуқи инсон, хусусан дар робита бо васеъ шудани мавқеи ҳизби ғайрирасмии исломии «Таҳрир» ва таъқиби аъзоёни он аз тарафи ҳукумат нигаронӣ менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ Намояндагӣ бори аввал имконияти бездид аз маҳбасро дар қаламрави кишвар пайдо карда, ҳамин тариқ барои ҳамкории минбаъда бо мақомоти дахлдори Тоҷикистон дар ин соҳа асос гузошт.

Диққати рўзафзунро Намояндагӣ ба фаҳмондадиҳии масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва принсипҳои САҲА ба кормандони мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ равона кард. Барои ин дар соли 2000 як қатор омўзишҳо ва чорабиниҳои таълимӣ гузаронида шуд. Бо ҳамкории дастгоҳи додситони вилояти Ленинобод Намояндагӣ дар мавзўи риояи ҳуқуқи инсон дар марҳалаи ҳабси то судӣ конфронс доир намуд. Дар ин конфронс кормандони мақомоти судӣ аз минтақаҳои гуногуни кишвар, инчунин аз ноҳияҳои ҳамсарҳади Ўзбекистон ва Қирғизистон ҷамъ омада буданд.

Дар соли 2000 Намояндагӣ ҳамкории худро бо аксарияти созмонҳое, ки дар Тоҷикистон кор мекунанд, мустаҳкам намуд. Дар шумули онҳо созмонҳои муқими кишвари низоми СММ, хусусан Барномаи Рушди СММ, ки дар ҳамкорӣ бо он Намояндагӣ лоиҳаи муҳими шиносоӣ бо ҳуқуқҳои шахрвандӣ барои гурўҳҳои махсуси мақсадноки лоиҳа - кормандони мақомоти худидораи маҳаллӣ, намояндагони ҳизбҳои маҳаллӣ, ҷавонон, занони фаъол ва намояндагони ВАУ пиёда карда шуд. Ассосиатсияи амрикоии адвокатҳо, Бунёди байналмилалии дастгирии системаҳои интихоботӣ, Консорсиуми ҳамкорон ва Институти ҷомеаи кушод аз ҷумлаи он созмонҳои асосии байналмилалии ғайриҳукуматие мебошанд, ки Намояндагӣ дар давоми сол ҳамкории муфид барқарор намуда буд.

Ба муносибати 25-умин солгарди имзои Санади ниҳоии Хелсинки дар ш. Душанбе ва шўъбаҳои маҳаллӣ Намояндагӣ як қатор чорабиниҳо доир намуд.

Соли 2001

Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон

Баъди якуним соли расман эълон гардидани он, ки Созишномаи умумии истиқрори сулҳ амалӣ гардид ва баргузории интихоботи парламентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти давраи гузариши пасошӯравӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва сохтмони мушкили давлатиро ба оҳистагӣ паси сар мекунад. Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон кӯшишҳои мамлакатро оид ба азнавсозӣ ва барқарорсозии баъди низоъ дастгирӣ мекунад.

Рисолати Намояндагӣ дастгирии равобитро бо қувваҳои минтақавӣ ва сиёсӣ дар мамлакат, мусоидат дар гуфтушуниди онҳо, эҳтироми ҳуқуқи инсон, риояи принсип ва меъёрҳои САҲА ва таъмини назорати зарурӣ, мусоидат дар рушди институтҳо ва равандҳои ҳуқуқию демократӣ, инчунин пешниҳоди мунтазами ҳисоботҳо оид ба ин масъалаҳоро пешбинӣ менамояд.

14 декабри соли 2000 Шӯрои доимӣ дар бораи мустаҳкам намудани кори Намояндагӣ бо роҳи зиёд кардани теъдоди кормандони сатҳи байналмилалӣ ба миқдори 4 нафар (се нафар бо сафари хизматӣ ва 1 нафар мувофиқи шартнома) ва расондани шумораи умумии кормандони Намояндагӣ ба 15 нафар қарор қабул кард (PC.DEC/399). Намояндагӣ кӯшиш дорад, ки аз ҳукуматдорони кишвар барои кушодани шӯъбаи маҳаллии Намояндагӣ дар Хоруғ, ки дар минтақаи мушкилгузари мамлакат ҷойгир шудааст ва ба дастгирии зиёди САҲА ниёз дорад, иҷозат гирад.

Ҷанг дар Афғонистон сарчашмаи доимии бесуботӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ мебошад, хусусан ба сабаби мушкилоти ҷиддие, ки бо гурезаҳо ва қочоқи маводи мухаддир дахл доранд. Дар муносибат бо ҳамсояҳои дигари кишвар дар масъалаҳои об, энергия, нақлиёт ва ақаллиятҳо мушкилиҳо вуҷуд доранд: лекин ин мушкилотро ба туфайли ӯҳдадориҳои тарафайн дар чорчӯбаи Созмони ҳамкории Шанхай сабуктар гардондан мумкин мешавад. Ҳарчанд аз тарафи мансабдорони сатҳи болоӣ дар бораи эҳтироми ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, гуногунфикрии ҳизбҳои сиёсӣ, тақсими вазифаҳо ва озодии ВАО арз шуда бошад ҳам, ҳоло корҳои зиёде дар пеш истодааст, махсусан дар он қисмҳои мамлакат, ки ҳоло таҳти назорати марказ нестанд.

Дар соҳаи иқтисодӣ ва муҳити атроф дар давраи гузариши пасошӯравӣ ва аз дунболи он ҷараёни беандозаи ҷамъоварии сармоя – ин омилҳое мебошанд, ки то ҳол ташаккули иқтисоди бозории ҳақиқиро бозмедоранд. Омода набудани ҳукуматдорон барои кушоду равшан эътироф кардани миқёси мушкилоти экологӣ, ки Тоҷикистон дучор меояд, мисли пеш ба раванди гузариш таъсири манфӣ мерасонад.

Дар давоми сол ба Намояндагӣ Раиси Амалкунандаи САҲА, Котиби кулл, Раиси Ассамблеяи Парлумонии САҲА, Комиссари Олӣ оид ба корҳои ақаллиятҳои миллӣ, Намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои озодии ВАО ва намояндаи Раиси Амалкунандаи САҲА дар Осиёи Марказӣ ташриф оварданд.

Андозагирии инсонӣ

Дар бахши андозагирии инсонӣ Намояндагӣ дар баланд бардоштани огаҳӣ чи дар масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва чи ҷиҳати ислоҳоти ҳуқуқӣ кори фаъолро пеш мебарад.

Дар доираи барномаи ёрии ҳуқуқӣ, ки Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон таҳия намудааст, Намояндагӣ роҷе ба таҷдиди назар кардан аз кодексҳои ҷиноятӣ ва ҷиноятӣ-процессуалӣ ба мақсади мувофиқгардонии онҳо бо Муоҳидаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ба ҳукуматдорон ёрии машваратӣ ва дигар мерасонад. Дар ин қарина якҷоя бо ДНДҲИ «мизи мудаввар» баргузор гардид. Моҳи октябри соли 2001 бо Ҳукумати Тоҷикистон созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид, ки дар он ба Намояндагӣ ва ДНДҲИ оид ба машварат додан ба ҳукумат дар масъалаи аз нав таҳияи намудани кодекси маъмурӣ нақши муҳиме вогузор гардид. Намояндагӣ ва Раиси Ассамблеяи Парламентии САҲА ба ҳукумати Тоҷикистон дар таҳрири қонуни интихобот ба мақсади бартараф намудани он камбудиҳое, ки аз тарафи ДНДҲИ дар маърӯза оид ба интихоботи умумии соли 2000 қайд шуда буданд, кӯмаки худро пешниҳод намуданд.

Моҳи сентябри соли 2001, баъди бомуваффақият гузарондани чунин чорабиниҳо дар солҳои гузашта, барои донишҷӯёни вилояти Суғд дар шимоли Тоҷикистон урдӯгоҳи духафтаинаи тобистона дар мавзӯи ҳуқуқи инсон ва демократияи муосир ташкил карда шуд. Ба мақсади барангехтани баҳсу мунозира дар ҷомеа оид ба проблемаҳои ҳуқуқи инсон оид ба чунин мавзӯъҳо – таъмини ҳуқуқи инсон дар марҳилаи тафтишот, ҳимояи кӯдакон ва ҳуқуқи онҳо як қатор семинарҳо гузаронида шуд. 22-27 октябр дар Душанбе дар ҳамкорӣ бо ташкилоти россиягии «Сталкер» фестивали ҳафтаи синамо дар мавзӯъҳои ҳимояи ҳуқуқ гузаронида шуд.

Намояндагӣ, инчунин, дар бораи бекор намудани ҳукми қатл, раводиди хуруҷӣ ва супоридани масъулияти идораи маҳбасҳо аз вазорати корҳои дохила ба вазорати адлия бо ҳукумат фаъолона мубодилаи афкор сурат дод. Ғайр аз ин, Намояндагӣ дар бораи эълон кардани авф ба муносибати даҳсолагии истиқлоли давлатӣ бо ҳукумат гуфтушуниди мваффақона дошт. 24 сентябри соли 2001 бо дастгирии ДНДҲИ машваратҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ ку-

шода шуд. 25 октябр дар ягона маҳбаси занонаи Хуҷанд консерти мусиқии классикӣ гузаронида шуд. То баргузории консерт дар маҳбас барои занҳо омӯзиш дар мавзӯи ҳуқуқи инсон баргузор гардид. Ниҳоят, 25-26 октябр Лигаи занҳои адвокати Тоҷикистон бо дастгирии Намояндагӣ конфронси байналмилалӣ бахшида ба нақши адвокатура дар ҷомеаи демократӣ доир намуд. Дар конфронс ҳуқуқшиносон, намояндагони ҳукумат ва парламент, инчунин намояндагони СҒҲ аз Тоҷикистон, дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Россия иштирок доштанд. Дар рафти конфронс иштирокчиён чунин мавзӯъҳоро аз қабили ҷои адвокатура дар ҳимояи ҳуқуқи инсон, инчунин фаъолияти ТГД оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва нақши онҳо дар раванди қонунгузорӣ баррасӣ карданд.

Ба ғайр аз фаъолиятҳои номбурда Намояндагӣ муваффақона аз манфиати 58 шаҳрванди Тоҷикистон, ки аз Ӯзбекистон ронда шуда буданд, ҳимоя намуда, тақдири минбаъдаи тоҷиконеро, ки аз ҷанги шаҳрвандӣ наҷот ҷуста ба Қирғизистон гурехта бударанду кӯшишҳои бозгаштро ба хона доранд, назорат бурд.

Озодии васоити ахбори омма

Моҳи ноябри соли 2000 Намояндагӣ дар ташкили конфронси минтақавӣ дар Душанбе таҳти сарпарастии Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО иштирок намуд. Дар натиҷаи конфронс Баёнияи душанбегӣ дар бораи озодии воситаҳои ахбори омма қабул карда шуд. Намояндагӣ фаъолона ба вохӯриҳои мунтазами ҳармоҳаи рӯзноманигорон ва ҳукуматдорон мусоидат намуд. Дар ин вохӯриҳо роҳҳои тадбиқи Баёния дида мешавад. Он ҳамчунин хулосабарории қонунгузории мавҷудро оид ба воситаҳои ахбори омма, ки дар он аъзои ҷомеаи шаҳрвандии ташаккулёбанда иштирок мекунанд, оғоз намуд. Лоиҳаи эҳёи рӯзномаҳои маҳаллӣ вусъат ёфт. Ин лоиҳа боз 4 рӯзномаеро, ки дар Бадахшони Кӯҳӣ дарҷ мегарданд, фаро гирифт. Лоиҳа кӯмаки ҳарҷонибаро пешбинӣ менамояд, ки он аз маблағгузории ибтидоӣ, хизматҳои машваратӣ доир ба омодагии маъмурӣ ва молиявии идораи рӯзнома ва барпо намудани омӯзишҳо дар мавзӯъҳои этикаи рӯзноманигорӣ, қонунҳо дар бораи ВАО, дастрасӣ ба ахборот ва бозоршиносӣ иборат мебошад. Якҷоя бо «Интернюс» силсила аз шаш «мизи мудаввар»-и ҳармоҳа дар мавзӯи азнавбинии қонунҳои роҷеъ ба ВАО гузаронда шуд.

Ин «мизҳои мудаввар», ки маблағгузорашон Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО аст, мақсади фаъолгардонии раванди машваратҳоро дар ин мавзӯъҳо байни ҳукумат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо пешниҳоди минбаъдаи лоиҳаи дахлдор ба парламент доштанд. Охиран, Намояндагӣ «хати тафсон»-ро барои рӯзноманигорони хориҷӣ дар Душанбе ташкил намуд.

Ҳизбҳои сиёси ва шиносоӣ бо асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ

Ҳизбҳои оппозитсионӣ шикоят мекунанд, ки ҳукумат ба фаъолияти онҳо халал мерасонад ва барои ба қайдгирии номзадҳои онҳо монеаҳо эҷод мекунад. Намояндагӣ ба онҳо ҳамаҷониба кӯмак мекард. Ҳармоҳа бо роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ барои мубодилаи афкор ва баландбардории таҷрибаи онҳо вохӯриҳо ташкил мекард. Илова бар ин, моҳи марти соли 2001 конфронс дар мавзӯи нақши гуногунфикрии ҳизбӣ дар ҷомеаи демократии муосир гузаронида шуд.

Моҳи октябр Намояндагӣ барномаи 6-моҳаи маърифатиро дар байни аҳолӣ шурӯъ намуд. Якумин чорабинӣ - ин омӯзиш дар бораи ҷавонон дар мавзӯи рӯзноманигорӣ гузаронида шуд, ки мақсади он аз шиносоии мактаббачагон бо нақши рӯзноманигорон дар ҷомеаи демократӣ буд. Ҳадафи асосии барнома шаҳрвандони тоҷикро дар масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, меъёрҳои демократӣ ва принсипҳои сохтмон ва фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ шинос намудан мебошад.

Масъалаҳои гендерӣ

Дар чорчӯбаи барнома барои гурӯҳҳои дастгирии занон корманди Намояндагӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ ба 28 гурӯҳ ва ё ки зиёда аз 500 бонувон ёрӣ мерасонанд. Ба онҳо омӯзишҳои гуногун, ба монанди зиёд намудани имкониятҳо дар фаъолиятҳои иқтисодии онҳо, санъати тоҷирӣ, иҷрои фаъолиятҳои роҳбарӣ, ҷалби ҷомеа ба масъалаҳои гендерӣ тавассути ВАО, инчунин ташкили семинару «мизҳои мудаввар» дар мавзӯъҳои зуроварӣ нисбати зан, фурӯши инсон, ҳамзамон бо ҳамкории Созмони байналмилалӣ оид ба муҳоҷират, Бунёди СММ оид ба рушд ба манфиати занон (ЮНИФЕМ) маърӯза ба чоп омода шуд. Тобистон Намояндагӣ ба омода намудани маърӯза оид ба ҷараёни иҷрои конвенсия дар бораи нест намудани ҳар гуна таъбиз нисбат ба зан шурӯъ намуд. 20 сентябр дар бинои Намояндагӣ фурӯши маҳсулот ба сифати накӯкорӣ барои бонувони водии Ғарм гузаронида шуд.

Андозагирии иқтисодӣ ва экологӣ

Намояндагӣ ба амалӣ намудани конвенсияи Орхусс дар Тоҷикистон фаъолона мусоидат намуд. 23 феврал дар давоми кофронси минтақавие, ки моҳи майи соли 2000 дар Душанбе баргузор гардид, «мизи мудаввар» ташкил карда шуда буд. Дар он намояндагони вазоратҳои гуногун ва СҒҲ-и маъруф, ки дар соҳаи экологӣ фаъолият мекунанд, иштирок намуданд. Баъди ба тасвиб расидани конвенсия дар моҳи июли соли ҷорӣ Намояндагӣ

бо ҳамкории зичи вазорати ҳифзи муҳити зист барои шиносоии ҷомеа нақшаи чорабиниҳоро қабул намуд.

Бо тавсияи Раиси Амалкунандаи САҲА моҳи сентябри соли 2000 Тоҷикистон ба ҳайати аъзои Агентии байналмилалӣ оид ба нерӯи ҳастаӣ дохил шуд. Намояндагӣ нисбати ин руйдод як қатор омӯзишҳо барои кормандони ҳукуматҳои ноҳиявӣ ва дигар мутахасиссони касбӣ дар мавзӯи хатари партовҳои ҳастаӣ ва чорабиниҳои эҳтиётии заруриро гузаронид.

Намояндагӣ дар ташкили конфронси байналмилалӣ оид ба проблемаҳои захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ ва истифодаи оқилонаи он, ки моҳи октябри соли 2001 дар ш. Душанбе гузашт, фаъолона иштирок намуд.

Намояндагӣ инчунин фаъолиятҳоро оид ба ҷалби ҷомеа ба проблемаи нашъа ва пешгирии нашъамандӣ фаъолона анҷом дод. Бо ин мақсад, як қатор омӯзишҳо барои донишҷӯён, муаллимон, кормандони милитсия, волидайн ва дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида шуд. Мавзӯъҳои ин омӯзишҳо масъалаҳои гуногунро аз нашъамандӣ ва хатари афзоиши СПИД то пешгирӣ ва табобати он дар бар мегирифт.

Соли 2003

Маркази САҲА дар Душанбе

Аз роҳбари марказ

Моҳи октябри соли 2002 доираи фаъолияти САҲА дар Тоҷикистон васеътар гардид, ки аз тараққиёт баъди анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ шаҳодат медод. Самти нави ин мандат имконият медод, ки дар соли 2003 фаъолиятҳо дар бахши иқтисодиёт ва муҳити зист зиёд гарданд.

Имсол дар кори Маркази САҲА дар Душанбе (МД) ҷараёни нав ба вуҷуд омад, ки он Рушду густариш ёфта, ташаббусҳои навро фаро гирифт. Якумин маротиба дар таҷрибаи САҲА Марказ ташаббускори баргузоргардии чорабиниҳое гардид, ки дастгирии байналмилалиро соҳиб шуда буд. Ин чорабини оид ба безараргардонии минаҳо мебошад. Бо ҳамкории иҷрокунандаи ин чорабинӣ дар симои СҒҲ «Бунёди Швейтсарӣ оид ба кӯмак дар безараргардонии минаҳо» корҳои кошифиро оид ба муайян намудани минаҳо оғоз намуд.

Зиёдгардидани маблағгузориибуҷавииloиҳаҳоимкониятҳоро барои эътибор додан ба дархостҳои бешумори дар бораи кӯмаки самарабахш намудан ба ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ васеъ намуд. Таваҷҷӯҳи асосӣ дар соли 2003 ба рушди гуфтугӯи сиёсӣ, дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институтҳои демократӣ, тафтиши ҳимояи ҳуқуқи инсон ва баланд бардоштани қобилиятҳои

маҳаллӣ равона шуд. Марказ ба интихоботи қарибулвуқӯи соли 2005 ҳарҷониба тайёрӣ дид.

Марказ дар як қатор лоиҳаҳои дастгирии ВАО-и мустақил дар таҳкими баробарии гендерӣ иштирок намуд.

Марказ ҳамкории созандаро бо ҳукуматдорони тоҷик доир ба доираи васеи масъалаҳо, бо шумули иқтисодӣ, экологӣ, гуманитарӣ, ҷанбаҳои сиёсии амният ва субот ба роҳ монд. Мандати нав имконият дод, ки фаъолиятҳои ҷориро густариш дода, дар ҷануби кишвар, дар Кӯлоб шӯъбаи маҳаллӣ кушода шавад. Суботи вазъ дар ноҳияҳои шарқӣ имконият дод, ки кормандон ба шӯъбаи дар Ғарм буда равона карда шаванд. Дар соли 2003 инчунин 2 шӯъбаи нав оид ба ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо ва масъалаҳои иқтисодӣ кушода шуд.

Фаъолияти МД дар соҳаи андозагирии ҳарбӣ–сиёсӣ, такмили низоми интихоботӣ ба тайёрии интихоботи соли 2005 равона карда шуда буд. Марказ мавқеи мусбии парламенти тоҷикро нисбати пешниҳоди САҲА ҷиҳати оғоз намудани мусоҳиба нисбати қонунгузории марбута, ки дар натиҷаи назорати интихоботи гузашта ДНДҲИ САҲА тавсия дода буд, шодбошӣ намуд.

Нишонаҳои умедбахши демократикунонии ҷомеа

Иштирокчиёни машварати корӣ моҳи апрел оид ба тайёрӣ ба интихоботи умумии соли 2005 ба тавофуқ омаданд, ки қонунгузориро дар бораи интихобот такмил додан зарур аст. Бо ин мақсад гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки ба он вакилони парламент ва намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ шомил гаштанд. ДНДҲИ САҲА таклиф пешниҳод намуд, ки имкониятҳои коршиносони он барои таъмини риояи меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи интихоботи демократӣ истифода бурда шавад. Лоиҳаи ин тавсияҳо ба парламент барои баррасӣ пешниҳод карда шуд.

Миёни дигар чорабиниҳои марбут ба интихобот баҳодиҳии сиёсии рафти райъпурсии конститутсионии дар моҳи июн баргузоргардида ба шумор меравад, ки МД якҷоя бо ДНДҲИ САҲА ҷараён додааст.

Рушди гуфтугӯи сиёсӣ ва равандҳои демократӣ

Дар чорчӯбаи лоиҳаҳои МД оид ба гузарондани омӯзишҳо барои ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон моҳи сентябр дар Душанбе якумин вохӯрӣ дар доираи «мизи мудаввар» бо иштироки ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ доир гашт. Баъди ин боз 4 семинари омӯзишӣ дар шимол, ҷануб ва шарқи Тоҷикистон баргузор шуд. Мавзӯи ин омӯзишҳо нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи демократӣ бо таваҷҷӯҳи хоса ба қонуни азҳоби сиёсии Тоҷикистон буд. Баргузоргардии ин омӯзишҳо инчунин ба фаъолгардии гуфтугӯи

байниҳизбӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуд.

Марказ Шӯрои ҷамъиятиро дар ташкили мубоҳиса оид ба ҳизбҳои сиёсӣ ва интихобот, озодии дин ва муносибатҳои байни миллатҳо дастгирӣ намуд. Мақсади ин лоиҳа аз ҳавасмандкунии гуфтугӯи рӯбарӯ ва кушод байни ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо иштироки намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо, ассотсиатсияҳо, ақаллиятҳои миллӣ ва СҒҲ иборат буд.

Семинарҳо дар мавзӯи «Ҳуқуқ ва дин» дар вилояти Суғд, шимоли Тоҷикистон соли 2003 бо муваффақияти калон баргузор гардиданд. Доир сохтани чунин семинарҳо дар ҷануби Тоҷикистон вилояти Хатлон низ мувофиқи мақсад аст. Чунин чорабиниҳо воситаи арзишманди ҳавасмандсозии гуфтугӯи байни сарварони дин ва ҳукумати маҳаллӣ мебошанд.

Семинар-практикумҳо доир ба ҷанбаҳои ҳарбӣ-сиёсии амният Тоҷикистон ба САҲА муроҷиат намуд, ки дар иҷрои ӯҳдадориҳои ҳарбӣ-сиёсиаш дар доираи Созмон кӯмак намояд. Моҳи май Марказ дар Душанбе, Маркази САҲА оид ба пешгирии муноқишаҳо ва Форум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният семинар-практикуми муҳимеро дар мавзӯи «Риояи кодекси рафтори мансуб ба ҷанбаҳои ҳарбӣ-сиёсии амниятӣ, чорабиниҳои мустаҳкам намудани боварӣ ва амният» баргузор намуданд.

Пайваст намудани Тоҷикистон ба шабакаи алоқаи САҲА

Ба сифати гоми амалӣ Марказ ба вазорати мудофиаи Тоҷикистон дар пайваст намудан ба Шабакаи алоқаи САҲА ёрӣ расонд.

Ин шабака канали ҳозиразамони муҳофизатшуда барои мубодилаи иттилоотҳои ҳарбӣ дар чорчӯбаи Санади Вена, Шартнома дар бораи қувваҳои мусаллаҳи муқаррарӣ дар Аврупо, Шартнома дар бораи осмони кушод ва мубодилаи мукотиботи байнидавлатии аъзои САҲА мебошад.

Марказ ба кишвари иқомат дар таҳияи қонунгузорӣ роҷеъ ба мубориза бо терроризм мусоидат намуда, машварати худро бо назардошти қабул ва амалисозии чорабиниҳое, ки қатъномаи 1373-и Шӯрои Амнияти СММ дар ҷараёни тайёрӣ ва амалигардонии он ҳуқуқи инсон бояд пурра таъмин гардад, пешниҳод намуд. Семинар-практикуми миллӣ оид ба ҷанбаҳои қонунии иҷроиши қатъномаи 1373 ША СММ дар ҳамкорӣ бо ДНДҲИ ва Идораи СММ оид ба маводи нашъадор ва ҷиноятқорӣ моҳи октябр баргузор гардид.

Мақсади ин ду семинар амалигардонии Барномае, фаъолияте мебошад, ки моҳи декабри соли 2001 дар конфронси байналмилалии Бишкек «Мустаҳкам намудани амният ва субот дар Осиёи Марказӣ: таҳкими кӯшишҳои ҳарҷониба оид ба муқовимат бо терроризм» қабул гардида буд.

Ташаббусҳои зидди амалҳои террористӣ

Мубориза бо шустани маблағҳо ва дигар шаклҳои маблағгузории терроризм мавзӯи асосии семинари моҳи октябр буд, ки Марказ бо ҳамкории Дафтари ҳамоҳангсозии САҲА дар соҳаи иқтисод ва муҳити зист ва Идораи СММ оид ба маводи нашъадор ва ҷиноятқорӣ дар Душанбе гузаронид.

Ба вазифаҳои ин чорабинӣ шомил буданд:

- баланд бардоштани огаҳӣ дар бораи ҷанбаҳои техникӣ ва ҳуқуқии шустани пулҳо ва маблағгузории терроризм.
- шиносонидани иштирокчиён бо механизмҳои ҳуқуқӣ ва маъмурие, ки дар мубориза бо ин зуҳурот ёрӣ расонида метавонанд.
- муайян намудани эҳтиёҷот барои рушди қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур ба манфиатти тезонидани ҷараёни омодасозӣ ва дар амал татбиқ намудани қонунҳои нав, ки бо конвенсияҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ карда шудаанд.

ПОКСОЗӢ АЗ МИНАҲО: Таҷрибаи нахустини САҲА

Дар охири соли 2002 Маркази САҲА дар Душанбе бо хоҳиши Ҳукумати Тоҷикистон барои ҷалби дастгирии байналмилалӣ ба чорабиниҳои поксозӣ аз минаҳо кӯшиш ба харҷ дод.

Дар моҳи май МД САҲА бо бунёди Швейтсарии кӯмак дар поксозӣ аз минаҳо созишномаи мусоидат ба ин лоиҳаро дар Тоҷикистон имзо намуд.

Вобаста ба воридсозии гурӯҳҳои иктишофот оид ба минаҳо, ки аз ҳисоби сокинони маҳаллии махсусан омодакардашуда тартиб ёфтаанд, дар ҳолатҳои зарурӣ дар минтақаҳои алоҳида интишофоти техникӣ гузарониданд. Кор асосан дар ноҳияи Тавилдара, Сағирдашт ва водии Рашт амалӣ шуд.

Натиҷаҳои лоиҳа дар соли 2003:

- 2 гурӯҳи кашфи мина пурра тайёр ва муҷҳазонида шуд.
- аввали моҳи сентябр ин гурӯҳҳо дар минтақаҳо ба кор шурӯъ намуданд.
- 157 нуқтаи аҳолинишин санҷида шуд.
- корҳои кашфи мина дар роҳҳо дар масофаи умумии 8000 км сурат гирифтанд.
- 21 минтақаи дорои минаҳо ва силоҳи нотаркида муайян гардид, ба қайд гирифта, ишора гузошта шуд.
- минтақаҳои минагузошта, ки дар бораашон пештар хабар дода шуда буд, ба ҳисоб гирифта нашудаанд (онҳо тақрибан 124 км роҳ ва 29 км. кв ҳудудро дар бар мегиранд).

Фаъолият дар соҳаи андозагирии инсонӣ

Дар Тоҷикистон дар партави иҷрои ӯҳдадориҳои кишвар дар доираи САҲА ва меъёрҳои байналмилалӣ ислоҳотҳо ҷараён доранд. Марказ ин ислоҳотҳоро дастгирӣ намуда, дар соҳаи тайёр намудани кадрҳо ва маориф тавассути пешбурди корҳои иттилоотӣ, ташкили экспертизаҳои қонунгузорӣ ва мониторингҳо ташаббус нишон дод.

Самти асосии кори Марказ дар соли ҷорӣ ислоҳоти ҳабсхонаҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ, ислоҳоти системаи судӣ ва роҳ надодан ба истинтоқ буд.

Марказ инчунин ба таҳияи супоришҳо дар бораи тадбирҳои амалӣ дар соҳаҳои мушаххас, ки барои ин семинарҳо ва практикумҳо доир намуданд, мусоидат мекунад.

ОЗОДИИ ВАО

Дар натиҷаи ташаббусҳои САҲА системаи ислоҳӣ, ки пештар дар тобеи ВКД қарор дошт, ба тобеияти Вазорати адлия даровард шуд. Барои амалисозии ин ислоҳот комиссияи махсус ҷавобгӯ буд. Ҳамзамон як қатор беҳсозии сохтори ин соҳа муяссар гашт.

Марказ дар баргузоргардии сафарҳои омӯзишӣ ба хориҷа барои шахсони мансабдори муассисаҳои ислоҳӣ кӯмакро идома дод. Он ҳамчунин дар баргузории экспертизаи лоиҳаи Барномаи ислоҳоти системаи ислоҳии Тоҷикистон дар солҳои 2003-2008 мусоидат намуд. Ба ғайр аз ин Марказ воҳӯриро дар атрофи «мизи мудаввар», ки ба нақши СҒҲ дар амалӣ намудани ислоҳоти ҳабсхонаҳо бахшида шуда буд, баргузор намуд.

Таҷрибаи ин чорабиниҳоро ҷамъбаст намуда, Марказ принсипҳои роҳбарикунандаи фаъолияти минъбадаро таҳия кард.

Ислоҳоти системаи судӣ

Ислоҳоти кодекси ҷиноятии Тоҷикистон анҷом ёфт, дигар қонунҳо дар марҳалаҳои гуногуни коркард қарор доранд. Илова бар ислоҳоти ҷорӣ Марказ ташаббусҳоро дар баланд бардоштани нақши адвокатура дастгирӣ намуд.

Марказ дар таъсисёбии Ассотсиатсияи адвокатҳои Тоҷикистон саҳми худро гузошта, дар ин мавзӯъ конфронс ташкил кард. Таъсисёбии ассотсиатсия, ки онро ташкилшавии ҷамъиятҳои минтақавӣ пештоз буд, аз тарафи институти «Ҷомеаи кушод» ва Ассотсиатсияи адвокатҳои Амрико дастгирӣ ёфт.

Роҳ надодан ба истинтоқ

Дар давоми соли 2003 ба Марказ қариб 100 шикояти инфиродии шахрвандон роҷеъ ба поймолкунии ҳуқуқи инсон ворид

гашт. Тақрибан 25 дарсади онро шикоят дар бораи муносибати дағалона нисбати тафтишшаванда ташкил медод.

Бо дархости Прокуратураи генералии Тоҷикистон Марказ ва ҳамкорони байналмилалии он дар мавзӯи роҳ надодан ба истинтоқ конфронси дурӯза ташкил намуданд. Марказ инчунин иштироки шахсони расмӣ ва кормандони СҒҲ-ро дар машваратҳои байналмилалӣ оид ба ин мавзӯъ дастгирӣ намуд.

Муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ

Теъдоди муҳоҷирони меҳнатии мавсимӣ ҳарсола ба садҳо ҳазор нафар мерасад. Ин ашхос қариб чизе дар бораи ҳуқуқу вазифаҳои худ намедонанд.

Марказ дар ҳамкорӣ бо Созмони байналмилалии муҳоҷират, ду СҒҲ–и Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат роҳнамои коргари муҳоҷирро ба нашр расонд. Ин дастури амалӣ паҳн кардани ташаббусҳои васеътареро, бо шумули маркази иттилоотӣ, дар доираи дар чорчӯбаи нақшаҳои Созмони байналмилалии муҳоҷират дар назар дорад.

Таъмини дастрасии ҷомеа ба иттилоот

Ин соҳаи фаъолияти Марказ дар шароите, ки шумораи органҳои ВАО ва дигар мақомоти паҳн кардани иттилоот хеле маҳдуданд, аҳмияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар нуқтаҳои аҳолинишини ноҳияҳо тахтаҳои иттилоотӣ шинонда шудаанд. Дар ин тахтаҳо маводи тоза дар бораи ҳодисаҳои охир, иттилоот оид ба чорабиниҳои давлатӣ, дар бораи фаъолиятҳои САҲА ва СҒҲ ҷойгир карда мешаванд.

Дастгирии ВАО-и мустақил

Барои мусоидат намудан ба таҳкими демократия тавассути рушди воситаи ахбори оммаи гуногунфикр кӯшиш ба харҷ дода, Марказ ташкили агентиҳои мустақили иттилоотиро дастгирӣ намуд. Яке аз мисолҳои самаранок будани ин лоиҳаи дарозмуддат агентии «Вароруд» дар Хуҷанд, шимоли Тоҷикистон мебошад, ки ба сифати мақоми мустақили ахбори омма муваффақона соҳиби мустақилият ва боварӣ гардидааст.

Нашри маълумот оид ба фасод

Моҳи октябр дар Душанбе якумин семинар-практикум оид ба инъикоси рӯзноманигории фасод барои кормандони ВАО барпо шуд. Дар ин чорабинӣ, ки бо ҳамкории созмони «Трансперенси интернейшнл» ташкил карда шуда буд, зиёда аз 40 рӯзноманигор аз ҳама минтақаҳои кишвар иштирок доштанд. Барои инъикоси ин масъала ба ВАО грантҳои хурд ҷудо карда шуд.

Ташвиқи дохил намудани тағйирот дар қонун дар бораи ВАО

Баъди конфронси моҳи декабри соли 2002 доир ба ин масъалаҳо гурӯҳи кории муштараки САҲА ва Интернюс ба ҳукуматдорони тоҷик лоиҳаҳои қонун дар бораи ВАО-ро пешниҳод намуд.

БАРОБАРҲУҚУҚИИ ГЕНДЕРӢ

Кӯмаки коршиносон доир ба масъалаҳои қонунгузорӣ дар бораи баробарҳуқуқии гендерӣ

Маркази САҲА пешниҳод намуд, ки коршиносон дар таҳлили лоиҳаи қонун дар бораи баробарии гендерӣ кӯмак намоянд. Қабули он қадами муҳим дар роҳи иҷрои он ӯҳдадориҳое хоҳад буд, ки Ҳукумати Тоҷикистон баъди ба тасвиб расондани Конвенсия дар бораи байн бурдани ҳама гуна таъбиз нисбати зан ба зимма гирифтааст. Ҳамзамон, дар иҷрои барномаи давлатӣ роҷеъ ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробар барои занон дар Тоҷикистон дар солҳои 2001-2010 саҳм гузошта мешавад.

Инъикоси масъалаҳои гендерӣ

Соли 2003 соли сеюми дарсӣ дар марказ-машваратгоҳи ҳуқуқӣ оид ба маориф мебошад, ки махсус бо ҳуқуқи занон сару кор дорад. Донишҷӯёни ҳуқуқшинос таҷрибаи амалиро дар ин соҳа ҳангоми сӯҳбат бо хонандагони синфҳои болоӣ оид ба ҳуқуқи инсон пайдо намуданд.

Ҳамзамон ин фаъолият ба таҳкими баробарии гендерӣ дар мактабҳо кӯмак расонид. Ба Марказ, сарпарасту дастгири татбиқи ин ДНДҲИ аз номи аҳли ҷомеа расидани номаҳои миннатдорӣ бо хоҳиши давом додани ин фаъолият мерасанд.

Иттилоърасонӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар бораи мушкилоти фурӯши инсон

Марказ маъракаи умумимиллиро оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши шаҳрвандон дар масъалаи фурӯши инсон анҷом дод. Мақсади ин маърака бартараф кардани норасоии ахборот нисбати ин масъала дар Тоҷикистон – яке аз «кишварҳои пайдоиш» буд. Бо ҳамкории шӯъбаҳои Марказ дар маҳалҳо ба ин лоиҳа муяссар гашт, ки гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро дар ноҳияҳои дурдаст ҷалб намояд. Марказ дар таъмини ҳамбастагии дастурҳои ДНДҲИ ва ташаббусҳои Созмони байналмилалии муҳоҷират нақши асосӣ бозид.

Дар маркази диққат – иттилоот ва тарғибот

Аз ҳисоби захираҳое, ки аз буҷаи озоди САҲА ҷудо шуда буданд, як қатор лоиҳаҳои иттилоотӣ-тарғиботӣ дар масъалаҳои зерин тадбиқ шуданд:

- ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи иқтисодии занон.
- ҳуқуқи зан ва ислом.

- вокуниш дар ҳолатҳои зуроварӣ нисбати занҳо.
- проблемаҳои фурӯши одамон.
- омӯзиши тиҷорат.

МД ва шӯъбаҳои он дар маҳаллаҳо бодиққат кори СҒҲ-ро назорат намуда, ҳамкориро бо онҳо дар амалӣ намудани лоиҳаҳо дар минтақаҳои дурдаст ва ноҳияҳои атрофи пойтахт, ки одатан аз доираи чорабиниҳои омӯзишӣ дур мемонанд, ба роҳ монд.

Бо назардошти теъдоди зиёди бевазанони ноогоҳе, ки шавҳаронашон дар ҷанг ба ҳалокат расидаанд ва занҳое, ки шавҳарашон дар муҳоҷирати меҳнатианд, инчунин духтароне, ки ҳатто барои маълумоти ибтидоӣ гирифтан имконашон надода, аз 13-солагӣ ба шавҳар медиҳанд, Марказ ба кӯшишҳои баланд бардоштани шуурнокии ҳуқуқӣ диққати калон медиҳад.

ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ АНДОЗАГИРИИ ИҚТИСОДӢ ВА ЭКОЛОГӢ

ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ ИҚТИСОДӢ

Дар соли 2003 Марказ дар Душанбе мандати навро соҳиб шуд, ки дар он такяи асосӣ ба масъалаҳои иқтисодӣ ва муҳити атроф равона шудааст. Ҳамин тариқ, дар доираи фаъолиятҳои марказ дафтари махсуси иқтисодӣ ташкил карда шуд, ки кори он дар тамоми қаламрави Тоҷикистон фаъол шуд.

Ангезаи ҳақиқӣ ба рушди корхонаҳои хурду миёна

Қисмҳои асосии дурнамои САҲА дар соҳаи рушди иқтисодии Тоҷикистон ин омӯзиши маҳорати тоҷирӣ ва пешкаши қарзҳои хурд мебошад.

Марказ ба воситаи шӯъбаҳои маҳаллии худ дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ба ин чорабиниҳо машғул аст. Аз моҳи август мавзӯъҳои бозоршиносӣ, ҳисоби бухгалтерӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқии тиҷорат ва технологияҳои кишоварзиро 2000 соҳибкорон ва хоҷагидорон гузаштанд.

Дар семинарҳои САҲА фермерҳо тарзи тайёр намудани доруҳои пестисидиро аз растаниҳои маҳаллӣ омӯхтанд. Баъдан Марказ бо қаноатмандӣ хабар ёфт, ки ин усул аз рӯи гуфтаҳои хоҷагидорони деҳаи Навдии водии Рашт дар зиёд шудани ҳосили мева кӯмак намуд.

Марказ амалигардонии ин ташаббусро дар байни дигар созмонҳои байналмилалӣ ва СҒҲ ҳамоҳанг месозад.

Ҷалби кӯшиш оид ба вусъат додани рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар маҳалҳо

2000 аъзои ташкилотҳои деҳотӣ дар яке аз ноҳияҳои кӯҳи дар лоиҳаи зиёд намудани иқтидори маъмурӣ дар ҳалли масъалаҳои

рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҷалб гардонда шуд. Лоиҳа нақшаи пешкаш намудани қарзҳои хурдро дарбар мегирифт.

ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ ЭКОЛОГӢ

Фаъолият дар чорчӯбаи конвенсияи Орхусс

МД САҲА дар кори худ ба пойдевори мустаҳкаме, ки соли гузашта ҳангоми гузарондани як қатор практикумҳои таълимӣ-шиносоӣ дар мавзӯъҳои Конвенсия гузошта шуда буд, такя намуд. Якчанд лоиҳа ва семинарҳои соли 2003 ба зиёд намудани огоҳӣ дар бораи ин ҳуҷҷат ва татбиқи муқаррароти он равона шуда буданд.

Ба фаъолиятҳо дар ин самт дохил мешавад:

- дар моҳи сентябр ташкил кардани маркази Орхуссии захираҳои иттилоотӣ дар Душанбе.
- дар моҳи октябр ташкил кардан ва гузаронидани фестивали 3-юми минтақавии рӯзноманигории экологӣ. Миёни иштирокчиёни ин чорабинии дар миқёси Осиёи Марказӣ инъикоси густурда ёфта ду рӯзноманигор аз Афғонистон иштирок дошт.
- мувофиқсозии қонунгузорӣ бо муқаррароти Конвенсияи Орхусс. Тавассути Марказ мушовири хориҷӣ ҷалб шуд, ки хулосабарориҳо ва тавсияҳои он ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ ба мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ равон карда шуд.

Ташаббуси «Муҳити зист ва амният»

Марказ фаъолона ба амалӣ намудани ташаббуси муштараки САҲА/ БРСММ/ БИСММ «Муҳити зист ва амният дар Аврупои Ҷанубӣ-Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ» машғул буд.

Ин ташаббус дар ҳалли масъалаҳои экологӣ ба мисоли ифлосшавии об, партовҳои радиоактивӣ ва истифодаи муштараки об дар миқёси тамоми минтақа равона гардидааст.

Марказ семинар-практикуми умумимиллие гузаронд бахшида ба даври дуюми ташаббусе, ки дар он се самти асосии фаъолият муҳокима шуданд:

- баҳодиҳӣ ва таҳлили хатар/осебпазирӣ.
- Баланд бардоштани иқтидор ва рушди ниҳодҳо.
- таҳия ва амалисозии сиёсат.

Роҳбари Марказ: Сафир Ив Барген (аз 8 июли соли 2003)
Собиқ Роҳбари Марказ: Сафир Марк Жилбер.
Буҷаи таҳияшуда: 2. 673. 600 евро.

Соли 2004

Маркази САҲА дар Душанбе

Яке аз авлавиятҳои асосии САҲА дар Душанбе дар соли 2004 ин амалигардонии барнома оиди поксозӣ аз минаҳо буд. Ба туфайли ин барнома, ки соли 2003 бо дархости Ҳукумати Тоҷикистон оғоз шуд, ба ҳисоби умумӣ 6,2 га замин дар марказ, ҷануб ва шарқи кишвар аз мина пок карда шуд. Супоридани минтақаи аввалини аз мина покшуда ба сокинони яке аз ноҳияҳои наздисарҳадӣ бо Афғонистон, ки ба баланд шудани сатҳи зиндагии зиёда аз 30 000 нафар одамон мусоидат намуд, натиҷаи назаррас буд.

Марказ фаъолияти худро дар соҳаи андозагирии иқтисодӣ густариш дод. Диққати асосӣ ба кумак намудани Ҳукумати Тоҷикистон дар амалигардонии барномаи ислоҳоти замин равона карда шуд. Мақсади ташаббусҳои дигари муҳим рушди иқтисодӣ, таҳкими гуфтугӯи сиёсӣ ва амният, рушди ВАО, дастгирии ҳуқуқи инсон ва демократикунонӣ, баланд бардоштани огоҳӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ ва муҳити зист буданад.

Бисёре аз чорабиниҳои Марказ дар соҳаи ҳарбӣ-сиёсӣ ва андозагирии инсонӣ дар зери нишони интихоботи парламентии моҳи феврали соли 2005 баргузор гардиданд. Дар байни онҳо лоиҳаҳо оиди рушди қонунгузории интихобот дар Тоҷикистон, мубоҳисаи оммавӣ байни ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин семинарҳо барои рӯзноманигорон дар масъалаҳои инъикоси интихобот амалӣ гаштанд.

Фаъолият дар соҳаи андозагирии ҳарбӣ – сиёсӣ

Саҳм дар мубориза алайҳи терроризм

Дар чорчӯбаи кӯшишҳои худ оид ба муқовимат бо терроризм Марказ ба 3 кормандӣ масъули Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ барои иштирок дар конфронси минтақавӣ роҷеъ ба проблемаи маблағгузории терроризм кӯмак намуд. Ин семинар моҳи феврал дар Туркия баргузор гардида, аз тарафи Идораи СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ ташкил карда шуда буд ва он мутобиқи барномаи умумиҷаҳонии мубориза алайҳи терроризм барои ёрии техникӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Дар омӯзиш мисолҳои таҷрибаи беҳтарин дар соҳаи маблағгузории терроризм муҳокима карда шуд.

Боз 4 нафар кормандони сатҳи миёнаи роҳбарикунандаи Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ ва Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар омӯзиши дурӯза дар мавзӯи ҳуҷҷатгузории раводид ва назорати сарҳадӣ, ки дар ш.Тошканд баргузор гардид, иштирок намуданд. Ин омӯзиш дар чорчӯбаи нақшаи Бухарестии амалҳои САҲА ва барномаи амалии Бишкек доир ба пешгирии

терроризм ва мубориза бо он баргузор гардид.

Марказ ба Вазорати корҳои хориҷӣ дар омодасозӣ барои тасвиб намудан ва амалигардонии 12 конвенсия ва протоколи СММ дар бораи мубориза бо терроризм мутобиқи даъвате, ки бо он иштирокчиёни мулоқоти Шӯрои вазирони САҲА дар соли 2001 баромад карданд, ёрӣ расонд. Моҳи июл Марказ коршиносро доир ба масъалаҳои ҳуқуқӣ аз Вазорати корҳои хориҷӣ барои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ кор карда баромадан ва ба тасвиб расондани ҳуҷҷатҳо ба Вена фиристод.

Аввалин самараҳои кӯшишҳои пок кардан аз минаҳо

Моҳи сентябр иштирокчиёни барномаи поксозӣ аз минаҳо, ки бо ташаббуси САҲА амалӣ мегардад, ба сокинони маҳал якумин қитъаи замини аз минаҳо поккардаро супориданд. Замини аз минаҳо покшударо ба сокинони шаҳрчаи Дӯстии ноҳияи Қумсангир, ки назди сарҳади Афғонистон аст, супурданд ва ин амал имкон дод, ки мардум аз манбаи об истифода карда тавонад. Бо оби тозаи нушокӣ зиёда аз 30 000 сокинони маҳаллӣ таъмин мегардад. Ин амал ба иқтисодиёти маҳал ҳам кӯмак мекунад – масалан аз ҳисоби парвариши пахта.

Оғози марҳилаи дуюми барномаи поксозӣ аз минаҳо, ки аз тарафи Марказ амалӣ мегардад, ба куллан зиёд шудани маблағи буҷаи барнома аз 500 ҳазор евро дар соли 2003 ба 1,9 млн. евро дар соли 2004 оварда. Саҳми САҲА дар ин буҷа ба ҳисоби умумӣ 560 ҳазор евроро ташкил кард. Маблағҳои боқимонда бошанд аз тарафи дигар маблағгузорон пардохт карда шуданд. Шарик оид ба амалисозии барнома Бунёди Шветсарӣ оид ба поксозӣ аз минаҳо, ба тайёр кардани 85 кораманди фаврӣ аз ноҳияҳои марказӣ, ҷанубӣ ва шарқии Тоҷикистон мусоидат намуд, ки онҳо усулҳои кашфи мина, аломатгузории майдонҳои минахобонда ва поксозиро омӯхтанд. Дар баробари Маркази САҲА дар Душанбе дастгирии молиявиро дар ин барнома ҳукуматҳои Канада, Ҷопон, Норвегия, Шветсия ва Белгия амалӣ намуданд.

Фаъолият дар соҳаи андозагирии иқтисодӣ-экологӣ

Дастгирии ислоҳоти замин дар Тоҷикистон

Яке аз иқдомҳои мақсадноки иқтисодии Марказ дар соли 2004 ин барномаи мусоидат ба Ҳукумати Тоҷикистон дар соҳаи ислоҳоти замин буд. Дар давраи аз соли 1996 дар Тоҷикистон аксарияти колхозу совхозҳо таҷдид карда шуданд, ки майдони умумии заминҳои кишти онҳо 433 900 га-ро ташкил медиҳанд. Дар ин майдон 20 750 кооперативҳо ё хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил карда шуд. Дар ихтиёри ин хоҷагиҳо ҳоло 61% ҳамаи заминҳои кишти Тоҷикистон қарор дорад. Дар соли 2005 таҷдиди боз 62 колхозу совхоз ба нақша гирифта шудааст.

Маркази САҲА мақсади асосии худро дар шаффофияти чорабиниҳои ислоҳоти замин дар Тоҷикистон мебинад. Марказ дар кори 2 гурӯҳ оид ба ислоҳоти замин фаъолона иштирок карда, бо мақсади шинос намудани фермерҳо бо ҳуқуқу ӯҳдадориҳо дар рафти таҷдиди хоҷагиҳо семинарҳо мегузаронад. Бо дархости Марказ тадқиқоти барномаи ислоҳот аз нуқтаи назари ҳуқуқи инсон гузаронида мешавад, ки дар натиҷаи он ба ҳукумат бояд оид ба пешгирии вайрон кардани ҳуқуқи деҳқонон ҳангоми гирифтан ва истифодаи заминҳои кишт тавсияҳо дода шавад.

Марказ инчунин амалигардонии ду лоиҳаи таҷрибавиро дар панҷ ноҳияи марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон, яъне Файзобод, Рӯдакӣ, Бохтар ва Данғара оғоз кард, ки он ҷойҳо миёни сокинони маҳаллӣ маводи иттилоотиро ба забони тоҷикӣ паҳн намуд. Марказ умедвор аст, ки ба туфайли ин кӯшишҳо, раванди таҷдид нисбатан одилона ва шаффоф сурат мегирад.

Ҷалби ҷомеа ба ҳалли масъалаҳои экологӣ

Яке аз масъалаҳои муҳими кори Марказ дар соҳаи ҳифзи табиат амалӣ намудани муқаррароти Конвенсияи Орхусс мебошад.

Лоиҳаҳо дар ин соҳа расонидани хизмати эксертӣ-машваратиро ба ҳукуматҳои маҳаллӣ, ташкили чорабиниҳои тарғиботиро дар ин мавзӯъ ва ҳавасмандгардонии иштироки иштироки ҷомеаро дар ҷараёни қабули қарорҳо чи дар сатҳи умумимиллӣ ва чи ноҳиявӣ пешбинӣ намуда ва дар бар гирифтанд.

Бо дастгирии маркази захираҳои иттилоотии Орхусс дар Душанбе дастрасии рӯзномонигорон ба маълумотҳои экологӣ зиёд гардид. Бо ҳамкории Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Тоҷикистон Марказ ду семинар дар масъалаи татбиқи Конвенсияи Орхусс гузаронд, ки дар он бештар аз 100 нафар иштирок дошт.

Муҳофизат аз хатари партовҳои радиоактивӣ

Аз ифлосшавии радиоактивии муҳити зист қариб 10 млн нафар аҳолӣ дар водии дарёи Сир, дар шимоли Тоҷикистон ранҷ мебаранд. Афзоиши бемориҳои саратон дар ин минтақа нисбати дигар қисматҳои Тоҷикистон зиёдтар аст. Моҳи ноябр марказ дар Душанбе якумин конфронси байналмилалиро ташкил намуд, ки дар он проблемаҳои партовҳои радиоактивӣ ва таъсири он ба саломатии аҳолӣ муҳокима карда шуд. Марказ инчунин лоиҳаи тартиб додани харитаи минтақаҳои радиоактивии баландро дар шимоли Тоҷикистон маблағгузорӣ намуд. Дар ин минтақаҳо нишонҳои эҳтиётӣ гузошта шуда, якчанд чорабиниҳои иттилоотӣ баргузор гардид.

Дар баробари ин марказ фаъолона ба ташаббуси САҲА, БРСММ ва ЮНЕП «Муҳити зист ва амният», ки бо баҳогузории проблемаҳои экологии мавҷуда вобаста аст, мусоидат намуд.

Дар Тоҷикистон дар чорчӯбаи ин ташаббус аҳамияти асосӣ ба махзанҳои партовҳои радиоактивӣ ва дигар сарчашмаҳои хатари радиоактивӣ дода мешуд.

Фаъолият дар соҳаи андозагирии инсонӣ

Дастгирии ҳуқуқи инсон. Бо мақсади ташвиқи минбаъдаи ҳуқуқи инсон ва таъмини риояи он Марказ маблағгузории нашри «Фарҳанги тоҷикии ҳуқуқи инсон» ва китобчаро бахшида ба ҳуқуқи инсон дар маҳбасҳои тафтишотӣ, роҳ надодан ба муомилаи дурушт ва истинтоқ, амалҳо оиди пешгирии онро ба ӯҳда гирифт. Ин нашрияҳо дар байни СҒҲ, дар доираҳои илмӣ ва муассисаҳои давлатӣ хеле паҳн гаштанд. Дар ноҳияи Шаҳритус дар ҷануби Тоҷикистон Марказ ҳамчунин барои маълумотдиҳӣ ба аҳолӣ дар бораи ҳуқуқи инсон ва дастгирии ташаббусҳо доир ба ҳимояи онҳо дар ин ноҳияи дури кишвар машваратгоҳи ҳуқуқӣ боз намуд.

Мусоидат ба ислоҳоти низоми ислоҳӣ

Бо мақсади дастгирии ҳаракатҳои Тоҷикистон дар бозсозии идораи муассисаҳои ислоҳӣ Марказ чорабиниҳои мухталифро барои ҷорӣ намудани ҷазоҳои алтернативӣ ва рушди ҳамкорӣ байни ҷомеаҳои шаҳрвандӣ ва маъмурияти маҳбасҳо ташкил намуд. Дастоварди назаррас дар ин ҷода созишномаи роҳбарияти системаи иҷрокунии ҷазоро бо СҒҲ дар таҳияи созишнома оиди ҳамкорӣ бо қайди ҳуқуқҳо ва вазифаҳои тарафайн ҳисобидан мумкин аст.

Дастгирии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ

Моҳи апрел парламенти Тоҷикистон ба кодекси ҷиноятӣ тағйирот ворид намуд. Дар моҳи июл бошад Президенти кишвар ҳуҷҷатро оид ба манъи иҷрои ҳукми қатл имзо кард. Марказ ин иқдомро истиқбол намуда, кӯшишҳои худро барои баланд бардоштани нақши адвокатҳо ва таъмини мустақилияти мақомоти судӣ равона сохт. Бо ҳамроҳии коллегияи адвокатҳо ва ассотсиатсияҳои судӣ 2 конфронс доир ба ин мавзӯҳо бо иштироки зиёда аз 200 нафар аз ҳама ноҳияҳои Тоҷикистон гузаронида шуд. Ба ғайр аз ин, Марказ якчанд омӯзишро дар мавзӯи риояи ҳуқуқи инсон дар маҳбасҳои тафтишотӣ дар ҷараёни тафтиш, ки дар онҳо зиёда аз 250 шахси масъули Додситони кулл ва Вазорати корҳои дохилӣ иштирок доштанд, гузаронид.

Кӯмак ба муҳоҷирони меҳнатӣ

Ҳар сол 350 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон ватани худро тарк карда, ба кофтукови корҳои мавсимӣ машғул мешаванд, то аҳли оилаи худро хӯронанд. Аз сабабе, ки аксари онҳо дар бораи ҳуқуқу вазифаҳои худ огоҳии каме доранд, Маркази САҲА ва Созмони

байналмилалии муҳоҷират дар Душанбе маркази захиравӣ таъсис доданд, ки дар он ҳар як муҳоҷири меҳнатӣ иттилооти заруриро барои ба қарори дурусте омадан дарёфт карда метавонад.

Ба тариқи таҷрибавӣ барои паҳн кардани корҳои монанд дар ноҳияҳои деҳот, дар ноҳияи Вахш, дар ҷануби Тоҷикистон, нуқтаи иттилоотӣ кушода шуд. Аз ин машваратгоҳи маркази захиравӣ зиёда аз 5000 нафар маслиҳат гирифт. Дар минтақаҳои мухталифи кишвар 5 семинари омӯзишӣ барои хизматчиёни давлатӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронда шуда, адади нашри китобчаҳои иттилоотӣ 170 000 нусхаро ташкил намуд. Ба ғайр аз ин, ба Марказ муяссар гашт, ки дар мактабҳои миёна дар мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ ба барномаи таълимӣ дарс дохил карда шавад.

Тайёр намудани рӯзноманигорон ба мавзӯи мубориза бо фурӯши одамон

Фурӯши инсон проблемаи ҷиддӣ барои Тоҷикистон гаштааст. Занҳое, ки кӯшиш мекунанд дар хориҷи кишвар кор ёбанд, қурбони гурӯҳҳои ҷиноятӣ мегарданд, ки ба воситаи зӯроварӣ онҳоро ба мамолики Шарқи Наздик, Осиё ва Аврупо равон мекунанд. Ба мақсади инъикоси ин мавзӯъ дар ВАО Марказ барои рӯзноманигорон аз ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ семинарҳои омӯзиширо оиди проблемаҳои истисмори ҷинсӣ ва муҳоҷирати иҷборӣ гузаронд. Мақсад аз гузарондани семинарҳо он аст, ки маҳорати касбии рӯзноманигоронро дар ин мавзӯъ баланд намуда, онҳоро дар сурати пайдо шудани маълумот водор ба санҷишу инъикоси ин мавзӯъ дар ВАО гардонад.

Кӯшишҳо ба баробарии гендерӣ

Марказ барои қабули қонун дар бораи имкониятхои баробар кӯшиш намуда, дар таҳияи матни қонун кӯмак намуд. Қабули ин қонун иқдоми муҳим дар иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва амалинамоии барномаҳои давлатии солҳои 2001-2010 дар таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробар барои занон дар Тоҷикистон мегардад.

Ташкили имкониятҳо дар асоси марказҳои захиравии маҳаллӣ барои занон

Ташаббуси муҳим оид ба фароҳамоварии имкониятҳо дар ташкили шаш маркази захиравии маҳаллӣ барои занон дар манотиқи мухталифи кишвар бо маблағгузорӣ ва дастгирии Маркази САҲА амалӣ гашт. Ин марказҳои захиравӣ бо ташкил намудани семинарҳо дар мавзӯъҳои ҳуқуқи инсон, масъалаҳои гендерӣ ва рушди соҳибкории хурд барои занон машғуланд. Ба ғайр аз ин, онҳо дар масъалаҳои ҳуқуқӣ, тиббӣ ва равоншиносӣ ба занон машваратҳои ройгон медиҳанд.

Силсилаи иборат аз 30 семинар дар мавзӯи ҳуқуқи зан дар ҷомеаи исломӣ, ки аз тарафи шӯъбаи маҳаллии Марказ дар Хуҷанд ташкил карда шуда буд, дар ҷомеа муваффақияти калон дошт. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон боз вайронкунии ҳуқуқи зан ва духтарон бо баҳонаи эҳёи суннатҳои исломӣ ба назар мерасад. Дар рафти ин семинарҳо ба садҳо зан ва мард назари баробар ва холис нисбат ба қонунҳои шариат ва қонунҳои давлати дунявӣ дар асоси таҳлил ва тафсири онҳо пешкаш карда шуд. Бо назардошти он ки ин мубоҳиса дар тамоми шимоли Тоҷикистон хеле самарабахш буд, Марказ қарор қабул дод, ки онро ба ҷануби Тоҷикистон низ паҳн намояд.

Дастгирии ҷараёни интихобот

Дар ҷараёни тайёрӣ ба интихоботи парламентии моҳи феврали соли 2005 Марказ диққати худро ба инкишофи базаи ҳуқуқии интихобот дар асоси усул ва талаботи САҲА равона кард.

Дар асоси пешниҳодҳои соли 2000 Марказ ва ДНДҲИ ба Ҳукумати Тоҷикистон дар ташкили конфронс дар мавзӯъҳои интихобот, ки моҳи апрели соли 2003 баргузор гашт, мусоидат намуд. Дар ин давра ду лоиҳаи алтернативии қонун дар бораи интихобот таҳия гардид. Шакли охирини онро парламент қабул намуд ва моҳи июли соли 2004 аз тарафи Президенти кишвар ба имзо расид.

Марказ нашри як қатор мақолаҳоро ба маълумотҳо дар бораи интихобот, муассисаҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба интихобот маблағгузорӣ намуд. Ба мақсади ҷалби аксари мардум барои иштирок дар интихобот Марказ истеҳсоли як қатор маводи иттилоотиро барои радио ва телевизион маблағгузорӣ намуд. Он ҳамчунин чорабиниҳоеро, ки дар тамоми Тоҷикистон барои ҷалби занон дар қабули қарорҳои сиёсӣ равона шуда буданд, дастгирӣ намуда, тайёр намудани номзадҳоро аз ҳисоби занон оид ба масъалаҳои пешбурди маъракаҳо ва фаъолияти сиёсӣ таъмин намуд.

Роҳбари Марказ:
то октябри соли 2004 – сафир Ив Барген.
аз феврали соли 2005 – сафир Алэн Куанон.
Буҷаи таҳриршуда: 3 829 200 евро.
Web-site: www. osce.org/tajikistan

Соли 2005

МАРКАЗИ САҲА ДАР ДУШАНБЕ

Дар соли 2005 Маркази САҲА дар Душанбе лоиҳаро дар соҳаи низомӣ доир ба нест кардани яроқи сабук, оташфишон ва муҳимоти он амалӣ намуда, фаъолиятро дар соҳаи поксозӣ аз минаҳо давом дод. Фаъолияти сиёсии марказ дар самти беҳтарсозии қонунгузории интихобот ва баланд бардоштани донишҳои иттилоотии ҷавонон нисбати ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ равона шуда буд.

Марказ ба Ҳукумати Тоҷикистон дар амалигардонии дурнамо доир ба коҳиш додани камбизоатӣ ва рушди дурнамои миллӣ оид ба муҳофизати муҳити зист мусоидат намуд. Марказ дар пешгирии бадшавии системаи экологӣ ва проблемаи хатари партовҳои радиоактивӣ фаъолиятро давом дода, ғайр аз ин, ба Ҳукумати Тоҷикистон дар пешрафти соҳаи ислоҳоти ҳуқуқӣ ва иҷрои дигар ӯҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон кӯмак намуд. Марказ ба рушди ВАО-и минтақавӣ мусоидат намуда, ба тайёр кардани рӯзноманигорони ҷавон ёрӣ расонд. Марказ огаҳии шаҳрвандонро баланд бардошта, ба ташаккули иқтидор миёни СҒҲ ва ҳокимият, аз ҷумла, дар масъалаҳои гендерӣ ва мубориза алайҳи фурӯши одамон мусоидат намуд.

Фаъолият дар соҳаи андозагирии ҳарбӣ-сиёсӣ

Яроқи оташфишон, муҳимоти оддӣ ва поксозӣ аз минаҳо. Марказ барномаро оиди нест кардани 21 тонн муҳимоти зиёдатӣ ва 26 000 адад яроқи сабук ва оташфишон амалӣ сохт. Моҳи июн Ҳукумати Норвегия мушовири техникиро барои дастгирии амалисозии ин барнома равона кард. Финляндия, Нидерланд, Норвегия, Словения, Шветсия ва Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ҷудо намудани маблағро ба ӯҳда гирифтанд.

Барнома ба ташкили имкониятҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ барои нест кардани силоҳи муқаррарӣ равона шудааст. Ба ин мақсад моҳи ноябр дар Лоҳур, ки дар масофаи 30 км аз ш. Душанбе ҷойгир аст, маркази тайёрӣ ва нобудсозии моддаҳои тарканда кушода шуд. Тими Фаронса ба 13 нафар кормандони Вазорати мудофиа ва Вазорати корҳои дохилӣ малакаҳои нест кардани 85 тонн муҳимотро омӯзонд. Миёни дигар масъалаҳо ташкили шароит барои нест кардани силоҳи сабук ва оташфишон, мустаҳкам намудани имкониятҳо барои нигаҳдории ин силоҳ, сохтани анбор барои муҳимоти кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ буд.

Марказ ба Вазорати мудофиа дар барқарорсозии алоқа байни маркази тафтиш ва Шабакаҳои алоқаи САҲА, ки барои мусоидат кардан ба иҷрои Санади Вена аз соли 1999, ки дар он тартиби

табодули иттилоъ, ҳамкорӣ, ташриф овардан ва фаъолият оид ба назорат дар соҳаи ҳарбӣ миёни давлатҳои иштирокчӣ сохта шудааст, кӯмак расонд. Дар робита бо бозрасиҳои банақшагирифтаи Марказ мувофиқи Ҳуҷҷати соли 2006 нозирони тоҷик имконияти омода шуданро барои иҷрои Санади Вена пайдо карданд.

Марказ дар чорчӯбаи барномаи поксозӣ аз минаҳо 360 000 евро ҷудо намуд.

СҒҲ-и «Фондасьон Свис де Деминаж», ки шарик дар иҷрои ин барнома мебошад, минтақаи 125 000 м. кв.-ро аз минаҳо пок сохта, 4546 тонн муҳимоти нотаркида, 1032 минаҳои зиддипиёдагардон ва 1 минаи зиддитанкиро нест кард. Барои ташкили имкониятҳои миллӣ дар чунин самтҳо, чун осеби тиббӣ, асосҳои поксозӣ аз минаҳо мушоҳида тайёрӣ гузаронда шуд.

Интихобот ва гуфтугӯи сиёсӣ

Ба воситаи гузаронидани вохӯриҳои Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон, Марказ ба гуфтугӯи кушоди ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуд. Шӯро 70 намояндаро аз мақомоти ҳукуматӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муттаҳид намуда, барои ёфтани ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ёрӣ расонид. Баргузор шудани як қатор омӯзишҳо шуури ҷомеаро баланд бардошта, таҳаммулро нисбати қонун ва дин фаро гирифт. Урдӯгоҳи тобистона тайёрии ҷавононро ба ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин мекунад.

Семинарҳое, ки намояндагони комиссияҳои интихоботӣ ва 1600 нафар намояндагони давлатӣ иштирок карданд, дар беҳтар шудани сифати кори намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ то интихоботи парламентии 27 феврал мадад намуд.

Мубориза алайҳи терроризм. Конфронсҳо, маъракаҳо доир ба баланд бардоштани савияи дониш, нашри китобчаҳо ба пешгирии паҳншавии ғояҳои терроризм ва ифротгароӣ мусоидат намуд. Дар ин чорабиниҳо сабабу мақсадҳои терроризм ва тарзи ҳимояи инфиродӣ аз терроризм фаҳмонда шуд.

Фаъолият дар соҳаи андозагирии иқтисодӣ-экологӣ

Фароҳам овардани имкониятҳо барои корхонаҳои хурд. Ба мақсади дастгирӣ намудани барномаи ҳукуматии паст кардани сатҳи камбизоатӣ Марказ якчанд лоиҳаи рушди корхонаҳои хурдро дар минтақаҳои камбизоат маблағгузорӣ намуд. Истифодабарандагони кӯмак имконият ёфтанд, ки фаъолияти шахсии худро оғоз намоянд. Аксари лоиҳаҳо дар ноҳияҳои камбизоати шарқ ва ҷануби кишвар тарҳрезӣ карда шуда, барои омӯзиши он занҳое, ки шавҳаронашон ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар сафар карда буданд, додани малакаҳои дузандагӣ ва

нонпазӣ равона шуда буд.

Урдӯгоҳҳои тобистона ҷавононро бо асосҳои тиҷорат шинос намуданд. Дар ду урдӯгоҳ донишҷӯёни қирғиз ва афғон иштирок доштанд.

Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ. Садҳо ҳазор шаҳрвандони тоҷик, асосан мардҳо, ҳар сол ба Россия ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд. Ба аксари ин муҳоҷирон талаботи қоидаҳои муҳоҷиратӣ ва сабти шаҳрвандони хориҷӣ маълум нест ва дар натиҷа онҳо ба муҳоҷирони ғайриқонунӣ мубаддал мегарданд. Сарогоз аз соли 2004 Марказ ва Созмони байналмилалии муҳоҷират дар ш. Душанбе барои муҳоҷирони потенсиалӣ кушодашавии маркази захираҳои иттилоотиро маблағгузорӣ намуд.

Дастгирии ислоҳоти замин. Аз соли 1996 Тоҷикистон колхозу совхозҳои калонро тақсим намуда, ба кооперативҳо табдил дод. Соли 2004 Марказ лоиҳаи дастгирии ислоҳоти заминро барои омӯзиши фермерон доир ба ҳуқуқу вазифаҳо, имкониятҳои истифодабарии замин амалӣ намуд. Соли 2005 СҒҲ-и шарик «Ажанс дэд а ля кооперасон текник эле девелопман» курсҳои омӯзиши фермеронро ҳангоми тақсим гузаронд.

Савдои наздисарҳадӣ. Марказ рушди савдои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистонро аз соли 2004 инҷониб мусоидат намуд. Моҳи октябр дар Хоруғ конфронси байналмилалӣ бахшида ба рушди савдои байнидавлатӣ баргузор гардид. Конфронс ба бастани як қатор шартномаҳо мусоидат намуд.

Дурнамо ва равшаннамоӣ дар соҳаи муҳити зист. Марказ ба Тоҷикистон дар тартиб додани дурнамои миллии экологӣ дар солҳои 2005-2020 кӯмак намуд, ки мақсади он такмили қонунҳо, имкониятҳои ташкилӣ, муайян кардани авлавият дар ҳалли проблемаҳои экологӣ мебошад.

Маъракаҳое, ки соли 2004 доир ба тайёрӣ ва баланд бардоштани маълумоти шаҳрвандон, иштироки аҳолии водии Рашт дар семинарҳо оид ба баланд бардоштани маълумоти ҷомеа нисбати ифлосшавии радиоактивии муҳит, ба истифодаи дурусти захираҳои обӣ ва рушди малакаҳои идоракунии ҷомеаи маҳаллӣ дар мубориза бар зидди офатҳои табиӣ оварда расонд.

Конвенсияи Орхусс. Маркази Орхусс дар Душанбе, ки онро САҲА дар соли 2003 ташкил карда буд, ба тайёр кардани қонун дар бораи муҳофизати муҳити зист, нашри маводи иттилоотӣ ва ташкили веб-сайт (www. Aarhus.land.ru) дар бораи конвенсияи Орхусс, ки дар он ҳуқуқҳои экологии ҷомеа номбар шудаанд, ёрӣ расонд. Маркази Орхусс омӯзиш ва гуфтугӯи кушодро бо иштироки намояндагони ҷамоаҳои маҳаллӣ ва ҳукумат ба мақсади баланд бардоштани савияи дониш дар бораи конвенсия ташкил намуд. САҲА маркази дуюмро дар ш. Хуҷанд, дар шимоли Тоҷикистон, дар чорчӯбаи барномаи муштараки СММ оиди

муҳити зист, БРСММ, САҲА ва ташабуси НАТО оид ба муҳити зист ва амният кушод.

Фаъолият дар соҳаи ченаки инсонӣ

Баланд бардоштани маълумотнокӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон. Сатҳи пасти маълумотнокӣ дар Тоҷикистон нисбати ҳуқуқи инсон Марказро ба тайёрӣ ва иттилооти ҷомеа дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун водор намуд. Мактаби тобистонаи САҲА доир ба ҳуқуқи инсон рохбарони ояндаро дар соҳаи меъёр ва вазифаҳо нисбати ҳуқуқи инсон тайёр намуд.

Якҷоя бо Идораи комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон Марказ ба табдил додани лоиҳаи хурд доир ба омӯзиши ҳуқуқи инсон дар мактабҳои миёна дар Тоҷикистон ба барномаи якуми умумимиллии кишвар кӯмак намуд.

Ислоҳоти ҳуқуқӣ ва ислоҳӣ. Марказ ҳукуматро дар дарёфти нуқтаи заъф дар системаи ҳуқуқӣ дастгирӣ намуда, нозиронро аз СҒҲ барои санҷиш ва таҳлили ҷараёни судӣ бо назардошти меъёрҳои байналмилалии судҳои адолатнок тайёр намуд. Танҳо як иштироки нозирони дохилӣ дар Тоҷикистон навоварӣ аст, ки муҳимтарин тадбире дар баланд бардоштани дарки зарурати риояи тартиби одилонаи судӣ аз ҷониби аксари судҳо мебошад.

Маданияти волоияти қонун дар назар дорад, ки ҳар як шаҳрванд дастрасӣ ба адлия дорад. Дар чорчӯбаи лоиҳа оид ба шикояти инфиродӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон Марказ тайёрии ҳуқуқшиносонро аз ҳама минтақаҳо баҳри беҳбуди кӯмакрасонӣ ба одамоне, ки қурбонии ҳуқуқпоймолкунӣ шудаанд, маблағгузорӣ намуд.

Дар рафти «мизи мудаввар» доир ба моҳияти башаргароии кодекси ҷиноятии Тоҷикистон, алтернативаи ҳабс ва кӯшишҳои муштараки ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ доир ба иваз кардани намудҳои ҷазо мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ҳуқуқи ақаллият. Баррасии вазъият дар соҳаи ақаллиятҳо, сохтани веб-сайт дар соли 2005 мақсади шиносшавиро бо вазъият дар соҳаи ақаллиятҳои миллӣ ва ба ҳукумат пешниҳод намудани беҳтарин пойгоҳи меъёриро барои пешбурди сиёсати худ дорад.

Рушди ВАО. Марказ фаъолияти маркази захиравии ВАО-ро, ки соли 2004 бо роҳи маҳорати рӯзноманигорӣ ва технологияҳои иттилоотиро омӯхтани рӯзноманигорон таъсис ёфта буд, васеъ намуд. Мактаби якмоҳаи маҳорати рӯзноманигории телевизионӣ, 13 ҷавонро бо асосҳои тележурналистика аз тарзи доштани видеокамера то таҳияи барномаи ахбор омӯзонд. Ба мақсади беҳтар намудани сифати воситаҳои иттилоотӣ Марказ дар Душанбе дастгирии рӯзномаҳои минтақавии «Кулябская правда» («Ҳақиқати Кӯлоб») бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ, «Бомдод» ба забони тоҷикӣ,

дар ҷануби кишвар ва инчунин маҷаллаи «Нафосат»-ро бо забони ӯзбекӣ давом дод.

Баланд бардоштани иттилооти гендерӣ. Марказ машғулиятҳои омӯзиширо дар масъалаҳои гендерӣ барои кормандони донишкадаи тайёркунии хизматчиёни давлатӣ омода намуд. Ин лоиҳа, ки то соли 2006 давом кард, барои хубтар дарк намудани масъалаҳои гендерӣ аз тарафи хизматчиёни давлатӣ ва оянда ҳамчун курси тайёрӣ барои вазоратҳои мухталифи Тоҷикистон истифода карда шуд.

Марказҳои захиравӣ барои занон. САҲА фаъолияти нӯҳ маркази захиравиро барои занон дар минтақаҳо маблағгузорӣ намуд. Марказҳо огоҳии занонро дар соҳаи ҳуқуқи инсон баланд бардошта, машварати ҳуқуқию равоншиносии ройгонро таъмин менамуданд ва барои дарёфти касб ба онҳо кӯмак мерасонданд. Гурӯҳҳои мубориза бо бесаводӣ ба духтарон дар нест кардани нуқтаи заъфи омӯзиш, ки сабабаш камбизоатӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ аст, ёрӣ мерасонданд.

Семинарҳо ва барномаҳои телевизионӣ дар масъалаҳои баробарии гендерӣ дар чорчӯбаи лоиҳаи САҲА, ки соли 2004 таҳти унвони «Ҳуқуқи зан дар ислом» баргузор гардиданд, муқоисаи қонунҳои дунявиро бо қонунҳои исломӣ ба роҳ монданд. Се семинари охирин бо шунавандагони мактабҳои исломӣ дар шимоли Тоҷикистон гузаронда шуд.

Мубориза бо фурӯши одамон. Марказ тайёр намудани пешнависи маърӯзаи Тоҷикистонро оид ба иҷроиши Протоколи Палермо дар бораи пешгирӣ ва қатъи фурӯши одамон, махсус занҳо ва кӯдакон, ҷазо барои ин амал, ки Конвенсияи СММ алайҳи ҷиноятҳои муташаккилонаи фаромиллӣ пурратар мегардонад, маблағгузорӣ намуд. Ин имконият дод, ки нуқтаи заъфро дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи Тоҷикистон дарёфт намуда, нақшаи миллии амалҳоро дар мубориза бар зидди фурӯши одамон мураттаб созад.

Роҳбари Марказ:
Сафир Ален Куанон
Буҷаи таҳриршуда: 3 728 900 евро
Веб-сайт: www.osce.org/tajikistan

Соли 2007

МАРКАЗИ САҲА ДАР ДУШАНБЕ

Маркази САҲА дар Душанбе бо барҳӯрди мутавозин ва фарогир ба амният дар ҳамаи се андозагирӣ кӯмаки худро ба Тоҷикистон идома бахшид. Марказ дар ҷаласаи гурӯҳи мақсаднок

дар сатҳи баланд иштирок намуда, ба шарикон бо даъвати кушода ҷиҳати пешкаш кардани ғояҳо муроҷиат карда, муколамаро бо ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти муштарак ҷиҳати муайян кардани самти кор барои ҳалли масъалаҳо дар соҳаҳои муколамаи сиёсӣ, амният, рушди иқтисод, ҳифзи муҳити зист, демократикунонӣ, рушди ВАО ва баробарҳуқуқии марду зан, такмил дод.

Фаъолият дар соҳаи андозагирии ҳарбӣ-сиёсӣ

Муколамаи сиёсӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ. Марказ дар ҳамкорӣ бо Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон дар ҷаласаи Клуби шарики иҷтимоӣ бо тартиби ҳавасманд кардани муколама оиди масъалаҳои рӯзмарра байни мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ ташкил намуд. Бо мақсади шиносоии боз ҳам наздики талабагони синфҳои боло ва донишҷӯёни донишгоҳҳо ба мавзӯи демократикунонӣ ва ҳуқуқи инсон, инчунин лагерҳои тобистона ташкил карда шуданд, ки дар онҳо кор доир ба тарбияи шаҳрвандӣ бурда мешуд.

Дастгирии хадамоти политсия. Марказ ба Маркази кинологии Вазорати корҳои дохилӣ ёрӣ расонд. Ба ҳайати САҲА, ки ба мақсади муайян кардани далелҳо боздид ба амал оварда, муяссар гардид то оид ба сурат додани фаъолияти муштарак роҷеъ ба таҳлили эҳтиёҷотҳо дар соҳаи тайёр кардани кадрҳои политсия ва гузаронидани ислоҳотҳои хадамоти политсия дар соли 2008, бо Вазорати мазкур мувофиқа ба даст орад.

Аслиҳаи сабук ва оташфишон ва лавозимоти ҳарбии оддӣ. Марказ ба амалӣ кардани марҳалаи дуввуми барномаи худ шурӯъ намуд, ки ба нобуд сохтани маводи тарканда, таҷҳизонидани анборҳои нигаҳдошти аслиҳаи сабук ва оташфишон ва сохтмони анборҳо барои лавозимоти ҳарбии оддӣ равона шудааст. Марказ истифодаи партовҳои ҳамаи муҳаррикҳои борутии зиёдатии маҷмӯи мушакҳои С-75-ро анҷом дод.

Марказ дар Тоҷикистон ба фаъолияти нӯҳ шӯъба оид ба дастӣ тоза кардани минаҳо, дувоздаҳ бригадаи кинологҳо бо сагҳое, ки барои кофтукови мина таълим дода шудаанд ва ба як гурӯҳи топографӣ ёрӣ расонид. Бо ҷидду ҷаҳди шарики он оид ба тоза кардани минаҳо, Бунёди швейтсарӣ оид ба тозакунии минаҳо, 635 000 метри мураббаъ замин аз минаҳо тоза карда шуда, 2106 минаи зиддипиёдагард ва се минаи зиддитанкӣ нест карда шуд. Ин миқдори умумии минаҳои нобудгардида ду маротиба аз нишондодҳои соли 2006 зиёдтар аст. Дар баробари ин, 740 лавозимоти ҳарбии кластерӣ ва нокафида дарёфт ва нобуд карда шуд. Дар натиҷаи татбиқ намудани лоиҳаи нави озмоишии САҲА оид ба тафтиши такрории минтақаҳои хатарнок дар Тоҷикистон, ки қаблан минтақаи хатарнок ҳисоб мегардид, замини масоҳаташ

18 км. кв. ба қисмати заминҳои барои фаъолияти иқтисодӣ боб, гузаронида шуд.

Амнияти сарҳад. Марказ якҷоя бо Гурӯҳ оид ба масъалаҳои сарҳадии Котибот машваратҳоро бо Ҳукумати Тоҷикистон дар робита бо таҳияи лоиҳаҳо дар ин соҳа дар ҷавоб ба хоҳиши Ҳукумат оид ба расонидани кӯмак дар таҳкими режими сарҳадӣ ва афзоиши амният дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ки аз моҳи июл ворид гардида буд, давом дод. Моҳи ноябр бо назардошти ҷалб кардани маблағҳои ғайрибуҷавӣ ба давлатҳо иштирокчиён се лоиҳаи калон оид ба таҳия намудани стратегияи миллии танзими сарҳад, барномаи таълимӣ оид ба нақшагирии посбонии сарҳад ва идоракунии он, инчунин ёрӣ расондан ба хадамоти гумрукӣ, пешкаш гардид.

Фаъолият дар соҳаи андозагирии иқтисодӣ-экологӣ

Ҳавасмандгардонии рушди иқтисод. Ба хотири тақвият бахшидан ба саъю кӯшишҳои кишвари иқомат оид ба рушди корхонаҳои хурд ва кишоварзӣ Марказ ба як қатор марказҳои таълимӣ ва захиравӣ барои корхонаҳои хурд ва фермерҳо дар даҳ нуқтаи аҳолинишин дар қисматҳои гуногуни Тоҷикистон кӯмаки худро давом дод. Иттиҳодияи байналмилалии молиявӣ марказҳои САҲА-ро барои гузаронидани чорабиниҳои махсусгардонидашудаи таълимӣ истифода мебурд. Доираи хизматрасонӣ, ки аз ҷониби чаҳор маркази ноҳиявии захиравӣ барои муҳоҷирони меҳнатии қудратнок пешкаш гардида буд, васеъ карда шуд: дар баробари хизматрасонии иттилоотӣ ва машваратӣ онҳо инчунин бо таъмини ҷойҳои шурӯъ сар карданд. Дар охири ноябр бо кушодани Форуми корӣ, ки соҳибкорони тоҷику афғонро дар бар мегирифт, як қатор марказҳои иттилоотӣ барои соҳибкороне, ки хоҳиши бурдани тиҷорати наздисарҳадиро доштанд, ба фаъолият шурӯъ намуд.

Мусоидат дар иҷроиши Конвенсияи Орхусс. Маркази Орхусии САҲА дар Душанбе ҳамчун майдони ҳамкорӣ дар масъалаҳои ҳифзи муҳити зист хизмат карда, ба Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиат ҷиҳати хотима бахшидани кор аз болои қонуни нави кишвар оид ба ҳифзи табиат ва панҷ санади зерқонун, кӯмаки техникӣ расонид.

Кӯмак дар таҳия намудани стратегияи ҳифзи табиат. Марказ ба Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиат дар таҳия намудани стратегияҳои соҳавии ҳифзи табиат оид ба муборизаи алайҳи ифлосшавии ҳаво ва камҳосилии замин мусоидат намуда, дар кӯшишҳои хукумат оид ба такмил додани стратегияи миллии ҳифзи табиат ширкат варзид.

Маърифати экологӣ. Марказ ба паст кардани таъсири манфии антропогенӣ ба вазъияти муҳити зисти Тоҷикистон, муваффақ

шуд, тавассути телевизиони миллӣ, радио ва дигар ВАО, ки барои 51% аҳолии кишвар дар назар дошта шудааст, маъракаи иттилоотӣ-тарғиботӣ гузаронид.

Ҳаракати умумимиллии «Посбони сабз». Бо дастгирии Марказ 16 ҳазор сокинони ҷавони кишвар ба «Посбони сабз» дохил гардида, миёни талабагони мактаб ва донишгоҳҳо дар мавзӯъҳои экологӣ маъракаи иттилоотӣ-тарғиботӣ гузаронид. Инчунин бо дастгирии Марказ «посбонҳо» чорабиниҳои дигар низ, аз қабили шинондани 70 ҳазор дарахт ба мақсади пешгирӣ кардани бодлесшавии замин доир намуданд.

Фаъолият дар соҳаи андозагирии инсонӣ

Ҳуқуқи инсон ва демократикунонӣ. Марказ чун ташкилкунандаи чанд вохӯрӣ дар атрофи «мизи мудаввар» баромад кард, ки ба ҳуқуқи инсон ва демократикунонӣ бахшида шуда буданд. Ҷаласаи тайёрӣ оид ба баррасии иҷроиш бахшида ба андозагирии инсонӣ ва машварат оид ба лоиҳаи қонун дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Дар ду моҳ як маротиба Марказ ҷаласаи гурӯҳи кориро оид ба ислоҳоти муассисаҳои ислоҳӣ қабул намуда, кӯшиш мекард, то бо Ҳукумат оид ба масъалаи дастрасӣ доштан дар ҳабсхонаҳо баҳсро ба роҳ монад. Дар асоси ҳамкорӣ бо шарики асосии худ – Дафтар оид ба ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун – Марказ ба татбиқи лоиҳаҳо дар бораи масъалаи ҳуқуқи молиявӣ машғул буд ва барои донишҷӯёни донишгоҳҳо оид ба ҳуқуқи инсон чорабиниҳои таълимии махсус гузаронид.

Мусоидат намудан ба демократикунонии ВАО. Дар ду конфронси байналмилалӣ Марказ ба тарафдории ҷорӣ гардидани тартиботи шаффоф ва сабуки иҷозатномаи васоити ахбори оммаи (ВАО) электронӣ ва худидоракунӣ баромад кард. Бо ташаббуси он якчанд таҳқиқоти таҳлилӣ бо мақсади боз ҳам амиқтар кор карда баромадани масъала оид ба зиёд будани шунавандагон, манфиатнокӣ ва сифати маводи чопии ВАО дар кишвар, гузаронида шуданд. Ба ғайр аз ин Марказ ба ВАО-и чопии мустақил кӯмаки техникӣ расонд. Ба ду рӯзномаи мустақил, ки дар ҷануби Тоҷикистон ба табъ мерасад ва як маҷаллаи узбекӣ бо замимаи қисми кӯдакона муяссар гардид, ки сифати чопро баланд кард ва дар натиҷаи татбиқи чораҳои аз ҷониби Марказ тавсияшуда оид ба таъмини бештари устуворӣ ва даромаднокии шумораи онҳо беш аз дувуним маротиба зина ба зина баланд гардид.

Масъалаҳои гендерӣ ва мушкилоти тиҷорати одамон. Марказ бо ташаббуси ҳамкорӣ бо палатаи поёнии парлумон дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳое, ки ҷанбаҳои гендериро низ дар бар мегиранд, дар мукаммалгардонии механизмҳои татбиқи қонунҳо дар бораи баробарҳуқуқии марду зан дар ҳаёт баромад кард.

Бо мусоидати Марказ, Институти такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва Институти такмили ихтисоси муаллимони мактабҳои миёна барои дохил кардани проблематикаи гендерӣ дар самти асосии хизматчиёни давлатӣ ва муаллимон кор карданд.

Бо дастгирии Марказ даҳ маркази занонаи захиравӣ ба қурбониёни таҷовуз кӯмаки бепули психологӣ ва юридикӣ намуд. Диққати асосӣ ба васеъшавии имконияту ҳуқуқҳои занон, баланд бардоштани сатҳи босаводӣ дар байни духтарон, тайёр кардани ҳуқуқшиносон ва психологҳо, таҳким бахшидан ба иштаи марказҳои бухроншиносӣ ва ҳамкорӣ бо марказҳои давлатии бӯҳроншиносӣ, равона карда шуд.

Мубориза алайҳи харидуфурӯши одамон. Марказ дар кори роҷеъ ба маълумотдиҳии ҷавонон дар бораи таҳдидҳо ва оқибатҳои харидуфурӯши одамон, инчунин усулҳои фиребкунӣ, ки аз ҷониби ин фурӯшандагон истифода бурда мешаванд, ширкат кард. Марказ барои иштирок кардани мансабдорони давлатӣ ва фаъолони созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар як конфронси байналмилалӣ ва як конфронси байниминтақавӣ, ки ба ҳимояи қурбониён, инчунин нақши маърӯзачии миллӣ дар бобати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва таҳкими иқтидор бахшида шудаанд, мусоидат намуд.

Фаъолияти САҲА

OSCE
Вечерний Душанбе

Лонаи
парандахо
OSCE

OSCE

Воспитание толерантности среди детей
разной национальности.

OSC

OSCE

OSCE

OSCE

MCINTYRE 4000
14

ЗРАБОТКА ПРОГРАММЫ ОБСЕ ПО ЛСО И ОБЫЧНЫМ БОЕПРИПАСАМ В РЕСП
ONAL AMMUNITION DISPOSAL, NATIONAL CAPACITY BU
УНИЧТОЖЕ ЧНЫХ БОЕПРИПАСОВ, УКРЕПЛЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНО
BACKGROUND
КРАТКАЯ СПРАВ
PROJECT AIM
ЦЕЛЬ ПРОЕКТА
DONOR COUNTRIES
СТРАНЫ-ДОНОРЫ

OSCE

Тоҷикистон-САҲА: муколама ва ҳамкорӣ

Зери таҳрири умумии
Ҳамрохон Зарифӣ

Тартибдиҳандагон: Д. Назриев, М. Ҳусейнов

Муҳаррир: Д. Назриев

Тарҷумонҳо: Қ. Бекмуҳамадов, М. Бурибоев, М. Муҳаммадиев, М. Нурова, Б. Раҳматуллоев, Сарвар Бахтӣ

Тарроҳ ва саҳифабанд: А. Аҳмедова

Масъули нашр: С. Рашидов

Аксҳо: Раёсати иттилооти ВКХ ҶТ, М.Муҳиддинҷонов, О.Довудов

ИБ № 3821

Ба матбаа 01.02.2009 супорида шуд
Ба чоп 12.11.2009 имзо шуд
Нашр 500 нусха

Муассисаи нашриявии «Ирфон»
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев,17